Лоиҳаҳои Эразмус Мундус CASIA I, CASIA II, CASIA III, ки фаъолияти худро аз соли 2010 шурӯъ намудаанд, якчанд донишгоҳҳои Тоҷикистон аъзои он мебошанд. Масалан, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон, Донишгоҳи политехникии Хуҷанд, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ва ғайра бо маблағгузории ин лоиҳаҳо донишҷӯён ва мутахассисони худро ба донишгоҳҳои Аврупо мефиристонанд. Шумораи донишҷӯён ва мутахассисоне, ки бо маблағгузории лоиҳаи CASIA, аз ДАТ, ДПХ, ДТТба омӯзиш фаро гирифта шудаанд, ба 44 нафар мерасад [3, с 67]. Бояд қайд намуд, ки шаҳрвандоне, ки тариқи Лоиҳаи CASIA аз Тоҷикистон ба донишгоҳҳои Аврупо фиристонида мешаванд, аз ҷониби ин лоиҳа барои онҳо маблағҳои махсус ҷудо карда мешаванд, масалан барои Мирзоева Наргис 23400 евро дар тӯлии ду соли таҳсил дар Донишгоҳи Вагенингени Нидерландия, барои Моҳру Назруллоева бошад 17400 евро, Ардашер Шарипов 15250 евро ҷудо карда шуд. Донишгоҳҳои зикршуда имруз бо Барномаҳои Иттиҳоди Аврупо ҳамкории хеле зич доранд ва ҳамасола донишҷӯёни зиёдеро тариқи лоиҳаҳои ин барнома ба донишгоҳҳои Аврупо барои такмили донишашон мефиристонанд, ки ин ҳама самараи истиқлолияти давлати азизамон мебошад [12, с 53].

Таъмин кардани толибилмон ва устодони онҳо бо китобҳои дарсию дастурҳои таълимию-методӣ яке аз проблемаҳои хело ҳам муҳимми соҳаи маориф ба шумор меравад. Бобати чопи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимию методӣ аз кӯмаку ёрӣ ва маблағгузориҳои ташкилотҳо ва бонкҳою хазинаҳои байналхалқӣ пурсамар истифода мебаранд [10, с 87]. Дар даврони истиқлолият ба чопи китобҳои дарсӣ эътибори ҷиддӣ дода шуда, аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикитон зиёда аз 200 номгӯйи китобҳои дарсиро 18246279 нусха ба маблағи умуми 72186221 сомонӣ ба нашр расонид. Аз ҷумла, бо маблағҳои буҷет 6296929 нусха, бо маблағҳои Бонки Ҷаҳонӣ 7831317 нусха, бо маблағҳои Бонки Осиёии Рушд 2570000 нусха, бо маблағҳои Хазинаи рушди байналмилалии ОПЕК 1498029 нусха ва бо маблағҳои Бонки Исломӣ 50000 нусха китобҳои дарсӣ ба чоп расонида шуданд [5, с.5].Нашри мунтазами китобҳои дарсӣ асосан аз соли 2001 бо маблағҳои ҷудонамудаи Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки Осиёии Рушд, Хазинаи рушди байналмилалии ОПЕК, Бонки Исломӣ ва гардиши маблағҳои иҷоравӣ ба роҳ монда шуд. Аз ҷумла, дар навбати аввал аз ҳисоби 282 тонна қоғаз чун кумаки башардӯстона ҷудокардаи ЮНИСЕФ, 8 номгӯйи китобҳои дарсӣ барои синфҳои ибтидоӣ чоп карда шуданд [11,с 164]. Маркази идори лоиҳаи қарзии Бонки Ҷаҳонӣ дар назди Вазорати маориф бо роҳи озмуни (тендерӣ) корхонаҳои полиграфӣ чопи 18 номгӯйи китобҳои дарсиро ба уҳда гирифта, то соли 2001 18 номгӯйи китобҳоро бо теъдоди 1300 нусха нашр кард. Хазинаи ОПЕК барои нашри китобҳои дарсӣ ба миқдори 2 миллион доллари амрикоӣ маблағ ҷудо намуд. Як миқдор китобҳои дарсӣ бо кумаки Хазинаи Оғохон ва созмону ташкилотҳои сарпараст рӯйи чоп омаданд. Саҳми Бонки Исломии Рушд ва Бонки Осиёии Рушд дар чоп намудани китобҳои дарсӣ дар ҷумҳурӣ хеле назаррас мебошад. Масалан, 18 номгӯйи китобҳои дарсии то охири соли 2000-ум чопшуда, 8 китоби дарсӣ аз тариқи озмун ба воситаи Бонки Осиёии Рушд рӯйи чоп омад, инчунин 20 китоби дигар омодаи чоп шуд. Дар давраи соҳибистиқлолӣ Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2010 зиёда аз 200 номгӯйи китобҳои дарсиро бо теъдоди 17980749 нусха ба маблағи умумии 70907397 сомонӣ ба табъ расонид, ки аз ин 40% ҳиссаи маблағҳои иҷоравӣ ва буҷетӣ, 39% маблағҳои Бонки Ҷаҳонӣ, 14% Бонки Осиёии Рушд ва 7% ҳиссаи маблағҳои Хазинаи рушди байналмилалии ОПЕК мебошад [11, с 213]. Барои мактабҳои умумии таълимашон бо забони қирғизӣ дар соли 2006 бо маблағҳои ҷудогардидаи Бонки Ҷаҳонӣ аз Ҷумҳурии Қирғизистон 18 номгӯйи китобҳои дарсӣ бо теъдоди 23600 нусха харидорӣ карда шуд.Аз ҷониби Комитети байналхалқии Салиби Сурх дар ибтидои соли таҳсили 1999- 2000 дар вилояти Хатлон барои хонандагони синфи 8-уми мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ба миқдори 30 ҳазор дона китоби дарсӣ нашр шуда, пешкаши хонандагони минтақа гардид [1, с 564].

Бояд қайд намуд, ки ҳамкории Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо дар соҳаи адабиёт ва нашри китобҳои дарсию илмӣ мақоми махсус дорад. Дар даврони истиқлолият, дар чорчӯбаи ҳамкориҳои Академияи илмҳои Тоҷикистон бо маркази илмии ИА, як қатор асарҳои илмии олимони тоҷик дар Германия, Англя, Фаронса, Белгия, Италия рӯйи чоп омаданд. Масалан, соли 2009 китоби Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон «Тоҷикон дар оинаи таърих» дар Лондон рӯйи чоп омад. Боз китоби дарсии Ю. Нуралиев ва С. Нодирова «Табобат бо усули Ибни Сино» ду маротиба дар Белгия рӯйи чоп омад. Ин аз ҳамкории илмию фарҳангии Иттиҳоди Аврупо ва Тоҷикистон дарак медиҳад [9, с 7].

Соли 2004 бошад, Барномаи ИА Темпус барои дастгирӣ ва таъмини донишгоҳҳои Тоҷикистон бо технологияҳои ҳозиразамон фаъолияти худро шурӯъ намуд. Имрӯз 150 муассисаи таҳсилоти олии Осиёи Марказӣ аъзои барномаи Темпус мебошанд, ки ин ташкилоти бонуфуз ҳамаи ин муассисаҳои давлатиро бо техника ва технологияҳои замонавӣ таъмин менамояд. Дар солњои 1994-2012 Барномаи Темпус барои давлатҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон 10%, Қирғизистон 16%, Қазоқистон 26,1%, Туркманистон 12,1% ва Ӯзбекистон 29,1% маблағ ҷудо намуд.

Ин барнома аз якчанд лоиҳа барои тайёр кардани кадрҳои баландихтисос дар соҳаи маориф иборат аст. Масалан, Темпус II, Темпус III, Темпус IV мебошад, ки аз ҷониби ин лоиҳаҳо Тоҷикистон низ дастгирӣ ёфта, дар баробари дигар давлатҳои Осиёи Марказӣ дар ин барнома иштирок кардааст [2, с 283].

**Ҷадвали 2. Шумораи лоиҳаҳои Темпус, ки дар он як ё якчанд донишгоҳҳои Осиёи Марказӣ иштирок кардаанд**

| Давлатҳо | Темпус II | Темпус III | Темпус IV | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|
| Қазоқистон | 7 | 22 | 42 | 71 |
| Қирғизистон | 3 | 24 | 28 | 55 |
| Тоҷикистон | - | 16 | 26 | 42 |
| Туркманистон | 1 | 22 | 12 | 35 |
| Ӯзбекистон | 11 | 40 | 30 | 81 |
| Ҳамагӣ | 22 | 124 | 138 | 284 |

Лоиҳаи Темпус барномаҳои таълимӣ, маводҳои нави таълимӣ ва инчунин технологияҳои муосирро барои самаранокии омӯзиши онҳо истифода мебарад. Бояд иттилоъ дод, ки дар марҳилаи чорум Барнома Темпус барои соли 2008-2013 барои татбиқи барномаҳои худ дар Тоҷикистон 7,5 миллион евро ҷудо кард. Имрӯз 98 лоиҳаи Темпус дар Тоҷикистон асосан ба ислоҳоти барномаи таълимӣ, махсусан дар соҳаи технологияи муосир равона шудааст. Инро ҳукумат ба инобат гирифта, донишҷӯёни зиёдеро бо дастгирии худ ва ташкилотҳои байналмилалӣ, махсусан тариқи барномаҳои ИА барои таҳсил ба хориҷи кишвар равона мекунад [7,с 43].

Аз ҳисоби Вазорати маориф ва ЮНИСЕФ муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо 185 компютер, 20 адад принтер таъмин гардиданд. Бо Шӯрои тадқиқот ва табодули байналмилалии Амрико «АЙРЕКС», Созмони байналмилаии РИЛИФ интернейшнл, Шӯрои амрикоӣ оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф ва омӯзиши забонҳо (АКСЕЛ) ва Хазинаи Сорос доир ба компютеркунонии макотиби таҳсилоти ҳамагонии ҷумҳурӣ ва ба шабакаи интернет пайваст кардани онҳо мувофиқа ба даст омад. Сафорати Ҳиндустон низ дар шаҳри Душанбе барои таъсис додани маркази омӯзиши компютерӣ 30 компютери ҳозиразамон ҷудо намуданд. Дар соли 2003 тариқи давраи дувуми барномаи Бонки Ҷаҳонӣ оид ба ислоҳоти соҳаи маориф ба Вазорати маориф, ба шуъбаҳои маориф, макотиби шаҳри Душанбе ва Кӯлоб, ноҳияҳои Фархор, Ҷомӣ, Рӯдакӣ, Ҷиликӯл ёрии техникӣ расонида шуд [7, с 134]. Дар донишгоҳи давлатии забонҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2002 шӯъбаи забони ҷопонӣ кушода шуд, ки ин шуъба бо таҷҳизот, китобҳои дарсӣ, луғатҳо ва аудиокасетаҳои таълимӣ таъмин карда шудааст. Маблағи умумии грант 36 158 доллари амрикоиро ташкил медод. Аз замони кушодашавии сафорати Ҷопон дар шаҳри

Душанбе моҳи январи соли 2002 Ҳукумати Ҷопон дар шаҳри Душанбе лоиҳаҳоро ба маблағи умуми 5 592 871 доллар дастгири кардааст. Ҳамин тариқ, ба муассисаҳои тиббии Тоҷикистон мувофиқи барномаи «Надеждаи»-и Амрико ба маблағи 4 миллион доллари амрикоӣ кумаки башардӯстона расонида шуд. Дар баробари ин, муассисаи мазкур ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешравии соҳаи маориф ба маблағи 57 миллион доллари амрикоӣ кумак расони [8, с. 4].

Нишондиҳандаҳое, ки мо дар боло қайд намудем, аз он шаҳодат медиҳанд, ки ташкилотҳои байналмилалӣ на танҳо дар сохтмони мактабҳ саҳм гузоштанд, балки барои чопи китобҳои дарсӣ ва таъмини донишгоҳҳо бо технологияҳои муосир ҳиссаи худро гузоштанд. Албатта, мо ба он умед мебандем, ки дар оянда муносибати кишвари мо бо ташкилотҳои байналмилалӣ боз ҳам ҷоноктар мешавад ва аз самараи ин ҳамкориҳо наслҳои оянда метавонанд бо самар истифода намоянд. Барои ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ Тоҷикистон як фазои сулҳу суботро фароҳам оварда, кафолати амнияти онҳоро таъмин менамояд. Аз ҳамин сабаб шумораи ташкилотҳои кумакрасон сол то сол дар ҷумҳурӣ зиёд шуда истодааст.

## АДАБИЁТ


1. Қаҳҳорӣ Р. Осори мунтахаб. Монография. -Душанбе: Дақиқ, 2014. - Ҷилди 1. -С.564 с.
2. Лутфуллоев М. Истиқлолияти Тоҷикистон ва маорифи навин. Монография / М. Лутфуллоев. -Душанбе: Сабо, 2006. – 324 с.
3. Солиев Р. Таджикистан-Европейский Союз: взаимовыгодное партнёрство. Монография / Р. Солиев. – Душанбе: Эр-граф, 2016.–307 с.
4. Раҳмонов Э. Рушди маориф соҳаи таҳкими аркони давлат. Монография / Э. Раҳмонов. –Душанбе, 2009. – 334 с.
5. Шарифзода А. Маорифпарвар. Монография / А. Шарифзода, С. Фаттоев [ва диг.].- Душанбе, 2012.- 336 с
6. Раҷабов С. Маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон /С. Раҷабов, З. Алифбеков.- Душанбе: Субҳи дониш, 2004. - 560 с.
7. Холназаров С. Таърихи инкишофи маорифи вилояти Хатлон. Китоби дарсӣ / С. Холназаров. - Душанбе: Маориф, 2004.- 121 с.
8. Ҳайдаров А. Ҳамкории судманд /А. Ҳайдаров //Омӯзгор. – 2001.–12 феврал. – №145.
9. Наҷибуллоев А. Рушди маориф аз самараи Истиқлолият аст / А.Наҷибуллоев // Омӯзгор.-2010.- 10 декабр.- №67.
10. Абдураҳмон Х. Таҳсили ҷавонон омили муҳими рушди Тоҷикистон / Х. Абдураҳмон, Ҳ. Бахтиёр // Минбари халқ.-2014,13 март.-№11.
11. Собирова К.Д. Вклад международных организаций в решение политических, социально- экономических и культурны проблем Горно-Бадахшанской Автономной области Республики Таджикистан в годы независимости (1991-2011гг): дис. док. ист. наук /К.Д.Собирова. - Душанбе, 2015. –С. 330.
12. Халимова М. Научные и культурные связи Таджикистана со странам Европейского союза в годы независимости (1991- 2014гг): дис. канд. ист. наук / М. Халимова. –Душанбе, 2017. -152 с.
13. Назриев К. Масъалаҳои актуалии иҷтимоӣ дар шароити муосир: илм ва идеология, бюрократия ва монополия дар илм /К. Назриев // Маводи Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи «Таҳсилот ва илм дар асри XXI: тамоюлоти муосир ва дурнамои рушд» бахшида ба «70-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». -Душанбе, 2018.- 461 с.


## КУМАКИ СОЗМОНҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР ОМОДА НАМУДАНИ КАДРҲОИ БАЛАНДИХТИСОС ВА ЧОПИ КИТОБҲО БАРОИ СОҲАИ МАОРИФ


Дар мақолаи мазкур саҳми ташкилотҳои байналхалқиро дар омода намудани қадрҳои баландихтисос ва чопи китобҳо барои соҳаи маориф мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додем. Бо ташаббуси бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри рушди соҳаи маориф дар минтақаҳои мухталифи кишвар шуъбаҳои махсуси сармоявии ташкилотҳои байналхалқӣ ташкил карда шуданд. Таҳлили раванди сармоягузории ташкилотҳои ҷаҳонӣ дар вилояти Хатлон нишон дод, ки сол то сол диққати ин субъектҳои сармоягузор зиёд шуда истодааст. Махсусан дар омода кардани кадрҳои баландихтисос ва чопи маводҳои таълимӣ саҳми ин ташкилотҳо бениҳоят назаррас буда, пешрафти ин соҳа ва сохтмону кушодашавии мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят далели гуфтаҳои боло мебошад. Нақши калидии соҳаи маорифро ба назар гирифта, дар айни замон аксарият сармояҳои хориҷӣ дар баробари рушди иқтисод ба ин соҳаи заминавӣ нигаронида шудааст, ки дар он мавқеи Ҳукумати ҷумҳурӣ бағоят калон аст. Аз ошноӣ бо фаъолияти созмонҳои байналмилалии муқими Тоҷикистон ва берун аз он бармеояд, ки онҳо дар ҳамкорӣ бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ дар омода намудани кадрҳо ва чопи маводҳои таълимӣ барои макотиби Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми бориз гузоштаанд.

**Калидвожаҳо:** қарордод, сафоратхона, Темпус, Айрекс, Рилиф, Аксел, Юнисеф, Опек, Тендер, Casia, кадр, мавод.

**ПОМОЩЬ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОРГАНИЗАЦИЙ В ПОДГОТОВКЕ ВЫСОКОКВАЛИФИЦИРОВАННЫХ КАДРОВ И В ОПУБЛИКОВАНИИ КНИГ В СФЕРЕ ОБРАЗОВАНИЯ**

Автор в данной статье рассматривает характерные особенности развития образования и роль международных региональных организаций в этой сфере. С образованием суверенного государства Таджикистан и восстановления отношений на мировом уровне изменились взгляды представителей мировых и государственных организаций. По инициативе Основателя мира и дружбы, Лидера нации, Президента Республики Эмомали Рахмона были образованы специальные отделы инвестиционных международных организаций. Анализ мировых инвестиций в Хатлонскую область показал, что год за годом растёт внимание субъектов - инвесторов. Особенно в подготовке высококвалифицированных кадров и в опубликовании книг в сфере образования в городах и районах республики отмечается показатель выше указанного. Взяв во внимания ключевую роль сферы образования, в настоящее время многие иностранные инвесторы, наравне с развитием экономики, обращают внимание и на эту фундаментальную отрасль, в обеспечении кадрами в опубликовании книг в сфере образования Республики Таджикистан.

**Ключевые слова:** решение, Темпус, Айрекс, Рилиф, Аксел, Юнисеф, Опек, Тендер, Casia, кадр.

**IBTENATSENAL ORGANIZATION OF ASSISTANCE TO INTRODUCE HIGHLY DUALITIED SPECIALIATS AND PUBLISHING BOOKS IN EOLCTATION**

In this article we consider the haracteristic feature of the development of eoludation and the of internftional regional organizations in thes area. With the data of the govereign state of Tajikistan and the ieestablish of relations at the world the view hjint of the representatives of the world and state organizations wos changed. On the initatve of the eguipen of peaee and friendship the leader of nation the pegedent u the Repubilic Emomali Rahmon Speciajized areas of investment nternational organizations wore formed. An analusis of the procsee. U the geobal investment organic zations in the kation region shwed that uear ofter uear the attention u investors grows. Especiahu constriction and the indicative of the above. Tekij the keu role of the ephere of education. At the present time, manu forejn investmehts along winh the development of the economu will also pau atmenion to this furdemental fild. With the data of the govereign state of Tajikistan and the ieestablish of relations at the world the view hjint of the representatives of the world and state organizations wos changed. On the initatve of the eguipen of peaee and friendship the leader of nation the pegedent u the Repubilic Emomali Rahmon Speciajized areas of investment nternational organizations wore formed.

**Key words:** tepus , Ayrecs, Rilif, Unesef, Opek, tender SOROS, Casia assistance. publishing

**Сведения об авторе:** ***Шарифзода Рамазони Алимурод*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры истории таджикского народа. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **908811158.** E-mail:**ramazonsharizoda@mail.ru**

**Information about the author:** ***Sharifzoda Ramazoni Alimurodb.***– Tajikski national University, the competitor of the department of history tajik. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17.Tel.: **908811158**. E-mail:**ramazonsharizoda@mail.ru**

**УДК: 930 (575.3)**

# КОНСЕПСИЯИ «ҚУВВАИ НАРМ» ҲАМЧУН ОМИЛИ СИЁСАТИ ФАРОМАРЗИИ МУОСИР

***Аҳмадов С.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар давраи муосири муносибатҳои байналмилалӣ бо дарназардошти дигаргуниҳои таърихӣ, таҳлили равандҳои сиёсӣ ва фаъолияти сиёсатмадорони нав, бахусус усулҳои густариши нуфузи онҳо дар арсаи ҷаҳонӣ беш аз пеш аҳамият пайдо мекунад. Аз ин лиҳоз, роҳандозии дурусти сиёсати хориҷӣ бо назардошти «қувваи нарм» дар саҳнаи байналмилалӣ нақши муҳим мебозад. Асли ибораи «қувваи нарм» аз истилоҳи англисии «*soft power*» берун шуда, бар хилофи «қувваи қавӣ», ки муносибатҳои маҷбурӣ ва зӯроваронаро ифода менамояд, воситаи пазируфтани қобилияти ноил гаштан ба натиҷаҳои дилхоҳ дар заминаи иштироки ихтиёрӣ, лутф кардан, ҳусни таваҷҷуҳ ва ҷозибанокӣ маҳсуб меёбад.

Новобаста аз он, ки истилоҳи «қувваи нарм» -ро Ҷозеф Най профессори донишгоҳи Гарварди ИМА бори нахуст дар ибтидои солҳои 90–ум асри XX мавриди истифода қарор додааст, худи консепсияи «қувваи нарм» аз рисолаҳои илмии чунин муаллифон, ба монанди Г. Моргентау, К. Кнорр, Р. Клайн, ва А. Грамши сарчашма мегирад. Масалан, Г. Моргентау нуҳ неруи асосии миллиро муайян намуд, ки дар байни онҳо худогоҳии миллӣ, хислати миллӣ, сифати ҳукумат ва сифати дипломатия ба ҳайси сарчашмаҳои

ғайримоддии ҳукуматдорӣ эътироф гардидаанд. Ба ибораи дигар, онҳо ба «қувваи нарм» алоқамананд [3, с.15].

Тасаввурот дар бораи «қувваи нарм» - ро аз ҷумла дар фалсафаи Чини қадим дар таълимоти даосизм низ пайдо кардан мумкин аст. Вақте ки сухан дар хусуси «қувваи нарм» меравад, муаллифони чиноӣ, қабл аз ҳама, таълимоти Лао Тсзиро ба хотир меоранд, ки чунин садо медиҳад: «Дар Фалак ашёи аз ҳама сабук, аз ашёи аз ҳама вазнин боло меистад» [5, С.80]. Олимони чиноӣ ёдовар мешаванд, ки дар давраҳои қадим гузаштагони онҳо барои ҳалли мушкилоти ҷамъиятӣ ва давлатӣ ба истифодаи воситаҳои «қувваи нарм» дар рафти низоъҳои мусаллаҳона ҳавасманд буданд. Дар китоби «Санъати пешбурди ҷанг» [2, с. 149-155] асосгузори мактаби санъати ҳарбӣ Сун-тсзи қувваи нармро нисбат ба неруи зӯрӣ пурқувваттар ва самарабахштар арзёбӣ менамояд. Хитойиҳо барои тасдиқи ин ақида чунин суханони Сун-тсзиро мисол меоранд: «Воситаи аз ҳама беҳтарини бе ҷанг ғалаба кардан ба лашкари бегона «қувваи нарм» ба шумор меравад» [2, с. 167].

Мишел Фуко, Пер Бурд ва дигар мутафаккирон баҳои ба ҳамин монандро нисбат ба «қувваи нарм» додаанд, аммо Ҷ. Най аввалин шахсе буд, ки ин мафҳумро қатъиян ташаккул ва моҳияти онро кушода, маҷмӯи қоидаҳои консепсияи «қувваи нарм» -ро дар сиёсат ҷорӣ намуд.

Муаллифи консепсияи мазкур маънои ин қувваро ҳамчун воситаи имконпазири ноил гаштан ба дигар натиҷаҳои дилхоҳ тафсир намудааст. Дар амал татбиқ намудани чунин имконият аз захираҳои мавҷуда барои ҷорӣ намудани ҳокимияти дарихтиёрдошта ва амалан истифода карда тавонистани ин ҳокимият вобаста мебошад. Иқтидори ҳарбӣ ва иқтисодии давлат, ба ақидаи Ҷ. Най, «қувваи дурушт»-ро ташкил медиҳанд [4, с.37].

Консепсияи «қувваи нарм» воситаи таъсиррасонӣ ба рафтори одамонро дар дигар кишварҳо тавассути «захираҳои ғайримоддии ҳукуматӣ» дар назар дорад, ки он аз воситаҳои «қувваи дурушт » (қувваи ҳарбӣ, пулу сарват) фарқ мекунад. Ба ақидаи Ҷ. Най, «қувваи нарм»-и кишварҳо аз се омил иборатанд:

1) «қувваи нарм» - и фарҳангӣ, (cultural soft power) эътирофи байналмилалии мероси фарҳангии давлат; тавсеаи муошırати байнидавлатӣ; паҳн кардани забони миллӣ; ҷалби сайёҳон;

2) «қувваи нарм» - и арзишҳои сиёсӣ (political values soft power), як низоме мебошад, ки манфиатҳои давлатро инъикос мекунад ва ба онҳо ғамхорӣ ё тағйирот дар муносибатҳои сиёсӣ зоҳир менамояд;

3) «қувваи нарм» - и сиёсати хориҷӣ (foreign policy soft power) рушди сиёсӣ, муассисаҳои демократӣ; ҳимояи ҳуқуқи инсонро дар бар мегирад [4, с. 37-38];

Ин қувва, ба ақидаи Ҷ. Най, сарварони ҷамъиятӣ ва сиёсии кишварҳои дигарро водор менамояд, ки ба сиёсати давлатии истифодабарандаи «қувваи нарм» бо дарку эҳтироми бузург муносибат намуда, бо ин васила, барои ноил гаштан ба натиҷаҳои мусбӣ бе истифодаи захираҳои иқтисодӣ ё ҳарбӣ роҳ кушоянд. Бо такя ба гуфтаҳои Ҷ. Най, ҳаминро бояд қайд намуд, ки агар дар кишвар як низоми фарҳангӣ ва идеологии хуб вуҷуд дошта бошад, пас дигар кишварҳо кӯшиш мекунанд, ки ба он пайравӣ намоянд.

Бинобар ин Ҷозеф Най иқтидори давлатиро ба ду қисм ҷудо намудааст: «қувваи нарм» ва «қувваи дурушт». Ӯ ҳамчунин зикр менамояд, ки дар ҷаҳони муосир аҳаммияти «қувваи нарм» дар сиёсати хориҷии ҳар як давлат меафзояд [3, с. 165-179]. Бешубҳа, барои таъмини амнияти милливу давлатӣ истифода бурдан аз «қувваи дурушт» воситаи муҳим ба шумор меравад, бо вуҷуди ин, онро эътироф кардан зарур аст, ки танҳо тавассути воситаҳои қавии таъсиррасонӣ ба афзалиятнокии пурраи сиёсии фаромарзӣ муваффақ гаштан мумкин нест. Дар муқоиса бо чунин таъсиррасонӣ «қувваи нарм» имкониятҳои ба даст овардани натиҷаҳоеро фароҳам месозад, ки онҳоро тӯли муддатҳои тӯлонӣ маҳфуз дошта, аз фишори доимии кишварҳои хориҷӣ эмин доштан мумкин аст [1, с.67].

Дар байни воситаҳои маҳдудгардонии имкониятҳо оид ба истифодаи қувваи ҳарбии давлатҳои абарқудрат, Ҷ. Най вобастагии байниҳамдигарии иқтисодиёти миллӣ, ҳамчунин хароҷоти зиёди марбут ба истифодаи ин ё он намуди силоҳи муосир, аз ҷумла

силоҳи ҳастаиро мисол меоварад. Муаллиф зикр менамояд, ки айни замон лутфи кишварҳо хеле аҳаммиятнок аст [10, с.91]. Бо вуҷуди ин, Ҷ. Най дар он хусус изҳори ақида менамояд, ки қувваҳои «нарм» ва «дурушт» бо ҳамдигар алоқаманд ва зич пайвастаанд. Пайвастшавии ин ду неру, ки таносуби онҳо дар стратегияи сиёсати хориҷии давлатҳо вобаста аз шароитҳо ва объектҳои таъсиррасонӣ метавонад тағйир ёбад, «неруи ақлонӣ» унвон гирифтааст. Мустақилияти «қувваи нарм» аз ҳукумат ва давлат дар тавсифи муҳиммияти он равшан ифода меёбад. «Қувваи дурушт» бошад, албатта, ба сиёсати давлатӣ хеле бештар пойбанд аст. Бо ҳамин сабаб истифодаи «қувваи дурушт» нисбати истифодаи қувваи нарм барои ҳукумат дар сиёсати хориҷӣ осонтар аст. Аз ин хотир роҳбарияти кишвар танҳо метавонанд амалиёти «қувваи нарм»-ро коҳиш ё тавсеа диҳанд.

Афзалиятнокии «қувваи нарм» дар фасоҳат ва ноустувории он ифода меёбад, он ҳамчун шакли ҳокимият мутаҳаррик буда, ба шароити тағйирёбанда ба осонӣ мутобиқ мегардад. Чуноне ки муаллифи чиноӣ Лю Тзай зикр менамояд, «дар оянда «қувваи нарм»-и диданашаванда ва эҳсоснашаванда ба ҳар ҷо ва дар ҳама ҷо роҳ меёбад ва қобилияти васеъшавӣ дорад» [5, - 74-79]. «Қувваи нарм», аз рӯйи фаҳмиши Ҷ. Най, қобилияти ноил гаштан ба мақсадҳои зарурӣ тавассути на фишор овардан, балки ҷалб кардан ба шумор меравад. Ин неру бештар ба ҷолибияти фарҳангии давлат асос меёбад.

Мавриди зикр аст, ки таваҷҷуҳи муаллифи консепсияи мазкур Ҷ. Най, қабл аз ҳама, ба омӯзиши «қувваи нарм» - и ИМА равона гардидааст. Мавсуф дар рисолаи илмии худ ҳар яке аз манбаҳои дар боло номбурдаи ин қувваро, ки дар Амрико истифода бурда мешаванд, муфассал мавриди таҳқиқ қарор додаст [7, с.91]. Бо вуҷуди ин, вай ҳамчунин он заминаҳои «қувваи нарм»-ро ки дигар бозигарони сиёсӣ моликанд ва ё молик хоҳанд шуд, дар арсаи ҷаҳонӣ баҳогузорӣ менамояд. Якчанд саҳифаи рисолаи Ҷ. Най ба «қувваи нарм» -и Осиё низ бахшида шудааст. Ба ақидаи Най, ҳангоми нашр шудани китоби ӯ (соли 2004) ба захираи номбурдаи Осиё ӯ ҳамчун ба неруи нокифоя, аммо дар оянда дорои қобилияту нақши бузург баҳо медиҳад [7, с.191]. Дар тасдиқи гуфтаҳои Най ҳоло бисёр муҳаққиқон афзоиши «қувваи нарм»-ро дар Осиё, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Мардумии Чин зикр менамоянд.

**«Қувваи нарм»-ро давлатҳо чӣ гуна истифода мебаранд?** Давлатҳои муосир усулҳои гуногуни «қувваи нарм»-ро дар муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати дохилиашон истифода мебаранд. Қисми зиёди ин воситаҳо дар доираи дипломатияи оммавии онҳо бо дигар кишварҳо ва дигар иштирокчиёни муносибатҳои байналмилалӣ чарх мезананд. Дар ин раванд иттилоот ё ғояҳое, ки субъекти давлатӣ ё ғайридавлатӣ пешниҳод кардан мехоҳад, кофӣ нест, аммо дипломатияи самарабахш ва афзоиши муваффақонаи «қувваи нарм», «дар худ ташкили муносибатҳои дарозмуҳлатро фаро мегирад, ки онҳо барои пешбурди корҳо шароитҳои мусоид фароҳам меоранд».

Ин корро бо якчанд воситаҳо ҳал кардан мумкин аст. Масалан, ҳукуматҳо ҳамарӯза дар бораи қарорҳое иттилоъ медиҳанд, ки онҳо қабул кардаанд, ё қабул карданашонро ба нақша гирифтаанд. Ҳарчанд ба воситаҳои ватании иттилооти оммавӣ диққати зиёд дода мешавад, «қувваи нарм»-ро тариқи равона кардани таваҷҷуҳи асосӣ ба воситаҳои ахбори оммаи байналмилалӣ низ ташкил кардан мумкин аст [8, с.11]. Дар баробари робитаҳои ҳамарӯза алоқаҳои стратегӣ низ ба вуқӯъ мепайванданд, ки онҳо метавонанд истифодаи рамзҳо, ҳамчунин банақшагирии ширкатҳо оид ба ҳалли масъалаҳои муайян дар муносибатҳои байналмилалиро дар бар гиранд. Ниҳоят, дар дипломатия робитаҳои дӯстӣ ҳам дар байни давлатҳо ва ҳам дар байни шаҳрвандони давлатҳои дахлдор хеле муҳим аст. «Қувваи нарм» метавонад дар заминаи чунин муносибатҳо тариқи ҷудо кардани ҷойҳои махсус барои рушди муколамаҳои шаҳрвандон ё барномаҳои мубодилаи фарҳангии байни кишварҳои мухталиф мусоидат кунад [6, с.23]. Аммо фаромӯш набояд кард, ки «қувваи нарм» фақат дар он маврид метавонад амал намояд, ки агар сиёсати пешбаранда ё пешниҳоднамудаи ин ё он давлат барои давлатҳои дигар мусоид бошад.

Сиёсати нодуруст наметавонад тавассути «қувваи нарм» ислоҳ ё рӯпӯш карда шавад, зеро «ҳатто рекламаи аз ҳама беҳтарин наметавонад фурӯши маҳсулоти бадсифатро таъмин намояд, сиёсатмадорон бошанд, онҳое, ки ҳамчун тамаъкорон ё мутакаббирони нозуктабъ тасаввур карда мешаванд, назар ба он, ки «қувваи нарм» истеҳсол намоянд, метавонанд онро бештар истеъмол намоянд». Дар ин маврид низ «қувваи нарм» набояд,

ҳатто ба воситаи барномаҳое сохта шавад, ки ин барномаҳо, дар навбати аввал, бо мақсади мубодилаи иттилоот ё пешниҳоди масъалаҳои муайян ё мубрами рӯз ташкил карда шудаанд. Дар шароити кунунӣ «қувваи нарм» ба омили муайянкунандаи тасаввуроти муваффақонаи давлатҳои хурд дар саҳнаи ҷаҳонӣ табдил меёбад. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти мероси бойи таърихӣ ва нақши тамаддунсози абармардони худ метавонад «қувваи нарм»-ро барои таъмини манфиатҳои миллӣ ва ноил гаштан ба ҳадафҳои сиёсати хориҷӣ мавриди истифода қарор диҳад. Масалан, ба ҳайси намуна мо метавонем Норвегияро пеши назар оварем, ки ин давлат новобаста аз хеле маҳдуд будани буҷаи худ (дар охири асри XX ва оғози асри XXI) дар истифодаи таҷрибаи қувваи нарм, дар пешбурди ғояҳои сулҳ ва ташаккули тимсоли сулҳпарварона комёбиҳои назаррас ба даст овардааст [7, с.67].

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо ташаббусҳои башардӯстона ва татбиқи муваффақонаи нақшаҳои сулҳхоҳона шуҳрат пайдо кардааст. Ин ташаббусҳо аз истифодаи консепсияи «қувваи нарм» дар таҷрибаи сиёсати хориҷии давлати ҷавони мо гувоҳӣ медиҳанд.

Дар шароити имрӯза истифодаи «қувваи нарм» дастовардҳои татбиқи дипломатияи фарҳангӣ ва мавқеи устувори кишвари моро дар саҳнаи ҷаҳонӣ таъмин месозад.

## АДАБИЁТ


1. Конышев В. Н. Теория международных отношений: канун новых «великих дебатов»?/ В. Н. Конышев, А. А. Сергунин //Полис. Политические исследования. -2013. -№ 2. -67с.
2. Лю Цзайци. «Мягкая сила» в стратегии развития Китая / Лю Цзайци // Полис. Политические исследования. -2009. - №4. -С. 149—155.
3. Матвеенко Ю. И. «Мягкая сила» как фактор современной геополитики / Ю. И. Матвеенко, М. Г. Галаева // Polit Book. - 2015. - №1. -С. 165-179.
4. Най Дж. Гибкая власть: как добиться успеха в мировой политике. – Новосибирск / Най Дж. -Москва: Фонд социопрогностических исследований «Тренды», 2006. -221с.
5. Сунь – цзы. Искусство войны. Основы китайской военной стратегии / Сунь - цзы. - М.: Диля, 2016. - 230 с.
6. Nye J. Bound to Lead: The Changing Nature of American Power. -New York, Basic Books, 1990. -307 p.
7. Nye J. Soft Power: The Means to Success in World Politics. -New York; Public Affairs, 2004. - 208 p.
8. Nye J. The Paradox of American Power: Why the World's Only Super power Can't Go Alone. New York. Oxford University Press, 2002. - 222 p.
9. Wilson E.J. Hard Power. Soft Power. Smart Power. The ANNALS of the American Academy of Political and Social Science. 616. Pages 110-123. -2008.


## КОНСЕПСИЯИ «ҚУВВАИ НАРМ» ҲАМЧУН ОМИЛИ СИЁСАТИ ФАРОМАРЗИИ МУОСИР


Дар мақолаи мазкур консепсияи “қувваи нарм” ҳамчун омили муассири сиёсати фаромарзӣ баррасӣ шудааст. Дар оғози солҳои 90 – уми қарни гузашта истилоҳи «қувваи нарм» батадриҷ вориди сиёсати хориҷии кишварҳои пешрави ҷаҳон шуда, раванди ҷаҳонишавӣ боиси тағйир ёфтани рақобатҳои нави ҷаҳонӣ гардид, ки дар ин рақобат «қувваи нарм» нақши муассир дорад. Дар замони муосир, воситаҳои асосии таъсиррасон ба давлатҳои алоҳида, ба ғайр аз доштани силоҳи ҳастаӣ, қудрати низомӣ ва иқтидори бузурги иқтисодӣ, воситаҳои "қувваи нарм", яъне муваффақияти арзишҳои фарҳангӣ, таърихӣ ва идеологии кишвар маҳсуб меёбанд. Яке аз воситаҳои маъмултарин барои татбиқи «қувваи нарм» дипломатияи омавӣ мебошад, ки тавассути расонаҳои расмиву иттилоотӣ (ВАО), инчунин расонаҳои ғайрирасмӣ (созмонҳои ғайриҳукуматӣ, донишгоҳҳо ва ғайра) амалӣ карда мешавад. Ҳамзамон, дар мақола таъкид мешавад, ки бозингарони ғайридавлатӣ метавонанд яке аз механизмҳои истифодаи «қувваи нарм» - и давлатӣ бошанд, ё ба таври мустақим онҳоро тақвият бахшанд. Дар мақола ҷанбаҳои дигарва хусусиятҳои фарқкунандаи «қувваи нарм», аз қабили хусусиятҳои хосси минтақа ва давлат, рақобати стратегии «қувваи нарм»-и давлатҳои гуногун дар минтақаҳои алоҳида ва ҷаҳон дар замони муосир муҳокима ва таҳлил шудаанд, ки бояд зимни татбиқи ин консепсия ба назар гирифта шаванд.



**Калидвожаҳо:** қувваи нарм, қувваи дурушт, консепсия, сиёсати ҷаҳонӣ, муносибатҳои байналхалқӣ, анъанаҳои қавии фарҳангӣ, сиёсати хориҷӣ, давлат.


## КОНЦЕПЦИЯ «МЯГКОЙ СИЛЫ» КАК ФАКТОР СОВРЕМЕННОЙ ТРАНСНАГРАНИЧНОЙ ПОЛИТИКИ


В статье рассматривается концепция “мягкой силы” как фактор современной трансграничной политики. С начала 90-х г. концепция «мягкой силы» постепенно вошла во внешнюю политику ведущих стран мира. Процесс глобализации привел к изменению моделей глобальной конкуренции. В новую эпоху ключевым способом воздействия на другое государство, по сравнению с обладанием ядерным оружием и военной мощью, становятся инструменты «мягкой силы», а именно: экономический успех, культурная привлекательность страны, идеологическая убедительность. Одним из наиболее распространённых инструментов реализации «мягкой силы» является публичная дипломатия, которая может осуществиться через официальные каналы (публичные выступления официальных лиц), а также неофициальные каналы (НПО, университеты и т.п.). В статье подчёркивается, что негосударственные акторы могут быть не только проводниками использования «мягкой силы» государства, но и могут самостоятельно её формировать. В статье также обсуждается ряд других особенностей

«мягкой силы», в том числе особенности региона и страны, конкуренция стратегий «мягкой силы» различных государств в одном и том же регионе, отрицательные последствия использования «мягкой силы», которые необходимо учитывать при её реализации.

**Ключевые слова:** «мягкая сила», «жесткая сила», концепция, международные отношения, мировая политика, культура, внешняя политика, государство.

**THE CONCEPT OF "SOFT POWER" AS A FACTOR IN MODERN TRANS-BORDER POLICY**

The article examines the concept of “soft power” as a factor in modern cross-border policy. Since the early 1990s, the concept of “soft power” has gradually entered the foreign policy of the leading countries of the world. The process of globalization has led to a change in the patterns of global competition. In the new era, the key method of influencing another state, compared with the possession of nuclear weapons and military power, is the tools of "soft power", namely economic success, the cultural attractiveness of the country, ideological credibility. One of the most common tools for the implementation of “soft power” is public diplomacy, which can be implemented through official channels (public speeches by officials), as well as informal channels (NGOs, universities, etc.). The article emphasizes that non-state actors can not only be agents of using the “soft power” of the state, but can also shape it independently. The article also discusses a number of other features of “soft power”, including features of the region and country, competition of “soft power” strategies of different states in the same region, negative consequences of using “soft power”, which must be taken into account when implementing it.

**Key words:** state, “soft power” "Hard power", foreign policy, Culture, international relations, global politics, concept.

**Сведения об авторе:** ***Ахмадов Сайрахмон Абдурахмонович*** - Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры зарубежного регионоведения. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17, E–mail: **www.dip.tjmail.кu**

**Information about the author**: ***Akhmadov Sairahmon Abdurahmonovich*** - Tajik National University doctor of philosophy PhD, departments of foreign regional of. Address: Tajikistan, E–mail: **www.dip.tjmail.ru**

**УДК:930 (575.3)**

# ҶАНБАҲОИ ГУМАНИТАРИИ ҲАМКОРИҲОИ БАЙНИДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО КИШВАРҲОИ МИНТАҚА

***Самиев Х.Д., Абдуллоев Ҷ.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар назарияи равобити байналмилалии муосир мо мавҷудияти ду мактаби мухолифи ҳамдигар – классикӣ ва ғайриклассикӣ (ҷаҳонгароӣ ё мондиалистӣ)-ро мушоҳида мекунем. Ҳар кадоме аз ин мактабҳо соҳиби низоми ба худ хос, навъҳои робитаҳо, меъёрҳои хосси сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва идеологӣ мебошанд. Мактаби классикӣ ба идеяи соҳибихтиёрии мутлақи давлатҳо бо усули марказии дахолат накардан ва мафҳуми манфиатҳои миллӣ такя мекунад. Ҳуқуқи байналхалқии умумӣ бо фарзияи марказии хеш – усули дахолат накардан ва мафҳуми «манфиатҳои миллӣ» маҳз ба консепсияи соҳибихтиёрии мутлақи давлатҳо асос ёфтааст. Ин асос баъди 400 соли аҳдномаи сулҳи Вестфалӣ дар Оинномаи СММ ва баъдтар дар Санади ниҳоии Маҷлиси машваратии амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо мақоми қонунӣ пайдо кард. Назми ҷаҳонии устуворшуда, ки бо усули паҳн накардани силоҳи ядроӣ пурра карда шуда буд, тайи солҳои зиёд мувозинати неруҳои ҷаҳониро на танҳо дар Аврупо, балки дар тамоми дунё таъмин мекард.

Диди дувум, ки аз мактаби глобалистҳои ғарбӣ намояндагӣ мекард, ба идеяи Вилсон «ҷаҳон ҳамчун консепсия», ки болотар аз манфиатҳои миллӣ, соҳибихтиёрӣ ва истиқлолият аст, такя мекунад. Дар ин назария сохторбандии шабакавии муносибатҳои байналхалқӣ бо шуста шудани марзҳои байни сиёсатҳои дохилӣ ва хориҷӣ, васеъшавии идораи равандҳои байналхалқӣ то субъектҳои ғайридавлатӣ ва фарсудашавии монополияи давлатӣ дар мушаххассозии хислати муносибатҳои байналхалқӣ шакл мегирад. Шарҳи ҳамкории байналхалқии гуманитарӣ дар сиёсати хориҷии давлатҳо аз он вобаста аст, ки дар чаҳорчӯбаи кадоме аз ин мактабҳо баррасӣ мешавад. Аз ин рӯ, дар марҳилаи ҳозира дар сиёсати хориҷии давлатҳо метавон мавҷудияти тафсирҳои гуногуни ҳамкориҳои байналхалқии гуманитариро, ки ба равишҳои гуногун дар муносибатҳои байналхалқӣ асос меёбанд, таъкид кард.

Ниҳодёбии соҳаи фаъолияти сиёсии хориҷӣ, ки асоси мундариҷавии онро консепти робитаҳои байниҳамдигарии гуманитарӣ бо истифодаи шабакаи созмонҳои ғайриҳукуматӣ ташкил медиҳад, маҳз дар назарияи ғайриклассикии муносибатҳои байналхалқӣ шакл мегирад. Дар ин ҷо бо ёрии мафҳуми «ҳамкориҳои гуманитарӣ» кӯшиш карда мешавад, ки модели глобалии назми нави ҷаҳонӣ эҷод карда шавад. Назарияи мазкур ба методологияи либералии афзалияти ҳуқуқҳои абстрактии (интизоӣ) инсон бар

ниҳодҳои мушаххаси таърихиву фарҳангӣ такя мекунад. Маҳз дар ҳамин мактаб ҳуқуқи бо ном гуманитарӣ шакл гирифта, моҳияташ он аст, ки омили маънидиҳандаи сиёсати хориҷӣ ба ҷойи мафҳуми манфиатҳои миллӣ мафҳуми асбтрактии инсон дар маҷмӯъ мегардад. Ҳуқуқи гуманитарӣ волоияти ҳуқуқҳои чунин инсони таҷридшударо бар ҳуқуқҳои давлат эълон кардааст. Чунин модели гуманитарии архитектураи глобалӣ тавассути шабакаҳои созмонҳои ғайриҳукуматӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ шакл мегирад. Муносибатҳои ҳамдигарии шабакавии гуманитарӣ дар мақоми дипломатияи гуманитарӣ, мардумӣ дар ин маврид субъекти андозагириҳои гуманитарии сиёсати хориҷӣ мешаванд. Зимнан сиёсати гуманитарӣ ба ҳайси «неруи нарм» дар ин маҳдуда аз ҷониби кишварҳои Ғарб ҳамчун василаи пешбурди на манфиатҳои миллии худ, балки олигархияи молиявии глобалӣ истифода мешавад. Аз ҷумла, тавассути «неруи нарм» ба воситаи инқилобҳои ранга ва дахолати гуманитарӣ минтақаҳои «беназмии идорашаванда» эҷод карда мешаванд, ки аз ҷониби ин олигархияи космополитӣ идора карда мешаванд. Мафҳуми «гуманитарӣ» дар чаҳорчӯбаи мактаби мазкур ҳамчун муроҷиат ба инсон дар маҷмӯъ (берун аз мақомаш) шарҳ дода мешавад.

Дар чаҳорчӯбаи методологияи классикӣ кишварҳо «неруи нарм»-ро барои пешбурди манфиатҳои миллии худ истифода бурданӣ мешаванд. Масалан, эҷоди имиҷи мусбӣ, густариши муҳити фарҳангӣ, забон ҳамчун васила дар муборизаи иттилоотӣ. Ба чунин сиёсати гуманитарӣ мафҳумҳои «ҳамкориҳои фарҳангӣ», «дипломатияи фарҳангӣ» низ дохил мешаванд. Дар чунин маврид мундариҷаи гуманитарии сиёсати хориҷӣ бо фаъолияти байналхалқӣ дар соҳаҳои илм ва фарҳанг алоқаманд карда мешавад. Аз ҷумла, Президенти Федератсияи Россия В.В. Путин 31 августи соли 2012 дар баромади худ изҳор дошта буд: «Марказҳои милливу фарҳангии Россия дар бештар аз 70 кишвари дунё амал карда, ба густариши табодули гуманитарӣ фаъолона мусоидат мекунанд… Имрӯз, ки бисёр кишварҳо барои пешбурди манфиатҳои миллии худ сиёсати «неруи нарм»-ро ба кор мебаранд, нақш ва масъулияти Россотрудничества (ҳамкориҳои Россия) ва намояндагиҳои он дар кори ташаккули симои айнии мамлакати мо дар хориҷа, таҳкими обрӯву нуфузи он боло меравад. Муҳим он аст, ки мардуми дунё дар бораи Россияи имрӯза иттилооти муътабар дошта, аз суннатҳои маънавӣ ва интеллектуалӣ, таърихи пурғановат ва саҳми бузурги мо дар инкишофи тамаддун огоҳ бошанд» [1].

Ё худ раиси вақти Ҷумҳурии Мардумии Чин Ху Сзинтао моҳи октябри соли 2007 дар анҷумани XVII Ҳизби коммунисти Чин баромад карда, ишора ба он дошт, ки «дар рӯзҳои мо фарҳанг ба унсури муҳимми рақобат дар қудрати маҷмӯии давлат табдил ёфта, инкишофи фарҳанг дар дохили мамлакат бояд ҳамвора бо болоравии нуфузи байналхалқии он сурат гирад». Дар пленуми шашуми КМ ҲКЧ даъвати 17-ум, ки октябри соли 2011 баргузор гардида буд, санаде таҳти унвони «Қарори КМ ҲКЧ дар бораи баъзе масъалаҳои муҳимми амиқсозии ислоҳоти низоми фарҳангӣ, мусоидат ба пешрафт ва шукуфоии маданияти сотсиалистӣ» қабул карда шуд, ки дар он оиди болоравии рӯузафзуни аҳамияти «неруи нарм» дар рақобати байни давлатҳо, инчунин дар бораи зарурияти «татбиқи стратегияи бурун рафтани фарҳанг, афзун гардондани нуфузи фарҳанги чинӣ, ба ҷаҳон нишон додани симои нави ислоҳот ва кушодагии Чин» сухан мерафт. Ҳамин тавр, асоси маъноии унсури гуманитарии сиёсати хориҷии давлатҳоро метавонад манфиатҳои миллии онҳо ташкил диҳад, агар асосҳои назариявии сиёсати хориҷӣ бо равиши методологияи классикӣ муайян карда шаванд. Ё худ асоси унсури гуманитарии сиёсати хориҷӣ метавонад фаҳмиши таҷридии ҳуқуқи инсон бошад, ки аз ҳуқуқи давлат, умумиятҳои фарҳангӣ ва ниҳодҳои фарҳангӣ ва ниҳодҳои миллӣ ва амсоли инҳо болотар гузошта мешавад. Дар ин сурат сиёсати гуманитарӣ ба хароб кардани истиқлолияти ин умумиятҳо равона карда мешавад.

Дар ин фаҳмиши охир дахолат ба корҳои дохилии давлатҳо (тавассути сиёсати гуманитарӣ), шуста шудани марзҳои байни сиёсатҳои дохилӣ ва берунӣ, такон додани равандҳои аз даст додани соҳибихтиёрӣ аз лиҳози назариявӣ асоснок карда мешаванд. Зимнан назарияпардозии сиёсати хориҷӣ дар ин маҷро на манфиатҳои акторҳои давлатӣ, балки сохторҳои корпоративии беруназдавлатиро муаррифӣ мекунад.

Ба ҳамин тариқ, бе муайян кардани мазрааи назариявии низоми муносибатҳои байналхалқӣ, ки дар он консепсияи сиёсати хориҷии ин ё он давлат сиёсати гуманитарии худро ҷой мекунад, дар бораи сиёсати гуманитарӣ чизе навиштан ғайриимкон аст ва ихтилофи назари муҳаққиқон ҷиҳати муайян кардани ҷанбаҳои гуманитарии сиёсати хориҷӣ он аст, ки ин сиёсатро дар алоҳидагӣ, берун аз қаринаи муназзамсозии классикӣ ё мондиалистии равобити байналмилал баррасӣ менамоянд. Аз ин рӯ, ба андешаи мо, мавқеи ягона дар мавриди мушаххассозии сиёсати фарҳангии хориҷӣ имрӯз вуҷуд надорад. Дар миёни ҷомеаи академӣ соҳаи гуманитарӣ ва масоили хислати гуманитарӣ дошта амиқ

марзбандӣ нашудаанд. Дар миёни масоили алоқаманд ба дарки назариявии сиёсати хориҷии фарҳангӣ масъалаи коркарди мушаххасоти илмии он хеле баҳснок аст. Ба андешаи мо, шароити мазкур аз он сабаб пеш омадааст, ки дарки назариявии сиёсати фарҳангии хориҷӣ берун аз қаринаи фаҳмиши низоми умумии муносибатҳои байналхалқӣ сурат мегирад. Ба андешаи як гурӯҳ муҳаққиқони рус, аз қабили С.С. Ширин, Б.С. Эбзеев, Д.М. Данкин, ки аз равиши ғайриклассӣ ё мондиалистӣ ба равобити байналмилал пайравӣ мекунанд, мундариҷаи гуманитарии сиёсати хориҷӣ бояд ба ҳуқуқи гуманитарӣ асос ёбад. Мусаллам аст, ки, - мегӯянд намояндагони ин мактаб, он самти ҳамкории байналхалқӣ гуманитарӣ гуфта мешавад, ки ба тафаккури инсон ва ҷомеаи инсонӣ иртибот дошта бошад ва ба шахсияти инсон нигаронида шуда бошад. Масалан, дар таълимоти ҳуқуқшиносӣ ба ҳуқуқи гуманитарӣ ҳифзи ҳуқуқи инсон ва танзими пешбурди амалиётҳои ҷангӣ, ки ба ҳифзи инсон ва натиҷаҳои фаъолияти маънавиву моддии ӯ равона шудаанд, мансуб дониста мешавад. Аз ин нигоҳ олимони фавқуззикр замимаи Консепсияи сиёсати хориҷии Федератсияи Россияро танқид мекунанд. Ба андешаи онҳо, самти гуманитарии сиёсати хориҷии Россия мушаххас шуда, то ҷанбаи фарҳангӣ маҳдуд карда шуда ва «фарҳангӣ-гуманитарӣ» ном гирифтааст. Тибқи санади мазкур ҳамкории фарҳангиву гуманитарӣ алоқаҳоро дар соҳаи фарҳанг ва санъат, илм ва таҳсилот, васоити ахбори омма, табодули ҷавонон, умури нашрия, осорхона, китобхона ва бойгонӣ, варзиш ва туризмро фаро мегирад. Ҳамин тариқ, андеша дорад С.С. Ширин, дар байни ҳадафҳои сиёсати Россия дар соҳаи ҳамкориҳои фарҳангиву гуманитарӣ ҳадафҳои сирф гуманитарӣ умуман вуҷуд надоранд. Онҳоро ҳадафҳое иваз кардаанд, ки на ин ки инсон, балки манфиатҳои давлатро инъикос мекунанд. Консепсияи сиёсати хориҷии Россия, ба андешаи С.С. Ширин, танҳо ҷузъи доираи масоили алоқаманд ба шаклу самтҳои имконпазири ҳамкориҳои байналхалқиро фаро мегирад, ки ба инсон ва пешрафти ӯ нигаронида шудааст. Фарҳанг бешубҳа, омили муҳимтарини рушди шахсияти инсон аст. Аммо ҳангоми татбиқи самти фарҳангии фаъолияти сиёсӣ ҳеҷ гоҳ набояд фаромӯш кард, ки ҳадафи ин фаъолият бояд маҳз ташаккули инсон бошад, на хизмати манфиатҳои давлат.

Аз нуқтаи назари пайравони мактаби петербургӣ – Н.М. Боголюбова ва Ю.В.Николаева, сиёсати хориҷии фарҳангӣ – маҷмӯи чораҳоест, ки аз ҷониби давлат дар сатҳи беруна, аввалан барои пешбурди забон ва фарҳанги миллӣ дар хориҷа ва дувум барои эҷоди шароити мусоиди сиёсии хориҷӣ, ки ба татбиқи самараноки роҳи сиёсии хориҷӣ мусоидат мекунад, таҳия ва татбиқ карда мешавад [2,с.25-27] .

Аз ин ҷо ба сиёсати фарҳангии хориҷӣ се ҳадафи бо ҳам алоқаманд хос мебошад: 1) пешбурд, муаррифӣ, нақли забон ва фарҳанги миллӣ, тарғибу ташвиқи дастовардҳои фарҳангии худ дар хориҷа; 2) шаклдиҳии имиҷи мусбии давлат дар хориҷа, ки барои расидан ба он аз фарҳанг, арзишҳои фарҳангӣ ва робитаҳои фарҳангӣ истифода мешавад; 3) эҷоди шароити мусоид барои татбиқи вазифаҳои сиёсиву иқтисодии мамлакат дар арсаи байналхалқӣ. Ба иловаи ҳадафҳои зикршуда, мегӯянд Н.М. Боголюбова ва Ю.В.Николаева, сиёсати фарҳангии хориҷӣ як қатор вазифаҳои хос низ дорад: мусоидат ба татбиқи раванди ҳамкориҳои байнифарҳангӣ, рушди алоқаҳои фарҳангӣ, устуворсозии ҳамдигарфаҳмии байни миллатҳо тавассути ба роҳ мондани табодули фарҳангӣ, ғанӣ гардондани фарҳанги миллии худ аз ҳисоби шиносоӣ бо дастовардҳои беҳтарини фарҳангии башарият, ҳифзи гуногуннавъии фарҳангҳо дар ҷаҳон.

Ҳамин тариқ, аз нигоҳи мактаби мазкур, ҳадафи аслии сиёсати фарҳангии хориҷӣ таъмими фарҳанги худ дар ҷаҳон буда, ҳамзамон пешниҳоди имкониятҳои васеъ ба шаҳрвандони худ барои шиносоӣ бо дастовардҳои муосир дар соҳаҳои илм, фарҳанг ва таҳсилоти кишварҳои дигар аст. Ин шароит тақозо дорад, ки яке аз унсурҳои маркази сиёсати фарҳангии хориҷии босамар бояд кушодагии ҳадди аксар ва таҳаммулпазирии намояндагони фарҳангҳои дигар, омодагӣ ба муколамаи байнифарҳангӣ бошад. Бо назардошти чунин фаҳмиши ҳадафи аслии сиёсати фарҳангии хориҷӣ метавон натиҷагирӣ кард, ки он хислати духӯра дорад. Аз як тараф, ба пешбурди фарҳанги миллӣ дар хориҷа ва ҳифзи асолати он аз таъсири фарҳангҳои дигар равона шудааст. Аз тарафи дигар, барои эҷоди шароит баҳри шиносоии шаҳрвандони кишвари хеш бо фарҳангҳои дигар равона шудааст ва бояд бар усули эҳтиром ба гуногуннавъии фарҳангҳо устувор бошад [2,с.25-27].

Ба назари аввал, дар шароити буҳрони глобалӣ унсури гуманитарии ҳамкориҳо байни бозингарони равобити байналмилал ба мақоми дуюм ё сеюм мефароянд, зеро барои кишварҳо масъалаи ҳифзи ҳамкориҳо дар соҳаҳои иқтисодиву молиявӣ хеле мубрам гардидааст. Аммо метавон тахмин зад, ки робитаҳои гуманитарӣ дар шароити буҳронӣ метавонанд аҳамияти вижа ва муҳим касб намоянд. Маҳз дар ҳоле ки буҳрон ба бозмондани иқдомоти иқтисодӣ таҳдид мекунад, робитаҳои гуманитарӣ қобиланд нақши

боздорандаро бозӣ карда, гуфтугӯи кишварҳоро дар сатҳи назаррас маҳфуз нигоҳ дорад ва ҳамчунин таваҷҷуҳро аз баъзе нокомиҳо дар самтҳои дигар дур намоянд. Арзиши амалии робитаҳои гуманитарӣ дар он аст, ки онҳо қодиранд ба ҳайси механизми таҳкими алоқаҳои ҳамдигарӣ дар байни кишварҳо хизмат кунанд ва дар ин ҳол хароҷоти зиёди молиро ҳам талаб намекунанд. Сиёсати хориҷӣ аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлати соҳибихтиёри Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ба таърихи 28-солаи соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ назар афканда мебинем, ки дар ин самти муҳим корҳои муҳиму арзанда ба анҷом расида, дар баланд бардоштани иқтидори кишвар ва шинохти он дар арсаи байналмилалӣ иқдомҳои зиёд рӯйи кор омадаанд. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон баҳри рушди робитаҳои мутақобилан судманд бо кишварҳои ҳамсоя равона гардидааст. Барои тасдиқи гуфтаҳои боло ишорати мазкурро аз Паёми Президенти мамлакат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба парлумони кишвар овардан кофист: «Ҳадафҳои аслии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоно бетағйир монда, ба ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар арсаи байналмилалӣ, фароҳам овардани шароити мусоиди берунӣ барои рушди устувори мамлакат ва мусоидат ба таҳкими пояҳои истиқлолу соҳибихтиёрии давлатии Тоҷикистон нигаронида шудаанд. Дар ин замина мусоидат ба эҷоди фазои эътимоду амният атрофи кишвар аз роҳи густариш ва таҳкими муносибатҳои неки ҳамсоягӣ бо ҳамаи мамлакатҳои ҳамҷавор бо истифода аз василаҳои сиёсиву дипломатӣ, саъю талоши пайваста ҷиҳати ҳалли саривақтии масоили мубрами минтақа дар сархати сиёсати хориҷии давлати мо қарор хоҳад дошт. Тоҷикистон муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкориҳои гуногунҷанбаи судмандро бо тамоми кишварҳои дунё ба роҳ монда, робитаҳои созандаи дӯстонаро бар пояи эҳтироми ҳамдигар ва баробарӣ густариш медиҳад. Зимнан, мо ҷиҳати тавсеаи ҳамёрии худ бо шарикони рушд, созмонҳои байналхалқиву минтақавӣ ва ниҳодҳои молиявии байналмилалӣ дар оянда низ тадбирҳои амалӣ хоҳем андешид» [3]. Дар стратегияи сиёсати хориҷии кишвар рушди ҳамкориҳои минтақавӣ самти афзалиятнок арзёбӣ гардидааст. Зеро, аввалан, таъмини озодӣ, истиқлол ва амнияти Тоҷикистон, мардуми он ва кишварҳои минтақа ба субот, оромӣ ва амнияти пойдори минтақавӣ ва, пеш аз ҳама, ҳамсоягони мо иртибот дорад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ робитаҳои байналхалқӣ дар соҳаҳои фарҳанг ва муошарати байни инсонҳо аслан арзиши хосеро соҳиб мешаванд [4,с.185].

Дар ин ҳол як алоқамандии хосе байни сатҳи шиносоӣ бо фарҳанги кишварҳои дигар бо сатҳи омодагии миллатҳо ба иттиҳод бо ин кишварҳо ошкор мегардад. Ҳар қадар дар кишвар шаҳрвандоне бошанд, ки шиносоии худро бо фарҳанги кишвари дигар эълон намоянд, ҳамон қадар сатҳи рӯҳияи ҳамгароӣ (дастгирии идеяи ворид шудани кишвари хеш ба иттиҳодия ва паймонҳо) боло хоҳад рафт. Аз ин рӯ, метавон тасдиқ кард, ки алоқаҳои гуманитарӣ ҳамчун механизми дарки беҳтари ҳамдигарии субъектҳои муносибатҳои байналхалқӣ ва эҷоди имиҷи мусоид дар назари ҳамдигар барои муваффақияти лоиҳаҳо ва ташаббусҳои сиёсиву иқтисодӣ арзишманданд. Алоқаҳои гуманитарӣ рӯёрӯиро истисно ва ба беҳтар шудани шароити шарикӣ мусоидат мекунанд, зеро онҳоягона соҳаи муносибати байни кишварҳо мебошанд, ки рақобат дар онҳо самараи мусбӣ медиҳад. Робитаҳои гуманитарӣ мушаххасан хислати зиддиоштинопазирӣ ва конструктивӣ доранд. Мусоидати гуманитарӣ ба дигар бозингарони равобити байналмилал метавонад василаи аёнии тавсифи роҳи сиёсии хориҷии давлат дар нигоҳи шаҳрвандони худ ва ҳам ҷомеаи ҷаҳонӣ бошад.

Мубодилаи гуманитарӣ шакли нодири муносибатҳои байналхалқист, ки ба қишри эҳсосотии беихтиёри тафаккур ҳам дахл мекунад. Аз ин рӯ, қодир аст ба рӯҳияи иштирокчиёни равобити байналмилал таъсир расонида, аз насл ба наслҳо мегузарад. Ба ин хотир, нақши ҳамкориҳои гуманитариро ҳамчун омили наздик кардани ҷаҳонбиниҳо дар сатҳи меросиву интуитивӣ бояд ба инобат гирифт.

Таҷрибаи тӯлонии ҳамкориҳои бомуваффақияти гуманитарӣ метавонад ба шаклгирӣ ва ё густариши арзишҳо, меъёрҳо, стереотипҳо ва рамзҳои умумӣ дар фарҳанги дипломатияи дуҷониба ва ё чандҷониба оварда расонад. Шароити охирӣ ба вазъи шарикии стратегии онҳо мустақиман ва мусбӣ таъсир мерасонад, зеро густариши базаи мафҳумиву категориалӣ ва такмили забони дипломатии муоширатро таъмин мекунад [4,с.185]. Ба илова, мубодилаи фарҳангӣ аз назари иқтисодӣ, эстетикӣ ва ахлоқӣ василаи ҷолиби ҳамкориҳо ба шумор меравад. Ҳамон соҳаи муносибатҳои байналхалқист, ки нисбат ба ҳамкориҳои сиёсӣ ё иқтисодӣ камтар зери таъсири омилҳои берунӣ мондааст.

Паёми имсолаи Сарвари давлат бори дигар исбот намуд, ки ҷомеаи навини Тоҷикистон бо сарварии Пешвои худ – Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи расидан ба ҳадафҳои стратегии худ – таъмини рушди устувори кишвар собитқадамона гом хоҳад бардошт. Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо усулу асосҳо ва суннатҳои тағйирнопазири худ

тайи солҳои истиқлолият давоми мантиқии стратегияи санҷида ва мутавозину фарогири кишвар буд. Ин сиёсат, пеш аз ҳама, аз сиёсати «дарҳои кушод» бармеояд, ки дар соли 2002 аз ҷониби раҳбари кишвар эълон шуда буд ва мисли пештара вазифаи хешро дар эҷоди шароити мусоиди байналмилалӣ баҳри рушди устувори кишвар мебинад. Сиёсати дарҳои кушод, – омадааст дар Паёми Сарвари давлат, -чун меҳвари аслии муносибатҳои мо бо ҷаҳони муосир воқеӣ, дуруст ва судовар будани худро нишон дод. Ин сиёсат доираи шарикони Тоҷикистонро афзоиш бахшида, барои таъмин намудани иштироки густурдаи кишварамон дар фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ заминаи мусоид фароҳам овард [5,с.2]. Дар шароити тағйирёбии босуръати ҷаҳони имрӯза ва таҳаввулоти сареи олами муосир таъмини истиқлолияти комили сиёсиву иқтисодӣ, тамомияти арзӣ, амният ва суботи сиёсӣ ва дар маҷмӯъ татбиқи манофеи миллӣ аз умдатарин вазифаҳои он буданд. Дар ин росто бо возеҳтар шудани раванди шиддатёбии рақобати қудратҳои бузург барои таҳкими нуфузи худ дар манотиқи мухталифи олам, ҷустуҷӯ ва дарёфти роҳу василаҳои беҳтарини ҳимоят ва татбиқи манфиатҳои миллӣ ташаббусҳои нав ба навро тақозо дошт. Таҳлили сиёсати хориҷии солҳои гузашта нишон медиҳад, ки Тоҷикистон дар ҷиҳати таҳкими сиёсати чандсамтии хеш гомҳои навбатӣ бардоштааст. Ин амр бори дигар собит сохт, ки ҳадафи аслии сиёсати хориҷии Тоҷикистон фароҳам овардани фазои мусоид ҷиҳати ҳаллу фасли масоили дохилии кишвар аст ва татбиқи ин сиёсат ба тақвияти мавқеи Тоҷикистон дар арсаи байналхалқӣ ва пазируфта шудани ибтикороти Душанбе аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ мусоидат хоҳад кард.

Имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ бо баҳси эҷоди тавозуни манофеи ҳама кишварҳо, қатъи назар аз ҷойгоҳ ва зарфияташон рӯ ба рӯст, ки дар дурнамо бар сохтор ва муҳтавои равобити байналмилалӣ асар хоҳад гузошт. Раванди ҷаҳонишавӣ қатъи назар аз кӯчак ё бузург будан ва ё мавқеияти ҷуғрофиёии кишварҳо манофеи онҳоро таҳти таъсир қарор медиҳад. Бо ин ҳол, агар тағйиру таҳаввули иҷтимоии кишваре, аз як тараф, ба иқдомоти давлати миллии он вобастагӣ дошта бошад, аз тарафи дигар, ба нуфузи омилҳои хориҷӣ иртибот пайдо хоҳад кард. Дар марҳилаи ҳозира дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон доштани робитаи ҳасанаи наздик ва собит бо кишварҳои ҳамсоя ва минтақа ба хотири эҷоди камарбанди бовар̄ӣ ва амниятӣ дар тӯли марзҳои кишвар ва таъмини сулҳу оромӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ аз авлавиятҳо ба шумор меравад. Пушида нест, ки кишвари мо дар муносибат бо кишварҳои ҳамсоя ва минтақа сиёсати дӯстӣ, ҳамсоягии нек, ҳамзистии осоишта, дахолат накардан ба корҳои дохилии якдигарро пеш гирифта, дар ҳалли мушкилоти мавҷуда ва масъалаҳои баҳсталаб, аз ҷумла масоили сарҳадӣ, аз ҳама гуна фишор ва зурӣ худдорӣ намуда, танҳо ба роҳи ҳалли мусолиматомези сиёсӣ ва гуфтушунид такя мекунад. Гузашта аз ин, Тоҷикистон бо истифода аз таҷрибаи нодире, ки дар сулҳофаринӣ ва ҳалли низоъҳо дорад, дар пешгирӣ ва ҳаллу фасли ҳолатҳои низоъбор иқдом мекунад ва саҳм мегирад. Гуфтанист, ки кишвари мо ҳангоми тарҳрезӣ ва татбиқи ҳадафҳои хеш баҳри ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ ташвишу шубҳаи кишварҳои ҳамсояро ба хубӣ мефаҳмад ва ба назар мегирад. Ин аст, ки ошкоро ва бо далоили қотеъ эълом мешавад, ки барномаву тарҳҳои иқтисодии Тоҷикистон ва аз ҷумла сохти неругоҳҳо на танҳо бар зиёни манофеи миллии ҳамсояҳои ин кишвар нест, балки судеро ба ҳамроҳ дорад, ки онро танҳо шарики воқеӣ метавонад бо дигарон қисмат кунад. Ба ибораи дигар, Тоҷикистон муътақид аст, ки аз роҳи ҳаллу фасли мушкилоти дохилии худ метавонад ба афзоиши сатҳи куллии рушди минтақавӣ ва пойдорӣ дар баробари таҳдидоти берунӣ мусоидат намояд. Мавриди ёдоварист, ки Тоҷикистон худро ҳеҷ гоҳ аз мушкилоти ба минтақа омада дур нагирифтааст, балки кушиш кардааст бо ҳамроҳии ҷомеаи байналмиалалӣ баҳри рафъ кардани хавфу таҳдидоти тайи солҳои охир пешомада, аз қабили терроризму ифротгароӣ, қочоқи моводи мухаддиру ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ ва даҳҳо падидаҳои хатарноки дигар, ки ба худи асли ҳастии инсоният таҳдид менамоянд ва масъалаи бақои инсониятро пеш меоранд, мубориза мебарад.

Бо назардошти омилҳои ёдрасшуда метавон чунин натиҷагирӣ кард: 1.Шаклҳо ва методҳои асосии ҳамкориҳои байналхалқӣ дар соҳаи гуманитарӣ «неруи нарм», дипломатияи мардумӣ ва фарҳангӣ, ҳамкориҳои гуманитарӣ мебошанд, ки дар маҷмӯъ образи мамлакатро дар арсаи байналхалқӣ шакл медиҳанд. 2.Ба хотири тақвияти ҳамкориҳои гуманитарӣ бо кишварҳои ҳамсоя зарур аст, ки роҳу равишҳои нави тавсеаи ҳамкориҳои гуманитариро коркард намоянд. Тавре ба назар мерасад, барои ин мақсад муҳаққиқони кишварро лозим меояд, ки ҳарчи бештар тадқиқотҳои сотсиологӣ гузаронида, таҳлили контентии шабакаҳои иҷтимоӣ, воситаҳои ахбори омма гузаронида шуда, таваҷҷуҳи ҷавонони мо ба муоширати мусбӣ бо ҳамсолонашон аз кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ нигаронида шаванд. 3.Новобаста аз дастовардҳои муайян дар ҳамкориҳои гуманитарии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ба ниҳодҳо ва

идораҳои робитаҳои хориҷӣ зарур аст, ки инертсияи мавҷударо дар доираҳои ҷамъиятӣ бартараф намоянд, зеро тавре дида мешавад, дар минтақаи мо, ки фаъолияти бозингарони ғайриминтақавӣ назаррас аст, аз протседураҳои бюрократӣ, бахусус дар самти мубодилаҳои академӣ, донишҷӯён ва кормандони илмӣ, ҳамкориҳои байнидонишгоҳӣ даст кашида шавад.

## АДАБИЁТ


1. Приветствие Президента Российской Федерации участникам совещания представителей Россотрудничества за рубежом от 31.08.2012 г. №Пр-2311. [Электронный ресурс] URL: http://rs.gov.ru/sites/rs.gov.ru/ Files /poslanie_vvp.jpg
2. Боголюбова Н.М. Выработка определения внешней культурной политики в современном научном дискурсе / Н.М. Боголюбова, Ю.В. Николаева // Исторические, философские, политические и юридические науки, культурологи и искусствоведение. Вопросы теории и практики. Тамбов: Грамота, 2012. -№ 4. -Ч. 1. -С. 25–27.
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 22.12.2016 12:06, шаҳри Душанбе [Электроный ресурс] www. president.tj.
4. Сафронова Е.И. Значение гуманитарного сотрудничества стран ШОС и интересы России / Е.И.Сафронова // Китай в мировой и региональной политике. История и современность. ИДВ РАН, 2014. -Вып. XIX. -С. 185.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ба қуллаҳои дониш, 5 январи соли 2018 -№1(1427). -С.2.
6. Ачкасов В. Политика гуманитарной дипломатии / В. Ачкасов, В. Захарова [Захираи электронӣ] http: // expert. ru/northwest/2013/50/politika-gumanitarnoj-diplomatii/
7. Боголюбова Н.М., Николаева Ю.В. Проблемы и перспективы выработки общей внешней культурной политики Содружества Независимых Государств / Н.М.Боголюбова, Ю.В. Николаева // Вестник БАЕ, -№ 2, 2018. год. [Захираи электронӣ] http://cis.minsk.by/news.php?id=9666
8. Боголюбова Н.М. Выработка определения внешней культурной политики в современном научном дискурсе / Н.М. Боголюбова, Ю.В. Николаева // Исторические, философские, политические и юридические науки, культурология и искусствоведение. Вопросы теории и практики. Тамбов: Грамота, 2012. -№4. -Ч.1. -С.25–27.
9. Громогласова Е.С. Гуманитарная дипломатия в современных международных отношениях: опыт системного исследования. – М.: ИМЭМО РАН. 2018. – 124 с.
10. Гуманитарное сотрудничество -важный фактор развития интеграцион-ных процессов и укрепления позиций русского языка на пространстве СНГ.17 декабря 2009 г. Составители сборника Е.В. Чайковский, П.И. Семичевский, М.В. Синицын. - М., 2010. – 71с.
11. И.В. Федяй. Методологические и теоретические основы гуманитарного измерения внешней политики / И.В. Федяй, М.О. Межеловская // Вестник КРСУ. 2017. -Т. 17. -№4. -С.87-90.
12. «Права человека. Сборник международных договоров. Том I ( часть вторая). Универсальные договоры». Организация Объединенных Наций; Нью-Йорк и Женева, 2002. [Электронный ресурс] http:// www. tamognia. ru/doc _base/ document. php?a =ar&b =diopnst&id=1556261&j=f


## ҶАНБАҲОИ ГУМАНИТАРИИ ҲАМКОРИҲОИ БАЙНИДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО КИШВАРҲОИ МИНТАҚА


Мақолаи мазкур ба омӯзиш ва таҳлили мазмуну мундариҷа ва вижагиҳои ҷанбаҳои гуманитарии равобити байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Таҳлили маҷмуии ҳамкориҳои гуманитарӣ дар қаринаи мушкилот ва таҳдидоти имрӯза фаҳмиши амиқ ва мушаххаси омилҳоеро тақозо дорад, ки самаранокии онро маҳдуд месозанд. Пешниҳоди чунин фаҳмиш дар рафти омӯзиши сарчашмаи зуҳур ва таҳаввули ташаббусҳои гуманитарӣ дар саҳнаи байналхалқӣ ва мақсаднокии онҳо имконпазир аст. Ҳамин тавр, асоси маънои унсури гуманитарии сиёсати хориҷии давлатҳоро метавонад манфиатҳои миллии онҳо ташкил диҳад, агар асосҳои назариявии сиёсати хориҷӣ бо равиши методологияи классикӣ муайян карда шаванд. Ё худ асоси унсури гуманитарии сиёсати хориҷӣ метавонад фаҳмиши таҷридии ҳуқуқи инсон бошад, ки аз ҳуқуқи давлат, умумиятҳои фарҳангӣ, ниҳодҳои фарҳангӣ ва ниҳодҳои миллӣ ва амсоли инҳо болотар гузошта мешавад. Дар ин сурат сиёсати гуманитарӣ ба хароб кардани истиқлолияти ин умумиятҳо равона карда мешавад. Дар ин фаҳмиши охир дахолат ба корҳои дохилии давлатҳо (тавассути сиёсати гуманитарӣ), шуста шудани марзҳои байни сиёсатҳои дохилӣ ва берунӣ, такон додани равандҳои аз даст додани соҳибихтиёрӣ аз лиҳози назариявӣ асоснок карда мешаванд. Зимнан назарияпардозии сиёсати хориҷӣ дар ин маҷро на манфиатҳои акторҳои давлатӣ, балки сохторҳои корпоративии беруназдавлатиро муаррифӣ мекунад.



**Калидвожаҳо:** ҳамкориҳои гуманитарӣ, бардоштҳои назариявӣ, неруи нарм, беназмии идорашаванда, сиёсати дарҳои кушод, зӯроварии ҳарбӣ.


## ГУМАНИТАРНЫЙ АСПЕКТ МЕЖГОСУДАРСТВЕННЫХ ОТНОШЕНИЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН СО СТРАНАМИ РЕГИОНА


Гуманитарный аспект межгосударственного сотрудничества государств – тема, содержание которой не до конца определено политологами и международниками. В современной теории международных отношений мы можем констатировать наличие двух противоположных парадигм – классической и формирующейся новой, неклассической, мондиалистской. Каждая из этих парадигм является самостоятельной системой, со своим типом связей, своими политическими, правовыми и идеологическими нормами. Классическая система основана на идее абсолютной суверенности государства с центральным принципом невмешательства и понятии национальных интересов. Международное публичное право с его центральным постулатом – принципом невмешательства и понятием “национальные интересы” - основывается именно на концепции абсолютной суверенности государства. Вторая парадигма, представленная западной школой глобалистики, основывается на вильсонианской идее “мира как концепции”, который выше национальных интересов, суверенитета и независимости, т. е. тех аспектов жизни

нации, за которые во все века воевали. В данной парадигме оформляется сетевая структуризация международных отношений с размыванием границ между внутренней и внешней политикой, с расширением управления международными процессами до негосударственных субъектов и эрозией государственной монополии в определении характера международных отношений.

**Ключевые слова:** гуманитарное сотрудничество, культурное сотрудничество , мягкая сила, неуправляемый хаос, политика открытых дверей, гуманитарная интервенция, военное насилие.

**HUMANITARIAN ASPECT OF INTER-STATE COOPERATION OF TAJIKISTAN WITH REGIONAL COUNTRIES**

The following article discusses and analyses the contents and the particularity aspect of international relations of the Republic of Tajikistan. The analysis of total humanitarian cooperation in the interrelated problem and today treats requests the deep and concrete comprehension of the factors. The proposal of such comprehension is possible in the course of studying of source of appearance and development of humanitarian initiatives in the international arena. Thus the basic sense of humanitarian element of the states' foreign policy can be formed their national interests if the theoretical bases of the foreign policy are defined with the classical methodology. The basis of humanitarian element of the foreign policy can be the comprehension of the human right and it is preferable to the state right, cultural communities, cultural structure and national structure and like this. In this case humanitarian policy will destroy the independence of these communities. The interference in the internal affairs of the states (through humanitarian policy), vanishing boundaries between internal and external policy, pushing the processes of losing sovereignty will be substantiated in this last comprehension. By the way the interrogation of the foreign policy is not the state actors' interests but it introduces the structures of corporation of outside the state. So without defining theoretical order of international relations humanitarian policy of this or that state places in the conception of foreign policy and it is impossible to write anything about humanitarian policy

**Key words:** humanitarian cooperation, cultural cooperation, soft force, uncontrollable chaos, open doors policy, humanitarian intervention, military violence.

**Сведения об авторах:** ***Самиев Холахмад Давлатович*** – Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, доцент кафедры международных отношений факультета международных отношений таджикского национального университета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **918-79-90-91.** E-mail: **samiev.kholakhmad@mail.ru**

***Абдуллоев Джамшед*** - Таджикский национальный университет, аспирант кафедры международных отношений. **Адрес:** 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект. Рудаки 17. Телефон: **(+992) 904-40-44-44.** E-mail: **ajam-44444@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Samiyev Kholakhmad Davlatovich*** - Tajik National University, Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the Department of International Relations of the Faculty of International Relations of the Tajik National University. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Tel: **918-79-90-91.** E-mail: **samiev.kholakhmad@mail.ru**

***Abdulloev Jamshed.*** – Tajik national university, post graduator of international relations department. **Adress:** 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17 Rudaki av. Tel: **(+992) 904-40-44-44**. E-mail: **ajam-44444@mail.ru**

**УДК: 930 (510) (575.3)**

# РАВОБИТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ҶУМҲУРИИ МАРДУМИИ ЧИН ДАР СОҲАИ ФАРҲАНГ ВА ҲУНАР ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

***Зокиров Иброҳим***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Омили фарҳангӣ ҳамеша яке аз нақшҳои муайянкунандаро дар низоми муносибатҳои байнидавлатӣ мебозад. Бинобар ин, омӯзиш ва таҳлили ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин дар соҳаи фарҳанг баҳри таҳкими ҳамкории кишварҳо дар тамоми соҳаҳо мусоидат менамояд. Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд намудаанд: «Гузаштагони мо дар «Авасто» тарзи ҳаёти ончунон покизаю одилонаро тарғиб намудаанд, ки асари он дар сиришту ниҳоди ниёгонамон пойбарҷо монда, ҳатто ҳамлаҳои тӯлонии аҷнабиёни истилогар ба сарзамини аҷдодии мо нақши ин фарҳанги олиро аз зеҳни халқ зудуда натавонистанд. Ниёгони мо бо шиори фарогир ва пурарзиши «Пиндори нек, гуфтори нек, кирдори нек» беҳтарин ва равшантарин орзую омоли инсониятро ҳакимонаву орифона ифода намудаанд, ки ин каломи пурҳикмат на танҳо барои чандин қавму миллат, балки барои ташаккули афкори рафтори аҳли башар ва арзишҳои умумиинсонӣ хидмат кардаанд”[1,с.22].

Халқи тоҷик воқеан дорои фарҳанги воло аст. Тоҷикон дар таърихи хеш чандин маротиба ба ғасб, ғоратгарӣ ва ваҳшонияти бераҳмонаи аҷнабиён гирифтор шудаанд, аммо онҳо тавонистанд забон ва фарҳанги хешро нигоҳ дошта, ба пеш раванд. Фарҳанги волои тоҷикон ва нақши онҳоро дар тамаддун ва ташкилшавии давлатдории дигар халқҳои Осиёи Марказӣ олимони ҷаҳон дар асарҳои хеш баланд арзёбӣ намудаанд.

Этнограф ва сайёҳи машҳури венгерӣ Арманий Вамбери баъди шиносоӣ ва тадқиқи таърихи рӯзгори халқиятҳои Осиёи Марказӣ дар солҳои 60-уми асри XIX навишта буд: "Тоҷикон дар асрҳои қадимтарину миёна аксарият буданд ва сарфи назар аз он ки аз идораи давлат маҳрум буданд, ба ҳокимони хеш муносибати баланди фарҳангӣ доранд. Дар асрҳои аввали қабули дини ислом дар донишҳои илоҳию фалсафӣ, пеш аз ҳама, тоҷикон бартарӣ доштанд"[2,с.47]. Оид ба дӯстиву ҳамкории халқи тоҷик бо халқҳои минтақа академик Бобоҷон Ғафуров дар асари безаволи хеш "Тоҷикон" чунин қайд намудаанд: "Мубориза якҷояи халқҳо, ки дар раванди он дӯстиву бародарӣ ба миён меомад, ба амалҳои харобкунандаи урдуҳое, ки аз тарафи чунин истилогарон, ба мисли Искандари Мақдунӣ, Чингизхон, Темур ва дигарон роҳбарӣ мешуданд, зид меистод. Ҳамкорӣ дар мубориза баҳри рушди иҷтимоӣ, алоқаҳои тиҷоратӣ-иқтисодии осоишта боиси инкишофи таҷзияи фарҳангӣ мегардиданд"[3,с.8].Вақтҳои охир давлатҳо ба сиёсати фарҳангии хеш аҳамияти бештар медиҳанд. Ба ғайр аз ин, омили фарҳангиро ин ё он давлат метавонад на танҳо ҳамчун воситаи рушди дипломатӣ, балки ба сифати воситаи самараноки мубориза баҳри манфиатҳои миллии ин ё он давлат берун аз он истифода намояд.

Тавре ки Президенти муҳтарами мо Эмомалӣ Раҳмон қайд мекунад: "Беназирии фарҳанги ҳар як халқро эътироф намуда, мо дар баробари ин, аз фарҳанги тамоми минтақа даст намекашем. Ин равобити самимии дӯстонаи моро нисбати ҳамаи халқиятҳои сокини он возеҳ месозад. Ягон халқе нест, ки аз берун таъсирро, таъсири тамаддун ё сиёсат, фарҳанг ё иқтисоди дигарро ҳис накарда бошад"[4]. Равобити фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Мардумии Чин аз даврони қадим маншаъ мегирад. Дар солҳои аввали истиқлолият дар Тоҷикистон диққати махсус ба муқаррарнамоӣ ва мустаҳкамкунии алоқаҳои фарҳангӣ бо кишварҳои ҳамсоя, бахусус Ҷумҳурии Мардумии Чин дода мешуд. Ба имзо расидани созишномаҳо ва шартномаҳо миёни Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Мардумии Чин ба манфиати кишварҳои ба ҳам дӯст маҳсуб меёбад.

Таърихшиноси тоҷик Амриддин Шарипов дар китоби худ қайд мекунад: "Фарҳанг ҳамеша дар равобити мутақобилаи халқҳову давлатҳо ҳамчун омили муҳим ва асосӣ баромад мекард. Бо баландшавии дараҷаи фарҳангии халқҳо алоқаи онҳо низ тақвият меёбад, имконияти наздикшавӣ ва мукаммалгардонии мутақобила зиёд мешавад"[5,с.60].

Бояд қайд кард, ки аз даврони қадим Роҳи Абрешим василаи пайвасткунандаи кишварҳо ба шумор мерафт. Аз рӯйи маълумоти маъхазҳои суғдие, ки ба асрҳои III-IV рост меоянд, маълум мегардад, ки тариқи Роҳи Абрешим равобити фарҳангӣ миёни шаҳрҳои тоҷикнишин Суғду Бохтар ва Чини Ғарбӣ босуръат ривоҷ меёфт. Солҳои минбаъда низ ин муносибатҳо сол аз сол рушд менамуданд[6,с.266].

Роҳи бузурги Абрешим минтақаи бузург, серҳаракати соҳибтамаддуне мебошад, ки дар он муколамаи фаъол гузашта, дар қадим ва асрҳои миёна дар он ҷо роҳҳои алоқаи хушкӣ ва баҳрӣ дар фазои АвруОсиё фаъол буданд. Бунёди Роҳи Абрешим ҳамчун асоси шоҳроҳи байниқитъавӣ, марҳилаи дарози "роҳҳои" нахустинро аз сар гузаронидааст, ки онҳо танҳо самти тамосҳои ғайримустақим буданд, вақте ки маъданҳои нодир аз як вилоят ба вилояти дигар, аз як халқ ба халқи дигар интиқол дода мешуданд. Инчунин, тавассути Роҳи Абрешим на танҳо равобити тиҷоратӣ, балки равобити фарҳангӣ низ рушд меёфт[7,с.57]. Бояд қайд кард, ки қисмати зиёди Роҳи Абрешим зери назорати суғдиён қарор дошт. Аз ҳамин лиҳоз, забони суғдӣ ба яке аз забонҳои паҳнгардидаи ҳамон давр табдил ёфта буд [6,с.180]. Дар замони муосир ҳамкориҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин асосан бо қабули созишномаҳои мазкур пеш бурда мешаванд:

1. Созишномаи миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба ҳамкориҳо дар соҳаи фарҳанг, ки 27-уми декабри соли 1993 дар шаҳри Душанбе ба имзо расидааст.

2. Барномаи табодули фарҳангӣ миёни Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Мардумии Чин барои солҳои 2005-2009, 18-уми майи соли 2005 ш.Душанбе.

3. Барномаи табодули фарҳангӣ миёни Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Мардумии Чин барои солҳои 2012-2014, 4-уми июни соли 2012 ш.Пекин.

Робитаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин аз соли 1993 шурӯъ гардида, ҳамасола пайваста инкишоф меёбанд. Дар ин самт ҳамкориҳои дуҷонибаи афзалиятнок дар пояи меъёрҳои байналхалқӣ идома доранд.

Созишномаи миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба ҳамкориҳо дар соҳаи фарҳанг, ки соли 1993 ба имзо расидааст, аз 16 модда иборат мебошад. Ҳукумати Тоҷикистону Чин барои равнақи муносибатҳои бародаронаву дӯстона миёни халқҳои ҳарду кишвар кӯшиш намуда, таҷрибаи бисёрсолаи равобити фарҳангии кишварҳоро ба инобат гирифта, мақом ва нақши фарҳангу ҳунарро дар инкишофи ҳамдигарфаҳмии халқҳо, таҳкими алоқаҳои байнидавлатӣ ва байни миллатҳои ҳарду кишвар, бо эҳтироми арзишҳои умумибашарии эътирофнамуда созишномаи мазкурро ба имзо расониданд.

Мутобиқи банду моддаҳои созишномаи мазкур кишварҳо баҳри табодули таҷриба миёни ташкилотҳои фарҳангӣ ва ҳунар, хамчунон инкишофи алоқаҳо миёни иттифоқҳои эҷодӣ ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ, намояндагони адабиёт ва ҳунар мусоидат менамоянд. Инчунин, бо мақсади ошноии беҳтар бо дастовардҳои фарҳангӣ ва ҳунарии тарафи дигар, тарафҳо бо ризоияти ҳамдигар рӯзҳои фарҳангии ҳарду кишварро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин баргузор менамоянд ва бо мақсади ғанӣ гардонидани ҳаёти фарҳангии ҳарду ҷумҳурӣ, алоқамандиҳои таърии халқҳои хеш, аз маҳсули ҳамкориҳои мутақобил судманд дар радио ва телевизиони Чин ва Тоҷикистон бо мақсади тарғиби ҳаёти фарҳангии ҳарду кишвар пайваста хабар медиҳанд[8].

Дар партави иҷрои Созишномаи номбурда моҳи марти соли 2003 дар Осорхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи К.Беҳзод намоиши ҳунарҳои мардумии Ҷумҳурии Мардумии Чин ташкил карда шуд. Баъди баргузории намоиш 211 нигора ба Вазорати фарҳанг тақдим гардид. Яке аз рӯйдодҳои муҳим дар ҳамкории фарҳангии Тоҷикистону Чин имзои «Барномаи табодули фарҳангӣ» миёни Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Мардумии Чин барои солҳои 2005-2009 ва 2012-2014 мебошад, ки 18 майи соли 2005 дар толори Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расид. Барномаи мазкурро бо супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Амиров Р.А. ва аз ҷониби Ҷумҳурии Мардумии Чин сафири Чин дар Тоҷикистон У Хунбин имзо намуданд [9].

Дастоварди муҳимми фарҳангии кишварҳо баргузории рӯзҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Мардумии Чин ва рӯзҳои фарҳангии Ҷумҳурии Мардумии Чин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар асоси «Барномаи табодули фарҳангӣ» аз 21 то 28 майи соли 2007 Рӯзҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Мардумии Чин бо шукӯҳу шаҳомати хосса баргузор гардид. Ҳамзамон, 29-31 августи соли 2008 Рӯзҳои фарҳангии Ҷумҳурии Мардумии Чин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи хеле баланд доир карда шуд. Инчунин, 13-17 майи соли 2014 ва моҳи апрели соли 2019 Рӯзҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Мардумии Чин бо иштироки ҳунармандон, рассомон ва намояндагони соҳаи фарҳанг баргузор гардид. Ҳамзамон, дар доираи баргузории рӯзҳои фарҳангӣ мулоқоти дуҷониба бо вазири фарҳанги Ҷумҳурии Мардумии Чин ҷаноби Сай У, муовини вазир, мудири раёсати давлатии нашриёту матбаа, радио, филм ва телевизиони Чин ҷаноби Ҷианҷ Ҷианҷуо, муовини вазири фарҳанг, директори генералии раёсати давлатии ҳифзи мероси фарҳангӣ ҷаноби Ли Хиаочие баргузор гардид[10]

Дар ҷараёни вохӯриҳо масъалаҳои афзалиятноки ҳамкориҳои дуҷониба баррасӣ гардида, дар мавриди сохтори мақомоти номбурда, корбарӣ, шиносоӣ бо фаъолияти онҳо ва самтҳои дигари қобили таваҷҷуҳи дуҷониба дар фазои дӯстиву якдигарфаҳмӣ мубодилаи афкор сурат гирифт. Инчунин, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи солҳои соҳибистиқлолӣ алоқаҳои фарҳангиро бо ноҳияҳои алоҳидаи Ҷумҳурии Мардумии Чин, аз қабили Синзян Уйғур ва Сисикари Ҷумҳурии Мардумии Чин барқарор намуда, ҳамасола ширкати намояндагон ва ҳунармандон дар чорабиниҳои якдигар таъмин карда мешавад.

Барои мисол, соли 1998 бо дастгирии намояндагии тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Мардумии Чин рӯзҳои Даҳаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Урумчи баргузор гардид. Ҳамон сол ансамбли «Чаман»-и Филармонияи давлатии Тоҷикистон барои ҳунарнамоӣ ва дигар ҳамкориҳои фарҳангӣ ба вилояти Сисикари Ҷумҳурии Мардумии Чин сафари ҳунарӣ анҷом дод. Инчунин, моҳҳои март ва майи соли 2011 бошад, ду гурӯҳи ҳунарӣ аз ноҳияи Синзян Уйғури Ҷумҳурии Мардумии Чин ба Тоҷикистон сафар намуда, барномаҳои консертии онҳо ҳамчун пайғоми дӯстӣ дар шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ баргузор карда шуд. Ҷавобан моҳи июли ҳамон сол Ансамбли давлатии хизматнишондодаи рақсии «Лола» ба номи Ғ.Валаматзода дар муддати як ҳафта дар «Фестивали байналмилалии рақсӣ» дар шаҳри Урумчи иштирок намуда, бо барномаҳои хеле рангин ҳунарнамоӣ намуданд [11]. Инчунин, ҳамкории фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин дар дигар самтҳо низ сурат мегиранд. Мувофиқи

«Шартномаи ҳамкориҳои эҷодӣ миёни Сиркҳои Ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Чин» аз санаи 12 то 19 ноябри соли 2011 як гурӯҳи ҳунармандони Сирки давлатии Чин ба шаҳри Душанбе сафари ҳунарӣ доштанд. Гурӯҳи мазкур аз 28 нафар иборат буда, бо намоишҳои шавқовар дили ҳазорон тамошобинонро шод гардониданд. Бояд қайд кард, ки тамоми хароҷотҳои ин сафари ҳунармандони кишвари ҳамсояро Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон бар уҳда дошт [12].

Хулоса, бо назардошти он ки тайи солҳои охир муносибатҳои Тоҷикистону Чин мунтазам дар ҳоли рушду такомул қарор доранд, ба роҳ мондани тарҷума ва нашри осори адибону мутафаккирони Чин дар Тоҷикистон ва адибону олимони Тоҷикистон дар Чин, табодули таҷрибаомӯзии кормандони муассисаҳои фарҳангӣ, адибон, рӯзноманигорон, устодон ва шогирдони ҳунаристонҳои фарҳангу санъат, дар асосҳои имтиёзнок барои якдигар дар муассисаҳои таълимии хеш тарбия ва тайёр намудани ихтисосмандони соҳаҳои гуногуни фарҳанг барои ҳарду ҷониб хеле муфид хоҳад буд.

## АДАБИЁТ


1. Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён (китоби сеюм) / Э.Раҳмонов. –Душанбе, 2006. -С.22.
2. Вамбери А. Очерки Средней Азии / А. Вамбери. -М., 1868. -С. 47.
3. Гафуров Б.Г. Таджики / Б.Г. Гафуров. –Москва, 1972. -С. 8.
4. Рахмонов. Э. Тысяча лет в одну жизнь / Э. Рахмонов // Независимая газета. 31 августа 1999 г.
5. Шарипов А. Из истории таджикско-казахстанских взаимоотношений (1991-2006) / А.Шарипов. –Душанбе., 2012. -С. 60.
6. Алимов Р. Таджикистан и Китай: курсом стратегического партнёрства / Р. Алимов. –Москва, 2014. -С. 266.
7. Зарифӣ Ҳ., Сатторов А. Тоҷикистон-Хитой: ташаккули сарҳади давлатӣ. Таърих ва замони муосир / Ҳ.Зарифӣ, А.Сатторов. –Душанбе, 2016. -С. 57.
8. Бойгонии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи муносибатҳои байналхалқӣ. Папкаи Созишномаҳо. Созишнома миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба ҳамкориҳо дар соҳаи фарҳанг аз 27 декабри соли 1993.
9. Бойгонии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи муносибатҳои байналхалқӣ. Маълумот дар бораи ҳамкориҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Мардумии Чин. Варақи 3-11/3122 аз 17.02.2005.
10. Бойгонии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ. Ҳисоботи вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Орумбеков Ш, аз 19 майи соли 2014.
11. Бойгонии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ. Варақи 2-692, аз 16.11.1998.
12. Бойгонии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ. Варақи 1-09/2415, аз 01.11.2011.


## РАВОБИТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ҶУМҲУРИИ МАРДУМИИ ЧИН ДАР СОҲАИ ФАРҲАНГ ВА ҲУНАР ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ


Дар мақолаи мазкур муаллиф раванди равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Мардумии Чинро дар соҳаи фарҳанг ва ҳунар дар даврони истиқлолият мавриди баррасӣ қарор додааст. Омили фарҳангӣ ҳамеша яке аз нақшҳои муайянкунандаро дар низоми муносибатҳои байнидавлатӣ мебозад. Бинобар ин, омӯзиш ва таҳлили ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин дар соҳаи фарҳанг баҳри таҳкими ҳамкории кишварҳо дар тамоми соҳаҳо мусоидат менамояд. Халқи тоҷик воқеан дорои фарҳанги воло аст. Тоҷикон дар таърихи хеш чандин маротиба ба ғасб, ғоратгарӣ ва ваҳшонияти бераҳмонаи аҷнабиён гирифтор шудаанд, аммо онҳо тавонистанд забон ва фарҳанги хешро нигоҳ дошта, ба пеш раванд. Бо назардошти он ки тайи солҳои охир муносибатҳои Тоҷикистону Чин мунтазам дар ҳоли рушду такомул қарор доранд, ба роҳ мондани тарҷума ва нашри осори адибону мутафаккирони Чин дар Тоҷикистон ва адибону олимони Тоҷикистон дар Чин, табодули таҷрибаомӯзии кормандони муассисаҳои фарҳангӣ, адибон, рӯзноманигорон, устодон ва шогирдони ҳунаристонҳои фарҳангу санъат, дар асосҳои имтиёзнок барои якдигар дар муассисаҳои таълимии хеш тарбия ва тайёр намудани ихтисосмандони соҳаҳои гуногуни фарҳанг барои ҳарду ҷониб хеле муфид хоҳад буд.



**Калидвожаҳо:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Мардумии Чин, муносибатҳои Тоҷикистону Чин, раванди равобит дар соҳаи фарҳанг ва ҳунар, даврони истиқлолият, табодули таҷрибаомӯзии кормандони муассисаҳои фарҳангӣ.


## ВЗАИМООТНОШЕНИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И КИТАЙСКОЙ НАРОДНОЙ РЕСПУБЛИКИ В СФЕРЕ КУЛЬТУРЫ И ИСКУССТ В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ


В данной статье автор рассматривает процесс развития взаимоотношений между Республикой Таджикистан и Китайской Народной Республики в сфере культры и искусств в период независимости. Культурный фактор всегда играет определяющую роль в системе межгосударственных отношений. Поэтому, изучение и анализ сотрудничества Республики Таджикистан и Китайской Народной Республики в сфере культуры способствует укреплению сотрудничества этих стран в различных сферах. Таджикский народ в действительности имееб богатую культуру. Таджики в своей истории не раз подвергались захвату, разбойными нападениям и зверствам со стороны иноземных завовевателей, но они смогли сохранить свой язык и культуру и продвигаться вперед. С учетом того, что в последние годы отношений Таджикистана и Китая находятся в процессе укрепления и развития, перевод издание наследия китайских просветителей в Таджикистане и литераторов и ученых Таджикистана в Китае, обмен опытом между работниками сферы культуры, литераторами, писателями журналдистами, преподавателями и

студентами, обучение и воспитание специалистов сферы культуры в учебных заведениях двух стран на льготных условиях будет полезным и выгодным и для Таджикистана и для Китайской Народной Республики.

**Ключевые слова:** Республика Таджикистан, Китайская Народная Республика, процесс взаимоотношений в сфере культуры и искусств, период независимости, обмен опытом между работниками сферы культуры.

**RELATIONS BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE CHINESE PEOPLE'S REPUBLIC IN THE FIELD OF CULTURE AND ART IN THE DEPENDENCE**

In this article, the author considers the process of developing relations between the Republic of Tajikistan and the People's Republic of China in the field of culture and arts during the period of independence. The cultural factor always plays a decisive role in the system of interstate relations. Therefore, the study and analysis of cooperation between the Republic of Tajikistan and the People's Republic of China in the field of culture helps to strengthen the cooperation of these countries in various fields. The Tajik people actually have a rich culture. Tajiks in their history have been repeatedly captured, robbery and atrocities by foreign invaders, but they were able to preserve their language and culture and move forward. Considering that in recent years, relations between Tajikistan and China are in the process of strengthening and developing, the translation is the publication of the legacy of Chinese educators in Tajikistan and writers and scholars of Tajikistan in China, the exchange of experience between cultural workers, writers, journalist writers, teachers and students, training and education of cultural specialists in educational institutions of the two countries on favorable terms will be useful and beneficial for Tajikistan and the People’s Republic of China.

**Keywords:** Republic of Tajikistan, People's Republic of China, the process of relations in the field of culture and the arts, the period of independence, the exchange of experience between cultural workers.

**Сведения об авторе:** ***Зокиров Иброхим*** - Таджикский национальный университет, аспирант кафедры зарубежного регионоведения факультета международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **ibrokhim.zakirov@mail.ru**. Телефон: **(+992) 985917997**

**Information about the author:** ***Zokirov Ibrohim*** - Tajik National University, graduate student of the Department of Foreign Regional Studies, Faculty of International Relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **ibrokhim.zakirov@mail.ru**. Telephone: **(+992) 985-91-79-97**

**УДК:93:379.85(1-87)**

# РУШДИ ТУРИЗМ ДАР ҲИНДУСТОН

***Турсунов Т.Х.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Истиқлолияти миллии Ҳиндустон дар соли 1947 боиси танзими сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар гардид ва фаъолияти мустақилона дар ҳама самтҳои ҳаётан муҳим ба роҳ монда шуд. Дар ин марҳилаи муҳимми таърихӣ яке аз масъалаҳое, ки барои рушди иқтисоди кишвари тозаистиқлол аҳаммияти аввалиндараҷа дошт, соҳаи сайёҳӣ буд. Иқтидори мавҷуда барои густариши туризмро дар Ҳиндустон ба инобат гирифта, соли 1948 кумитаи махсуси нақлиётӣ-муассисаи махсус доир ба рушди туризм таъсис дода шуд. Дар асоси пешниҳоди ин кумита дар соли 1949, шохаи нақлиётӣ-сайёҳӣ бо шуъбаҳои минтақавӣ дар Деҳли ва Мумбай созмон ёфт. Соли 1951 бошад, дар Калкутта ва Ченнай низ чунин филиалҳои сайёҳӣ созмон ёфтанд. 1 марти соли 1958 шуъбаи алоҳидаи сайёҳии назди ҳукумати Ҳиндустон созмон дода шуд, ки дар доираи салоҳияти Вазорати нақлиёт ва коммуникатсия қарор гирифт. Дар як вақт Шӯро оид ба рушди туризм, муассисаи машваратӣ зери роҳбарии вазир оид ба масъалаҳои туризм таъсис дода шуд [4, с.214-217]. Пас аз он ки шумораи сайёҳон нисбат ба солҳои қаблӣ ба Ҳиндустон кам гардид, дар соли 1961 ҳукумат зери роҳбарии Лакшми Кант Ҷа (котиби департамент оид ба масоили иқтисодии назди Вазорати молия) кумита таъсис дод, то сабаби кам шудани сайёҳонро мавриди омӯзиш қарор диҳад. Кумита сабабро дар таҷовузи Хитой дар муқоиса ба ҷанги чину ҳинд дар соли 1962 нисбат дод. Соли 1966 Корпоратсияи рушди туризм ҳамчун агентии функсионалии Департаменти туризм созмон дода шуд. Моҳи октябри соли 1966 сарвазир Индира Ганди Вазорати туризм ва авиатсияи шаҳрвандӣ таъсис дод ва аввалин вазири он Каран Сингх буд [4, с.214-217.] Аммо К.Сингх бо сабаби дастрас карда натавонистани восситаҳои пешбаранда ва инфрасохтори туризм ба рушд додани туризм муваффақ нашуд.

Ҳамин тариқ, Вазорати туризми Ҳиндустон гоҳ дар алоҳидагӣ ва гоҳе дар якҷоягӣ бо вазоратҳои дигар, аз ҷумла бо Вазорати хоҷагии қишлоқ, Вазорати савдо фаъолият кард. Аз соли 2002 ҳамчун Вазорати туризм фаъолият дорад ва дар рушди туризми Ҳиндустон нақши муассир гузоштааст. Туризм дар Ҳиндустон яке аз соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди кишвар ба ҳисоб меравад. Дар ин соҳа 39,3 миллион аҳолии кишвар фаъолият доранд, ки 7,9%-и аҳолии қобили меҳнати Ҳиндустонро ташкил медиҳад. Дар марҳилаи солҳои 1990-2011 маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз ҳисоби туризм 229% рушд ёфтааст [15]. Аз рӯйи

таҳлилҳо дар даҳсолаи наздик ҳамасола туризми Ҳиндустон 7,7 % инкишоф меёбад [3]. Дар соли 2011 вобаста ба интишороти *World Travel and Tourism Council (Шӯрои байналмиллалӣ доир ба туризм ва саёҳат)* соҳаи туризм дар Ҳиндустон ба буҷаи кишвар 121 миллиард доллар фоида овардааст, ки 6,4%-и ММД-и кишварро ташкил медиҳад. Дар соли 2011 *World Travel and Tourism Council* пешгӯӣ намуда буд, ки аз соли 2011 то соли 2021 рушди солонаи туризм дар Ҳиндустон 8,8%-ро ташкил медиҳад ва Ҳиндустон дар рӯйхати кишварҳои аз нигоҳи туризм рушдёбанда дар ҷойи панҷум қарор мегирад [6].

Ҳамасола Ҳиндустонро аз кишварҳои гуногуни олам бо мақсади саёҳат зиёда аз 6,29 млн нафар дидан менамоянд. Сайёҳони хориҷӣ бештар аз Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (16%) ва Британияи Кабир (12,6%) мебошанд. Дар соли 2011 сайёҳон бештар ба штатҳои Махараштра, Тамилнад ва Деҳли ташриф оварданд. Сайёҳони дохилӣ аксаран аз штатҳои Андхра-Прадеш ва Тамилнад дидан менамоянд [2]. Ченнай, Деҳлӣ, Мумбай ва Агра диққати сайёҳони хориҷиро ба худ ҷалб менамояд. Дар рейтинги байналмилалӣ аз рӯйи ташрифи сайёҳони хориҷӣ Ченнай дар ҷойи 41-ум, Деҳли дар ҷойи 50, Мумбай дар ҷойи 57 ва Агра дар ҷойи 65 қарор гирифтаанд [5].

Ҳиндустон дар соҳаи туризм дар ҷаҳон миёни 139 давлат тақрибан ҷойи 28-умро ишғол менамояд. Нақлиёти ҳавоӣ ва заминии мавҷуда имкон медиҳад, ки соҳаи туризм ба дараҷаи зарурӣ инкишоф ёбад. Дар баробари ин, баъзе аз соҳаҳои туризм дар Ҳиндустон заиф боқӣ мондаанд. Дар Ҳиндустон дар муқоиса бо аҳолӣ ва стандартҳои ҷаҳонӣ шумораи хуҷраҳо дар меҳмонхонаҳо кам аст. Ҳукумати Ҳиндустон муайян кардааст, ки аз набудани зиёда аз 150 ҳазор ҳуҷраҳои меҳмонхона буҷаи кишвар ҳамасола зарар мебинад. Вазорати туризми Ҳиндустон сиёсати миллии рушд ва пешрафти туризмро коркард намудааст. Дар рафти таҳияи ин сиёсат вазорат андешаи шахсони ҳавасманд, вазорату идораҳои марказӣ, агентиҳо, ҳукумати штатҳо ва ҳудудҳои иттифоқӣ ва ҳамзамон сектори хусусиро ба инобат гирифтааст. Фаъолияти дастаҷамъона боис гаштааст, ки намудҳои гуногуни туризм, аз қабили туризми хоҷагии деҳот, туризми баҳрӣ, туризми тиббӣ, туризми фарҳангӣ, туризми варзишӣ ва туризми экологӣ ба роҳ монда шавад [1].

Вазорати туризмро ширкати Incredible India (Ҳиндустони муқтадир) дастгирӣ менамояд. Таърихи афсонавӣ ва фарҳангу ҷуғрофияи гуногунранги Ҳиндустон диққати сайёҳонро ба ин сарзамин бештар ҷалб кардааст.

Масалан, дар штати Андхра-Прадеш теппаҳои хушманзара, ҷангалзор, мавзеъҳои оббозӣ мавҷуд аст. Ҳайдаробод ҳамчун «шаҳри дурдона» ва ё «шаҳри бонизом» дониста шуда, имрӯз яке аз шаҳрҳои рушдёфта ва маркази технологияҳои информатсионӣ ва биотехнология мебошад. Ҳайдаробод ҳамзамон дорои санъату фарҳанг ва таъриху санъати меъмории бой буда, макони баҳамоии шимолу ҷануби Ҳиндустон маҳсуб меёбад.

Дар Андхра-Прадеш бошад, маъбади Тирумали Венкатешвари –ҷойгоҳи худои Венкатешвари, дувумин маркази динии ҷаҳон, ки одамон аз тамоми гӯшаҳои дунё дидан мекунанд, маъбади Вемулавадаро, ки ҳокимони сулолаи Чалукя дар солҳои 750-975 бунёд карда буданд, мавҷуданд ва макони сайёҳӣ маҳсуб мешаванд.

Марказҳои буддоии Арамаватхии округи Гунтур, Нагарҷуна-Кондаи Бхаттипролу, Мангалагири, Гхантасалаи округи Кришна, Дхуликаттаи округи Каримнагар, Лингапалеми округи Годаварии Ғарбӣ ҳамчун макони сайёҳӣ нисбатан маъруф ҳастанд.

Похтахти Ҳиндустон шаҳри Деҳли яке аз мавзеъҳоест, ки диққати сайёҳони дохиливу хориҷиро ба худ ҷалб кардааст. Дар ин шаҳр ҳам санъати меъмории қадима ва ҳам муосир мавҷуд аст. Деҳли маркази фарҳангҳои гуногун мебошад. Зеро дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ Деҳли маркази империяҳои гуногун буд, ки фарҳанг ва санъати меъмории онҳоро ҳифз кардааст. То рӯзҳои мо ёдгориҳои таърихӣ-фарҳангии пойтахтҳои Ҳиндустон, аз қабили Туғлакобод, Қутб-Манор, Пурана-Кила, Саъди Лоди, Ҷумъа-Масҷид, Мақбараи Ҳумоюн, Қалъаи Сурх, Мақбараи Сафдарҷанг ва ғайра боқӣ мондаанд. Ҳамзамон, дар Деҳли ёдгориҳои замони муосир, аз зумраи Ҷантар-Мантар, Дарвозаи Ҳиндустон, Раштрапати-Бхаван, маъбади Лакшми-Нараяна, маъбади Лотос ва Акшардхам мавҷуд аст.

Деҳлии нав бошад, бо санъати меъмории бритонии замони мустамликавӣ - роҳҳои васеъ, гулгаштҳои сабзу хуррам маълуму машҳур аст. Деҳли макони фарҳанги сиёсӣ, осорхонаҳои миллӣ, маъбадҳои ҳиндӣ, муқаддасоти исломӣ, хиёбонҳои гулпӯш ва марказҳои тиҷоратии замонавӣ мебошад, ки бешубҳа ба ҷалби сайёҳони дохиливу хориҷӣ сабаб мешавад. Яке аз маконҳое, ки диққати сайёҳонро ба худ мекашад ва ба рушди туризм сабаб гардидааст, ин Тоҷмаҳал мебошад. Тоҷмаҳал яке аз дастовардҳои муҳимми санъати меъмории Ҳиндустон буда, дар шаҳри Агра, дар штати Уттар-Прадеш воқеъ гаштааст. Тоҷмаҳалро тақрибан дар миёнаи солҳои 1631 ва 1653 Шоҳҷаҳон ба хотири ҳамсараш Мумтозмаҳал бунёд кардааст. Дар Тоҷмаҳал хокистари Мумтозмаҳал нигоҳ дошта мешавад. Ёдгории дигари тамошобоб и шаҳри Фотеҳпур-Сикри дар штати Уттар-

Прадеши Агра мебошад. Дар замони ҳокимияти Акбари I (1571-1585) ин шаҳр пойтахти Империяи Моғулҳои Бузург буд, вале вақте ки император ба Лоҳур куч баст, дигар пойтахт набуд. Аз соли 1986 шаҳри қадимаи Фотеҳпур-Сикри ҳамчун объекти мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО шинохта шудааст. Шаҳри Варанаси низ дар штати Уттар-Прадеш ҷой дорад. Чуноне ки Ватикан барои католикҳо арзиш дорад, Варанаси барои ҳиндуҳо чунин арзишро дорост ва онро Рими ҳиндуҳо медонанд [7, с.82]. Варанаси шаҳри муқаддаси буддоиён ва ҷайниҳо ба ҳисоб рафта, яке аз мавзеъҳои муқаддас дар ҷаҳони ҳиндуизм мебошад. Маъбади Махабодхи аз маъбадҳои машҳури дини буддоӣ буда, дар Бодх-Гая айнан дар ҷоест, ки Гаутама Сидхарта Буддо шуда буд. Бодхя-Гая дар штати Биҳор 96 километр дуртар аз Патна воқеъ аст. Ба комплекси маъбад дарахти муқаддаси Бодхи низ шомил аст. Дар соли 2002 маъбади Махабодхи ба объетҳои муҳофизатии мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО ворид карда шуд.

Наланда - донишгоҳи буддоӣ ва комплекси монастирӣ, ки аз асрҳои V-XII дар шимоли Ҳиндустон боқӣ мондааст ва бузургтарин маркази таълимии замони худ маҳсуб ёфта, дар он файласуфони бузурги буддоӣ аз кишварҳои гуногуни олам таълим гирифта буданд. Ёдгории таърихии Наланда дар музофоти Биҳор, 90 км дар ҷанубу шарқи Патна воқеъ мебошад.

Маъбади Брахидеешварар - ибодатхонаи ҳиндӣ, санъати меъмории дравидӣ дар шаҳри Тханҷавур дар штати Тамилнад воқеъ аст. Брахидеешварар бо фармони шоҳ Раҷараҷа Чолаи I аз сулолаи Чола бунёд карда шудааст. Дар баробари дигар муқаддасоти Чола, Брахидеешварар ба рӯйхати объектҳои мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО ворид гардидааст.

Маъбади Айраветасвара маъбади ҳиндии санъати меъмории дравидӣ дар шаҳри Дарасурами штати Тамилнад воқеъ гардида, бо фармоиши шоҳ Раҷараҷа Чоли II дар садсолаи дувоздаҳум бунёд карда шудааст. Ин маъбад низ аз ҷониби ЮНЕСКО ҳифз карда мешавад.

Маъбади соҳилӣ - маъбади ҳиндӣ воқеъ дар штати Тамилнад, дар қатори дигар ёдгориҳои Махабалипурама соли 1984 ҳамчун мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО эътироф шудааст.

Хармандир-Сахиб маъбади марказии дини сикхизм дар шаҳри Амритсар штати Панҷоб воқеъ аст. Дар соли 1577 гуру сикхи 4-ум Рам Дас обанбор бунёд кард, ки ҳамчун Амритсар (сарчашмаи шаҳди ҷовидона) машҳур аст. Ин ном минбаъд ба номи шаҳр табдил ёфт. Дар маркази обанбор маъбад мавҷуд аст, ки нишеманҳои болоии он бо тилло оро дода шудааст ва номи дигари он «Маъбади тиллоӣ» аст.

Маъбади Нилуфар (Лотос) маъбади асосии баҳоиёни Ҳиндустон ва кишварҳои ҳамҷавор мебошад. Ин бинои боҳашамат аз мармари сафед дар шакли шукуфтани гули нилуфар сохта шуда, дар Деҳли воқеъ аст ва сайёҳон ба тамошои он таваҷҷуҳи зиёд доранд.

Хова Маҳал - ҳарами панҷнишемаи қаноти комплекси махараҷаи Ҷайпур Савай Пратап Сингх, ки солҳои 1778-1803 ҳукм рондааст, буда, аз резасангҳои гулдор дар шакли тоҷи Кришна на дертар аз соли 1799 сохта шудааст.

Тоҷ-Маҳал Палас яке аз машҳуртарин меҳмонхонаҳои Ҳиндустон дар давоми садсолаҳо буд. Он дар асри XIX бунёд шуда, дар давоми солҳои зиёд ҳунармандон, нависандагон, фаъолони сиёсӣ иҷора нишастаанд. Дар солҳои 70-уми асри XX зиёда аз 50 меҳмонхонаҳои «Тоҷмаҳал» дар Ҳиндустон ва 13 меҳмонхонаи «Тоҷмаҳал» дар миқёси ҷаҳон бунёд карда шуданд.

Ёдгории Виктория – ёдгории маликаи Британия Виктория мебошад, ки унвони императорзани Ҳиндустонро дошт. Ин ёдгорӣ имрӯз ба сифати осорхона дар Калкутта мавриди таваҷҷуҳи сайёҳони дохиливу хориҷӣ қарор гирифтааст.

Вокзали Чхатрапати Шиваҷи- вокзали таърихӣ дар шаҳри Мумбай буда, яке аз серодамтарин вокзалҳои Ҳиндустон мебошад. Ин вокзал ба мисли бузургтарин фурудгоҳи Ҳиндустон ба номи қаҳрамони миллии Ҳиндустон Чхатрапати Шиваҷи номгузорӣ шудааст.

Сайёҳони хориҷиву дохилӣ бештар аз штатҳои Махараштра, Тамилнад, Деҳли, Уттар-Прадеш, Андхра-Прадеш, Роҷистон, Банғолаи Ғарбӣ, Биҳор, Керала, Карнатака, Химачал-Прадеш, Уттаракханд, Гуҷарат дидан менамоянд. Табиат ва ландшафтҳои зебо боиси рушди туризми экологӣ дар Ҳиндустон гаштааст [18]. Созмони умумиҷаҳонии тандурустии СММ туризми экологиро як шакли саёҳат дар бағали табиат номидааст, ки дар Ҳиндустон ин навъи туризм рушд кардааст. Боғҳои фарҳангӣ-фароғатии миллии Ҳиндустон, аз зумраи Казиранга, Ҷалдапара, Манас, Дачигам, Ҷавҳар, Бандипур, Нагархол, Мудумалай ва Ваянад макони рушди экотуризм мебошанд.

Туризм яке аз соҳаҳои сердаромади соҳаи иқтисоди Ҳиндустон буда, ҳамасола ба буҷаи давлат 5 миллиард доллар фоида оварда, 50 млн. нафарро бо ҷойи кор таъмин менамояд [17]. Ҳанӯз чанд сол қалб, агар сафар ба Ҳиндустон саёҳати «Секунҷаи тиллоӣ» дониста мешуд, имрӯзҳо истироҳат дар курортҳои Ҳиндустон маъмулӣ гаштааст. Аз рӯйи хусусиятҳои хоссаашон худудҳои туристӣ ба якчанд гурӯҳҳо ҷудо карда мешаванд, ки дар байни онҳо ноҳияҳои курортӣ ва комплексҳои алоҳидаи табобатию санаторӣ ва комплексҳои туристии лижаронии кӯҳӣ шуҳрати ҷаҳонӣ доранд. Ноҳияҳои туристии наздибаҳрӣ яке аз минтақаҳои зудинкишофёбандаи соҳаи туризм ба ҳисоб мераванд. Мувофиқи маълумотҳои оморӣ аз рӯйи шумораи қабули туристон ноҳияҳои наздибаҳрӣ баъд аз шаҳрҳои машҳури туристӣ ҷойи дуюмро ишғол мекунанд. Машҳуртарин курортҳо дар соҳилҳои ғарбии Ҳиндустон, бахусус дар штати Гоа ҷойгир шудаанд. То соли 1963 Гоа мустамликаи Португалия буд [9]. Ин мавзеъ миёни аврупоиён хеле маъруф гаштааст. Рушди туризм дар Гоа ба солҳои 70-уми қарни гузашта рост меояд. Зеро дар ин марҳила гурӯҳи «ҷавонони тиллоӣ»-и замон -хиппиҳо (аз рӯйи тафсири этимологӣ ḥip ё ḥep - доно, донанда) аз тамоми гӯшаву канори олам ба Гоа ташриф меоварданд. Хиппиҳо баъзан аз Аврупо пиёда тариқи Эрону Афғонистону Покистон бе роҳкиро ва бе харитаи муайяни сафар ба Ҳиндустон мерасиданд [8]. Моҳҳову солҳо дар Гоа мемонданд. Имрӯзҳо дар Гоа нафаронеро вохӯрдан мумкин аст, ки ба мисли хиппиҳои солҳои 70-ум сару либос доранд. Вақти бисёр мувофиқ барои саёҳат ба Гоа моҳҳои аз октябр то март мебошад. Дар дигар моҳҳо боронҳои дарозмуддат монеа барои истироҳат аст. Яке аз мавзеъҳои диданибоби Гоа ин мавзеи истироҳатии Морҷим аст, ки миёни Арҷум ва Арамбол воқеъ аст. Дар Гоа Морҷимро «деҳаи русҳо» мегӯянд, чунки 80%-и сайёҳон русҳо ҳастанд.

Яке аз мавзеъҳои дигари сайёҳӣ дар Ҳиндустон штати ҷанубии соҳили ғарбӣ Керала мебошад. Керала ба даҳгонаи маконҳои хушманзараи дунё шомил шудааст ва яке аз штатҳои рушдкардаи Ҳиндустон мебошад. Беҳтарин ва зеботарин кӯлҳо дошта, дарахтони сершумори норгили зебо дар Марави ва Ковалама қомат афрохтаанд. Инфрасохтори истироҳатӣ ва меҳмонхонаҳои барҳаво табъи дили сайёҳон аст. Курортҳои Керала бо марказҳои аюрведии худ маълуму машҳуранд.

Дар Гоа яке аз ҳолатҳои барои сайёҳон хатарзо ҳаракат дар роҳҳо мебошад. Ҳаракат дар роҳ дар Гоа аз кишварҳои пасошӯравӣ ба куллӣ фарқ дорад. Полис ба сайёҳон кор намегирад [14]. Аз ин рӯ, аксарияти сайёҳон аз байк истифода мекунанд ва аксаран дар ҳолати сархушӣ ба дигар иштиркочиёни ҳаракат дар роҳ хатар эҷод менамоянд.

Ҳамасола Ҳиндустонро сайёҳони хориҷӣ дидан менамоянд ва соли 2017 шумораи сайёҳоне, ки аз Ҳиндустон дидан намуданд, 5 млн. нафарро ташкил медиҳад ва ин шумора ҳамасола 10 % афзоиш меёбад ва ин беҳуда нест [10]. Зеро Ҳиндустон кишвари дилрабои туристӣ буда, чи барои туризми муташаккил ва чи туризми ҷудогона шароити созгор дорад. Нафаре барои тадқиқот, дигаре барои ҷустуҷӯи маънавиёт, сеюмӣ бо шавқу ҳаваси сайёҳӣ, чорумӣ барои хоҳишҳои одӣ, панҷумӣ барои узлат, шашумӣ бо ҳисси озодӣ ва ғайра аз Ҳиндустон дидан менамоянд. Ландшафтҳои табиӣ, кӯҳу ҳамворӣ, ҷангалу теппа, соҳили укёнус ва ҷунглӣ табиатро рангорангу диданӣ кардааст. Фарҳанги бою қадима ва санъати бузург, анъанаву урфу одат, мусиқӣ ва рақс, ҳунармандӣ ва ғайра ҷолиби диққат мебошанд. Анъанаҳои бузурги дини ҳиндузму буддизм, ислому насронӣ, ҷайнизму зардуштӣ бемонеа нигоҳ дошта мешаванд.

Аз рӯйи натиҷаи соли 2017 Ҳиндустонро зиёда аз 10 миллион сайёҳони хориҷӣ дидаанд, ки 27 млрд. доллар фоида овардаанд. Дар ин хусус роҳбари Шӯрои туризми кишвар Кдж Алфонс ахборот додааст [16]. Ба гуфти ӯ, ММД-и Ҳиндустон аз ҳисоби сектори туризм 6,88 % буда, ҳиссаи ҷойҳои корӣ аз ин ҳисоб 12 %-ро ташкил медиҳад. Танҳо дар моҳи ноябри соли 2017 зиёда аз 1 млн. нафар аз Ҳиндустон дидан кардаанд. Аз ин ҳисоб 16,77%-и сайёҳон аз кишвари Бангладеш, 14,77% аз Амрико, 10,23% аз Британияи Кабир, 4,41% аз Россия, 4,39% аз Канада, 3,96% аз Австралия, 3,50% аз Малайзия буданд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки аз ҳама намудҳои туризм дар Ҳиндустон бештар туризми тиббӣ ташаккул ёфтааст. Сайёҳон бештар аз Ғарб ба Ҳиндустон барои табобат ташриф меоранд. Зеро хизматрасонии тиббӣ дар Ҳиндустон нисбат ба кишварҳои Ғарб аз 40 то 80 % арзонтар аст [17]. Сайёҳони тиббӣ аз Африқо ва Осиё Ҳиндустонро барои он интихоб менамоянд, ки сифати хизматрасонӣ дар сатҳи олӣ буда, кормандони соҳаи тиб баландихтисос ҳастанд ва бештари онҳо маълумотро дар кишварҳои Ғарб гирифтаанд.

На танҳо нархи пасти хизматрасонӣ боиси рушди туризми тиббии Ҳиндустон аст, ҳамзамон хизматрасонии тиббӣ дар пешрафтатарин беморхонаҳои Ҳиндустон на камтар аз хизматрасониҳои тиббии беморхонаҳои Амрикову Британияи Кабир мебошад ва аз хизматрасонии аксари кишварҳои Осиё куллан бартарӣ дорад. Беморон аз кишварҳои Ғарб, ки муассисаҳои муосири тиббии аккредитасияшудаи Ҳиндустонро интихоб

мекунанд, сатҳи баланди хизматроние, ки ба он одат кардаанд, мавҷуд буда, духтурон ва кормандони тиббии Ҳиндустон ҷавобгӯй ба талаботи стандартии кишварҳои Ғарб мебошанд. Масалан, яке аз трансплантологи машҳури ҷаҳон Муҳаммад Рела ҳаст, ки барои ивази ҷигари кӯдаки 5-рӯза ба китоби рекордҳои Гиннес ворид гардида, то имрӯз зиёда аз 4 ҳазор ҷарроҳии ивази узвҳои инсонро гузаронидааст [12]. Ҳамасола дар Ҳиндустон зиёда аз 20 000 ҷарроҳии ивази узвҳои инсон гузаронида мешавад, ки дар муқоиса бо Германия (15 000 маротиба) ва Белорусия (300 мартиба) бештар аст. Нархи ивази ҷигар дар Германия 290 ҳазор доллар, дар Белорусия 120 ҳазор доллар ва дар Ҳиндустон 40 ҳазор доллар аст.

[8,с.65]. Дар давраи ҳукмронии шоҳ Аббоси 1 вазъи сиёсиву иқтисодӣ дар Эрон беҳтар будааст. Шоҳ Аббос ба тиҷорат диққати ҷиддӣ медод ва барои тоҷирон тамоми шароитро муҳайё карда буд. Роҳҳои тиҷоратӣ чунон ҳам бехатар будаанд, ки ба бехатарии роҳҳои аврупоӣ монандӣ мекардааст. Аммо, дар давраи шоҳ Хусейн, вазъият ба самти пастравӣ коҳиш мекунад. Ҳамон тавре ки епископи Исфаҳон Крушинский дар хотироташ менигорад, тоҷирон дар деҳаҳо таваққуф намекарданд, то ки ба ҳуҷуми деҳқонони гурусна дучор наоянд. Дар Эрони замони Шоҳ Ҳусейн ҳар як роҳбар, вазифаи худро муваққатӣ мепиндошт [1,с.10]. Даромади хазинаи давлатӣ дар давраи то ба тахт нишастани Султон Ҳусейн ҳамасола, то 15 млн пули ҳамонвақтаро ташкил медодааст. Ҳоло бошад, то 6 млн поён омадааст, сабаби камшавии он, ба хараҷу мараҷ роҳ додани роҳбарони олирутбаи давлатӣ будааст [1,с.6]. Вазъи артиш дар давраи Султон Ҳусейн боз ҳам бадтар шудааст: барои пардохти моҳонаи сарбозон, дар хазинаи давлат маблағ ёфт намешуд [1,с.6]. Вазъи Эрони давраи Шоҳ Ҳусейнро, чунин тавсиф кардаанд: «…ӯ на дар сари зердастонаш буд, балки зердастон дар сари ӯ буданд. Ҳамаи кори давлатиро Эҳтимодуддавла пеш мебурд, ки аз хар ҳам беақлтар буд...» [1,с.7]. Аз ин ҷост, ки зимни имзо намудани созишномаҳои байнидавлатӣ, бе таҳлил ва баррасӣ, бар зарари ба мардуми Эрон меовардаи он диққат намедод. Масалан, дар банди 2, дар шартномаи бо фаронсавиҳо имзокардаи ӯ аз 14 сентябри соли 1708 мехонем: "Молҳои содиршаванда ва воридшавандаи тоҷирони фаронсавӣ аз пардохти молиётӣ дар муддати 5 сол озод карда мешаванд, баъд аз он миқдори гирифтани молиёт чун пешина (3%) боқӣ мемонад" [1,с.6]. Дар шартномаи французӣ – эронӣ доир ба дӯстӣ ва тиҷорат, ки дар Версал 15 августи соли 1715 вазири Франсия ва намояндаи шоҳи Эрон Муҳаммад Ризобек имзо кардаанд, омадааст:

**Моддаи 1.** Шартномаи соли 1708 қуввати худро ҳифз мекунад, чунки бо моддаҳои шартномаи мазкур зиддият надорад.

**Моддаи 2.**Тоҷирони Фаронса ва умуман ҳамаи тоҷироне, ки зери парчами Фаронса савдо мекунанд, мехостанд ба Эрон озодона мол ворид намоянд, метавонанд бе пардохти ягон молиёт ва андоз аз он ҷо мол бароранд.

**Моддаи V.**Ба сафири Фаронса дар назди қароргоҳи шоҳи Эрон мақоми баланд дода мешавад, нисбат ба сафирони дигар кишварҳо ва ғайраҳо [1,с.9]. Ҳамин тавр, дар чунин вазъият, ҳуҷуми афғонҳо, ба Эрон ва шикасти он аз ҷониби роҳзанони афғон ба амал меояд. Дар ин бора месазад, ки каме муфассал маълумот диҳем. Дар соли 1709 вилояти Қандаҳорро аллакай шӯришгарон бо сарварии Мир Вайс зери дасти худ гирифта буданд. Ҳарчанд хони нави дар ин вилоят таъйиншуда, бо исми Гургонхон бо артиши гурҷиву арманӣ ва форсии худ хост, ки вилоятро аз дасти шӯришгарон бигирад, лекин аз сабаби рафтори бади аскаронаш, баръакс шикаст хурд ва минбаъд сабаби нест шудани давлати Сафавиҳо низ гардид.Чанде қабл аз шӯриш, аскарони Гургонхон ба Қандаҳор ҳамла намуда, дар ҳаққи аҳолии он ҷо аъмоли нораворо ба амал оварда буданд. Муаррихон зикр мекунанд, ки аскарони эронӣ, ки аз форсҳо, гурҷиҳо ва арманиҳо иборат буданд, теъдоди зиёди занону духтарони маҳалро ба ғорат бурда буданд [1,с.6]. Пас аз шикасти артиши хон, афғонҳо бо сарварии Мир Маҳмуд (писари Мир Вайс, аз қавми Гилзайи Қандаҳор) – мақсади забти пойтахти Эронро карданд, то ғанимат ба даст оранд. Мир Вайс ҳис намуд, ки пояҳои давлати Сафавияи Эрон суст шудаанд, аз ин рӯ шоҳи Эронро таслим бояд намуд. Афғонҳо 19.III- соли 1722 Ҷулфаро ишғол намуданд, пас аз 8 моҳи муҳосираи Исфаҳон, 22 ноябри соли 1722 Шоҳ Ҳусейн маҷбур гардид, ки тоҷи шоҳиро ба сари Мир Маҳмуди афғон гузорад [1,с.22]. Русҳо низ, аз бадбахтиҳои ба сари эрониҳо омада. истифода карданд. Новобаста аз нокомиҳое, ки ба русҳо дар ҷанги Прут дар соли 1711 даст дод ва ба бебарориҳо дар эъзомияҳои Бекович, Черкасский ва Бухголтс (1714-1717) нигоҳ накарда, Петри 1 ғалабаи шоистаеро бар Эрон дар соли 1722 анҷом дод. Дар натиҷа, шаҳрҳои Дарбант, Боку, музофотҳои Гелон, Мозандарон ва Астаробод ба ихтиёри русҳо даромаданд. Дар бораи вазъи Исфаҳон пас аз муҳосираи 7 - моҳа аз ҷониби Мир Маҳмуди афғон сарчашмаҳо чунин менависанд: «Дар моҳи июл ва август, мардум гӯшти шутур, асп ва харро хӯрданд, чунки дар рафи бозор чизи мехӯрданӣ намонда буд. Дар моҳи сентябр ва октябр, ба хӯрдани гӯшти сагу гурба шурӯъ карданд…,сипас ба хӯрдани алаф, решаҳои алаф ва дарахтон, ки онро орд карда мехӯрданд. Пӯсти пойафзолро ҷӯшонида мехӯрданд ва сипас, ба хӯрдани гӯшти инсонҳо шурӯъ карданд [4,с.125]. Ҳатто модароне ҳам буданд, ки фарзандони худро кушта гӯшти онҳоро мехӯрданд, то зинда монанд, чунки дигар чизе барои хӯрдан намонда буд» [1,с.6]. Мир Маҳмуди афғон аҳли дарбори Султон Ҳусейнро ба таври ваҳшиёна ба қатл расонд. Субҳи 25 январи соли 1723 Мир Маҳмуди афғон аҳли дарбори ба шикаст рӯбарӯшудаи Султон Ҳусейнро ҷамъ овард, ҳамаашонро бо кӯдаконашон паронд ва ҷасади онҳоро дар назди қасри шоҳ барои намоиш барчид [1,с.11]. Дар таърихи 22 апрели соли 1725, баъд аз табаддулоти дарборӣ Мир Маҳмуд аз тахт

ронда шуд ва ҷойи ӯро Ашраф ном писарамаки Мир Маҳмуд мегирад. Ба тахти Эрон нишастани афғони дигар, бо исми Ашраф беҳбудие барои эрониҳо наовард. Ашраф ҳам аз қавми Гилзай буд. ки аз рӯзи ба тахт нишастани Мирмаҳмуд, падарашро кушта буданд ва ӯро дар ҳабс нигоҳ медоштанд. Мирмаҳмуд вақти ба тахт нишастанаш, амакашро ҳам кушта буд ва Ашраф писари амакаш буд. Ашраф чун Мирмаҳмуд худхоҳ ва шахспараст набуд. Ашрафро, муаррихон сиёсатмадори нуктасанҷ номидаанд.

Аз хараҷу мараҷи дохилидарборӣ истифода бурда, дар соли 1725, русҳо то ҷанубии баҳри Каспий ва туркҳо бошанд, ба мулки форсҳо 3-армияи худро ворид карда, Тифлис ва шаҳри Ганҷаро ишғол намуданд. Сипас туркҳо соли 1725 Табрезро ҳам ишғол намуданд.

Дар охири соли 1725 Эрон байни 4 қувва тақсим шуда буд:

- ✓ Ашрафи афғон қисми зиёди кишварро ишғол карда буд.
- ✓ Туркҳо беш аз 825 км дарозои сарҳади форсро аз худ карданд (яъне аз шаҳри Ҳамадон то шимоли Гурҷистон).
- ✓ Русҳо қисматҳои ғарбии баҳри Каспий, вилояти Гелон.
- ✓ Умедворкунанда он буд, ки Таҳмоспшоҳ (писари Шоҳ Ҳусейн, шоҳи собиқи Эрон), қисмати хурди ҷануби баҳри Каспий ва вилояти Мозандронро дар ихтиёри худ дошт.

Мақсади туркҳо забт намудани тамоми қисматҳои сарзамини форсҳо буд. Онҳо ҳатто заминҳои ишғолкардаи русҳо ва афғонҳоро ҳам забт карданӣ буданд. Маълумоте, ки фиристодаи шоҳи рус Беневини дар ин хусус додааст, аҷиб аст. Ӯ пас аз эъзомияи нокоми Бекович Черкасский ба самти Шарқ раҳсипор шуда, дар тӯли сафар, дар хусуси вазъи Эрон, роҳҳо, муносибати форсҳо бо ҳайати эъзомия ва дар маҷмӯъ муносибати халқҳои Эрон бо русҳо, ба департаменти шарқии ВКХ Россия ҳамеша иттилоъ медодааст ва номаҳои худро ирсол менамуд, аз ҷумла: «Дар Қазвин, дар дарбори шоҳ беназмихои ҳайратоварро мушоҳида мекунам: баъзеҳо мегуянд, ки шоҳро иваз мекунанд, баъзеи дигар мегӯянд, ки бародари шоҳро, ки дар Исфаҳон дар маҳкама аст, шоҳ таъйин мекунанд…» [12,с.279]. Зимни дар Теҳрон қарор доштани Ф.Беневини сафири Туркия ба Теҳрон меояд, ки ошнои ӯ будааст. Дар яке аз суҳбатҳояш сафири Туркия чунин мегӯяд: «Ман аз иваз шудани Эътимодуддавла афсӯс мехӯрам. Вазири нав корношоям аст…, месазад, ки артиши туркҳоро аз самти Ериван лизгинҳо дастгирӣ кунанд ва Россия аз самти баҳр (Каспий.С.С.) ба Эрон зарба ворид намояд, то ин ки Форс тамоман маҳв шавад» [12,с.290]. 12 сентябри соли 1723 дар Санкт-Петербург шоҳи рус Пётри 1 ва фиристодаи Таҳмоспшоҳ, бо номи Исмоилбек Шартнома миёни Россия ва Эрон (Пётри 1 ва шоҳ Таҳмоспи гуреза) шартномаеро имзо карданд, ки тибқи он, қисматҳои шимолии Эрон, Боку, Дарбанд, Гелон то ғарбии Каспий, инчунин Астаробод ва Мозандарон ба ихтиёри русҳо гузаштанд. Чунонки зикр шуда буд, шартномаи мазкур, натиҷаи ғалабаи русҳо дар ҷанги соли 1722 бо Эрон аст.

Аз ҷониби дигар, шоҳи Эрон Таҳмоспшоҳ, мақсади аз русҳо гирифтани кумак барои аз Эрон рондани Мир Маҳмуди афғонро дошт. Аммо русҳо пас аз 5 сол бо ҳокими нави афғонҳои ғосиб бо исми Шоҳ Ашраф, шартномаеро имзо карданд, ки тибқи он Россия ӯҳдадор гардид, ки Мозандарон ва Астарободро ба Эрон бозгардонад, бо шарте, ки эрониҳо бо ҳеҷ мамлакат дар ин қисмати Эрон шартнома набанданд. Ин шартнома 13 феврали соли 1729, дар Рашт, миёни Ашраф ва аз номи императори рус – генерал лейт. Левашов имзо гардид. Ашраф дар хусуси ба Россия ва Туркия додани қисматҳои шимолии Эрон аз ҷониби Таҳмоспшоҳи гуреза хабар дошт. Аз ин рӯ хост, ки чунин амалро худаш анҷом диҳад ва ҳуҷуми русҳо ва туркҳоро пешгирӣ намуд. Аммо, бо кумаки Нодир Қулӣ, Таҳмосп тавонист, ки дар ноябри соли 1729 афғонҳоро аз Эрон пеш кунад. Дар ронда шудани афғонҳо, дар ноябри соли 1729 Нодир Қулӣ дар озодии Эрон ба шоҳзода Таҳмосп (писари Шоҳ Ҳусейн) кумак кард. Таҳмосп ба Нодир Қулӣ номи худашро медиҳад, ҳамин тавр Нодир бо номи Таҳмосп Қулӣ дар озод кардани Эрон, бо дастаи ҳарбиёнаш кумак мерасонад. Ӯ писари чӯпон буд, худаш ҳам дар хурдӣ чӯпонӣ мекардааст. Лекин бо фурӯхтани 700 сар гӯсфанди падараш, дастаи роҳзанҳоро омода кард, баъд аз ҳафт соли ғоратгарӣ, моҳи ноябри соли 1729 афғонҳоро аз Исфаҳон ронд. Дар аввал, аз шоҳ Таҳмосп хоҳиш карда буд, ки пас аз рондани афғонҳо ӯро вазири аввали худ таъйин намояд. Таҳмосп ба ин розӣ шуда буд. Нодир пас аз рондани афғонҳо ба Исфаҳон омад. Дар ҳамин айём Таҳмоспшоҳ бо туркҳо шартномаи «расвоӣ» баст, чунки шикаст хӯрда буд. Таҳмосп барои бастани шартнома бо туркҳо айбдор карда шуда, аз тахт фароварда шуд ва писари 5-солааш Аббос шоҳ эълон карда шуд. Нодир сарфармондеҳи артиш эълон шуда, бар зидди туркҳо фиристода шуд. Дар соли 1735 пурра шикаст додани туркҳо ба Нодир муяссар мегардад. Аз сабаби паст нагаштани ғурур ва боло гирифтани разилати пасти инсонияш, Нодир дар соли 1736 ҳамаи авлоди шоҳ Таҳмоспро (Аббоси хурдсолро ҳам)

махфиёна кушт ва худро шоҳ эълон кард. Ба ин амали ӯ бештари артиш, ҳукуматҳои маҳал ва аҳолӣ розӣ буданд. Чунки ӯ буд, ки Эронро аз душманҳо озод кард. Таҳмоспшоҳро дар зиндони Хуросон нигоҳ медоштанд. Бо фармони Нодир, писараш Ризо Қулӣ, ки ҳокими Хуросон буд, Таҳмоспи 2-ро низ ба қатл мерасонад. Нодир барои шоҳ эълон кардани худ, ҳамтои дигаре надошт: ӯ худро шоҳи Эрон эълон менамояд ва дар ин хусус ба тамоми Эрон хабар медиҳад. Бо ҳамин, яккатозиҳои Нодиршоҳ оғоз меёбад. Нодиршоҳ дар соли 1739 то феврлаи соли 1739 ба Ҳинд лашкар кашида императори муғулҳо Муҳаммадро, пурра шикаст додааст. Қисматҳои шимолу ғарбии Ҳинд ҳамеша дар гузаштаҳо ҳам тобеи форсҳо буданд (ба ёд оред давлатҳои Ҳахоманишиён, Портҳо, Сосониҳоро). Нодиршоҳ маҳз ҳамон сарзаминҳои ба Эрон ҳамсарҳадбударо боз ба хоки худ ҳамроҳ кард. Ӯ танҳо аз Ҳиндустон ба арзиш ва миқдори 3 миллиард рупияи нуқраи ҳиндӣ боигариро тавассути аспу шутур ва филҳо ба Эрон овардааст, ки таърих ёд надорад. Маъруфтарин алмосе, ки тоҷи Темуриёни Ҳиндро зеб медод, аз ҷониби Нодиршоҳ ба мулки Форсоварда шуд. Ба маврид аст зикр намоем, ки алмоси мазкур, ки “Шоҳ” номдошт, дар натиҷаи ноуҳдабароиҳои шоҳони ояндаи Эрон, ҳамчун товони ҷанг ба русҳо эҳдо мегардад, ки дар мавридаш зикр хоҳем кард. Нодиршоҳ барои дар Эрон ҷорӣ кардани як дини универсалӣ кӯшишҳои зиёде кард. Ӯ мехост ҳамаи сокинони кишварро ба як мазҳаб гаравонад, инчунин барои халал ворид нагардидан дар хизмати аскарии онҳо, аз ҳамаи сарварони рӯҳониёни Эрон талаб намуд, ки китобҳои муқаддаси динии худро бо забони форсӣ тарҷума кунанд. Пас аз он, Нодиршоҳ бо интихоби нуктаҳои муҳим, нияти интихоб ва тартиб додани яке аз беҳтарин китобҳои муқаддаси динии кишвараш ба забони форсӣ буд. Ӯ зикр карда буд, ки дар сурати ба ин кор муваффақ нашудани тарҷумонҳо маҷбур аст, ки китоби наверо барои аҳолии кишвар пешниҳод ва дини наверо худаш пешкаш намояд. «Қуръон»-ро муллоҳо, «Ветхий завет»-ро равинҳои яҳудӣ, «Деяния апостолов Апоколапсис»-ро арманиҳо, «Чор Евангелия»-ро католикҳо мебоист ба форсӣ тарҷума ва пешниҳод мекарданд. Нодиршоҳ қавл дода буд, ки барои аз байн бурдани тафриқаи динии суннӣ ва шиа, мазҳаби нави панҷумро ҷорӣ хоҳад кард. Рӯҳониёни дарбор вазифадор шуданд, ки аз китобҳои муқаддаси тарҷумашуда, варианти аз ҳама беҳтаринро, ки хосси миллатҳои Эрон аст, интихоб ва барои ибодати мардум пешниҳод намоянд. Ба рӯҳониёни дарбор 1 сол муҳлат дода шуда буд [11,с.168]. Вазъи сиёсӣ-иҷтимоии Эрон дар соли 1745 чунон бад гардид, ки ҳамаи мардуми кишвар дар интизори рӯйдоди воқеаи ғайричашмдоште буданд: яъне золимию бераҳмии Нодиршоҳ дар ҳаққи мардуми худ, рӯзе бояд, ки ба анҷом мерасид. Дар байни мардум, Нодиршоҳ бо лақаби «хунхор» ёд мегардид. Ҳамарӯза, бо фармони ӯ, ё аз номи ӯ ашхоси зердасташ даҳҳо нафарро гӯшу бинӣ мебуриданд, чашмонашонро месӯзонданд, ё ин ки олатҳои ҷинсии онҳоро мебуриданд. Суиқасд ба ҷони Нодиршоҳ дар зимистони соли 1747 аз ҷониби Солеҳбег ном командири гвардияи афшорҳо сурат гирифт. Хонҳо Аликулихон ва Таҳмуразхон тарҳи ин кушторро кашида буданд. Бояд гуфт, ки ҷасади Нодиршоҳро пора-пора карда, ба тамоми Эрон фиристоданд. Дар солҳои охирини ҳукмронии Нодиршоҳ, қудратмандшавии Эрон ва доштани дасти боло дар минтақа, англисҳоро маҷбур менамуд, ки бо Нодиршоҳ ҳамкорӣ намоянд. Аз навиштаҳои муҳаққиқи рус мехонем: «Англисҳо омодагӣ изҳор менамоянд, ки дар баҳри Каспий барои форсҳо киштиҳои ҷангӣ бисозанд. Нодиршоҳ аз ин пешниҳод хурсандӣ кард, ки оқибат соҳиби киштиҳои сохти аврупоӣ мешавад. Аммо, русҳо аз пайдошавии чунин киштиҳои ҷангӣ дар баҳри Каспий норозӣ буданд. Ба Елизавета Петровна чунин иттилоъ медиҳанд:«…як киштии ҳарбӣ дар Форс сохта шудааст, таҳкурсии киштии дуюм гузошта шудааст. Муҳандиси ин лоиҳа як англис бо номи Элтон, машғули ин корҳо мебошад. Дар атрофи ӯ, «мужик»-ҳои гуреза аз Россия ҷамъ шудаанд, ки ба ӯ кумак мекунанд» [13,с.68]. Дар моҳи августи соли 1746 дар баҳри Каспий нахустин киштии ҷангии форсҳо ба шино кардан оғоз мекунад. Дар Петербург пас аз омӯзиши ин масъала, ниҳоят ба хулоса меоянд, ки киштиҳои ҷангии форсҳоро нобуд созанд. Малика Елизавета нақшаи мазкурро қабул мекунад ва дар соли 1751 он амалӣ мегардад. Барои нобуд сохтани флоти баҳрии Эрон русҳо ба ҳар кор қодир буданд. Аз марги Нодиршоҳ ва беназмиҳои сиёсиву иҷтимоии Эрон истифода бурда, ба казакҳои дар ихтиёри эъзомияи Черкасов, ки дар Гелон қарор дошт, дастур дода мешавад, ки флоти Эронро аз таҳкурсияш, бо тамоми зерсохтҳояш нобуд созанд Ба казакҳо, форсҳои ошӯбгар низ кумак мекунанд ва корхонаи киштисозӣ бо тамоми таҷҳизоташ, анборҳо бо тамоми техникаҳои мавҷудбуда ба оташ кашида мешавад.

«Афсарон ва маллоҳони флоти дар баҳри Каспий будаи русҳо, пас аз ин «қаҳрамонӣ» бо ҷоизаҳои давлатӣ қадр мегарданд» [12,с.69]. Пас аз кушта шудани Нодиршоҳ, ба тахти шоҳии Эрон Алӣ Қулихон менишинад, ки ҷияни Нодиршоҳ ба ҳисоб мерафт. Ӯ худро «Одил» лақаб мениҳад. Одилшоҳ (яъне Али Қули) бо додари худ Иброҳим муросо карда

наметавонад. Дар охир воқеа чунин ранг мегирад, ки дар яке аз муҳорибаҳо Одилшоҳ (Алӣ Қулихон) дар байни Теҳрон ва Қазвин аз ҷониби Иброҳим асир мегардад ва ашхоси Иброҳим чашмони ӯро аз косахонаи сараш кофта мегиранд. Азбаски ҳангоми ба тахт нишастанаш (Одилшоҳ) ҳамаи авлоди Таҳмосп Қулихонро ба қатл расонида буд, вале писари калонии Таҳмосп Қулӣ бо номи Шоҳрух Мирзо ба таври муъҷизанок (заҳр асар намекунад) зинда мемонад ва ӯро дар Машҳад асири хонагӣ карда буданд. Маҳз, ҳамин Шоҳрух Мирзо, пас аз шикаст хӯрдани Одилшоҳ ба тахти Эрон мешинад ва аз ҳама аввал, Одилшоҳро сар мебурад. Ин воқеа дар соли 1749 сурат гирифтааст. Ошӯбҳо дар Исфаҳон, дар соли 1753 сабаб мегарданд, ки ҳокими Исфаҳон Каримхони Занд, фирор мекунад. Бо истифода аз фурсате, ки баъд аз вафоти Нодиршоҳ ба даст омада буд, дар Мовароуннаҳр, ӯзбекҳои шайбонӣ, боз ҳам мустақилтар шуданд. "Заминҳои ӯзбекони татар, боз соҳибистиқлол гардиданд ва сарваронашон худро мустақил ҳис намуданд" [1,с.10].

Аз ҷониби дигар, аз фурсат истифода бурда, афғонҳо боз ба шаҳри Исфаҳон, инчунин Ҷулфа, барои ғорат кардан ворид мешаванд: «...афғонҳо ба шаҳр ворид гардиданд, азбаски дар тинати онҳо ғоратгарӣ вуҷуд дорад, дар як лаҳза Исфаҳон ва Ҷулфаро ғорат намуда, мардуми зиёдро чӯбкорӣ намуданд». Муаллиф, ин маълумотро аз номаи як марди рӯҳонии доминиканӣ Раймонд Берели навиштааст. Хусусан, сарвари шуришгарони афғон бо номи Озодхон, дар сентябри соли 1756 шоҳи Форсро аз тахт ронда, худ хӯҷаини Исфаҳон гардид. Аммо, ин воқеа дер нопоидааст. Дар соли 1757 дар натиҷаи ошӯбҳои зиёди оммавӣ Озодхон тарки Исфаҳон мекунад ва Каримхони Занд, бар сарвари дигари шӯришгарон бо номи Ҳасанхон ғолиб меояд. Дар соли 1757 ба тахти шоҳии Эрон Каримхон менишинад. Вазъи Исфаҳонро дар оғози шоҳии Каримхон, Раймонд Берели аз 20.05.1757 чунин нигоштааст: «Ҳоло Исфаҳон бесоҳиб аст.Ин ҷо на афғонҳо хастанд, на қоҷорҳо ва на зандҳо...» [1,с,19]. Ё ин ки аз мактуби епископи Исфаҳон Корнелиус аз 5.VII соли 1753 мехонем:«Форс, аниқтараш Исфаҳон ва музофоти зери дасти Каримхон ором аст, зиндагӣ муътадил ва арзонӣ аст, аммо мамлакат аз одам ва пул холӣ шудааст...»

Аммо, Каримхони Занд, мутаассифона, тамоми хоки Эронро ба даст даровардa натавонист. Ӯ дар қисми марказӣ ва шимолу ғарбии Эрон тавонист ҳукумати худро барқарор намояд.

Хуросон ба дасти Шоҳрух (ҳамон Шоҳрухе, ки то ғалабаи Каримхони Занд ҳукуматро дар даст дошт) монд. Қандаҳор дар ихтиёри Аҳмадхон ном саркардаи маҳаллӣ боқӣ монд. Лур дар дасти Закариёхон, ки рақиби Каримхони Занд буд, қарор дошт. Соҳилҳои Халиҷи Форс дар дасти сарварони арабҳо монда буданд. Инчунин, мулкҳои мустақили Гурҷистон, Ҳурмуз, Баскат, Балуҷистон, Синд ва ғайра мустақил буданд. Сарзамини Эрон дар замони ҳукмронии Каримхони Занд (1761–1779) ба боамнтарин кишварҳои Шарқи Наздик ва Миёна табдил меёбад. Каримхон кӯшиш мекард, ки бо ҳар роҳ сокинони Эронро, ки аз ҷабри шоҳони собиқи Эрон, аз ҷумла Нодиршоҳ ва ғоратгарони афғон тарки ватан намуда буданд, баргардонад. Мисол: «...Бештари музофоти Форс аз аҳолӣ холӣ гардидааст.Танҳо дар Бағдод беш аз сад ҳазор сокини гуреза аз Эрон паноҳ бурдаанд. Бисёр форсҳо ба сарзаминҳои Муғули Бузург, Бенгалия,Феликси Арабӣ, нимҷазираи араб ва дигар ҷойҳо гурезон шудаанд.Агар дар Исфаҳон то солҳои 40 асри XVIII 500 000 аҳолӣ зиндагӣ мекард, ҳоло бошад (соли 1772.С.С.) аз 40-50 ҳазор беш нестанд..." [1,с.17]. Пойтахти Эронро Каримхони Занд аз Исфаҳон ба Шероз кӯчонд. Ба таври символикӣ, ба шоҳии Эрон намоянда аз сулолаи Сафавиҳо бо исми Исмоил таъйин шуд, аммо дар амал, идораи давлат дар ихтиёри Каримхони Занд буд. **Савдои берунии Эрон дар соли 1760–1780 асосан ба англисҳо** алоқаманд будааст ва дар бисёр маврид ҷониби Эрон мебоист тоҷирони англисро ҳамаҷониба дастгирӣ менамуданд.Пас аз вафоти Каримхони Занд (13. 03. 1779), Эрон дар халқаи ошӯбҳои байнисулолавӣ мемонад. Асосан ду сулола Қоҷорҳо ва Зандҳо дар муддати 17 сол (то соли 1795) муборизаҳои шадидро барои соҳиб шудан ба тахти шоҳӣ байни худ давом доданд, ки дар натиҷа аҳолии осоишта қурбони ҷаҳолати онҳо мегардиданд. Пас аз соҳиб шудан ба тахти Эрон дар соли 1795 нақшаҳои Оғо Муҳаммади Қоҷор чунин буд: ба таври_муназзам ӯ мебоист, ки ҳамаи сарзамини Эронро дар зери дасти худ муттаҳид мекард. Ӯро асосан он қисматҳои Эрон, ки ҳанӯз ҷонибдорони сиёсати роҳбарони собиқи Эрон, мисли Нодиршоҳ, Ҳусейн ва Каримхон буданд, хавотир карда буд. Ӯро, инчунин аз даст рафтани Гурҷистон ба ташвиш меовард. Гурҷистонро Россия тибқи шартномаи дар соли 1783 дар Георгиевск имзошуда минтақаи зери нуфузи худ меҳисобид. Оқо Муҳаммади Қоҷор, дар баҳори соли 1795 ба Гурҷистон лашкар кашида, шоҳи он Ираклийро аз тахт дур кард. Бо лашкари бешумори форсҳо ҷанг кардан нахоста, гурҷиҳо мағлубияти худро эълон намуданд. Оқо Муҳаммади Қоҷор сипас, барои саркӯб кардани боқимондаҳои қувваҳои низомии ҷонибдорони Нодиршоҳ ва лашкари Сафавиҳо

ба самти шарқ лашкар мекашад. Ӯ дар Машҳад бо набераи Нодир-Шоҳрух рӯ ба рӯ мешавад. Пас аз тасарруфи Машҳад ва дастгир кардани Шоҳрух ба Муҳаммадхони Қоҷор муяссар мешавад, ки ба хазинаи дороиҳои аз сулолаи Қоҷорҳо боқӣ монда соҳиб шавад. Ба тобеияти Эрон даромадани музофоти Систон аз соли 1802 оғоз ёфтаст. Масъалаи ба ҳайати вилояти Кирмон ворид шудани он дар соли 1872 ҳал гардидааст. Муносиботи Эрон бо хонигариҳои Осиёи Миёна дар охири асри XVIII, ибтидои асри XIX, яксон набудааст. Дар ин давр, якчанд задӯхурдҳо миёни артиши Эрон ва сарбозони хонии Хева сурат гирифтааст. Ин даргириҳо ба дараҷаи ҷанги бузург нарасидаанд. Яке аз масъалаҳои асосии мавриди баҳси ду ҷониб, масъалаи сарзамини туркманҳо будааст. Аҷиб он буд, ки барои соҳиб шудан ба сарзамини туркманҳо, якбора чор кишвар даъво мекарданд: Эрон, афғонҳо, амири Бухоро ва хони Хева. Юришҳои ҳамасолаи Қоҷорҳо ба сарзамини туркманҳо, мардуми маҳалро хеле озурда намуда буд. Ҳуҷуми артиши хонҳои Бухоро ва Хева низ ба он илова мегардид. Дар солҳои 80 уми асри XVIII, Марв дар ихтиёри Байрам Алихони Қоҷор будааст, ки дар соли 1785, ҳангоми ҳуҷуми артиши шаш ҳазорнафараи Шоҳмуроди манғит кушта мешавад. Амир Шоҳмурод, мардуми маҳалро маҷбур кунонд, то он ки онҳо мазҳаби сунниро қабул намоянд. Устуворӣ ва гардан надодан ба фармонҳои Шоҳмурод ба он оварда расонд, ки сарбанди оби назди Марв соли 1791 аз ҷониби бухорогиҳо канда карда шуд ва Марв зери об монд [10,с.35].

Марвиҳо аз Темуршоҳи Дурронии афғон кумак пурсиданд ва ӯ онҳоро ба Марв даъват кард. 2 ҳазор сокинони Марв ин даъватро қабул карда, ба Ҳирот кӯч бастанд. 5 ҳазор оила ба Бухоро кӯч бастанд ва боқимонда, мазҳаби сунниро қабул намуда, ба ҳар тараф пароканда шуданд. Масалан, 500 оилаи бесарпаноҳ мондаи туркманҳоро хони Хева Илтизор маҷбуран ба Урганҷ таҳвил дод. Бархе сарчашмаҳои таърихӣ маълумот медиҳанд, ки Оғо Муҳаммад шоҳ нияти ба Аморати Бухоро ҳуҷум карданро дошт, то ин ки фармонравоии худро дар Марв ва замини туркманҳо ҷорӣ намояд. Бо ин мақсад, ӯ бо Замоншоҳи Дурронии афғон маслиҳат кард. Аммо, бо сабаби сар задани муноқиша дар Кавказ, ҳеҷ кори амалиро иҷро карда натавонист. Писараш Фатҳалишоҳ низ, маротибае кӯшиши пас гирифтани замини туркманҳоро накардааст. Писарони сардари собиқи Марв Байрам Алихон, бо номҳои Муҳаммад Ҳусейнхон ва Муҳаммад Каримхон дар Эрон гуреза шуда монданд, ҳарчанд фарзандони онҳо дар Бухоро буданд. Чунин зиддиятҳо, ба он оварда расонд, ки хевагиҳо бо бухорогиҳо бар зидди эрониҳо эътилоф бастанд ва дар пайи ба даст овардани заминҳои туркманҳо шуданд [5,с.65]. Муборизаҳои сиёсӣ дар ҳамин давр, печ дар печ сурат гирифтаанд. Масалан, дар соли 1813 ба Хуросон ҳуҷум кардани артиши бухорогиҳо ва хевагиҳо, дар натиҷаи даъвати яке аз феодалони хуросонӣ бо исми Қурбон Қличхон, ки зидди ба Эрон тобеъ кардани заминҳои Хуросон буд, ба амал омадааст. Аз дигар ҷониб, ҳокими Ҳирот Комрон Мирзо, низ хоҳони ба Хуросон лашкар кашидани хевагиҳо ва бухорогиҳо буд ва бо ҳамин восита аз ҳуҷуми эрониҳо ба Ҳирот эмин мондан мехост. Чунин ҳуҷумҳои ғоратгарона ба самти Хуросон дар солҳои 1818, 1821 сурат гирифтаанд. Дар соли 1822 туркманҳо дар алоҳидагӣ ба самти Хуросон ҳуҷум менамоянд, аммо аз ҷониби волии он ҷо Ҳасан Алӣ Мирзо шикаст дода мешаванд. Аз Хуросон эрониҳои зиёдро ба асирӣ, ба Осиёми Миёна мебурданд. Ҳукумати Эрон, аз сабаби банд будан бо масъалаҳои сиёсии минтақавӣ, ки бо Англия, Россия ва Туркияи Усмонӣ дошт, ба масоили дохилидавлатӣ кам эътибор медод. Аз ин рӯ, масъалаҳои марзӣ, дар қисми шимолии кишвар ҳалношуда боқӣ мемонанд [6,с.40]. Аммо, дар қисми шимолу ғарбии мамлакат - дар Гурҷистон русҳо боз омодаи ҳамлавар шудан ба ин сарзамин мешаванд. Муҳаммади Қоҷор бори дигар ба он ҷо лашкар мекашад. Набарди нахустини Муҳаммадхони Қоҷор бо русҳо дар баҳори соли 1795 бо ғалабаи форсҳо анҷом ёфта буд. Муҳаққиқони рус ғалабаи форсҳоро бар русҳо чунин қаламдод мекунанд: «Бо қувваи пешбарандаи худ, иборат аз 16 ҳазор ҷанговари савора, Муҳаммад ба баталони пиёданизоми русҳо, ки фармондеҳашон В.А.Зубов буд, ҳамла намуд ва онҳоро аз девори Дарбант дур андохт. Ин ғалабаи шоистаи форсҳо нишон дод, ки то чӣ андоза, як ҷониб бо рӯҳияи баланд ва дасту дили гарм ҳуҷум мекунанд, ҷониби дигар бо эҳсоси шикастарӯҳӣ ва ноумедӣ майдони ҷангро тарк мекунанд…» [1,с.31]. Аммо, Муҳаммадхони Қоҷор дар таърихи 14 майи соли 1797 аз ҷониби Содиқхон ном сарлашкари худ дар хаймаи худ бо ду зарби корд кушта мешавад. Ба тахти Эрон нишастани Фатҳалишоҳи Қоҷор дар соли 1797, пас аз бартараф намудани талабгорони тахти шоҳӣ, чун Содиқхон, Алиқули Бобохон ва Иброҳимхон сурат гирифт. Бо ҳамин, асри XVIII бо ба тахт нишастани Фатҳалишоҳи Қоҷор ба поён расид.Эрон дар охири асри XIX дар иҳотаи абарқудратҳое, чун Англия, Франсия ва Россия мемонад. Дар натиҷаи муборизаи байниҳамдигарии қудратҳои зикршуда, Эрон ба ҳолати мамлакати таслимшуда медарояд ва ихтиёри худро ба ин мамлакатҳо месупорад. Яке аз сабабҳои якбора ба чунин вазъият гирифтор шудани Эрон,

пеш аз ҳама, ақибмондагии феодалӣ ва мутобиқ накунонидани истеҳсолоти саноатӣ ба талаботи мавҷуда ва бозори мамлакатро пур кардани маҳсулоти саноатии дигар кишварҳо, махсусан Англияю Россия мебошад. Масалан, аз шартномаи Англя ва Эрон аз 29.12.1800, ки онро аз ҷониби Эрон вазири аввал хоҷӣ Иброҳимхон ва аз ҷониби Англия капитан Ҷон Малколм имзо кардаанд, чунин мехонем:

Моддаи 1. Миёни ҳарду давлат сулҳ ва якдигарфаҳмӣ эълон мешавад.

Моддаи 2. Агар ҳокими афғонҳо ба Ҳинд ҳуҷум намояд, шоҳи Эрон барои тарсонидани афғонҳо бояд, ки ба мулки афғонҳо ҳуҷум намояд.

Моддаи 5. Агар артиши франсузҳо ба кадоме аз қисматҳои Эрон ворид шаванд, ҳарду давлати шартнома имзокунанда бояд франсузҳоро нест намоянд.

Моддаи 4. Аз шартномаи англис ва Эрон доир ба тиҷорат чунин омадааст: Дар сурати вафоти тоҷири эронӣ, агар ӯ ба ҳукумати Англия қарздор бошад, пеш аз ҳама, манфиати ҷониби Англия ба эътибор гирифта шавад.

Моддаи 5. Англисҳо, озодона метавонанд дар ҳар ҷое, дар бандарҳои Эрон хонахои истиқоматӣ, қасрҳо, созанд, фурӯшанд ё ба иҷора диҳанд Дар сурати корношоям шудани киштиҳои Англия, дар бандарҳои Эрон ҳукуматдорони минтақавӣ дар таъмири он кумак расонанд [1,с.29].

Аз таърихи беш аз садсолаи муносиботи байнидавлатии Эрон ва Англия, (то оғозиасри XX) бармеояд, ки англисҳо ҳеҷ вақт дар фикри ҳусни нияти нек бо кишвари Эрон набудаанд. Дипломат ва коршиноси англис Роулинсон, ки солҳои зиёд дар Эрон зистааст, ба ҳукуматдорони худ маслиҳат медод, ки бояд ҳамеша султони Туркро бо шоҳи Эрон ҷанг адохт, барои ба ин кор ноил шудан, тафриқаи динии онҳоро истифода бояд бурд.

Пас аз он ки Наполеон аз тахт барканор гардид, аён буд, ки Ҳинд аз ҳуҷуми франсузҳо эмин монд ва ҳушдоре гардид, ки як муддатанглисҳо ба Эрон таваҷҷӯҳ накунанд. Аммо, азсолҳои 1800 инҷониб, бархе аз дипломатҳои англис, мисли Малколм фаъол гардидани муносибатҳои дипломатиро бо Эрон гӯшзад мекарданд: «Мо набояд гузорем, ки Россия ба Эрон соҳиб шавад, чунки мо дар он ҷо манфиатҳои худро дорем» [12,с.346]. Дипломати дигари англис Х.Ҷонс нигошта буд: «Вакти ҳалкунанда фаро расидааст: мо набояд гузорем, ки Эрон асири Россия гардад» [1,с 34]. Ҳақиқатан ҳам, пас аз имзои шартнома миёни Англия ва Эрон дар соли 1814 англисҳо дар Эрон каме осуда гардиданд.

Пас аз шашуним соли имзо шудани Шартнома оид ба қабули уҳдадориҳои Эрон дар назди Англия, дар таърихи 4 майи соли 1807 байни Франсия ва Эрон шартномаи дуҷониба дар лагери Финкейнштейн (дар Германияи Ғарбӣ) имзо мешавад. Тавре дар боло зикр шуда буд, дар охири асри XVII Франсия ва Россия нияти ҳамла ба Ҳиндро доштанд. Аммо бо вафоти ногаҳонии императори рус Павел, ин нақша ба таҳвил андохта шуда буд. Ба фаронсавиҳо маълум шуда буд, ки русҳо нақшаашонро дар хусуси ҳамла ба Ҳинд тағйир дода буданд. Аз ин ҷост, ки моддаҳои шартномаи имзошудаи байни форсҳо ва фаронсавиҳо ҷанбаҳои зиддирусиро ҳам доро мебошанд:Моддаи 1. Сулҳу иттифоқ ва дӯстӣ байни императори Франсия ва шоҳи Эрон эълон карда мешавад.

Моддаи III. Наполеон масунияти Эронро таъмин мекунад.

Моддаи IV. Франсия вазифадор мешавад, то Россияро маҷбур созад,то ин ки Грузияро тарк намояд.

Моддаи VIII. Шоҳи Эрон вазифадор мешавад, ки робитаи сиёсӣ, ҳарбӣ тиҷоратиро бо Англия канад ва бо Англия ҷанг эълон намояд, ба Эрон ягон намояндаи Англияро роҳ надиҳад.

Моддаи XII. Шоҳи Эрон артиши франсузҳоро ба хоки Эрон роҳ диҳад, агар ин артиш ба сӯйи Ҳинд равона шуда бошад.

Як сол пеш, дар моддаи УIII ва IX- шартномаи тиҷоратии франсавиҳо бо эрониҳо аз моҳи январи соли 1808 чунин омадааст: Тоҷирони франсавӣ имконият пайдо мекунанд, то ин ки бе мамоният аз Эрон ҳар намуди молеро хоҳанд, берун оранд. Онҳо дар 3 сол аз супоридани молиёт озод ҳастанд. Ҳамчунин, дар сурати аз Эрон баровардани молҳои тиллогӣ, нуқрагин ва сангҳои қиматбаҳо ин муносибат ҳифз мешавад. Бо гузашти беш аз як сол аз имзо намудани шартнома бо фаронсавиҳо, 12. 03.1809 ҷониби Эрон бо Англия, шартномаеро бо имзои сафири англис Харфорд ва вазири аввали шоҳи Эрон Мирзо Шафеъ дар Теҳрон ба субут расониданд. Дар моддаи III 111 он, зикр шудааст, ки пас аз имзои шартномаи мавҷуда, ҳамаи муоҳада ва шартномаҳои аз ҷониби Эрон бо дигар абарқудратҳои аврупоӣ имзошуда, бекор ҳисобида мешаванд. Қувваҳои мусаллаҳи ҳеҷ як давлати дигар, тавассути хоки Эрон иҷозат дода намешаванд, то ин ки ба Ҳинд ҳамла намоянд.

Моддаи VII. Дар сурати оғози ҷанг миёни эрониҳо ва афғонҳо Англия мудохила нахоҳад кард. Агар ҷонибҳо барои барқарории сулҳ хоҳиш намоянд, англисҳо метавонанд кумак намоянд [1,с.33]. Шартномаи Эрону Россияро дар мавзеи Гулистон 12.10.1813 Николай Ратишев -сарфармондеҳи қувваҳои ҳарбӣ дар Гурҷистон ва минтақаи Кавказ ва аз ҷониби Эрон Мирзо Абдулҳасанхон - собиқ сафири Эрон дар Туркия ва Англия имзо карданд. Ба таври мисол:

Моддаи 1. Душманӣ, якдигарнофаҳмӣ аз ҳамин рӯз эътиборан байни давлатҳои имзокунанда хотима ёфт ва сулҳи ҳамешагӣ, дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ поянда хоҳад буд.

Моддаи 11. Ҷониби Эрон эътироф менамоянд, ки аз ҳамин рӯз эътиборан хонигариҳои Қариябоғ ва Ганҷа, ки минбаъд бо номи Елизаветпол ном бурда мешавад, инчунин хонигариҳои Шенкин, Шервон, Дарбанд, Куба, Боку, Толиш ба ихтиёри ҳукумати Россия мегузаранд.

Моддаи X. Ғайр аз парчами ҳарбии Россия, ҳеҷ як парчами қудратҳои дигар дар баҳри Каспий партавфишонӣ нахоҳад кард.

Чунон ки маълум мешавад, абарқудраҳои минтақавӣ ҳамеша дар фикри манфиатҳоихеш буданд ва аз беназмию хараҷу мараҷи кишварҳои Осиёӣ суистифода мекарданд. Ҳукумати Англия бошад, аз тарси он ки сарзамини зархезашон-Ҳинд насиби қудратманди дигаре нашавад, шартномаи навбатиро бо эрониҳо аз 25.11.1814 ба имзо мерасонанд, ки чунин моддаҳоро фаро мегирифт:

Моддаи I. Ҳукумати Форс уҳдадор мешавад, ки иҷозат намедиҳад, то ин ки ягон қудрати аврупоӣ барои забт кардани Ҳинд аз хоки Эрон истифода намояд. Инчунин, ягон давлати аврупоиро барои тавассути Хоразм, Туркистон, Бухоро, Самарқанд ё роҳҳои дигар барои ҳамла кардан ба Ҳинд пешгирӣ намояд.

Моддаи V. Ҳукумати форс барои омӯзиш додани афсарон, метавонад танҳо аз он давлатҳои аврупоӣ коршиносонро даъват намояд, ки бо Англия душманӣ надошта бошанд.

Моддаи I V. Субсидияи ҳарсолаи англисҳо ба Эрон 200 ҳазор туманро ташкил медиҳад [1,с.33]. Аз бандҳои шартномаи мазкур баръало намоён мегардад, ки онҳо бо бандҳои шартномаи русӣ–эронӣ зид нестанд. Ин маънои онро дошт, ки тақсими мулки Эрон байни абарқудратҳо оғоз шуда аст. Пас аз 15 соли имзои шартномаи Гулистон, дар натиҷаи дар қисми шимолии кишвар аз русҳо шикаст хӯрдани артиши Эрон, 10. 02.1328 дар мавзеи Туркманҷой миёни Эрон ва Россия шартномаи дигаре ба имзо мерасад, ки аз ҷумла дорои чунин бандҳо буданд:

Моддаи III. Шоҳи Эрон … хонигарии Нахичеван ва хонигарии Ериван-ро дар ду қисмати дарёи Аракс ба ихтиёри империяи Россия вогузор мекунад.

Моддаи V. Шоҳи Эрон, аз сабаби ба империя Россия ворид намудани зарар, уҳдадор мешавад, ки дар ҳаҷми 20 млн рубли нуқра пардохт менамояд [1,с.36]. Дар ҳамон рӯз, миёни Эрон ва Россия, санади махсусе оид ба савдо ба имзо мерасад. Маъмурияти А.С. Грибоедов ба Эрон (аз V то XI соли 1828) анҷом пазируфтааст ва ахбори ӯ ба департаменти Вазорати корҳои хориҷӣ қабул шудааст. Грибоедов ин мактубро 20.10.1828 ба граф К.В. Несселрод фиристодааст:«Дуруст аст, ки аҳолии кишвар (Эрон. С.С.) ниҳоят қашшоқ гардидаанд…, ҳатто андозро қобилияти супоридан надоранд. Аббос Мирзо тамоми боигариашро ба мо пешниҳод намуд. Аҳли дарбори ӯ он чи аз дасташон меомад, пешкаш намуданд, ҳатто занҳои ӯ тӯгмаҳои бриллиантии худро аз либосҳои хеш канда доданд... Хулоса, аз ин бештар тасвир кардани манзара номумкин аст…» Дар охири хабарномааш А.С. Грибоедов ба ҳукуматдорони хеш пешниҳод менамояд, ки: «Ҳақиқатан ҳам Аббос Мирзо маблағи пулӣ надорад. Оё мумкин нест, ки ба ҷойи пул, мо маҳсулоти кишоварзӣ ё моли арзишмандро бигирем?» [1,с.39].

Шикаст хӯрдани форсҳо дар ҷанги зидди русҳо, дар натиҷаи фиреб хӯрдани онҳо аз англисҳо ба амал омада буд. Чунки англисҳо ба ваъдаҳои додаашон, дар хусуси кумак расонидан ба форсҳо амал накарданд. «Шикаст дар ҷанг бо русҳо, барои форсҳо дарси омӯзиш гардид. То бидонанд, ки «иттифоқчӣ» будан, ё «дӯст» будан бо англисҳо чӣ қадар арзиш дорад [12,с.237]. А.С. Грибоедов ба шоҳи Эрон, пас аз мағлуб шуданаш дар ҷанги зидди Россия чунин иброз менамояд: «Пас аз итмоми ҳар як ҷанге, ки ноадолатона бар зидди мо (русҳо.С.С.) сурат мегирад, сарзамини мо фарохтар ва душман аз мо дуртар воқеъ мешавад. Талаб кардани вилоятҳои Ериван ва Нахичеван аз ҷониби мо, аз ҳамин сабаб аст. Гирифтани маблағи пулӣ (контрибутсия.С.С.) ва яроқ низ зарур аст, чунки бо талаб кардани пул, мо муддати тӯлонӣ намегузорем, ки душманамон ба мо зарар расонад» [12,с.232].

Дере нагузашта, дар таърихи 30 январи соли 1829, А.С. Грибоедов аз ҷониби тӯдаи шӯришгарон, ки шиорҳои зиддирусӣ доштанд ва мақсадашон қасосгирӣ аз шикасти Эрон

дар ҷанг бар зидди русҳо буд, кушта гардид. Тӯдаи шӯришгарон ба қароргоҳи намояндаи доимии Россия дар дарбори Теҳрон, ё худ сафири Россия дар Эрон А.С. Грибоедов ворид шуда, ӯро ба таври ваҳшиёна ба қатл расониданд. Сарвари шӯришгарон муллои масҷиди ҷомеи шаҳри Теҳрон Мирзо Масеҳ ном дошт ва ӯ русҳоро дар таҳқир кардани муқаддасоти ислом гунаҳгор карда, мардумро ба қасосгирӣ даъват намуда буд. «Худи А.С. Грибоедов бо шамшери дар итиёраш буда, далерона меҷангад, вале аз сабаби қувваи нобаробар, аз по меафтад. Ӯро ба таври шинохтанашуданӣ лату кӯб менамоянд. Бо ҷасади ӯ ва ҳамроҳонаш, шӯришгарон 3 рӯз таҳқиромезона муносибат мекунанд.Ҷасади ӯро, аз рӯйи пайи дасташ, ки вақте тир хӯрда будааст, мешиносанд» [15,с.169]. Барои чунин аъмолашон русҳо нияти ҷазо додан ба Эронро тарҳрезӣ мекарданд. Аммо, аз сабаби идома доштани ҷанг бо Туркия, русҳо чунин амалро иҷро карда натавонистанд. Сарвари Вазорати корҳои хориҷии Россия К.В.Несселрод ба сарфармондеҳи қувваҳои ҳарбии дар Кавказ буда Паскевич тариқи нома, чунин менигорад: «Муташанниҷ гардидани вазъият дар самти Форс оқибатҳои ногуворро дар пай дошта метавонад» [12,с.240]. Русҳо метавонистанд, танҳо дар интизори бахшиш пурсидани форсҳо шаванд. Русҳо интизори бахшиш пурсидани форсҳо барои кушта шудани Грибоедов буданд. Сарфармондеҳи қувваҳои ҳарбии Россия дар Кавказ Паскевич ба форсҳо чунин изҳор намуда буд: «Ҳама мавҷудияти сиёсии Шумо (эрониҳо. С.С.) дар дасти мост, ҳама умеди Шумо Россия аст, танҳо он метавонад Шуморо нобуд созад, танҳо ягона он метавонад шуморо ҷонибдорӣ намояд» [12,с.245]. Дар ниҳоят, ҷониби Эрон бо сарварии набераи шоҳи Эрон, миссияеро ба Петербург мефиристанд. Барои ҷуброн намудани куштори сафири рус, форсҳо алмоси «Шоҳ»-ро, ки замоне тоҷи Темуриёни Ҳиндро зеб медод ва тавассути Нодиршоҳ ба Эрон оварда шуда буд, ба Николайи 1 тухфа оварданд. Н. Хаников навиштаҳои тадқиқотчии англис Коноллиро доир ба бозиҳои сиёсии абарқудратҳои вақт нисбат ба Эронро овардааст, ки чунинанд: «Мо (англисҳо.С.С.) хеле кӯшидем, то ин ки неруҳои Наполеонро заиф созем, аммо нафаҳмида мондем, ки русҳоро пурқувват намудаем ва имкониятро ба русҳо вогузор намудем, то ин ки онҳо дар тамоми минтақаҳои сарҳадии Эрон ҳузур ёбанд. Франсия бошад, ба ин кишвар (Форс.С.С.) аз дуриҳо назора мекунад» [14,с.50]. Нақшаҳои дунёро ғасб кардан ё пойтахти Россияро ба Истамбул овардани Пётри 1, ё Эронро пурра гирифтани ӯ дар васоити ахбори кишварҳои Аврупо, бахусус Англия, хеле зиёд матраҳ мешуд. Дар солҳои 1848 – 52 дар Эрон ҳаракати бобизм авҷ мегирад. Ҳоҷӣ Муҳаммад Алӣ бо пайрвонаш мехостанд дини наверо роҳандозӣ намоянд ва бо ҳамин ният, китоби муқаддаси дигареро бо номи «Баён» пешниҳод менамоянд. Аз ҳуҷҷатҳои дипломатӣ ва ахбори ба вазорати корҳои хориҷии Россия ирсолшуда, ба номи вазир Несселрод К.В. намояндаи дилдоматии русҳо, бо исми Мустаор чунин нигоштааст:

«Ман якчанд маротиба вазорати императориро аз зуҳури сектаи нави мусулмонӣ, бо номи «боб» дар чандин музофоти Эрон иттилоъ додам. Ин фанатик худро ҷойнишини имоми дувоздаҳум эълон кардааст» [1,с105].

Бобиҳо дар солҳои 1847 – 1852 дар бештари шаҳрҳои Эрон чунон қувват гирифтанд, ки ҳатто лашкари муҷаҳҳази шоҳи Эрон онҳоро шикаст дода натавонист. Бетартибиҳо ва ошӯбҳои зиддидавлатӣ, баҳри шинохта шудани дини нав дар ҳамаи шаҳрҳои калон давом мекарданд. Аз ахбори ҳуҷҷати ба Вазорати корҳои хориҷии Россия фиристодаи агентҳои махсуси дар Эрон будаи русҳо мехонем: «Бобиҳоро …бо коммунистҳои Аврупо метавон ташбеҳ дод…» [1,с.137]. Яъне, бобиҳоро бо коммунистҳои Аврупо (марксистҳо) ҳамақидамедонистанд.Ниҳоят, дар моҳи июли с. 1850, Боб ва пайравони ӯ, мисли Муҳаммад Алӣ дастгир шуда, дар ш.Табрез паронда мешаванд [6,с.203].

Ислоҳоти сарвазири Эрон Мирзо Тақихон Амири Кабир дар солҳои 1848 то 1852, барои кишвари Эрон хеле ҳам муассир ва саривақтӣ буд. Падари Амири Кабир ошпази вазири аввали Муҳаммадшоҳи Қоҷор буд. Ӯ мусоидат мекунад, то ин ки писараш (Амири Кабир) ба хизмати дарбор ҳамчун ёрдамчӣ, мирзо (котиб), вазири артиши Озарбойҷон ва ниҳоят вазири дарбори шоҳи нави Эрон- Фатҳалишоҳ шавад. Ӯ бо Фатҳалишоҳ дар вилояти Озарбайҷон чандин солҳо фаъолият карда буд ва Фатҳалишоҳ ҳам ӯро хуб медонист. Бо сарвазир таъйин шуданаш ислоҳоти муҳимро дар Эрон роҳандозӣ мекунад, ки то он вақт назири онро дар сартосари хоки Эрон касе ёд надошт. Ӯ, пеш аз ҳама, ислоҳотро аз маҳдуд кардани дахолати муллоҳо ба корҳои давлатӣ оғоз кард. Ӯ дар як суҳбаташ бо консули англисҳо дар шаҳри Табрез чунин зикр карда буд: «Ҳукумати Усмонӣ ҳамон вақт ба пешравӣ шурӯъ намуд, ки аз чанголи муллоҳо раҳоӣ ёфта буд” [1,с.114]. Аммо, душманони ӯ ва душманони миллати Эрон якҷо бо сафири Англия, ӯро бао он гунаҳкор карданд, ки гӯё бо русҳо робита дорад ва дар соли 1852 ба ҷойи ӯ як шахси белаёқат бо номи Мирзо Оқохони Нурӣ сарвазири Эрон шуд. Хизматҳои Амири Кабирро дар таъсис додани аввалин Дорулфунун (университет)-и Эрон дар соли 1851

арзанда медонанд. Аввалин мудири он олими адабиётшинос ва нависандаи машҳури Эрон Ризоқулихони Ҳидоят буд. Номбурда, дар соли 1839 ба сафорате, ки аз ҷониби дарбори Носируддиншоҳ ба назди хони Хева фиристода шуда буд, вазифаи раиси ҳайати намояндагиро ба уҳда дошт. Дар ҳамин шароит, шартномаи дуҷониба миёни Англия ва Эрон дар соли 1857 нисбати масъалаи Ҳирот имзо мешавад. Он якҷониба ва ба фоидаи англисҳо ба имзо расида буд. Яке аз муҳимтарин уҳдадориҳое, ки ҳукумати Эрон дар назди англисҳо ба дӯши худ гирифтанд, ин ҳамла накардан ва ворид нагардидани артиши Эрон ба Ҳирот, инчунин, ҷорӣ накардани пули Эрон дар Ҳирот ва ғайра буданд. Ҷониби Англия ҳам мебоист, чунин амал намоянд, вагарна уҳдадорӣ бекор карда мешуд. Дар уҳдадориҳои шоҳи Эрон зикр шуда буд, ки ҳеҷ гоҳ ба умури дохилии Ҳироти мустақил ва давлати Афғонистон дахолат намекунад [1,с.146].

Намояндагони махсуси идораҳои кашшофии давлатҳои Ғарбӣ ва Россия, тавассути тоҷирон, сайёҳон ва эъзомияҳои гуногун, сарзамини кишварҳои Осиёи Миёна, Афғонистон ва Эронро ҳамаҷониба меомӯхтанд ва барои аҳдофи нопоки худ омодагӣ медиданд. Аз ҷумла, Н.Хаников, ҳамчун намояндаи департаменти шарқи ВКХ Россия, тавассути эъзомияи илмӣ-тадқиқотӣ ба Эрон ва Афғонистон фиристода шуда буд. Дар ҳисоботи худ, ба Петербург чунин ироа мекунад: «Дар тӯли якуним соли фаъолияти эъзомия, дар қисматҳои ҷанубии Осиёи Марказӣ, тавассути топографҳо, мавзеъҳои Астаробод, Машҳад, Ҳирот, Сабзавор, Кирмон, Язд, Теҳрон бо атрофашон аксбардорӣ карда шуд. Соҳилҳои Каспий то Қандаҳор ва аз ҷониби дигар роҳҳо то Балуҷистон нақшакашӣ ва аксбардорӣ шудааст. Қисми зиёди маводи омодашуда, ба Ситоди Кулли фармондеҳии Кавказ, ба генерал адъюдант Ливен пешниҳод шудааст…» [14,с.189]. Давлатҳои қудратманди Аврупоӣ, ба давлатҳои тараққӣ накардаи ақибмондаи феодалии минтақаҳои Осиё ва Африқо, хусусан ба Эрон бо зурӣ ворид мешуданд. Мақсади асосии онҳо ба даст овардани дороӣ буд. Англисҳо ҳамеша дар фикри ба ҳам шӯронидани Афғонистон бо Эрон буданд, то ин ки ба ҳадафҳои ғаразноки худ соҳиб шаванд. Дар миёнаҳои асри XIX дар Эрон зуҳур ёфтани кормандони дипломатӣ ва тоҷирону сайёҳони амрикоиро мушоҳида менамоем. Пайдошавии мутахассисони амрикоӣ дар Эрон, бо бастани шартномаи дуҷонибаи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бо давлати Эрон, аз 13.12.1856 дар шаҳри Константинополи Туркия, ки муҳтавои он дар оғози робитаҳо, асосан зикри хоҳиши дӯстӣ, сулҳ ва равобити дуҷонибаи нек доштани ду давлатро фаро мегирифт. Инчунин, дар 3 шаҳри Эрон, мисли Теҳрон, Бушер ва Табрез кушодани консулгарии ИМА ва дар Ню-Йорк, Вашингтон ва Арлеанаи Нав, иҷозати кушодани консулгарии Эрон дода шуд.

Байни Эрон ва Франсия аз 12 июли 1855 шартномаи нави дӯстӣ-тиҷоратӣ ба имзо мерасад. Яке аз моддаҳои шартнома доир ба кушодани консулгариҳои дуҷониба дар 3 шаҳри Франсия ва 3 шаҳр дар Эрон буд [1,с.116]. Шартномаи дӯстӣ ва тиҷоратии Эрон бо Германия аз 11 июни 1873 аз ҷониби Рейс сафири Германия ва фиристодаи шоҳи Эрон Абдураҳмонхон дар Санкт-Петербург ба имзо расид. Дар ин шартнома, кушодани 3 консулгарӣ дар давлатҳои Эрон ва Германия қайд шудааст. Эрон дар охири асри XIX дар ҳалқаи қудратмандони минтақавӣ қарор гирифт. Се даҳаи охири асри XIX –ро К. Маркс давраи нави гузариш ба империализм ҳисобидааст [9,с.73]. Эрони феодалӣ низ аз чунин бало раҳо шуда натавонист: дар соли 1872 шоҳи Эрон Насриддиншоҳ бо сафири англис Ю. Рейтер барои ворид намудани пул ва моли англисӣ ба Эрон ҳамаи он имтиёзҳоеро ки метавонист, пешниҳод намуд. Дар натиҷа, дар муддати кӯтоҳ, бонкҳо, корхонаҳои ҷустуҷӯӣ- геологӣ, истихроҷи нафт, коркарди тамоку ва ғайраҳо дар Эрон ба дасти англисҳо гузаштанд. Русҳо танҳо бо гирифтани якчанд литсензия-иҷозатномаҳои корбарӣ дар Эрон иктифо намуда, фаъолияташон дар муқоиса бо фаъолияти англисҳо қатрае аз баҳр менамуд. Масалан, русҳо соли 1879 бригадаи казакҳоро бо роҳбарии афсарҳои рус дар қисматҳои шимолии Эрон таҳвил доданд, ки дар ихтиёри давлати Эрон қарор доштанд. Поёнтар, дар ин хусус зикр хоҳем кард. Соли 1889-90 ширкати «Товарищества промышленности и торговли Персии и Средней Азии» («Рафоқати саноатӣ ва тиҷоратии Форс ва Осиёи Миёна») аз ҷониби бародарон Поляковҳо таъсис дода шуданд. Онҳо барои сохтмони як қатор лоиҳаҳои сохтмонӣ дар роҳи оҳан иҷозат гирифтанд. Намояндаҳои махсуси идораҳои истихборотии кишварҳои ғарбӣ ва Россияю Туркия ҳамеша дар фикри нишон додани ҷанбаҳои манфии ҳаёти кишвари Эрон буданд. Ин намояндаҳо озодона ҳар кореро, ки мехостанд, анҷом медоданд. Масалан, намояндаи махсуси Ожонсии Британия Мак Грегор ҳангоми ба шахри Шероз омадан, зикр мекунад, ки барои ӯ асперо омода намудаанд, то ин ки ӯ ба сафараш идома диҳад. Ҳангоми ба шаҳри Бушир расидан, Мак Грегорро полковники англис Росс бо ҳамсараш пешвоз мегиранд. Мак Грегор 26 марти 1875 бо мақсади аз шаҳри Бомбайи Хиндустон ба шаҳри Лондон рафтан, тавассути

Қарочӣ, Шероз, баҳри Каспий, Москва роҳ мепаймояд [3,с.18]. М.Грегор дар бораи қисми ҳарбии форсҳо, ки аз назди онҳо мегузашт ва бо назора кардани бетартибие, ки дар он вуҷуд дошт зикр мекунад, ки «…гумон мекунам, ки ин қисми ҳарбӣ аз харҳо созмон дода шудааст, на аз одамон…». Ё ин ки, кишварҳои дигарро бад карда нишон додани намояндаҳои кишварҳои истеъморӣ дар ҳар як навиштаҳои онҳо вомехӯранд: Губернатори Сарахс Аббос Хон ба Мак Грегор чунин савол медиҳад: «Оё рост аст, ки дар ҷанг русҳо ҳамеша мағлубнашавандаанд?». М.Греггор ҷавоб медиҳад, ки «албатта, русҳо ҳамеша дар ҷанги зидди ӯзбеку туркман ғалаба мекунанд, аммо агар моро (англисҳоро.С.С.) ба ҷанг эҳзор намоянд, иншоаллоҳ шикаст мехӯранд» [3,с.21]. Греггор дар ҳама суҳбатҳояш, халқи маҳаллиро аз русҳо метарсонд. Худи ӯ дар мусоҳибае бо губернатори Сарахс дар Эрон чунин мегӯяд: «Дар Хуросон суҳбат доир ба ҳамлаи русҳо ба Марв ва Ҳирот одат шудааст, мисли он ки англисҳо дар воҳӯрии субҳонаашон суханро аз вазъи боду ҳаво оғоз мекунанд» [3,с.31]. М.Грегор дар бораи ба кӣ тааллуқ доштани ин ё он шаҳри байнимарзӣ дар Осиёи Миёна, Эрон ва Афғонистон, ба ҳукуматдорони хеш «маслиҳатҳо»-и худро дарҳол пешниҳод мекард. Масалан, доир ба кӣ тааллуқ доштани музофоти Марв чунин нигоштааст: «…ҳамин тавр Марвро музофоти Форс ҳисобидан мумкин аст, вале аз сабаби ҷойгиршавии мавқеи ҷуғрофияш ба Форс ягон иртиботе надорад, аз ин рӯ беҳтар мебуд, ки мо онро мулки Афғонистон ҳисобем…». Оре, муайян кардани сарҳадоти давлатӣ миёни кишварҳое, ки англисҳо ҳомиёни онҳо буданд, бо ҳамин гуна пешниҳодоти ашхоси аз таъриху фарҳанг ва ҷуғрофиёи минтақа бехабар амалӣ мегардид. Аммо, ҷониби англисҳо дар ҷустуҷӯи имтиёзҳои бузург баҳри сармоягузорӣ ба иқтисоди Эрон буданд. Масалан, шартномае, чунин моддаҳоро дорост:

Моддаи 1. Шоҳи Эрон барои Рейтер иҷозаи кушодани ширкатҳои гуногунро барои манфиати дуҷониба медиҳад.

Моддаи 2. Ҷониби форсҳо иҷозат медиҳад, ки барои Рейтер ва намояндагони ӯ дар муддати 70 сол сохтмони роҳи оҳанро аз баҳри Каспий то Халиҷи Форс тарҳрезӣ намоянд» ва ғайра [1,с.127].

Аммо, монополия (инҳисорӣ) кардани тамоку аз ҷониби ширкатҳои англисӣ ба норозигии халқ оварда расонд, махсусан оташи ғазаби баъзе муҷтаҳидонро барангехт. Кор то ҷое расид, ки аҳолии Табрез ба шоҳ Насриддиншоҳ нома навишта, норозигии худро чунин иброз карданд: «Аз кадом сабаб, мо маҳсулоти арзон фурӯхтаи худро, бо нархи чандинкарата қимат аз бединҳо харидорӣ менамоем? Агар, сарони мамлакат моро ба ин кор маҷбур кардане бошанд, мо итоат мекунем, аммо маҷбур мешавем, ки ба ин амали онҳо эътироз баён намоем, чунки ҳукумат моро ба ин амал маҷбур сохта истодааст» [1,с.157]. Аммо миёни мардуми Эрон гурӯҳҳои махсус, ки аз ҷониби муҷтаҳиди шаҳри Теҳрон ҷонибдорӣ карда мешуданд, ақидаҳои барғалати иртиҷоии динӣ паҳн мекарданд. Масалан, Ҳасани Оштиёнӣ, ки муҷтаҳиди шаҳри Теҳрон буд, дар ҷамъомадҳо мегуфт: «Дини мо аз даст рафта истодааст, хуб мешуд, ки мо кушта шавем, то ки дар банди бединҳо қарор надошта бошем» [1,с.140]. Инчунин, Ҳасани Оштиёнӣ сигор кашидан, ё ин ки чилим кашиданро куфр эълон мекунад, ки ба ғазаби Насриддиншоҳ гирифтор мешавад. Дар ҷавоб Насриддиншоҳ ба муҷтаҳиди Теҳрон Ҳасани Оштиёнӣ чунин менависад: «Шумо, ки худро олим ва доно метарошед, бе маслиҳат бо ҳукумат кашидани табакро манъ эълон карда, мардумро ба шӯриш бархезондед, ки бетартибиҳоро дар пойтахт ба роҳ андохтанд.Оё Шумо намедонистед, ки ин ҳукумат аст, ки оромиро таъмин менамояд, вагарна бобиҳои (як намуди ҳаракати динӣ.С.С.) Теҳрон дар як шаб ҳамаатонро сар мебуранд ва зану фарзандонатон ба дасти асокири туркҳову англисҳо ва афғонҳо меафтанд…» [1,с.141]. Дар охири нома Насриддиншоҳ зикр мекунад, ки аъмоли муҷтаҳиди теҳронӣ Ҳасани Оштиёнӣ сабаби боз ҳам зиёд шудани ашхоси истифодабарандаи маводи мухаддир дар кишвар мегардад, вобаста ба ин гирифторони маризиҳо зиёд мешаванд, ки ин танҳо бар зарари кор хоҳад буд. Дипломати англис Карзан доир ба аҳамияти мавқеи Эрон дар меҳвари сиёсати Шарқи Наздик барои Британиязикр карда, ҳамзамон дар хусуси аҳдофи зиддианглисии фаронсавиҳо, ки дар оғози асри XIX тавассути Эрон нияти ҳуҷум ба Ҳиндро доштанд, ё ин ки дар Осиёи Миёна қудратмандшавии Россия, қувваи ҳарбии кофӣ надоштани худи Эронро ҳам ёдовар шуда, дар охир чунин иттилоъ медиҳад: «Мо бар онем, ки Эрон мавқеи муҳимми стратегӣ ва сиёсӣ на танҳо барои Ҳиндро дорад, балки умуман барои империя муҳим аст…» [1,с.143]. Дар дастурамале, ки вазорати корҳои хориҷии Англия ба сафири худ дар Теҳрон А.Гардинг 6.1.1902 ирсол намудааст, чунин хабар додааст: «Кӯшишҳои мо бояд ба инкишофи муносибатҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ дар қисмати ҷанубии Эрон нигаронида шавад. Британияи Кабир аз ҷониби кишвари дигаре таъсир расондан ба ҳамин қисмати Эронро таҳаммул карда наметавонад. Ҳукумати Форс хуб медонад, ки Британияи Кабир барои дар Халиҷи Форс нигоҳ доштани

пойгоҳи баҳрӣ ё ҳарбии Россия розӣ шуда наметавонад, чунки ин амал ба бехатарии англисҳо дар Ҳинд таҳдид эҷод мекунад» [1, с.143].

Имтиёзот ба корчаллонҳои америкоӣ низ дар Эрон ба назар гирифта шуда буд. Амрикоиҳо ҳам бо умед дар Эрон мехостанд кори худро, сиёсати худро пеш баранд ва аз дигар қудратмандҳо ақиб монданӣ набуданд. Онҳо якчанд пешниҳодҳо доир ба коркарди маъдан, баровардани об ва ғайраро пешкаш мекунанд, ва ин дар шакли имтиёзот тавассути шаҳрванди Амрико доктор Торренс ба имзо расидааст [1,с.151]. Моддаи 5. Ширкатҳо ҳақ доранд аз давлати Эрон барои сохтмон маҳсулоти хом –рег, санг, хокро бепул гиранд.

Моддаи 9.Ширкат 20% даромадашро ба ҳукумати Форс пешниҳод мекунад.

Моддаи 10. Бо гузашти 70 сол муҳлати амалкарди шартнома тамдид карда хоҳад шуд.

Моддаи 12. Ҳукумати Эрон танҳо 15% даромад аз ширкатҳои ба боигариҳои зеризаминӣ машғулбударо метавонанд талаб намоянд [1,с.150]. Дар осори таърихӣ ва дипломатии охири асрҳои XIX оғози асри XX омадааст, ки бо вуҷуди доштани мушкилоти иқтисодӣ, Эрон ва Россия ҳамеша ба ҳамдигар дар шароити душвор кумак мекардаанд [2,с.65]. Ҳақиқатан ҳам, ҷониби русҳо, ҳусни нияти нек доштан бо ҳамсояи ҷанубии худ-Эронро, бо иҷрои корҳои амалӣ нишон додаанд. Дар таърихи 22 августи соли 1838 сафири шоҳи рус бо исми Лемм ба назди шоҳи Эрон бо туҳфаҳои зиёд фиристода мешавад. Мақсади ин сафорат қадрдонӣ кардани шоҳи Эрон аз дастгириҳои ӯ дар мусоидат намудан ба сафари бехатари ҳоҷиҳои давлати Россия будааст, ки тавассути хоки Эрон рафтуомад кардаанд [14,с.35]. Шоҳи Эрон Аббоси 1 барои ба сарҳадҳои ҷанубии Россия ворид нагардидани туркҳо ва тоторҳои Қрим, сарҳади худро ба рӯйи онҳо баста буд. Инчунин, кӯмаки иқтисодии форсҳо дар рӯзҳои вазнин ба русҳо беандоза будааст. Бахусус, дар давраи беҳокимиятӣ қарор доштани русҳо дворянҳои шветсиягӣ ва лаҳистонӣ барои соҳиб шудан ба тахти шоҳии русҳо ашхоси худро пешбарӣ кардан мехостанд. Дар ифтихорномаҳое, ки миёни сарони кишвари русу Эрон радду бадал гардидааст, калимаҳои «муҳаббат» ва «дӯстӣ» борҳо зикр ёфтаанд [2,с.76]. Ҳукумати Эрон, имтиёзҳо (концессия)-ҳои зиёдеро барои русҳо дар Эрон муқаррар намуда буд. Дар соли 1879 тибқи дархости шоҳи Эрон аз ҷониби афсарони рус бригадаи казакҳо ташкил дода мешавад. Ин бригада бо мақсади ҳифзи қароргоҳи шоҳ, инчунин назорати низом ва роҳ надодан ба ошубҳои халқӣ ташкил ёфта буд. Бригадаи мазкур, дар омода кардани кадрҳои ҳарбии Эрон, ки дар рӯҳия ва тибқи низомномаи артиши Россия омӯзиш ёфта буданд, хизмати арзанда кардааст [12,с.125]. Дар соли 1873 савдогари рус Степан Яковлев иҷозат мегирад, ки дар тӯли 20 сол дар соҳилҳои ҷанубии баҳри Каспий моҳигирӣ намояд [1,с.126]. Имтиёз ба Я.С.Яковлев дар хусуси кушодани бонки ҳисоботӣ – қарздиҳӣ дар Эрон дода мешавад [1,с.131]. Бархе муҳаққиқони таърихи асрҳои XVIII XIX Эрон бар он назаранд, ки хонигариҳои Осиёи Марказӣ ва Афғонистон то солҳои 70 уми асри XIX дар зери таъсир ва нуфузи сиёсии Эрон (сулолаи Қоҷорҳо.С.С.) қарор доштанд [11,с.3]. Онҳо зикр менамоянд, ки сулолаи Қоҷорҳо барои дахолат кардан ба умури сиёсии хонигарӣ ва амирони Осиёи Миёна қудрати сиёсиро доро буданд. Аммо, ба ақидаи мо ин гуфтаҳо на ҳамеша ба ҳақиқат рост меомаданд. Чунки, ҳанӯз соли соли 1747 бо вафот кардани Нодиршоҳи Афшор нуфузи Эрон ба кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Афғонистон қариб аз байн рафта буд. Агар таърихи сиёсии нимаи аввал ва миёнаҳои асри XIX кишварҳои Осиёи Миёнаро бо як нигоҳи иҷмолӣ аз назар гузаронем, қувват гирифтану аз Аморати Бухоро ҷудо шудани хонии Қуқанд ва ҳамеша дар ҷангу ҷидол байни ҳамдигар банд будани Аморати Бухоро ва хони Хева (барои шаҳрҳои Тошканд, Хуҷанд, Ӯротеппа) саҳнаи сиёсии Осиёи Марказиро барои Эрон танг карда буд ва дахолати Эрон дар корҳои сиёсии ин минтақа камранг буд. Солҳои 1905-1911-ро дар Эрон солҳои инқилобӣ номидаанд, ки дар таърихи сиёсии Эрон, нақши бузург гузошт. Ин инқилоб дар партави инқилоби соли 1905-1907 Россия ба амал омад. Ин инқилоби буржуазӣ буд, гарчанде дар қисматҳои шимолу ғарбии Эрон қувваҳои буржуазӣ -демократӣ низ ширкат карда буданд. Аз ноуҳдабароии баъзе аз роҳбарони инқилоб ва бо дахолати абарқудратҳои вакт, мисли Англия ва Россия, инқилоб пахш карда шуд ва ба аҳдофи худ нарасид. Хомӯш кардани ин ошӯби мардумӣ, ки қариб 6 – сол идома дошт, ба ҳукумати Эрон муяссар гардид, аммо бо қабули сарқонуни нав, ҳуқуқи шоҳ маҳдуд шуд. Руҳониён дар ҳаёти ҷамъиятӣ – сиёсии кишвар таъсиргузор буданд. Хусусан, рӯҳониёни мусулмони шиамазҳаб, дар ҳаёти сиёсию иҷтимоии мардум таъсири калон расонданд [1,с.177].

Шоҳи Эрон Музаффаридин дар соли 1906 маҷбур шуд, ки барои паст кардани шиддати ҳаракати конститутсионӣ, ки бо номи «ҳаракати машрута» маъруф аст, як қатор дигаргуниҳоро дар сохтори давлатдорӣ ворид намояд. Аммо, рӯҳониён мехостанд ҳарчи зудтар ба аҳдофи худ расанд. Онҳо конститутсияеро ҷорӣ карданӣ буданд, ки дар асоси

шариат бошад ва ба онҳо хизмат кунад. Барои амалӣ сохтани ин ният онҳо ба шоҳ фишори сахт ворид намуданд. Шоҳ маҷбур гардид, ки сарвазир (ё вазири аввал) Айнуддавларо аз вазифа сабукдӯш намояд.Чунки сарвазир ҷонибдори рӯҳониён буд. Вазири нав дарҳол 5 августи соли 1906 фармони қабули сарқонунро имзо намуд. Эрон аз хонигариҳои Осиёи Миёна, бо доштани чунин Сарқонун хеле пешрафтатар буд ва фарқ мекард. Дар Эрон тамоми сохтори давлатӣ ва фаъолияти истеҳсолию фаъолияти ҷамъиятӣ тибқи конститутсия идора карда мешуд. Дар ҳамон, соли 1906, ҳолатҳои ба амал баровардани интихобот дар маҷлиси аввал қабул карда шуд, ки аз ҷумлаи онҳо:

Моддаи 2. Синну соли интихобкунандагон набояд аз 25 сол кам бошад, онҳо бояд шахрвандони Эрон бошанд.

Моддаи 3.Дар интихобот занҳо ҳаққи иштирок надоранд…

Моддаи 4. Интихобшавандаҳо бояд забони форсиро донанд, шаҳрванди Эрон бошанд, на кам аз 30 сол дошта бошанд ва на зиёда аз 70 сол.

Моддаи 45. Аъзои сенат бояд аз ашхоси кордон, боақл боинсоф, боирода ва ҳурматшаванда дар давлат бошанд…[1,с.163].

Ё ин ки, дар иловаҳо ба сарқонун чунин мехонем:

Моддаи 1. Дини расмии Эрон дини ислом, мазҳаби давлатӣ ҷаъфарӣ мебошад, ки пойбанди 12 имомӣ маҳсуб мешаванд ва ин динро шоҳи Эрон бояд парастиш намояд ва инкишоф диҳад [1,с.167].

Бо овардани якчанд мисол аз моддаҳои сарқонун, ҳолатҳои интихоботӣ дар Эрони солҳои 1907-1910 аён мегардад, ки дар кишвари зери султаи англисҳо ва қисман русҳо буда, нишонаҳои демократикунонии ҷомеаи кишвари Эрон намудор гардида истодааст.

Мутаассифона, мо чунин пешравиҳоро дар сарзаминҳои зери тасарруф гирифтаи Россияи подшоҳӣ,бахусус Аморати Бухоро, ё ин ки дар хонии Қӯқанду Хева мушоҳида намекунем. Хусусан, дар хонигариҳои Қӯқанду Хева ному нишоне аз озодиҳои шахсӣ набуд, ё ин ки дар бораи интихоби вакил ва ё доштани сарқонун ҷойи гап ҳам набуд. Аҳамияти доштани маҷлис, дар кишваре чун Эрон мисли обу хаво зарур буд. Чунки иддае аз ватанфурӯшон ва хоинон, ки дар атрофи қасри шоҳ ҷамъ омада буданд, бо ҳар роҳ тамоми дороиҳои кишварро ба қудратҳои аврупоӣ, махсусан ба Англия ва Россия мефурӯхтанд. Аз ин ҷост, ки вакилони мардумӣ, дар даъвати якуми маҷлиси навташкил пешниҳоди шоҳи Эрон дар хусуси гирифтани қарзи пулӣ аз Англия ва Россияро рад намуданд. Муҳаққиқони таърихи сиёсии оғози асри XX Эрон чунин менигоранд: «Маҷлис кӯшиш мекард, ки ҳаққи шоҳро дар идора кардани давлат ҳифз ва дастгирӣ намояд, то он ки давлат аз истеъморгарони хориҷӣ пул қарз нагирад. Тамоми ашхоси ватандӯст, аз ҷумла хурду калон, омода буданд, ки дороиҳои охирони худро ба давлат бе бозгашт пешниҳод намоянд, то он ки давлат ба қарзи беруна ғутавар нашавад. Намояндаҳои анҷуман шиори «Эрон барои мардуми эронӣ аст, нафаре, ки аз ин шиор дасткашӣ мекунад, хоини миллат аст» [1,с.174].

Дар хонигариҳои Бухоро Хева, ё дар Генерал-Губернатории Туркистон чунин маҷлисҳо набуданд ва ҳис мегардид, ки роҳбарон нисбати халқи худ шафқате надоштанд. Мутаассифона, амалкарди маҷлис дар Теҳрон ва анҷуманҳо дар маҳалҳои Эрон дер давом накард. Аз 22-июни с.1908 шурӯъ намуда, шоҳи Эрон казакҳои зархариди рус ва туфангдорони форсро барои пахш намудани машрутахоҳон, вакилони анҷуман, муҷтаҳидон, муҳаррирони рӯзномаҳо, аз ҷумла «Сури Исрофил» (муҳаррираш Малик ал-Мутакаллимин), «Рухулқудс» – (муҳаррираш Мирзо Ҷаҳонгирхон) ва дигаронро таъқиби сахт намуд ва роҳи терроррро пеш гирифт ва бо ҳамин фаъолияти анҷумани Эрон мутаваққиф шуд. Аз ҷониби шоҳ 100 кушта ва аз ҷониби муқобил, яъне инқилобчиён беш аз 300 кушта ба ҷой монд. Ҳарчанд фаъолияти анҷумани дар Эрон созмонёфта дер давом накард, лекин тавонист ба мардуми Шарқ ва Ғарб аён созад, ки миллати Эрон миллати созанда аст, ҳамеша дар фикри озодӣ ва хушбахтии хеш аст. Мутаассифона, боз ҳамон қувваҳои иртиҷоии ғарбӣ, мисли англисҳо ва русҳо ба шоҳи Эрон кумак намуданд, то ин ки ба сари мардуми Эрон боз бадбахтиҳои навбатиро фурӯ резанд. Дар бораи пахши ҳаракати инқилобии машрутахоҳони Эрон ва кори дасти русҳо ва англисҳо будани он рӯзномаю маҷаллаҳои вақт иттилоъ медоданд. Хабарнигори рӯзномаи «Таймс» дар моҳи июни 1909 дар Теҳрон Д.Фрезер эътироф менамояд, ки англисҳо ҳарчи зудтар ворид кардани қувваҳои артиши русро ба шаҳри Табрез интизор буданд. Ниҳоят, 16 июни соли 1909 шоҳи Эрон Муҳаммад Алӣ аз тахт барканор шуда, ба ҷойи ӯ писари 14 солааш Султон Аҳмад ба тахт мешинад, корҳои давлатдорӣ ба дасти Озодул мулк, ки аз пирони сулолаи Қоҷор буд, супорида мешавад. Пас аз тағйироти сиёсӣ дар Эрон, воқеаҳои Табрез сабаб мегарданд, ки анҷумани 2 юм аз 15.11, то 24. 13. соли 1911 созмон дода шавандва он то 2 сол фаъолият мекунад. Ин дафъа ҳизби демократии Эрон пурра созмон дода мешавад.

Дар ҳамин давраи ҳассос якчанд шаҳрвандони Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, ки бо баҳонаи ислоҳоти иқтисодии Эрон ба ин кишвар омада буданд, бо салоҳдиди худ кор мекарданд. Аз ҷумла, фишангҳои асосии давлати Эрон, мисли хазинаи марказӣ (Бонки миллӣ) дар ихтиёри Шустер ном амрикоӣ, амалиётҳои молию пулиро дар Исфаҳон Хеккок ва дар Озарбойҷон Лекофра, дар Шероз Шиндлер, инчунин Кэрнс, Мак Кескей, Дикей, Хилл, ки яке дар соҳаи андоз, дигарӣ муҳосиб, инспектори даромади музофотҳо, ревизор ва ғайраҳоро дар ихтиёри худ доштанд. Инҳо, ҳамагӣ шаҳрвандони ИМА буданд ва онҳоро Шустер роҳбарӣ мекард.

Аҳолии як қатор шаҳрҳои калони Эрон, мисли Шероз, Теҳрон дар гирдиҳамоиҳои серодам, ба муқобили фаъолияти Шустер роҳпаймоиҳоро созмон доданд, аммо ин иқдом бенатиҷа анҷом ёфт. Ниҳоят, ҳукумати Эрон бо иҷозати маҷлис (даъвати дуюм) аз қудратҳои ҷаҳонӣ Англия ва Россия қарз мегирад (ба андозаи 100 000 фунт стерлинг аз хар кадомашон) ва бо ҳамин Эрон зери нуфузи ин ду абарқудрат қарор мегирад.

Дар солҳои Ҷанги якуми ҷаҳонӣ, Эрон ба тариқи махфӣ, 10 ноябри соли 1915 бо Германия созишнома имзо мекунад ва худро дар муқобили Антанта (иттиҳоди сегона) бетараф эълон мекунад. В.И.Ленин дар бораи тақсими ҷаҳон аз ҷониби абарқудратҳои вақт чунин навишта буд: «Англия, Франсия, Россия, ва Германия бо аҳолии 250-300 млн. нафара ва масоҳати 7 млн км.кв., масоҳати 0,5 млрд. км кв. -ро соҳибӣ кардаанд…» [7,с.327]. Эрон дар ҷанги якуми ҷаҳонӣ шартан давлати бетараф буд, дар ҳолате ки русҳо ва англисҳо аз як тараф, туркҳо аз ҷониби дигар ин кишварро ғорат мекарданд. Қисми шимолии Эрон дар солҳои Ҷанги якуми ҷаҳон тибқи созишномаи англо – русӣ аз 14.03.1915 ба ихтиёри Россия, қисми ҷанубии Эрон ба ихтиёри Англия мегузарад. Дуруст аст, ки бо тақсим шудани Эрон ба қисматҳои шимолӣ ва ҷанубӣ, барои Англия (қисми ҷанубӣ) ва барои Россия (қисмати шимолӣ) Эронро аз дахолат ба корҳои дохиливу хориҷии кишварҳои ҳамсоя берун кард. Дар нимаи дуюми асри XIX хонигариҳои Осиёи Миёна аз ҷониби Россия қариб пурра забт мешаванд ва аз истиқлолияти хеш маҳрум мешаванд.

Қувваҳои аксулинқилобӣ дар охири соли 1917 тавониста буданд, ки бо анҷом додани табаддулотҳои ҳарбӣ Осиёи Миёнаро аз Россия муваққатан ҷудо намоянд. Ба вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии ҷумҳуриҳои навбунёди Осиёи Марказӣ, мисли ҶШС Туркистон ва ҶМШС Туркманистон, давлатҳои Туркия ва Англия тавассути Эрон ва Афғонистони ҳамсоя таъсиру нуфузи сиёсии худро мерасонданд. Махсусан нақши Эрон дар муносибатҳои байни давлатҳои минтақа, аз ҷумла дар хонигариҳои Осиёи Миёна, хеле таъсирбахш буд. Ин давлат муносибатҳои дипломатияшро бо Россия, Англия, Туркия нигоҳ дошта, бо давлатҳои ҳамсояи худ тибқи созишномаҳои баимзорасида амал менамуд. Ёдовар бояд шуд, ки тибқи муоҳидаи байни англисҳо ва русҳо, ки дар соли1907 сурат гирифта буд, Эрони Шимолӣ ба зери нуфузи Россия ва қисматҳои Эрони Ҷанубӣ бошад, ба зери нуфузи англисҳо даромада буданд. Ҳамаи он воқеаҳои сиёсӣ, ки дар миқёси Осиёи Миёна ба амал меомаданд, метавонистанд бо ҳар роҳу восита ба Эрон ҳам таъсир расонанд. Аз сабаби номуайян будани сиёсати берунии худ, Эрон ғуломи ду хоҷа шуда буд. Лекин, барои ба иззати нафси русҳо ва англисҳо нарасидан ва дар амал нишон додани сиёсати берунии худ, ҷониби Эрон бо ИМА ва Туркия ҳам санадҳои дуҷонибаи ҳамкорӣ имзо карданд. Дар солҳои Ҷанги аввали ҷаҳонӣ сиёсати бетарафиро ишғол кардани Эрон дер напоид. Ҳамин ки туркҳо ба иттиҳоди сегона дохил шуданд, пас аз чанд муддат дар қисматҳои шимолии Эрон асокири турк пайдо шуданд. Ин маънои ба ҷанг кашидани Эронро дошт. Аз фурсат истифода бурда, ба қисматҳои шимолу шарқии Эрон русҳо вориди саҳна шуданд. Ба минтақаҳои ҷанубу ғарбии Эрон бошад, англисҳо ворид шуданд. Дар натиҷаи амалиёти ҳарбии русҳо бо туркҳо дар соли 1916 туркҳо аз қисматҳои шимолу ғарбии Эрон пеш карда шуданд ва русҳо то охири Ҷанги аввали ҷаҳонӣ дар он ҷо боқӣ монданд. Ғалабаи Инқилоби Октябр ба Эрон ҳам таъсиргузор гардид ва русҳои коммунист ҳамаи созишномаҳои ҳукумати подшоҳиро, ки бо Эрон имзо шуда буд, бекор ҳисобиданд ва ҳатто, заминҳои тасарруфкардаи собиқ артиши подшоҳии русро (қисмҳоии шимолии Эронро) ба форсҳо баргардонданд. Пас аз ғалабаи Инқилоби сотсиалистии Октябр авҷи ҳаракати озодихоҳӣ дар кисматҳои шимолии Эрон бештар мешавад. Дар зери таъсири воқеаҳои Инқилоби Октябр ҳаракати либералӣ дар шимоли Эрон ривоҷ мёёбад.Васоити ахбори умум ба Россия бо хушнудӣ назар меафкананд. Ҳукумат (ҳукумати Эрон.С.С.) ба ҳамаи мансабдорон тавассути телефон аз зарурияти истиқрори дӯстӣ бо сохтори нави Россия иттилоъ медиҳад [1,с.151]. Дар Эрон ба таври расмӣ Ҳукумати Шӯравиро эътироф намуданд, аммо дар зоҳир ба он бо тардид нигоҳ мекарданд. Чунки аз воридшавии болшевикон ва унсурҳои коммунистӣ ба хоки Эрон дар ҳарос буданд. Ҳамсояи тезории Эрон - Туркия, мехост хориҷ шудани русҳоро аз қисматҳои шимолии Эрон истифода

намуда, он ҷойҳоро забт намояд. Танҳо қаҳрамонии болшевикони форс ва озарӣ боис гардид, ки чунин нияти туркҳо амалӣ нашавад. Фидокориҳои 26 комиссари Боку гувоҳи ин гуфтаҳоянд. Империалистон, ин дафъа дар либоси артиши англисҳо Бокуро ишғол карданд ва 26 нафар комиссарон – муҳофизони Бокуро ба қатл расониданд. Чунин ранг гирифтани воқеа давлати советиро бетараф гузошта наметавонист. Дар соли 1919 аз хоки Эрон ба Ашқобод артиши англисхо ворид гардид. Илова бар ин, амири Бухоро дар якҷоягӣ бо хони Хева иттиҳоди ҳарбиро созмон доданд, ки ба муқобили ҶШС Туркистон нигаронида шуда буд. Ҳамаи ин омилҳо сабаб гардиданд, ки артиши сурх дар миёнаҳои соли 1919 амалиёти ҳамаҷонибаро бар зидди хонигарии Хева оғоз кунад. Дар аввал аскарони сурх артиши англисҳоро аз хоки туркманҳо, аз шаҳри Ашқобод дур мекунанд. Сипас, аскарони сурх ба хоки хонии Хева ворид гардида, ҳокими Хева Ҷунайдхонро беяроқ менамоянд. Барпо шудани ҶХШ Хева эълон карда шуд. Чунин амалиёт дар августи соли 1920 бар зидди амири Бухоро низ сурат гирифт. Аморати Бухоро низ пас аз фирори амир Олимхон ба ҶХШ Бухоро табдил дода шуд.Муносибат ва нуфузи англисҳо дар Эрон пас аз хоки Эронро тарк кардани русҳо дар соли 1910 каме қувват гирифт. Сабаб он буд, ки аз ҷониби англисҳо ба ҳукумати Эрон чандин имтиёзҳо ҷудо карда шуд. Аз ҷумла, ба Эрон омадани мушовирони ҳарбии англис, ҷудо кардани заём ба Теҳрон, назорат аз болои амалиёти пулӣ дар Эрон ва ғайра аз ин далолат мекунанд. Шартномаи дар соли 1919 баимзорасида миёни ин ду давлат чунин ном дошт: «Муоҳидаи кумаки Британия барои равнақ ва пешравии Форс». Ҳарчанд ки Маҷлиси Эрон ин шартномаро ба тасвиб нарасонидааст, лекин бо пофишории ҷониби англисҳо он амалӣ нагардид. Норозигии мардум аз ин амали англисҳо ҳис карда мешуд. Дар натиҷа, ҳукумати ҷонибдори англисҳо дар Эрон ҷойи худро ба миллатгароён ва дигар қувваҳои сиёсӣ дод. Дар соли 1919 ҳукумати нав хоҳони бо ИМА ҳамкорӣ карданро пеш гузошт. Англисҳо маҷбур шуданд, ки қувваҳои ҳарбиашонро аз Эрони Шимолӣ берун оранд. Воқеаҳои сиёсӣ дар соли 1921 ба авҷи аълои худ расид ва дар натиҷаи табаддулоти давлатӣ сулолаи Қоҷорҳо аз тахти шоҳӣ рафта, ҷойи худро ба Ризошоҳи Паҳлавӣ доданд. Дар миёнаҳои соли 1921, дар қисми шимолии Эрон дар сарҳади байни Эрон ва Озарбойҷони Шӯравӣ ҷумҳурии наве ташкил ёфт, ки Ҷумҳурии Сотсиалистии Гелон ном дошт. Онро миллатгароёни қисматҳои шимолии Эрон, ки бештар коммунистҳо буданд, идора мекарданд. Маҳз, мавҷудияти ин ҷумҳурӣ боис гардид, ки муносибати Эрон ва Иттиҳоди Шӯравӣ бад гардад. Ҷониби Шӯравӣ баҳона мекарданд, ки ҷумҳурии навташкил ба Озарбойҷони шӯравӣ дахл дорад, на ба Эрон. Дар охир ба хулосае омаданд, ки русҳо ҶС Гелонро ба ихтиёри Эрон вогузор мекунанд, бо шарте ки англисҳо тамоман хоки Эронро тарк намоянд.Шартномаи Советӣ ва Эрон дар соли 1921 асосан дар меҳвари вазъи сиёсӣ дар қисми шимолии Эрон, махсусан ҷумҳурии навташкили Гелон сурат гирифт. Тибқи қарордоди дуҷониба, тамоми қарордодҳои дар собиқ бо ҳукумати подшоҳии Россия баимзорасида бекор карда шуданд, заминҳои мавриди баҳс, бахусус ҷазираҳо дар баҳри Каспий, роҳи оҳан, бонкҳо ва ғайра ба Эрон баргардонида шуданд.Ҷонибҳо ба қароре омаданд, ки набояд дар хоки якдигар қувваи сеюмро бар зидди яке аз тарафҳо ҷой ва истифода намоянд. Албатта, ин амал ба тезтар хоки Эронро тарк кардани англисҳо таъсир гузошт. Ҳамин тавр ҳам шуд. Аз моҳи май то сентябри соли 1921 аз хоки Эрон қувваҳои англис ва аз хоки Гелон қувваҳои Советӣ берун карда шуданд. Сипас, дар соли 1924 миёни Эрон ва Ҳукумати Шӯравӣ шартномаи тиҷоратӣ ба имзо расид ва натиҷа он гардид,ки якчанд корхонаҳои саноатӣ дар Эрон эҳё шуданд. Азбаски дар дохили Эрон ҳам вазъияти ногувори ҳалношуда, мисли истиқлолиятхоҳии курдҳои қисми шимолу ғарбӣ, дар минтақаи ҷануб бошад, истиқлолиятхоҳии арабҳои Хузистон вазъиятро муташанниҷ мекарданд, англисҳо маҳз аз ҳамин нуқтаҳои доғи Эрон дахолат карданро оғоз намуданд. Соли 1924 арабҳои Хузистон кӯшиши соҳибистиқлолӣ карданд, ва роҳбари онҳо шайх Ҳазалӣ шикаст хӯрда фирор намуд. Дар Курдистони Эрон кумаки англисҳо барои ноором басанда буд. Ҷониби Иттиҳоди Шӯравӣ соли 1924 муоҳидаеро, ки миёни Россияи подшоҳӣ ва Британияи Кабир дар соли 1907 оид ба тақсими Эрон ба имзо расида буд, бекоршуда ҳисобиданд.

**АДАБИЁТ**


1. Белова Н.К. Новая история Ирана // Хрестоматия / Н.К. Белова, В.Н. Зайцев, М.С.Иванов. -М., 1988. -326 с.
2. Веселовский Н.Н. Памятники дипломатических и торговых отношении Московской Руси с Персией / Н.Н. Веселовский. -СПб., 1892. - Т. II. -С. 287.
3. Грегор М. Хорассан. Путешествие по Восточной Персии Мак Грегора / Грегор М. -Киев, 1886. -С.210.
4. Друвил Г. Путешествие в Персию в 1812-1813гг./ Г. Друвил. - М., 1826. - Ч.1.
5. Жуковский В.А. Древности Закаспийского края. Развалины старого Мерва / В.А.Жуковский. - СПб.,1894. -С.85.
6. Кузнецова Н.А. Иран в первой половине X1X века / Н.А.Кузнецова. М.,1983. - С.263.

7. Ленин В.И. Империализм как высшая стадия капитализма / В.И. Ленин. -Т.27. -С.327.
8. Логофет Д.Н. Страна бесправия. Бухарское ханство и его современное состояние / Д.Н Логофет. - СПб., 1909.
9. К. Маркс Избранное //Англо – русская война / К. Маркс. -Т.12. - М.,1978.
10. Муравьёв Н.Н.Записки //Русский архив / Н.Н Муравьёв. -Кн.5.
11. Маҳдї Муҳаммад Астарободї. Таърихи Нодирї. -Бомбай, 1849. С.168.
12. Медведев А. Война Империи / А. Медведев. - М., 2016. -С.796.
13. Соловьёв С. История России с древнейших времён / С. Соловьёв. –М., 2009. -С.798.
14. Ханыков Н. Экспедиция в Хорасан / Н. Ханыков. - М., 1973. -С.202.
15. Потто В. Кавказская война / В.Потто. -М., 2007. -367ст.

## НАҚШИ ЭРОН ДАР УМУРИ СИЁСӢ ВА ТАҲКИМИ МУНОСИБАТҲОИ ДИПЛОМАТӢ БО ХОНИГАРИҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР АСРҲОИ XVIII-XIX ВА ИБТИДОИ АСРИ XX (БАР МАБНОИ САРЧАШМАҲО)

Муносиботи байнидавлатии хонигариҳои Осиёи Миёна бо Эрон дар асрҳои XVIII XIX яксон набудааст. Дар ин давра, якчанд задухӯрдҳо миёни артиши Эрон ва сарбозони хонии Хева сурат гирифтаанд.Ин даргириҳо ба дараҷаи ҷанги бузург нарасидаанд.Яке аз масъалаҳои асосии мавриди баҳси ҷонибҳо, масъалаи сарзамини туркманҳо будааст. Барои соҳиб шудан ба сарзамини туркманҳо, якбора эрониҳо, афғонҳо, амири Бухоро ва хони Хева даъво мекарданд. Бархе сарчашмаҳои таърихӣ тазаккур медиҳанд, ки шоҳи Эрон Оғо Муҳаммадшоҳ нияти ба Аморати Бухоро ҳуҷум карданро дошт, то ин ки фармонравоии худро дар Марв ва замини туркманҳо ҷорӣ намояд. Бо ин мақсад, ӯ бо Замоншоҳи Дурронии афғон дар ҳамин хусус маслиҳат кард. Аммо, бо сабаби сар задани муноқиша дар Кавказ, нақшаи кашидаашро амалӣ карда натавонист. Ҳукумати Эрон, аз сабаби банд будан бо масъалаҳои сиёсии минтақавӣ, ки бо Англия, Россия ва Туркияи Усмонӣ дошт, ба масоили дохилидавлатӣ кам эътибор медод. Аз ин рӯ, масъалаҳои марзӣ дар қисми шимолии кишвар ҳалношуда боқӣ мемонанд. Эрон дар охири асри Х1Х дар иҳотаи абарқудратҳое, чун Англия, Франсия ва Россия боқӣ мемонад. Яке аз сабабҳои якбора ба чунин вазъият гирифтор шудани Эрон, пеш аз ҳама, ақибмондагии феодалӣ дар ин кишвар шуда метавонист, ки аз ҷониби роҳбарони вақти Эрон нодида гирифта мешуд.

**Калидвожаҳо:** хонигарӣ, Эрон, Осиёи Марказӣ, ҷангҳо, зернуфӯз, Россия, марзӣ, Аморати Бухоро, Хева, Қӯқанд, ақибмондагӣ, вазъият, роҳбарон.

## РОЛЬ ИРАНА В ПОЛИТИЧЕСКИХ ДЕЛАХ И НАЛАЖИВАНИИ ДИПЛОМАТИЧЕСКИХ ВЗАИМООТНОШЕНИЙ СО СРЕДНЕАЗИАТСКИМИ ХАНСТВАМИ В XVIII - НАЧАЛЕ XX ВЕКОВ (НА ОСНОВЕ ИСТОЧНИКОВ)

В XVIII-XIX вв, межгосударственные отношения Среднеазиатских ханств с Ираном именно из-за туркменских вопросов находились не на должном уровне. В это время произошло несколько стычек между бандформированиями пограничных служб Хивинского ханства и Ирана. Причиной всех этих стычек были и оставались туркмены. За владение туркменскими землями боролись не только иранцы, но и афганцы, и бухарцы, и хивинцы. Многие исторические источники сообщают, что сам иранкий царь Ага Мухаммад Каджар готовился напасть на Бухару, чтобы навсегда решить туркменский вопрос. Но, из-за нестабильности на северо-западе своей страны, он вынужден был отложить свое наступление. Теперь иранцам предстояло решить важные геополитические вопросы вместе с Турцией, Россией и Англией.Во второй половине Х1Х века. Иран попадает в зависимость от таких великих держав, как Англия, Франция и Россия. Все это произошло в результате недальновидной политики тогдашних иранских правителей. Нестабильность в Иране напрямую коснулась также и Среднеазиатских ханств.

**Ключевые слова***:* отношения, источники, Бухара, геополитические вопросы, нестабильность, стычки, туркменские вопросы, земли, вопрос.

## THE ROLE OF IRAN IN POLITICAL AFFAIRS AND THE ESTABLISHMENT OF DIPLOMATIC RELATIONS WITH THE CENTRAL ASIA CHANCE IN THE XVIII - EARLY XX CENTURIES (BASED ON SOURCES)

In the 18th-19th centuries, the interstate relations of the Central Asian khanate with Iran precisely because of Turkmen issues were not at the proper level. At this time there were several clashes between the gangs of the border services of Khiva khanate and Iran. The cause of all these clashes were and remained Turkmen. Not only Iranians fought for possession of the Turkmen lands, but also Afghans, Bukharians and Khivans. Many historical sources report that the Iranian king Aga Muhammad Qajar himself was preparing to attack Bukhara in order to resolve the Turkmen issue forever. But, due to the instability in the north-west of his country, he was forced to postpone his offensive. Now the Iranians had to solve important geopolitical issues together with Turkey, Russia and England. In the second half of the 19th century. Iran becomes dependent on such great powers as England, France and Russia. All this happened as a result of the short-sighted policy of the then Iranian rulers. The instability in Iran also directly affected the Central Asian khanates.

**Key words:** relations, sources, Bukhara, geopolitical issues, instability, clashes, Turkmen issues, lands, question.

**Сведения об авторе:** ***Саидов Султон Махмадович*** - Таджикский государственный университет коммерции, кандидат филологических наук, доцент кафедры общественных дисциплин. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица А. Дехоти ½. Телефон: **935-01-33-12**

**Information about the author:** ***Saidov Sulton Makhmadovich*** - Tajik State University of Commerce, Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of Social Studies. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, A.Dyhoti Street ½. Phone: **935-01-33-12**

УДК: 930.85

# МАСОИЛИ ТАҲҚИҚИ ДАВЛАТДОРИИ ЭЛОМ ДАР ОСОРИ МУҲАҚҚИҚОНИ ТОҶИК

*Муродов Н.С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Яке аз давлатҳои аввалини ташкилнамудаи аҷдодони тоҷикон – ориёиҳо, ки дар маркази осори таҳқиқотии муҳаққиқони ватанӣ ҷой гирифтааст, давлати Элом (Илом) мебошад. Вобаста ба масоили таърихи давлатдории Элом аз муҳаққиқони тоҷик бештар И. Умарзод, М. Ҳазратқулов ва баъзе дигарон маълумот додаанд. Вале таҳқиқоти махсуси бунёдӣ то ҳол дар ин самт аз ҷониби онҳо сурат нагирифтааст. Аз ҷониби муҳаққиқони хориҷӣ бошад, дар ин самт, таҳқиқотҳо зиёд анҷом дода шудаанд.

Таҳқиқи сарчашмаҳо ва осори бостонӣ аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик нишон дод, ки Элом яке аз аввалин давлатҳоест, ки дар асрҳои ҳаштуми ҳазораи V то милод дар паҳнои ориёни Осиёи Марказӣ то Эрони Марказию Ғарбӣ ташкил ёфта, то охири асри VII то милод арзи ҳастӣ намудааст. Таърихи ҳастии онро 2500 сол нишон додаанд [8, с. 173]. Тибқи навишти ҳам муҳаққиқони ватанӣ ва ҳам хориҷӣ нахустин шахсе, ки дар бораи иломиҳо маълумот додааст, баҳрнаварди Искандари Мақдунӣ Норхус маҳсуб меёфт. Ахборотҳои ӯ имрӯз аксаран ҳамчун сарчашма мавриди истифодаи муҳаққиқон қарор гирифтаанд. Мувофиқи маълумоти ӯ, исми иломиҳо дар рӯйхате ҳамчун "ашоири чаповулгари кӯҳистони Загрос, ки аз шоҳони ҳахоманишӣ боҷ меситониданд" қайд шудааст. Аз рӯйи ахбори муаррихон нахустин давлате, ки дар манотиқи нисбатан васеи Эрон ташкил ёфта, дар ҳайати худ чандин шаҳрҳои калонро муттаҳид намуда буд, давлати Элом мебошад, ки миёни солҳои 2850-639 то милод мавқеи бузурги сиёсӣ ва фарҳангиро доро буд [3, с. 423].

Таҳлили осори аксар муаррихон нишон медиҳад, ки онҳо мавқеи ҷуғрофии Эломро қисмати марказӣ ва ғарбии Эрони муосир нишон медиҳанд. Аммо пас аз омӯзиши аскар сарчашмаҳои таърихӣ ва таҳқиқотҳои бостоншиносон муайян гардид, ки давлати Элом дар аввал дар сарзамини Осиёи Марказӣ ташкил ёфта, баъдан ба ғарб тавсеа ёфтааст. Дар ин бора муҳаққиқи тоҷик И. Умарзод қайд намудааст, ки Элом дар ибтидои ҳазораи III то милод ба водии Қорун ва Керхи кӯчида, шаҳри Сузаро ба сифати маркази худ қарор дод, ки он аз як ҷониб Эломро бо дарёи Даҷла ва Фурот мепайваст, аз ҷониби дигар аз шимолу шарқи Эрони имрӯза – Осиёи Миёнаро муттаҳид менамуд. Ҳамчунин, тазаккур додааст, ки то ташкили давлати Элом дар сарзамини Осиёи Миёна давлатҳои дигар, аз ҷумла давлати Аншон, дар соҳили рӯди Зарафшон, давлати Кумош, давлати Авон, давлати Шумеру Аккад ва давлати Симош вуҷуд доштанд [10, с. 173].

Қобили қайд аст, ки ин маълумоти муҳаққиқи тоҷик нисбатан нав ва то ҷое инъикоскунандаи воқеияти ташкилшавии ин давлати классикии ниёгони тоҷик мебошад. Бо мақсади ба духӯрагӣ роҳ надодан моро лозим аст, ки дар радифи ба таҳқиқотҳои муҳаққиқони тоҷик такя намудан, аз маълумотҳои бостоншиносони хориҷӣ истифода намоем. Муҳаққиқи барҷастаи рус М.М. Дяконов дар хусуси мавқеи ҷуғрофии Элом қайд кардааст, ки "дар ҳазораи II то милод Шушен ва Аншон қисмҳои муҳимми таркибии сарзамини давлати Элом ба шумор мерафтанд. ... шоҳони Элом дар унвонномаи хеш ин ду шаҳрро қайд менамуданд. Шушен Суза мебошад, ки дар маркази Элом қарор гирифта, ба ҳазорсолаи IV то милод рост меояд, вале мавқеи ҷойгиршавии Ашон то ҳол баҳсталаб боқӣ мондааст" [2, с. 185].

Оид ба давлатдории Элом то ҳол масъалаҳои рамзӣ зиёданд, аммо дар асоси таҳқиқоти осори муҳаққиқон метавон гуфт, ки Элом аз ҳама давлати қадимтарин буда, аз маркази Шарқ ба қисми ҷанубии соҳилҳои Месопотамия кӯчид, ки ин аз мутобиқат намудан ба форсҳо хабар медод. Дар ин бора муҳаққиқи дигари тоҷик М. Ҳазратқулов иброз намудааст, ки давлати Элом яке аз қадимтарин давлатҳои аҳди бостонии сарзамини Шарқ ба ҳисоб мерафт, ки пайдоишу инкишофи он ҳамвора бо тамаддунҳои дигари оғозини таърих дар муддати таърихи зиёда аз ду ҳазорсолаи худ пур аз воқеоту ҳаводиси таърихӣ аст [11, с. 103]. Тазаккур бояд дод, ки қадимтарин сарчашмаҳое, ки дар хусуси Элом маълумот медиҳанду аз ҷониби муҳаққиқон мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифтаанд, катибаҳои мехӣ, сумериву аккадӣ, навиштаҷотҳои рӯйи қалъаи Шуш (Суза) ва натиҷаҳои охирини ковишҳои бостоншиносон мебошанд. Ҷараёни ташаккулёбии давлати Эломро муҳаққиқон дар осори хеш пайгирӣ намуда, тазаккур додаанд, ки то аввали нимаи дуюми ҳазораи сеюм ҳанӯз давлати махсусу муқтадире дар Элом вуҷуд надошт. Омили асосии ташаккули давлатдорӣ, пеш аз ҳама, инкишофи неруҳои иҷтимоӣ,

тағйироти сохтори муназзами табақотӣ воридшавии қавмҳои ориёитабор ва омезиши онҳо бо аҳолии маҳаллӣ ва ҳуҷумҳои пайдарпайи давлатҳои ошурию бобулӣ гардидааст. Оид ба масъалаи мазкур яке аз муҳаққиқи машҳур Гришман, ки аксарият ба маълумотҳои ӯ такя намудаанд, ба таври махсус омили устувор гардидани давлати Эломро чунин шарҳ додааст: "Натоиҷи ихтилооти муҳоҷирин, яъне иломиҳо бо мардуми маҳаллӣ ин шуд, ки кишварҳое, ки амирнишинҳои мутафарриқ ва ғайримутааддиде ба ҳисоб мерафтанд, ба сурати иттиҳодияи муқтадире даромаданд ва бузургтарин ҳукуматҳои замони худро ташкил доданд. Аз мухтассоти ҳазораи дуюм сар карда як силсилаи миллӣ дар Илом аст, ки подшоҳ худро паёмбари худо, падар ва Шоҳ меномиданд" [9, с. 135].

Аз ахбороту навиштаҳои боло ҳаминро пайхас намудан лозим аст, ки ташкилёбии давлати Элом ба воридшавии ориёиҳо, ки аз Осиёи Миёна ба Эрони Ғарбӣ рӯ оварда буданд, алоқамандии ногусастанӣ дошта, аз ҷониби онҳо дар аввал дар Осиёи Миёна ташкил ёфта, баъдан дар натиҷаи муҳоҷират ба ғарб ҳудудаш то ҷое васеъ гардида, пас аз мустаҳкамшавӣ ва омезиш бо қавмҳои маҳаллӣ маркази худро ба Суза интиқол додаанд. Яъне, решаи давлати Элом аз Осиёи Миёна об хӯрда, минбаъд бо муҳоҷирати ташкилкунандаҳояш - ориёиҳо то соҳилҳои Даҷлаю Фурот сарҳади худро васеъ намуда, сабзидааст. Ақидаи мазкур назарияи аз Осиёи Миёна ба Эрону Ҳиндустон муҳоҷират намудани ақвоми ориёитаборро боз ҳам пурқувват менамояд. Дар ин хусус И. Умарзода барҳақ навиштааст, ки "бо шарофати Наҳзати Ориён на фақат ориёиён тарки ватан намуда, ба мавзеъҳои дур мерафтанд, балки маълум мегардад, ки давлатҳо низ ба ҷойҳои дигар кӯчида, омили бунёду офариниши тамаддун гардидаанд. Элом яке аз чунин давлатҳост" [9, с. 174].

Кӯчиши давлати Элом ба ғарби Эрон сабаби асосии паҳн шудани тамаддуни ориёӣ дар ин минтақа гардид. Асосгузори мактаби шарқшиносии рус академик Б.А. Тураев баъд аз таҳлилҳои зиёд қайд намудааст, ки "Сузи ба монанди Ур ва Сирпурл маркази Элом буд" [12, с. 19]. Бояд тазаккур дод, ки дар ин ҷо Ур гуфта, мо Истаравшани таърихиро дар назар дорем, ки дар ҳудуди Тоҷикистон қарор дошт. Ва аз маълумоти ин муаррихи барҷаста бармеояд, ки Ур аввалин маркази Элом буд. Зеро аз сарчашмаҳои таърихӣ ва натиҷаи ковишҳои бостоншиносӣ муайян мегардад, ки дар он давроне, ки дар Мовароуннаҳр тамаддун ба вуҷуд омаду ориёиҳоро ба саҳнаи таърих ворид намуд ва давроне дар Ур шаҳр сохтанд, на дар Бобулистон ва на дар Миср шаҳре ба мисли он мавҷуд набуд. Вобаста ба шаҳрҳои бунёднамудаи ориёиҳо дар аҳди давлатдории Элом ва шаҳрҳои маркази ин давлати аҳди бостон дар осори муҳаққиқони тоҷик маълумотҳои муфассалро пайдо намудан эҳтимол дорад. М. Ҳазратқулов шаҳрҳои муҳимми Эломро, ки дар сарчашмаҳо ва катибаҳои таърихӣ ёд шудаанд, мисол овардааст, ба монанди: Овен, Брохше, Симош, Оншон ё Онзон. Мувофиқи маълумоти муҳаққиқ ҳар яке аз онҳо бо унвони шаҳр – давлатҳои махсус дар ҳудуди манотиқи Элом ҳукмронӣ доштанд ва ба маркази давлат -шаҳри Суза тобеъ буданд [10, с. 105].

Аз таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ ва осори муаррихон чунин бармеояд, ки замони муҳоҷиршавии ориёиҳо ба сарзамини Эрони муосир ва Шарқи Наздик ва мустаҳкамшавии давлатдории Элом яке аз аввалин марҳилаҳои инкишофи тамаддуни ориёӣ маҳсуб мeёфт, ки нишондиҳандаи он сохтани шаҳрҳои бузург аз ҷониби қавмҳои воридшуда аст. Муҳаққиқони тоҷик ҳам дар ин самт кӯшиш намудаанд, то фарҳангу тамаддуни хоссаи ориёиҳоро дар замони яке аз нахустин ҳукумати аҷдодии хеш – давлатдории Элом дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ дар осори хеш инъикос намуда, бо ин саҳми ниёгони тоҷиконро дар рушди тамаддуни ҷаҳонӣ исбот намоянд. Ба ақидаи мо, имрӯз рисолати ҳар як муҳаққиқи ватанӣ низ дар асоси ба инобат гирифтани принсипҳои илми таърих исбот намудани таъриху фарҳанги волои ниёгони тоҷикон ва дар ин замина ба вуҷуд овардани як муҳити солими созандагиву бунёдкорӣ аст.

Инъикоси саҳифаи давлатдории аҳди қадими халқи тоҷик дар осори муҳаққиқони тоҷик, ба хотири нишон додани бартарияти қавмию нажодӣ набуда, рисолатест баҳри равшан намудани таҷрибаи волои давлатдории аҷдодони халқи тоҷик ва истифодаи беҳтарин рукнҳои он дар замони муосир. Бояд қайд намуд, ки то ҳол бисёр падидаҳои даврони давлатдории Эломиҳо ба таври бояду шояд омӯхта ва таҳқиқ нашудаанд. Махсусан муносиботи он бо мамолики ҳамсоя. Замоне ки ориёиҳо ба эъмори давлати хеш машғул буданд, дар ҳамсоягии онҳо давлатҳои қадимаи сумериёну бобулиҳо, ки аксарияташро ба қавли тамаддуншинос Вилл Дюрант, қавмҳои муҳоҷиршудаи аз Осиёи Миёнаву Қафқоз рафта ташкил менамуданд, арзи ҳастӣ дошт, вале эшон давлатҳои мутамарказу ташаккулёфтаи хоса набуданд. Аммо ҳаминаш маълум аст, ки сумериён ба ҷуз низоми муназзами иҷтимоӣ, ташкилоти низомии хос ва қувваи муташаккилу корозмудае доштанд [1, с. 167]. Иломиён бо давлати сумериён - Сумер дар марҳилаҳои

мухталифи таърихи аҳди бостон дар ҷангу ситез қарор доштанд, ки омили асосиаш соҳиб шудан ба мавзеъҳои хуби кишоварзӣ маҳсуб меёфт [10, с. 106-107].

Масъалаи дигар, ки аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор гирифтааст, давраи рушди давлатдории Элом мебошад. Аксарият замони ҳукмронии шоҳ Кудур–Нахундиро замони мустаҳкамшавӣ ва васеъ гардидани доираи ҳудуди давлати Элом номидаанд. Махсусан И. Умарзод иброз доштааст, ки дар соли 2280 то милод Кудур-Нахундӣ ҳукумати Эломро ба даст дошт. Ӯ ба Бобулистон ҳуҷум намуда, онро ба даст овард ва баъдан тамоми сарзамини Осиёи Пешро тасарруф кард. Ҳамчунин, муҳаққиқ тазаккур додааст, ки муборизаҳои мазкур баҳри ба даст овардани Бобулистон дар достони “Гилгамиш” ҳам инъикос ёфтаанд. Ворисони Кудур-Нахундӣ – Шимти – Шилҳақ ва Кудур – Мапук ҳамчун шоҳони тамоми манотиқи Осиёи Пеш ҳукмронӣ намуда, сулҳу оромиро ба вуҷуд оварданд [10, с. 174].

Муҳаққиқи барҷастаи аврупоӣ Марсел Дунари раванди инкишофи давлати Эломро дар давраи мазкур таҳлил намуда, тазаккур додааст: “Бо ташкили воҳиди сартосарӣ саҳифаи наву комиле дар таърихи ориёиҳо кушода мегардад ва нафасу илҳоми тозае ба таърихи бостони Ориёнзамин дамида мешавад. Бо дарназардошти он ки ҳар як шаҳр-давлат дар ҳудуди минтақаи худ аз истиқлоли нисбӣ бархӯрдор буд, аввалин маротиба аз ҷиҳати сиёсӣ ва низомӣ маркази ягонаи тасмимгиранда ва қудрати давлати марказиятнок дар Элом эҳсос мегардид”. Яъне дар натиҷаи дар як муҳити сиёсию фарҳангӣ муттаҳид гардидани ақвоми ориёитабор бо ибтикори подшоҳони эломӣ тамаддуни ориёӣ ташаккул ёфта, марҳилаи ибтидоии инкишофи худро соҳиб гардид. Минбаъд дар ҳамин замина бо ташкил ёфтани давлатҳои дигари ориёитаборҳо ва синтез (омехта) гардидани фарҳанги моддию маънавии халқҳои минтақа тамаддуни ориёӣ бою ғанӣ гардида, ба дараҷаи олии рушди худ рафта расид.

Қайд намудан ҷоиз мебошад, ки дар китоби “Ҳастӣ” (Бытия) оид ба танг намудани мавқеи иломиён аз ҷониби шоҳ Хамурапи сухан рафтааст, ки мувофиқи он ҳарчанд ӯ хост дар зери таъсири ғояҳои семитизм ҳукумати мустақили хешро дар Бобулистон мустаҳакам намояд, вале ҳаракатҳои мардумӣ ба ин монеъ гардиданд ва ӯ маҷбур гардид, ки унсурҳои тамаддуни эҳёнамудаи иломиҳоро дубора ба роҳ монад. Дере нагузашта касситиҳо дар Бобулистон ҳукмрон гардиданд, ки дар ин бора Ричард Фрай қайд намудааст, ки “Тақрибан аз солҳои 1500 то 1150 то милод касситҳо дар Бобулистон ҳукумат доштанд, вале дар охир ба монанди ҳурритиҳои митаннӣ дар шимоли Месопотамия бо мардуми Бобулистон омехта шуда рафтанд” [14, с. 86-87].

Ҳамин тариқ, омӯзиш ва таҳқиқи осори муҳаққиқони тоҷик нишон медиҳад, ки эломиҳо дар замони ҳукумати Шутруки Нохунта, Кутири Нохунта ва Шилҳоқи Иншушинак давлати пурқитидору мутамаркази ориёии хешро ба вуҷуд оварданд. Намояндаҳои вопасини сулола, ки исмашон аз ҷониби муаррихон зикр нашудааст, вобаста ба ҳодисаҳои таърихию иҷтимоӣ ва сиёсӣ саҳми хешро дар рушди давлати Элом гузошта онро ба ҳарифи пурқуввату хатарноке барои давлатҳои ҳамҷавори сарзамини ориёиҳо табдил доданд. Мувофиқи нишондоди муҳаққиқон, давлати Элом дар асрҳои XIII-XII то милод давраи авҷу инкишофи азамати хешро сипарӣ намуда, сарзаминҳои Хузистон, Луристони имрӯза, хоки Бахтиёрӣ, пушти Кӯҳ, қисмате аз Форс ва каронаҳои Халиҷи Форсро дар бар гирифта, ҳудудаш дар ғарб ба Бобул, дар шарқ ба Исфаҳону Шероз рафта мерасид. Яъне, давраи мазкурро муаррихон замони тиллоии Элом номидаанд [11, с. 114].

Масъалаи дигар, ки мавриди омӯзиши муҳаққиқони тоҷик қарор гирифтааст, сустшавӣ ва сукут ёфтани давлати Элом мебошад. Таҳлилҳо нишонгари онанд, ки то охири асри VIII то милод бо сабаби ворид гардидани қавму қабилаҳои дигар ба сарзамини Элом мавқеи онҳо дар сарзаминҳои ғарби Эрон ва соҳилҳои Даҷлаю Фурот то ҷое заиф мегардад. Омили дигари ин заифшавиро муҳаққиқон дар ташкилшавии давлати Ошур маънидод намудаанд. Омӯзиши осори онҳо аз он ёдрас менамояд, ки таърихи сиёсии Элом то асрҳои VIII-VII то милод, ки давраи шоҳии навин номида шудааст, норавшан аст. Ҳаминаш маълум мебошад, ки дар Бобул соли 652 то милод миёни Элом ва Ассурия ҷанг ба амал омада, бо шикасти Элом анҷом ёфтааст [10, с. 81-82].

Дар ин хусус академик Б.С. Тураев чунин қайд намудааст: “Шояд Элом аз Ассурия озод шуда бошад ва ҳатто мумкин дар он табаддулоти этнографӣ – воридшавии ориёиҳои Моддии оғозкунандаи давраи нави таърихӣ рӯй дода бошад. Дар давлати Форсҳо, ки яке аз марказҳои хешро аз Элом бо аҳолии маҳаллию қадимаш гирифта буд, муддати чанд вақт онҳоро Ҳахоманишӣ меномиданд: ҳанӯз Артаксерекси 2 ва Куруши Хурдӣ дар навиштаҷоти сезабонаи мехӣ ҷойи дуюмро ба ин забон медоданд” [12, с. 25].

Муаллифони “Таърихи Шарқ” қайд намудаанд, ки дар арафаи ҳуҷуми Ассурия яке аз марказҳои иломиҳо бо номи Оншон (дар наздикии шаҳри имрӯзаи Шероз) истиқлолияти

худро эълон намуда буданд. Ба назар чунин мерасад, ки Ҳахомен сарвари ҳамин марказ буд, ки баъдтар писари ӯ Чишпеш (680/670-645 то милод) ба сулолаи Ҳахоманишиён асос гузоштааст. Аз маълумотҳои дар боло овардашуда ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки баъд аз заифшавии ҳокимияти Элом ва ворид гардидани шоҳони Ошур баъзе аз вилоятҳои марказгурез ва истиқлолхоҳ озодии худро эълон карда, заминаи ташкилшавии давлатҳои дигари ориёитаборро дар минтақа гузоштанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сарсулолаи Ҳахоманишиён низ ин вазъияти мусоидро ба манфиати ақвоми ориётабор истифода бурд, ки минбаъд дар ин замина давлатҳои Мод ва Ҳахоманишиҳо ташкил ёфтанд. Дар ин хусус ҳақ бар ҷониби муҳаққиқи тоҷик М. Ҳазратқулов мебошад, ки чунин навиштааст: "Ба ҳар ҳол, баъд аз мақоми тадриҷии ориёиҳо ва инкишофи нуфузу манзалати онҳо миёни аҳолии таҳҷоӣ аз аввали сомон додани давлати Иломиҳо то Ҳахоманишиён ориёиҳо дар саҳнаи таърихи Машриқзамин ба унвони масдари ҳукуматҳои сиёсӣ фаъолият доштанд ва бофтаҳои худро бо мамлакатҳои ҳамҷавори худ тавре танидаанд, ки аз таркиби он баъдтар давлати Модҳо ва шоҳаншоҳии Ҳахоманишиён бо тамоми салобаташон ҷилвагар шуданд ва аз эшон роиҳаи ниёгони ориёӣ (аҷдодони тоҷикон) ба машом мерасид" [11, с. 115].

Ҳамин тавр, дар асоси маълумотҳои муҳаққиқон ва таҳқиқи пайгиронаи масъала қайд намудан ба маврид аст, ки давлати Элом ва ташкилкунандаҳои он, яъне ниёгони халқи тоҷик – ориёиҳо дар таърихи сиёсӣ ва иҷтимоию фарҳангии ақвоми ориёитабор нақши бузург гузошта, мақоми онҳоро дар манотиқи ғарб то соҳилҳои баҳри Миёназамин устувор намуда, роҳи дурахшони инкишофи тамаддуни ориёиро ҳамвор сохтанд, ки ин роҳ Курушу Дорои Кабирро ба муваффақиятҳои зиёд ноил гардонид. Ҳарчанд эломиҳо аз Шарқи Ориёно бархостанд, аммо дар натиҷаи муҳоҷират дар Ғарб ҳокимияти худро мустаҳкам карда, муҳити сиёсию фарҳангии ақвоми муҳоҷиршудаи ориёиро дар шакли хеле хуб созгор сохтанд. Онҳо нахустин қадамҳои хешро ҷиҳати эъмори тамаддуни оламшумули ориёӣ гузоштанд.

Дар робита ба ин саҳми муҳаққиқони тоҷикро низ дар равшан намудани масъалаҳои мубрами таърихи сиёсию фарҳангӣ ва иҷтимоии аҳди қадимтарин ва қадими ақвоми ориёӣ дар мисоли давлати Элом метавон баланд арзёбӣ намуд. Ба онҳо муяссар гардидааст, ки ин саҳифаи то ҷое норавшани давлатдории ниёгони халқи тоҷикро дар такя ба таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ ва осори муҳаққиқони хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор дода, як қатор масъалаҳоро ошкору рашван созанд:

- хостгоҳи нахустини ташаккулёбии давлати Элом ва ақвоми ташаккулдодаи онро бори аввал дар такя бо ба инобат гирифтани принсипҳои илмӣ – сарчашмаҳои таърихӣ сарзамини Осиёи Миёна нишон додаанд;
- нақши давлати Элом ва ақвоми ориёитаборро дар ташаккули тамаддуну фарҳанги минтақаи Эрони Ғарбӣ ва Шарқи Наздик дар такя ба осори боқимонда тавонистанд барҷаста нишон диҳанд. Махсусан дар сохтмони шаҳрҳо ва эъмори унсурҳои фарҳангӣ, ки заминаи тамаддуни оламшумулро гузоштааст;
- аввалин маротиба бурду бохти ибтидоии ақвоми ориёитаборро дар мисоли давлати Элом дар Ориёнои Ғарбӣ ба таври объективӣ нишон доданд. Махсусан мубориза҇ҳо бо халқҳову давлатҳои ҳамҷавор, ки инъикосгари таърихи зиёда аз дуҳазорсолаи ин ақвоми куҳанбунёд мебошад;
- омилҳои ташаккул, рушд ва суқути нахустдавлати ниёгони халқи тоҷик - ориёиҳоро дар такя ба осори илмии муаррихон ва натоиҷи таҳқиқотҳои бостоншиносон мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода, ин равандро барои ҳаводорони таърихи аҳди қадимтарин ва қадими халқи тоҷик равшан намудаанд.

## АДАБИЁТ


1. Дюрант В. Таърихи тамаддун. Китоби аввал. Машриқзамин -гаҳвораи тамаддун/В. Дюрант; Тарҷумаи Аҳмад Ором -Теҳрон, 1340. – 457 с.
2. Дьяконов М.М. Очерки истории древнего Ирана / М.М. Дьяконов. – М., 1961. – 346 с.
3. Искандарӣ Э. Дар ториқаи қарнҳо.– Теҳрон, 1372. – 423 с.
4. Неъматов Н. Таърихи халқи тоҷик/ Н. Неъматов, Ф. Носирова, С. Бобомуллоев, Д. Довутов, М. Исоматов. Китоби якум. -Душанбе: Сарпараст, 2003. - 368 с.
5. Расулиён Қ. Инъикоси ваҳдати ориёиҳои қадим дар осори таърихии Эмомалӣ Раҳмон. Осори мунтахаб. - Ҷ.2. - С. 399-403.
6. Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум. Аз Ориён то Сомониён/ Э. Раҳмонов.-Душанбе: Ирфон, 1999. - 534 с.
7. Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби дувум. Аз Ориён то Сомониён / Э. Раҳмонов. –Душанбе: Ирфон, 2002. - 557 с.
8. Раҳмонов Э. Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ / Э. Раҳмонов. -Душанбе: Ирфон, 2006. - 367 с.
9. Рованди С.М. Таърихи иҷтимоии Эрон /С. Рованди. – Теҳрон, 1379. – 534 с.

10. Умарзод И. Таърихи тамаддуни ориёӣ / И. Умарзод. -Душанбе, 2006. - 558 с.
11. Ҳазратқулов М. Таърихи тамаддуни Ориён / М. Ҳазратқулов. –Душанбе, 2006. - 577 с.
12. Тураев Б. История древнего Востока. Том 1 /Б. Тураев. – Санкт-Петербург, 1909. – 365 с.
13. Ҷамшедов П. Аз Пешдодиён то Сомониён. Монография / П. Ҷамшедов – Душанбе, 1998. - 278 с.
14. Фрай Р. Наследие Ирана. Монография / Р. Фрай. – М., 1978. – 342 с.

## МАСОИЛИ ТАҲҚИҚИ ДАВЛАТДОРИИ ЭЛОМ ДАР ОСОРИ МУҲАҚҚИҚОНИ ТОҶИК

Дар мақолаи мазкур муаллиф кӯшиш намудааст, ки дар такя ба таҳлили осори муҳаққиқони ватанӣ ва муқоисаи он бо осори муҳаққиқони хориҷӣ дар хусуси яке аз нахустин давлатҳои ниёгони тоҷикон – Элом маълумоти муфассалеро пешниҳод намояд. Дар асоси маълумотҳои муҳаққиқон ва таҳқиқи пайгиронаи масъала қайд намудан бамаврид аст, ки давлати Элом дар таърихи сиёсӣ ва иҷтимоию фарҳангии ақвоми ориёитабор нақши бузург гузошта, мақоми онҳоро дар манотиқи ғарб то соҳилҳои баҳри Миёназамин устувор намуда, роҳи дурахшони инкишофи тамаддуни ориёиро ҳамвор сохтанд, ки ин роҳ Курушу Дорои Кабирро ба муваффақиятҳои зиёд ноил гардонид. Ҳарчанд Эломиҳо аз шарқи Ориёно бархостанд, аммо дар натиҷаи муҳоҷират дар Ғарб ҳокимияти худро мустаҳкам карда, муҳити сиёсию фарҳангии ақвоми муҳоҷиршудаи ориёиро дар шакли хеле хуб созгор сохтанд. Онҳо нахустин қадамҳои хешро ҷиҳати эъмори тамаддуни оламшумули ориёӣ гузоштанд. Элом заминаи сиёсию фарҳангиеро баҳри ақвоми ориёитабор дар сарзаминҳои ғарби Эрон ва Шарқи Наздик гузошт, ки минбаъд онҳоро маълуму машҳур гардонид. Онҳо созмондиҳандгагони нахустин унсурҳо ва падидаҳои давлатдории аҷдодони тоҷикон буданд, ки бо ин ибтикороти худ роҳи васеъ гардидани ҳукумати ориёиҳоро ҳамвор намуданд. Муҳаққиқони тоҷик низ дар ин самт агарчи таҳқиқоти махсусро амалӣ накарда бошанд ҳам, вале ба онҳо муяссар гардидааст, ки дар осори хеш баъзе паҳлуҳои масъаларо то ҷое равшану возеҳ гардонанд. Махсусан масоили бáромаду нахустмеҳани ташкилкунандагони давлати Эломро, ки муддати зиёд дар илм баҳсу мунозираи зиёдро ба миён оварда буд.

**Калидвожаҳо:** масъала, таҳқиқот, давлати Элом, ориёиҳо, Осиёи Миёна, саҳм, тамаддун, ҳукумат, низом.

## ПРОБЛЕМА ИССЛЕДОВАНИЯ ГОСУДАРСТВЕННОСТИ ЭЛАМ В РАБОТАХ ТАДЖИКСКИХ ИССЛЕДОВАТЕЛЕЙ

В этой статье автор пытается дать подробную информацию о первом классическом состоянии таджикских предков государстве - Элам, опираясь на анализ работ местных исследователей и сравнение их с работами зарубежных исследователей. Основываясь на данных исследований, он отмечает, что государство Элам и его основатели, предки таджикско-арийского народа, сыграли важную роль в политической и социокультурной истории арийскоязычных масс, занимающих территорию на западном побережье Средиземного моря. Развитие арийской цивилизации было сведено на нет вместе чего Кир и Дари Великий достигли больших успехов. Хотя эламиты вышли из арийской империи, в результате миграции на Запад они консолидировали свою власть и гармонизировали политический и культурный климат арийских мигрантов. Элам заложил политические и культурные основы арийской цивилизации на западных землях Ирана и Ближнего Востока, что сделало их известными. Они были основателями первых элементов и явлений государственности древних таджикских предков, и благодаря этой инициативе смогли сгладить экспансию арийского правительства. Таджикские исследователи, однако, не провели каких-либо конкретных исследований в этой области, но им удалось прояснить некоторые актуальные вопросы в своих работах. Особенно это касается выступлений организаторов государства Элам, что стало предметом многочисленных дискуссий в науке.

**Ключевые слова:** проблема, исследование, государство Элам, арийцы, Центральная Азия, вклад, цивилизация, правительство, система.

## THE PROBLEM OF RESEARCH OF THE KINGDOM ELAM IN TAJIK RESEARCHERS WORK

In this article the author attempts to provide detailed information on the first classical state of the ancestors of the Tajik ancestors - Elom, relying on the analysis of works of local researchers and comparing them with the works of foreign researchers. Based on researchers' data and consistent research, it is worth noting that the Elom State and its founders, the ancestors of the Tajik-Aryan people, have played a major role in the political and socio-cultural history of the Aryan-speaking masses, making their position in the western coast of the Mediterranean coast. The development of the Aryan civilization has been flattened in a way that has allowed Kurush Dorus the Great to achieve great success. Although the Elomites emerged from the Aryan Empire, as a result of migration in the West, they consolidated their power and harmonized the political and cultural climate of the Aryan migrant population. They have taken their first steps towards establishing the world-famous Aryan civilization. Elam laid the political and cultural basis for the Aryan-style endeavor in the western lands of Iran and the Middle East, which made them famous. They were the founders of the first elements and phenomena of statehood of the ancient Tajik ancestors, and by this initiative were able to smooth the expansion of the Aryan government. Tajik researchers have not done any specific research in this area, however, but they have succeeded in clarifying some of the relevant issues in their works. Especially the issues of speeches of the organizers of the Elam State, which have been the subject of much debate in science.

**Keywords:** problem, research, Elam State, Aryans, Central Asia, contribution, civilization, government, system.

***Сведения об авторе: Муродов Назирмат Сафарович –*** Таджикский национальный университет, ассистент кафедры истории таджикского народа. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **H.hnt.r@mail.ru**. Телефон. **901660003**

***Information about the author: Murodov Nazirmat Safarovich -*** Tajik National University, Assistant of the Department of the history of the Tajik people. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **N.hnt.r@mail.ru**. Phone. **901660003**

УДК : 93 + 902/904 : 891.550(09)

# КАШФИЁТИ НОДИР

*Муродов С.М.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар сарчашмаҳои таърихӣ, аз қабили “Китоб ал-масолик в-ал-мамолик”-и Ибни Хурдодбеҳ, “Масолик ва мамолик”-и Истахрӣ ва осори Абӯрайҳони Берунӣ аз Карон ёд шудааст. Муҳаққиқони маъруф И. Маркварт, В.В.Бартолд, Б. Ғафуров низ дар бораи Карон ва мавқеи ҷойгиршавии он маълумот додаанд. Ҳамчунин сайёҳони рус, ки дар асрҳои XIX ва ибтидои асри XX аз Бадахшон дидан намудаанд, аз ин қалъа ёдовар шудаанд. Нахустин бостоншиносе, ки аз Карон дидан намудааст, доктори илмҳои таърих, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Юсуфшоҳ Яъқубов мебошад.

Харобаҳои ин ёдгории таърихӣ дар масофаи як километрии деҳаи Рузвайи ноҳияи Дарвози Тоҷикистон, дар баландии 1700 метр, дар болои кӯҳи Зоғик ва дар баландии 300-400 метр аз сатҳи дарёи Панҷ ҷой доранд. Қалъаи ин шаҳр дар байни мардум бо номҳои Қалъаи Куҳна, Қалъаи Шаҳна ва ғайра маъруф аст.

Ҳафриёти Карон асосан дар соли 2012 оғоз ёфтааст [1,с.3]. Соли 2013 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз Карон дидан намуда, онро дар қаламрави Мовароуннаҳру Хуросон беназир ва омӯзиши ин ёдгориро зарур донистааст. Дар соли 2015 бо супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Академияи Илмҳои Тоҷикистон аз ҳисоби бостоншиносони ҷумҳурӣ гурӯҳи босалоҳият ташкил намуд, ки ин гурӯҳ аз харобаҳои Карон дидан карданд. Бояд гуфт, ки дар ҳафриёти солҳои 2013-2014 ду нафар бостоншинос аз Осорхонаи миллии Федератсияи Россия “Эрмитаж” А. Никитин ва Л. Смирнова, як нафар бостоншинос аз Осорхонаи санъату таърихи шоҳигарии Белгия О. Бруно, аз соли 2014 ду тан бостоншинос аз Эрон -О. Муминӣ ва Т. Катоюн мушорикат намудаанд. Соли 2016 бо ташаббуси президенти Академияи илмҳои ҷумҳурӣ, доктори илмҳои физикаю математика, академик Фарҳод Раҳимӣ ҳафриёти Карон идома пайдо намуд.

Ҳафриёти чандсола собит намуд, ки Карон шаҳраки шоҳнишин буда, дар он шоҳ, дарбориён, аҳли девон, сипоҳ, хидматгорон мезистаанд. Харобаҳои Карон ҳовии чаҳор қисманд. Дар қисми ҳамворӣ майдони чавгонбозӣ, бурҷи оташ, маъбади об ва расадхона, яъне биноҳои ҷамъиятӣ ҷой доштанд. Дар қисми дувум, дар мавзеи Верги поён фарвартикҳои (устухондонҳои) хонаводагӣ, дар Верги боло дахма, яъне ҷое, ки мурдаҳоро барои лошахӯрон мегузоштанд, мавҷуданд. Дар ин мавзеъ осори се тахт аз сангҳои бузург барои гузоштани ҷасади мардон, занон ва кӯдакон боқӣ мондаанд. Дар қисми севум, дар баландии 300 метр аз сатҳи маъбади об дижи шоҳ ҷойгир аст. Қисми чаҳорум, ки бо номи Дашти манора ёд мешавад, дар тарафи ҷануби диж 300 метр пасттар қарор дорад.

Ҳафриёти чаҳорсолаи Карон чунин натиҷаҳоро ба бор овард: 1. Дар соли 2012 Бурҷи оташ кашф гардид. То ҳафриёт ин теппаро, ки 10 метр баландӣ ва 23 метр қутр дорад, мардуми бумӣ Қалъаи куҳна ном мебурданд. Ҳафриёти ин мавзеъ аз соли 2012 то соли 2013 идома дошт. Бурҷ аз манори марказии мураббаи 6,5 метр бар 6,5 метр ва чаҳор бурҷи дорои 1,60 метр қутр дошта иборат аст, ки онро бостоншиносон Панҷманор номгузорӣ карданд. Бурҷҳо бо манори марказӣ пайванд буда, ҳамзамон бунёд шудаанд. Бурҷ яклухт аз сангу гил ва ғулачӯбҳои дорои андозаи мухталиф бунёд гардида, байни бурҷҳои намои шарқу ғарб ва ҷанубро аркбандиҳо оро медод. Дар ибтидо аркҳо аз тахтасангҳои тарошида сохта шуда буданд ва баъдан, шояд дар асри миёна аз хишти пухта бозсозӣ шудаанд. Барои муайян кардани бунёди Панҷманор бостоншиносон дар девори бурҷи шимолу ғарбӣ гумона заданд. Маълум шуд, ки Панҷманора аз сатҳи кунунӣ дар зарфи 2 метр дар болои сангҳои чида бунёд гардидааст. Дар девори шимолӣ сутуни бузурге сохта,

аз ду тарафи он зинаи ба болои манор баромаданро сохтаанд. Дар болои суфаи шарқӣ як сиккаи шоҳ Канишкаи III ва пораҳои зарфҳои ба аҳди Кӯшониён мансуб буда пайдо шудаанд. Ин бозёфтҳо шаҳодат медиҳанд, ки Панҷманор дар замони Канишкаи III обод будааст. Як сиккаи мисии миёнсурохи мутааллиқ ба асрҳои V-VII дар ҷанубии бурҷи марказӣ ёфт шудааст.

Тарҳу сабки меъмории Панҷманор ба манорҳои аз санги яклухт тарошидаи аҳди Ҳахоманишиён шабоҳат дорад. Панҷманори Карон бо иртифои 9,5 метр боқӣ мондааст. Ба қавли Юсуфшоҳ Яъқубов, он дар ибтидо на камтар аз 15-20 метр баландӣ дошта ва нақши маъбади оташро иҷро менамудааст.

Юсуфшоҳ Яъқубов тахмин мезанад, ки шояд дар Панҷманор оташ дар бурҷи марказӣ месӯхт ва манораҳои гӯша нақши сутунҳои болопӯши аз барфу борон эмин доштани меҳроби марказиро иҷро менамуданд.

Ба қавли Юсуфшоҳ Яъқубов, ин бурҷ дар меъмории Осиёи Марказӣ амсол надорад ва дорои аҳаммияти бузурги таърихӣ мебошад. Бурҷи оташ бори аввал дар Осиёи Марказӣ дар Тоҷикистон кашф шудааст [2,с.142].

Дар соли 2013 дар Карон маъбади об, маъбади рӯди Доитийяи нек кашф гардид. Ин маъбад дар масофаи 65 метрии ҷануби Панҷманор, дар пастхамие бо дарозии 85 метр ва паҳноии 47 метр ҷой дорад. Ҳафриёт собит намуд, ки деворҳои ғарбӣ, шарқӣ ва ҷанубии он дар замони ободиаш 5 метр баландӣ ва ду метр паҳноӣ дошта, аз сангҳои шикастаи вулқонӣ ва чӯбу гил сохта шудаанд. Дар қисми ғарбии он меҳробе ба бузургдошти рӯди муқаддаси авестоии Вангук Доитийяи нек бо лавҳи сангӣ ҷой дорад. Меҳроб дар фарш, дар се тахтасанг бо шакли секунҷа, се сӯрохи обгузар, ҷӯйбор ва дар пушту пешаш ду ҳавз дорад. Дохили маъбад ба се суфаи гуногун тақсим мешавад. Зинаи аввал 14 метр, зинаи дувум 24 метр ва зинаи севум 10 метр паҳноӣ дошта, дар онҳо одамон тибқи мартабаи иҷтимоӣ менишастанд.

Ю.Яъқубов менависад: “Мо ин бинои боҳашаматро ба дарёфти миҳроби 3 метр дарозӣ, 1 метр паҳноӣ ва 1 метр баландӣ, ҷӯйбори об ва ҳавзи 24 ба 24 метр андоза дошта, маъбади рӯди Доитийяи нек номидем ва ҳақиқат аст. Рӯди Панҷи кунуниро забоншиносон, ки аз Вахон сарчашма мегирад, вахш, ваҳӣ маънидод менамоянд. Вожаи Ванагуҳ Доитйа дар Авесто-Даитйа ба маънои беҳ, веҳ ва нек аст... мо тахмин мекунем, ки рӯди Панҷ ҳамон Даитйяи авестоист, яъне ибораи Даитйа ба бахши Панҷ тааллуқ дорад ва ин ҷо яке аз марказҳои динии Ориёнвиҷ буд. Маъбади рӯди Даитйа бори аввал дар Осиёи Марказӣ, дар Тоҷикистон кашф шуда, дорои аҳамияти бузурги илмӣ мебошад” [3, с.143].

Яке дигар аз бозёфтҳои нодири ин мавзеъ лавҳи сангии болои меҳроб бо дарозии 3 метр, паҳноии 1 метр ва баландии 60 сантиметр мебошад. Ин қадимтарин лавҳ дар олам мебошад, ки ба бузургдошти Авесто аз шишасанг тарошида шудааст. Лавҳ, ки порашуда буд, бостоншиносон онро таъмир карда ва болои меҳроб гузоштанд.

Дигар аз мавзеъҳои кашфшудаи Карон майдони чавгонбозӣ мебошад, ки дар қисми шарқии Панҷманор бо дарозии 300 метр ва паҳнои 70 метр ҷой дорад. Дар қисми ҷанубӣ ва ғарбии майдони чавгонбозӣ ҷойҳои нишаст ба монанди амфитеатр ҷой доранд.

Дар соли 2014 дар қисми шимолу ғарби маъбади рӯди Доитйа бинои расадхона кашф шуд. Он дорои чаҳор ҳуҷраи 8х7метр; 8х3 метр; 8х5 метр ва 9х4 метр буда, бинои асосӣ дорои мизи устурлоб мебошад. Суфаҳо дар кунҷҳои расадхона дутабақа буда, гирдашон тахтабандӣ шудааст. Дар маркази девори шимолӣ тоқи бошукӯҳи ороёфта ҷой дорад, ки қисми болои он боқӣ намондааст. Дар домани тоқ, аз кунҷи суфаи шимолу ғарбӣ то суфаи шимоли шарқӣ болои ду нимсутун ва як сутуни ҳаштаркаи аз санг тарошида,рафи сангии дорои 55 сантиметр паҳноӣ ва 4,5 метр дарозӣ мавҷуд аст. Дар қисми ҷанубии раф, моил ба сутуни марказӣ боз як сутуни ҳаштаркаи аз санг тарошидашуда вуҷуд дорад. Дар болои сутун сӯрохии дорои қутри 5 сантиметр ва чуқурии 3 сантиметр мавҷуд аст, ки дар он олоте пайваст мешуд [4,с.411]. Дар васати расадхона мизи устурлоб, ки аз чаҳор қисм

тахтасангҳои секунҷаи зебо тарошидаи рӯ ба боло бо ҳам васл болои чаҳор пояи сангӣ ҷой дорад. Дар маркази миз сӯрохии шашкунҷае, ки дар он шоқул ва тири асбоби ситорасанҷ ҷой дошт, боқӣ мондааст. Дар гирду атрофи мизи устурлоб асбобҳои аз санг тарошида, секунҷаҳои гуногунҳаҷм, тахтачаҳои шашкунҷа, ромба, новаҳо ва дигар асбобу олот пайдо гардиданд. Бояд гуфт, ки расадхонаи Карон нахустин расадхонаест, ки дар ҳудуди Тоҷикистон кашф шудааст.

Ҳамчунин, дар мавсими ҳафриёти соли 2016 дар шимолу ғарби хонаи ситорашиносӣ боз се хонаи дигар кашф шуд, ки маҷмааи ситорашиносиро ташкил медиҳанд. Яъне, дар онҳо гурӯҳи олимон ба омӯзиши кайҳон, ҳаракати ситораҳо офтобу моҳтоб машғул буданд [5,с.554].

Дар қисми шимолу шарқи Карон дижи шоҳ кашф шуд, ки дар он биноҳои истиқоматӣ ҷойгир буда, атрофи онҳоро пешайвони сутундор иҳота менамуд. Дар ин мавзеъ як хонаи бузурги истиқоматии дорои 7,5х 6,6 метр пайдо гардид. Дар қисми ҷанубии он ду ҳуҷраи хоб мавҷуданд. Дар девори шимолии ҳуҷраи рақами 1 дегдон ва суфаву суфачаҳо барои гузоштани дегу коса ва дигар асбобу анҷоми ошхона вуҷуд дорад. Дар қисми шарқии хонаи рақами якум толори бузурги бисёрсуфа ҷой дорад, ки барои баргузории ҷамъомадҳо ва ҷаласаҳо сохта шудааст. Суфаҳо гуногунҳаҷм ва гуногунсатҳ мебошанд. Дар қисми ҷанубии толор ду ҳуҷраи дигар (рақамҳои 5 ва 6), ки дутабақа мебошанд, кашф гардидаанд.

Бояд таъкид намуд, ки ҳуҷраҳои табақаҳои дувум, ки ҷойи зисти шоҳ буданд, боқӣ намондаанд. Аммо аз қабати боло андоваи гаҷӣ бо нақшу нигори рангини олами наботот афтида, дар ҳуҷраҳои табақаҳои аввал пайдо шуданд, ки аз шукӯҳу шаҳомати ҳуҷраҳои ҷойи зисти шоҳ дарак медиҳанд. Дар ин харобаҳои боқимонда расми парандаҳои гуногун, аз қабили парасту, бум ва ғайра тасвир ёфтаанд. Пайдо гаштани хиштҳои пухтаи 30х30х6 сантиметр гувоҳ бар онанд, ки дар табақаи дувум толору ҳуҷраҳо бо пӯшиши гунбадӣ, равоқӣ ва пурнақшу нигор будаанд. Дар табақаи аввали ин сохтмон ҳамчунин 7 ҳуҷраи гуногунҳаҷм пайдо шуд, ки онҳо нақши хазина ва ё анборҳоро мебозиданд. Дар қисми шарқии сохтмон ҳамчунин се ҳуҷраи дигар пайдо гардида, ки онҳоро бостоншиносон ҳуҷраҳои 7,16 ва 17 номгузорӣ кардаанд. Дар болои деворҳои онҳо осори табақаи дувум мушоҳида мешавад. Дар болои девори қисми ғарбии қаср осори маноре боқӣ мондааст. Дар маҷмӯъ диж, масоҳати беш аз як гектарро дар бар мегирад.

Ба ақидаи академик Ю. Яъқубов, “Карон кашфи бузург дар асри 21, дар таърихи халқи тоҷик буда, аҳаммияти умумибашарӣ дорад. Карон маҷмааи нодир дар Бохтари Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ ба шумор рафта, амсол надорад. Кашфи бурҷи оташи муқаддас, маъбади рӯди Доитйа бо меҳробу лавҳи китобаш, майдони чавгонбозӣ бо амфитеатраш, расадхона, дахма, дижи шоҳ ва ғайра ба он далолат мекунанд, ки дар ин ҷо ва Бадахшон то омадани ислом оини суннатии зардуштӣ роиҷ будааст. Яъне, ин бахши замини тоҷик хеле қадим буда, як бахши тавлидкунандаи устураҳои Авесто ва фарҳанги он мебошад. Озмоиши сафолҳои дахмаи Карон дар ҳазораи дувуми пеш аз мелод мавҷудияти онро тасдиқ мекунанд. Бинобар ин Карон маҳсули шоҳони кӯчаки баъдина нест, балки он як бахши тамаддуни бузурги замони Каёниён, Авесто, Зардушт ва ҷаҳонишавии ориёиҳо дар ҳазораи дувуми пеш аз милод мебошад. Карон ягона ёдгориест дар Осиёи Марказӣ, ки дар асоси маводҳои он мо дар бораи ташаккулёбии шахр, сохтор, хусусияти он дар шароити к ӯҳистон маълумот пайдо менамоем. Карон калид дар кушоиши дину оини пешазисломӣ ва кай пазируфтани ислом ва боз даҳҳо масъалаҳои дигари таърихамон мебошад” [6,с.155].

Шаҳри Карон, ки дар беш аз 30 гектар замин доман паҳн намуда буд, то асри XVI қароргоҳи шоҳони Дарвоз буд, ки баъдан онҳо маркази маъмурии худро ба шаҳраки Қалъаи Хум интиқол додаанд.

Бояд афзуд, ки дар деҳоти атрофи Карон чандин осори бостонӣ пайдо шуда, ки хуми сангии замони неолит дар деҳаи Рузвай, ҷоми дастзоз аз қабристони мутааллиқ ба асри биринҷи Пушинги Курговад аз ин қабилаанд.

Бостоншиноси рус А.Б. Никитин, ки дар ҳафриёти ин осори бузурги таърихӣ иштирок намудааст, чунин мегӯяд: ”Харобаҳои Карон ба ин андозаи бузургии хеш ёдгории азиме мебошанд, ки дар камтарин ҷой мушоҳида шудааст. Ин ёдгории ҷиддӣ ковиши ҷиддиро мехоҳд” [7,с.8].

Пас аз кашфи шаҳри Карон дар ҳудуди ноҳияи Дарвоз аз ҷониби Юсуфшоҳ Яъқубов дар соли 2012 дар атрофи ин ёдгории бузурги таърихи тоҷикон ва гузоришҳои кошифи он баҳсу мунозираҳои тезутунд сар зада ва ба гуфти худи Ю.Яъқубов, ҳамкорони вай - академик Раҳим Масов ва доктори илмҳои таърих,бостоншинос Саидмурод Бобомуллоев “бо ғазаб онро ҳазёни навбатии Ю.Яъқубов эълон намуданд” [8,с.103].

Ба хотири муайян намудани аҳаммияти таърихии ёдгории Карон ва хотима додан ба баҳсу мунозираҳо дар атрофи он аз ҳисоби роҳбарияти Академияи улуми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муҳаққиқони Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров бо сарварии академик Абдуҷҷабор Раҳмонзода комиссияи омӯзиши Карон ташкил дода шуд. Натиҷаи кори ин комиссия 15-уми июни соли 2015 дар ҷаласаи раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифт. Аз номи ҳайати комиссия доктори илмҳои таърих, професори Донишгоҳи давлатии Хуҷанд, бостоншинос Набиҷон Раҳимов гузориш дод, ки хулосаҳои кори комиссия чунин буданд: 1.Димнаи Карон – боқимондаи шаҳри азим буда, дорои ҳамаи аломатҳои шаҳри асримиёнагӣ аст. Кашфи шаҳри Карон дар ноҳияи Дарвоз саҳифаи наве аз таърихи халқи тоҷик аст. 2.Қисмҳои шаҳр дар давраҳои гуногуни таърихӣ ба вуҷуд омадаанд. Ҳудуди хронологии димнаи Карон асрҳои зиёд – аз III-IVмелоди то асриҳои XV-XVI – ро дар бар мегирад. 3.Барои муайян намудани вақти пайдоиши объектҳои кофтуков ва таъйиноти функсионалии онҳо доираи васеи сарчашмаҳо ва аналогияҳои адабиёти илмиро истифода бурдан лозим аст. 4.Новобаста ба санагузори димнаи Карон ёдгории нодир буда, омӯзиши минбаъдаи он зарур аст [9,с.102].

## АДАБИЁТ


1. Кашфи шаҳри Карон. – Душанбе, 2012. -3с.
2. Илм ва ҷомеа. -2017. -№2. - 142с.
3. Илм ва ҷомеа. -2017. -№2. - 143с.
4. Ҳисоботи мухтасар доир ба фаъолияти илмӣ ва илмию ташкилии аъзои пайваста (академикҳо) ва аъзои вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2014.-Душанбе, 2014.- 411с.
5. Ҳисоботи мухтасар доир ба фаъоияти илми ва илмию ташкилии аъзои пайваста (академикҳо) ва аъзои вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2016. -Душанбе, 2016. - 554с.
6. Яъқубов Ю. Карон кашфи асри 21 дар таърихи тоҷик аст / Ю. Яъқубов //Илм ва ҷомеа. -2017. -№2. - 155с.
7. Сайдамирзод Э. Шаҳри Карон / Э. Сайдамирзод //Бонувони Тоҷикистон. -2013. -№12. -8с.
8. Яъқубов Ю. Майдони чавгонбозии Карон ва баҳсҳои атрофи чавгон / Ю. Яъқубов // Мероси ниёгон. -2015. -№17. -103с.
9. Раҳимов Н. Боздид аз Карон/ Н. Раҳимов // Мероси ниёгон. -2015. -№17. -102с.


## КАШФИЁТИ НОДИР


Ҳафриёти Карон асосан дар соли 2012 оғоз ёфтааст. Соли 2013 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз Карон дидан намуда, онро дар қаламрави Мовароуннаҳру Хуросон беназир ва омӯзиши ин ёдгориро зарур донистааст. Дар соли 2015 бо супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Академияи илмҳои Тоҷикистон аз ҳисоби бостоншиносони ҷумҳурӣ гурӯҳи босалоҳият ташкил намуд, ки ин гурӯҳ аз харобаҳои Карон дидан карданд. Бояд гуфт, ки дар ҳафриёти солҳои 2013-2014 ду нафар бостоншинос аз Осорхонаи миллии Федератсияи Россия “Эрмитаж” А. Никитин ва Л. Смирнова, як нафар бостоншинос аз Осорхонаи санъату таърихи шоҳигарии Белгия О. Бруно, аз соли 2014 ду тан бостоншинос аз Эрон -О. Муминӣ ва Т. Катоюн мушорикат намудаанд. Соли 2016 бо ташаббуси президенти Академияи илмҳои ҷумҳурӣ, доктори илмҳои физикаю математика, академик Фарҳод Раҳимӣ ҳафриёти Карон идома пайдо намуд. Ба хотири муайян намудани аҳаммияти таърихии ёдгории Карон ва хотима додан ба баҳсу мунозираҳо дар атрофи он аз ҳисоби роҳбарияти Академияи улуми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муҳаққиқони Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров бо сарварии академик Абдуҷҷабор Раҳмонзода комиссияи омӯзиши Карон ташкил дода шуд. Натиҷаи кори ин комиссия 15-уми июни соли 2015 дар ҷаласаи раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифт.



**Калидвожаҳо:** Карон,сарчашмаҳои таърихӣ, ҳафриёт, бостоншиносӣ, расадхона, қалъа, осорхона, омӯзиш, ёдгориҳои търихӣ.


## УНИКАЛЬНАЯ НАХОДКА


Раскопки древнейшего города Карон в основном начались в 2012 году. В 2013 году Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон лично посетив городище Карон, назвал его несравненным на территории Мавереннахра и Хорасана, и посчитал нужным изучение данного исторического памятника. В 2015 году по

поручению Правительства Республики Таджикистан Академия наук Таджикистана создалакомпетентную группу из числа известных археологов республики, которая на месте посетили развалины Карона. Нужно констатировать, что в раскопках старого города в 2013-2014 годах принимали участие два археолога из Национального музея Российской Федерации “Эрмитаж” А. Никитин и Л. Смирнова, один археолог из Короревского музея изящных искусств Бельгии О. Бруно, с 2014 года два археолога из Ирана -О. Мумини и Т. Катоюн. В 2016 году по инициативе президента Академии наук республики, доктора физико-математических наук, академика Фархода Рахими получили продолжение раскопки Карона. С целью определения исторического значения памятника Карон и прекращения споров и дискуссий вокруг него из числа руководства Академии наук Республики Таджикистан и исследователей Хджандского государственного университета имени Бободжона Гафурова во главе с академиком Абдуджабором Рахмонзода была создана комиссия по изучению памятника Карон. Результат работы данной комисси был рассмотрен на заседании руководства Академии наук Республики Таджикистан 15 июня 2015 года.
**Ключевые слова:** Карон, исторические источники, археологические раскопки, археология, обсерватория, крепость, музей, изучение, исторические памятники.

**UNIQUE FIND**

Excavations of the ancient city of Karon mainly began in 2012. In 2013, the President of the Republic of Tajikistan, Emomali Rahmon, personally visiting the Karon fortress, called it incomparable in the territory of Maverennahr and Khorasan, and considered it necessary to study this historical monument. In 2015, on behalf of the Government of the Republic of Tajikistan, the Academy of Sciences of Tajikistan created a competent group of famous archaeologists of the republic, which was visited on the spot by the ruins of Karon. It should be noted that two archaeologists from the National Museum of the Russian Federation Hermitage A. Nikitin and L. Smirnova, one archaeologist from the Kororev Museum of Fine Arts of Belgium O. Bruno took part in the excavations of the old city in 2013-2014, and two archaeologists since 2014 from Iran -O. Mumini and T. Katoyun. In 2016, at the initiative of the President of the Academy of Sciences of the Republic, Doctor of Physical and Mathematical Sciences, Academician Farhod Rakhimi, they continued the excavation of Karon. In order to determine the historical significance of the Karon monument and to stop disputes and discussions around it, a commission for the study of the Karon monument was created from among the leadership of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan and researchers of Khojand State University named after Bobojon Gafurov, headed by academician Abdujabor Rakhmonzod. The result of the work of this commission was considered at a meeting of the leadership of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan on June 15, 2015.
**Keywords:** Karon, historical sources, archaeological site, archeology, observatory, fortress, museum, study, historical sites.

**Сведения об авторе:** ***Муродов Сунатулло Махмарачабович*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры истории таджикского народа исторического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **+992 987-144-381**

**Information about the author:** ***Murodov Sunatullo Makhmarachabovich*** **-** Tajik National University, applicant for the Department of History of the Tajik People, Faculty of History. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone:**+992 987-144-381**

**УДК:930(575.1):93/94**

# ВАЗЪИЯТИ СИЁСИИ АМОРАТИ БУХОРО ДАР ОХИРИ АСРИ XYIII ВА АВВАЛИ АСРИ XIX

***Ҳомидова Қ. Ҳ., Муборак Мирзоалиева***
**Донишгоҳи давлатии молиявию иқтисодии Тоҷикистон**

Дар нимаи дуюми асри XVIII ҳокимони Ҳисор, Кӯлоб, Шаҳрисабз, Қаротегин, Дарвоз, Бадахшон, Ӯротеппа ва Хуҷанд аз сиёсати дохилии давлатдорӣ, ки ба парокандагӣ расида буд, истифода бурда, азми мустақилшавӣ доштанд. Муҳаммадраҳимбии манғит (охирин хони аштархонӣ) соҳиби тоҷу тахти хонигарии Бухоро гардид ва соли 1756 худашро хон эълон намуд.

Ӯ ҳамон сол амакаш Дониёлбиро ҳокими Ҳисор ва вилоятҳои кӯҳистон таъин кард. Пас аз вафоти Муҳаммадраҳимбӣ амакаш Дониёлбӣ (1758 - 1785) ба тахти хонигарӣ нишаст. Аз сиёсати пешгирифтаи Дониёлбӣ ҳокимону феодалони маҳаллӣ ба шӯр омада, кӯшиши аз Бухоро ҷудо шуданро менамуданд. Баъди вафоти Дониёлбӣ писари ӯ валиаҳд Шоҳмурод худро ба сӯфигӣ зада, ҳамчун дарвеши мискин шикастанафсии худро нишон медод. Бо дастгирии руҳониён ӯ дар умури давлат мақоми худро мустаҳкам намуда буд. Шоҳмурод (1785-1800) баъди фавти падараш соҳиби тахт гашт.

Мардум аз сиёсати ҳамонвақтаи манғитиҳо ба шӯр омада, соли 1785 шӯриш бардошт ва зиёда аз ҳазор кас ба қатл расиданд. Шоҳмурод қасам ёд кард, ки мардумро аз бисёр боҷу хироҷ ва маҷбуриятҳо озод мекунад. Ӯ пояи давлатро нисбатан мустаҳкам карда, аз унвони «хонӣ» рӯ гардонида, ба худ унвони «амир» – ро муносиб донист.

Кори Шоҳмуродро писараш Ҳайдар (1800 - 1826), ки дар мадраса дарс мегуфт, идома дод. Ҳайдар дар Хева, Қӯқанд, Ӯротеппа, Ҷиззах, Ҳисор, Шаҳрисабз, Қубодиён,

Қӯрғонтеппа ва дигар вилоятҳо хунрезиҳои даҳшатбор кардааст. Ҷангҳои ӯ бо Қӯқанд тӯлонӣ ва хунин буданд. Ҳайдар Ҳисорро истило кард. Дар замони амир Ҳайдар кӯшишҳои марказгурезии феодалони саркашу истиқлолиятхоҳ афзуд. Хароҷотҳои ҷангиро амир Ҳайдар аз ҳисоби зиёд кардани молиёт ва хироҷҳои бисёр, монанди қӯшпулӣ, танобпулӣ, алафпулӣ, чӯбпулӣ, яксарӣ, миробона, кавсан ва ғайра мебаровард.

Писари Ҳайдар амир Насруллоҳ (1826 - 1860), ки дар таърих бо номи «амири қассоб» машҳур аст, дар баробари ба сари тахт омадан, аввал ду бародарашро қатл намуд ва дар давоми як моҳи аввали ҳукмрониаш ҳар рӯз 50 - 100 касро ба қатл мерасонид. Насруллоҳ бо Шаҳрисабз, Қӯқанд, Хева, Ӯротеппа, Балх, Маймана ва дигар ҷойҳо ҷангҳои харобиовар ва ғосибона мебурд. Шуғли асосии амир ҷазодиҳӣ, ҷаримаситонӣ ва сарбурӣ буд. Амир ҳатто зану фарзандонашро аз дами теғ гузаронида буд. Насруллоҳи хунхорро дар шаби хоб занаш дар гӯшаш симоб рехт ва аз дарди ҷонгудоз фавтид.

Ягона писари ӯ Музаффархон (1860 - 1885) ба тахт нишаста, идомабахши бехирадӣ ва бераҳмиҳои падар гардид. То истилои кишвар аз ҷониби Русияи подшоҳӣ амирони манғит бар болои мардум зулму ситами бераҳмонаро раво дида, тавассути дастаи хуношоми лашкариёну дарбориён мулкро хароб, хоҷагиро касод, зиндагиро маргосо, киштзору боғотро валангор, наҳру ҷӯйҳоро вайрон мекарданд. Кишварро буҳрони иқтисодӣ ҳалқапеч кард ва он батадриҷ ба коми сармоядорони аҷнабӣ фурӯ мерафт. Таваҷҷуҳи тоҷирон, сармоядорон, арбобони сиёсии рус низ ба Осиёи Миёна ҳамчун ба сарчашмаи арзони ашёи хоми саноатӣ ва бозори фурӯши молҳои тавлидоти саноатии рус беш аз пеш зиёд мешуд.

Солҳои 40 - ум ва аввали солҳои 50 -уми асри XIX баъди истилои Қазоқистон лашкари рус рӯ ба Осиёи Миёна овард. Соли 1847 лашкари Русия ба соҳилҳои баҳри Арал расида, қалъаи Оқмачитро ишғол карда, истеҳкоми Русияро барпо карданд.

Лашкари истилогарони ҳукумати подшоҳии рус таҳти фармондеҳии генерал Ф. Кауфман ба Самарқанд дохил шуда, 2 - юми майи соли 1868 онро ба даст даровварданд. 23 - юми июни соли 1868 дар байни Русияи подшоҳӣ ва Аморати Бухоро шартнома баста шуд, ки ин шартнома дар таърих бо номи шартномаи Зирабулоқ маълум аст. Мувофиқи ин шартнома мулкҳои аз тарафи лашкари рус ғасбшудаи Хуҷанд, Ӯротеппа, Ургут, Панҷакент, Самарқанд, Каттақӯрғон, Ҷиззах, Зирабулоқ ба итоати Русия гузаштанд. Бухоро побанди Русия гашта, бе амри он бо мамолики хориҷ робита карда наметавонист.

Ҳукумати Русияи подшоҳӣ барои идора кардани Осиёи Миёна сохтори маъмурӣ таъсис дод. Соли 1865 аввал вилояти Туркистонро таъсис дод, ки марказаш шаҳри Тошканд буд [1, с.8]. Ин вилоят соли 1867 бо фаро гирифтани вилоятҳои Сирдарё ва Ҳафтрӯд ба генерал - губернатории Туркистон табдил дода шуд, ки дар назди он округи ҳарбӣ низ таъсис ёфт. Аввалин сардори генерал - губернатории Туркистон генерал - адютанти подшоҳ К.Т.Кауфман таъйин гардид. Ӯ соҳиби ваколатҳои номаҳдуд буд. Дар ҳудуди генерал - губернатории Туркистон зиёда аз панҷ миллион аҳолӣ иқомат дошт.

Вале амир Музаффарро мустақилияти мулкҳои Шаҳрисабз, Китоб, Бойсун, Деҳнав, Ҳисор, Қаротегин, Дарвоз ва Кӯлоб хуш намеомад.Ӯ мехост ҷойи мулкҳои аздастдодаашро (Хуҷанд, Нов, Ӯротеппа ва Нов) аз ҳисоби мулкҳои Бухорои Шарқӣ пур кунад. Амир аввали соли 1867 Қаршӣ ва Шаҳрисабзро ба такягоҳи худ табдил дода, ба сӯйи водии Ҳисор ҳуҷум кард. Дар ин муҳориба ба ҳокими Ҳисор Абдулкарим додхоҳ ҳокими Кӯлобу Балҷувон Сарахон низ ҳамроҳӣ намуданд. Тӯпхонаи ҳарду тараф ҳам хеле заиф буд. Дар китоби «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров амалиёти ин ҷанг чунин тасвир ёфтааст: «Ҳисориҳо ҳамагӣ чор тӯп доштанд, аслиҳаи оташфишони ҳозиразамони ҷангӣ ба миқдори кофӣ набуд. Бинобар ин тарафҳо аксар вақт ба ҷанги тан ба тан мегузаштанд. Қӯшунҳои Бухоро ҳисориҳоро ақиб нишонда, дар қалъаи Деҳнав ба муҳосира гирифта, баъд онро ишғол намуданд. Сарбозони амирӣ ба қатли омми даҳшатангез шурӯъ намуданд» [2, с.9].

Садриддин Айнӣ ҳамин «қатли ом»-ро чунин тасвир намудааст: «Вақте ки дар муҳорибаи Деҳнав ҳазор нафар асир ба дасти амир Музаффар афтод, амир дар пеши хаймаи худ ҳамаро сар аз тан ҷудо намуд. Мисли махмуре, ки барои нӯшидани шароб таҳолук меварзад, ба чашми худ рехтани хуни усароро тамошо карда, ҷаллодро ба суръат амр мефармуд.

Дар вақти куштани усаро чун рӯз бегоҳ шуда, ғуруби офтобро як соат беш фурсат намонда буд ва ҳол он, ки усаро ҳанӯз чорсад нафар зинда буданд, амир ба Ҳайит ном ҷаллод амр намуд, ки «то ғуруби офтоб бояд кори ҳамаро тамом намоӣ, вагарна худат дар маъразу қатл хоҳӣ омад». Он ҷаллод баъд аз амри қатъӣ дар фурсати як соат ҳамаро сар аз тан ҷудо кард» [3, с. 3]. Гарчанде ки Бухоро давлати абарқудрат буда, маҳсулоти истеҳсолшавандаи он дар бозори ҷаҳонӣ мавқеи муҳимро ишғол менамуд, даромади

асосии он ба хазинаи Русияи подшоҳӣ ворид мешуд. Бухоро на танҳо пахта ва маҳсулотҳои пахтагин, инчунин бо истеҳсоли пӯсти гӯсфанди қарокӯлӣ машҳур гашта буд. Бар ивази ин маҳсулот аз Русияи подшоҳӣ ба Бухоро асбобҳои металлӣ, чой ва ғайра оварда мешуданд.

Артиши типи нави Бухоро солҳои 60-уми асри XIX, пас аз ишғоли Осиёи Миёна аз тарафи русҳо, бо сардории гурезаи артиши казакҳои Сибир – Усмон таъсис дода шуд. Инқилоби соли 1917 рус дар баробари ҳазорҳо халқиятҳои дигар ба ҳаёти сиёсию иқтисодии мардуми Бухоро низ бетаъсир намонд. Дар ин давра Бухоро аз тарафи амири охирини сулолаи туркии манғит амир Олимхон (1910-1920) идора карда мешуд.

Олимхон фарзанди амири Бухоро - Абдулаҳадхон буда, соли 1880 дар дарбори амирӣ таваллуд шудааст. Дар синни 13-солагӣ падараш ӯро ба шаҳри Санкт-Петербург барои таҳсил мефиристонад, ки Олимхон дар он ҷо чор сол таҳсил намуда, ба Бухоро бармегардад. Азбаски Олимхон ба омӯхтани илм шавқ надошт, дар давоми чор соли таҳсил дар шаҳри Санкт-Петербург ӯ фақат ба тарзи гуфтугӯ ва маданияти русҳо каму беш шиносоӣ пайдо намуду халос. Олимхони ҷавон бештар ба фойтунсаворӣ, нигоҳубини кабутарон шавқ дошта, навохтани асбобҳои мусиқии танбуру дуторро дӯст медошт. Таваҷҷуҳ надоштани Олимхон ба илму маърифат амир Абдулаҳадхонро мутаассир менамуд, бинобар ҳамин ҳам ӯ вориси худ Олимхонро «Олими гов» меномид.

Пас аз вафоти амир Абдулаҳадхон соли 1910 амир Олимхон ба тахти Аморати Бухоро нишаст. Инқилоби соли 1917- и рус ба вазъи Бухоро низ бетаъсир намонд. Гарчанде ки Олимхон аз ин табаддулот бохабар буд, мехост боигарии худро, маблағҳои дар Бонки давлатии Русия нигоҳдоштаи худро ба яке аз бонкҳои Европа гузаронад. Тобистони соли 1917 ба Олимхон муяссар гардид, ки бо миёнаравии савдогари рус И. Стахеев 150 миллион рубли русии худро ба бонкҳои Англия ва Франсия гузаронад, ки пули хеле калон ҳисоб мешуд. Амир Абулаҳадхон ва амир Олимхон аз капиталистони рус барои хизматҳои худ маблағ мегирифтанд, инчунин барои аз ашёи хоми содиротшаванда низ андоз гирифта мешуд, ки ин хазинаи амирро пур мекард.

Яке аз муҳаққиқони англис Гленд Фрезер маълумот медиҳад, ки амир Олимхон аз маблағҳои дар бонкҳо гузоштаи худ истифода бурда натавонист. Зеро ки дар вақти инқилоби Бухоро ва гурехтанаш аз Бухоро то ҳол маълумотномаҳои ин бонкҳоро дастрас накарда буд, инчунин масъалаҳои сиёсии он давра ба амир Олимхон имконияти ҳал намудани масъалаҳои пулиро намедод.

Дар айни замон Михаил Фрунзе 28-августи соли 1920 бо ҳамроҳии қӯшуни худ ба шаҳри Самарқанд ҳозир гардид ва аз ҳамон ҷо ба инқилоби Бухоро роҳбарӣ намуд. Муҳаммади Балҷувонӣ ҳамчун шоҳиди воқеа дар китоби хотираҳои худ «Таърихи Нофеӣ» асли воқеаро шарҳ додааст. Ӯ менависад, ки: «29 август аскарони сурх аз Когон ҳаракат намуда, ба тирборонкунии шаҳри Бухоро сар карданд. Аз арки Бухоро низ ба муқобили онҳо тир кушода мешуд. Аз шаш дарвозаи Бухоро низ ба тарафи Когон тирпарронихоюю бесарусомониҳо ба амал омад [4, с. 6].

Аз тарафи лашкари амирӣ яроқ ва пушкаҳои оташфишони кухна истифода шаванд, аз тарафи аскарони сурх ба онҳо ба воситаи яроқҳои сохти нав, поездҳои зиреҳпӯш, аэропланҳои бомбаборонкунанда тирпаррони карда мешуд. Донишманди тоҷик Муҳаммадҷон Шакурӣ ҳодисаи ҳуҷуми русҳоро ба Бухоро чунин қисса мекунад: «Се рӯз ёздаҳ ҳавопаймоҳои Фрунзе шаҳри Бухороро бомбаборон карданд. Шаҳре, ки иборат аз мадрасаву масҷид, манору бурҷу гунбаду қуббаҳо иборат буд, бераҳмона бомбаборон гардид. Ҳамчунин аз тӯпхона манотиқи маркази шаҳр гулӯлаборон шуд. Ғосибон якчанд масҷидеро, ки обод монда буданд, ба сарбозхона ва оғили аспҳои худ табдил доданд» [5, с. 7].

Муллобачаҳо ва мардуми Бухоро бо дидани мошинҳои парвозкунанда ба таҳлука афтода буданд. Амир бо наздикони худ ба резиденсияи беруназшаҳрии худ - Ситораи Моҳи Хоса гурехта, аз ҳамон ҷо ба инқилоб сарварӣ менамуд. Ҳамон вақт лашкари амирӣ аз 3 полки навтаъсис бо номҳои «Турк», «Араббача» ва «Шербача» иборат буд. Полки «Шербача» асосан аз муллобачаҳои мадрасаҳои Бухоро иборат буд. Сарбозони амирӣ хеле бад мусаллаҳ буда, тартиботи ҳарбиро намедонистанд. Абдурауф Фитрат (яке аз ҷадидоне, ки ба муқобили амир мубориза мебурд) навиштааст, ки муҳофизати шаҳр аз тарафи лашкари амирӣ хеле суст ба роҳ монда шуда буд [6, с. 3].

Қисми зиёде аз сарлашкарони амирӣ дар роҳи гурез буда, пинҳонӣ бо амир воҳӯрӣ менамуданд. Бегоҳии 30 август аз зарби тирпарронихои аскарони сурх тамоми шаҳр меларзид. Яке аз намояндагони Туркомиссия Соколников менависад, ки дар иҳота намудани қасри амири Бухоро зиёда аз 600 нафар аскарони сурх ҷони худро бохтанд. Ба шаҳр зиёда аз 12 ҳазор снарядҳо партофта шуд ва аз як панҷ ҳиссаи қисмати шаҳр ба хок

яксон гардид [7, с. 10]. 1 сентябри соли 1920 тамоми шаҳр ба дасти аскарони сурх гузашт. Аскарони амирӣ дигар шаҳрро ҳимоя карда наметавонистанд. Шаҳр бесаркалон монда буд. Бомбаборонкунии шаҳр ва куштани мардумоне, ки дар масҷиду мадрасаҳо ҷамъ омада буданд, давом мекард. Балҷувонӣ навиштааст, ки рӯзи якуми сентябр дар хотироти мардуми Бухоро ҳамчун «рӯзи фироқ» боқӣ мемонад [8, с.6]. Ҷанг то маркази шаҳр омада расида буд. Муқобилияти охирине, ки тақдири Аморати Бухоро ва амири Бухороро ҳал намуд, ин муҳорибаи Лаби Ҳавзи Девонбегӣ буд, ки ба он Абдусатторбеки тӯпчибошӣ сардорӣ мекард. Сарбозони ин гарнизони ҳарбии амирӣ аз муллобачаҳои мадрасаҳои Бухоро иборат буд. Худи Абдусатторбеки тӯпчибошӣ ҳалок гардид. Отрядҳои афғонҳое, ки дарвозаҳои Самарқандро муҳофизат менамуданд, баъди таркидани снаряд ва пора - пора шудани дарвозаи Самарқанд гурехта рафтанд. Қозикалон ва раиси калон низ бо аҳолии боқимондаи шаҳр гурехтанд.

Хабари ба дасти русҳо гузаштани Бухоро ба амир Олимхон расид ва ӯ бо афсӯси зиёд гуфт: «Тақдир ҳамин будааст, роҳи дигар нест, гурехтан лозим меояд» [9, с.10]. Амир Олимхон ва наздикони вай савори якчанд фойтунҳо, аз Худо мадад хоста, ба роҳ даромаданд. Дар гусели амири Бухоро садҳо марду зан иштирок намуда, садоҳои «вой шариат», «вой дини ислом»-ро баланд менамуданд. Сарнагун шудани амир зарбаи сахте ба дини ислом ва барои мардуми мусулмон буд. Он рӯзро мардум на танҳо ҳамчун «рӯзи фироқ», инчунин ҳамчун «қиёмати асғар- охирзамон» қабул намуда буданд. Ҳамон рӯз лашкари боқимондаи амир низ пиёдаву савора шаҳрро тарк намуданд [10, с.10].

Сарвазири амир Олимхон Низомиддин Девонбегӣ (Мирзои Урганҷӣ) аз Ситораи Моҳи Хоса рӯзи 1 сентябр аз самти дарвозаи Қароқул ба лашкари русҳо «ҷиҳод» эълон намуд. Вале пас аз шикасти сахт ӯ низ аз пайи амир роҳи гурезро пеш гирифт. Шаҳрро то рӯзи 6-уми сентябр сӯхтори калон фаро гирифт, аз арки амир сар карда, тамоми бозору дуконҳои тоҷирони шаҳр ба хокистар табдил дода шуда буданд. Шоҳидони воқеа гуфтаанд: «Таърихи Бухоро то ҳол чунин даҳшатро надида буд» [11, с.2]. Ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ хароб карда шуданд, бисёре аз масҷиду мадрасаҳо вайрон карда шуданд, дуздиву ғорати шаҳр ба авҷи аъло расида буд.

Бо барҳамхӯрии Аморати Бухоро Ҷумҳурии Халқии Бухоро эълон карда шуд. В.В.Куйбишев ҳамчун намояндаи Федератсияи Русия ба Бухоро фиристонида шуд. Куйбишев вазъияти дохилии Бухороро омӯхта, сиёсати хеле моҳиронаро пеш гирифт ва тамоми Ҷумҳурии Халқии Бухороро ба зери назорати қатъии худ гирифт. Дар як муддати кӯтоҳ ташкилоти умумибухороӣ, комитети инқилобиро таъсис доданд. Комитети инқилобии умумибухороиро писари яке аз давлатдорони Бухоро – Абдулқодир Муҳиддинов сарварӣ менамуд ва ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Бухороро бошад, Файзулло Хоҷаев сардорӣ мекард.

Аввали моҳи октябр дар Бухоро қурултойи (съезд) намояндагони халқ даъват карда шуд, ки Бухоро Ҷумҳурии Ҳалқии Шӯравии Бухоро эълон карда шуд. Ҳукумати навтаъсис ба мардуми бой ва бадавлати Бухоро барои кумак ба ҳукумати навтаъсис муроҷиат намуданд. Ба ин муроҷиатнома аввалин шуда, бародарзодаҳои Файзулло Хоҷаев – Ато Хоҷа ва Усмон Хоҷа ҳамроҳ шуданд, ки онҳо низ баъдтар ба ҳайати ҳукумати навтаъсиси Бухоро дохил гардиданд (онҳо соли 1922 ба босмачиҳо ҳамроҳ шуда буданд).

Бо амири гуреза консули Афғонистон дар Тошканд Муҳаммад Асламхон ва хазиначии амир Имомқулихон ҳамроҳӣ менамуданд. Вақте ки онҳо ба Бойсун расиданд, хабари наздик будани аскарони сурхро шунида, ба тарафи Ҳисор фирор намуданд. Дар китоби «Хотираҳои Амир Олимхон» дар таҳияи Аҳрор Мухторов аз забони худи ӯ чунин шарҳ омадааст: «Ин бандаи оҷиз, дар ин бечорагони аламрасида насиҳат ва дилбардорӣ намуда, тасаллӣ дода, бар бечорагон дуо намуда, дар ҳаққи худ дуо гирифта, фақиру фуқароёни бечорагон маъюс ва интизор монда, иродаи Шарқии Бухоро намудам. Ба муддати 8 рӯз дар вилояти Қӯрғонтеппа, тобеи Бухоро расида, як даҳ рӯз дар он ҷо истодам. Ҳангоми убур аз Ғиждувон ногаҳон аробавагони оҳанпӯш пайдо шуда, роҳро ба сӯйи бенавоён баст. Дар он мавқеъ чанд нафар аз бузургон ва атрофиёни манн, аз қабили Усмон қушбегӣ, қозиюл-қузот Бурҳониддин, раис Абдурауф корвонбошӣ, Юсуфбий, Муқимбий дастгир шуданд. Аз вилояти мазкур дар тараддуди истеҳкоми роҳи душман гардида, асокиру фуқароёнро ҷамъ оварда, аз бандари мавқеи Дарбанд, тобеи вилояти Бойсун, пеши душманро истеҳком намуда, шурӯи муҳорибаро эҷод намуда, вопас дар вилояти Ҳисори Шарқии Бухоро омада истодаам» [12, с.1].

Дар ҳамин бобат дар китоби Аҳрор Мухторов «Ҳисор» чунин оварда шудааст: «Амири Бухоро бо ҳамроҳии давлати Шӯрои Русия муҳориба намуда, мағлуб гардида, аз Бухоро гурехта ба вилояти Ҳисор рафтааст.Сипас амир аз таъқиби аскарони рус ба тарафи Қӯрғонтеппа мегурезад. Пас аз вафоти Мирзои Урганҷӣ ба Ҳисор баргашта,

писари ӯ Холдорбегиҷонро дар шаҳри Ҳисор ҳоким таъйин мекунад. Вақте ки аскарони рус аввалҳои соли 1921 шаҳрҳои Деҳнав, Сари Ҷӯйро гирифта, озими Қаротоғ ва Ҳисор гардиданд, аллакай амир дар Ҳисору Душанбе ба «қатли ом»-и «ҷадидон» даст зада буд. Амир аз Душанбе ҳам фирор намуда, ба сӯйи Кӯлоб гузашта, як-ду ҳафта дар Кӯлоб истироҳати вахмомез карда, аз он ҷо аз наҳри Омӯя гузашта, ба вилояти Афғонистон рафта, дар шаҳри Хонобод қарор мегирад ва аз ҳамон ҷо барои қабул ба подшоҳи Афғонистон мактуб мефиристонад» [13, с.4].

Аскарони амирӣ барои муҳофизати худ ва аз сари нав барқарор намудани аморат ба мубориза бархостанд. Дар Бухорои Шарқӣ - махсусан дар Душанбе ва Ҳисор андозҳо барои «ҷиҳод» ҷорӣ карда шуд, ки аҳволи мардумро боз ҳам бадтар намуд. Ба кумаки онҳо босмачии фарғонагӣ Шермуҳаммад (кӯри Шермат) бо ҳамроҳии 300 нафар лашкари худ ба воситаи Деҳнав омад. Онҳо мехостанд ба воситаи Деҳнав ба русҳо зарба зананд, азбаски дастаҳои кӯри Шермат асосан ба роҳзаниву ғоратгарӣ машғул буданд, онҳо ба ҷойи ба муқобили русҳо ҷангидан, ба ғорати мардум сар карданд. Мардум ба шӯр омада, ба дастаи ғоратгарони кӯри Шермат дарафтоданд. Вале, аз дасти ғоратгарон қисми зиёдии аҳолӣ ба шаҳодат расид.

Яке аз нафароне, ки дар муборизаи зидди аскарони сурх мавқеи назаррасро ишғол менамуд, эшони Султон буд. Ӯ дар ҳамин давраи пуртаҳлука ҳамагӣ 35 – сола буда, аслан аз деҳаи Ёзганд, наздикии маҳаллаи Чилдараи ноҳияи Сангвор буд, ки мардуми ин маҳаллаҳо аз дарёи Хингоб beштар тилло шуста ҷамъ меоварданд. Падари эшони Султон пас аз 3 маротиба зиёрати хонаи Худоро анҷом додан, маъруфу муътабар гардида, ҳамчун шахси бомаърифату хатмкарда ва ҳоҷӣ дар вилоятҳои Дарвозу Қаротегин машҳур гардида буд ва муридону эътиқодмандони зиёде дошт.

Соли 1921 амир Олимхон ба Ҳисор омада, эшони Султонро ба назди худ даъват намуд ва ба ӯ супориш дод, ки мардумро ба муборизаи зидди аскарони рус даъват намояд. Эшони Султон дар муборизаи зидди аскарони сурх амалиёти зиёде гузаронид. Ҳатто тирамоҳи соли 1922 бо фармони сарлашкари турк Салимпошо ба унвони баланд сазовор гардид.

Амир дар натиҷаи кӯшишҳои зиёд қӯшуни даҳҳазорнафарaро бо номи «қаракалтак»- (сиёҳкалтакдорон) ҷамъ намуд, ки ин дастаҳоро эшони Султон, Фузайл Махсум аз Қаротегин, Давлатмандбий аз Балҷувон ва ғайраҳо сардорӣ мекарданд. Дастаҳои Калтакдорони сиёҳ, ки ба ҷиҳод бархоста буданд, мардумро қатлу ғорат менамуданд. Ба ин гурӯҳ Барот Ҳидоятчӣ- ҳокими Қаротегин низ ҳамроҳ шуда буд. Дар аввали соли 1920 ба амир Олимхон маълум гашт, ки ба Афғонистон умед бастан нашояд. Вале бо вуҷуди ин амир Олимхон аз шоҳи Афғонистон барои муборизаи зидди русҳо дастгирӣ хост.

Шоҳи Афғонистон - Амонуллоҳхон муқобили дахолати Англия ба корҳои Русия буд, зеро ки истиқлолияти дохилии пас аз муборизаҳои дуру дароз бо англисҳо (соли 1919) бадастовардаашро мумкин буд, ки зери хатар гузорад. Аз тарафи дигар, англисҳо нисбати русҳо эҳтиёткор буданд, зеро онҳо низ медиданд, ки Русияи Шӯравӣ Амир Олимхонро таъқибкунон ба хоки Афғонистон хеле наздик оварда буд. Англия мехост бо Афғонистон ба муқобили Русияи Шӯравӣ шартнома баста, Афғонистонро бо аслиҳа ва лавозимоти ҷангӣ таъмин намояд, вале аз хавфи он, ки ин аслиҳаю лавозимот ба дасти паштуҳои афғон афтода, ба муқобили худи онҳо сафарбар мегарданд, аз фикри кумак ба Афғонистон даст кашид. Хулоса, ҳам англисҳо ва ҳам ҳиндуҳо ба чунин вазъият бо ҳарос нигариста, аз кумак кардан ба амири гуреза худдорӣ менамуданд.

Дар охири моҳи феврали соли 1921 қисмҳои ҳарбии аскарони сурх ба Душанбе наздик шуданд, амир Олимхон аз сабаби тармафароиҳои роҳи Помир маҷбур буд ба воситаи гузаштан аз дарёи Аму роҳи худро ба Афғонистон анҷом диҳад. Қисмҳои аскарони сурх аз Ҳисор сар карда, амири гурезаро таъқибкунон ба воситаи Қизил-Қалъаю Қӯрғонтеппа ба Кӯлоб ворид шуданд. 26 феврал Кӯлобро ишғол намуда, ба воситаи деҳаи Бешкаппа мехостанд пеши роҳи амирро гирифта, ӯро дастгир намоянд, вале маълум шуд, ки аскарони сурх як рӯз дер кардаанд, амир аллакай ба Афғонистон фирор намуда буд.

4 марти соли 1920 амир Олимхон ба воситаи деҳаи Чубеки ноҳияи имрӯзаи Ҳамадонӣ аз дарёи пурталотуми Ому гузашта, ба Хонободи Афғонистон ворид гашт.Пас аз ин ҳам дар муддати қариб ду моҳ умеди худро аз кумаки Англияю Ҳиндустон наканда буд. Амир Олимхон гуфта буд: «Ман мехостам ба Ҳиндустон муқимӣ шуда, дар ҳаққи бобокалони худ Темур тиловати Қуръонро ба ҷо орам ва аз он ҷо ба Лондон ташриф оварда, ба дидори бародарам – шоҳи Англия шарафманд гардам» [14, с.10].

Ӯ аз Ҳиндустону Англия даъват барои ба ин сарзаминҳо ворид шуданро гирифта натавонист. Вале эҳтироми шоҳи Афғонистон нисбати амир Олимхон хеле ҳам зиёд буд. Амонуллоҳхон дар ҷавоби мактуби амир Олимхон оиди қабули ӯ ба Афғонистон навишта

буд: «Ману Шумо аз як дину мазҳабем, модари ман Шуморо фарзанди худ мешуморад, бинобар ҳамин ҳам мо дар Кобул интизори қудуми шумо ҳастем». Дар китоби «Бухоро халқининг ҳасрати таърихӣ» - хотираҳои амир Олимхон ба забони ӯзбекӣ омадааст: «Шу тариқа мен Афғонистон давлатида бир ой давомида меҳмондорчиликда бӯлдим», яъне «Шоҳи Афғонистон дар давоми як моҳ моро меҳмоннавозӣ намуд» [15, с. 5].

Амир Олимхон бо шумораи қариб 1300 нафар наздикони худ ба Афғонистон ворид гашт. Қӯшунҳои ҳарбие, ки дар тамоми муддат бо ҳамроҳии амир буданд, пароканда шуданд, туркманҳо ба ватани худ, кӯри Шермат бошад, ба воситаи Қаротегин ба Фарғона баргашт. Ҳукумати навтаъсиси Бухоро, ки аз коммунистону ҷадидон иборат буд, дар бораи будубоши амир дар Афғонистон ва ҳароина хавфи ҳуҷуми навбатии амир барои ба даст овардани ҳокимияти аздастрафта хавотирӣ мекашид. Бинобар ҳамин ҳам, ҳукумати нави Ҷумҳурии Халқии Бухоро талаботи худро ба Кобул таъҷилан ирсол намуд. Дар он чунин талабот зикр гардида буданд:

1. Амир ва ҳамроҳони ӯ беяроқ гардонида шуда, яроқҳои онҳо ба мардуми Бухоро баргардонида шавад.

2. Ба амири Бухоро ба сарҳад наздик шудан ва омадан ба пойтахти Афғонистон - Кобул ба таври қатъӣ манъ карда шавад.

3. Амири Бухоро ҳамчун як шахсияти муқаррарӣ қабул карда шуда, ба ӯ ташвиқоти зиддишӯравӣ ва дар атрофи худ ҷамъ намудани гурӯҳҳо манъ карда шавад.

Амонуллоҳхон тамоми хоҳиши хукумати Москва ва Бухороро қабул намуд. Сарфи назар аз он ки бо як эҳтироми хос ба амири гуреза дар Қалъаи Фатҳ, 18 километр дуртар аз Кобул, дар водии Чордеҳ истиқоматгоҳ ташкил намуд, ки амир бо ҳамроҳонаш дар он ҷо нузул карданд. Гарчанде шоҳи Афғонистон барои амири гуреза шуда вайрон шудани муносибатҳои худро бо Русияи Шӯравӣ намехост, бо вуҷуди ин 17 майи соли 1921 ба хотири ташрифи амир зиёфат ороста намуд. Амири гурезаро аз шартҳои давлати Шӯравӣ бохабар намуда буданд. Амир Олимхон асир будани худро хуб мефаҳмид. Ӯ боре аз Амонуллоҳхон иҷозати зиёрати хонаи Худоро намуд, вале Амонуллоҳхон бо баҳонае ин талаби амирро рад намуд. Ба амир Олимхон ҳатто дидану тамошои шаҳри Ҷалолобод, ки 70 километр дар шимолии Кобул ҷойгир буд, муяссар нагашт. Мусаллам аст, ки шоҳи Афғонистон ба баъзе амалиётҳои амир Олимхон чашм мепӯшид. Аз ҷумла, Олимхон бо сарлашкарон ва дигар тарафдорони худ, ки ба муқобили Давлати Шӯравӣ мубориза мебурданд, ҳамеша дар алоқа буд. Шоҳи афғон бошад, роҳҳои боз ҳам наздик шудан ба Русияи Шӯравиро ҷустуҷӯ менамуд, ки дар дили амир Олимхон ин сиёсати Амонуллоҳхон ноумедию ранҷишро ҷой намуда буд. Бинобар ин, амир кӯшиш менамуд, ба воситаи англисҳо ҳамчун гурезаи сиёсӣ дар сарзамини Ҳинд барои худ паноҳгоҳ ёбад. Вале ҳукуматдорони Англия куллан хоҳиши амирро рад намуданд. Намояндаи давлатии Британияи Кабир лорд Ҷ. Керзон 23 июни соли 1923 ба мактуби ба сафири ҳамонвақтаи Англия дар Афғонистон Ф. Хемфрис ирсолнамудаи худ чунин арз намуда буд: «Бояд ба амир изҳор намоем, ки мо на танҳо хоҳиши ӯро оиди таъмин намудан бо маблағи пулӣ ва аслиҳа, балки бо роҳ ёфтани амир ба сарзамини мо иҷро карда наметавонем, зеро ки ин сабаби дар хатар гузоштани муносибатҳои дипломатии мо бо Русияи Шӯравӣ мегардад. Амир метавонад, дар Ҳиндустон ҷойгир шавад, вале бояд шартҳои Русияи Шӯравиро, ки ба Афғонистон пешниҳод намуда буд, риоя намояд» [16, с.3].

Талаботи зерин низ мавҷуд буданд: а) англисҳо дар ҳеҷ сурат намехостанд амири Бухороро ба сарзамини худ роҳ диҳанд, зеро дар хавфи он буданд, ки Русияи Шӯравӣ низ ба монанди Русияи подшоҳӣ дар орзуи гирифтани Бухоро буда, мумкин аст, ки амир бо худ бухороиёни зиёдеро биёрад ва ҷосусони болшевикон низ бо онҳо ҳамроҳӣ намоянд; б) англисҳо бо Русия шартномаи тиҷоратию савдо баста буданд ва бо дастгирӣ намудани амир муносибатҳои дипломатии худро бо Русия зери хатар гузоштан намехостанд.

Бинобар сабаби дар бонкҳои хориҷи кишвар мондани маблағҳои пулии амир Олимхон, дар Афғонистон маблағи зиёди пулӣ надошт. Мумкин, ки ӯ маблағҳои зиёди пулӣ дошта бошад ҳам, вале он барои боз ҳам зиёдтар намудани шумораи афсарон ва бо яроқ таъмин намудани қӯшун кофӣ набуд. Бар замми ин, рад кардани кумак аз тарафи кишварҳои Англия ва Ҳиндустон ӯро бештар дар ташвиш гузошта буд. Қисмати зиёди тиллои Бухоро ба дасти русҳо гузашт. Маблағи ночизи тилло ва ҷавоҳироте, ки амир бо худ оварда буд, ба таъминоти аҳли оилаи ӯ намерасид. Вале рамаи гӯсфандони қарокӯлии ӯ ҳамто надоштанд, дертар насли ин гӯсфандони қароқулӣ дар Афғонистон хеле зиёд карда шуд. Амир Олимхон инчунин бо худ ду кӯза хоки Бухоро ва ду парчами Аморати Бухороро оварда буд.

Амири охирини манғит - Олимхон бемор ва оҷиз шуда, ба нафақахӯри афғоне, ки ба фурӯши гӯсфандони қарокӯлӣ машғул буд, табдил ёфта буд. Вақте ки Иттиҳоди Шӯравӣ

гирифтани маблағҳои дар ҳориҷа доштаи ӯро тамоман манъ намуд, Олимхон аз боигарию мансаб тамоман умеди худро канд. Шоҳидони воқеа мегӯянд, ки амир Олимхон дар охири умри худ фақат дар соҳили дарёи Кобул нишаста, дар васфи Бухорои Шариф сурудҳо зам-зама менамуд.

Амир Олимхон 29 апрели соли 1944 дар Кобул вафот мекунад. Он чизе, ки охирин маротиба ӯро хеле ба риққат оварда буд, ин шикасти Германияи фашистӣ дар назди Сталинград буд. Ҷосусони англис хабар додаанд, ки ба ҷанозаи амири собиқ, ки дар яке аз масҷидҳои калонтарини Кобул –Шоҳи Душамшера гузаронида шуд, мардуми бениҳоят зиёде ҷамъ омада буданд, аз он ҷумла сарвазири Афғонистон Ҳошимхон ва якчанд вазирони дигар иштирок намуданд. Подшоҳ Зоҳиршоҳ фармуд, ки дар давоми чил рӯз ба арвоҳи амир дар ҳамин масҷид дуову фотиҳа намуда, тиловати Қуръонро ба ҷо оранд.

Бо вуҷуди иҷро намудани ҳама гуна анъанаву маросимҳои исломӣ, вафоти амир Олимхон барои шоҳи Афғонистон як хабари нек буд, зеро ки фирори амир ба Афғонистон ташвишҳои зиёде оварда буд. Барои аз байн бурдани сохти Шӯравӣ мамлакатҳои зиёде хоҳишманд буданд, вале аз ҳама зиёд Афғонистон ба доираи душманони асосии давлати Шӯравӣ ворид мешуд ва ин муносибати Афғонистонро бо давлати Шӯравӣ зери хатар мегузошт. Акнун амире, ки худро ворисӣ Чингизхон ва халифаи тамоми мусулмонон медонист, дар ҳолати сарсониву саргардонӣ, беморию заифӣ, дар хорию зорӣ ва мусофирӣ аз байн рафт. Охирин ҳайрхоҳии подшоҳи Афғонистон ба амири гуреза нафақаи ночизе ба аҳлу айёл ва фарзандони ӯ буд. Амир Олимхон дар як лаҳза тамоми боигарию бузургии худро аз даст дод ва инчунин тамоми иттифоқчиён, дӯстон ва тобеонаш аз ӯ рӯй гардониданд. Амири фирории беватан ва бевориcу мусофирро дар қабристони «Шуҳадои солиҳин» ба хок супориданд [17, с. 10].

## АДАБИЁТ


1. Аҳмад Махдуми Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития. – Душанбе: Сарват, 1992. -180 с.
2. Абдурауфи Фитрат. Давраи ҳукмронии амир Олимхон. – Душанбе: Палатаи давлатии китобҳои Ҷ Т, 1991. -178 с.
3. Айнӣ С. Куллиёт. -Ҷилди 10. -630 с.
4. Аҳрор Мухторов. Ҳисор (очерки таърихӣ, охири асри XY-аввали асри XX) / А. Мухторов. - Душанбе: Адиб, 1995. -305 с.
5. Бухоро халқининг ҳасрати таърихӣ. – Тошкент: Фан, 1991. -218 с.
6. Муҳаммади Балҷувонӣ . Таърихи нофеӣ. - Душанбе: Ирфон,1994. -367 с.
7. Салими Аюбзод. Тоҷикон дар қарни бистум. - Прага: Пост Скриптум Имприматур, 2002. -390 с.
8. Литвинский Б.А. Таърихи халқи тоҷик / Б.А. Литвинский, А. Мухторов. –Душанбе, 1996. -128 с.
9. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Охирҳои асри миёна ва давраи нав / Б.Ғ. Ғафуров.– Душанбе, 1985. -Китоби 2. -720 с.
10. Хотираҳои амир Олимхон. Таҳияи А. Мухторов. – Душанбе: Адиб, 1992. -96 с.


## ВАЗЪИЯТИ СИЁСИИ АМОРАТИ БУХОРО ДАР ОХИРИ АСРИ XYIII ВА АВВАЛИ АСРИ XX


Дар мақола вазъияти сиёсии Аморати Бухоро дар охири асри XYIII ва аввали асри XX , яъне давраи ҳукмронии сулолаи Манғитиҳо дарҷ ёфтааст. Ҳукмронии сулолаи Манғитиҳо дар таърихи мардуми тоҷик ба як давраи пуртазод ва пуршӯру ошӯб, давраи авҷи шӯришҳои озодихоҳонаи мардуми заҳматкаш, давраи дигаргуниҳои таърихӣ, ба мустамлика табдил ёфтани Осиёи Миёна, забткориҳои Русияи подшоҳӣ ва хулоса, ба барҳамхӯрии Аморати Бухоро ва ташкил ёфтани сохти нави сиёсӣ дар Осиёи Миёна рост меояд. Манғитиҳо аз соли 1753 ба мавҷудияти сулолаи худ ҳамчун ҳукмрони Осиёи Миёна асос гузошта, то соли 1920 ҳукмронӣ кардаанд. Охирин амири ин сулола амир Олимхон буд, ки дар ин мавод бештар дар бораи давраи ҳукмронии ӯ маълумот дода шудааст. Агар яке аз амирони манғит Музаффархон бо имзои худ дар шартномаи Зирабулоқ ба ғуломии халқи тоҷик нисбат ба халқи рус замина гузошта бошад, амирони минбаъдаи манғит Абдулаҳадхон ва Олимхон ин иқдомро идома додаанд. Аҷдодони мо на танҳо давраи ҳукмронии амирони манғит, инчунин давраҳои аз он ҳам талхтар ва мудҳиштарро аз сар гузаронидаанд. Инқилоби Бухоро ба ҳаёти мардуми тоҷик таъсири калон расонида, давлатдории Аморати Бухороро барҳам дод. Бо вуҷуди маҳдудиятҳои зиёд мардуми тоҷик аввалин маротиба мустақилияти худро эҳсос намуд.



**Калидвожаҳо:** аморат, амир, давлатдорӣ, сулола, инқилоб, манғитиҳо, андоз, шӯриш, барҳамхӯрӣ.


## ПОЛИТИЧЕСКОЕ ПОЛОЖЕНИЕ БУХАРСКОГО ЭМИРАТА В КОНЦЕ ХУ111 И НАЧАЛЕ XX ВЕКА


В статье рассмотрена политическая ситуация Бухарского эмирата конца ХУ111 и начала XX веков. Эпоха правления династии Мангитов в истории таджикского народа является очень сложным периодом, связанным со многими парадоксами, освободительными движениями и восстаниями, историческими переменами, превращением Центральной Азии в колонию Царской России и коллапса Бухарского эмирата. Мангиты основали свою правящую династию в 1753 году и правили в Центральной Азии до 1920 года. Последним эмиром этой династии был эмир Олимхон, о деятельности которого говорится в данной статье. Если мангитский эмир Музаффархон подписанием Зирабулокского договора сделал таджиков рабами России, то следующие эмиры Абдулахадхон и Олимхон продолжили данную политику.

Наши предки пережили не только эпоху правления мангитов, но и еще более страшные периоды. Бухарская революция сильно повлияла на жизнь таджикского народа, положив конец правлению Бухарского эмирата. Несмотря на многие ограничения, впервые таджики основали свое государство.

**Ключевые слова:** эмират, эмир, правление, династия, революция, мангиты, налог, восстание, коллапс.

**POLITICAL SITUATION OF BUKHARA EMIRATE AT THE END OF X111 AND THE BEGINNING OF THE XX CENTURY**

The article considers the political situation of the Bukhara emirate of the end of XУ111 and the beginning of the twentieth century. The era of the Mangit dynasty in the history of the Tajik people is a very difficult period associated with many paradoxes, liberation movements and uprisings, historical changes, turning Central Asia into a colony of Tsarist Russia and the collapse of the Bukhara emirate. Mangits founded their ruling dynasty in 1753 and ruled in Central Asia until 1920. The last emir of this dynasty was Emir Olimkhon, whose activities are described in this article. If the Mantigian emir Muzaffarkhon, with the signing of the Zirabulok Treaty, made the Tajiks slaves of Russia, then the following emirs, Abdulahadkhon and Olimhon, continued this policy. Our ancestors survived not only the era of mangit rule, but even more terrible periods. The Bukhara revolution greatly influenced the life of the Tajik people, putting an end to the rule of the Bukhara Emirate. Despite many restrictions, for the first time the Tajiks established their state.

**Keywords**: emirate, emir, government, dynasty, revolution, mangits, tax, uprising, collapse.

**Сведения об авторах:** ***Хамидова Кутбия Халимхановна*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандидат исторических наук, доцент кафедры гуманитарных дисциплин. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14**.**Телефон: **935672010**.
***Мирзоалиева Муборак Абдувалиевна*** –Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры гуманитарных дисциплин. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14**.**Телефон: **900135051.**

**Information about the authors:** ***Khamidova Kutbiya Halimkhanovna*** - Tajik State University of Finance and Economics, candidate of historical sciences, associate professor of the department of humanitarian disciplines. Address: 734025, Republic of Tajikistan Dushanbe, 64/14 Nakhimova Street. Telephone: **935672010.**
***Mirzoalieva Muborak Abduvalievna*** –Tajik State Financial and Economic University, assistant of the department of humanitarian disciplines. Address: 734025, Republic of Tajikistan Dushanbe, 64/14 Nakhimova Street. Telephone: **900135051.**

**УДК: 37.01 [47]**

# ТАЪРИХИ ПАЙДОИШ ВА ИНКИШОФИ ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Фаризаи Давлатмурод, Г. Иброҳимов, М.А.Холматова***
**Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар ш. Кӯлоб, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рудакӣ**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи 26 декабри соли 2018 дастовардҳои муҳимми замони Истиқлолият, алалхусус дастовардҳои соли 2018-ро баён намуда, иброз намуданд: “Бо мақсади вусъат бахшидан ба ҳалли масъалаҳои зикршуда ва бо назардошти зарурати инкишофи инфрасохтори деҳот пешниҳод менамоям, ки солҳои 2019-2021 “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” эълон карда шаванд [1].

Ҳар як падида ва воқеиятро зуҳуроти пайдоиши ниҳонӣ нуҳуфта аст. Халқи тоҷик дорои таърихи куҳантарин ва пурғановат аст. Воқеан, ҳунар ва ҳунармандӣ аз замонҳои хеле қадим ҳаёти мардуми моро хеле рангину гуворо намудааст. Дар байни ин халқи соҳибтамаддун дар қаламрави кишвари азизамон касбу ҳунарҳои гуногуни занона: чакандӯзӣ, шерозбофӣ, зардӯзӣ, риштаресӣ, қуроқдӯзӣ, ҷомаю тоқидӯзӣ ва ғайраҳо, ки бо талаби замону тақозои ҷомеа зуҳур намудаанд, ба инкишофи ин ҷабҳа дар дигар кишварҳои ҳамҷавор таъсири мусбӣ расонидааст.

Тибқи омӯзиши сарчашмаҳои таърихӣ, мадракоти бостоншиносӣ ва маълумотҳои пажӯҳишгарон М.С. Андреев, В.В. Бартолд, А.А. Семёнов, А.П. Шишов, А.Н. Болдирев, Н.А. Кисляков, А.К. Писарчик, Б.Ғ. Ғафуров, А. Мухторов, Р.Р. Раҳимов, М.Р. Раҳимов, Ю. Ёқубов, А. Раҷабов, Д. Довудов, Х. Абдуназаров, Д. Шарипов, И. Умарзода, А. Бабринский, В.А. Варигин ва М. Азизӣ ҳунармандӣ дар сарзамини васеъ ва паҳновари Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Хатлонзамин таърихи ҳазорсолаҳоро доро мебошад. Заҳматҳои бостоншиносони рус А.М. Беленитский ба В.А. Ранов дар мавзеъҳои гуногуни Хатлон, аз ҷумла мавзеи Кӯлдара ва Хонақоҳ осори пурқимати илмии асри сангро кушод,

ки мутааллиқ ба 800 ҳазор сол пеш аз мелод мебошад. Аз кашфиётҳои муаррихон бармеояд, ки ҳанӯз зиёда аз 1 млн. сол пеш одамони ҷомеаи ибтидоӣ дар марзҳои Хатлонзамин сукунат доштаанд [7, с.97].

Дар солҳои 50-уми асри XX таърихнигорони рус Б.А. Литвинский ва Е.А. Давидович дар харобаҳои Ҳулбук маркази Хатлонзамини асримиёнагӣ тадқиқотҳои бостоншиносӣ гузаронида, аз таърихи пайдоиши санъат, касбу ҳунар ва шуғлҳои дигари сокинони Ҳулбук воқиф гардиданд. Дар ҳақиқат харобаҳои шаҳри таърихии Ҳулбук моро бештар ба мероси ниёгони хеш мепайвандад. Дар осори ш.Ҳулбук, ки тибқи маълумоти муаррихон 280-300 га ташкил медиҳад, тамоми ҳунарҳои мардумиро вохӯрдан мумкин аст. Тарзи сохти меъморӣ, композитсияи пайдарпайии он, мавқеи ҷойгиршавии ҳавзи шиноварӣ, толори қабули меҳмонон, мавқеи манораҳои дидбонгоҳҳо, ибодатхона, ҳарамсарой, манзили ҷойгиршавии санъаткорон, ошхона, чоҳҳои об, қубурҳои зеризаминии обпарто таваҷҷуҳи бинандаро ба худ ҷалб менамоянд. Кас дар тааҷҷуб мемонад, ки одамон дар давоми асрҳои зиёд дар натиҷаи ҷустуҷӯ, андеша, тарзи сохтани биноҳҳо ва дигар инфрасохтори шаҳр ё марказҳои калони аҳолинишинро бо тарҳи зебо ва диданибоб бунёд намудаанд, ки ҳанӯз ҳам сайёҳони хориҷӣ, меҳмонони дуру наздикро дар тааҷҷуб ва ҳайрат мемонанд.

Садҳо ва ҳазорҳо осори ашёҳои гуногуни сафолӣ аз симдону хумҳо, табақҳои сафолӣ, ҳайкалчаҳои гуногун, шиша, донаҳои шоҳмот, осори навиштаҷоти арабиасоси гилин ба даст омадаанд, ки имрӯзҳо осорхонаҳои ин мавзеъро зебу зинат медиҳанд. Дар баробари шиносоӣ бо ин осори ҳунарҳои мардумӣ, мо бо таълимоти мардумони Хатлони бостонӣ шинос мешавем, ки дар ҳазораи 1 то мелод оини зардуштиро ситоиш намуда, талқингари арзишҳои волои умумибашарӣ, аз ҷумла “пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек буданд” [2, с.21].

Имрӯз миллати тоҷик бо ин осори меъмории ниёгон ифтихор ва сарбаланд аст.

Экспедитсияи тадқиқотии таъсисдодаи АИ Тоҷикистон бо роҳбарии таърихшинос Ю. Ёқубов солҳои 2001-2006 дар ш.Кӯлоб, ки ба ҳайати он омӯзгорони ДДК Д. Шарифов, М. Азизӣ, Р. Сайдалиев шомил буданд, ҳафриётҳои бостоншиносӣ гузаронида, қабатҳои мадании зиёдеро пайдо карданд, ки мутааллиқ ба ҳазораи II пеш аз мелод мебошанд. Қайд намудан лозим аст, ки бозёфтҳои бадастовардаи ҳайати ин экспедитсия дар як гӯшаи қаламрави Осорхонаи маҷмааи 2700-солагии Кӯлоби бостонӣ нишонаи таърихи кӯҳан доштани онро нишон медиҳанд.

Зиёда аз 5-6 ҳазор сол пеш тиҷорати матоъ ва Роҳи Абрешим мардуми тоҷикро водор кард, ки бо укёнус ва миллатҳои бузург пайваст гардад. Аз пахта ришта ресида, онро ба воситаи дастгоҳ мебофтанд. Тибқи маълумотҳои устод С. Айнӣ ҷомаҳои чит ва карбосҳои кӯлобӣ дар бозори Бухоро серхарид ва талабгори зиёд доштанд. Зеро ин карбосҳо бо сифати баланд бофтаю дӯхта мешуданд. Истеҳсоли матои чит, карбос, шоҳӣ ва ғайра хело ривоҷу равнақ ёфта буд. Бояд қайд кард, ки тоҷикони ин музофотҳо аз матоъҳои қоғазию пахтагӣ матое истеҳсол мекарданд, ки карбос ном дошт. Аз карбос курта, эзор ва дигар либосҳоро медӯхтанд. Тоҷикон шоҳӣ, адрас, алоча, қаламӣ, бурё, салла, миёнбанд ва ғайраро мебофтанд. Пашму тибитро барои бофтани матоъ танҳо тоҷикони қисмати кӯҳистон истифода мебурданд. Алоча матои рахдори пахтагин буда, аз порчаҳои ҳаррангаи паҳн иборат аст. Алоча ду намуд буда, аз алочаи пахта ва аз абрешим иборат буд. Алочаи абрешимиро тоҷикони Бухоро, Самарқанд бештар тайёр карда, ба фурӯш мебаровlarданд. Ин матоъ на танҳо аз ашёи маҳаллӣ, балки аз ашёи хоми аз ҳудудҳои берунаи Осиёи Марказӣ овардашуда тайёр карда мешуд. Дар байни тоҷикони Хуҷанд тайёр кардани алоча ба роҳ монда шуда буд.

Дока - матои ҷафси пахтагинест, ки аз риштаҳои аз дигар ҷой овардашуда дар байни тоҷикони Даҳбед, Янги-Қӯрғон ва Самарқанд тайёр карда мешуд. Ҳамчунин, дар байни тоҷикони Бухоро ва Хева тайёр карда шуда, ба фурӯш бароварда мешуд. Басма – матои нимабрешими хатпаҳн буда, аз пашми шутур барои чакманҳои зимистона истеҳсол карда

мешуд. Басматибит низ матоест, ки нима аз пашм ва нима аз пар мебошад. Он мулоим ва нафистар аз дигар матоъҳо буда, дар байни ин мардум истифода бурда мешуд. Тоҷикони кӯҳистон, бинобар сабаби зиёд будани сардӣ ва баста шудани роҳҳо, ба тофтану найча кардани пашм машғул буданд. Онҳо дар шабҳои дарози зимистон чакман, эзор ва ҷӯроби пашмӣ тайёр мекарданд.

Агар ба таърихи пайдоиши сарандози занонаи тоҷикон назар афканем, он аз нахҳои майдаи кабуд иборат буда, истеҳсоли он дар байни тоҷикони Самарқанду Бухоро дар асри XIX ба роҳ монда шуда буд. Тадқиқотчии рус А. Шишов дар китоби “Тоҷикон” оиди истеҳсоли матоъҳои пахтагин ва абрешимӣ, қаламӣ, сарандоз, хоса, панҷа, тибит, пари пашша, басма, адрас ва гулчамбар маълумотҳо овардааст” [3, с.462].

Дар нимаи дуюми асри XIX, яъне пас аз ҳамроҳшавии Аморати Бухоро ба Русия, ба истеҳсоли матоъҳои маҳаллӣ фабрикантҳои рус таъсири худро расониданд. Дар баробари матоъҳои русӣ матоъҳои маҳаллӣ рақобатпазир буданд. Ҳунармандони маҳаллӣ матоъҳои тунуку бақуввате мебароварданд, ки асоси онро аввал тор ва баъд пуди риштаҳои пахтагини русӣ ташкил медод. Тоҷикон дар тайёр кардани рангу бори хатҳо ба маҳсулотҳои баровардаи фабрикантҳои рус пайравӣ мекарданд.

Яке аз санъатҳои қадимаи тасвирии мардуми Кӯлоб дӯхтани чакан мебошад. Мардуми бофарҳанги Хатлонзамин аз даврони куҳан дар болои матоъ, яъне чодар бештар расми хуршед - офтобро чакандӯзӣ менамуданд. Пайдоиши чаканро аз замони шоҳ Ҷамшед муайян кардаанд. Дар ҳунари чакандӯзӣ ҷаҳонбинӣ, ишқу муҳаббат дилбастагии инсон ба табиат, ҳайвонот, наботот хеле хуб назаррас буд. Ин ҳунари аҷдодӣ ифодагари рамзи олами зиндаи табиат мебошад.

Мо имрӯз ифтихор дорем, - менависад Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон, ки тоҷикон аз ҷумлаи қадимтарин миллатҳои ҷаҳон буда, бо осори гаронбаҳои моддӣ ва маънавии худ барои пешрафти фарҳанг ва маънавиёти халқҳои дигар хизмати шоиста кардаанд.

Ба ибораи дигар, тоҷикон маҳз аз файзу баракати ҳамин арзишҳову анъанаҳои аҷдодӣ тавонистанд, ки ҳам ҳастии худро нигаҳ доранд ва ҳам дар минтақаи Осиё нақши тамаддунсозиро бозида, дар радифи қадимтарин миллатҳои дунё ҷой гиранд ва худро ба оламиён ҳамчун миллати фарҳангӣ муаррифӣ намоянд.

Пайдоиш, ташаккул ва ҳувияти ҳар як халқу миллатро дар марҳилаҳои гуногуни таърих саргузашту сарнавишти он муайян месозад.

Эмомалӣ Раҳмон дар китоби худ «Тоҷикон дар оинаи таърих» овардааст: «Халқи қадимаи тоҷик, ки дар тӯли таърих басо ҷафоҳо кашидааст, низ бурду бохтҳои худро аз давраи пайдоиш то кунун маҳз дар тарозуи таърих муайян мекунад, Ин амри табиист. Зеро таърих оинаест, ки мо дар он мавқеи гузаштагонамонро дар масири таърих бо ҳама шаҳомат ва хорию зориаш дида, ба ҳусну қубҳи фаъолияти корбарии ӯ сарфаҳм рафта, ба ин восита қадаме ба сӯйи хештаншиносӣ ва худогоҳӣ ниҳода, ба дидаи ибрат дурнамои кишвару мардуми худро муайян карда метавонем.

Оре, ба таърихи миллати худ чун ба оинаи поку муқаддас назар бояд кард. Танҳо оинаи таърих басо нозуку комил омӯхтани даврони гуногуни давлатдории аҷдодон чашми худшиносии моро мекушояд ва пайванди моро ба гузаштагонамон қавӣ месозад, барои беҳбудии ояндаи ҷамъият ва ободии кишвар роҳ мекушояд» [4, с.100].

Ҳусайн Воизи Кошифӣ овардааст, ки ба интихоби касбу ҳунар бо камоли ҷиддият мулоҳизаи тамом бояд нигарист. Чунки дар аксар мавридҳо интихоби касбу ҳунар мисли ҳаводиси азалӣ ё воҷибот тамоми равиши умри инсонро муайян карда метавонад. Яъне «... ҳар кӣ манфиат гирад ва нафъ нарасонад, кор нокарда бошад. Пас ҳар кӣ аз дарвешон ба касбе машғул нашавад, бори худ ба гардани мардум ниҳода бошад ва сабаби ранҷи оламиён шуда ва он дар тариқ раво набувад…» [5, с.89].

Санъати заргарӣ ҳунари истеҳсоли маснуоти бадеӣ аз фулузот, сангҳои қиматбаҳо, устухони фил, садаф ва марворид мебошад.

Имрӯз дар Кӯлобшаҳри бостонӣ кӯчаҳо ва деҳаҳои Чармгарон, Нонбойи поён, Бозорӣ, Қаволо, Ҳамадонӣ, Кухнашаҳр, Тудакавш, Боғи Ҳабиб, Зиракӣ, Шакархон ва Сариосиёб мавҷуд мебошанд, ки аз ривоҷёбии касбҳои гуногуни халқӣ шаҳодат медиҳанд.

Ҳунару ҳунармандӣ ва тараннуму таблиғи ҳунари бадеӣ дар таърихи тамаддуни инсоният ҳанӯз аз давраҳои қадимтарин ҳангоми такмили ҷамоаи ибтидоӣ пайдо гардида, сол ба сол ба пешрафту тараққиёт ва нумӯи шуури инсонӣ шаклҳои нав ба нав ба худ касб намуд. Ҳунарҳои заргарӣ, чакандӯзӣ, риштаресӣ, атласбофӣ, намадмолӣ, тоқидӯзӣ ва ғайраҳо таърихи ниҳоят қадима доранд. Ба андешаи Б. Ғафуров: «Дар Хуҷанд, Ҳисор, Ӯротеппа, Панҷакент, Конибодом, Кӯлоб ва баъзе дигар шаҳрҳо косибӣ умуман хеле равнақ дошт» [6, с.52].

Мардуми Хатлонзамин, хусусан Кӯлоби бостонӣ бо заргарӣ, кашидадӯзӣ, хусусан тоқиҳо ва куртаҳои чакани кӯлобӣ дар тамоми Тоҷикистон ва хориҷи кишвар машҳур гаштааст. Дар кишварамон дар солҳои соҳибистиқлолӣ чандин маротиба дар сатҳи шаҳрӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ чорабиниҳо бо унвони “Таронаи чакан” ва “Ҷилои чакан” гузаронида шуда буд. Аз ин ҷост, ки бо ибтикори Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон барои дар рӯйхати “ЮНЕСКО” шомил кардани наминатсия ҳамчун санъати гулдӯзии чакан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуда буд. 29 - ноябри соли 2018 ин пешниҳод аз ҷониби ин созмони умумиҷаҳонӣ дастгирӣ ёфта, чакан ба рӯйхати мероси фарҳангии ғайримоддӣ дохил карда шуд.

Имрӯз мардуми шаҳр ва ноҳияи Кӯлоб дастмонаҳои чалладор, гӯшворҳои чаппарак ва қафасӣ, ангуштаринҳо, силсила ва фаранҷиҳои бо гӯякча ва ситора орододашудаи ин хонадонро дар тӯй ва базмҳои ҷамшедӣ истифода мебаранд.

Дар солҳои истиқлолият касби заргарӣ дар шаҳру ноҳияи Кӯлоб хеле инкишоф ёфт ва ҳунармандони кӯлобӣ қулфи гиребон, силсила, дастпонаҳои чаладор, саркитфӣ, ангуштарин, гӯшвораҳои қафасӣ, муҳаммадӣ, зиреҳи гардан, муҳраи гардан, гӯякчаи кокул, гашничаки гардан, тангаи дастадор ва дигар маснуоти заргариро истеҳсол намуда, пешкаши мизоҷон менамоянд. Дар Кӯлоби бостонӣ оилаҳои зиёде ба касби заргарӣ машғул мебошанд, ки машҳуртарини онҳо оилаи Шоиновҳо аз деҳаи Сариосиёб, Ҳакимовҳо аз шаҳри Кӯлоб, Бобоевҳо аз кӯчаи Нонбои поён, усто Очил аз деҳаи Тебалай, Шариповҳо ва фарзандони усто Толиб аз кӯчаи Якуми Май, Ғаффоровҳо ва усто Набиҷон аз кӯчаи Нонбои поён ва Ҳакимовҳо аз кӯчаи Н.Ҳувайдуллоев ва ғайраҳо мебошанд.

Бо шарофати соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои худшиносии миллӣ, фарҳанги миллӣ, рисолати давлатдорӣ, шаҳрдорӣ ва шаҳрсозӣ, эҳёи суннатҳои таърихӣ, фарҳанги қадимаи ниёгон, санъати амалии халқӣ, кашидадӯзӣ, чакандӯзӣ, меъморӣ, кулолгарӣ ва санъати заргарӣ эҳё гардида, ривоҷ ёфта истодаанд.

**АДАБИЁТ**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 26 декабри соли 2018. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/19088 (санаи истифодабарӣ: 15.01.2018)
2. Азизи М. Мухтасари таърихи Хатлон. Монография. - Кӯлоб: Сада, 1992. - 123 с.
3. Шишов А. Тоҷикон. Монография / А. Шишкин. -Душанбе: Андалеб-Р, 2015. - 464 с.
4. Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби I: Аз Ориён то Сомониён / Э.Ш. Раҳмонов. -Лондон: FLINT RIVER EDITIONS, 2000. - 102 с.
5. Кошифӣ Ҳ.В. Футувватномаи султонӣ. Ахлоқи Муҳсинӣ. Рисолаи Ҳотамия / Ҳ.В. Кошифӣ. - Душанбе: Адиб, 1991. - 320 с.
6. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Китоби 2. / Б.Ғ. Ғафуров. - Душанбе: Ирфон, 1985. - 416 с.
7. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадиматарин, қадим ва асрҳои миёна. / Б. Ғафуров. -Душанбе: Ирфон, 1998. -701 с.


## ТАЪРИХИ ПАЙДОИШ ВА ИНКИШОФИ ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақола масъалаи пайдоиш, ташаккул, рушд ва вусъатёбии ҳунарҳои мардумии қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар партави эълон намудани солҳои 2019-2021 ҳамчун “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Таърихи рушди санъат ва ҳунармандӣ аз якчанд марҳила иборат мебошад. Ҳар яке аз онҳо дорои хусусиятҳои муайян буда, аз як қатор омилҳо вобастагӣ доранд: иқтисодӣ, ҷуғрофӣ, ва ғайра. Таҳқиқот дар ин соҳа ба дастгирӣ ва рушди ҳунарҳои мардумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад. Муайян карда шудааст, ки дар солҳои истиқлолият касби заргарӣ

дар шаҳру ноҳияи кӯлоб хеле инкишоф ёфт ва ҳунармандони Кӯлобӣ қулфи гиребон, силсила, дастпонаҳои чаладор, саркитфӣ, ангуштарин, гӯшвораҳои қафасӣ, муҳаммадӣ, зиреҳи гардан, муҳраи гардан, гӯякчаи кокул, гашничаки гардан, тангаи дастадор ва дигар маснуоти заргариро истеҳсол намуда, пешкаши мизоҷон менамоянд. Хулосабардорӣ шудааст, ки хусусан ба шарофати соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои худшиносии миллӣ, фарҳанги миллӣ, рисолати давлатдорӣ, шаҳрдорӣ ва шаҳрсозӣ, эҳёи суннатҳои таърихӣ, фарҳанги қадимаи ниёгон, санъати амалии халқӣ, кашидадӯзӣ, чакандӯзӣ, меъморӣ, кулолгарӣ ва санъати заргарӣ эҳё гардида, ривоҷ ёфта истодаанд.

**Калидвожаҳо:** ҳунарҳои мардумӣ, касб, ҳунар, кашидадӯзӣ, заргарӣ, чакандӯзӣ, косиб, санъат, сарандоз, усто, кашфиёт, сайёҳӣ, инфрасохтор, пашм, алоча, пахта, чит, фарҳанг, таблиғ, фаранҷӣ.

## ИСТОРИЯ ВОЗНИКНОВЕНИЯ И РАЗВИТИЯ НАРОДНЫХ ПРОМЫСЛОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье отражены вопросы становления, развития и расширения общественного искусства Республики Таджикистан в контексте объявления 2019-2021 годов как «Годы развития села, туризма и народных ремесел». История развития искусства и ремесел состоит из нескольких этапов. Каждый из них имеет определенные особенности, которые зависят от ряда факторов: экономических, географических и т.д. Исследования в этой области способствуют развитию народных промыслов в Республике Таджикистан. В годы независимости ювелирная индустрия очень хорошо развивалась в городе Кулябе и притоках Кугарина, в изготовлении ножей, трикотажных изделий, сережек, серег, клеток, ожерельев, бус, ювелирных изделий ручной работы и других ювелирных изделий и предлагала клиентам возможность выбора. Можно сделать вывод, что с независимостью Республики Таджикистан, возросло национальное самосознание, национальная культура, государственное управление, городское планирование, произошло возрождение исторических традиций древней культуры искусства, народного творчества, архитектуры и ювелирного искусства.

**Ключевые слова:** народные промыслы, профессия, ремесло, кашидадузи, ювелирное ремесло, чакандузи, ремесленник, искусство, сарандоз, мастер, открытие, туризм, инфраструктура, шерсть, алоча, хлопок, чит, агитация, фаранджи.

## THE HISTORY OF THE EMERGENCE AND DEVELOPMENT OF FOLK CRAFTS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article reflects the issues of formations, development and expansion of the public's art of the Republic of Tajikistan in the context of the announcement of 2019-2021 considered as "Years of rural development, tourism and folk crafts". The history of the development of art and crafts consists of several stages. Each of them has certain features that depend on a number of factors: economic, geographical, etc. Research in this area contributes to the development of folk crafts in the Republic of Tajikistan. During the years of independence, the jewelry industry developed very well in the city of Kulob and the tributaries of the Kugarin, in the manufacture of knives, knitwear, earrings, earrings, cages, necklaces, beads, handmade jewelry and other jewelry and offered customers a choice. It can be concluded that with the independence of the Republic of Tajikistan, national identity, national culture, state administration, urban planning increased, there was a revival of historical traditions, ancient culture of art, folk art, architecture and jewelry.

**Keywords:** national crafts, profession, craft, kashidaduzi, jewelry craft, chakanduzi, craftsman, art, sarandoz, master, discovery, tourism, infrastructure, wool, allo, cotton, cit, agitation, faranji.

**Сведения об авторах:** ***Фаризаи Давлатмурод*** - Институт технологии и инновационного менеджмента в городе Кулябе, соискатель гуманитарной кафедры.. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, мкр.Борбад, E-mail: **dtmik@list.ru**. Тел.**: 985344678**
***Иброхимов Гурез*** – Институт технологии и инновационного менеджмента в городе Кулябе, кандидат педагогических наук, профессор гумани-тарной кафедры. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, мкр.Борбад, E-mail: **dtmik@list.ru**. Телефон: **987151415.**
***Холматова Мумина Махмадовна*** - Кулябский государственный университет имени А.Рудаки, соискатель кафедры педагогики,. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул.С.Сафарова, 16. Телефон: **988269025.**

**Information about authors:** ***Farizai Davlatmurod*** – Institute technology and innovation management in kulob city, the competitor of the department of humanitarian science. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulob City, microdistrict Borbad. E-mail: **dtmik@list.ru**. Tel.: **985344678.**
***Ibrohimov Gurez*** **–** Institute technology and innovation management in kulob city, Candidate of Pedagogical Sciences, the Professor of the department of humanitarian science. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulob City, microdistrict Borbad. E-mail: **dtmik@list.ru**. Tel.: **987151415**.
***Kholmatova Mumina Makhmadovna*** - Kulob State University named after A. Rudaki, the competitor of the department of pedagogical science. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulob City, street S.Safarova 16. microdistrict Borbad. E-mail: **dtmik@list.ru**. Tel.: **988208862.**

УДК:93/94(575.3)

# “МУНТАХАБ-УТ-ТАВОРИХ ”-И МУҲАММАД ҲАКИМХОН

*Ҷумъазода П.И*
**Пажӯҳишгоҳи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи аҳмади Дониши АИ ҶТ**

“Мунтахаб-ут-таворих” яке аз ёдгориҳои ҷолиби таърихӣ ва ёддоштҳои адабии миёнаи асри XIX ба шумор меравад. Муаллифи китоб Муҳаммад Ҳакимхон, яке аз ашрофзодагони олимақоми хонигарии Қӯқанд буда, падараш Маъсумхон аз авлоди намояндаи маъруфи тариқати тасаввуф дар асри XVI Махдуми Аъзам (Хоҷаи Косонӣ) бо хоҳари хони Қӯқанд Норбутабӣ (1770-1799) акди никоҳ баста буд ва дар замони салтанати Олимхон ва Умархон мансаби олии шайхулислом ва мушовири дарборро бар уҳда дошт. Муҳаммад Ҳакимхон дар байни ашрофзодагони олинасаби дарбор тарбият ёфта, соҳиби маълумот ва таҷрибаи кофии сиёсӣ мегардад. Ӯ аз тамоми сирру асрори дарбор, дасисаҳо ва кашмакашиҳои сулолавӣ барои тоҷу тахт, назокатҳои умури давлатдорӣ воқиф буд.

Баъд аз марги Умархон аҳли дарбор ва рӯҳониён назар ба пешниҳоди Маъсумхон, Муҳаммад Алихонро ба тахт нишонданд, ки ӯ қариб 20 сол ҳукмронӣ кард. Хони ҷавон ба зудӣ Маъсумхон ва писари ӯро бад дид ва пешниҳод кард, ки Маъсумхон ба баҳонаи ҳаҷ хонигариро тарк гӯяд. Муҳаммад Алихон мехост ҳокими мутлақ ва комилҳуқуқ бошад ва аз қудратмандии дарбори бонуфуз метарсид. Ба зудӣ Маъсумхон бо аҳли хонаводаи худ ва хон видоъ накарда, қариб бе туша ба роҳ баромад. Писари у Муҳаммад Ҳакимхон, ҳокими Турақӯрғон ва Намангон ва Косон таъйин гардид ва ба ин тариқ ӯ низ аз Қӯқанд дур карда шуд. Аммо дере нагузашта, ӯро аз ин вазифа барканор ва дар мулки меросии худ Навбаҳор (наздики Қӯқанд) ба ҳабси хонагӣ маҳкум карданд. Ӯ дар давоми чаҳор моҳ ҳар рӯз мунтазири саркӯбӣ буд. Ӯ барои наҷот аз ин ваҳшати доимӣ баъд аз озоди роҳи Тошкандро пеш гирифт [1,с.150].

Муҳаммад Ҳакимхон дар Тошканд муддати зиёде таваққуф накард, зеро будубош дар ин шаҳр барояш хатарнок буд. Аз хони Қӯқанд ва дарбориёни ӯ нохуширо интизор будан имкон дошт. Дар ибтидо Ҳакимхон ба Русия равон мешавад. Мусофирати Ҳакимхон дуру дароз ва хатарнок буд. Ӯ дар зимистони қаҳратун бо машаққат биёбон ва регзорҳоро паси сар карда, шахрҳои Ирбит, Оренбург, Астраханро тай мекунад. Ҳакимхон аз Теҳрон бо роҳи шаҳрҳои Сабзвору Нишопур ва ҳамеша ба сӯйи Шарқ ҳаракат карда, ба Машҳад меояд. Мушкилоти сафар то андозае саломатии Ҳакимхонро суст кард, вале бо вуҷуди касолат ӯ ҳамвора ба сӯйи Мовароуннаҳр мерафт. Муҳаммад Ҳакимхон аз роҳи баҳри Сиёҳ ба бандари Туркия - Синоб, Сурия, Миср, Арабистон, Маккаву Мадина, Бағдод, Теҳрон сафарашро идома медиҳад.

Адами василаи кофӣ боиси дароз кашидани сафар гардид. Ба ғайр аз ин, Ҳакимхон ба сабаби беморӣ борҳо дар роҳ таваққуф намуд. Ҳакимхон панҷ моҳ фаро расидани иди Қурбонро дар Арабистон, ки замони зиёрати ҳаҷ аст, мунтазир шуд. Ҳамчунин, мунтазирии корвони туҷори роҳгузар, ки василаи ҳаракат дар он замон буд, сафари Ҳакимхонро ба мушкилот рӯ ба рӯ месохт. Ба ақидаи доктори илми таърих, профессор Аҳрор Мухторов умуман мусофирати Ҳакимхон тақрибан панҷуним сол давом кард, на ҳафт сол, ки дар адабиёти марбут сабт ёфтааст [6,с.25].

Фаъолияти эҷодӣ ва ҳаёти минбаъдаи Ҳакимхон дар Шаҳрисабз гузаштааст. Амлоки меросии Муҳаммад Ҳакимхон низ дар ин вилоят буданд ва у зоҳиран аз онҳо даромад мегирифт. Аз рӯйи санаи итмоми “Мунтахаб-ут-таворих” 1259ҳ (1842-1843) метавон тахмин кард, ки Муҳаммад Ҳакимхон дар Шаҳрисабз, ки нисбатан ором буд, то соли 1843 умр ба сар бурдааст. Дар Шаҳрисабз ӯ тавонист асноди зиёди таърихӣ гирд оварад, ки асоси китоби бузургҳаҷми ӯ “Мунтахаб-ут-таворих” доир ба таърихи хонигариҳои Қӯқанд ва Бухоро қарор гирифт. Идомаи ин асар, яъне то замони ба тахт нишастани Худоёрхон

ба соли 1845 бар он далолат мекунад, ки Муҳаммад Ҳакимхон то ин сол дар қайди ҳаёт будааст.

"Мунтахаб-ут-аворих"-и Муҳаммад Ҳакимхон, дар омӯзиши таърихи сиёсии хонигариҳои Осиёи Миёна дар асрҳои XVIII-XIX байни сарчашмаҳои таърихӣ аҳаммияти зиёд дорад. Асари мазкур аз 5 боб ва 12 тоифа иборат буда, ба таърихи ҳукмронии сулолаҳои Манғития (1753-1920) ва Минг (1709-1876) бахшида шудааст. Муаллифи асар дар инъикоси воқеаҳои сиёсии ин давра бештар ба вазъи мулки Ҳисор таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст. Ба андешаи мо, сабаби шурӯъ намудани муаллиф ба таълифи асари мазкур маҳз он шуда метавонад, ки ӯ солҳои охирини ҳаёти хешро дар Шаҳрисабз, роҳи байни Бухорову Ҳисор гузаронида, асарашро дар он ҷо навиштааст. Бобҳо ва зербобҳои китоб аз нигоҳи ҳаҷм мусовӣ намебошанд, аз ҷумла зербоби дувоздаҳум, боби панҷум, ки ба таърихи хонигарии Қӯқанд бахшида шудааст, нисфи китобро фаро гирифта, боби панҷум ҳамроҳ бо зербоби дувум (таърихи Манғития то соли 1259ҳ 1843м) зиёда аз се ду ҳиссаи ҳамаи асарро ташкил медиҳад [2,с.155].

Қайд кардан бамаврид аст, ки саҳму хидмати академик А. Мухторов дар пажӯҳишу омӯзиш ва дастраси аҳли илму ҳаводорони таърихи ниёгон гардонидани сарчашмаи мазкур шоиста аст. Солҳои 1983-1985 ӯ аз рӯйи нусхаи аслии асари Муҳаммад Ҳакимхон чопи факсимилии онро бо муқаддимаи муфассал ва шарҳу тавзеҳот дастраси хонандагон гардонид. Ба ақидаи А. Мухторов, маълумоти "Мунтахаб-ут-таворих" аз он ҷиҳат муҳим аст, ки муаллифи асар аз ашрофзодагони олирутбаи дарбор бошад ҳам, дар асари худ беадолатӣ, зулму истибдод, макру риё, ҷангҳои хонумонсӯзи феодалӣ, ғоратгариҳои амирону хонҳое, ки боиси хонахаробии мардум мегардиданд, кушоду равшан маҳкум кардааст. Воқеан ҳам, ана ҳамин камбуду костагиҳоро нотарсона ва ошкоро ифшо намудан ин худ як далели диловарии инсон аст. Зеро, дар ҳамон давра на ҳар кас қудрати озодона ва рӯирост баёну матраҳ кардани нуқсу камбудиҳоро дошт.

Муҳаммад Ҳакимхон бо вуҷуди ҷавонӣ шахси мушоҳидакор ва тезҳуше буд, ӯ ба доираи дарбор ворид шуда, расму одати замондорон ва муқаррабони ҷудогонаи дарборро ба хубӣ омӯхта буд. Ӯ шахси таҳсилкарда ва бомаърифати замони худ буд ва қобилияти фавқулодае дошт ва ин ҳолат ба вай имкон дод, то ҳодисаҳоеро, ки дар пеши назари ӯ ба вуқӯъ мепайвастанд, ба дурустӣ арзёбӣ намояд. Бинобар ин, дар асар ҳама ҷанбаҳои ҳаёти он замон инъикос ёфтаанд.

Ёддоштҳои Ҳакимхон дар бораи ҳодисаҳои солҳои 1828-1842, ки дар ҳудуди Бухоро рух додаанд, низ дорои аҳаммияти таърихӣ мебошанд. Дар ин замон муаллиф пайваста дар Бухоро мезист ва асари машҳурашро маҳз дар ин ҷо навиштааст. Хотироти ӯ дар хусуси ҳаводиси мамлакатҳое, ки он ҷо сафар карда (Русия, Туркия, Сурия, Миср, Эрон ва ғайра) ва шоҳиди он воқеаҳое буд, аҷиб аст. Аммо хотироти Ҳакимхон як камбудии ҷиддӣ дорад, яъне санаи ба вуқӯъ пайвастани воқеаҳои тасвиршаванда ба таври дақиқ сабт наёфтааст. Муҳаққиқ В. А. Ромодин ишора кардааст, ки дар маълумоти муаллиф роҷеъ ба давраи ҳукмронии бегҳои аввалини Қӯқанд ҳеҷ "хронологияи саҳеҳ" вуҷуд надорад, нобасомонии хронологиро дар ҳикоёти Ҳакимхон П. П. Иванов низ қайд кардааст. Печидагии хронологӣ ҳангоми нишон додани санаҳои ҳукмронии хонҳои Қӯқанд низ ба мушоҳида мерасад [7, с.35].

Ба ақидаи мо, яке аз сабабҳои асосии саргумии хронологӣ дар он аст, ки Ҳакимхон дафтари ёддошт тартиб накарда буд, ҳама чизро аз ҳофиза навиштааст, аз ин рӯ комил ва мукаммал буда наметавонад. Назар ба гуфтаи муаллифи "Мунатахаб-ут-таворих", соли 1258 ҳиҷрӣ (1842-1843), яъне баъд аз бештар аз бисту панҷ сол муқарраби Умархон ва баъд аз понздаҳ соли мусофират ба мамолики ҳамҷавор навишта шудааст. Дигар тарафи манфии ёддоштҳои Ҳакимхон, ки барои таҳқиқоти илмӣ мушкилоти сангинеро эҷод месозад, ин возеҳ набудани радифи асомӣ ва равобити хешовандии ашхоси маъруф ва машҳури хонигарии Бухоро ва Қӯқанд ва соир ҳуккоми кӯчаки он замон аст. Дар "Мунтахаб-ут-таворих" кадоме аз инҳо хешовандони аслӣ ва кадоме фарзӣ буданро

мушаххас намудан имконнопазир аст. Ба ғайр аз ин, Ҳакимхон баъдан дар номбар намудани асомӣ, дараҷаи мақоми одамони мазкур истилоҳоти ягонаро истифода накардааст. Ҳамон тавре ки мутазаккир шудем, эшони Тура дар ҷое "Нақиб" ва дар ҷойи дигар "Хоҷакалон" ном бурда шудааст. Ҳамчунин, иштибоҳот дар зикри дигар ашхос низ мушоҳида мешавад. Ба унвони мисол, ҳокими Кӯлоб дар ҷое ҳам "Катабӣ" ва ҳам "Катахон" ном бурда шудааст. Ҳокими Қаротегин "Муҳаммадқули парвоначӣ" ҳамчунин "Муҳаммадқулибек", ҳокими Ӯротеппа "Бобобек", "Бобододхоҳ" ва "Бобобӣ" зикр шудааст.

Ба андешаи муҳаққиқи шинохта В. А. Ромодин, Муҳаммад Ҳакимхон дар асари худ "Мунтахабу-т-таворих" "аз доираи маъмулии таърихнависони дарборӣ, ки таърихро аксаран ва ё мутлақан ҳамчун фаъолияти шоҳон, лашкаркашон ва мансабдорони онҳо тасвир мекарданд, берун набаромадааст". Зимнан бояд зикр кард, ки муаллифи ин асар бар хилофи муаррихони гузашта ва муосираш тасвирҳои муболиғаомези зиндагии подшоҳон, ки дар китоб зикрашон рафтааст, бегона мебошад [8, с.96].

Муаллифи "Мунтахаб-ут-таворих" бедодгариҳо ва зулму ситамҳо ва ҷангҳои хунину бемаънии ҳокимонро ошкоро ба зери тозиёнаи танқид гирифтааст. Аз аввал то охир нақли ҳодисаҳо муносибати хусуматомези муаллиф нисбат ба Муҳаммад Алихон пайхас мешавад. Ҳакимхон ҷиноёт ва бадкориҳои ӯро нисбат ба мардуми бегуноҳ фош ва маҳкум мекунад ва таъйид медорад, ки байни аъмоли ӯ ва дигар ҳукуматдорони Қӯқанд ва Бухоро тафовуте вуҷуд надорад. "Мунтахаб-ут-таворих" ба ҷуз он ки ба худи худ як маъхази пурарзиш аст, фактҳои таърихӣ дар он мавҷуд буда, маълумоти ҷудогонаи дигар маъхазҳои хатиро хеле такмил мекунад ва гоҳе равшан ва дақиқ месозад. Ин хусусиятро дар мисоли равшан сохтани таърихи мулки Уротеппа дар нимаи аввали асри XIX ба хубӣ дида метавонем. Бояд гуфт, ки таърихи ин мулк назар ба дигар давлатҳои хурди феодалии Мовароуннаҳр дар сарчашмаҳои таърихнигорони ҳам Бухоро ва ҳам Қӯқанд нисбатан пурра акс ёфтааст. Баррасии муқоисавии ҳодисаҳои дар сарчашмаҳои мухталиф тасвиршуда имкон дод, ки фактҳои воқеияти таърихӣ барқарор гарданд. Барои мисол, фақат чунин далел овардан кофист: танҳо дар навиштаҳои шоира Дилшод - шоҳиди воқеаи даҳшатнок соли 1816, яъне тохтутози Ӯротеппа, ишғоли шаҳр ва бо асорат бурдани аҳолиро метавон дид. Дар дигар маъхазҳо аз ин ҳодиса ёд нашудааст, вале дар "Мунтахаб-ут-таворих" хотироти падари муаллиф -Маъсумхон тасдиқи ғайримустақими ин воқеаҳо мебошад. Ҳоло маълумоти ҳар кадом ин маъхазҳоро бо ҷузъиёт аз назар мегузаронем:

Дилшод хабар медиҳад, ки тирамоҳи соли 1232 ҳиҷрӣ (1816м) Умархон ба тарафи Ӯротеппа ҳаракат намуд. Баъд аз шаш рӯз муқобилияти шадид шаҳрро тасхир кард. Баробари ба шаҳр дохил шудан, "сарбозон, хидматгорон ва муқаррабони амир аз хона ба хонае намехезиданд ғорат мекарданд, ҳама чизу чораи хонаро ба тороҷ мебурданд, аҳолиро, аз ҷумла духтаронро ба асирӣ мегирифтанд. Сипас Дилшод менависад: "Ҳамаи асиронро ба майдони чаҳорсӯ баровარданд.... Амири Фарғона, яъне Умархон бо вуҷуди ин ки худаш донишманд ва шоири бузург буд, ба ҳеҷ як донишманд ва шоирони ин мардум ситам дида тараҳҳум накард".

Бино ба гуфтаи Дилшод дар ин майдон тақрибан ҳамаи сокинон ба шумули бекиҳои қабилаи Юз кушта шудаанд. Манзараи куштори аҳолии Ӯротеппа дар "Мунтахаб-ут-таворих" ва ёддоштҳои Маъсумхон то ҳадде дигаргун тасвир ёфтааст. Гап дар он аст, ки Маъсумхон дар ин вақт берун аз деворҳои шаҳр қарор дошт ва дар бораи ҳодисаҳои шаҳри Ӯротеппа метавонист танҳо аз аҳолӣ хабарҳо бишнавад. Ба ғайр аз ин Муҳаммад Ҳакимхон, ки яке аз хешовандони наздики Умархон буд, дида ва дониста аз тафсилоти воқеаҳои фоҷиаангез, ки Дилшод зикр кардааст, хомӯшӣ ихтиёр менамояд. Ҳодисаи мазкур дар "Мунтахаб-ут-таворих" ба чунин сурат тасвир шудааст: Маъсумхон тороҷгариҳои сарбозони Умархонро дар Ӯротеппа шунида, гуё бидуни таъхир ба шаҳр раҳсипор мегардад то баъзе аз шахсони олимансаб (Дилшод онҳоро Юз гуфтааст) ва ҳамчунин ҳарам ва ҳокими Ӯротеппа Маҳмудхонро аз марг наҷот диҳад. Вале аҳли

ҳарамро ҳатто қабл аз ишғоли шаҳр бо роҳи фиреб аз шаҳр бароварда, ба лашкаргоҳи Умархон фиристода буданд. Аз он ҷо ба аҳли ҳарам ва баъзе аз дарбориёни Маҳмудхон наҷот ёфтан муяссар шуд гувоҳӣ медиҳад, ки ишғолгарон ниҳоят бераҳм буданд ва бидуни шак на танҳо бисёри сокинони одии шаҳр, балки ашрофон низ зарар дидаанд. Аз ин ҷиҳат манзараи куштор, ки Дилшод тасвир кардааст, ба ҳақиқат мутобиқати том дорад. Баъдҳо Дилшод, ки дар қатори сиву як ҳазор асирони ӯротеппагӣ ӯро низ ба Қӯқанд бурда буданд, менависад, ки дар давоми ҳафт сол ба асирон сохтани кулба мамнуъ буд ва онҳо маҷбур буданд дар хаймаҳо рӯз гузаронанд. Баъд аз ҳафт сол иҷозат шуд, ки ҳар як асир барои худ кулбае созад, то шаҳр бино шавад. Ба шаҳре, ки бунёд ёфт, номи Умархон дода шуд, ҳоло он "Шаҳрхон" ном дорад. Вазъи қашшоқонаи аҳли Ӯротеппа, яъне асирони Умархон дар "Мунтахаб-ут-таворих" таъйид ёфтааст. Дар асар воқеаҳое тасвир шудаанд, ки мувофиқи он Ҳакимхон бо ҳамроҳии Умархон баъд аз сафари шаҳрҳои Уш ва Андиҷон ба дидани Шаҳрихон рафтааст. Он вақт модари Ҳакимхон- Офтобойим низ дар ин шаҳр буд. Умархон ба дидани ӯ рафт. Ҳангоми суҳбат онҳо зани ҳокими Шаҳрихон, ки дар ин мулоқот ҳузур дошт, ба амир аз духтари зебое яъне, духтари Саид Ғозӣ Хоҷа сухан гуфт ва назар ба хабари зани ҳоким ин Саид Ғозӣ Хоҷа дар як кулбаи ҳақирона чун ғуломи нафратзада дар зери бори эҳтиёҷ умр ба сар мебурд. Аслу насаби он ӯротеппагӣ ба асилзодагон мерасид [3,с.18].

Беҳуда нест, ки Ҳакимхон аз авлоди саидҳо будани Саид Ғозӣ Хоҷаро ба назар гирифта, ӯро "бародар"-и худ мехонад. Аммо ин бародари худро дар чунин вазъи қашшоқона дида, ҳатто аз танҳо ба танҳо вохӯрдан бо ӯ шарм медорад. Воқеаи зайл, ки дар "Мунтахаб-ут-таворих" омадааст, аз зиндагии ниҳоят вазнини ашрофзодаи собиқи ӯротеппагӣ шаҳодат медиҳад. Умархон хост, ки духтари Саид Ғозӣ Хоҷаро ба никоҳи худ дарорад ва бад-ин манзур назди ӯ хостгор фиристод, то ин хоҳишро ба ӯ бирасонанд. Баъд аз савумин бор омадани "хостгорон" хон падари фишордидаи гирён ва нолон ба гузашт маҷбур мешавад ва духтарро, ки Подшоҳ Ойим ном дошт, ба хон ба занӣ медиҳад. Иҷборан ӯро ба хонае, ки модари Ҳакимхон мезист, оварда, либосҳои гаронбаҳо пӯшониданд ва либосҳои кӯҳнаи ӯро ба канизон доданд. Аммо ин либосҳо чунон фарсуда буданд, ки ҳатто хидматгорон қатъан аз гирифтани он даст кашиданд.

Қимати таърихии "Мунтахаб-ут-таворих" боз дар он аст, ки ин асар барои муаллифони асри XIX, ки осорашонро ба таърихи хонигариҳои Қӯқанд ва қисман Бухоро бахшидаанд, чун сарчашма хидмат кардааст [8,с. 29; 8,с.33].

Ҳакимхон дар асараш бар зидди расму одатҳои гуногуни динӣ, ки аз шариат ва тариқат дур аст ва онҳоро рӯҳониён барои авомфиребӣ ва нафъ гирифтани хеш ёфтаанд, баромад кардааст. Асари мазкур барои омӯзиши таърихи Туркия, Миср, Арабистон, Эрон, Афғонистон, Русия ва дигар кишварҳо на танҳо чун маъхази таърихӣ, балки чун сарчашмаи ҷуғрофӣ низ хидмат карда метавонад. Ҳикоятҳои Ҳакимхон дар хусуси Русия барои хонандагони Осиёи Миёна ҷолиби диққат мебошад, зеро ин нахустин ахбори таърихӣ дар бораи ин мамлакат будааст. Маҳз ба туфайли асари мазкур аввалин калимаҳои русӣ монанди "губернатор" волӣ, "паспорт", "солот" (сарбоз) байрам ва ғайра ба захираи луғавии забони тоҷикӣ дохил шуданд. Бо ин тавсифи кӯтоҳ аҳаммияти асари Ҳакимхон чун маъхази таърихӣ ба ҳеҷ ваҷҳ хотима намеёбад. Бидуни шак, омӯзгорони таърихи Осиёи Миёна ва кишварҳои ҳамҳудуди он ҳар дафъа, ки ба ин асар муроҷиат намоянд, факту ҳуҷҷатҳои тоза хоҳанд ёфт, ки дар дигар маъхазҳои хаттии ин садсола акс наёфтаанд [5,с.8].

Хулоса, маълум аст, ки дар доираи афкори иҷтимоӣ ва сиёсии асри XIX Муҳаммад Ҳакимхон хизмати босазое намудааст. Муҳаммад Ҳакимхон чун муқарраби амир Насруллоҳ соли 1835-1836дар лашкаркашӣ ба муқобили Шаҳрисабз ширкат меварзад. Ҳакимхон дубора ба баҳонаи ҳаҷ аз хидмати дарбор рафт ва дар Шаҳрисабз маскан гирифт. Муҳаммад Ҳакимхон муаллифи асари таърихие мебошад, ки ин асар ба муаллифони асри XIX, ки осорашонро ба таърихи хонигариҳои Қӯқанд ва қисман Бухоро

бахшидаанд, чун сарчашма хидмат кардааст. Асари мазкур, яъне “Мунтахаб-ут-таворих» фарогири маълумоти хеле нодири таърихӣ, адабӣ, ҷуғрофӣ, этнографӣ буда, хусусияти энсиклопедӣ дорад ва аз ин рӯ, таваҷҷуҳи мутахассисони гуногунро ба худ ҷалб кардааст. Маълумоти Муҳаммад Ҳакимхонро муаррихон, адабиётшиносон, ҷуғрофияшиносон ва дигар муҳаққиқон дар тадқиқоти худ васеъ истифода бурдаанд. Маҳз ҳамон ҷанбаҳои гуногуне, ки дар боло зикр кардем, сабаби чунин машҳур гардидани асар мебошад, ки онро муҳаққиқони зиёд дар асарҳои худ васеъ истифода бурдаанд.

Маврид ба ёдоварист, ки ин таълифот дар натиҷаи сафарҳои тӯлонии муаллиф иншо шудааст ва мавқеи хоссаеро касб кардааст.

## АДАБИЁТ


1. Иванов П.П. Очерки по истории Средней Азии / П.П. Иванов. -М., 1958. -247 с.
2. Муҳаммад Ҳакимхон. Мунтахаб-ут-таворих(ба чоп ҳозиркунанда, муаллифи муқаддима ва таълиқот А. Мухторов). – Душанбе, 1985. - Китоби якум.- 544 с.
3. Ромодин В.А. Некоторые источники по истории Ферганы и Кокандского ханства (XVI- XIX вв) в рукописных собраниях Ленинграда / В.А. Ромодин. - М., 1960. - С. 1-6.
4. Стори Ч.А. Персидская литература. -С. 1140-1141.
5. Тоҷири Хӯқандӣ. Ғароиби сипоҳ. 1864-1865. Тошканд, ИШ АИ Ӯзбекистон №5409.
6. Хотираҳои Муҳаммад Ҳакимхон дар бораи сафари Русия. Ҷ. Абдукаримов. – Хуҷанд: Ношир, 2013. -104 с.
7. Хуршут Э. Ҳакимхоннинг ҳаёти ва саёҳатлари / Э.Хуршут. -Тошкент, 1987.-49с.
8. Ҳакимхон Муҳаммад. Мунтахаб-ут-таворих. Тасҳеҳи Коваҳара, Луиҷи Ҳонадо. -Токио, 2009. -Ҷ.2. -656 с.


## “МУНТАХАБ-УТ-ТАВОРИХ”-И МУҲАММАД ҲАКИМХОН


“Мунтахаб-ту-таворих” яке аз ёдгориҳои ҷолиби таърихӣ ва ёддоштҳои адабии миёнаи асри XIX ба шумор меравад. Муаллифи китоб Муҳаммад Ҳакимхон яке аз ашрофзодагони олимақоми хонигарии Қӯқанд буда, падараш Маъсумхон аз авлоди намояндаи маъруфи тариқати тасаввуф дар асри XVI Махдуми Аъзам (Хоҷаи Косонӣ) бо хоҳари хони Қӯқанд Норбутабӣ (1770-1799) ақди никоҳ баста буд ва дар замони салтанати Олимхон ва Умархон мансаби олии шайхулислом ва мушовири дарборро бар уҳда дошт. Муҳаммад Ҳакимхон дар байни ашрофзодагони олинасаби дарбор тарбият ёфта, соҳиби маълумот ва таҷрибаи кофии сиёсӣ мегардад. Ӯ аз тамоми сирру асрори дарбор, дасисаҳо ва кашмакашиҳои сулолавӣ барои тоҷу тахт, назокатҳои умури давлатдорӣ воқиф буд.



**Калидвожаҳо**: Мунтахаб-ут-таворих, Муҳаммад Ҳакимхон, Махдуми Аъзам, хони Қӯқанд, Олимхон ва Умархон, Маъсумхон, таърихи сиёсии хонигариҳои Осиёи Миёна, Бухорову Ҳисор, паспорт, солот.


## “МУНТАХАБ-АТ-ТАВАРИХ”-И МУХАММАД ХАКИМХАНА


Мунтахаб-аттаварих является одно из интересных исторических наследий и литературным воспоминанием в середины 19 века. Автор книги Мухаммад Хакимхан знатного происхождения из Коканского Ханства, его отец Масумхан был из влиятельной суфийской семьи в XVIвеке. Махдуми Азам женился на сестре Коканского Хана Норбутаби (1770-1799) и во время правления Олимхана и Умархана возглавлял высокий пост вождя и советника в дворце. Он был воспитан среди влиятельных аристократов дворца и получил знания и достаточный политический опыт. Он знал всех тайны дворца, происки, междоусобицы среди династии.



**Ключевые слова:** Мунтахаб-ат-таварих, Мухаммад Хакимхан, Коканское Ханство, правление Олимхана и Умархана, Масумхан, политическая история ханства Средней Азии, Бухара, Гиссар.


## MUNTAKHAB-AT TAVORIKH, MUHAMMAD KHAKIMKHON


Muntakhab-al tavorikh is one of the interesting historical heritage and literary memory in the mid-19th century. The author of the book Muhammad Hakimkhon from the noble origin of the Khugand Khanate, his father Masumkhon was from an influential family of Sufism in the XVI century. MakhdumiAzam married the sister of the Khan of Khugand, Norbutabi (1770-1799) and during the reign of Umarkhanand Olim Khan and headed the high post and was the advisor in the Palace. He was brought up among the influential aristocrats of the Palace and gained enough information and political experience. He knew all the secrets of the Palace, intrigues, feuds among the dynasty.



**Key words:** Muntakhab-at tavorikh, Muhammad Khakimkhon, the Khanates of Khugand, the domination of Olimkhon and Umarkhon, Masumkhon, political history of khanates of Central Asia, Bukhoro, Hisor.



**Сведения об авторе:** ***Джумъазода Парвизи Исхок*** – Институт истории, археологии и этнографии им. Ахмада Дониша Академии наук Республики Таджикистан, аспирант. **Адрес: 734025,** Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон: **989090290**

**Information about the author:** ***Jumazoda Parvizi Ishoq*** - Institute of History, Archeology and Ethnography. A. Donish of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, the postgraduate. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Street 33. Tel.: **989090290**

УДК:930.85:61(575.3)

# УЛУЧШЕНИЕ СОСТОЯНИЯ ЗДРАВООХРАНЕНИЯ ПЕРЕСЕЛЕНЧЕСКИХ ХОЗЯЙСТВ В ВАХШСКОЙ ДОЛИНЕ (1930-1950 гг.)

*Юсуфиён М. М., Алимов Д. Х.*
**Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава**

Здравоохранение больше чем какая-либо другая отрасль связано своей практической деятельностью с наукой и базируется на ее достижениях. В какой бы области медицины ни работали ученые-медики, все их исследования подчинены одной цели — сохранить и укрепить здоровье людей, продлить их трудовую жизнь.

Годы становления и развития практического здравоохранения в Таджикистане способствовали и оживлению медицинской мысли в республике. Уже в первые годы образования Таджикской АССР было начато изучение краевой патологии, в первую очередь инфекционной патологии края. Первые научные исследования в республике связаны с именами К. П. Арихбаева, М. Н. Кешишьяна, А. А. Макарьина, И. И. Масайтиса, Л. Ф. Парадоксова, Н. С. Перешивкина, А. И. Шуренковой и др. Первая крупная научная экспедиция в Таджикскую ССР прибыла в 1930 г. во главе с профессором центрального тропического института Е. М. Марциновским. С 1928 г. Е. Н. Павловский возглавлял и организовывал ряд крупных научных экспедиций по изучению паразитарных болезней в Таджикистане.

Приехавшие н республику ученые Центральных НИИ пробудили у практических врачей Таджикистана интерес к научно-исследовательской работе, которая послужила источником развития научной мысли в республике. Этот фактор явился толчком в организации в Таджикистане научных центров.

Развитие медицинской науки в республике, получившее широкий размах, особенно в послевоенные годы, связано с деятельностью трех учреждений. Это прежде всего созданные в 1931—1932 году первенцы медицинской науки — тропический и санитарно-бактериологический научно-исследовательские институты Наркомздрава Таджикской ССР, в 1955 году объединенные в Таджикский научно-исследовательский институт эпидемиологии и гигиены. Особенно большие возможности было предоставлено Наркомздравом республики в деле создания предпосылок развития фундаментальных исследований по основным направлениям медицинской отрасли, достижений науки в практику, повышении профессиональной квалификации врачей и средних медработников, совершенствовании диспансеризации, составлении перспективных планов специализированных служб, а также анализе причин общей, детской и материнской смертности.

В 1924 г. в республике в составе 5 человек и несколько медработников был организован Комиссариат здравоохранения. В ноябре 1925 г. были организованы больницы в г. Душанбе на 40 коек, в Гиссаре, Каратаге, Файзабаде, Кулябе и Джиликуле были созданы больницы на 10 коек. В те годы в республике всего были 32 врача и 82 среднего медперсонала. По данным Комиссариата здравоохранения, в 1928 г. в Кулябе 88%, Муминабаде 96% и в Гиссаре 94% заболели малярией. В октябре 1930 г. в республике количество больниц увеличилось до 33, а амбулаторий до 61 единиц[6,с.114].

В Вахшстрое в 1932-1937 гг. были построены 40 школ, 9 детских яслей, 5 ветеринарных амбулаторий, 2 больницы, 5 родильных домов, 2 медицинских амбулатории, 5 красных чайхан, 5 медицинско-фельдшерских пунктов, 2 прачечные, баня, 19 жилых домов для специалистов и другие, 109 объектов на общую сумму 8,6 млн. руб [5,л.2.].

Несмотря на огромные трудности восстановительного периода, вызванные войной, Советское правительство уделяло постоянное внимание дальнейшему развитию культуры и быта советского народа.

В «Законе о пятилетнем плане восстановления и развития народного хозяйства СССР на 1946-1950 гг.» специально указывалось на восстановление и расширение сети начальных и средних школ и высших учебных заведений, подготовку кадров, улучшение службы здравоохранения и дальнейший расцвет социалистической культуры и искусства.

С целью успешного решения задач послевоенной пятилетки во всех сферах общественной жизни Компартия страны 27 марта 1946 г. приняла постановление «Об агитационно-пропагандист**ской** работе парторганизаций в связи с принятием закона о пятилетнем плане восстановления и развития народного хозяйства СССР на 1946-1950 гг.» [2,с.153].

На V пленуме Компартии Таджикистана (май 1950 г.) обсуждался вопрос «О задачах парторганизации Таджикистана по улучшению идеологической работы, развитию культуры и здравоохранения». Пленум отмечал, что партия и советское правительства выделило в области культуры таджикского народа около 400 млн. руб. на развитие народного образования, науки, здравоохранения, литературы, на развертывание культурно-просветительной работы среди населения[1,с.247].

В Вахшской долине в 50-е годы организационно-хозяйственное укрепление целинных хозяйств, а также новые масштабные задачи способствовали развитию и расширению сети культурно-просветительных упреждений и их роль в идейно-политическом, трудовом воспитании трудящихся. Экономический рост хозяйства обеспечивал благоприятную возможность из года в год увеличивать средства, выделяемые для дальнейшего подъёма культуры и быта тружеников села. Например, в переселенческом колхозе «Коминтерн» Курган-Тюбинского района ежегодно для культурно-бытовых нужд населения в среднем выделялось по 1,5 млн. руб. В 1957 г. колхоз построил летний кинотеатр на 700 мест, 38 новых жилых домов по 4- 5 комнат, 2 чайханы – читальни, новое здание школы и амбулатории[4].

В центральных и южных районах Таджикистана в тех районах, где велась широкая ирригационно-мелиоративная работа, освоения новых земель и переселение туда дехканских хозяйств более остро стоял вопрос дальнейшего развития учреждений здравоохранения, своевременного обеспечения их обслуживающим персоналом, квалифицированными кадрами.

В послевоенные годы, несмотря на известные трудности, под руководством советских органов велась постоянная работа по улучшению медицинского обслуживания среди покорителей целины. В январе 1947 г. в Вахшской долине функционировали 12 общих больниц с 340 койками, 24 фельдшерско-акушерских пунктов, 15 амбулаторий, 12 постоянных и 5 тыс. сезонных яслей и т.д. Местные органы власти с 1948 по 1950 гг. проводили работу по укреплению материальной базы медицинских учреждений, обеспечению их квалифицированными кадрами и улучшению медицинского обслуживания населения и за этот период для работы в учреждениях здравоохранения прибыли из мединститутов и медицинских школ г. Душанбе и других городов страны 219 человек. В то же время прошли переподготовку и повышение квалификации 51 человек. К этому времени увеличилось количество фельдшерско-акушерских пунктов по области до 75 единиц. Были приобретены рентгеноустановки[1,с.273].

В течение семилетки в республике четверть сельского населения улучшили свои жилищные условия, за счет колхозов были построены больницы на 1,9 тыс. коек, на 48,4 тыс. мест дворец культуры[4].

В годы восьмой пятилетки в колхозе «Коммунизм» Вахшского района за счет дохода, который составлял 37%, было построено 533 новые квартиры, на расстояние 76 км проведены линии электропередач, была построена амбулатория, проасфальтировано 34 км сельских дорог, а 1080 сельских квартир были газифицированы[3,с.325].

В 1950 г. в Курган-Тюбинской области целинные хозяйства активно включались в культурное строительство и построили клубы, школы, больница, 1 среднюю школу и другие культурно-просветительские учреждения.

Таким образом, состояние здравоохранения переселенческих хозяйств в Вахшской долине в исследуемый период значительно улучшилось. В результате этого экономический рост хозяйства обеспечивал благоприятную возможность увеличивать средства, выделяемые для дальнейшего подъёма культуры и быта тружеников села.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Абулхаев Р. А. Развитие ирригации и освоение новых земель в Таджикистане. [Текст] / Р. А. Абулхаев. – Душанбе: Дониш, 1988. – 288 с.
2. КПСС в резолюциях и решениях съездов, конференций и Пленумов ЦК. Т.VI. (1933-1937 гг.). [Текст]. – М.: Политлитературы, 1985. – 432 с.
3. Коммунистическая партия Таджикистана в документах и цифрах (1924-1963гг). Сб. документов и материалов о росте и регулировании состава партийной организации. [Текст]. – Душанбе, 1965. – 342 с.
4. Маданияти Точикистон. – 1957. – №8. – С.81.
5. Строительство объектов здравоохранения в Вахшстрое в 1932-1937 гг.[Текст] // ЦПИ КП РТ. – Ф.3. – Оп.7. – Д.210. – Л.2.
6. Эркаев М. Очерк истории Советского Таджикистана. [Текст] / М. Эркаев, Ю. Николаев, Я. Шарофов. – Сталинабад: Таджгосиздат, 1960. – 664 с. (на тадж. яз.).

## БЕҲТАР НАМУДАНИ ВАЗЪИ ТАНДУРУСТИИ ХОҶАГИҲОИ МУҲОҶИР ДАР ВОДИИ ВАХШ (с.1930-1950)

Дар мақолаи мазкур муаллифон оиди тағйиротҳо дар соҳаи пешниҳоди хизматрасониҳои тиббӣ ба хоҷагиҳои муҳоҷир дар водии Вахш пешниҳод намудаанд. Муаллифон чунин қайд намудаанд, ки олимони соҳаи тиб ба ҷумҳурӣ омада, таваҷҷуҳ ба илмро дар замири духтурони Тоҷикистон бедор намуданд, ки ин манбаи пайдоиши фикрронии илмӣ дар кишвар гардид. Ин далел омили пайдоиши муассисаҳои илмии тиббӣ дар Тоҷикистон гардид. Муаллифон қайд менамоянд, ки ба ҳолати вазнини давраи баъдиҷангии барқароршавӣ нигоҳ накарда, Ҳукумати Шӯравӣ ҳамеша ба рушди фарҳанг ва маишати халқ ғамхорӣ зоҳир менамуд, ки дар натиҷа соҳаи тандурустӣ дар солҳои баъдиҷангӣ бениҳоят рушд намуд. Муаллифон дар охир ба чунин хулоса омадаанд, ки дар солҳои баъдиҷангӣ ба душвориҳо нигоҳ накарда, таҳти роҳбарии мақомотҳои шӯравӣ корҳои беҳтар намудани ҳолати пешниҳоди хизматрасониҳои тиббӣ дар байни муҳоҷирон бурда мешуд. Инчунин, мақомотҳои маҳаллии иҷроия оид ба мустаҳкам намудани базаи моддии муассисаҳои тандурустӣ, бо мутахассисони касбӣ таъмин намудан ва ба аҳолӣ пешниҳод намудани хизматрасониҳо хуби тиббӣ, чораҳои зарурӣ меандешиданд. Мутахассисон асосан аз донишгоҳи тиббӣ, омӯзишгоҳҳои тиббии ш. Душанбе ва дигар шаҳрҳои кишвар меомаданд. Хулоса, вазъи пешниҳоди хизматрасониҳои тиббӣ ба хоҷагиҳои муҳоҷири водии Вахш дар давраи таҳқиқот феълан беҳтар гардид.

**Калидвожаҳо:** тандурустӣ, Вахшстрой, олимони тиб, коркунони тиббӣ, шифохонаҳои деҳот, тайёр намудани мутахассисон, хоҷагиҳои муҳоҷир, муҳоҷирон.

## УЛУЧШЕНИЕ СОСТОЯНИЕ ЗДРАВООХРАНЕНИЯ ПЕРЕСЕЛЕНЧЕСКИХ ХОЗЯЙСТВ В ВАХШСКОЙ ДОЛИНЕ (1930-1950 гг.)

В данной статье авторы исследуют изменения в системе здравоохранения создаваемых переселенческих хозяйств в Вахшской долине. Авторы отмечают, что приехавшие н республику ученые-врачи пробудили у практических врачей Таджикистана интерес к научно-исследовательской работе, которая послужила источником развития научной мысли в республике. Этот фактор явился толчком в организации в Таджикистане научных центров. Авторы подчеркивают, что, несмотря на огромные трудности восстановительного периода, вызванные войной, Советское правительство уделяло постоянное внимание дальнейшему развитию культуры и быта советского народа, в результате чего развитие медицинской науки в республике получило широкий размах, особенно в послевоенные годы. Авторы пришли к такому выводу, что в послевоенные годы, несмотря на известные трудности, под руководством советских органов велась постоянная работа по улучшению медицинского обслуживания среди покорителей целины. Также местные органы власти проводили работу по укреплению материальной базы медицинских учреждений, обеспечению их квалифицированными кадрами и улучшению медицинского обслуживания населения и за этот период для работы в учреждениях здравоохранения Вахшской долины прибыли специалисты из мединститутов и медицинских школ г. Душанбе и других городов страны. Таким образом, состояние здравоохранения переселенческих хозяйств в Вахшской долине в исследуемый период значительно улучшилось.

**Ключевые слова:** здравоохранение, Вахшстрой, ученые-медики, медработники, сельские больницы, подготовка кадров, целинные хозяйства, целинники.

## IMPROVING THE HEALTH OF THE RESETTLEMENT FARMS IN THE VAKHSH VALLEY (1930-1950)

In this article, the authors investigate the changes in the health care system of the created resettlement farms in the Vakhsh valley. The authors note that the scientists who came to the Republic awakened the interest of practical doctors of Tajikistan in research work, which served as a source of development of scientific thought in the country. This factor was the impetus for the organization of scientific centers in Tajikistan. The authors emphasize that despite the enormous difficulties of the recovery period caused by the war, the Soviet government paid constant attention to the further development of culture and life of the Soviet people, resulting in the development of medical science in the country, received a wide scope, especially in the postwar years. The authors came to this conclusion that in the postwar years, despite the known difficulties, under the leadership of the Soviet authorities, constant work was carried out to improve medical care among the conquerors of the virgin lands. Also, local authorities have been working to strengthen the material base of medical institutions, providing them with qualified personnel and improving medical care of the population and during this period for work in health institutions of the Vakhsh valley came from medical institutions and medical schools in Dushanbe and other cities of the country.Thus, the health status of resettlement farms in the Vakhsh valley in the study period has improved significantly.

**Keywords**: health care, Vakhshstroy, medical scientists, health care providers, rural hospitals, training, virgin management, virgin soil.

**Сведение об авторах**: ***Юсуфиён Манзура Мансури*** - Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, соискатель кафедры всеобщей истории. **Адрес**: 735140, Республика Таджикистан, Хатлонская область, г. Бохтар, ул. Айни, 67. Тел.: 904-22-03-87.

***Алимов Давлатали Халилович*** – Бохтарский государственный университет им. Носира Хусрава, кандидат исторических наук, доцент, заведующий кафедрой всеобщей истории. Адрес: 735140, Республика Таджикистан, Хатлонская область, г. Бохтар, ул. Айни, 67, E-mail: adavlatali@mail.ru, Телефон: 919-36-35-44.

***Information about the author***: – Bokhtars state university of Nosir Husrav of the Republic of Tajikistan, applicant to the Department of General History. Address: 735140, Republic of Tajikistan, Khatlon Region, Mr. Bokhtar, Ayni St., 67. Phone: 904-22-03-87.

***Alimov Davlatali Halilovich*** - Bokhtars state university of Nosir Husrav of the Republic of Tajikistan, is the candidate of historical sciences, the associate professor, the head of the department of general history. Address: 735140, Republic of Tajikistan, Khatlon Region, Mr. Bokhtar, Ayni St., 67, E-mail: adavlatali@mail.ru . Phone 919-36-35-44

УДК:93/94

# СУЛОЛАИ ПАҲЛАВОНИИ РАҲИМОВҲО

*Маҳмадрасулов Б.С., Маҳмарасулов М.С.*
**Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В.Ломоносов дар шаҳри Душанбе, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С.Осимӣ.**

Деҳаи Ҷорубкул дар домани қаторкӯҳҳои Ҷилонтов ҷойгир гардида, ба ноҳияи Қизилмазор (Советский) ва дар замони ҳозира ба ноҳияи ба номи қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик мансуб аст. Шуғли мардуми деҳа асосан аз чорводорӣ, ғалла ва зироаткорӣ иборат аст. Ин мавзеъ хеле кӯҳу дараҳои фарох дошта, дар солҳои пешин ҷойи сайёдон буд. Солҳои 1910 бобои Раҳим бо фарзандонаш Сафаралӣ, Музаффар ва Абдулмуъмин ба ин мавзеъ кӯчида меояд. Бобои Раҳим сайёди бо кабк ва шикорчии моҳир буд ва ризқу рӯзиашро аз ҳамин меёфт. Баъди якчанд соли зиндагӣ аз қишлоқи Ҷорубкӯл ба қишлоқи Аилунии ноҳияи Сари Хосор кӯч мебандад ва дар он ҷо ҳам касби дӯстдоштаашро давом медиҳад. Сафаралӣ, Музаффар ва Абдулмуъмин ҳам ба воя мерасанд. Солҳои колхозикунонии Ҳокимияти Советӣ, яъне соли 1932 мардуми кӯҳистонро ба таҳдашт -ба ноҳияҳои Арал (Восеъ), Чубек (Ҳамадонӣ), Фархору ноҳияи Вахш муҳоҷир мекунанд. Қишлоқи Ҷорӯбкул, ки ба бобои Раҳим аз солҳои пешин шинос буд ва ҷойи шикоргоҳи хуб ба шумор мерафт, вай кӯчашро ба Ҷорубкӯл овард. Абдулмуъмин устои хуби чӯбтарош, хонасоз ва деворгар буд. Ӯ ба духтари усто Давлаталии Шехунӣ Парчамоҳ хонадор шуд. Ҳамсолони Абдулмуъмин аллакай фарзандор буданд, фарзандҳояшон 10-12 сола буданд.

Дар деҳаи Ҷорубкӯл баъди ҷамъоварии ғалла мардум аз хурд то калон ба бузкашию гуштингирӣ, пойгаҳи пиёда, хуллас ба намудхои варзиши миллӣ машғул мешуданд. Шабонгаҳ лал алоб карда, дар равшании он гӯштингирӣ ташкил мекарданд. Мардуми ин диёр ба човандозӣ ва гӯштингирӣ дилбохтагии зиёд доштанд. Албатта, ин маъракаҳо доимо кишлоқ ба кишлоқ баргузор мегардиданд. Дар Ҷорубкӯл асосан як кишлоқи тоҷикнишин аст, ки онро қишлоқи Ҳасанбек ном мебаранд, қишлоқҳои боқимонда ӯзбекнишинанд. Дарозии Ҷорубкӯл бо қишлоқҳояш 5-6 километрро ташкил медиҳад.

Акаи Абдулмуъмин соли 1941 сохиби духтар шуд ва ӯро Зарагул ном гузошт. Тӯли 6 соли дигар аз Парчамоҳ фарзанд таваллуд нашуд. Акаи Абдулмуъмин гӯштингириро хеле дӯст медошт ва медид, ки фарзандони рафиқонаш дар маъракаҳои қишлоқ байни синну соли худашон гӯштин мегиранд, ҳавас мебурд ва афсӯс мехӯрд ба даруни дилаш. Ман хам писар медоштам, дар қатори фарзандони ҳамдиёронам гӯштин мегирифт. Ман ҳам ба монанди онҳо хурсанд шуда, завқ мебурдам. Ӯ марди хеле ботамкин, бомулоҳиза, камгапу дурандеш буд ва солхои 1944-45 сарчӯпониро дар рамаи гӯсфанди колхоз ба ӯҳда дошт.

Соли 1946 моҳҳои июл буд, ки Парчамоҳ писар таваллуд кард, Саидмуъмин номгузориаш намуданд. Тахминан ду-се моҳ пас ҳамон сол зани дуюмаш Зулхумор ҳам писар таваллуд мекунад ва ӯро Саидчаъфар номгузорӣ мекунанд.

Ҳамин тавр, аз зани якумаш Зарагул, Саидмуъмин, Саидҷамол, Хуҷамуъмин, Ғунчагул, Рустам, Тоҷиддин, Обуддин, Шамсуддин, Гулнора ва аз зани дуюмаш Саидҷафар, Саидикром, Ҳавасгул ба дунё омаданд. Хуллас, акаи Абдулмуъмин аз зани аввалаш соҳиби 11 фарзанд ва аз зани дуюмаш соҳиби 3 фарзанд гардид.

Шодию хурсандии акаи Абдулмуъмин ҳадду канор надошт. Писарони хурду калон ба маъракаҳои қишлоқ рафта, бо ҳамсолони худашон гӯштингирӣ мекарданд. Авлоди падарӣ ва модарии Саидмуъмин паҳлавонони шинохтаи Ҷорубкӯл, ноҳия, вилояти Кӯлоб ва ҷумҳурӣ буданд ва борҳо дар мусобиқаҳои вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ дастболо гардидаанд: инҳо писари амакаш Мирзоалӣ Сафаралиев, холабачаи падараш Раҳмон Ғаниев, тағоиҳояш Сабзаалӣ Давлатов ва Исмоил паҳлавон, Қуваталӣ Эмомов буданд.

Умуман, қишлоқи Ҷорубқулро макони паҳлавонон дар вилояти Кӯлоб ном мебаранд, ки пахлавонони шинохтаи сатҳи ҷумҳуриявӣ ва Осиёи Миёнаро ба воя расонидааст, ба монанди Ҳазратқул паҳлавон, Дона паҳлавон, Тохтар паҳлавон, Лақай паҳлавон, Қувваталию Раҳмон паҳлавон буданд. Боре дар қишлоқ маъракаи гӯштингирӣ баргузор гардид, ки аз қишлоқҳои ҳамсоя дигар гӯштингирон бо наврасонашон гирд омада буданд. Саидмуъмин аллакай синнаш ба 15-16 расида буд. Ҳамроҳи падари бузургвораш, тағоҳояш ва писари тагои Давлаталияш Саидмурод, бародараш Саидҷамол ва холабачаи падараш Рахмон пахлавон ба сари давраи гуштингирӣ омаданд.

Маъракаҳои гӯштингирӣ одатан аз гӯштингирии кӯдакон ва наврасон оғоз меёбанд. Аввалин шуда Саидбурҳон, баьд Саидмурод писари тағояш, баъд Саидҷамол бародараш бо навбат ба гуштин мебаромаданд. Бар яке ғолиб мегаштанд ва аз дигаре мағлуб мешуданд. Падари бузургвораш ба Саидмуъмин ба зери чашмаш нигоҳ мекард, ки Саидмуъмин чи хел дар ҷои нишастааш бетоқатӣ мекунад ва баданаш монанди дор меларзад, оҳистакак аз ҷомаи Раҳмон, ки дар пахлӯяш рост истода буд, мекашад. Раҳмон паҳлавон ба акаи Абдулмуъмин рӯй оварда мегуяд: «Ака, чи мегӯй?» Падари Саидмуъмин мегуяд: «Рахмон Саидмуъмина бин ё хунук хурдааст, ё ягон дарде дорад, ки дар ҷояш тинҷ нашишта истодааст!» Рахмон пахлавон ба Саидмуъмин як чанд дакиқа назора мекунад. Рахмон худ, ки пахлавон буд ин ҳолро пай мебарад. Ин холатҳо бо худаш бисёр вақтхо рӯй дода буд ва ба акаи Абдулмуъмин руй оварда мегӯяд, ки ягон дард надорад гуштин гирифтан мехоҳад. Чанд лахза пас Саидмуъминро ба ихгиёри довари майдон медиҳад ва мегуяд, ки «Бачаи акаи Абдулмуъминро бо ягон хамгули худаш гуштин андоз!».

Довар шӯхиомез мегӯяд, ки «Ин бачаи акаи Абдулмуъмин ба сагҷангандозӣ ё аз пушти духтарҳо давидан сар диҳӣ мешавад. Аллакай вақти гӯштингирии бача-бачаҳо гузашт!» Ин суханҳо Саидмуъминро ба нанг меорад. Довар Саидмуъминро дар паҳлуи як ҳамтенги худаш аз қишлоқи ҳамсоя шинонида дуо медихад. Саидмуъмин ба ҷои худаш омада, либосашро иваз карда, аз падари бузургвораш дуо мегирад. Раҳмон паҳлавон бошад, ба Саидмуъмин таъкид мекунад, ки саросема нашавад. Аввал ними худатро гир, Харакат кун, ки аз боло миёнбандашро гирӣ, чунки аз боло миёнбандро гирӣ ҳариф қоматаш хам мешавад ва барои ту кадом тарафе кор кунӣ аён аст. Ту ба худат боварӣ кун, ки ту аз вай дида зӯртарӣ. Парвои ӯ гапҳои доварро накун. Ӯ туро ба номус оварданӣ буд.

Саидмуъмин аз аввала дида боз зиёдтар ангуштонаш, баданаш, аз ларзаи зиёд ҳатто овозаш пурра намебаромад. Фақат дар ҷавоб ба Раҳмон пахлавон хуб мегуфт. Хайр рав ба маърака даро. Раҳмон пахлавон гуфт ба ӯ. Саидмуъмин ва ҳарифаш дастонашонро боло бардошта, дастак кашида бо панчаҳояшон бозӣ мекарданд. Гоҳ-гоҳ ҷаҳида-ҷаҳда аз як пой ба пойи дигар атрофи якдигар давр зада ҳолати кулайро мекофтанд, то ин ки ними худашонро гиранд. Ин ҷаҳидану дастаккашиданҳо барои гуштингирон як холати гарм намудани дасту панча ва бадан мебошад.

Саидмуъмин пешдастӣ карда, камарбанди қарифашро аз боло қапид ва як остинашро дошта бо усули сари севҷӣ харифашро ба тахтапушт партофт. Мардум барои ғолиб омадани Саидмуъмин гиреви баланд бардоштанд. Довар дасти Саидмуъминро бардошта, эълон намуд, ки Саидмуъмин халол зад. Ғиреви мардум боз баландтар гашт. Довар гуфт: «Рав солимата гир!», Саидмуъмин дар давраи мактабхонияш дар мусобиқаҳои мактабӣ ва Спартакиадаи ноҳияи Темурмалик (Советский) аз рӯйи давидан, ҳаво додани норинҷак, ба дарозӣ ҷахидану волейбол ширкат варзида, ҷойҳои аввалу ифтихориро ишғол намуда обутоб меёфт.

То ба адои хизмати Модар-Ватан рафтан аллакай овозаи пахлавонии Саидмуъмин дар саросари вилояти Кӯлоб паҳн гардида буд.

Пас аз хатми мактаби миёна Саидмуъмин бо ҳамроҳии рафиқонаш Ҳусайну Насриддин ба хизмати Модар-Ватан даъват шуданд. Дар шаҳри Боку онҳоро аз якдигар ба қисмҳои ҳарбии ҷудогона партофтанд. Саидмуъмин хизматро дар Ғулфаи Озарбойҷон дар сарҳади Эрону Туркия севуним сол иҷро намуд. Дар ҷойи хизматаш ба хотири донистани забони форсӣ-тоҷикӣ ва уз-бекияш ӯро дар он чо муайян намуданд.

Саидмуъмин назар ба ҳамхизматҳояш хеле чусту чолок буд. Ӯ дар махфили сеҳарбаи харбӣ машқ мекард. Натиҷаҳои назаррасе дошт, ки аз рӯйи меъёри варзишӣ ба дараҷаи 1-уми варзишӣ рост меомад. Ӯ дар ин мусобиқаҳоо чемпиони полк хам гардида буд. Рӯзе бегоҳӣ ҳамхизматҳо байни ротаҳо гӯштин ташкил мекунанд. Аз дастаи ротаи дигар устодони гӯштини тарзи озод буданд, ки дар ҳайати дастаи полк шомил буданд. Саидмуъмин бо онҳо ҳам гӯштин гирифт, бо гӯштини тарзи озод, гарчанде тасаввуроти ин гуштинро надошт. Бо усули гӯштини тоҷикӣ «гӯштингирӣ», бо усулои халуку сари севҷӣ онҳоро ба тахтапушт халол партофт. Зарурат дар замин гуштин гирифтанро барои онхо намонд. Пагоҳ дар қисми харбӣ овоза шуд, ки як хизматчии ротаи 4-ум Володя ва Алхазовро ҳалол задааст.

Аз ин хабар мураббии қисми харбӣ В.Захарчук воқиф мегардад ва Саидмуъминро ба наздаш даъват мекунад. Мегӯяд, ки минбаъд ба маҳфили гуштини тарзи озод биёяд ва бо ҳамроҳии бачаҳхо машқ кунад. Саидмуъмин акнун ҳам дар сеҳарбаи ҳарбӣ, ҳам гӯштин мунтазам машқ мекунад ва бисер нозукиҳои ин намуди гӯштинро бо кумаки В.Захарчук аз худ мекунад, ба мусобиқаҳо тайёрӣ дида баромадҳо мекунад. Ӯ чемпиони дивизия ва округ аз сеҳарбаи ҳарбӣ, тирандозӣ, ҳаво додани норинҷак ва давида гузаштан аз монеаҳо буд. Дар чемпионатаи округи ҳарбии Закавказия оид ба гӯштини тарзи озод баромад намуда, ҷойи 3-юмро ишғол менамояд. Дар шаҳри Боку бошад, ҷойи 1-умро ишғол мекунад.

Саидмуъмин Раҳимов баъди се соли хизматаш ба рухсатӣ (отпуск) ба хона меояд ва ба касалии зарпарвин гирифтор мешавад ва тӯли шаш моҳ дар табобатхонаи ҳарбии шаҳри Душанбе табобат мегирад. Баъди шаш моҳ ӯро аз ҳамин табобатхонаи Ҳарбии Душанбе дар асоси бемор будан ва адо шудани муҳлати хизматаш ҷавоб медиҳанд.

Ӯ ба гӯштин дилбохтагии зиёд дошт, баъди солим гардиданаш боз аз пайи машқкунӣ мешавад. Дар зодгоҳаш тез-тез дар тӯйҳо баромад карда, ғолиби давраҳо мегардид. Ба ҳамаи паҳлавонони вилояти Кӯлоб дастболо мешуд.

Устоди варзиши РСС Точикистон, чемпиони якчандкаратаи Точикистон, чемпиони Осиёи Миёна ва Қазоқистон, Мураббии калони вилояти Кӯлоб аз гӯштини миллии «гӯштингирӣ» Искандаршо Раҳматуллосв дар симои Саидмуъмин Раҳимов ҳамаи арзишҳои паҳлавони калонро мебинад. Борҳо ба қишлоқи Ҷорубкӯл барои иштирок дар мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ аз тарафи вилояти Кӯлоб иштирок кардани Саидмуъмин ба назди раис медаромад. Ба сари гандум ба пеши Саидмуъмин рафта, ӯро гирифта ба шаҳри Кӯлоб меовард

Соли 1969 С.Рахимов ба Донишкадаи омӯзгории шаҳри Кӯлоб ба факултаи забон ва адабиёти рус дохил мешавад. Дар ин чо таҳти роҳбарии устод Н.Раҳматуллоев ва дар гӯштини тарзи озод ҳамроҳи мураббиёи Е.Тавтиев ва В.З.Едзаев маҳорати гӯштини худашро сайқал медиҳад. Ӯ борҳо аз гӯштини тарзи озод ба мусобиқаҳои умумиитифоқӣ меравад ва соҳиби мақомҳои ифтихорӣ мегардад.

Соли 1971 бо маслихати омӯзгор Ғафуров аз бахши дуюм ҳуҷҷатҳояшро ба тариқи гузариш ба Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон мегузаронад ва донишҷӯи ДТҶТ мегардад. Дар ин ҷо таҳти рохбарии Б.Г.Аргунов ба гӯштини тарзи озод ҳамчун узви дастаи яккачини Тоҷикистон шомил шуда, машқ мекунад. Дар баробари машқаш И.Абдуллоев, ки сармураббии дастаи яккачини самбочиёни ҷумҳурӣ буд, С.Раҳимоворо ба машқи гӯштини самбо даъват мекунад ва мегӯяд, ки мо ба наздикӣ ба чемпионати ҷамъияти «Динамо»-и ИҶШС меравем. Саидмуъмин ба фикри И.Абдуллоев розӣ шуда, ба машқи гӯштини самбо камар мебандад. Соли 1971 дар шаҳри Лвови Украина ин мусобиқа баргузор мегардад. Саидмуъмин бар ҳарифонаш Е.Волгин аз Қазоқистои, Н.Дамиров аз Озарбойҷон, С. Павленко аз шаҳри Рига, Ю.Новик аз Белоруссия ғолиб омада ҷойи аввалро ишғол мекунад.

Соли 1972 дар мусобиқаи Шӯрои Марказии «Ҳосилот» («Урожай»)-и ИҶШС дар шаҳри Горкий ҷои дуюмро ишғол кард ва меъёри устоди варзиши ИҶШС-ро аз намуди гӯштини самбо ичро намуд.

Моҳи январи соли 1973 дар шаҳри Майкоп (Ҷумҳурии Автономии Адигэяи Русия) дар мусобиқаи Шӯрои марказии варзишгарони «Ҳосилот» («Урожай»)-и ИҶШС дар вазни 93 кг ҷойи якумро ишғол кард.

Аз 28 феврал то 4 марти соли 1973 дар шаҳри Майкоп Чемпионати ИҶШС бо иштироки 272 паҳлавон баргузор гардид. С.Раҳимов тамрини пешакии худро дар ҳамон толор гузаронида буд ва ба мусобиқа тайёрии хуб дида буд. Бар ҳарифони худ - устодони дараъаи байналмилалӣ В.Глухов, Г.Малёнкин, Ш.Владимир, В.Ковал, А.Жулапос ғолиб баромада, ба вохӯрии ниҳоии халкунанда барои гирифтани ҷойи якум бо устоди варзиши дараҷаи байналмилалӣ Г.Қаюмов баромад. Г.Қаюмов паҳлавони шинохтаи ҷаҳон буд ва собиқаи калон дошт. Ӯро мураббиён ва паҳлавонон «Борец таранного типа» мегуфтанд. Вай доимо бар ҳарифонаш ҳуҷумҳои шадид мекард. Кадом банду усулеро, ки паҳлавонон дар ӯ гузарониданӣ мешуданд, ӯ, албатта, бар зидди ҳариф усули аксуламалро истифода мекард. Гӯштин байнашон оғоз шуд. С.Раҳимов аз вай дида тезтар ба ҳуҷум мегузашт ва ба ҳалуки дарун бардошта Г.Қаюмовро ба тахтапушт зад. Доварон ба ҷои чор хол ба С.Раҳимов ду хол доданд. С.Раҳимов дарҳол ҳолати ба тахтапушт доштани ҳарифро гирифт.

Афсӯс доварон беадолатона бо ҳуштаки худ Саидмуъминро аз доштани холати бо тахтапушт боздоштанд. Агар имкон медоданд, барои доштан дар зарфи бист сония вай бояд чор хол мегирифт. Мардуми шаҳри Майкоп монанди мардуми кишлоки Ҷорубкӯл гӯштинро хуб мефаҳманд. Баъди чунин рафтори доварон фарроши толор бо ҷӯбдастае, ки латаи фаршрӯбӣ дошт, дар болои мизи доварон зад ва гуфт: «Безсовестные москвичи. Как вам не стыдно душить парня с провинции. Если он вам нужен, то дайте ему победу. Нечего цирк устраивать у нас в Майкопе». Хайрият ба доварон суханони зани одӣ таъсир кард ва доварияшонро дурусттар намуданд. С.Раҳимов сонияе ҳам карор намегирифт ва тактикаи ҳуҷуми пайдарпайро пеша карда буд. Бо усули бо болои сар партофтан боз ду холи дигар ба даст овард. Г.Қаюмов се хол ба даст овард. Ҳисоб чор бар се, ҳамагӣ як дақиқаю понздаҳ сония то охири вохӯрӣ боқӣ монда буд. Ҳарду паҳлавон палангвор ба якдигар ҳуҷум мекарданд. Яке аз ҳуҷумҳои Саидмуъмин ба доштани миёнбанд аз пушт ва доштани остин усули сари севҷиро кор фармуда, ҳарифашро боз ба тахтапушт партофт ва соҳиби чор холи дигар гардид. Тактикаи мувофиҳро Саидмуъмин кор фармуд ва то охири вақти вохӯрӣ дигар имкон надод, ки ҳарифаш соҳиби хол гардад. Ҳамин тариҳ, ӯ дар вохӯрии ниҳоӣ бо ҳисоби 8:3 ғолиб омад. Албатта, дар ин ҳолат Саидмуъмин диёри Тоҷикистонро ба хотир меовард, чунки ӯ дуюмин фарди Точикистонӣ буд, ки медали тиллои Чемпионати ИҶШС- ро аз гӯштини самбо ба даст овард, баъди ҳаждаҳ соли ғалабаи А.Олимов. Фарзанди тоҷик тавонист бо меҳнати ҳалолаш парчами Тоҷикистонро боло бардорад ва ба ифтихори заҳматҳои бисёрсолаю натиҷаи бадастовардааш суруди миллӣ танинандоз шуд. Саидмуъмин тавонист, ки миллати точикро дар байни понздаҳ ҷумҳурии бародарӣ ва шаҳрҳои Москваву Ленинград муаррифӣ намояд.

Баъди ғолиб омадан дар Чемпионати собик Иттиҳоди Шӯравӣ соли 1973-юм сармураббии дастаи яккачини ИҶШС Станислав Ионов Саидмуъмин Раҳимовро ба дастаи яккачини ИҶШС шомил намуд. Саидмуъмин барои иштирок намудан дар Чемпионати чаҳон, ки дар Эрон соли 1973 баргузор мегардид, ба тамрин сар кард. Дар ҷамъомадҳои паҳлавонон дар шаҳри Хилеки Русия, Сахкадзори Арманистон баъди машқҳои дастаҷамъӣ худаш боз мустақилона дар шаҳри Майкопи Русия таҳти роҳбарии мураббии шинохтаи ҷаҳон Якуб Комблетович Якубов тӯли ду моҳи дигар нозукиҳои гӯштини самборо омӯхт. Як мох пеш боз варзишгарони дастаи яккачин барои машқи дастаҷамъӣ дар шаҳри Москва гирд омаданд. Дар ҳамин давраи машқ Саидмуъмин Раҳимов аз зонуяш лат хӯрд, баъди муоинаи духтурон маълум гардид, ки вай мениск шудааст. Ба Саидмуъмин Раҳимов сармураббӣ пешниҳод карда гуфт: «Всё Саид приехал, теперь Чемпионата Мира тебе не видать. Одно тебе скажу, если хочешь в дальнейшем заниматься борьбой, необходимо оперировать мениск, а если не хочешь заниматься то, не оперировав, ты можешь поехать домой в Таджикистан».

Саидмуъмин Раҳимов, дӯстдори касби пешанамудааш ва заҳматҳои бисёрсолаи худро пеши назар оварда, ба ҷарроҳӣ розӣ мешавад. Дар шаҳри Москва ҷарроҳӣ мекунад. Он сол он умеду ормонҳои ширкат намудан дар Чемпионати ҷаҳон дар дилаш мемонад.

Саидмуъмин Раҳимов баъди ҷаррохӣ ба Душанбе омада, табобатро давом дода, баъди беҳтар шудани саломатияш боз ба машқҳо оғоз мекунад: оббозию велосипедронӣ, роҳгардию давиданро пешаи худ мекунад. Ба Спартакиадаи V халқҳои ИҶШС, ки тобистони соли 1975 баргузор мегардад, омода мегардад. Саидмуъмин боз ба ҳамон шаҳри Майкопи Русия ба назди устодаш Якуб Комблетович Якубов меравад. Саидмуъминро ҳамаи паҳлавонон ва ҷавонони шаҳр хамчун одами худӣ дӯст медоштанд. Саидмуъмин ҳам яке аз паҳлавонони ҷавонро додархонд гирифта буд, ки Владимир Гурин ном дошт. Ӯ ҳам дар оянда паҳлавони ҷаҳон гардид. Дар толор бо паҳлавонони шинохтаи ИҶШС, Аврупо ва ҷаҳон, ба монанди В. Дутов, С. Дауров, А.Спиров, В. Невзоров ва А.Хапай дӯстони қарин гардида буд.

Тӯли шаш моҳ ӯ дар ҳамон шаҳри Майкоп монд. Дар ин маврид барои нигоҳубин намудани оилаи Саидмуъмин тағояш Сабзаалӣ саҳми зиёде гузоштааст.

Шахсоне буданд, ки дар газета як мақолаи танқидӣ ба чоп расонданд, ки гӯё тӯли шаш моҳ паҳлавон С.Раҳимов оилаашро партофта, рафтааст. Албатта, чунин мақолаҳо дар даврони коммунистӣ бе таъсири манфӣ намемонданд. Лекин ин рӯҳи паҳлавон С.Раҳимовро шикаста натавонист. С.Раҳимов пайваста машқ мекард, то ин ки дар Спартакиадаи панҷуми халқҳои ИҶШС бомуваффақият баромад кунад.

Соли 1973 сармураббии Гурҷистон баромади С.Раҳимовро дар мусобиқаи ҷамъияти «Ҳосилот» («Урожай») дида, ба ӯ пешниҳод менамояд: «Ба Гурҷистон, ба назди ман биё! Ман аз ту чемпиони ҷаҳон тайёр мекунам. Масъалаи хонданат бошад, ба Университети Тифлис ба факултаи ҳуқуқшиносӣ дохил мекунам. Худат медонӣ, ки дохилшавии он чӣ қадар маблағ талаб мекунад дар Гурҷистон. Ман бошам, туро бепул дохил мекунам ва хона ҳам медиҳам. Не нагӯй. Ман шогирдон - чемпионҳои ИҶШС, Аврупо, ҷаҳон ва ғолиби олимпиада дорам. Дар ғами ту нестам, лекин гӯштини ту ба ман бисёр маъқул шуд. Чемпиони Олимпӣ Шота Чочашвили, чемпиони Аврупо Гиви Онашвили, чемпиони ИҶШС Зураб Музаашвили шогирдони ман мебошанд, биё». С.Раҳимов мегӯяд: «Ташаккур! Ман дар Ватани худам тамрин менамоям ва барои шаъну шарафи миллатам хизмат мекунам». Спартакиадаи халқҳои ИҶШС понздаҳ ҷумҳурии бародар ва шаҳрҳои Москваю Ленинград бо теъдоди 156 иштирокчӣ дар шаҳри Тифлис баргузор гардид. С.Раҳимов дар вазни нимвазнин то 100 кг баромад намуд. Дар ин вазн 16 паҳлавони номдори собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ баромад намуданд. С.Раҳимов бар устодони варзиши ИҶШС, намояндаи Туркманистон Генадий Андрюхин, Владимир Третякови москвагӣ бо намояндаи Украина Сергей Горюнов ғолиб омад. Акнун чор пахлавони ғолиби гурӯҳҳо бояд бо ҳамдигар бо тариқи даврӣ гӯштин мегирифтанд ва ғолиби Спартакиада ҳамон паҳлавоне эълон карда мешуд, ки аз ҳама холи ҷаримавии кам дошта бошад. Саидмуъмин аз Владимир Дутови майкопӣ (РСФСР) бо ҳисоби 0:1 мағлуб шуд. Алгирдас Жуланоси литвагӣ Владимир Дутовро бо ҳисоби 3:2 мағлуб кард. С.Раҳимов бо А.Жуланос вохӯрда бо ҳисоби 6:2 ғолиб омад. С.Раҳимов боз бо соҳиби давра Нодари Эквтимишвили сараввал 8-холӣ гирифтанд. Саидмуъмин хуб мефаҳмид, ки ин вохӯрии ҳалкунанда аст. Агар ҳалол ғолиб ояд, чемпиони Спартакиада мегардад. Аз ин рӯ Саидмуъмин бо тамоми ҳастияш ҳуҷумҳои палангвор менамуд. Гоҳ аз пушташ панҷа мезад, гоҳ аз пояш медошт. Гоҳ аз дасту гиребони ҳариф чанг мезад. Ҳарифаш бошад, албатта, дар хонаи худ бой додан намехост ва кумаки маънавии ҳамватанонашро баръало ҳис мекард. Ӯ ҳам тез-тез ба ҳуҷум мегузашт. Ҳамватанонаш бо кафкӯбиҳояшон Нодариро дилбардорӣ мекарданд. Лекин Саидмуъмин лаҳзае ба ӯ имконияти кор карданро намедод ва ҳолати қулайро бо ҳаракатҳои комбинатсиониаш фароҳам оварда, истифодаи усули латдиҳиро дар даст кор фармуд. Ҳамагӣ то охири вохӯрӣ як дақиқаю бисту ҳафт сония монда буд. Ҳамин буд, ки Нодариро маҷбур сохт, ки таслим шавад. Барои дастгирии Нодари садоҳо аз нишастгоҳҳо

боз ҳам баландтар мешуд. Вақте ки Нодари бо дасташ ба болои гилем пайи ҳам ба ҷойи ду маротиба задан вай аз зарби дарди дасташ чор-панҷ маротиба тез-тез ба болои гилем зад ва садо баровард: «Есть, есть, қоил ман». Дар ҳамин асно толоре, ки даҳ ҳазор тамошобин ҳузур дошт, яку якбора хомӯш шуд. Яъне, ин буд ғалабаи софи Саидмуъмин Раҳимов ва дигар ҷойи хол шумурдан намонда буд. Дасти С.Раҳимовро довар баланд бардошта, ровии мусобиқа эълон кард: «С.Раҳимов бо усули латдиҳӣ вохӯриро ҳалол бурид. Ҳамин тавр ғолиби Спартакиадаи панҷуми халқҳои ИҶШС аз Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид».

Натиҷаи муҳориба -12:6 ба фоидаи паҳлавони тоҷик. Албатта, ҳамдастаҳои Саидмуъмин Раҳимов аз ҷояшон боло ҷаҳида якдигарро ба оғӯш мекашиданд. Дар ҳолати навохтани суруди миллӣ ва бардоштани парчами ҷумҳурӣ аз хурсандӣ ва ҳаяҷони зиёд аз чашмони Саидмуъмин ашки шодӣ мерехт.

Баъди Спартакиада Саидмуъмин Раҳимов дар ҳайати дастаи яккачини самбочиёни ИҶШС барои машқҳои дастаҷамъӣ ба Сахкадзори Арманистон, яъне «Дараи гулҳо», ба базаи баландкӯҳи Олимпӣ, ки дар он ҷо аъзоёни дастаҳои яккачини мамлакат машқ мекарданд, ҳозир мешавад. С.Раҳимов дар он ҷо ба Чемпионати ҷаҳон омодагӣ мегирад. Баъди якуним моҳи тайёрӣ ба Чемпионати ҷаҳон мусобиқаи интихобӣ гузаронида шуд. Дар вазни С.Раҳимов даҳ нафарро барои як роҳхат ҷамъ оварданд, ҳатто аз намуди дигар гӯштин чемпиони ҷаҳон ва олимпӣ А.Хасимикаро шомил намуданд. Саидмуъмин Раҳимов дар ин вохӯриҳои интихобӣ бар ҳамаи ҳарифонаш ғолиб омада, соҳиби роҳхати ягона мегардад.

Чемпионати ҷаҳон он сол дар шаҳри Мински Ҷумҳурии Белорус, аз 19 то 21 сентябри соли 1975 бо иштироки варзишгарони ИҶШС, Япония, Муғулистон, Булғория, Испания, Британияи Кабир, ИМА, Куриёи Ҷанубӣ ва Полша баргузор гардид. Рӯзи кушодашавии он 19 сентябри соли 1975 буд. Дар вазни Саидмуъмин Раҳимов сездаҳ нафар ҳарифони якдигар буданд. Пас аз қуръапартоӣ ҳарифи аввалинаш маълум шуд. Ӯ паҳлавони гӯштини тарзи озод, чемпиони ҷаҳон буд. Саидмуъмин Раҳимов бо ӯ танҳо аз рӯйи наворҳое, ки мураббиён намоиш дода буданд, ошно буд. Ин ба рафти гӯштини ӯ кумак расонд. Боянмунхи муғул бисёр пурқувват буд. Саидмуъмин Раҳимов ӯро бо як азоб бо ҳисоби 6:5 мағлуб менамояд. Баъд бо паҳлавони булғорӣ И. Докторев, дорандаи медали биринҷии Аврупо вохӯрда, усули латдиҳиро истифода намуда, ӯро маҷбур сохт, ки таслим шавад. Рӯзи дигараш бар паҳлавони амрикоӣ Р. Уайнер ғолиб меояд.

Дар вохӯрии ниҳоӣ (финали) бо паҳлавони японӣ Т.Фудзихара қувва озмуда, дар 28 сония ӯро бо гузаронидани усули латдиҳӣ мағлуб мекунад ва чемпиони Ҷаҳон мегардад.

Устоди дараҷаи байналхалқӣ Саидмуъмин Раҳимовро баъди хатми Донишкадаи тарбияи чисмонӣ барои кор ба Шӯрои марказии ҷамъияти ихтиёрии варзишии «Деҳот» («Ҳосилот») фиристоданд. Дар ин ҷамъият ӯ камол ёфт, шуҳратманд шуд. Аз ин рӯ, дар ин ҷо кор карда, ба варзишгарони ҷавон маҳорату таҷриба меомӯхт. Сараввал ҳамчун мураббӣ ва баъдтар директори Мактаби варзишии назди ҷамъият шуда кор кардааст. Ӯ устодони варзиши ИҶШС-и зиёдеро тайёр намудааст. Ба монанди Ш. Мирзоавлиёев, С.Давлатов, З.Юсупов, Р.Ашуров, Д.Комилов, Л.Қаҳоров, Ҷ.Раҳмонов, У.Шарипов, ки чи дар маъракаҳои мардумӣ ва чи дар мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ ва мусобиқаҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ шуҳрати хосса пайдо карда буданд. Ба ҳамин хотир, ба Саидмуъмин унвони Мураббии хизматнишондодаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро доданд.

Саидмуъмин соли 1982-юм сармураббии дастаи яккачини самбои ҷумҳурӣ таъйин мегардад ва дуюм мураббӣ С. Маҳмарасуловро интихоб менамояд. Ба натиҷаҳои назаррас ноил мегардад. Ба монанди медали биринҷие, ки Т.Гаппоев дар Спартакиадаи V халқҳои ИҶШС ба даст овард, медали биринҷии Ҷоми ИҶШС бадастовардаи Ҷ.Давлатов.

Соли 1984 ӯро сармураббии дастаи яккачини дзюдочиёни ҷумҳурӣ таъйин менамоянд. Дар ин намуд ҳам шогирдони зиёди ҷоизадор тайёр менамояд, ба монанди Х.Назриев, Н.Лоиқов, Ш.Ҳукуматов, С.Раҳимов, А.Боқиев, Шамс ва Қамар Киромовҳо, М.Муллобоев, Б.Маҳмадрасулов, Х.Сафаров, Н.Шарипов, ки медалҳои зиёд аз

Чемпионатаҳои ИҶШС, чемпионатҳои ҷаҳон, Ҷоми ҷаҳон, бозиҳои Осиёгӣ ба даст овардаанд. С.Раҳимов, Х.Назриев, Р.Боқиев иштирокчиёни Олимпиада дар Атланта (ШМА) гардида буданд.

Барои ин заҳматҳои зиёд ва натиҷаҳои олии нишондодааш Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба С.Раҳимов унвони «Корманди шоистаи ҷумҳурӣ»-ро сазовор донист.

Умуман, оилаи Раҳимовҳоро сулолаи паҳлавонон гуфтан мумкин аст, чунки солҳои зиёд бародаронаш шодравон Саидҷамол ва Шамсуддин, устодони варзиши Тоҷикистон аз гӯштинҳои миллӣ ва самбо буданд. Борҳо ҷойҳои аввалу ифтихориро ишғол намудаанд. Бародари дигараш Тоҷиддин гӯштингири хуби вилояти Кӯлоб гардида буд, лекин аз зарбаи гирифтааш дар гӯштини миллӣ дар айёми ҷавониаш ин дунёро падруд гуфт. Бародари дигараш, шодравон Хӯҷамуъмин шикорчӣ ва найнавози хубе буд. Рустаму Саидикром бошанд, дар солҳои донишҷӯияшон борҳо дар Спартакиадаҳои донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин, шаҳрӣ ва ҷумҳуриявӣ баромад намуда, ҷойҳои ифтихориро ишғол намудаанд.

Саидмуъмин сохиби ҳашт фарзанд мебошад. Фарзанди калонияш Сайдаҳтам ба қуллаҳои баланди варзишӣ расид. Ӯ устоди хизматнишондодаи ҷумҳурӣ, барандаи дукаратаи Ҷоми ҷаҳон аз гӯштини самбо, ду карат Чемпиони ҷаҳон байни кормандони милитсия ва полис, дорандаи медали нуқраи Чемпионати ҷаҳон ва борҳо ҷоизахои ифтихории Ҷоми ҷаҳон, Чемпионати Осиёро сазовор гардидааст. Ӯро борҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тӯҳфаҳои хотиравию фахрӣ сарфароз гардонидааст. Писари дуюмаш Фахриддин устоди варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон аз гӯштини самбо ва дзюдо буда, дар бисёр мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ соҳиби ҷоизаҳои аввал ва ифтихорӣ гардидааст. Соли 1994 хизматҳои шоистаи С.Раҳимовро ба назар гирифта Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯро раиси Кумитаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин менамояд. Ӯ ин сохторро ба даст гирифта, чандин чорабиниҳои калони ҷумҳуриявӣ ва байналмилалиро дар сатҳи баланди касбӣ баргузор намуд. Ин чорабиниҳо, ба монанди Бозиҳои ҷавонони Тоҷикистон, Спартакиадаи халкҳои Тоҷикистон, Спартакиадаи бонувони Тоҷикистон, Спартакиадаи донишҷӯёни мамлакат буд. Инчунин, дар спартакиадаҳои меҳнаткашони давлатҳои муштаракулманофеъ дар шаҳрҳои Москва, Минск иштирок намуда, соҳиби ҷоизаҳои зиёд гардидаанд. Бо сарварии ӯ «Қонуни тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» ба интишор расид, ки ин як роҳнамое ба пеш варзишгарони Тоҷикистон мебошад. Бисёр дастурамалу китобҳои тахассусиро аз чоп баровард.

С.Раҳимов бозиҳои панҷуми Осиёи Марказиро дар дараҷаи баланди касбӣ баргузор намуд. Ҷумҳурии мо ҷойи сазовори дуюмро баъди Ҷумҳурии Қазоқистон бо 59 медал ишғол намуд. Барои хизматҳои шоёнаш С.Раҳимовро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ордени Шараф сарфароз гардонидааст.

Ҳамин тариқ С.Раҳимов тӯли даҳ сол сарвари Кумитаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши назди Ҳукумати ҷумҳуриро то соли 2004-ум ба ӯҳда дошт. Президенти мамлакат ин заҳматҳои С.Раҳимовро ба назар гирифта, ба ӯ маблағи як автомобили сабукравро дар варзишгоҳи марказӣ дар ҳузури бист ҳазор одам тантанавор супорид. Ин иқдоми неки Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмонро ҳузурдоштагон бо кафкӯбиҳои зиёд истиқбол намуданд.

**АДАБИЁТ**


1. Барномаи мусобиқаи Ҷумҳуриявӣ оид ба гӯштингирӣ барои гирифтани мукофоти чемпиони ҷаҳон Саидмуъмин Раҳимов. Тартибдиҳандагон Абдулвоҳидов С.,Маҳмадқулов С. Муҳаррири техникӣ Сафарзода И. –Восеъ,1990.
2. Барномаи мусобиқаи ҷумҳуриявӣ оид гӯштингирӣ барои гирифтани мукофоти хотиравии ғолиби бозиҳои ҷаҳонии соли 1975 Саидмуъмин Раҳимов / Мураттибон М. Шамсиддинов., С. Абдулвоҳидов., С. Маҳмадрасулов., муҳаррири техникӣ Ҳ. Мирзоев. - Кӯлоб, 1993.
3. Завқӣ С. Саидмуъмин Раҳимов: Варзишгарро қадршиносӣ мебояд / С. Завқӣ // Варзиш.-1991. -№ 9 ( 14 ) март.

4. Зоҳирӣ А. Саидаҳмад Раҳимов: Умед – аз паҳлавонони наврас // Варзиш.-1991.- 12 апр.
5. Маҳмадрасулов С. Самбо // Конс. Тоҷик . – 1985.-16 окт.
6. Расулзода Б. Спорт ва меҳнат ҳамқадаманд / Б. Расулзода, К.Шукроев. - Душанбе: Ирфон, 1978. - 14 с.
7. Саидмуъмин Раҳимов. Варзишгарро қадршиносӣ мебояд. (Саидмуъмин – гӯштингири самбо ) / С. Раҳимов // Варзиш.- 1991.-9 март.
8. Холбозоров Х. Се кори устод (дар бораи устоди гӯштингирӣ С. Маҳмадрасулов) / Х. Холбозоров // Тоҷик. Совет.-1977.-15 сент.
9. Шамсиддинов М. Сабақ ба оянда (гузориш аз маҷлиси кумитаи ташкили мусобиқа барои гирифтани мукофоти С. Раҳимов )/ М. Шамсиддинов // Мубориз.-1990.-28 апр.

**СУЛОЛАИ ПАҲЛАВОНИИ РАҲИМОВҲО**

Мақолаи мазкур ба омӯзиш ва баррасии ҳаёт ва фаъолияти паҳлавони бузурги даврони шӯравӣ ва тоҷик Раҳимов Саидмумин Муминович ва сулолаи паҳлавонии оилаи онҳо бахшида шудааст. Ӯ 15 июни соли 1946 дар қишлоқи Ҷорубқули вилояти Хатлони Ҷумҳурии Шӯравии Тоҷикистон ба дунё омадааст. Соли 1969 С.Рахимов ба Донишкадаи омӯзгории шаҳри Кӯлоб ба факултаи забон ва адабиёти рус дохил мешавад ва як сол зери роҳбарии Мураббии калони вилояти Кӯлоб аз гӯштини миллии «гӯштингирӣ» Искандаршо Раҳматуллосв тамрин менамояд ва ӯ дар симои Саидмуъмин Раҳимов ҳамаи арзишҳои паҳлавони калонро мебинад. Соли 1971 бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ аз бахши дуюм ҳуҷҷатҳояшро ба тариқи гузариш ба Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон мегузаронад ва донишҷӯи ин донишкада гардида, зери роҳбарии мураббии калони тим Исматулло Абдуллоев тамрин менамояд. Соли 1971 дар шаҳри Лвови Украина мусобиқа баргузор мегардад. Саидмуъмин бар ҳарифонаш ғолиб омада ҷойи аввалро ишғол мекунад ва соҳиби аввалин медали «тиллои» худ мегардад. .Аввалин қадам ба сӯи шуҳрати ҷаҳонӣ 4 марти соли 1973 дар шаҳри Майкоп (Россия) гузошта мешавад, ки дар он чемпионати СССР аз рӯи намуди варзишии самбо баргузор мегардад ва дар он Саидмумин чемпион мешавад.Натиҷаҳои бадастовардаи ӯро то имрӯз ягон нафар варзишгари тоҷик такрор накардааст. Ӯ инчунин саҳми беандозаро дар тайёрии кадрҳои варзишӣ ҳангоми фаъолият дар вазифаи мураббии калони тими Тоҷикистон аз рӯи намуди самбо ва дзюдо гузоштааст. Саидмумин Раҳимов дар солҳои 1995-2004 ба ҳайси раиси Кумитаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, баъдтар – раиси Федертсияи дзюдои ҷумҳурӣ фаъолият намудааст. Аз аввалин солҳои истиқлолияти Тоҷикистон Саидмумин Раҳимов хеле фаъолона барои рушду нумуи соҳаи варзиш мубориза мебурд, ва дар лаҳзаҳои барои ҷумҳурӣ душвортарин бори масъулиятро бвар дши худ гирифтааст. Дар соли 1994 кумитаи варзиши ҷумҳуриро сарварӣ намуда, дар давоми 10 сол хеле муваффақона онро роҳбарӣ намудааст. Дар солҳои гуногун ӯ бо унвонҳои фахрии - Корманди шоистаи Тоҷикистон, Мураббии хизматнишондодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, нишони "Барои хизматҳои шоён, нишони "Шараф" сарфароз гардидааст.

**Калидвожаҳо:** паҳлавони бузурги даврони шӯравӣ ва тоҷик, Раҳимов С.М., сулолаи паҳлавонии оилавӣ, мубориз барои рушди варзиш, паҳлавони номии тоҷик.

**БОРЦОВСКАЯ СЕМЕЙНАЯ ДИНАСТИЯ РАХИМОВЫХ**

Данная статья посвящена изучению и расссмотрению жизни и деятельности великого советского и таджикского борца Рахимова Саидмумина Муминовича и его борцовской семейной династии. Он родился 15 июня 1946 года в кишлаке Джорубкул, Хатлонской области Таджикской ССР. Стал студентом Кулябского пединститута. Год вел его занятия борьбой с Искандаршои Рахматулло. Но затем в интересах национальной сборной, в 1971 году Саидмумина перевели на второй курс Таджикского института физкультуры, передали в руки главного тренера сборной Исматулло Абдуллоева. В том же году пришел и первый серьезный успех на всесоюзном турнире по самбо в городе Львов (Украина) завоевал первое свое "золото". Первый шаг к мировой славе был сделан 4 марта 1973 года в городе Майкоп (Россия), где проходил чемпионат СССР по самбо, Саидмумин стал чемпионом. Его результатов до сих еще никто из наших спортсменов не повторял. Он также внес неоценимый вклад в подготовку спортивных кадров работая главным тренером сборной Таджикистана по самбо и дзюдо. Саидмумин Рахимов в 1995-2004 годах был председателем Комитета по физической культуре и спорту, позже – председателем Федерации дзюдо республики. С первых лет независимости Таджикистана Саидмумин Рахимов активно боролся за развитие спорта, взял на себя груз ответственности в самый сложный период жизни страны. В 1994 году он возглавил Спорткомитет республики, и в течение 10 лет успешно руководил им. В разные годы был удостоен званий - Заслуженный работник Таджикистана, Заслуженный тренер Республики Таджикистан, медали "За заслуги", ордена "Шараф".

**Ключевые слова:** великий советский и таджикский борец Рахимов С.М., борцовская семейная династия, борец за развитие спорта, знаменитый таджикский борец.

**WRESTLING FAMILY DYNASTY OF RAKHIMOV**

This article is devoted to the study and consideration of the life and work of the great Soviet and Tajik wrestler Rakhimov Saidmumin Muminovich and his wrestling family dynasty. He was born on June 15, 1946 in the village of Dzhorubkul, Khatlon region of the Tajik SSR. He became a student at the Kulyab Pedagogical Institute. A year led his studies in the struggle with Iskandarshoi Rahmatullo. But then, in the interests of the national team, in 1971 Saidmumin was transferred to the second year of the Tajik Institute of Physical Education, transferred to the hands of the national team’s head coach Ismatullo Abdulloev. In the same year, the first serious success came at the All-Union Sambo Tournament in the city of Lviv (Ukraine) and won his first “gold”. The first step to world fame was taken on March 4, 1973 in the city of Maykop (Russia), where the USSR Sambo Championship was held, Saidmumin became the champion. None of our athletes have yet repeated its results. He also made an invaluable contribution to the training of sports personnel as the head coach of the Tajikistan national sambo and judo team. Saidmumin Rakhimov in 1995-2004 was the chairman of the Committee for Physical Culture and Sports, later - the chairman of the Judo Federation of the republic. From the first

years of independence of Tajikistan, Saidmumin Rakhimov actively fought for the development of sports, took on the burden of responsibility in the most difficult period of the country's life. In 1994, he headed the Sports Committee of the republic, and for 10 years successfully led it. In different years he was awarded the titles - Honored Worker of Tajikistan, Honored Coach of the Republic of Tajikistan, medals "For Merit", Order "Sharaf".

**Keywords:** great Soviet and Tajik wrestler S. Rakhimov, wrestling family dynasty, sports development fighter, famous Tajik wrestler.

**Сведения об авторах:** ***Махмадрасулов Бободжон Саймахмудович***- Филиал Московского государственного университета имени М.В.Ломоносова в городе Душанбе, кандидат исторических наук, старший преподователь кафедры социально-гуманитарных дисциплин,Заслуженный тренер Республики Таджикистан, телефон **918-80-84-84**, E-mail: *bobojonsport@mail.ru
***Махмарасулов Мухамед Саймахмудович*** – Таджикский технический университет им. М. С. Осими, ассистент кафедры физического воспитания, Мастер спорта международного класса Республики Таджикистан по борьбе самбо. Телефон: **908-22-88-34.**

**Information about the authors:** ***Mahmadrasulov Bobojon Saimahmudovich*** – Branch of the Moscow state university named after M.V Lomonosov. Lomonosov in the city of Dushanbe, candidate of historical sciences, head of the deportment of social and humanitarian disciplines, Honored trainer of the Republic of Tajikistan, Phone: **918-80-84-84** E-mail: *bobojonsport@mail.ru
***Mahmarasulov Mukhamed Saimahmudovich*** – Tajik Technical University named after M.S Osimi, assistant of the Department of physical education, master of sports of the international class of the Republic of Tajikistan in the fight again sambo . Phone: **908-22-88-34.**

**УДК: 930.85**

# ХУСУСИЯТҲОИ ИНКИШОФИ САНОАТИКУНОНӢ ДАР ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ 1946-1960

***Одиназода Нуриддин Ҳасан***
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Дар давраи солҳои 1946-1960 иҷроиши бомуваффақияти рушди иқтисодиву фарҳангии ҷумҳурӣ бо вазъияти ҷамъиятиву сиёсии тамоми кишвар алоқаманд буд. Аз ин хотир, гузариш ба ҳаёти осоишта дар тамоми кишвар, азнавсозии фаъолияти созмонҳои ҳизбӣ талаб карда мешуд. Як қатор қарорҳо қабул карда шуданд, ки самтҳои асосии бозсозии созмонҳои ҳизбиро муайян менамуданд. Диққати асосӣ ба интихоб, ҷобаҷогузории кадрҳо ва тарбияи фаъолони ҳизбӣ равона карда мешуд. Бо ин мақсад мактаби ҷумҳуриявии ҳизбӣ таъсис дода шуд, ки дар ин давра зиёда аз чор ҳазор ҳизбиён ва кормандони дигар созмонҳои ҷамъиятӣ курсҳои такмили ихтисосро дар ин мактаб гузаштанд [8, с.151].

Ҳамин тариқ, бо бозсозии фаъолияти созмонҳои ҳизбӣ, мақомоти ҳизбӣ вазифаҳои мақомоти давлатӣ ва хоҷагидориро ба худ гирифтанд. Ҳизби коммунистӣ барқарор намудани хоҷагидории миллӣ, гузариши иқтисодиётро ба давраи осоишта ба роҳбарӣ гирифт. Дар натиҷа, як қатор муваффақиятҳо дар самти некуаҳволии моддии аҳолӣ ба даст оварда шуданд. Дар ин давра ба барқарор намудани истеҳсолоти саноатӣ ва маҳсулоти хоҷагии қишлоқ то сатҳи пешазҷангӣ, тайёр намудани кадрҳо, барқарор намудани техникаҳои хоҷагии қишлоқ, гузаронидани сиёсати дақиқи иқтисодӣ, баҳисобгирии тақсимоти маҳсулоти хӯрокаи саноатӣ диққати махсус равона карда мешуд.

Ҷанг ба хоҷагии халқи Иттиҳоди Шӯравӣ хисороти зиёд расонид. Дар солҳои ҷанг ба таври назаррас сатҳи истеҳсолоти саноатӣ поён рафт. Қайд намудан зарур аст, ки навъҳои алоҳидаи корхонаҳои саноатӣ, дар давраи ҷанг истеҳсоли худро зиёд намуданд. Лекин ба ин нигоҳ накарда, соли 1945 саноати ҷумҳурӣ то 20-25% камтар маҳсулот истеҳсол менамуд [1, с.378]. Яке аз самтҳои асосии барқарор намудани маҷмӯи хоҷагидории миллӣ дар Тоҷикистон гузариши он ба ҳаёти осоишта ба ҳисоб мерафт. Аллакай соли 1946 аксарияти корхонаҳои саноатӣ, ки барои фронт маҳсулот тайёр менамуданд, ба истеҳсоли маҳсулоти шаҳрвандӣ гузаронида шуданд. Масъалаи таъмини хоҷагии халқ, махсусан саноат бо қувваи корӣ низ аз ҳисоби афсарон бомуваффақият ҳал карда шуд. Як қатор афсарон роҳбарии корхона, идора, колхозу совхозҳоро ба уҳда гирифта, тартиботро ҷорӣ намуданд, болоравии истеҳсолотро таъмин намуданд.

Дар асоси чунин чорабиниҳо дар барқарор намудани хоҷагии халқ дар ҷумҳурӣ муваффақиятҳои назаррас ба даст оварда шуданд. Ба Тоҷикистон аз ҷумҳуриҳои дигар ба таври доимӣ миқдори зиёди техникаи хоҷагии қишлоқ, маводҳои сохтмон ва дигар маводҳо ворид карда мешуданд. Ҳамин тариқ, аллакай соли 1947 истеҳсолоти саноатии ҷумҳурӣ аз сатҳи пешазҷангӣ боло гузашт.

Дар давраи пасазҷангӣ дар ҷумҳурӣ як қатор корхонаҳои саноатӣ ба истифода дода шуданд. Дар ин давра корхонаи металлургияи ранга, заводи коркарди механикии Конибодом, комбинати Такоб, як қатор заводҳои пахтатозакунӣ, фабрикаи дӯзандагии Сталинобод ба истифода дода шуданд [3, с.84-85].

Дар солҳои 50-ум дар ҷумҳурӣ зиёда аз панҷоҳ корхонаҳои нав мавриди истифода қарор дода шуданд. Аз худ намудани захираҳои энергетикӣ оғоз гардид, ки дар асоси он соҳаи мошинсозӣ ва металлургия бунёд гардиданд. Махсусан, бо суръати баланд энергияи обӣ рушд менамуд. Соли 1951 бунёди калонтарин неругоҳи обӣ дар Осиёи Марказӣ, неругоҳи обӣ – барқии Қайроққум оғоз гардид. Соли 1957 сохтмони ин иншоот бо шаш агрегат ба итмом расид. Қайд намудан зарур аст, ки ин неругоҳ ба инкишофи иқтисодиёти қисмати шимоли ҷумҳурӣ, маҳалҳои алоҳидаи Қирғизистон ва Ӯзбекистон мусоидат намудааст.

Дар асоси рушди корхонаҳои саноатӣ ҳаҷми маҳсулоти умумӣ нисбати давраи пешазҷангӣ 3,6 маротиба зиёд гардид [10, с.39]. Аз тарафи дигар, ба рушди иқтисодиёти Тоҷикистон васеъ гардидани ҳамкориҳои иқтисодӣ, кумак ва ивазнамоии тарафайни маҳсулоти мухталиф байни Тоҷикистон ва дигар ҷумҳуриҳои шӯравӣ мусоидат намудааст.

Дар солҳои 50-ум тамоми алоқаҳои иқтисодии Тоҷикистон дар доираи маҷмӯи ягонаи хоҷагидории халқӣ, ки тамоми истеҳсолот, тақсим ва ивазнамоиро амалӣ менамуд, ба роҳ монда шуда буд. Қайд намудан зарур аст, ки нақшаҳои ҷории инкишофи хоҷагиҳои халқи ҷумҳуриҳо дар доираи маҷмӯи ягона дар марказ коркард мегардиданд, ки дар аксарияти ҳолатҳо шароит ва хусусиятҳои маҳаллиро ба инобат намегирифтанд. Маҳз чунин муносибат ташаббуси ҷумҳуриҳоро дар рушди истеҳсолот маҳдуд менамуд.

Қайд намудан зарур аст, ки дар солҳои 50-ум дар ҷумҳурӣ тамоми шароит барои бунёд ва рушди истеҳсолоти дӯзандагӣ, бофандагӣ, ресандагӣ, корхонаҳо барои коркарди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ мавҷуд буд. Илова бар ин, иқлими мусоид, мавҷудияти маҳсулоти хом ва миқдори зиёди қувваи корӣ ба бунёди чунин корхонаҳои саноатӣ мусоидат менамуд.

Лекин ба ин нигоҳ накарда, маҳсулоти талаботи мардум аз дигар ҷумҳуриҳо ворид мегардид. Барои марказ муҳим буд, ки ҷумҳуриро ба сифати базаи ашёи хом нигоҳ дорад. Аз тарафи дигар, кӯтоҳбинии роҳбарияти ҷумҳурӣ, ки дар ҳалли масъалаҳои муҳим хомӯширо пеша менамуд, ин сиёсати марказро қувват мебахшид. Ҳамин тариқ, дар давраи пасазҷангӣ саноат ва хоҷагии қишлоқ дар ҷумҳурӣ ба зиёд намудани ҳаҷми маҳсулот, на ба натиҷаи ниҳоӣ равона гардида буд. Тамоми маҳсулоти корхонаҳои тобеияти марказ содир карда мешуданд.

Соли 1946 нақшаи панҷсолаи чоруми барқарор ва инкишофи хоҷагии халқ барои солҳои 1946-50 қабул карда шуд, ки ба барқарор намудани хоҷагидорӣ равона гардида буд. Нақшаи панҷсолаи барқарор ва инкишофи хоҷагии халқ дар Тоҷикистон мувофиқи нақшаи умумииттифоқӣ таҳия ва қабул карда шуд. Дар соҳаи саноат барқарор ва рушди минбаъдаи саноати маъдан ва маснуотбарор, зиёд намудани коркарди сӯзишворӣ, васеъ намудани истеҳсоли қувваи барқ, маводҳои сохтмон муқаррар гардида буд.

Дар нақша вазифаҳои асосии инкишофи минбаъдаи саноати абрешим, нассоҷӣ, хӯрока муайян карда шуда буданд. Инчунин, диққати асосӣ ба бунёди объектҳои нави саноатӣ, нақлиёт ва алоқа равона карда шуда буд. Пешниҳод карда мешуд, ки дар ин панҷсола ба пуррагӣ иқтидори лоиҳавии корхонаҳо истифода гардад, техникаи нав ворид карда шавад, маҳсулнокии меҳнат дар саноат, нақлиёт, хоҷагии қишлоқ баланд карда шавад.Яке аз объектҳои муҳимми сохтмони давраи баъдиҷангӣ неругоҳи барқии Варзоби поён ба ҳисоб меравад. Сохтмони он дар давраи ҷанг оғоз гардида, он соли 1949 ба истифода дода шудааст. Дар натиҷаи бунёди ин иншоот дар панҷсолаи чорум истеҳсоли қувваи барқ дар чумҳурӣ ду маротиба зиёд гардид, ки имконияти васеъ истифода гардидани қувваи барқро дар саноат таъмин намуд. Қайд намудан зарур аст, ки истеҳсоли қувваи барқ нисбат ба соли 1940 қариб нуҳ баробар зиёд гардид [1, с.394].

Кони ангишти Шӯробод на танҳо талаботи саноат ва аҳолии ҷумҳуриро қонеъ менамуд, балки ба дигар шаҳрҳои Иттиҳди Шӯравӣ содир карда мешуд. Коргарон конҳои кӯҳнаро азнавсозӣ намуда, конҳои навро бунёд карда, коркарди ангиштро зиёд намуданд. Дар коркарди металлҳои ранга низ пешравӣ мушоҳида карда мешуд. Корхонаҳои саноатии истихроҷкунанда низ ба таври доимӣ васеъ мегардиданд. Илова бар ин, соли 1949 Комбинати Такоб ба истифода дода шуд. Соли 1950 дар Ҷилликул фабрикаи нави тозакунии маъдан ба кор оғоз намуд [4, с.342].

Барои қонеъ гардонидани талабот ба таъмири техникаи кишоварзӣ ва воситаҳои нақлиёт, заводҳои нави механикӣ таъсис дода шуданд. Маҳз дар солҳои 1945-1950

корхонаҳои механикӣ, таъмири муҳаррикҳо дар Душанбе, корхонаи коркарди механикӣ дар Конибодом ва дигар корхонаҳои механикиву истихроҷӣ дар Вахш, Исфара, Ҳисор ва Қурғонтеппа бунёд карда шуданд [2, с.11]. Дар нимаи дуюми солҳои 40-ум корхонаҳои нави саноати сабук ва хӯрока ба кор оғоз намуданд: заводҳои пахтатозакунӣ дар Пролетар ва Уялӣ, фабрикаи дӯзандагӣ, заводҳои вино, спирт ва равған дар Душанбе, заводи вино дар Ғончӣ, заводи истеҳсоли спирт дар Исфара, фабрикаи тамоку дар Душанбе ва дигар корхонаҳо бунёд карда шуданд [4, с.343].

Корхонаҳои нави саноати вазнин, сабук ва хӯрокворӣ, ки ба кор оғоз менамуданд, дар асоси технологияи пешқадами техникӣ сохта шуда буданд. Дар ин замина, дар давраи баъди ҷанг, нақши технологияи нав ва рушди истеҳсолот аҳамияти зиёд пайдо карданд. Коргарон ва мутахассисон кӯшиш ба харҷ медоданд, ки таҷҳизоти нав ва усулҳои пешрафтаи корро на танҳо дар корхонаҳои нав, балки дар корхонаҳои мавҷуда ҷорӣ кунанд. Ҳамин тариқ, дар давраи солҳои 1946-1950 муваффақиятҳои назаррас дар рушди саноати ҷумҳурӣ ба даст омад. Вазифаҳои нақшаи панҷсолаи чорум қариб дар ҳама намудҳои муҳими маҳсулот иҷро шуданд. Маҷмӯи маҳсулоти саноатӣ аз сатҳи соли 1945 беш аз ду баробар зиёд гардид [4, с.349].

Лекин қайд намудан зарур аст, ки дар раванди инкишофи саноат як қатор камбудиҳои субъективӣ ва объективӣ ҷой доштанд. Коргарон дар шароити мушкил меҳнат мекарданд, дар хонаҳои муваққатӣ зиндагӣ мекарданд. Роҳбарони ҳизбиву хоҷагидорӣ ба шароити зиндагии коргарон эътибор намедоданд. Умуман, камбудиҳо дар саноат аз бисёр ҷиҳат бо мушкилиҳои давраи барқароркунӣ муайян карда мешуданд. Дар натиҷаи чунин шароит аксарияти соҳаҳо нақшаҳои истеҳсолиро иҷро карда наметавонистанд.

Дар давраи ҷанг талафоти ҷонӣ аз ҷумҳурӣ хеле зиёд буд, аз ин хотир нарасидани қувваи корӣ, кадрҳои баландихтисос эҳсос карда мешуд. Қайд намудан зарур аст, ки проблемаи ҷиддӣ таъмини тамоми соҳаҳои саноат бо кадрҳои баландихтисос ба ҳисоб мерафт. Албатта, нарасидани кадрҳои баландихтисос ва қувваи корӣ ба инкишофи саноатикунонии ҷумҳурӣ таъсири манфӣ мерасонид.

Ҳамин тариқ, панҷсолаи чорум дар инкишофи саноат ва умуман иқтисодиёти ҷумҳурӣ давраи муҳим ба ҳисоб мерафт. Дар ин давра дар асоси сармоягузориҳои зиёд 17 корхонаи саноатӣ ба истифода дода шуданд. Хусусияти инкишофи саноати ҷумҳурӣ дар рушди афзалиятноки соҳаҳҳои саноати вазнин зоҳир мегардид. Дар ин давра ба таври умумӣ соҳоҳои мухталифи саноат рушд карданд: тамоми соҳаҳои саноат 1,5 маротиба, саноати сӯзишворӣ 1,7 маротиба; истеҳсоли қувваи барқ 3,2 маротиба, мошинсозӣ ва коркарди маъдан 2,4 маротиба зиёд гардид [2, с.11].

Хусусияти дигари инкишофи саноат дар он зоҳир мегардид, ки дар радифи бунёди корхонаҳои нави саноатӣ, ба заводу фабрикаҳои амалкунанда техникаи нав ворид мегардид, ки самаранокии меҳнатро таъмин менамуд.

## АДАБИЁТ


1. Иркаев М. Очерк истории советского Таджикистана / М. Иркаев, Ю.Николаев, Я. Шарапов. – Сталинабад, 1957. – 504 с.
2. Из истории индустриального развития Таджикской ССР. - 1941-1958 гг. – Т.2. – 640 с.
3. О дружбе таджикского народа с другими народами СССР. – Душанбе, 1967. –192 с.
4. Очерки истории народного хозяйства Таджикистана (1917-1965 гг.). – Душанбе, 1967. – 496 с.
5. Проблемы рационального использования энергетических ресурсов Таджикской ССР. –Душанбе, 1986. – 112 с.
6. Проблемы развития народно-хозяйственного комплекса Таджикской ССР. – Душанбе, 1977. 235 с.
7. Пятьдесят лет борьбы за народное счастье. –Душанбе, 1967. –167 с.
8. Скоробогатов И.М. Компартия Таджикистана в борьбе за развитие народного хозяйства и культуры в послевоенный период (1945-1953 гг.) / И.М. Скоробогатов. – Душанбе, 1963. – 468 с.
9. Тагаев Д.С. Таджикистан: прошлое, настоящее, будущее / Д.С. Тагаев. -Душанбе, 1994. -189 с.
10. Таджикистан за годы Советской власти. – Душанбе, 1967.
11. Юнусов Б.В. Электроэнергетика Таджикистана (этапы роста, современное состояние, перспективы развития) / Б.В. Юнусов. -Душанбе: Ирфон, 1975. 240 с.


## ХУСУСИЯТҲОИ ИНКИШОФИ САНОАТИКУНОНӢ ДАР ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ 1946-1960


Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои инкишофи саноатикунонӣ дар Тоҷикистон дар давраи пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳон мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Муаллиф қайд менамояд, ки дар давраи панҷсолаи чорум як қатор муваффақиятҳо дар самти некуаҳволии моддии аҳолӣ ба даст оварда шуданд. Ба барқарор намудани истеҳсолоти саноатӣ ва маҳсулоти хоҷагии қишлоқ то сатҳи пешазҷангӣ, тайёр намудани кадрҳо, барқарор намудани техникаҳои хоҷагии қишлоқ, гузаронидани сиёсати дақиқи иқтисодӣ, баҳисобгирии тақсимоти маҳсулоти хӯрокаи саноатӣ диққати махсус равона карда мешуд. Дар солҳои 50-ум дар ҷумҳурӣ

зиёда аз панҷоҳ корхонаи нав мавриди истифода қарор дода шуданд. Аз худ намудани захираҳои энергетикӣ оғоз гардид, ки дар асоси он соҳаи мошинсозӣ ва металлургия бунёд гардиданд. Махсусан, бо суръати баланд энергияи обӣ рушд менамуд. Дар солҳои 50-ум тамоми алоқаҳои иқтисодии Тоҷикистон дар доираи маҷмӯи ягонаи хоҷагидории халқ, ки тамоми истеҳсолот, тақсим ва ивазнамоиро амалӣ менамуд, ба роҳ монда шуда буд. Қайд намудан зарур аст, ки нақшаҳои ҷории инкишофи хоҷагиҳои халқии ҷумҳуриҳо дар доираи маҷмӯи ягона дар марказ коркард мегардиданд, ки дар аксарияти ҳолатҳо шароит ва хусусиятҳои маҳаллиро ба инобат намегирифтанд. Маҳз чунин муносибат ташаббуси ҷумҳуриҳоро дар рушди истеҳсолот маҳдуд менамуд.
**Калидвожаҳо:** саноат, саноатикунонӣ, иқтисодиёт, панҷсолаи чорум, саноати вазнин, саноати сабук.

**ОСОБЕННОСТИ РАЗВИТИЯ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ В ТАДЖИКИСТАНЕ В 1946-1960 ГГ.**

В данной статье рассматривается развитие индустриализации в Таджикистане в послевоенный период. Автор подчеркивает, что в течение четвертой пятилетки были достигнуты некоторые успехи в материальном благосостоянии населения. Обращалось особое внимание реконструкции промышленного производства и сельскохозяйственной продукции до довоенного уровня, подготовке кадров, восстановлению сельскохозяйственной техники, реальной экономической политике и разделению пищевых индустриальных продуктов. В 50-х годах в стране было сдан в эксплуатацию более пятидесяти новых предприятий. Развитие энергетики в республике способствовало созданию машиностроения и металлургии. Особенно быстро развивалось гидроэнергетика. В 50-е годы все экономические связи Таджикистана реализовались в рамках единого комплекса народнохозяйственной единицы, который осуществлял производство, распределение и обмен производства. Следует отметить, что текущие планы развития национальных хозяйств республик разрабатывались со стороны плановых органов центра и в большинстве случаев не учитывались местные условия и особенности. Такое отношение ограничивало инициативу республик в развитии производства.
**Ключевые слова:** промышленность, индустриализация, экономика, четвертая пятилетка, тяжелая промышленность, легкая промышленность.

**FEATURES OF THE DEVELOPMENT OF INDUSTRIALIZATION IN TAJIKISTAN IN 1946-1960**

This article discusses the development of industrialization in Tajikistan in the postwar period. The author emphasizes that during the fourth five-year plan some successes were achieved in the material well-being of the population. Particular attention was paid to the reconstruction of industrial production and agricultural products to the pre-war level, training, the restoration of agricultural machinery, real economic policies and the separation of food industrial products. In the 1950s, more than fifty new enterprises were commissioned in the country. The development of energy in the country contributed to the creation of engineering and metallurgy. Hydropower developed particularly rapidly. In the 1950s, all economic relations of Tajikistan were realized within the framework of a single complex of the national economic unit, which carried out production, distribution and exchange of production. It should be noted that the central planning bodies developed the current plans for the development of national economies of the republics and in most cases, local conditions and features were not taken into account. This attitude limited the initiative of the republics in the development of production.
**Keywords:** industry, industrialization, economy, the fourth five-year plan, heavy industry, light industry.

**Сведения об авторе: Одиназода Нуриддин Хасан** – Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, старший преподаватель кафедры политологии и международных отношений. Адрес: 735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар, улица Айни, 67.

**Information about the author:** ***Odinazoda Nuriddin Hassan*** - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, Senior Lecturer of the Department of Political Science and International Relations. Address: 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini, 67 street.

**УДК:930.85:33 (5750**

# АЗ ТАЪРИХИ ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛЁБИИ ХОҶАГИҲОИ ҶАНГАЛӢ ТОҶИКИСТОН ВА СОҲАИ ПИСТАПАРВАРӢ (ДАР АСОСИ МАВОДҲОИ ХОҶАГИҲОИ ҶАНГАЛИ НОҲИЯИ ДАНҒАРА)

***Турахонов Р.Х.***
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Писта дарахтест, ки бештар аз 80- авлод ва 600-намуд дорад, ки дар мавзеъҳои тропикӣ ва суптропикӣ васеъ паҳн шудааст. Писта дарахти духонагӣ буда, дарахти модина ва нарина аз якдигар ҷудо буда, дар шароити вилояти Хатлон хело хуб сабзишу инкишоф меёбад.Писта дарахти дарозумр буда, то 500 сол умр мебинад. Писта дарахтест, ки дар шароити Тоҷикистон ҷангалро ба вуҷуд меорад. Майдонҳои табиии писта дар Тоҷикистон баъди Туркия ҷойи дуюмро ишғол менамоянд. Писта дарахти мевадиҳанда буда, ҳамасола дар шароити хуби табиӣ аз 5 то 10 кг мева медиҳад. Писта дарахтест, ки он дар кӯҳистони Осиёи Миёна зиёд аст. Ватани онро мансуб ба Осиёи Миёна

медонанд.Чунки кӯҳистони Осиёи Миёна ба парвариш ва нигоҳбини дарахти писта хело мувофиқ аст. Бояд қайд намуд, ки мамлакати мо дорои имкониятҳои васеи истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ мебошад [1]. Дар китоби "Канзи шифо" чунин омадааст: "Писта ин дарахт дар кӯҳсор, саҳроҳои пуштазамин ва ғайра месабзад. Аз ин як сол самараи писта ва як сол самараи бузғунч ба ҳам мерасад. Мизоҷи мағзи писта дар дараҷаи дувум гарм ва хушк аст, вале баъзеҳо онро тар донистаанд ин саҳеҳтар аст. Хислатҳои шифобахшии он: зеҳнро тез мегардонад, ҳолати майнаро сард нигоҳ медорад, сулфа, дилтапак (дилбозӣ), қай беҳузур (беҷо) шудани дил, дарди рӯдаҳо ва сардии ҷигарро дафъ мекунад. Гиреҳҳои ҷигар, маҷрои ғизо ва заҳраро мекушояд, ҷигарро аз моддаҳои бегона пок месозад ва дарди ин узвро, ки аз тарӣ бошад, ба ибро меоварад. Агар пистаро биёр бихӯранд, иллати шарора (аллергия)-ро пайдо мекунад. Дар ин ҳолат сирко, анори турш ва зардолуи хушк бихӯранд, зиёнаш ислоҳ меёбад" [5, с.378-379]. Дарахти писта барои парвариш хусусиятҳои хосси худро дорад:

1. Замини дарахти писта набояд шӯразамин бошад, дар таги замин то 3 метр намнокии зиёд надошта ва хоки он чимхок (хоки сиёҳ) бошад (агар дар таги замин то 10 метр об барояд ё ботлоқзор бошад, дарахти пистаро ба нестшавӣ оварда мерасонад).

2. Писта офтобро дӯст медорад ва парвариши он дар ҷойҳои салқин бефоида аст.

3. Писта аз ду оила яъне, навъҳои нарина ва модина иборат аст. Онро сари вақт аниқ кардан зарур аст, чунки навъҳои нарина ҳосил намедиҳанд. Агар шумо пистаро дар торикӣ ба воя расонидан хоҳед, он вақт дар тирамоҳ ба тайёр намудани он шурӯъ намоед [6, с.1-2]. Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали ноҳияи Данғара дар асоси фармоиши Вазорати хоҷагии қишлоқи РСС Тоҷикистон аз 3-августи соли 1956 таҳти № 554 аз ҳисоби хоҷагии ҷангали Қӯрғонтеппа ташкил шудааст. Дар давраи таъсисёбии хоҷагии ҷангали Данғара майдони умумии он 42207 гектар заминро ташкил мекард. Ҳоло бошад, масоҳати умумии хоҷагӣ 62861га мебошад. Ҳадаф аз таъсиси хоҷагӣ муҳофизат ва нигоҳдории ҷангал ва барқарор кардани он дар талу теппаҳои Данғара мебошад. Баъди ташкилёбии хоҷагии ҷангали ноҳияи Данғара барои муайян намудани масоҳат, релеф, сарҳад гузаронидан ба гурӯҳи ҷангалзорҳо ва муайян намудани навъи дарахтон, буттагиҳо ва растаниҳо солҳои 1957-1959 бо ёрдами ҷангалсозони ӯзбек бо тарзи муайянкунии суратгирӣ ва банақшагирӣ мавқеи худро ёфт [2, с.489-490]. Дар вақти интихоби навъу шаклҳо асосан ба арзишнокии он диққат додан лозим аст, ки пистаи донакалон, кушодашавиаш на камтар аз 75% ҳосилнокии баланди муътадил, равғаннокиаш зиёда аз 55%, ба касалию ҳашарот ва ба гармиҳои хушк (боди авғонӣ) тобовар бошад. Интихоби дурусти шаклу навъҳои пурарзиши писта барои бунёди боғ бо роҳи кишт намудани тухмӣ ва бо роҳи вегетативӣ (узвҳои ғизогиранда ва таъминкунандаи сабзишу афзоиши растаниҳо, реша, тана, барг) ба гирифтани ҳосили баланд мусоидат менамояд [3, с.1].

**Ҷалвали 1.Директорони муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали ноҳияи Данғара**

| | | | |
|---|---|---|---|
| 1 | Мунисов Сафар | 1956 | 1959 |
| 2 | Ғаюр Сафаров | 1959 | 1988 |
| 3 | Аҷикулло Азизов | 1988 | 2000 |
| 4 | Муродов Маҳмадҷон | 2000 | 2008 |
| 5 | Азизов Эраҷ | 2008 | 2014 |
| 6 | Абдулҳақов Абдусалом | 2014 | 2018 |

**Ҷадвали 2. Хоҷагии ҷангал аз чор минтақа иборат аст.**

| | | |
|---|---|---|
| 1 | Минтақаи ҷангалпарварии Данғара | 20775 га |
| 2 | Минтақаи ҷангалпарварии Навобод | 17417 га |
| 3 | Минтақаи ҷангалпарварии Қарасангов | 18028 га |
| 4 | Минтақаи ҷангалпарварии таҷрибавӣ ва тадқиқотии Сомониён | 6641 га |
| | Ҷамъ: | 62861 га |

Ҳамаи ин ҷангалҳо ба фонди давлатии беша, ба гурӯҳи 1-ум, ки ба функсияи муҳофизатӣ, яъне эрозилии хокро дорад, гузаронида шудааст. Мақсади асосии ташкилёбии хоҷагии ҷангал муҳофизат ва нигоҳубини ҷангал, бунёд ва барқароркуни ҷангалзорҳо мебошад. Алҳол хоҷагии ҷангали ноҳияи Данғараро қариб сӣ нафар ҷангалбонон муҳофизат ва нигоҳубин мекунанд [2, с.489-490].

**Дар ҷангали ноҳия дарахтони:** писта, арча, бодоми талхак, бед, ясен, дӯлона, заранг, тут, себ, дӯлонаи сиёҳак мавҷуданд. Инчунин намудҳои зерини буттагиҳо месабзанд: шулаш, пушол, хӯч, газ, луфток. **Растаниҳои шифобахши доруворӣ**-қоқу, шамбут, чойкаҳак, кокутӣ, ҷамилак, сиёҳалаф, ров, рошак,чукрӣ,испалоқ ва ғайра низ дар ин ҷо мавҷуданд. **Ҳайвонҳои кӯҳӣ:** гург, рӯбоҳ, хӯк, ҷайра, заргӯш, бузи кӯҳӣ (ҷеран); п**арандаҳо:** кабкӣ кӯҳӣ, қоз, зоғи сиёҳ, ҳалака, кабутар, тундумак ва ғайра ба назар мерасанд.

Бо дастгирии роҳбарони ноҳияи Данғара ва Кумитаи ҷангали ҷумҳурӣ Ғаюр Сафаров замоне роҳбари хоҷагии ҷангали Данғара таъйин гардид, ки хоҷагии мазкур 40 ҳазор гектар ҷангал дошт. Бо ташаббуси бевоситаи Ғаюр Сафаров аз ҳисоби дарахтони писта ҷангалзор васеъ карда шуда, соли 1970 масоҳати умумии ҷангалзор ба 85 ҳазор гектар расид. Ниҳоли писта ба шароити кӯҳистон мутобиқ буда, ҳамкорӣ дар парвариши он бо олимони набототшинос аз Пажӯҳишгоҳи набототи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон самараи хуб дод. Дар давраи роҳбарии Ғаюр Сафаров хоҷагӣ аз писта ва рустаниҳои шифобахш даромади калон мегирифт.

Мавсими соли 1971 аз қитъаҳои Навобод, Қарасангов ва минтақаи ҷангалпарварии таҷрибавӣ ва тадқиқотии Сомониён 105 тонна ҳосили писта ҷамъоварӣ карда шуд. Хоҷагии ҷангал барои ин натиҷаи меҳнатӣ ба гирифтани Байрақи Сурхи сайёри КМ ВЛКСМ, (кумитаи марказии комсомол), Шӯрои Вазирони СССР, Иттифоқҳои касабаи умумииттифоқ ва КМ ВЛКСМ, мушарраф шуд. Аз ҳисоби даромаде, ки хоҷагии ҷангал ба буҷети ноҳия дохил мекард, стансияи илмӣ-тадқиқотии ҷангалпарварӣ, бинои дуошёнаи маъмурӣ ва барои коргарон дар мавзеи Пасигач хонаҳои истиқоматӣ, фермаи чорвои калон ва моли майда сохта, ба истифода доданд. Дар ин ҷо иншооти асосии хоҷагии ҷангал ҷойгир буд. Дар ин солҳо равобити хоҷагии ҷангал бо дигар кишварҳо ва ҷумҳуриҳои Шӯравӣ густариш ёфтанд. Аз ҷумла ба Федератсияи Русия дар асоси шартнома аз 500 то 1500 килограмм шилми (сақичи) писта фиристода мешуд. Дар таркиби рангҳое, ки ба киштиҳои кайҳонӣ мемолиданд, сақичи истеҳсолкардаи хоҷаги ҷангали ноҳияи Данғараро истифода мебурданд. Ҳамчунин, ба Ҷумҳурии Исломии Эрон ҳар сол 800 килограмм хуч, 4 тонна решаи чоқула барои тайёр кардани дору ва зиёда аз 1,5 тонна зира мефиристоданд. Овоза ва шуҳрати хоҷагии ҷангал ба дуру наздик паҳн гашт. Ҳамон сол як гурӯҳ олимони амрикоӣ, ки роҳбалади онҳо ректори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон, академик Юсуф Носиров буд, ба хоҷагӣ омада, бо роҳбари хоҷагии ҷангали ноҳияи Данғара Ғаюр Сафаров вохӯрданд. Меҳмонон бо фаъолияти хоҷагии ҷангал шинос шуда, ба кори олимони стансияи илмӣ – тадқиқотӣ баҳои баланд доданд. Бо гузашти чанд муддат дар рӯзномаю маҷаллаҳои ИМА мақолаҳо дар бораи Тоҷикистон, хоҷагии ҷангали Данғара ва усулҳои пайванди писта чоп шуданд [3, с.1]. Ҳар сол хоҷагӣ дар майдони 100 гектар замин кишти писта ва бодом мегузаронад. Солҳои пеш то 300 гектар заминро дар як сол кишт мекарданд. То кунун зиёда аз 11000 гектар ниҳоли ҷангал бунёд гардидааст. Аз ҳама ҳосили бисёри писта соли 1976, -110 тонна писта, соли 2000, -22500кг писта ҷамъоварӣ шуд.

Дар хоҷагӣ 92 сар асп, 149 сар бузу гӯсфанд, 128 оилаи занбӯри асал мавҷуд буд. Хоҷагӣ дорои қитъаи таҷрибавӣ, тадқиқотию илмӣ мебошад, ки дар он олимони Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ва мутахассисони соҳаи пистапарварӣ кор мекунанд. Соли 1971 дар минтақаи ҷангалпарварии таҷрибавӣ ва тадқиқотӣ як гурӯҳ олимон - Чернова, Олехнович У., Холдоров, Аҳмадов навъҳои нави пистаи “Орзу”, “Данғара”,

“Албина”, “Чёрная-жемчужина”-ро кашф намуданд. Ин намуди пистаҳо нисбат ба пистаҳои худрӯй андозаашон калон, кушода ва бомаза мебошанд.

Аз давраи ташкилёбии хоҷагии ҷангал Бобои Ҳошим, Сарбозов Раҷаб, Бобои Туғай, ҷангалбонон Почоқулов Файз, Ҳасанов Солеҳ, Ҳакимов Убайд, Ҳукматов Саъдулло, Холмуродов Азизмурод, Зоиров Палвон, Тоиров Ҷорӯб, мутахассисон Ашӯров Ф., Қурбонов Шералӣ, Исмоилов Б. ва Шамсуллоев Ф, бахри тараққӣ додани соҳаи хоҷагии ҷангал дар солҳои гуногун ҳиссаи арзанда гузоштаанд [2, с.490].Ҳоло майдони пистазори хоҷагии ҷангали ноҳияи Данғара 13 ҳазору 600 гектарро ташкил медиҳад, ки аз ин ҳисоб 6 ҳазору 140 гектараш ҳосилдиҳанда мебошад. Дар 65 гектар замину талу теппаҳо ниҳолҳои нав, аз ҷумла дар 55 гектар ниҳоли писта ва 10 гектар бодоми талх, ҷамъ 19 ҳазору 50 бех ниҳоли нав шинонида шудааст. Аҳли кормандони хоҷагии ҷангали ноҳия мақсад доранд, ки дар минтақаҳои Қарасангов, Исмоили Сомонӣ, Навобод ва Себистон дар майдони 60 гектар зиёда аз 20 ҳазор ниҳоли писта шинонанд. Алҳол шинондани ниҳолҳо идома дорад.

Дар хоҷагиҳои ҷангали ноҳияҳои ҷанубии Тоҷикистон даҳсолаи охир тарзи аз тухмӣ кишт намудани писта васеъ ба роҳ монда шудааст.Тибқи маълумоти оморӣ, дар хоҷагиҳои ҷангали ҷумҳурӣ зиёда аз 78 ҳазор гектар пистазорҳо мавҷуд аст, ки аз он 35 ҳазор гектар дар шакли боғ (плантатсия) ва 43 ҳазор гектар дар шакли ҷангал бунёд шудааст. Асосан дар кишвари мо пистазорҳо бо мақсади васеъ кардани ҷангалзор, нигоҳдории обу хок ва ҷамъоварии ҳосил бунёд мёбанд. Тибқи “Барномаи рушди хоҷагии ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015” бунёди 3400 гектар пистазорҳо ба нақша гирифта шудааст, ки ин имконият медиҳад оянда наздик истеҳсоли пистаи хушсифат ба 300 тонна расонида шавад. Таъмини хоҷагиҳои ҷангал бо маводи тухмии сертификатсияшудаи навъҳои серҳосили ба маҳал мутобиқ яке аз вазифаҳои афзалиятнок дар тараққиёти соҳаи пистапарварӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии мардуми минтақаҳои пистапарвари Тоҷикистон ба ҳисоб меравад [3, с.1-3].

Аз гуфтаҳои боло бармеяд, ки дар хоҷагии ҷангал соҳаи пистапарварӣ яке аз соҳаҳои муҳим ба шумор рафта, дар рушди иқтисодиёт саҳми бузург дорад. Ҳамин тариқ дар шароити табиии ҷуғрофии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вобаста ба муътадил будани боду ҳаво, бе душворӣ метавонем шумораи ниҳоли пистаро зиёд намуда, маҳсулнокии соҳаро афзун гардонем.

## АДАБИЁТ


1. Проект организации и развития лесного хозяйства Курган-Тюбинского лесхоза Государственного комитета Таджикской ССР по лесному хозяйству Том-1 «г.Ташкент-1981 год».
2. Умари Шерхон. Данғара. –Душанбе: Шарқи озод, 2005.-С. 736.
3. Зоҳидов Ҳ. Канзи шифо / Ҳ. Зоҳидов. -Душанбе, 1991. –С. 720.
4. [Манбаи электронӣ] http://sadoimardum.tj/i-tisod/pistazor-dar-pistamazor/ (санаи муроҷиат 3.05.2019), с.6
5. [Манбаи электронӣ] https://tg.wikipedia.org/wiki/hojagi jangal/

(санаи муроҷиат 10.05.2019),с.3 [Манбаи электронӣ] http://agro.uz/uz/services/recommendations/5543/

(санаи муроҷиат 3.05.2019), с.4


## АЗ ТАЪРИХИ ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛЁБИИ ХОҶАГИҲОИ ҶАНГАЛЇ ТОҶИКИСТОН ВА СОҲАИ ПИСТАПАРВАРӢ (ДАР АСОСИ МАВОДИ ХОҶАГИҲОИ ҶАНГАЛИ НОҲИЯИ ДАНҒАРА)


Дар мақолаи мазкур дар бораи пайдоиш ва ташаккулёбии хоҷагии ҷангали Тоҷикистон маълумот дода шудааст. Маълумотҳо дар асоси сарчашмаҳои дақиқ оварда шудаанд. Писта дар кӯҳистони Тоҷикистони Ҷанубӣ хуб мерӯяд ва аз он маҳсулоти ғизоӣ гирифтан мумкин аст. кӯҳистони Тоҷикистони Ҷанубӣ барои парвариш ва нигоҳубини дарахти писта хеле мувофиқ аст. Бояд қайд намуд, ки мамлакати мо дорои имкониятҳои васеи истеҳсол дар коркарди маҳсулоти кишоварзӣ низ мебошад. Рушди соҳаи пистапарварӣ дар Тоҷикистон дар миёнаҳои асри XX оғоз мёбад. Дарахти писта ба гармиҳо тобовар буда, дар заминҳои хушк бемалол баромада, мева медиҳад. Дарахти писта дар баландии 500 то 2200 метр аз сатҳи баҳр месабзад, чунки писта намнокӣ ва обёриро дӯст намедорад. Тоҷикистон дар давраи Иттиҳоди Шӯравӣ ҷумҳурии камҷангал (2,9%), ҳисоб мешуд. Масоҳати ҷангалзори он 408-ҳаз.га (аз ҷумла 151ҳаз.га арчазор, боқимондааш ҷангалзори паҳнбарг аст). Хуллас, хоҷагии ҷангали пистапарварии ноҳияи Данғараро метавон боз ҳам барои зиёд намудани рушди соҳаи пистапарварӣ бояд, пайвандкунии ниҳоли пистаро ба роҳ монад.

**Калидвожаҳо:** Писта, пистаҳои ёбоӣ, хоҷагиҳои пистапарварӣ, минтақаи ҷангалпарварии таҷрибавӣ ва тадқиқотӣ, мутахассисони пуртаҷриба.

**ИЗ ИСТОРИИ ПОЯВЛЕНИЯ И РАЗВИТИЯ ФИСТАШКОВЫХ ЛЕСНЫХ ХОЗЯЙСТВ ТАДЖИКИСТАНА**
**(на основе изучения материалов фисташковых лесных хозяйств Дангаринского района)**

Данная статья рассматривает историю появления и развития фисташковых лесных хозяйств в Таджикистане, где приведена детальная информация из достоверных источников. Фисташка -эта плодовое дерево, которое растёт в горных массивах южного Таджикистана и имеет много целебных свойств. Горные массивы южного Таджикистана очень подхотят для разведения и выращивания фисташковых деревьев. Надо отметить, что наша страна также имеет большие возможности производства и переработки сельскохозяйственной продукции. Первоисточником саженцев и фисташковых деревьев с давних времён считалась дикорастущая фисташка. Развитие лесных хозяйств по разведению фисташек в Таджикистане началось в середине XX века. Фисташковое дерево, выносливое к жаркому климату, растёт и даёт плоды в засушливых местах. Фисташковое дерево растёт от 500 метров до 2200 метро от уровния моря, так как оно не нуждается во влажности и поливке. Таджикистан -это страна, где мало леса , всего 2,9 % от всего леса бывшего Советского Союза. Его лесистая местность составляет 408 тысеч га (в том числе 151 тыс га арчевника, а оставшая часть - широколистные деревья). До 1981 года после арчевника остальную часть составляли фишташковые леса (75 тыс. га), клёны (46 тыс.га) и орехи (11 тыс.га). В заключении автор приходит к выводу, что для развития лесного хозяйства Дангаринского района и особенно для фисташковой рощи нужно наладить прививание фисташковых саженцев и увеличить их продуктивность.

**Ключевые слово:** фисташка, дикорастущие фисташки, фисташковые лесные хозяйства, экспериментальная и исследовательская зона по лесоразведению, опытные специалисты.

**FROM THE HISTORY OF APPEARANCE AND DEVELOPMENT OF PISTACHIO FORESTRIES OF TAJIKISTAN**
**(with materials of pistachio forestries of the Dangara district)**

This article considers the historiy of apperearance and development of pistahashio forestiess in Tajikistan, where brought detail I formation from authentic sources. Pistahio is a fruit free which grows in mountain ranges of the southern Tajikistan and has many healing properties. Mountain ranges of the southern Tajikistan are very convenient for growing of pistashio trees. One must note, that our countru also has large opportunities for production and conversion of the agricultural commodities. The origin of saplings and pistachio trees from the ancient times considered wilg pistachios. The development of foresties on pistachio growings in Tajikistan began in the middle of the XX centuries. A Pistachios tree is durable to hot climate, grows and produces in the dry places. A Pistachios tree grows from 500 m till 2200 metres from sea level, as it doesnot need in humidity and irrigation. Tajikistan is a country where little forest, only 2,9% from the whole forest of the former soviet Union. Its woodland compiles 430 thousonds ha, ( including 151 thousands ha fir-trees, and remains are broad – leaved trees ). Till 1981 after fir-trees, remains compiled pistachios (75 thousand ha), maples (46 thousand ha ) and nuts (11 thousand ha ). At the result the author comes to conclusion, that for the development of forestries of the Dangara district and especially for pistachio wood one must establish to graft of pistachio saplings and to increase its productivity.

**Key words.** Pistachio, wild pistachios, pistachio forestries, experimental and research zone on foresting, experienced specialists.

**Сведения об авторе:** ***Турахонов Рамазон Хурсандович*** **–** Бохтарский государственный университет им.Носира Хусрава, ассистент кафедры общей истории. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, г.Бохтар, улица Айни 67.Телефон: **987 37 37 13.**
**Information about the author:** ***Turakhonov Ramazon Khursandovich*** **-** Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, Assistant of the Department of General History. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bohtar, Aini street 67. Phone: **987 37 37 13.**

**УДК:930.85:33 (575.3)**

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ПАСТ НАМУДАНИ САТҲИ КАМБИЗОАТӢ ДАР ДЕҲОТИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРАИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

***Шарипова Оиша***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Масъалаи паст намудани сатҳи камбизоатӣ дар айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои асосии сиёсати давлатӣ маҳсуб меёбад. Бояд ибрози ақида намуд, ки бар асари бухрони иқтисодӣ ва ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 сатҳи иҷтимоии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дараҷаи на он қадар хуб қарор гирифта буд.

Давраи татбиқи сиёсати иҷтимоии боло бурдани сатҳи иҷтимоии ҷумҳурӣ ва пешгирии камбзиоатӣ, саҳми хоҷагиҳои деҳқонӣ назаррас буда, баҳри ҳалли мушкилоти ҷойдошта, бояд чораҳои зерин андешида шаванд:

- ҳавасманд намудани деҳқон ба замин;
- ҷалби мутахассисони соҳавӣ;
- баланд бардоштани музди меҳнати деҳқонон;

- таъмини деҳқонон бо техника;
- додани қарзҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат барои рушди соҳаи кишоварзӣ;

• пайдарҳам баланд бардоштани сатҳи зиндагии эҳтиёҷмандон, нафақахӯрон, оилаҳои нопурра, серфарзанд, беҳтар намудани вазъи иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, кумакҳои давлатӣ барои оилаҳои зарардидаи ҷанги шаҳрвандӣ.

Кам шудани шумораи камбизоатон дар деҳот аз соли 1999 оғоз гардида, дар ин самти иҷтимоӣ нақши тараққиёти хоҷагиҳои деҳот назаррас аст. Дар солҳои 1999-2000 камшавии теъдоди камбизоатон дар шаҳрҳо агар аз 69 то 45 % ва дар деҳот аз 80 % ба 65% ташкил медодагӣ шуд, ки ин нуқта ба он ишора мекард, ки хоҷагии деҳот дар паст намудани сатҳи камбизоатии ҷумҳурӣ нақши муайянро иҷро мекардааст. Ба ҳисоби миёна дар Тоҷикистон дар охири асри XX 3,8 млн нафар камбизоатон ба ҳисоб гирифта шуд, ки 80% он (3 млн нафар) дар деҳот зиндагӣ менамуданд.

Дар муддати солҳои 1999-2003 камбизоатӣ дар деҳот назар ба шаҳр бештар паҳн ва шиддат гирифта буд. Таҳлилҳои таҷрибавӣ нишон медиҳанд, ки вазъияти камбизоатии деҳот дорои як қатор масъалаҳои муайянанд. Шиддатёбии камбизоатӣ дар ҳамаи сатҳи таҳлилҳо ба масоили демографӣ низ вобаста аст. Ҳамчунин, дар ин бахш бояд қайд намуд, ки сатҳи камбизоатии мардум дар минтақаҳои гуногун ба мушоҳида мерасад: дар вилотяҳои Хатлон ва Суғд, ВМКБ- шумораи камбизоатон аслан дар деҳот ва дар ноҳияҳои тобеи марказ бошад, дар ноҳия ва шаҳрҳо ба назар мерасад [ниг: ҷадвали 1.]

**Ҷадвали 1.Нишондиҳандаҳои камбизоатӣ дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон (%) дар давраи гузариши солҳои 1999-2003 [11]**

| | 2003 | | | 1999 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Камбизоатӣ ба сари аҳолӣ | Фарқияти индексии камбизоатӣ | Шиддати камбизоатӣ | Камбизоатӣ ба сари аҳолӣ | Фарқияти индексии камбизоатӣ | Шиддати камбизоатӣ |
| Душанбе | 33.3 | 10.3 | 4.59 | 53.98 | 17.31 | 7.45 |
| ВМКБ, шахр | 37.50 | 9.86 | 3.95 | 93.75 | 46.50 | 25.99 |
| ВМКБ, деҳот | 60.83 | 20.48 | 8.96 | 87.50 | 42.94 | 24.96 |
| НТМ, шахр | 45.00 | 12.98. | 4.92 | 56.25 | 21.61 | 10.40 |
| НТМ, деҳот | 40.00 | 12.85 | 5.82 | 70.57 | 27.58 | 14.14 |
| Суғд, шаҳр | 51.00 | 18.8 | 9.30 | 75.00 | 31.17 | 16.37 |
| Суғд, деҳот | 67.56 | 22.40 | 10.10 | 80.32 | 33.65 | 17.15 |
| Хатлон, шаҳр | 70.91 | 30.79 | 16.43 | 82.03 | 34.10 | 17.92 |
| Хатлон, деҳот | 77.50 | 31.60 | 15.69 | 84.38 | 37.64 | 20.47 |
| Тоҷикистон, шахр | 44.67 | 15.61 | 7.52 | 68.75 | 26.98 | 13.60 |
| Тоҷикистон, деҳот | 63.75 | 22.97 | 10.78 | 79.67 | 34.04 | 18.01 |
| Тоҷикистон, ҳамагӣ | 56.78 | 20.28 | 9.59 | 76.70 | 32.12 | 16.81 |

Асоси авҷ гирифтани сатҳи иҷтимоӣ ва иқтисодии камбизоатон аслан ба даромади иқтисодӣ вобаста аст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки даромади самти иқтисодии аҳолии деҳот ба даромади хоҷагиҳои деҳқонӣ алоқамандии ногусастанӣ дорад.

Камбизоатӣ ва бо озуқаворӣ таъмин набудан бо ҳам зич алоқаманданд. Бо озуқаворӣ ва бо хӯрок таъмин набудан ба таври зайл тавсиф карда мешавад: «Одамон аз захираи кофии озуқаи бехавф ва серғизо, ки инкишофи муътадил, ҳаёти фаъол ва солимро таъмин менамояд, доимӣ ва муътамад баҳраманд нестанд. Ин вазъият дар натиҷаи ба андозаи кофӣ мавҷуд набудани озуқаворӣ, нокифоя будани қобилияти харидорӣ, тақсимоти нобаробар ё дар хонавода нобаробар ва ғайриқаноатбахш истеъмол шудани озуқаворӣ рӯй доданаш мумкин аст. Бо озуқаворӣ таъмин набудан, чандон баланд набудани сатҳи тандурустӣ ва беҳдошт, таҷрибаи нодурусти нигоҳубин ва хӯрондан сабабҳои асосии сатҳи бади таъминот буда метавонанд. Бо озуқаворӣ ба таври кофӣ таъмин набудан метавонад доимӣ, мавсимӣ ё муваққатӣ бошад» [4,с.25].

Барои беҳбуд бахшидани сатҳи иҷтимоии хоҷагиҳои деҳот як қатор барномаҳои давлатӣ қабул шудаанд. Яке аз омилҳои пастравии сатҳи камбизоатӣ дар ҷумҳурӣ тақсими «заминҳои Президентӣ»-и махсуб меёбад. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз 9 октябри соли 1995 дар хусусӣ 50 ҳазор гектар замин барои хоҷагиҳои ёрирасони шаҳрвандон ба зиёд шудани маҳсулоти хоҷагиҳои деҳқонӣ ва пешгирӣ аз рушди самтҳои камбизоатӣ мусоидат намуд.

Ҳамчунин Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 1997 дар хусуси тақсими 25 ҳазор гектар замини навбатӣ ба хоҷагиҳои ёрирасони шаҳрвандон ба болоравии сатҳи иҷтимоии аҳолии ҷумҳурӣ мусоидат намуд [3, с. 517].

Омили дувум. Ба роҳ мондани як қатор барномаҳо дар хусуси дастгирии хоҷагиҳои ёрирасони деҳқонӣ ва пешгирӣ аз сатҳи камбизоатӣ. Аз ҷумла;

—Соли 2005, вақте ки Стратегияи миллии рушд барои солҳои 2006-2015 аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид, таҳияи методологияи миллии арзёбии камбизоатӣ ҳамчун вазифаи афзалиятнок муайян гардид. Дар давраи аз соли 1999 то 2009 кишвар ба Тадқиқоти арзёбии сатҳи зиндагӣ (ТАСЗ), ки асосан бо маблағгузории Бонки Ҷаҳонӣ (БҶ) омода гардида буд, такя мекард.

—Ҳуҷҷати «Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015» давраи ҷамъбасти даҳсолаи татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 мебошад, масоили зиёдро вобаста ба таъмини ҳадафҳои стратегӣ, ба монандиислоҳоти идоракунии давлатӣ, таъмини волоияти қонун, пешгӯӣ ва банақшагирии демографӣ, танзими муҳоҷирати меҳнатӣ, рушди бахши хусусӣ ва дастгирии табақаи миёнаи кишварро мавриди ҳаллу фасл қарор дод. Ҷиҳати татбиқи самараноки «Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015» раванди паст кардани сатҳи камбизоатӣ, бо дарназардошти ворид гардидани аҳолии камбизоат ба синфи миёна, мавриди баррасӣ қарор гирифта буд. Афзоиши босуръат ва устуворонаи синфи миёнаи аҳолии кишвар ба рушди иқтисодиёт ва коҳиш ёфтани камбизоатӣ алоқаманд мебошад [12,с.26-27].

Пас аз он, ки сатҳи камбизоатӣ дар асоси тартиботи дар ҳуҷҷати мазкур дарҷгардида муайян карда мешавад, ҳар се моҳ як маротиба бо истифодаи индекси нархҳои истеъмолӣ (ИНИ), ки тавассути воҳиди миёнаи медианагии (медианное значение) ҳиссаи истифодаи маводҳои озуқаворӣ ва ғайриозуқаворӣ дар байни гурӯҳи бақайдгирифташуда дар соли охири амали барнома муайян карда мешавад, нав мегардад. “ИНИ-и шахси камбизоат”-и мазкур бо истифодаи нархҳои миёнаи медианагии расмии ИНИ-и озуқаворӣ ва ғайриозуқаворӣ аз ҷониби Агентии омор пешниҳодшаванда нав карда мешавад. Ҳамин тавр, хатти камбизоатӣ барои соли 2012-2013 (ё эҳтимолан барои соли тақвимии 2013) дар сатҳи 146.77 сомонӣ дар як моҳ ҳисоб карда шуда буд ва он “Меҳваре”буд, ки тавассути он арзиши хатти камбизоатӣ ва тамоми нишондиҳандаҳои камбизоатӣ дар оянда ҳисоб карда мешуданд.

Ҳангоми муқоисаи маҷмӯи истеъмоли моҳона ба ҳар сари аҳолӣ бо ҳудуди камбизоатӣ дар соли 2013 ҳудуди интиҳоии (озуқаворӣ) камбизоатӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ 16,8%-ро ва сатҳи умумии камбизоатӣ бошад, 32 фоизро ташкил медод. Дар Тоҷикистон сатҳи камбизоатӣ дар НТҶ ва ВМКБ баландтар буда, дар вилояти Хатлон нисбатан паст мебошад [9, с. 11]. Сатҳи камбизоатӣ дар минтақаҳои деҳот (36,1 фоиз) назар ба шаҳр (23,5 фоиз) низ баландтар мебошад.

Аҳолии камбизоат дар деҳоти Тоҷикистон ва дар се минтақаи вилояти Хатлон ва НТҶ тамаркуз ёфтааст. Дар ҳақиқат, қариб чор аз панҷ нафари камбизоатон дар хонаводаҳои деҳот умр ба сар мебаранд. Ғайр аз ин, тақрибан аз чор се ҳиссаи аҳолӣ дар НТҶ ё вилояти Хатлон зиндагӣ мекунад.

Нишондиҳандаҳои алоқаманд бо камбизоатӣ аксари вақт дилхоҳ буда, аз лиҳози сиёсӣ хеле ҳассос мебошанд. Набояд фаромӯш кард, ки ин рақамҳо танҳо барои раҳнамоӣ намудани стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатии кишвар муҳимманд ва барои бурдани назорат ва арзёбии рафти иҷрои он кумак мерасонанд. Агар дар атрофи асосҳои методологии чунин рақамҳо фикри ягона вуҷуд надошта бошад ҳам, тарафҳои манфиатдорро метавон ба осонӣ ба мубоҳисаҳои хастакунанда оид ба он ки чӣ тавр бояд камбизоатӣ арзёбӣ гардад, кашида шаванд. Бо мақсади кам кардани хавфи мазкур, Бонки Ҷаҳонӣ ба якчанд кишвар дар раванди ташкил ва ҷалб намудани тарафҳои манфиатдори миллӣ ва хориҷӣ дар фаъолияти Шӯрои камбизоатӣ кумак менамоянд. Шӯрои мазкур майдонест танҳо барои гузаронидани муҳокимаҳои масъалаҳои техникӣ. Дар ҳайати шӯро бояд мутахассисони мухталифи техникии кишвари довталаб аъзо ва ҳаҷми муайяни кор ва

вазифаи ниҳоӣ дошта бошад, ки аз пешниҳод намудани методологияи арзёбии камбизоатии пулӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст [7, с. 28].

Барои аз камбизоатӣ наҷот ёфтан, аз соли 1997 дар ҷумҳурӣ хоҷагиҳои истеҳсолӣ назар ба солҳои қаблӣ истеҳсоли маҳсулотихудро зиёд намуданд. [ниг. ба ҷадвали 3]

**Ҷадвали 3. Саҳми маҳсулоти дохилӣ дар даромади маҳсулоти дохилӣ 1997-2004 (дар %)** [15,с.3].

| 1997 | 1998 | 1999 | 2000 | 2001 | 2002 | 2003 | 2004 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 32,0 | 25,1 | 25,4 | 27,0 | 23,8 | 22,2 | 24,2 | 21,6 |

Ҳанӯз 7 июни соли 2002 дар ш. Душанбе конфронси илмӣ назариявӣ бо иштироки намояндагони соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии мустақили тадқиқоти стратегӣ шуда гузашт, ки мақсади он баррасии як қатор масъалаҳои хоҷагидорӣ буд [8,с.18], аз ҷумла:

- рушди соҳаи кишоварзӣ;
- такмил ва тайёр намудани мутахассиони соҳавӣ;
- баррасӣ намудани соҳаҳои гузариши кишоварзӣ;
- ба роҳ мондани ҳавасмандгардониҳои ҷамъиятӣ.

Яке аз масоили муҳим ҷалби деҳқонон ба истеҳсоли маҳсулоти дохилӣ ва коркарди он аст. Дар соли 2002 истеҳсоли карошка хело хуб ба роҳ монда шуд. Декабри соли 2002 аз ноҳияи Истаравшани вилояти Суғд картошкаи навъи «Чашми сурх» оварда, захира карда шуд [5, с. 19-20].

Истеҳсоли картошка дар ҷумҳурӣ дар соли 2002 356 ҳаз. тоннаро ташкил дод, ки ба сари аҳолӣ 55,7 кг. мувофиқат менамуд. Дар соли 2015 бошад, истеҳсоли картошка нисбат ба солҳои қаблӣ 2,6 маротиба зиёд гардид [6, с.34-36].

Хоҷагии деҳот соҳаи муҳимми истеҳсолоти моддӣ маҳсуб меёбад, Ҳисоботи оморӣ нишон медиҳад, ки дар сли 2012 дар кишвар аз 75 976 корхонаи кишоварзӣ 73 806 ададашро хоҷагиҳои деҳқонӣ ташкил медиҳанд, ки дар тӯли 5 соли охир ба миқдори 42 964 адад ё 58,2 % афзудааст.

Ҷиҳати рушди соҳаи кишоварзии кишвар ва истифодаи босамар аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1991 то инҷониб бештар аз 50 дастуру супоришҳо ва фармонҳо ба табъ расида, дар амал татбиқ шудаанд.

Ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ дар тӯли 5 сол [2008-2012] дар зироатҳои ғалладона аз 18,2 с/га то ба 24,5 с/га, картошка 212 с/га ба 221,3 с/га, сабзавот 182,5 с/га ба 207,4 с/га, полизӣ аз 182,2 с/га то 204,3 с/га афзудааст.

Дар соли 2012 4 469, 2 млн. сомонӣ ё 27,1 % маҷмӯи маҳсулоти хоҷагии деҳотро [16 177,5 млн. сомонӣ] хоҷагиҳои деҳқонӣ ташкил додаанд, ки дар тӯли 5 соли охир ба маблағи 1971,2 млн. сомонӣ ё 5,7% афзудааст [13, с.42-46].

Соли 2009 дар ҳама шакли хоҷагидорӣ 1294522 тонна зироати ғалладона ва лӯбиёгӣ (якҷоя бо ҷуворимакка барои дон) истеҳсол шудааст, ки дар таърихи соҳибистиқлолии Тоҷикистон нишондиҳандаи беҳтарин мебошад. Соли 2013 истеҳсоли картошка ба 1115696 тонна, соли 2014 сабзавот ба 1549481 тонна расонида шуд. Соли 2015 дар ноҳияи Ҳисор дар майдони 400 гектар боғ бо технологияи навин бунёд ёфта, дар ноҳияи Рашт дар майдони 60 гектар боғҳои интенсивӣ, ки дар муҳлатҳои кӯтоҳтарин ба ҳосилбандӣ сар мекунад,бунёд шуданд [14, с.5].

Маҷмӯи маҳсулоти дохилии истеҳсолшуда дар моҳҳои январ - марти соли 2015 аз рӯйи маълумоти фаврӣ 8310,0 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба моҳҳои январ - марти соли 2014 бо нархҳои муқоисавӣ 105,3 фоизро ташкил медиҳад.

То 1 апрели соли 2015 хоҷагиҳои ҷамъиятӣ ва деҳқонӣ дар 129773 гектар замин кишти зироатҳои баҳорӣ гузарониданд. Аз замини умумии кишт 64978 гектар кишти зироатҳои ғалладона (бе ҷуворимакка), 1648 гектар ҷуворимакка барои дон, 29327 гектар зироатҳои техникӣ, аз он ҷумла пахта 18588 гектар, 5649 гектар картошка, 16291 гектар сабзавот, 39 гектар сабзавоти тухмӣ, 4396 гектар зироатҳои полизӣ ва 7445 гектарро зироатҳои хӯроки чорво ташкил медиҳад.

Зимнан, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ҷуворимакка барои дон 3,4 фоиз, зироатҳои техникӣ 15,5 фоиз, аз он ҷумла пахта 24,4 фоиз кам кишт карда шудааст.

Нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зироатҳои ғалладона (бе ҷуворимакка) 38,5 фоиз, картошка 6,2 фоиз, сабзавот 11,7 фоиз, сабзавоти тухмӣ 11,4 фоиз, зироатҳои полизӣ 23,3 фоиз ва зироатҳои хӯроки чорво 38,2 фоиз зиёд кишт карда шудааст [2, с.15].

Дар моҳҳои январ - марти соли 2015 дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ 1430 тонна сабзавот истеҳсол карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2014 -ум 4,7 фоиз зиёд мебошад.

Чуноне ки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қайд мекунад: «Аввалан… имрӯз беш аз 70 фоизи аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ мекунанд ва даромади асосии ин табақа аз заҳмати деҳқонӣ ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ фароҳам меояд. Ба ибораи дигар….аз се ду ҳиссаи аҳолии мамлакат аз пешрафти соҳаи кишоварзӣ вобаста аст.

Кишоварзӣ яке аз соҳаҳои заҳматталаби иқтисодиёт аст, ки дар он бе хароҷоти зиёд ҷойҳои нави корӣ фароҳам оварда, дар сурати оқилона ба роҳ мондани кор метавон эҳтиёҷоти аҳолиро ба озуқаи худӣ таъмин намоем» [10].

## АДАБИЁТ


1. Акрамов Ш. Афзалияти муҳимтарини тараққиёти инфрасохторҳои иҷтимоии деҳот / Ш. Акрамов, Ш. Одинаев, Абдулоева, Ф.Иззатова // Материалы Регионального научно-практического семинара. Особенности развития дехканских (фермерских) хозяйств горных районов. –Душанбе, 2008. - Часть 2. –368с.
2. Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ / зери таҳрири – Директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳасанзода Г.К. -Душанбе, 2015. -№1. –58 с.
3. История таджикского народа.–Душанбе: Империал –Групп, 2011. -Том 4. –688с.
4. Камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Дар бораи озуқаворӣ ва камбизоатӣ // Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ. -2015. -№2. –56 с.
5. Мирзоев Ф. Ҳосили рекорди картошка / Ф. Мирзоев, А. Муслимов // Деҳқон.– 2003. -№ 7. - С. 19-20.
6. Махмудова Ш. Состояние и перспективы развития картофелеводства в Таджикистане / Ш. Махмудова, З. Давлатшева // Деҳқон. -2003, ноябр. –№11 – С. 34-36.
7. Оценка бедности в Таджикистане: Методологические записки. Душанбе, 2015. -34 с.
8. Олимов С. Ташкили кооперитивҳои кишоварзӣ-тақозои замон / Деҳкон. -2003, июн. –№ 6 – С. 18.
9. Республика Таджикистан. Приоритеты для устойчивого роста: Стратегия развития сельского хозяйства [электронный ресурс] // http: www. mts.tj /images/stories/img text/Otraslevoy razvit /Tematicheskaya biblioteka/Реформа % 20 сельского % 20 хозяйства. Дата обращения: 17.02.2019
10. Суханронии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар машварати кормандони соҳаи кишоварзӣ, 12 феврали соли 2000 «Маҳсулоти кишоварзиро афзун гардонем» // Садои мардум.–25 феврали соли 2000. –№16 (1188).
11. Сарчашма. ОУЖТ 1999, 2003. (ОУЖТ – Обследование уровня жизни в Таджикистане // Таджикистан: Земельная и аграрная реформы / – Душанбе: Ирфон, 2005. – 137 с.
12. Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 – С. 26-27 // Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ. -2015. -№2. – 56 с.
13. Сабзаева М. Саҳми хоҷагиҳои деҳқонӣ дар рушди иқтисодиёт / М. Сабзаева /М. Сабзаева //Бонкдорӣ дар Тоҷикистон. – 2014 –июн. -№ 6. – С.42-46.
14. Садриддинов С. Рушди бемайлони кишоварзӣ самари соҳибистиқлолист / С. Садриддинов // Садои мардум. –2 июн. –№85-86(3565-3566). –2016.– С.5.
15. Умаров Х. Таджикистан: Земельная и аграрная реформы / Х.Умаров. –Душанбе: Ирфон, 2005.- 137 с.


## БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ПАСТ НАМУДАНИ САТҲИ КАМБИЗОАТӢ ДАР ДЕҲОТИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРАИ ИСТИҚЛОЛИЯТ


Кам шудани шумораи камбизоатон дар деҳот аз соли 1999 оғоз гардида, дар ин самти иҷтимоӣ нақши рушди хоҷагии деҳот назаррас аст. Дар давраи гузариши солҳои 1999-2000 камшавии шумораи камбизоатон дар шаҳрҳо 35% (аз 69 то 45 %), дар деҳот дар дараҷаи муқоисавӣ 20% (аз 80 % ба 65)-ро ташкил медод. Аз 3,8 млн нафар камбизоатон дар ҷумҳурӣ, 80% он (3 млн нафар) дар деҳотҷой зиндагӣ менамояд.Дар муддати солҳои 1999-2003 камбизоатӣ дар деҳот назар ба шаҳр бештар паҳн ва шиддат гирифта буд. Таҳлилҳои таҷрибавӣ нишон медиҳанд, ки шиддатёбии камбизоатӣ дар ҳамаи сатҳи таҳлилҳо ба масоили демографӣ низ вобаста аст. Ҳамчунин, дар вилоятҳои Хатлон ва Суғд, ВМКБ- шумораи камбизоатон аслан дар деҳот ва дар ноҳиятҳои тобеи марказ бошад, дар ноҳия ва шаҳрҳо ба қайд гирифта шудаанд. Дар солҳои 1999-2003 паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар ҷумҳурӣ 6,9 %, дар вилояти Хатлон 12 %, вилояти Суғд 15,9 %-ро ташкил медод.



**Калидвожаҳо:** хоҷагии деҳқонӣ, камбизоатӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, омилҳо, заминҳои президентӣ, ноҳияиҳои тобеи марказ, рушд, бухрон, деҳот.


## НЕКОТОРЫЕ ПРОБЛЕМЫ СОКРАЩЕНИЯ СЕЛЬСКОЙ БЕДНОСТИ ТАДЖИКИСТАНА В ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ


Значительное сокращение сельской бедности, начиная с 1999 г., показывает, что экономический рост является мощным инструментом для борьбы с бедностью. Сельская экономика также обеспечивает жизненноважную систему поддержания неимущих слоев в сложные экономические периоды. Несмотря на значительное сокращение численности сельских жителей, живущих за чертой бедности, показатели сельской бедности снизились меньше, по сравнению с городской. В период 1999-2003 г.г. городская бедность сократилась на 35% (с 69% до 45%), по сравнению с 20% снижением бедности в сельской местности (с 80% до 65%). Учитывая тот факт, что сельское хозяйство в этот период являлось одной из наиболее быстрорастущих отраслей экономики, уместно рассмотреть причины этого различия. Из 3,8 млн. человек, находящихся за чертой бедности в Таджикистане, 80% (3 млн. человек) проживает в сельских районах. Анализ Обследования уровня жизни населения в Таджикистане (ОУЖН) за 1999 и 2003 г.г. показывает, что показатель сельской бедности в значительной степени превышает показатель бедности в городах. В 1999-2003 гг. сельская бедность сократилась на

6.9% в Хатлонской и на 12.8% в Согдийской области, по сравнению с общим снижением этого показателя на 15,9%. Сокращение сельской бедности происходило более быстрыми темпами в РРП и ГБАО. В 2003 г. уровни сельской бедности в РРП были ниже уровней городской бедности, что свидетельствует о преимуществах более диверсифицированной производственной базы и близости расположения к крупным городским уровням.

**Ключывие слово**: дехканские хозяйства, бедность, Республика Таджикистан, факторы, Президентские земли, Районы республиканского подчинения, республика, развитие, кризис, сельский.

**SOME PROBLEMS REDUCTION OF RURAL POVERTY REDUCTION IN TAJIKISTAN IN THE YEARS OF INDEPENDENCE**

A significant reduction in rural poverty since 1999 shows that economic growth is a powerful tool for fighting poverty. The rural economy also provides a vital support system for the poor in difficult economic periods. Despite a significant reduction in the number of rural residents living below the poverty line, rural poverty rates fell less compared to urban ones. In the period 1999-2003 years. urban poverty decreased by 35% (from 69% to 45%) compared with a 20% decrease in rural poverty (from 80% to 65%). Given the fact that agriculture in this period was one of the fastest growing sectors of the economy, it is appropriate to consider the reasons for this difference. From 3.8 million people below the poverty line in Tajikistan 80% (3 million people) lives in rural areas. An analysis of the Population Standard of Living Survey in Tajikistan (1999) for the years 1999 and 2003 shows that the rural poverty rate is much higher than the urban poverty rate. In 1999-2003 Rural poverty decreased by 6.9% in Khatlon and by 12.8% in Sogd oblast compared with a general decline of this indicator by 15.9%. Rural poverty decreased at a faster rate in the RRS and GBAO. In 2003 Rural poverty levels in the DRS were lower than urban poverty levels, which indicates the advantages of a more diversified production base and proximity to large urban levels.

**Keyword:** dekhkan farms, poverty, Republic of Tajikistan, factors. Presidential lands, Districts Republic, Development, countryside, rural.

**Сведения об авторе:** ***Шарипова Оиша-*** Таджикский национальный университет, аспирантка 3-ого курса исторического факультета. **Адрес**: 734025,Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **(992) 987442121**

**Information about the author:** ***Sharipova Oisha-*** Tajik National University, 3rd year graduate student at the Faculty of History. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 17. Phone: **(992) 987442121**

**УДК:930.85(575.3)**

# МУАССИСАҲОИ КЛУБӢ: МУШКИЛӢ ВА МАСЪАЛАҲОИ ҲАЛТАЛАБИ ОН

***Шарифов Ш.Ҷ.***

**Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рудакӣ**

Муассисаҳои клубӣ яке аз қисматҳои таркибии сохтори соҳаи фарҳанг маҳсуб меёбанд ва дар самти хизматрасонии иҷтимоӣ фарҳангии меҳнаткашон мавқеи хоссаеро доро мебошанд. Аввалин клубҳо дар ҳудуди ҶМШС Тоҷикистон дар миёнаҳои солҳои 20 - ум таъсис ёфта буданд. Вале фаъолияти пурсамари клубҳо баъди ташкилёбии ҶШС Тоҷикистон назаррас буд. Тӯли ин солҳо фаъолияти клубу Чойхонаҳои Сурх, ки аввалин муассисаҳои маданӣ – равшаннамоӣ ба ҳисоб мерафтанд, ба баргузор намудани чорабиниҳои фарҳангӣ бахшида ба санаҳои муҳимми таърихӣ, ҷашну маросимҳои миллӣ ва тарғибу ташвиқи сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Шӯравӣ равона гардида буд [1].

Клубҳо ҳамчун муассисаҳои маданӣ–равшаннамоӣ дар замони Ҳукумати Шӯравӣ васеъ паҳн гардида, вазифаҳои ин муассисаҳо аз тарғибу ташвиқи сиёсати ҳизбӣ, ташаккули маънавиёт, рушди варзиш ва ташкили истироҳат ва фароғати меҳнаткашон иборат буд. Баъди барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ дар Тоҷикистон ин муассисаҳо вазифаҳои асосии худро аз даст дода, истиқлолияти давлатӣ вазифаҳо ва раванди фаъолияти онҳоро тағйир дод [2].

Ҷанги шаҳрвандие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аввали солҳои 90 –ум оғоз гардид, таъсири худро ба муассисаҳои клубӣ низ расонид. Бояд қайд намуд, ки дар раванди ҷанги шаҳрвандӣ дар ҷумҳурӣ дар минтақаҳое, ки муқовиматҳои мусаллаҳона мерафт, бинои муассисаҳои клубӣ вайрону валангор гардиданд. Дар ин давра бинобар маблағгузорӣ нагардидани муассисаҳои фарҳангӣ аз тарафи Ҳукумати ҷумҳурӣ, аксарияти клубҳо пурра аз фаъолияти бозмонданд. Базаи моддӣ – техникии муассисаҳои клубӣ дар ҳолати ногувор қарор дошта, муассисаҳо аз норасоии мизу курсӣ, асбобҳои мусиқӣ, сару либоси саҳнавӣ ва дигар таҷҳизотҳо танқисӣ мекашиданд [3]. Дар соли 1993 аз 1359 муассисаи клубие, ки дар ҷумҳурӣ фаъолият мекарданд, 392 клуб дар ҳолати садамавӣ қарор доштанд. Дар ин давра зиёда аз 2500 нуқтаи аҳолинишин клуби худро надоштанд. Дар аксарияти клубҳо асбобҳои мусиқӣ, аз он ҷумла асбобҳои мусиқии миллӣ намерасиданд [4].

Ислоҳоти сиёсӣ – иқтисодие, ки дар мамлакат дар даҳсолаи аввали соҳибистиқлолӣ ба амал омад, ба муассисаҳои клубӣ низ дахл дошт. Дар ин давра мушкилии асосӣ дар он

буд, ки дар шароити иқтисодӣ – иҷтимоӣ ва гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ мақсад ва вазифаҳои фаъолияти муассисаҳои клубӣ ба куллӣ фарқ мекарданд.

Дар давраи гузариш аксарияти муассисаҳои клубӣ, ки ба кумитаҳои иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ тааллуқ доштанд, фурӯхта шуда, ё ба корхонаҳои истеҳсолӣ – тиҷоратӣ ба иҷора дода мешуданд. Дар ин давра баъзе муассисаҳои клубӣ ба марказҳои дилхушии ҷавонон ва муассисаҳои тиҷоратӣ табдил ёфта буданд [5].

Дар даҳсолаи аввали истиқлолияти Тоҷикистон вазъи муассисаҳои клубии деҳот дар ҳолати бад қарор дошта, зерсохторҳои иҷтимоӣ – фарҳангӣ дар деҳот имкониятҳои мавҷудаи худро аз даст дода буданд. Дар ин давра шавқу рағбати аҳолӣ ба тамошои филмҳо дар кинотеатр ва клубҳо кам гардид, ки сабаби асосии он ҳолати хизматрасонии ғайриқаноатбахши баъзе клубу кинотеатрҳо ҳисобида мешуд. Инчунин, рушди телевизион, пайдо ва дар шакли васеъ паҳн шудани таҷҳизотҳои видеоӣ, ки шароити дар хона тамошо намудани филмҳоро ба миён овард, таъсири манфии худро ба фаъолияти ин муассисаҳои фарҳангӣ расонид.

Сабабҳои асосии паст гардидани нишондодҳои фаъолияти муассисаҳои клубӣ масъалаҳое буданд, ки бештар характери моддӣ доштанд. Масалан, дар қарори ҳайати мушовараи Вазорати фарҳанг қайд шудааст, ки шуъбаҳои фарҳанги мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ, роҳбарони хоҷагиҳо дар фаъолияти оммавӣ – фарҳангӣ бо аҳолӣ на ҳамаи имкониятҳои худро истифода мебаранд. Ҷустуҷӯи роҳу усулҳо ва методҳои корӣ оиди ҷалби меҳнаткашон ба фаъолияти эҷодиёти бадеӣ суст амалӣ мегардад. Чорабиниҳои оммавие, ки дар ин давра аз тарафи муассисаҳои маданӣ – равшаннамоӣ гузаронида мешуданд, дар дараҷаи баланди ғоявӣ – бадеӣ намегузаштанд. Ба рушди минбаъдаи фолклор, жанрҳои рақсӣ ва театрӣ, омӯзиши асбобҳои миллӣ диққати ҷиддӣ дода намешуд [6].

Дар аксарияти муассисаҳои клубии назди хоҷагиҳо амалан корҳои мунтазами оммавӣ - фарҳангӣ дида намешуд, фаъолияти онҳо бо гузаронидани шабнишиниҳо, баромади маҳфилҳои худфаъолияти бадеӣ ва намоиши филмҳо маҳдуд мегардиданд. Инчунин, аз тарафи Вазорати фарҳанг ба муассисаҳои клубӣ ёрии методӣ расонида намешуд. Масалан, ба муассисаҳои клубии шаҳру ноҳияҳо маводҳои методӣ, тавсиявӣ ва репертуарӣ барои маҳфилҳои худфаъолияти бадеӣ, инчунин, сенарияи чорабиниҳои клубӣ дастрас намегардиданд. Оиди омӯзиши таҷрибаи пешқадами коллективи маҳфилҳои худфаъолияти бадеӣ ва ҷорӣ намудани роҳу усулҳои нав дар фаъолияти ин маҳфилҳо чораҳои зарурӣ андешида намешуданд [7].

Мувофиқи ҳисоботи Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон, соли 2000 – ум дар минтақаи Кӯлоб 152 муассисаи клубӣ, аз қабили қасрҳои фарҳанг, хонаҳои фарҳанг ва клубҳои сайёр фаъолият менамуданд, ки дар муқоиса ба соли 1990 – ум 25 муассисаи клубӣ пурра аз фаъолият бозмонданд.

Имрӯз зиёда аз 80 фисади муассисаҳои клубии вилоят дар ҳолати ногувор қарор дошта, базаи моддию техникии онҳо суст гардида, одитарин шароитҳои кору хизматрасониро надоранд. Дар муассисаҳои клубӣ ҷойҳои нишаст, толорҳои баргузории маҳфилҳо, воситаҳои техникӣ, асбобҳои мусиқӣ ва либосҳои саҳнавӣ намерасанд.

Тибқи маълумотҳои Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон, соли 2005 дар муассисаҳои клубии вилоят 321 маҳфилу иттиҳодияҳои гуногун фаъолият менамуданд. Мутаассифона, ба истиснои маҳфилҳои назди қасри фарҳанги шаҳри Кӯлоб, хонаҳои фарҳанги ноҳияи Ҳамадонӣ дар аксар муассисаҳои фарҳангии вилоят маҳфилу иттиҳодияҳо мувофиқи мақсад фаъолият надоранд. Сабабҳои асосии ба амал омадани чунин ҳолати ногувор пеш аз ҳама, норасоии толорҳои мувофиқ дар муассисаҳои фарҳангӣ барои ташкили маҳфилу иттиҳодияҳо, хароб будани базаи моддию техникӣ, нарасидани мутахассисони соҳавӣ, асбобҳои мусиқӣ ба ҳисоб мераванд. Имрӯз 75 фисади муассисаҳои клубии вилоят имконияти ташкили маҳфилу иттиҳодияҳоро надоранд [8].

Дар замони шӯравӣ яке аз намудҳои хизматрасонии фарҳангӣ ба аҳолии деҳот ин фаъолияти клубҳои сайёр (автоклуб) буд. Клуби сайёр барои ташкили корҳои фарҳангию фароғатӣ дар нуқтаҳои аҳолинишин, ки муассисаҳои клубӣ надоранд, таъсис дода шуда, фаъолияти ин муассисаҳо барои ташкили корҳои фарҳангию фароғатӣ дар ин нуқтаҳои аҳолинишин равона гардида буданд.

Клубҳои сайёр бояд ба маҳаллу мавзеъҳои баландкӯҳ, дашту саҳроҳои кишоварзӣ, мавзеи зист ва кори тобистонаи чорводорон, минтақаҳои сохтмонҳои нав (роҳи оҳан, истгоҳҳои барқӣ, биноҳои иҷтимоию фарҳангӣ, заминҳо ва роҳҳои нав, фермаҳои чорводорӣ, нуқтаҳои таъмири техникаи соҳаи кишоварзӣ, бошишгоҳҳои саҳроӣ, нуқтаҳои фароғатии маҳаллаҳои мавзеи кории иҷоракорон, фермерҳо, гурӯҳҳои геологӣ,

фароғатгоҳҳои тобистона ва ғайра) хизмати фарҳангӣ расонанд. Фаъолияти клубҳои сайёр дар асоси накша ва ҷадвали сафарӣ, ки онро идора ё шуъбаи фарҳанги вилоят, шаҳр ё ноҳия тасдиқ менамояд, дар ҳамкорӣ бо Кохи фарҳангу китобхонаҳои вилоят, шаҳру ноҳия, созмону ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва дигар муассисаҳои фарҳангӣ, инчунин дар асоси ташаббус ва ҳамкорӣ бо аҳолӣ ба амал бароварда мешуд.

Шумораи воҳидҳои кории клуби сайёр аз 3-нафар: мудир, коршиноси фаннӣ (киномеханик) ва ронанда иборат буд, ки онҳо мувофиқи вазифа ва масъулияташон бояд мутахассисони соҳаи кишоварзӣ, зиёиёни деҳот, намояндагони муассисаҳои истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, коллективҳои ҳаваскорони бадеӣ ва дигаронро ба кори худ ҷалб намоянд. Таъмини сифати баланди намоишдиҳии кино ва видео, таъмири сариваҳтии дастгоҳҳои техникӣ, ҳифз ва истифодаи бехатари таҷҳизот ва воситаҳои техникӣ, таҷҳизоти барқистеҳсолкунанда (движок), таҷҳизоти кинонамоишдиҳӣ, видеокамера, сабти овоз, ки ба онҳо вобаста шудаанд, ба сифати баланд сабт намудани маърӯзаҳо ва суҳбатҳои намояндагони коллективҳои меҳнатӣ, фарзандони ифтихорманди деҳот, барномаҳои консертӣ, ҷашну идҳои мардумиро ба роҳ монад.

Баъди барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ клубҳои сайёр қариб аз фаъолият бозмонданд. Соли 1991 дар ҷумҳурӣ 177 воҳиди корӣ ва 166 воситаи нақлиёт барои фаъолияти клубҳои сайёр мавҷуд буд. Соли 2000 – ум фақат 25 клуб дар ҳолати хуби хизматрасонӣ қарор дошта, 41 адад таъмирталаб ва 79 адади он дар ҳолати ғайрикорӣ буда, 24 адад клубҳои сайёр дар давраи ҷангҳои шаҳрвандӣ аз тарафи шахсони номаълум ғорат гардиданд [9]. Дар соли 2002 - юм аз 25 клуби сайёр ҳамагӣ 15 адад барои хизматрасонӣ омода буда, 8 адад ба иҷора дода шуда буданд ва дар ҳолати зарурӣ ба хизматрасонии фарҳангӣ ҷалб карда мешуданд. Автоклубҳои боқимонда бинобар сабаби аз тарафи молия ҷудо нагаштани маблағ барои харидани қисмҳои эҳтиётӣ ва маводи сӯхт дар ҳолати корношоямӣ қарор доштанд. Дар ин давра аксарияти воситаҳои нақлиёти клубҳои сайёр, ки солҳои 70 - 90 – уми асри XX истеҳсол гардида буданд, дар ҳолати хуби техникӣ қарор надоштанд, лекин ин воситаҳои нақлиёт ҳамчун клубҳои сайёр ҳуҷҷатгузорӣ шуда, дар асл умуман фаъолият намекарданд.

Клубҳои сайёри назди шуъбаҳои фарҳанги ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб ба ном амал мекунанд. Қисми зиёди автоклубҳо бо сабабҳои нарасидани қисмҳои эҳтиётӣ ва корношоям гардидани онҳо ба шахсони алоҳида фурӯхта шудаанд ва воҳидҳои кории клубҳои сайёр дар дигар корҳо истифода мешаванд. Мардум аллакай чунин тарзи хизматрасонии фарҳангиро қариб фаромӯш кардаанд. Дар шуъбаҳои фарҳанги шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Ҳамадонӣ, Ховалинг айни замон нақлиётҳои гуногунтамға мавҷуданд, ки онҳо бо ягон намуд таҷҳизотҳои барои клубҳои сайёр мувофиқ таъмин нестанд ва ин нақлиётҳо асосан ҳамчун мошинҳои хизматӣ истифода мешаванд. Клубҳои сайёр шароити одии корӣ надошта, бо таҷҳизоти техникӣ аз қабили асбоби тақвияти овоз, таҷҳизоти барқистеҳсолкунанда (движок), кинонамоишдиҳӣ, видеокамера, сабти овоз ва ғайра муҷаҳҳаз нестанд.

Бо мақсади раҳоӣ ёфтан аз мушкилоти мавҷуда ҷиҳати расонидани хизмати фарҳангӣ ба меҳнаткашони деҳот, кормандони идора ва шуъбаҳои фарҳанги як қатор шаҳру навоҳӣ аз ҳисоби воҳидҳои кории озоди клубҳои сайёр гурӯҳҳои хизматрасон ташкил намуда, нақлиёти шахсӣ ва давлатиро ба иҷора мегиранд, ки ин роҳи халосӣ нест. Айни замон таъмин кардани ҳар як шуъбаи фарҳанг ақалан бо як нақлиёт зарурат дорад ва ин кор бояд, пеш аз ҳама, роҳбарони ҳукуматҳои маҳаллиро ба андеша водор намояд [10].

Бо назардошти набудани имкониятҳо барои бунёди базаи моддию техникӣ, воҳидҳои кории клубҳои сайёр нигоҳ дошта, минбаъд дар ҳайати бригадаҳо ё гурӯҳҳои тарғиботӣ дар боби ба омма фаҳмонидани дастурҳои Сарвари давлат ва қарору қонунҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода карда мешаванд.Ҳамин тавр, дар назди шуъбаҳои фарҳанги шаҳру ноҳияҳои вилоят 14 гурӯҳи хизматрасонӣ фаъолият доранд, ки дар ҳайати онҳо санъаткорон шомиланд, баробари иштирок дар тамоми чорабиниҳои фарҳангии шаҳру ноҳия, ҳамзамон дар мавсимҳои муҳимми кор ба деҳоти ноҳияҳо сафар намуда, бо барномаҳои ҳунарӣ ба деҳқонон, чорводорон ва дигар сокинони деҳот хизмати фарҳангӣ мерасонанд. Албатта, таъсис ёфтани чунин гурӯҳҳои хизматрасонӣ дар назди шуъбаҳои фарҳанги шаҳру ноҳияҳо заминаи воқеӣ дорад, чунки аз соли 1993 инҷониб шуъбаҳои фарҳанги шаҳру ноҳияҳои вилоят бо нақлиётҳои махсус-клубҳои сайёр таъмин нашудаанд.

Дар ноҳияҳои кӯҳистони минтақаи Кӯлоб (Муъминобод, Ховалинг, Балҷувон, Ш. Шоҳин, Темурмалик) баъзе деҳаҳо аз маркази ноҳияҳо дар масофаи 60-70 километр воқеъ гардидаанд ва бо назардошти ҳамин масофа дар деҳаҳои дурдаст аз ҷониби шуъбаҳои фарҳанг, ки дар ихтиёри худ ягон навъи нақлиёт надоранд, баргузор намудани ин ё он

чорабинӣ ғайриимкон аст. Сабаби асосии аз фаъолият бозмондани клубҳои сайёр дар фаъолияти шуъбаҳои фарҳанги ин ноҳияҳо мебошад.

Яке аз сабабҳои дигари паст шудани хизматрасониҳои фарҳангӣ дар деҳот, ин ба савдо рафтани муассисаҳои фарҳангӣ мебошад. Дар замони Шӯравӣ аксарияти муассисаҳои маданӣ – равшаннамоӣ дар мувозинати хоҷагиҳо (колхоз ва совхозҳо) қарор доштанд, чунки ин муассисаҳо аз ҳисоби даромади хоҷагиҳо сохта мешуданд ва маоши кормандони онҳо низ аз ҳисоби хоҷагиҳо пардохт карда мешуданд. Баъди барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва ба даст овардани истиқлолият дар мамлакат хоҷагиҳо то соли 2000 – ум фаъолият менамуданд ва барои гузаронидани чорабиниҳои фарҳангӣ ёрии амалӣ мерасониданд. Дар натиҷаи ташаккул ёфтани хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) колхозу совхозҳо аз фаъолият бозмонда, аксарияти биноҳои муассисаҳои клубӣ ба ихтиёри хоҷагиҳои деҳқонӣ гузаштанд, ки ин раванд боиси аз фаъолият бозмондани аксарияти муассисаҳои фарҳангӣ гардид. Масалан, клуби деҳаи Булёни болои ноҳияи Данғара, клубҳои деҳаҳои Пистамазор, Маҳмадалӣ Ғаффор, Хоҷаисҳоқи ноҳияи Кӯлоб, МФВ - ноҳияи Фархор, клубҳои деҳаҳои Чашмасор, Буйдоқобод, Ҷавзодаро, Ғеш ва Ҳанатароши ноҳияи Муъминобод аз ҷониби хоҷагидорон ба савдо рафтанд [11].

Соли 2007 дар вилояти Хатлон аз 39 адад автоклуб ҳамагӣ 6 - адад дар ҳолати корӣ қарор доштанд. Мутаассифона, дар буҷети вилояти Хатлон барои харидории автоклубҳо ва библиобусҳо маблағ пешбинӣ нашудааст.[12]

Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар минтақаи Кӯлоб аз соли 2007 сар карда дар зарфи 10 соли охир аз ҳисоби Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва буҷаи мақомоти иҷроияи ҳокимиятҳои маҳаллӣ 2045588 сомонӣ ҷудо гардида, аксарияти муассисаҳои клубӣ таъмир ва азнавсозӣ гардиданд.Нисбати мустаҳкамгардонии заминаи моддӣ - техникии муассисаҳои фарҳангӣ корҳои зиёде анҷом дода шуд. Барои беҳтар гардонидани сифати гузаронидани чорабиниҳо дар зарфи 10 соли охир 462635 сомонӣ барои хариди таҷҳизот ва 305 210 сомонӣ барои хариди либоси саҳнавӣ барои муассисаҳои клуби минтақаи Кӯлоб ҷудо гардида буд. Вале бо вуҷуди ин, фаъолияти ин муассисаҳо дар минтақа назаррас нест.

Ҳамин тавр, дар соли 2018 дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон 131 муассисаи клубӣ фаъолият менамуданд, ки аз ин миқдор 40 адад қасрҳо ва хонаҳои фарҳанг, 82 адад клубҳои деҳот, 3 адад марказҳои фарҳангӣ – варзишӣ ва 6 адад клубҳои сайёрро ташкил медоданд. Дар муассисаҳои мазкур 299 маҳфил бо иштироки 2905 аъзо фаъолият намуда, дар соли 2018 5056 чорабиниҳои оммавӣ гузаронида шуданд, ки дар онҳо 778773 нафар иштирок намуданд. Аз шумораи умумии муассисаҳои клубӣ 43 адад таъмирталаб, 15 адад дар ҳолати садамавӣ қарор дошта, 12 адад умуман бино надоранд.

Дар ин давра дар муассисаҳои клуби минтақаи Кӯлоб 468 (100 %) нафар кормандон фаъолият менамуданд, ки аз ин миқдор 89 (19 %) нафар дорои маълумоти олии соҳавӣ, 35 (7, 5 %) нафар маълумоти олии ғайрисоҳавӣ 79 (16,9 %) нафар маълумоти миёнаи соҳавӣ, 31 (6,6 %) нафар маълумоти миёнаи ғайрисоҳавӣ ва 234 (50 %) нафар дорои маълумоти миёнаи умумӣ мебошанд. Яъне, дар ин давра дар муассисаҳои клубии минтақа 300 (64, %) корманд бо маълумоти ғайрисоҳавӣ ва аз ин шумора 234 (50 %) корманд бо маълумоти миёнаи умумӣ фаъолият мекарданд.

Бо назардошти вазъи имрӯза ва такмили минбаъдаи фаъолияти муассисаҳои клубии минтақа пешниҳодоти зеринро зарур мешуморем:

-тағийр додани сохтор ва самтҳои фаъолияти муассисаҳои клубӣ;

- баланд бардоштани базаи моддӣ-техникии муассисаҳои клубӣ;

- сохтмони муассисаҳои клубии замонавӣ, ки барои баргузории тамоми чорабиниҳои оммавию сиёсӣ мусоидат намоянд;

- зина ба зина аз таъмир баровардани муассисаҳои клубии деҳот;

- баланд бардоштани савияи дониши кормандони клубҳои деҳот тавассути ташкили курсҳои такмили ихтисос;

- манъ кардани раванди номатлуби ғасб, харид ё истифодаи ғайримақсадноки биноҳои муассисаҳои клубӣ;

- ҷалби сармоягузорони хориҷию ватанӣ баҳри дастгирии лоиҳаҳои инвеститсионӣ оид ба харидории таҷҳизот, асбобҳои мусиқӣ ва воситаҳои нақлиёт;

- муҷаҳҳаз намудани муассисаҳои клубӣ бо технологияи муосири иттилоотӣ, намоишӣ, рекламавӣ, саҳнавӣ, тақвияти овоз, равшанидиҳӣ ва ғайра;

- ба мувозинати шуъбаҳои фарҳанг гузаронидани муассисаҳои фарҳангии ҷамоатҳои деҳот;

- таъмин намудани муассисаҳои клубӣ бо мутахассисони соҳибтаҷриба.

Хулоса, густариш додани ҳамкориҳои тарафайн бо ташкилотҳои ёрирасони хориҷӣ ва истифодаи самарабахши технологияҳои нави иттилоотӣ, таъмини муассисаҳои клубӣ бо мутахассисони баландихтисос, беҳдошти вазъи иҷтимоию маишии кормандони соҳа ва саҳмгузории ҳукуматҳои маҳаллӣ ба ин муассисаҳо тақозои замони муосир мебошад.

**АДАБИЁТ**


1. Таджикистан за годы Советской власти: (Сб. ст. материалов). – Душанбе, 1967. – С. 181.
2. Сулаймони С. Клубные учреждения РТ в условиях рыночной экономики // Культура: проблемы и исследования / Исследовательский центр культуры и информации / С.Сулаймони. – Душанбе, 2001. – С. 46.
3. ТА МК РТ / Рекомендации отдела культуры и искусств об обеспечении культурных учреждений на 1996 г. – Л.1.
4. ТА МК РТ / Сообщение о деятельности культурных и творческих учреждений РТ за 2000 г. – Л.1.
5. ТА МК РТ // П.№ 15. Входящие документы за 1996 г. Предложение и рекомендации о деятельности клубов и библиотек.
6. ТА МК РТ // Сообщение о деятельности культурных учреждений РТ за 1993 и планы и перспективы на 1994 гг. – Л.2.
7. ТА МК РТ // Сообщение о деятельности культурных учреждений РТ за 1993 и планы и перспективы на 1994 гг. – Л.2.
8. Ҳисобот оиди фаъолияти идораи фарҳанги вилояти Хатлон ва муассисаҳои фарҳангии он.2005.- С6.
9. ТА МК РТ // Решение коллегии Министерства культуры РТ от 23 ноября 2005 г., №8/41. «О состоянии и перспективах деятельности передвижных клубов районов и городов.
10. Гузориш оид ба фаъолияти муассисаҳои фарҳангии шаҳри Кӯлоб, ноҳияҳои Москва, Восеъ ва Фархори вилояти Хатлон. 21. 08. 2002. – С. 8.
11. Қарори ҳайати мушовараи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.31. 05. 2005. -№ 4/16. - С 3.
12. Гузориши Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. 09. 10. 2007. -№ 1-03/2567. - С 7.



**МУАССИСАҲОИ КЛУБӢ: МУШКИЛӢ ВА МАСЪАЛАҲОИ ҲАЛТАЛАБИ ОН**

Дар мақолаи зерин ҷараёни инкишофи муассисаҳои клубии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон давра ба давра дарҷ гардидааст. Дар он бо мисолҳои мушаххас мушкилот ва масъалаҳои ҳалталаби ташаккулёбии ин муассисаҳо дар замони шӯравӣ ва даврони истиқлолият инъикос ёфтаанд. Ҳамчунин, пешниҳод бо мақсади беҳтар кардани фаъолияти ин муассисаҳо тавсияҳо шудаанд.

**Калидвожаҳо:** муассисаҳои клубӣ, қасри фарҳанг, клуби сайёр, маркази фарҳангӣ – варзишӣ, хонаи фарҳанг.

**КЛУБНЫЕ УЧРЕЖДЕНИЯ: ПРОБЛЕМЫ И ПУТИ ИХ РЕШЕНИЯ**

В данной статье поэтапно освещается динамика развития клубных учреждений Кулябского региона Хатлонской области. В ней на конкретных примерах отражено развитие этих учреждений в советскую эпоху и их проблемы в период независимости. Также даны конкретные примеры по районам региона и существенные рекомендации, с целю улучшения работы в данной области.

**Ключевые слова:** клуб, дворец культура, автоклуб, культурно – спортивный комплекс, Дом культуры.

**CLUB INSTITUTIONS: PROBLEMS AND THEIR SOLUTIONS**

In given article is in stages illuminated the dynamic of development club establishments in Kulob region of Khatlon province. In it on concrete examples reflected the development of these establishments in Soviet epoch and their problems at the period of independence. Also given advices for getting better the activities of these establishments

**Keyword:** club, Palace of culture, cultural-sport complex, autoclub, recreation centre.



**Сведения об авторе:** ***Шарифов Шухратджон Джумъаевич*** - Педагогический колледж Кулябского государственного университета, им. А. Рудаки, заведующий отделом науки**.** E-mail: Shuhrat-kulob@mail.ru Телефон: **918 – 30 – 90 – 04**

**Information about the author:** ***Sharifov Shukhratjon Dzhumaevich*** - Pedagogical College of Kulyab State University, named after A. Rudaki, Head of the Department of Science. E-mail: **Shuhrat-kulob@mail.ru** Phone: **918 - 30 - 90 - 04**



**УДК:620.16+643.6+651.838.8+022.727.8+025.3+024(575.3)**


# ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУОСИРИ ИТТИЛООТӢ-КОММУНИКАТСИОНӢ ДАР КИТОБХОНАҲОИ ТОҶИКИСТОН


***Комилов М.Ш.***

**Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АИ ҶТ**


Пайдоиши технологияҳои нави иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, бахусус компютерҳои фардӣ барои тайёрнамоӣ ва ҳифзу нигоҳдории нусхаҳои электронӣ, рушди китобчопкунии электронӣ ва ташаккули захираҳои ҳуҷҷатҳои электронӣ шароитҳои зарурироро фароҳам оварда, дар бунёди китобхонаҳои электронии анъанавӣ ва маҷозӣ заминаи воқеӣ гузошт. Яъне, бо истифода аз технологияҳои нави иттилоотӣ-коммуникатсионӣ имкони таъсиси китобхонаҳои электронии анъанавӣ ва маҷозӣ ба миён омад ва ин падида имкон дод, ки

хизматрасонии китобдорӣ беҳтару хубтар ба роҳ монда шавад ва эҳтиёҷи ба китоб ва умуман иттилоот доштаи хонандагон, новобаста аз вақту замон қонеъ гардад.

**Зери мафҳуми «китобхонаи электронии анъанавӣ»** мо китобхонаҳоеро дар назар дорем, ки дар захираҳои худ матни электронии китобҳои чопиро бо низоми муайян ва дастрас ба хонанда нигоҳ дошта, новобаста аз пайвастшавӣ ба шабакаи байналмилалии Интернет фаъолият менамоянд. Бахусус ин навъи китобхонаҳо баъд аз пайдоиши компютерҳо дар бештари китобхонаҳои муқаррарии мамлакат ташкил карда шуданд ва баъзе аз онҳо фаъолияти хуби хизматрасониро ба роҳ мондаанд.

**Зери мафҳуми «китобхонаи электронии маҷозӣ»** (вертуалӣ) китобхонаҳоеро дар назар дорем, ки бо шабакаи байналмилалии Интернет пайваст буда, дар захираҳои худ матни электронии китобҳои чопиро бо низоми муайян ва дастрас ба хонандаи дурдаст нигоҳ дошта, хизматрасонии фосилавиро ба роҳ мемонад. Ин навъи китобхонаҳо, асосан дар китобхонаҳое арзи вуҷуд доранд, ки он ҷо технологияҳои нави иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ба шабакаи байналмилалии Интернет пайваст мебошанд.

Пайдоиши китобхонаҳои электронии анъанавӣ ва маҷозӣ кормандони китобхонаҳои мамлакатро водор сохт, ки самтҳои асосии фаъолияти хешро ба вежагиҳои ҷомеаи иттилоотӣ бо дарназардошти истифодаи мақсадноки технологияҳои нави иттилоотӣ-коммуникатсионӣ мувофиқу созгор намоянд. Роҷеъ ба ин масъала аз ҷониби мутахассисони соҳа ақидаҳое пайдо шуданд, ки гӯё бо пайдо шудани технологияи нав ва китобхонаҳои электронӣ фаъолияти китобхонаҳои анъанавӣ қатъ меёбад. Албатта, ин ақида асоси воқеӣ надорад. Имрӯз бештари мутахассисон бар он ақидаанд, ки манбаъҳои иттилоотии чопӣ ва электронӣ дар алоқамандӣ бо ҳамдигар тавассути воситаҳои маъмул ва нави иттилоотӣ-коммуникатсионӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Агар фонди китобхонаҳои анъанавӣ ба ҳайси манбаи боэътимоди пайдоиши китобҳои электронӣ истифода шаванд, яъне истифодаи матни китобҳои чопӣ барои нашри китобҳои электронӣ, бахусус доир ба масоили таърих, илмҳои дақиқ ва дигар соҳаҳои дониш шароит муҳайё созанд, китобхонаҳои электронии маҷозӣ ба таври оҷилӣ ва новобаста аз мавқеи ҷойгиршавию нигоҳдории манбаъ дар паҳншавӣ ва мавриди истифода қарор додани он мусоидат менамоянд [3].

Албатта, истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ дар фаъолияти китобхонаҳо ва инкишофи низоми тарғиби электронии иттилоот (феҳристу картотекаҳо ва нашрҳои электронии дар CD-ROM ва дигар ҳомилҳои электронӣ сабтшуда, захираи ҳуҷҷатҳои электронии дар шабакаҳои дурдаст ҷойгиршуда ва захираи ҳуҷҷатҳои электронии китобхонаи электронӣ) имкон медиҳад, ки талаботи иттилоотии истифодабарандагон дар вақту замони мувофиқ қонеъ гардад ва онҳо ба навтарин дастовардҳои илмию фарҳангӣ ошно шаванд.

Ақидаҳое низ вуҷуд доранд, ки гӯё истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ба раванди хониши анъанавӣ ва хадамоти китобдорӣ таъсири манфӣ мерасонад. Масалан, таҳқиқоти сотсиологие, ки аз ҷониби равоншиноси Литсей-интернати Президентӣ барои кӯдакони болаёқати Ҷумҳурии Тоҷикистон Баҳрулло Саидов гузаронида шудааст, собит сохт, ки ба андешаи наврасон, омилҳои зерин боиси аз китобхонӣ дур шудани онҳо гаштааст: 70,6% - пурсидашудагон омили аз китобхонӣ дуршавиро дар тамошои телевизион ё фитаҳои (диск) гуногун арзёбӣ карданд. 18,2%-и дигар омили дуркунанда аз китоб робита ба шабакаи интернетиро меҳисобанд. 3,7%-и дигар омили дур шудан аз хондани китобро доштани телефонҳои мобилӣ медонанд. 7,4%-и омили ҷудошавиро аз китоб рафтан ба марказҳои компютерӣ арзёбӣ намуданд. Ба ақидаи муҳаққиқ, омилҳои асосии аз китобхонӣ дур шудани хонандагон ин вақти зиёд сарф кардани онҳо ба шабакаи интернетӣ, тамошои телевизион ва фитаҳои гуногун, телефони мобилӣ, беназоратии падару модар, миқдори зиёди сарбории таълимӣ, надоштани майлу рағбати шахсӣ, аз тарафи роҳбарони синф ва омӯзгорони фаннӣ водор накардан мебошанд [5].

Ба андешаи мо, барои мушаххас намудани зарар ва ё фоидаи маводи интернетӣ ба раванди хониши китобҳои чопӣ ва ё умуман ба раванди хизматрасонии китобдорӣ, саравал дар кадом сатҳ қарор доштани мазмуну муҳтаво, таъйиноту мақсади матни пешниҳодшуда ва муносибати хонандаро ба ин манбаи дониш, яъне Интернет муайян кардан ба мақсад мувофиқ аст. Илова бар ин, муҳим аст, ки ба эътимоднокӣ ва далелҳои илман асоснокёфтаи ҳар як маводи дар саҳифаҳои Интернет ҷойдодашуда таваҷҷуҳ зоҳир намуда, то кадом андоза барои истифода мувофиқ ва безарар будани ҳар як иттилоъ аниқ карда шавад.

Муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки дар саҳифаҳои Интернет маводҳое низ дарҷ мегарданд, ки аз нигоҳи бандубаст, масъалагузорӣ, таҳлилу баррасӣ ва тарзу услуби баён

ба талаботҳои маъмул ҷавобгӯй набуда, баръакс хонандаро ба иштибоҳ мебаранд ва маълумоти бардурӯғу иғвоангезро паҳн мекунанд, ки ин, албатта, ба нуфузу манзалати Интернет таъсири манфӣ мерасонад. Вақте ки сухан дар бораи нашри китобҳои электронӣ ва пахши онҳо тавассути Интернет меравад, мо бояд барои шаклгирию рушдёбии он шароитҳои заруриро муҳайё созем ва кӯшиш намоем, ки китобҳои электронӣ дар радифи китобҳои чопӣ дар ҷаҳонишавии хониш мавқеъ ва ҷойи худро ишғол намоянд ва мавриди истифодаи ҳамагон қарор гиранд. Бартарии китобҳои электронӣ нисбат ба китобҳои чопӣ дар он аст, ки онҳоро хонанда новобаста аз макони нигоҳдориашон ва замони истифодаашон метавонанд бе ягон мамоният дастрас карда, мутолиа намояд. Илова бар ин, пажӯҳишу дарёфти китобҳои электронӣ на он қадар вақти тӯлониро талаб мекунад ва эҳтиёҷоти хонанда ба ин намуди китобҳо сари вақт қонеъ мегардад [3, с.9].

Ба андешаи муҳаққиқон Н. Нуруллоев ва Ҳ. Шарифов, «технологияҳои навин китобҳои электрониро ба як системаи интерактивии мултимедӣ тартиб дода, истифодаи онҳоро васеъ менамоянд. Системаҳои интерактивӣ ба моделсозии объектҳои гуногун ва визуалӣ гардонидани он дар дохили китобҳои электронӣ бе истифодаи барномаҳои иловагӣ барои хонандагон ва ҳаводорони маводи электронӣ фазоеро ба вуҷуд меоранд, ки истифодабаранда пурра ба он ворид мегардад. Қисмати мултимедии маводи электронӣ имкони ба матни китобҳои электронӣ омехта сохтани тасвирҳои графикӣ, овоз, тасвирҳои ҳаракаткунандаи аниматсионӣ ва видеофайлҳоро фароҳам месозад» [4].

Барои бунёди китобхонаҳои электронӣ ва такмили захираи онҳо бо китобҳои электронӣ, дар тамоми муассисаҳои табъу нашри ҷумҳурӣ дар радифи нашри китобҳои чопӣ, нашри китобҳои электрониро ба роҳ мондан ба мақсад мувофиқ аст. Ин иқдоми наҷиб, аз як ҷониб, барои такмили мунтазами захираи китобхонаҳо мусоидат намояд, аз ҷониби дигар, барои бо теъдоди зиёд нашр шудану аз ҳисоби фурӯши онҳо фоидаи иловагӣ ба даст овардани нашриётҳо заминаи боэътимодро ба вуҷуд меорад. Масалан, агар нархи як нусха китоби чопӣ ба ҳисоби миёна аз 15 то 20 сомониро ташкил диҳаду ҳамагӣ 1000 ё 2000 нусха нашр шавад, диски китоби электронӣ метавонад бо арзиши аз 2 то 3 сомонӣ бо теъдоди аз 10 то 20 ҳазор нусха ба фурӯш бароварда шавад. Аз ин кор ҳам китобхонаҳо соҳиби теъдоди муайяни китобҳо мешаванд ва ҳам нашриётҳо имкони пардохти хароҷоти худро барзиёд иҷро мекунанд.

Ҷаҳонишавии фазои иттилоотӣ ва пайдоиши технологияҳои нави иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар назди китобхонаҳои анъанавӣ вазифаҳои нав гузошт. Акнун, «китобхонаҳо дар радифи иҷрои дархостҳои муқаррарии хонандагон чиҳати истифодаи фонди чопӣ боз мувазаф шудаанд, ки ҳамчун марказҳои фароҳамоварӣ, ҳифзу нигоҳдорӣ, тавлиду коркард ва тарғибу ташвиқи манбаъҳои электронии иттилоотӣ ба хонандагони маҷозӣ (вертуалӣ) хизмат расонанд ва бо дарназардошти вижагиҳои ҷомеаи иттилоотӣ ва дар рақобат бо дигар воситаҳои нави иттилоотӣ-коммуникатсионӣ шаклу усулҳои наву самарабахши хадамоти китобдориро мавриди истифода қарор диҳанд» [3, с.10].

Ворид шудани технологияҳои нави иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар фаъолияти китобхонаҳои мамлакат, албатта, баланд гардидани сатҳи дониши тахассусии кормандони китобхонаҳо ва тайёрии касбии онҳоро тақозо намуд. Вобаста ба ин, имрӯз аз ҳар як корманди китобхонаҳо талаб карда мешавад, ки дар радифи доштани дониши мукаммали тахассусӣ, боз донандаи хуби вежагиҳои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ бошанд ва ба ҳайси иттилоотшиносу иттилоотсоз, менеҷеру барномарез кор карда тавонанд. Хубу ҳамаҷониба донистани вежагиҳои истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва низоми тарғиби электронии иттилоот аз ҷониби китобдор, барои хубтару беҳтар роҳандозӣ намудани фаъолияти китобдорӣ имконоти бештареро фароҳам меорад. Қабл аз ҳама, истифодаи бамавриди технологияҳои муосири иттилоотӣ имкон медиҳад, ки захираҳои чопӣ ва электронии китобхона такмил ёбанд. Масалан, мумкин аст матни электронии маводи дар захира вуҷуд надоштаро нусхабардорӣ намуда, ба захираи асосӣ ҳамчун маводи чопӣ ворид созад, сари вақт эҳтиёҷоти хонандагони мухталифро оид ба ин ё он мавзӯъ қонеъ гардонад, барои таҳия ва интишори китобномаҳо ва созмондиҳию баргузории чорабиниҳои гуногуни оммавӣ низ истифода намояд.

Баъди солҳои 2000-ум дар фаъолияти китобхонаҳои калонтарини ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар фаъолияти Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ, Китобхонаи илмии марказии ба номи Индира Гандии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Китобхонаи оммавии ба номи Тошхӯҷа Асирии шаҳри Хуҷанд шаклҳои нави хадамоти китобдорӣ бо истифода аз технологияҳои нави иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ҷорӣ шуданд. Ин китобхонаҳо ҳамчун марказҳои илмӣ-методӣ барои китобхонаҳои мамлакат мувазаф шуданд, ки дар бунёду баистифодадиҳии аввалин китобхонаҳои электронии анъанавӣ ва маҷозӣ саҳмгузор бошанд. Масалан, соли 2006 дар сохтори

Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ шуъбаи автоматикунонӣ ва технологияи компютерӣ, захираи ҳуҷҷатҳои электронӣ ва рисолаҳои илмӣ, толори хониши адабиёти электронӣ, сомонаи интернетӣ (www.nlrt.tj) ва соли 2008 китобхонаи электронии маҷозӣ таъсис ёфта, ба фаъолият шурӯъ намуданд.

9 сентябри соли 2007 дар шаҳри Душанбе Китобхонаи муосири пойтахт бо 8 адад компютер, 25-ҷойи нишаст ва як толори нигоҳдории китобҳои бадеӣ ба фаъолият шурӯъ кард. Дар китобхона тамоми хизматрасониҳо ба таври ройгон роҳандозӣ шуда, шумораи китобҳои электронии китобхона беш аз 450 ҳазор ва китобҳои бадеӣ 10754 ададро ташкил медиҳанд. Барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти хонандагон дар радифи китобхонаҳои оммавии анъанавӣ ва электронӣ, нақш ва мақоми китобхонаҳои илмии донишкадаву донишгоҳҳо, коллеҷу литсейҳо ва дигар муассисаҳои таълимӣ низ назаррас мебошанд. Китобхонаҳои ин муассисот, бо дарназардошти таъйинот ва вазифаҳои худ бештар дар тарғиби адабиёти илмӣ, таълимӣ ва методӣ саҳм мегиранд ва тавассути сомонаҳои интернетии худ таваҷҷуҳи наврасону ҷавононро бештар ба омӯзиши амиқи фанҳои таълимӣ ва адабиёти марбут ба соҳаҳои мухталифи дониш ҷалб менамоянд.

Барои таҳлили мазмуну муҳтавои сомонаҳои интернетии донишкадаву донишгоҳҳои ҷумҳурӣ ва ҳамзамон муайян намудани нақшу мақоми онҳо дар тарғибу оммавигардонии маҷмӯи донишҳои илмӣ мо зарур донистем, ки ба веб-сайтҳои ин муассисаҳо муроҷиат намоем. Масалан, Китобхонаи илмии Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон соли 1996 баъди ифтитоҳи донишгоҳ ба фаъолият шурӯъ кардааст. Захираи китобхона беш аз 106000 нусха адабиёти таълимӣ, илмӣ, маълумотдиҳанда ва бадеиро ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва хориҷӣ ташкил медиҳад. Дар таркибии захираи китобхона нашрҳои электронӣ низ шомиланд, ки қисми асосии онро матнвораҳои нашри таълимӣ оид ба фанҳои дар донишгоҳ омӯхташаванда ва адабиёти таълимии аз ҷониби устодон интишорёфта ташкил медиҳанд. Китобхона дорои ду толори хониши электронӣ мебошад. Вазифаи оҷилан пайдо намудани иттилооти зарурӣ аз захираҳои китобхона барои хонандагон ба дастгоҳи маълумотӣ-пажӯҳишии анъанавӣ ва электронӣ вогузор карда шудааст. Феҳристи электронӣ дорои 36 ҳазор навиштаҷоти библиографӣ мебошад. Ҳаҷми умумии захираҳои Китобхонаи электронии донишгоҳ то 1 январи соли 2018 1 миллиону 772 ҳазору 671 нусхаро ташкил медиҳад. Дар фаъолияти китобхона ҷараёни татбиқи технологияҳои нави иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар асоси низоми худкори китобдорӣ-иттилоотии «ИРБИС» роҳандозӣ шудааст. Дастёбӣ ба манобеи иттилоотии электронӣ барои иҷрои корҳои мустақилона ва илмӣ-таҳқиқотӣ дар шабакаи дохилии Донишгоҳ ва шабакаи байналмилалии Интернет тавассути ҷойгоҳҳои худкори корӣ дар толорҳои хониши электронӣ, ташкил карда шудааст. Ҳамзамон, хонандагони муқимии китобхона бо истифода аз ин толорҳои хониши электронӣ имкони дастёбӣ ба манобеи зерин доранд: низоми электронӣ-китобдории «Лань» (www.e.lanbook.com); низоми электронӣ-китобдории «БиблиоРоссика» (www.bibliorossica.com); захираи универсалии додаҳо «East View» (http://www.eastview.com); системаи китобдорӣ-электронии IPRbooks (http://www.iprbookshop.ru), маркази иттилооти ҳуқуқии «Адлия» (http://www.adlia.tj); хулосаи ВАО «Polpred.com» (http://www.polpred.com) [1].

Китобхонаи илмии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино баъди солҳои 2000-ум ҷиҳати гузаштан ба тарзи нави хизматрасонӣ бо истифода аз технологияҳои нави иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, татбиқи низоми худкори равандҳои китобдорӣ-иттилоотӣ, ташкили захираҳо ва феҳристҳои электронӣ кӯшиш ба харҷ дод. Дар китобхона низоми таъмини иттилоотии истифодабарандагон бо истифода аз дастгоҳи маълумотӣ-библиографӣ ва базаи маълумотҳои компютерӣ ташкил карда шуд. То оғози фаъолияти Китобхонаи электронӣ (с. 2007) унвонҷӯён ва аспирантон аз пойгоҳи маълумотҳои пурраматни Шпрингер, EBSKO, тибқи бурси Айрекс истифода мекарданд. Тайи солҳои 2007-2008 ба фонди китобхонаи илмии донишгоҳ аз тарафи барномаи тандурустии Дафтари ҳамкорӣ ва рушди Швейтсария 11989 нусха ба маблағи 1.229.170 сомонӣ адабиёти таълимии нодир аз Федератсияи Россия харидорӣ карда шуд. Соли 2008 аз тарафи Маркази идораи Лоиҳаи системаи тандурустии Бонки Рушди Осиё 2253 нусха ба маблағи 171000 сомонӣ адабиёти таълимӣ ворид гардидааст. Китобхонаи электронӣ бо 70 компютер таҷҳизонида шуда, ба шабакаи Интернет васл карда шудааст. Китобхона дорои пойгоҳи маълумотҳои иттилоотии ҳуқуқии «Адлия», китобхонаи тиббии электронӣ, китобҳои дарсии мултимедӣ мебошад. Фонди китобхонаи электронӣ беш аз 7000 (дар ҳаҷми 15,438 ГБ- 42629 файл) нусхаро ташкил медиҳад. Илова бар ин, мувофиқи талаботи Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ варианти электронии лексияҳои муаллимони донишгоҳ (дар ҳаҷми – 4,71 ГБ, иборат аз 3334 файл) дар компютерҳои китобхона ҷамъ оварда шудааст, ки аз он дар як рӯз то 200 нафар хонанда дар китобхонаи электронӣ истифода

мебаранд [2]. Соли 2017 фонди электронии китобхонаи мазкур 237 ҳазору 68 нусха адабиётро ташкил медод.

Китобхонаҳои электронӣ дар дигар донишгоҳҳову донишкадаҳои мамлакат таъсис ёфта, ҷиҳати қонеъ намудани талабу дархости хонандагон бо адабиёти электронӣ ва дигар воситаҳои нигоҳдориву пахши иттилоот саҳм гирифтанд. Аз ҷумла, китобхонаҳои электронӣ, масалан соли 2006 дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ва Донишгоҳи Осиёи Марказӣ, соли 2008 дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ ва Донишгоҳи шаҳри Хоруғ, солҳои минбаъда дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Донишкадаи молия ва иқтисодии Тоҷикистон, Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров ва дигар макотиби олии кишвар ташкил шуда, ба фаъолият шурӯъ карданд. Ҳамин тавр, таҳлили фаъолияти китобхонаҳои электронии анъанавӣ ва маҷозии китобхонаҳо ва муассисаҳои таълимӣ нишон дод, ки новобаста аз камбудиву норасоиҳои ҷойдошта, онҳо ҳамчун марказҳои муҳимми муосири ҷамъоварӣ, ҳифзу нигоҳдорӣ ва истифодаву тарғиби адабиёти гуногунсоҳа то андозае мусоидат намуданд. Истифодаи технологияҳои нави иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар фаъолияти ташкилоту муассисаҳо барои пайдоиши китобхонаҳои электронӣ замина муҳайё сохт.

Китобхонаҳои электронӣ имконоти дастёбии хонандагони маҷозиро ба адабиёти ниёзи хониш, новобаста аз мавзеи ҷойгиршавиашон ва вақту замони истифодаашон таъмин намуда, дар раванди ҷаҳонишавии хониши адабиёти электронӣ саҳм гузоштанд.

Рушди китобхонаҳои электронӣ, аз як ҷониб, барои такмили фонди ягонаи электронии китобхонаҳои мамлакат мусоидат намояд, аз ҷониби дигар, ҳамчун китобхонаҳои мустақили электронии шахсони ҳуқуқӣ метавонанд эҳтиёҷоти ҷомеаро ба ин ё он намуди манбаъҳои иттилоотӣ қонеъ гардонанд.

Чуноне ки таҳлил нишон дод, то кунун на ҳамаи ташкилоту муассисаҳо аз имконоти мавҷудаи хеш дуруст истифода мекунанд. Баъзе аз онҳо барои ташкили китобхонаҳои электронӣ ягон тадбир ҳам наандешидаанд. Масалан, то имрӯз на ҳамаи мактабҳои олии кишвар дорои сомонаҳои интернетӣ мебошанд ва ё технологияҳои нави иттилоотӣ-коммуникатсионии мавҷударо мувофиқи мақсад истифода мебаранд.

Мутаассифона, на ҳамаи китобхонаҳои электронӣ дорои дастгоҳи маълумотӣ-пажӯҳишӣ мебошанд, яъне феҳристу картотекаҳои электронӣ ва нашрҳои маълумотдиҳиву библиографӣ доранд. Илова бар ин, ҳангоми рақамигардонии китобҳои чопӣ на ҳамаи унсурҳои библиографӣ, ба инобат гирифта мешаванд. Матни электронии баъзе китобҳо бе нишон додани маълумотҳои зарурӣ дар бораи муаллифону мураттибон, рассомону таҳиягарон, ҷойи нашру соли барориш ва саҳифаву қисми китобҳо пешниҳод мешаванд.

Барои ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта ва ҳамзамон тақвият бахшидан ба фаъолияти китобхонаҳои электронӣ, ба андешаи мо, ҳалли чунин масоил зарур мебошад:

- дар қонунгузории ҷорӣ муайяну мушаххас намудани ҷойгоҳи китобхонаҳои электронӣ ҳамчун марказҳои ҷамъовариву коркард, гурӯҳбандиву тавсифнигорӣ, нигоҳдориву тарғиби манобеи электронӣ;
- таҳия намудани Модели китобхонаи электронӣ бо дарназардошти талаботи ҷомеаи иттилоотӣ;
- таъмин намудани китобхонаҳои электронӣ бо дастгоҳи маълумотӣ-пажӯҳишӣ (системаи феҳристу картотекаҳои электронӣ ва захираи нашрҳои маълумотдиҳӣ-библиографии электронӣ);
- дар фаъолияти муассисаҳои интишоротии мамлакат дар радифи нашри китобҳои чопӣ ба роҳ мондани нашри ҳатмии китобҳои электронӣ;
- нишон додани сарчашмаҳои аслии маводи электронишуда дар нашрҳои электронӣ.

## АДАБИЁТ


1. Библиотека [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: www.rtsu.tj
2. Китобхонаи Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯали ибни Сино [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: **https://tgmubibl.wordpress.-com /2010/11/01/китобхона/**
3. Комилзода Ш. Ташаккули фарҳанги китобдорӣ-иттилоотии хонандагон: Дастур барои китобдорон / Ш. Комилзода. – Душанбе: Истеъдод, 2012. – С. 7-8.
4. Нуруллоев Н. Китобҳои электронӣ / Н. Нуруллоев, Ҳ. Шарифов // Омӯзгор. – 2006. – 3 июн.
5. Саидов Б. Ҷавонон ва китоб / Б. Саидов // Омӯзгор. – 2016. – 27 май.


## ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУОСИРИ ИТТИЛООТӢ-КОММУНИКАТСИОНӢ ДАР КИТОБХОНАҲОИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақолаи мазкур масоили истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар фаъолияти китобхонаҳои оммавӣ ва китобхонаҳои илмии макотиби олии ҷумҳурӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Муаллиф фаъолияти як қатор китобхонаҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла Китобхонаи миллии

Тоҷикистон, Китобхонаи муосири пойтахт, Китобхонаи илмии Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон ва Китобхонаи илмии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Синоро дар самти ҷорӣ намудани шаклҳои нави хизматрасонии китобдорӣ бо истифода аз технологияи нави иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва дар фаъолияти китобхонаҳо роҳандозӣ кардани низоми худкори равандҳои китобдорӣ-иттилоотӣ, ташкил намудани захираҳо ва феҳристҳои электронӣ таҳлил намуда, таҷрибаи муфиди фаъолияти онҳоро хуб арзёбӣ кардааст. Ба андешаи муаллиф, истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар фаъолияти китобхонаҳо ва дар ин робита инкишофи низоми ҷамъоварӣ, коркард, гурӯҳбандӣ, нигоҳдорӣ ва тарғиби электронии иттилоот имкон медиҳад, ки талаботи иттилоотии истифодабарандагон дар вақту замони мувофиқ қонеъ гардад. Муаллиф бо истифода аз таҷрибаи муфиди китобхонаҳои мамлакат кӯшиш ба харҷ додааст, ки вежагиҳои созмондиҳӣ ва мудирияти фаъолияти китобхонаҳои электронии анъанавӣ ва маҷозиро муайян намояд. Ба андешаи муаллиф, китобхонаи электронии анъанавӣ метавонад новобаста аз пайвастшавӣ ба шабакаи байналмилалии Интернет дар захираҳои худ матни электронии китобҳои чопиро бо низоми муайян ва дастрас барои хонанда нигоҳ дошта, фаъолияти китобдориро ба роҳ монад. Китобхонаи электронии маҷозӣ бошад, дар захираҳои худ навъи гуногуни китобҳои электрониро бо низоми муайян ва дастрас барои хонандаи дурдаст нигоҳ дошта, хизматрасонии фосилавиро ба роҳ мемонад ва ба шабакаи байналмилалии Интернет пайваст аст.

**Калидвожаҳо:** технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, шабакаи байналмилалии Интернет, ҳуҷҷати электронӣ, китоби электронӣ, китобхонаи электронии анъанавӣ, китобхонаи электронии маҷозӣ, хонанда, хадамоти китобдорӣ.

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ СОВРЕМЕННОЙ ИНФОРМАЦИОННО-КОММУНИКАЦИОННОЙ ТЕХНОЛОГИИ В БИБЛИОТЕКАХ ТАДЖИКИСТАНА

В статье обобщены вопросы использования новой информационно-коммуникационной технологии в деятельности массовых библиотек и научных библиотек вузов республики. Автор, обобщая деятельность ряда библиотек страны, в том числе Национальной библиотеки Таджикистана, Современной столичной библиотеки, Научной библиотеки Российско-Таджикского (славянского) университета, Научной библиотеки Таджикского государственного медицинского университета имени Абуали ибни Сино, анализирует процесс внедрения новых форм библиотечного обслуживания в деятельность этих библиотек с использованием новой информационно-коммукационной технологии, внедрения автоматизированных библиотечно-информационных систем и создания электронных фондов и каталогов. По мнению автора, использование современной информационно-коммуникационной технологии в деятельности библиотек и, в этой связи, развитие системы сбора, обработки, групировки, хранения и электронной пропаганды информации, предоставляет возможность потребителям в удобное для них время удовлетворять свои информационные потребности. Автор на основе изучения передового опыта библиотек страны выясняет особенности организации и управления деятельностью традиционных и виртуальных электронных библиотек. По его мнению, традиционная электронная библиотека имеет возможность, независимо от присоединения к международным сетям Итернет, располагать в своих фондах электронные тексты печатных книг по соответствующим правилам, доступным читателям и предоставлять библиотечное обслуживание. А виртуальная электронная библиотека, которая подключена к сети Интернет, располагает в своих фондах разными видами электронных книг и, посредством дистанционного обслуживания, обеспечивает отдалённому читателю доступ к фонду.

**Ключевые слова:** информационно-коммуникационная технология, международная сеть Интернет, электронный документ, электронная книга, традиционная электронная библиотека, виртуальная электронная библиотека, читатель, библиотечное обслуживание.

## THE USE OF MODERN INFORMATION AND COMMUNICATION TECHNOLOGIES IN THE LIBRARIES OF TAJIKISTAN

The article summarizes the issues of using new information and communication technology in the activities of public and research libraries of universities of the country. The author, summarizing the activities of a number of libraries in the country, including the National Library of Tajikistan, the Modern Capital Library, the Scientific Library of the Russian-Tajik Slavonic University, the Scientific Library of the Tajik State Medical University named after Abu Ali Ibn Sino, analyzes the process of introducing new forms of library services into these libraries using new information and communication technology, the introduction of automated library and information systems, electronic funds and catalogs. According to the author, the use of modern information and communication technology in the activities of libraries and, in this regard, the development of a system for collecting, processing, grouping, storing and electronic propaganda of information, provides an opportunity for consumers to meet their information needs at a convenient time for them. The author, on the basis of studying the best practices of libraries in the country, clarifies the features of the organization and management of the activities of traditional and virtual digital libraries. In his opinion, the traditional electronic library has the ability, regardless of the accession to the international Internet networks, to have in its collections electronic texts of printed books according to the relevant rules, accessible to readers and to provide library services. A virtual electronic library, which is connected to the Internet, has in its collections different types of electronic books and, through remote maintenance, provides the remote reader with access to the fund.

**Keywords**: information and communication technology, international, Internet, electronic document, electronic book, traditional library, virtual electronic library, reader, library service.

**Сведения об авторе:** ***Комилов Мехроч*** - Институт истории, археологии и этнографии им. А. Дониша АН РТ, аспирант. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Рудаки 33.Телефон: **985-93-23-43**

**Information about the author:Komilov Mekhroj -** Institute of History, Archeology and Ethnography. A. Donisha, Academy of Sciences of the Republic of Tatarstan, post-graduate student. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Street 33. Phone: **985-93-23-43**

УДК 1-363

# ОБЩЕСТВЕННО-ИСТОРИЧЕСКАЯ СУЩНОСТЬ СПОСОБНОСТЕЙ В ТВОРЧЕСТВЕ Г.ГЕГЕЛЯ

*Аминов Ф.А. Рахмонова Б.А.*
**Таджикский национальный университет**

Учение о деятельных способностях и их потребностном происхождении занимает существенное место в наследии Г. Гегеля. Гегель гораздо более последовательно своих предшественников освещает способностей и исследует их как возникшие из исторической необходимости собственно человеческие потребности и деятельность. В наследии Гегеля человеческие способности и качества теснейшим образом связаны с потребностями, интересами и процессом жизнедеятельности и творчества самого человека как «рода».

Общеизвестно, что Гегель – один из известнейших мыслителей, который стремился человеческую деятельность рассматривать вне теологических и биологических интерпретаций и только в качестве ведущего фактора общественного прогресса.

Один из исследователей наследия Гегеля А. Н. Каримский пишет: «Философия истории Гегеля – одна из первых нетеологических попыток подвести под деятельность личности в истории».[8.с.144-145] Человеческая деятельность разворачивается на основе исторической необходимости и имеет социальную и потребностную сущность. Для Гегеля вся человеческая история деятельностна и совершается ради прогресса. Правда, в раннем наследии Гегеля («Феноменология духа») человеческая деятельность рассматривалась им как самореализация абсолютного духа, однако в последующих его произведениях, в которых рассматривается проблема деятельности и способностей, абсолютный дух все тускнеет, а преобразующая деятельность человека как историческая необходимость и потребность самого человека выразительнее характеризуется. Следовательно, проблема деятельностных и потребностных способностей в «Философии права», «Философии истории» все более освобождаются от диктата абсолютного духа, а их автор, как один из исследователей этой проблемы начинает все больше отстаивать теорию деятельных способностей. Там, где есть человек, там его способности все больше приобретают деятельностный, потребностный и исторический характер. Все сущностные силы человека, особенно его способности, формируются деятельностно. Психологическая концепция развития общества, которая сковывает и подчиняет исторические процессы общественной деятельности психологическим факторам, стала предметом критики Гегеля. Можно сказать, что Гегель стоял в первых рядах тех, кто боролся против психологизации общественных процессов и явлений. В работе «Отчеты сословного собрания королевства Вюртемберга» (1817) Гегель писал: «Ещё недавно, согласно имевшей широкое распространение психологической точке зрения на историю, наибольшее значение придавалось так называемым тайным пружинам и намерениям отдельных индивидов, анекдотам, субъективным влияниям. Однако в настоящее время… история вновь стремится обрести свое достоинство в изображении природы и хода развития субстанционального целого, в понимании характера исторических личностей на основании того, что они делают» [1,с.430]. Характер исторических личностей в действительности формируется и берет свое начало в их деятельности и исторической неизбежности их эпохи и открывает путь к общественно–историческому прогрессу. Человеческие способности и качества формируются не в собственно психологической сфере, а в процессе жизненной практической деятельности людей, исторические личности выражают облик человека определенной исторической эпохи и присущие ей общественные отношения. В трудах Гегеля наблюдается мысль о том, что человек, наращивая и развивая свои способности и потребности, тем самым ускоряет и активизирует собственную социальную деятельность не минуя, а в пределе личной целостности присоединяется к рациональному творчеству своей собственной жизнедеятельности. В работах Гегеля можно наблюдать мысли о гармоническом развитии способностей и потребностей. Его высказывание «… каждый человек будет ориентироваться на потребности другого…», «Нужда открывает конечность», «Из права нужды проистекает благодеяние…» и т. д (из «Философии права») свидетельствует о комплексной связи потребностей и способностей человека.«Проблема гармонической личности в трудах Гегеля предстает как проблема всестороннего и универсального освоения индивидуумом духовной культуры человечества» [7, с.20].

В начале XIX века анатомо–биологические взгляды о способностях человека были широко распространены и Гегель, споря со сторонниками биологизации способностей, расценивал выведение способностей из головного черепа, телесной конституции и физиономии человека как несостоятельное. Еще в «Феноменологии духа» Гегель резко критикует тех, кто в головном черепе ищет свойства и качества человеческих способностей и подчеркивает, что череп напоминает лишь о себе, особенности и качества человека можно объяснить лишь исходя из процесса его действования: «…черепная кость сама по себе есть столь равнодушная, наивная вещь, что непосредственно в ней нельзя усмотреть и под ней подразумевать что – либо иное, кроме лишь ее самой; она напоминает, правда о мозге и его определенности, о черепе другой формации, но не о каком – либо сознательном движении, так как на ней не запечатлены ни мимика и жест, ни что – либо, что давало бы знать о происходящем от сознательного действования» [3, с.178]. В антропологической философии Гегеля человеческие способности имеют потребностно – деятельностный характер и необходимо – историческое происхождение. Вне общественных отношений и совместной деятельности отдельно взятый индивид, вне общения, распределения, конкуренции, общественного разделения труда не может приобрести и своей индивидуальной самостоятельности и самодеятельности. «В этом промышленном обществе, в котором каждый использует всех других и конкурирует с ними – нет человека, который сохранил бы свою самостоятельность и не был бы опутан бесконечной сетью зависимости от других людей» [4, с.270]. Человек есть сознательное социальное существо, его деятельность сознательно- целенаправленная. Именно в процессе общественного разделения труда люди приобретают различные профессии и занятия и справедливо одна из исследователей творчества Гегеля Г. Б. Шайхмухамбетова обращает внимание на такой взгляд Гегеля по поводу профессиональных способностей: «В «Пропедевтике» профессия – обозначена как «призвание». Этим Гегель хочет подчеркнуть отношения человека к избранной им деятельности как к делу своей жизни в качестве разумного существа» [10,с.77]. Развитие общественного производства и общественного разделения труда определяют социальное положение индивидов и различных социальных групп. А способности приобретают свою определенную направленность в различных профессиях и занятиях и совершенствуются в них. Мысль Гегеля: «благодаря различных занятий, возникли разные сословия» [2, с.188] следует понимать в том смысле, что способ деятельности людей, их общественное производство есть основное условие многообразия и дифференциации их способностей. Профессионально приобретенные способности развиваются, совершенствуются и будут обладать определенным статусом деятельных способностей только в определенной сфере деятельности и профессии. Они не имеют до - и внедеятельного происхождения и предназначения. Они не передаются от поколения к поколению биологической наследственностью, и достаются людям путем обучения, воспитания, профессионализируются только в процессе индивидуальной и общественной жизни и деятельности людей. В Древнем Египте широкое распространение глазных болезней привело к увеличению врачей по глазным болезням и здесь, по сравнению с другими странами, выработались более высокие и совершенные методы лечения глазных болезней. Гегель, анализируя процесс формирования профессиональных способностей в Древнем Египте, пишет: «…египетские глазные врачи, которые были необходимы вследствие распространенности глазных болезней в Египте, славились своим искусством» [2, с.235]. Человеческие способности имеют деятельностно – потребную сущность, черпают свое содержание из глубин потребностей, в процессе удовлетворения последних приобретают соответствующие направления и совершенствуются. Потребности и интересы людей, с точки зрения Гегеля, определяют их действия и поведение. «Ближайшее рассмотрение истории убеждает нас в том, что действия людей вытекают из их потребности, их страсти, их интересов, их характеров и способностей и притом таким образом, что побудительными мотивами в этой драме являются лишь эти потребности, страсти, интересы и лишь они играют главную роль» [2,с.74]. Потребности в понимании Гегеля – это побудительные силы действий и деятельности людей, включают в себя развлечения, страсти, интересы, мотивы. Будучи реализованными, приобретают такие силы, что их никаким морализаторством нельзя остановить, « … страсти, своекорыстные цели, удовлетворение эгоизма имеют наибольшую силу; сила их заключается в том, что они не признают никаких пределов…»[2,с.74]. Эти силы возникают из неминуемости, неизбежности жизненной потребности, и открывают себе дорогу в жизни, могут иметь место только в исторической, деятельностной жизни человека.

Исторический прогресс берет свое начало не в анатомо – физиологическом существе человека, не есть какой-то бесцветный и непротиворечивый мертвый процесс, наоборот, все его противоречия, интересы и потребности возникают из глубин самой истории, из реальных

исторических возможностей и условий. Имея в виду эту точку зрения Гегеля, один из исследователей его наследия А. В. Гулыга пишет: «История идет вперед в силу необходимости. Учение об исторической необходимости не приводило, однако, Гегеля к фаталистическим выводам. …он был далек от взгляда на историю как на автоматический процесс, где люди выступают лишь в роли марионеток» [5, с.150]. Действительно, мировая история не есть автоматический процесс управления марионетками. Но все же Гегель не мог в объяснении потребностей, деятельности и способностей окончательно отречься от Идеи. «Основа великого ковра развернутой перед нами всемирной истории составляет идея, а утком являются человеческие страсти» и точкой соприкосновения идея и мечты «является нравственная свобода в государстве»[2.с.77]. Гегель освобождение людей связывает с их свободной общественной деятельностью, что является главным способом развития человеческих способностей. Он не признает способности психологическим достоянием, и индивидуальность способности он объясняет как воплощение в отдельных индивидах исторических и общечеловеческих способностей и такую позицию Гегеля справедливо поддерживает Э. Ильенков: «В потенции каждый индивид универсален, т. е. содержит «в себе» всю полноту развития всеобщих способностей» [6, с.378]. Следует напомнить, что из числа советских исследователей лишь Э. Ильенков в своей книге «Философия и культура» кратко комментирует проблему способностей в творчестве Гегеля. Человек свои способности вырабатывает в процессе жизненных преобразований, точно также как в этом же процессе удовлетворяет свои потребности: «…Согласно Гегелю, человеческие существа удовлетворяют свои потребности в рамках экономических структур современного индустриального общества» [9, с.34], - утверждает Т. Рокмор. Удовлетворение мотивов, нужд, интересов и потребностей осуществляется в процессе общественной деятельности, и человеческие способности формируются и развиваются в этом же процессе. Вообще – то проблема деятельностных способностей, адекватных историческим потребностям, в наследии Гегеля требует **отдельного исследования, и автор в дальнейшем намерен продолжить такое исследование.** Традиция изучения сущностных сил человека, особенно деятельных способностей в произведениях социологов, культурологов, психологов и антропологов развивалась еще в XIX веке.


**ЛИТЕРАТУРА**

1. Гегель Г. В. Ф. Отчеты сословного собрания королевства Вюртемберга Монография / Г. В. Ф. Гегель // Работы разных лет. -М.: Мысль. 1972. –Т. 1. -С. 43.
2. Гегель Г.В.Ф. Философия истории. Монография / Г.В.Ф. Гегель. -М.: Наука, 1990. -С. 77.
- основными принципами продвижения социально-значимого проекта являются узнавание и напоминание, адресность и дифференцированность социально-значимого сообщения, интерактивность и определение масштаба коммуникации;

- реализация PR-технологии в учреждениях культуры обладает рядом специфических черт, включает связи с «властными структурами», определение целевой аудитории, взаимовыгодное сотрудничество с представителями бизнеса, тесное сотрудничество со СМИ в ходе продвижения основных идей социально-значимого проекта.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Артефакт event company: Официальный сайт [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://artefakt.company (дата обращения: 12.05.2018).

2. Новаторов, В.Е. Маркетинг в социально-культурной сфере / В.Е. Новаторов. – Омск, 2005. – 263 с.
3. Министерство культуры, по делам национальностей и архивного дела Чувашской Республики: Официальный сайт. – [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://gov.cap.ru/SiteMap.aspx?_gov_id=12&id=48971 (дата обращения: 11.05. 2018).
4. Ожегов, С. И. Толковый словарь русского языка 80000 слов и фразеологических выражений / С. И. Ожегов, Н. Ю Шведова; Российская академия наук. Институт русского языка им. В. В. Виноградова. – 4-е издание. – Москва : ООО «ИТИ Технологи», 2006. – 944 с.
5. Поливаев, О. И. Менеджмент в сфере культуры: учебное пособие / О. И. Поливаев. – Санкт-Петербург: Планета Музыки, 2009. – 544 с.
6. Котлер, Ф. Маркетинг и менеджмент / Ф. Котлер. – 11-е изд. – Москва: ВИРА-Р, 2004. – 357 с.
7. Котлер Ф. Основы менеджмента / Ф. Котлер; перевод с английского. – Москва: Вильямс, 2015. – 496 с.
8. Шекова, Е. Л. Менеджмент и маркетинг в сфере культуры: Практикум / Е. Л. Шекова. – Санкт-Петербург: Лань, 2012. – 160 с.
9. Шмит, Б. Бизнес в стиле шоу. Маркетинг в культуре впечатлений / Б. Шмит, Д. Роджерс, К. Вроцос; пер. с англ. – Москва: Вильяме, 2005. – 405 с.
10. Эванс Дж., Берман Б. Маркетинг / Дж. Эванс, Б. Берман; пер. с англ. – Москва: СИРИН, 2002. – 308 с.

## МАХСУСИЯТИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МАРКЕТИНГӢ ДАР БОЗОРИ ХИЗМАТГУЗОРИҲОИ ФАРҲАНГӢ – ФАРОҒАТИИ ҶУМҲУРИИ ЧУВАШИЯ

Дар мақола тавсифоти моҳиятӣ – мазмунии технологияҳои маркетингӣ дар бозори хизматгузориҳои фарҳангӣ – фароғатӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар мисоли ширкатҳои давлатӣ, ғайридавлатӣ, тиҷоратӣ, хусусӣ пешбарии хизматгузориҳои маркетингӣ дар шароитҳои муосиртаҳлил гардида, мавҷудияти талабот ба онҳо мухтасар ифода карда шудаанд, чунки сабаби асосии маркетингии онҳо дар соҳаи фарҳангпешбурди маҳсулот ба ҳисоб меравад. PR – технологияҳо ва технологияҳои рекламавӣ ҳамчун воситаи пешбарандаи хизматгузориҳо таҳлил карда шуда, инчунин махсусияти технологияҳои маркетингии бозори хизматгузориҳои фарҳангӣ – фароғатӣ дар Ҷумҳурии Чувашия ошкор карда шудааст. Махсусиятҳои татбиқи технологияҳои маркетингӣ дар шароитҳои минтақа ошкор гардидаанд Намунаи он аввалин ширкати Артефакт мебошад, ки фаъолияти худро дар Ҷумҳурии Чувашия мегузаронад ва истилоҳи event-marketing (маркетинги рӯйдодӣ) хеле бомуваффақона татбиқ намудааст. Фаъолияти Артефакт event company-ро аз нуқтаи назари технологияҳои маркетингӣ омӯхта, мо ошкор намудем, ки ин ширкат бечунучаро пешбарандаи бозори хизматгузориҳои фарҳангӣ – фароғатии минтақа мебошад ва сатҳи чунин хизматгузориҳоро дар ҷумҳурӣ боло мебарад. Бо туфайли заминаи бузурги захиравӣ, маҳорати пешбурди стратегияҳои маркетингӣ, омӯзиши аудиторияи мақсаднок ва таъсиррасонии моҳирона ба он, ин ширкат тавонист бовариро ба даст орад, ки мақсади асосии таблиғот ба шумор меравад. Таҷриба нишон медиҳад, ки имиҷи дуруст ба роҳ мондашудаи ширкати Артефакт ва фарҳанги корпоративии ташаккулдодаи онҳо ба намояндагони он имконият медиҳад, ки чорабиниҳои фарҳангӣ – фароғатии миқёс ва самташон гуногунро ташкил намоянд. Ҳамин тариқ, чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки агар барои истеъмолгар доимо дар бораи худ ва пешниҳодоти худ ёдрас нанамоӣ онҳо албатта аз хизматгузориҳои рақибонатон истифода хоҳанд кард.

**Калидвожаҳо:** маркетинг, технология, бозор, хизматгузориҳо, ширкат, реклама, фарҳанг, минтақа, технологияҳои иҷтимоӣ фарҳангӣ, муассисаҳои иҷтимоӣ – фарҳангӣ, инноватсияҳо, таҷриба.

## СПЕЦИФИКА МАРКЕТИНГОВЫХ ТЕХНОЛОГИЙ НА РЫНКЕ КУЛЬТУРНО-ДОСУГОВЫХ УСЛУГ ЧУВАШСКОЙ РЕСПУБЛИКИ

В статье рассматривается сущностно-содержательная характеристика маркетинговых технологий на рынке культурно-досуговых услуг. На примере государственных, негосударственных, коммерческих, частных компании, анализируется продвижение маркетинговых услуг в современных условиях, сформулированы существование их спроса, так как главным маркетинговым рычагом в сфере культуры фактически является продвижение продукта. Анализируется рекламные и PR – технологии как средства продвижения услуг, а также выявлены специфика маркетинговых технологий рынка культурно-досуговых услуг в Чувашской Республики. Выявлены особенности внедрения маркетинговых технологий в условиях региона. Примером является первая компания Артефакт которая проводит свою деятельность в Чувашской Республике и успешно внедрила термин event-marketing (событийный маркетинг). Изучив деятельность Артефакт event company, с точки зрения маркетинговых технологий, мы раскрыли что данная компания безусловно является лидером культурно – досугового рынка региона, и значительно поднимающее уровень данных услуг в республике. Благодаря огромной ресурсной базе, умению грамотно выстраивать маркетинговые стратегии, изучать целевую аудиторию и умело воздействовать на нее, эта компания сумела сформировать доверие, а это главная цель пиара в целом. Практика показывает, что правильный созданный имидж компании Артефакт и выстроенная корпоративная культура, позволяет их представителям создавать культурно-досуговые мероприятия совершенно любого масштаба и любого направления. Таким образом можно сделать вывод о том, что если постоянно не напоминать потребителю о себе и своих предложениях, то они рано или поздно воспользуются услугами конкурентов.

Ключевые слова: маркетинг, технология, рынок, услуги, компания, реклама, культура, регион, социально-культурные технологии, социально-культурные учреждение, инновация, опыт.

## SPECIFICS OF MARKETING TECHNOLOGIES IN THE MARKET OF CULTURAL AND LEISURE SERVICES OF THE CHUVASH REPUBLIC

The article discusses the essential and informative characteristics of marketing technologies in the market of cultural and leisure services. On the example of state, non-state, commercial, private companies, the promotion of marketing services in modern conditions is analyzed, the existence of their demand is formulated, since the main marketing lever in the cultural sphere is actually product promotion. Analyzed advertising and PR - technologies as a means of promoting

services, and also identified the specificity of marketing technologies of the market of cultural and leisure services in the Chuvash Republic. The features of the introduction of marketing technologies in the conditions of the region are revealed. An example is the first company Artefact that conducts its activities in the Chuvash Republic and has successfully introduced the term event-marketing. Having studied the activity of the Artifact event company, from the point of view of marketing technologies, we discovered that this company is undoubtedly the leader of the cultural and leisure market of the region, and significantly raising the level of these services in the country. Due to the huge resource base, the ability to competently build marketing strategies, study the target audience and skillfully influence it, this company has managed to build trust, and this is the main goal of PR in general. Practice shows that the correct created image of the Artefact company and the built corporate culture allows their representatives to create cultural and leisure events of absolutely any scale and any direction. Thus, we can conclude that if you do not constantly remind the consumer about yourself and your offers, then sooner or later they will use the services of competitors. Keywords: marketing, technology, market, services, company, advertising, culture, region, socio-cultural technologies, socio-cultural institution, innovation, experience.

**Сведения об авторах:** ***Каримов Ботурджон Кадирович*** - Чувашский государственный институт культуры и искусств, кандидат педагогических наук, профессор, заведующий кафедрой социально-культурной и библиотечной деятельности. **Адрес:** 734028, Чувашская Республика, г. Чебоксары улица Энтузиастов 26. E-mail: bkarimov_57@mail.ru

***Петров Геннадий Николаевич*** – Чувашский государственный институт культуры и искусств. кандидат педагогических наук, доцент кафедры гуманитарных и социально-экономических дисциплин **Адрес:** РФ, г. Чебоксары ул. И.П. Прокопьева, д. 3, кв. 99, E-mail: chgiki.ntr@mail.ru

**Information about the author:** ***Karimov Boturdzhon Kadirovich*** - Tsjuvasjias Statens Institutt for kultur og kunst, kandidat for pedagogiske vitenskaper, Professor, Instituttleder Institutt for sosio-kulturelle og biblioteket aktiviteter. **Adresse:** 734028, Chuvash Republic, Cheboksary, And Enthusiasts Street 26 E-mail: bkarimov_57@mail.ru
Телефон: **+7919654-59-49**

***Petrov Gennady Nikolaevich*** – Chuvash State Institute of Culture and Arts, Ph.D in Pedagogic sciences, associate professor of the department of humanitarian and socio-economic disciplines. **Adresse:** Russian Federation, Cheboksary, Prokopyev I.P. Str., 3-99, E-mail: **chgiki.ntr@mail.ru**

**УДК:372.8:372.881.116.11**

# ПУТИ ПОВЫШЕНИЯ ЭФФЕКТИВНОСТИ ОБУЧЕНИЯ РУССКОМУ ЯЗЫКУ СТУДЕНТОВ-МЕДИКОВ С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ ИНТЕРАКТИВНЫХ ТЕХНОЛОГИЙ НА ЗАНЯТИЯХ ПО РУССКОМУ ЯЗЫКУ.

***Юлдошев У. Р.„ Курбанова Г.Н., Юлдошева М.М.- Должикова В.А., Лысых О.А.***
**Таджикский государственный медицинский университет им. Абуали ибни Сино,**
**Бухарский государственный медицинский институт имени Абуали ибни Сино**

Задача системы высшего образования состоит из того, чтобы полученные в школе знания по русскому языку связать с обучением специальности студентов, совершенствуя и развивая коммуникативные компетенции. Современное общество требует высококвалифицированных специалистов, владеющих специальной лексикой. И эти требования в современных условиях приобретают особую актуальность. Поэтому, «если раньше главной целью высшей школы было формирование у студентов системы знаний и практических умений, нужных для будущей работы специалиста узкого профиля, то теперь этого недостаточно: необходимо добиться воспитания, образования и развития специалиста высоконравственной, социально зрелой, творчески активной личности, предприимчивой в сложных условиях рыночных отношений»[6, 3].

Таким образом, основным принципом деятельности преподавателей кафедры русского языка нефилологических вузов должно быть совершенствование русской профессиональной речи студентов.

На сегодняшний момент среди законодательных актов Правительства, предопределяющих государственную политику образования в плане подготовки высококвалифицированных специалистов, особое положение занимает «Государственная программа совершенствования преподавания и изучения русского и английского языков в Республике Таджикистан на 2015-2020 годы».[1] Целевая направленность данной программы выражается в решении важных задач, среди которых особое место отводится совершенствованию процесса обучения, в том числе научно-методической разработке и созданию полноценных государственных образовательных стандартов, учебных программ, планов, учебников нового поколения, учебных пособий. [2, 3]

Заметим, что некоторые инновационные методы основаны на применении интерактивной системы обучения. **Интерактивный («Inter» - это взаимный, «act» - действовать)** означает

[1]Утверждена Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 3 июля 2014 года.

взаимодействовать, находиться в режиме беседы, диалога с кем-либо. И в отличие от активных методов, интерактивным характерно более свободная коммуникативная взаимосвязь студентов как с преподавателем, так и друг с другом, при превалировании активности студентов в процессе обучения. На интерактивных занятиях роль преподавателя состоит в том, чтобы направить деятельность студентов к достижению целей занятия. План занятия разрабатывается преподавателем (интерактивные задания и упражнения, в процессе выполнения которых студент осваивает материал). [4,9]

Учёные отмечают, «интерактивное обучение одновременно решает несколько задач: совершенствует коммуникативные умения и навыки, помогает установлению эмоциональных контактов между учащимися, решает информационную задачу, поскольку обеспечивает обучающихся необходимой информацией, без которой невозможно реализовывать совместную деятельность, развивает общие учебные умения и навыки (анализ, синтез, постановка целей и пр.), то есть обеспечивает решение обучающих задач, выполняет воспитательную задачу, поскольку приучает работать в команде, прислушиваться к чужому мнению» [3, 24]. К методам интерактивного обучения могут быть отнесены: дискуссия, «мозговой штурм», «круглый стол», проведение конференции, «деловая игра», «методика клиники», творческие задания и другие [4,48].

Из приведенных методов в процессе обучения студентов рассмотрим метод «круглого стола», предполагающий «обсуждение в ходе дискуссии одной-двух проблемных, острых ситуаций по заданной теме. Желательно, чтобы он был действительно круглым, то есть процесс коммуникации, общения, происходил «глаза в глаза», расположение участников должно быть лицом друг к другу, а не в затылок, как на обычном занятии, что в совокупности приводит к возникновению активности, увеличению числа высказываний, возможности личного включения каждого студента в обсуждение, повышает мотивацию студентов» [4, 49]. Также к результативным можно отнести занятия-интервью, дискуссии, игровые ситуации «Врач и больной», в том числе «У больного бронхиальная астма», «У больного сахарный диабет» и другие. Интерактивные коммуникативные ситуации, ролевые и деловые игры, дискуссии, проведение «круглого стола» значительно поднимают уровень эмоциональности в процессе занятия, актуализируют практический и речевой опыт студентов в общении.

Практическое решение задач развития русской профессиональной речи предполагает создание специализированного комплекса учебно-методических материалов, отражающих, в плане информативности, учебный материал по дисциплинам специальности. Исходя из этого, кафедра русского языка ТГМУ им. Абуали ибни Сино подготовила «Учебное пособие по развитию русской профессиональной речи студентов 2 курса медицинского университета», которое направлено на оказание помощи в изучении русского языка студентами и аспирантами медицинского университета. Всевозможные задания – и тренировочные, и коммуникативные, сконцентрированы на повышении у студентов-медиков уровня знаний как устной, так и письменной речи.

Применение языковых знаний в практике – это, прежде всего, понимание лекций, чтение литературы, выступления на семинарах, подготовка и сдача зачётов и экзаменов. Говоря о формировании речевых навыков студентов-медиков, необходимо коснуться вопросов диалогической речи, где употребляются речевые формы, типичные для той или иной области профессиональной коммуникации. Например, перед тематическим формулированием профессионального диалога студенты читают текст "Диалог врача с больным" по ролям.

*Используя задания к* тексту «У больного сахарный диабет» [9,*144-146], продемонстрируем, как реализуется* процесс развития профессиональной устной и письменной речи на занятиях по русскому языку у студентов-медиков.

Преподаватель в процессе своей деятельности на занятии связывает денотативные речевые части в тематические единства, формирует (на основе диалога) умения верного употребления временных форм глаголов, отглагольных существительных, вырабатывает навыки краткого ответа, а также помогает справиться с иными лексическими и грамматическими проблемами, в том числе с формированием предложений в утвердительной, вопросительной и побудительной формах.

Основываясь на нашей педагогической практике, мы констатируем, что очень часто основой для создания собственного текста студентами используется прочитанный текст. А использование интерактивных методов на данной стадии направлено извлечь главную и второстепенную информации из текста.

Как правило, задания, идущие после текста, считаются более продуктивным этапом для реализации в интерактивном плане. Базируясь на информации текста, студентам выдвигается

задача, во-первых, задать вопросы по содержанию текста, составить диалоги «врач – больной», затем разыграть данные диалоги в парах, выступить с сообщением о заболевании перед однокурсниками. Следовательно, применяемые поэтапно методы интерактива способствуют совершенствованию у студентов не только языковых навыков, но и делают возможным использовать русский язык как средство общения.

Задание. Используя следующий план, оформите запись о больном Рустамове Расуле Джалиловиче с момента поступления в больницу.

Фамилия, имя, отчество больного, его возраст (и другие паспортные данные).

Жалобы больного. Осмотр. Пульс. Давление. Аускультация. Температура.

Задание. Запишите жалобы больного в историю болезни, используя глагол «жалуется».

1. По словам больного, он ощущает слабость и подавленность. 2.По словам больного, голова его постоянно болит. 3. По словам больного, он чувствует упорный зуд и сухость во рту.

Задание. Предложите своим собеседникам обсудить вопросы, связанные с темами: «У больного сахарный диабет», на встрече за «круглым столом» по проблемам данного заболевания (или любого другого).

**В научной литературе отмечается, что «Круглый стол»** - это метод активного обучения, способствующий укреплению приобретенных познаний, восполнению недостающих сведений, формированию умений решать проблемные задачи, укреплению позиции в полемике, а также освоить культуру ведения дискуссий. Для «круглого стола» типичным считается соединение дискуссии по теме с групповой консультацией. Главной задачей применения метода «круглого стола» на занятиях является **формирование** у студентов профессиональных умений излагать мысли, обосновывая свои суждения, приводить аргументы предлагаемых решений и отстаивать свое мнение. Только тогда осуществляется закрепление информации с дополнительным материалом, а также выявление проблем и вопросов для обсуждения. [4, 49]

Студентам предлагаются следующие задания.

Задание. При подготовке сценария «круглого стола», обратите внимание на речевые стереотипы. Следует подчеркнуть, что одним из наиболее популярных заданий для студентов высших учебных заведений является доклад. Обязательное условие его успешного выполнения – публичное выступление, которое подводит итог всей практической работы докладчика. Предстоящую речь необходимо тщательно продумать и подготовиться к ней заранее.

Задание. Разыграйте сценарий круглого стола по ролям, предварительно выбрав, кто выступит в качестве председателя, кто будет докладчиками, кто просто будет участвовать в качестве слушателя (но с обязательным участием в дискуссии).

Задание. Прочитайте образец сценария проведения «Круглого стола», определите точку зрения каждого из участников диалога. Скажите, с чем вы можете согласиться, а что вызывает у вас возражения? Сформулируйте свою позицию.

Ведущий (преподаватель или студент) начинает проведение Круглого стола. Открывая заседание, он представляет участников, регламентирует и направляет процесс дискуссионного обсуждения, подводит результаты. Участники представляют свои доклады согласно подготовленным проблемам. Выступления разбираются и дополняются. Докладчики отвечают на вопросы, студенты выражают свое мнение, полемизируют, обосновывают свои точки зрения.

Напомним, что проведение круглого стола начинается с выступления ведущего. Ведущий объявляет регламент проведения, определяет последовательность выступлений. Затем, согласно регламенту, предоставляется слово докладчикам. После каждого выступления докладчики отвечают на вопросы, которые задают другие участники круглого стола. Полемика в процессе «Круглого стола» должна иметь плодотворную направленность, не должна сводиться, с одной стороны, только к отчетам о проделанной работе, а с другой, - только к критическим выступлениям. В конце дискуссии (обсуждения) объявляется проектный документ результатов, затем в него включаются дополнения, изменения, поправки. На финальной стадии проведения «Круглого стола» осуществляется дискуссия по тематической проблематике открытого типа, где принимают участие все студенты.

Ниже приведем сценарий проведения «Круглого стола» по теме «У больного сахарный диабет».

*Ведущий:* Глубокоуважаемые гости. Дорогие коллеги, уважаемые присутствующие! Разрешите открыть нашу встречу «За круглым столом». Мне выпала честь быть председателем нашего «Круглого стола», который посвящен теме «Сахарный диабет: пути и причины его возникновения». Открывая наше заседание, хочу пожелать участникам встречи успешной работы, и чтобы обмен мнениями оказался полезным для всех нас. Открывая нашу встречу, я хотел бы сказать несколько слов об актуальности темы нашей беседы. Прежде чем

предоставить слово нашему докладчику, позвольте сделать небольшое вступление к нашей беседе и отметить, что проблемы сахарного диабета стали предметом широкого обсуждения.

Избранная нами тема для беседы «За круглым столом» интересна всем врачам, учёным. Она никого не оставляет равнодушным, так как количество больных этим заболеванием с каждым годом становится всё больше и больше. Наша сегодняшняя беседа охватывает следующий круг вопросов: пути профилактики сахарного диабета; особенности течения сахарного диабета у детей раннего возраста; санитарно-гигиенические мероприятия, направленные на профилактику сахарного диабета.

Начинаем нашу беседу. Согласно регламенту, первым выступит студент Ахмедов Вахоб Азизович. Назовите, пожалуйста, тему вашего доклада. Итак, вам слово.

*Студент:* Тема моего доклада «Сахарный диабет: пути и причины его возникновения».

Глубокоуважаемый председатель! Уважаемые коллеги, дорогие присутствующие! Прежде всего, хочу выразить глубокую благодарность организаторам данного «Круглого стола» за предоставленную мне возможность выступить перед Вами.

Далее докладчик читает свой доклад (Чтение доклада).

*Ведущий:* Мы прослушали очень интересный доклад, если у кого-то возникли вопросы, прошу задавать их докладчику. Есть ли добавление к сказанному? Возражения? Я думаю, что мы можем перейти к обсуждению выступления. Есть ещё желающие высказаться по обсуждаемой проблеме? Если желающих высказаться больше нет, предоставим слово следующему докладчику.

**Подведение итогов.** *Ведущий*: Итак, дорогие друзья, мы обсудили несколько аспектов нашей проблемы. Я думаю, вы согласитесь с тем, что обсуждение наше было плодотворным. Каждый имел возможность выступить и принять участие в обсуждении.

Возможно, мы охватили не все аспекты интересующей нас темы, но мы можем продолжить нашу дискуссию на следующей встрече «За круглым столом». Разрешите поблагодарить всех участников «Круглого стола» за активную работу, интересные выступления.

В заключение позвольте выразить надежду, что мы ещё не раз соберемся за “Круглым столом” и продолжим этот полезный и продуктивный вид работы. (При использовании вышеприведённых речевых стереотипов в качестве ведущего, участника или выступающего в дискуссии «За круглым столом», были использованы материалы пособия [10, 103-108]).

Как показывает практика, проведение «Круглых столов» содействует увеличению результативности и организации образовательного процесса, ориентируясь на индивидуальные способности к обучению. Данные занятия способствуют не только накоплению знаний, но и ведут к формированию внутренних творческих мотивов в плане самообразования.

Таким образом, резюмируя, отметим, что в процессе изучения русского языка в медицинском вузе интерактивный метод можно считать инновационным, содействующим стимуляции образовательно-познавательной активности студентов, свободному пониманию учебного материала. Изучение учебного материала с использованием интерактивного метода основано на согласованных действиях студентов в группе. Технология интерактивного обучения русскому языку студентов неязыкового вуза определяется как специальная система, которая реализуется через систему диалогов. Этот метод вовлекает студентов в инициативный процесс приобретения и закрепления багажа знаний путём взаимодействия через диалог. Используемые на занятиях задания позволяют образовать выполнение некоторых последовательных принципов интерактивного обучения при осуществлении коммуникативной деятельности.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Бороздина Г.В.. Психология делового общения: Учебник. – 2 – е изд. – М.: ИНФРА – М., 2005 Высшее образование.
2. Государственная Программа совершенствования преподавания и изучения русского и английского языков в Республике Таджикистан на 2015-2020 годы от 3 июля 2014 года, № 427/
3. Ермолаева М.Г. Интерактивные методики в современном образовательном процессе. М.: Просвещение, 2014. 42
4. Интерактивные методы обучения. Учебно-методическое пособие для преподавателей, студентов, клинических интернов и ординаторов. Душанбе.2012
5. Мачмуи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ Нақш ва мавқеи технологияҳои инноватсионӣ дар тибби муосир». Душанбе, -2018 ДДТТ -689 с.-
6. Пидкасистый П.И., Фридман Л.М., Гарунов М.Г. Психолого-дидактический справочник преподавателя высшей школы. — М.: Педагогическое общество России, 1999. — 354
7. Программа по русскому языку для общеобразовательных учреждений с таджикским языком обучения. (2 .- 11 классы). – Душанбе.2008 .- стр.3.

8. Русский язык для иностранных специалистов не филологов: Беседы и дискуссии / Н.В. Мощинская, А.А. Амельчонок, Е.А. Злобина и др. М.: Наука, 1990.— 159 с.
9. Учебное пособие по развитию русской профессиональной речи студентов (для студентов 2 курса медицинского университета). - Душанбе, 2017г
10. Юлдошев У.Р. Таджикско-русское двуязычие как условие профессиональной подготовки студентов-медиков в вузах Таджикистана. Дис.... д-ра пед. наук:М.- 1999.стр. 258 с.

## РОҲҲОИ БЕҲТАР НАМУДАНИ САМАРАНОКИИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ РУСӢ БА ДОНИШҶӮЁН – ТАБИБОНИ ОЯНДА БО ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИНТЕРАКТИВИИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ РУСӢ

Муаллифони мақола роҳҳои беҳтар намудани самаранокии таълими забони русӣ ба донишҷӯён – табибониояндаро бо истифодаи технологияҳои интерактивии таълими забони русӣ мавриди таҳлил қарор додаанд. Зикр карда мешавад, ки доир намудани мизи мудаввар бо иштироки донишҷӯён дар машғулиятҳои забони русӣ ба ташаккули салоҳиятнокии коммуникативӣ ва такмили нутқи касбии русии донишҷӯён – табибони оянда мусоидат менамояд. Дар мақола зикр мегардад, ки принсипи асосии фаъолияти муаллимони фанни забони русӣ бояд аз такмили нутқи касбии русии донишҷӯён дар шакли шифоҳӣ ва хаттӣ иборат бошад. Муаллифон бар он ақидаанд, ки мақсади асосии доир намудани «мизи мудаввар» дар давоми машғулиятҳо ин ташаккули малакаҳои амалии баёни фикр, асоснок намудани андешаҳои худ, овардани далелҳои зарурӣ барои ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ ва талқин намудани андешаҳои худ мебошад. Дар маҷмӯъ ҳамаи ин ба мустаҳкамкунии маълумотҳо имкон медиҳад. Дар мақола муаллифон намунаи сенарияи «Мизи мудаввар»-ро пешниҳод менкамоянд, ки дар асоси он дар Донишгоҳи тиббӣ дар давоми машғулиятҳои амалӣ усули интерактивии таълим истифода мешавад. Ин имкон медиҳад донишҷӯён пурра ба ҷараёни дарс ҷалб гардида, донишомӯзӣ ва мустаҳкамкунии малакаҳои муоширатӣ бо роҳи диалог ба роҳ монда шавад. Машғулиятҳои пешбинигардида барои мунтазам иҷро кардани принсипҳои таълими интерактивӣ ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти муоширатӣ имкон медиҳад. Хамин тавр, мунтазам истифода намудани усулҳои интерактивии таълим на танҳо ба ташаккули малакаҳои забонии донишҷӯён, балки барои чун воситаи муошират истифода намудани забони русӣ мусоидат менамояд.

**Калидвожаҳо**: усули интерактивӣ, ҳуҷуми зуҳнӣ, таълим, нутқи диалогӣ, забони ихтисос, инноватсия.

## ПУТИ ПОВЫШЕНИЯ ЭФФЕКТИВНОСТИ ОБУЧЕНИЯ РУССКОМУ ЯЗЫКУ СТУДЕНТОВ-МЕДИКОВ С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ ИНТЕРАКТИВНЫХ ТЕХНОЛОГИЙ НА ЗАНЯТИЯХ ПО РУССКОМУ ЯЗЫКУ

В статье рассматриваются методы повышения эффективности обучения студентов-медиков с использованием интерактивных технологий на занятиях по русскому языку. Подчеркивается, что проведение круглых столов со студентами на занятиях по русскому языку позволяют формировать коммуникативные компетенции, содействуют совершенствованию русской профессиональной речи студентов-медиков. И отмечается, что основным принципом деятельности преподавателей кафедры русского языка должно быть совершенствование у студентов русской профессиональной речи в устной и письменной видах. Авторы полагают, что основной задачей проведения «круглого стола» на занятиях является **формирование** у студентов профессиональных умений излагать мысли, обосновывая свои суждения, приводить аргументы предлагаемых решений и отстаивать свое мнение. В совокупности это способствует закреплению информации. Авторы предлагают образец сценария проведения «Круглого стола», на основе которого на занятиях русского языка в медицинском вузе применяется данный интерактивный метод, вовлекая студентов в инициативный процесс приобретения и закрепления коммуникативных навыков посредством диалога. Используемые на занятиях задания позволяют образовать выполнение некоторых последовательных принципов интерактивного обучения при осуществлении коммуникативной деятельности. Следовательно, применяемые поэтапно методы интерактива способствуют совершенствованию у студентов не только языковых навыков, но и делают возможным использовать русский язык как средство общения.

**Ключевые слова**: интерактивный метод, мозговой штурм, обучение, диалогическая речь, язык специальности, инновация.

## WAYS OF EFFECTIVENESS INCREASE OF LEARNING OF RUSSIAN LANGUAGE OF MEDICAL STUDENTS WITH THE USE OF INTERACTIVE TECHNOLOGIES ON RUSSIAN LANGUAGE CLASSES

Methods of increase of learning efficiency of medical students with the use of interactive technologies on Russian language classes are considered in the article. It is emphasized that carrying out round tables with students on classes in Russian language allow to form communicative competences promote to improvement of Russian professional speech of medical students. Also it is noted that improvement at students of Russian professional speech in oral and written types has to be the basic principle of activity of teachers of Russian department. Authors believe that the main objective of carrying out "a round table" at classes is formation at students of professional abilities to state thoughts, proving judgments, to advance arguments of the proposed solutions and to defend the opinion. In total it promotes fixing of information. Authors offer a sample of the scenario of carrying out "A round table" on the basis of which Russian classes in medical high school this interactive method is applied, involving students in initiative process of acquisition and fixing of communicative skills by means of dialogue. The tasks used in classes allow to form performance of some consecutive principles of interactive training at implementation of communicative activity. Therefore, the methods of an interactive applied step by step promote improvement at students not only language skills, but also do possible to use Russian as the means of communication.

**Keywords**: interactive method, brainstorming, training, dialogical speech, language of specialty, innovation.

**Сведения об авторах:** ***Юлдошев Умарджон Рахимджонович*** - Таджикский государственный медицинский университет имени Абуали ибни Сино, доктор педагогических наук, профессор, заведующий кафедрой русского языка. **Адрес:** Республика Таджикистан, г.Душанбе. ул Рудаки 139. Электронная почта: **lnfo@tajmedun.Tj** Телефон: **985-29-64-78**

***Курбанова Гулноз Негматовна*** - Бухарский государственный медицинский институт имени Абуали ибни Сино, кандидат педагогических наук, доцент кафедры педагогики, психологии и языков **Адрес:** Республика Узбекистан, г.Бухара, ул.Ёшлик 11 –дом, телефон:**998-93-651-07-43.**
***Юлдошева Машхура Музаффровна***-Бухарский государственный медицинский институт имени Абуали ибни Сино, преподаватель
***Должикова Валентина Андреевна*** - Таджикский государственный медицинский университет имени Абуали ибни Сино, старший преподаватель кафедры русского языка. **Адрес:** Республика Таджикистан, г.Душанбе. ул. Рудаки 139. Телефон: **985-82- 44-99.**
***Лысых Ольга Александровна*** - Таджикский государственный медицинский университет имени Абуали ибни Сино, старший преподаватель кафедры русского языка. **Адрес**: Республика Таджикистан, г.Душанбе. ул. Рудаки 139. телефон: 909-99 -16-64.

**Information about authors: *Yuldoshev Umarjon Rahimjonovich***, Avicenna TSMU, doctor of pedagogical sciences, professor, head of Russian language department, Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe. 139 Rudaki st. E-mail: lnfo@tajmedun. tj ph: 985-29-64-78
***Kurbonova Gulnoz Negmatovna***, Bukhara state medical institute named after of Abuali ibni Sino, c.p.s., associate professor of pedagogy, psychology and languages. Address: Republic of Uzbekistan, Bukhara. 11 Yoshlik st. ph: 998-93-651-07-43.
***Dolzhikova Valentina Andreevna***, Avicenna TSMU, senior teacher of Russian language department. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe. 139 Rudaki st. ph:985-82 - 44-99.
***Lysych Olga Aleksandrovna***, Avicenna TSMU, senior teacher of Russian language department. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe. 139 Rudaki st. ph: 909-99 - 16-64.

**УДК:37.0 (575.3)**

# ТАҲСИЛОТИ ШӮРАВӢ: ОҚИБАТҲОИ ИДЕОЛОГИКУНОНӢ ВА САБАҚҲО БАРОИ ТАҲСИЛОТИ МУОСИРИ ТОҶИК

*Каримзода Мирзо Бадал*
**Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ**

Дар тамоми тӯли рушди таърихиаш Ҳукумати Шӯравӣ ба масоили такмили таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ, дар навбати аввал, ба тарбияи ғоявии ҷавонон таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамуд. Системаи таҳсилот вазифаи омили муҳимми пешрафти фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеаро иҷро мекард.

Дар ҷаҳон аз ҷониби умум эътироф шудааст, ки сармоягузорӣ ба соҳаи маориф на танҳо иқдоми башардӯстона, балки амали аз ҳама бештар самаровар ва манфиатнок мебошад. Маблағгузориҳои калон ба соҳаи мазкур ба мамолики мутараққии капиталистӣ имконият фароҳам сохтанд, ки тӯли солҳои 60-80-ум дар иқтисодиёт як ҷаҳиши назаррасе карда, ба комёбҳои бузург ноил шаванд. Дар Иттиҳоди Шӯравӣ бошад, дар ин давра маблағгузории соҳаҳои фарҳанг, тандурустӣ ва маориф аз рӯйи «принсипи боқимонда» амалӣ мешуд. Масалан, агар дар ИМА ҳиссаи даромади миллӣ, ки ба маориф ҷудо мегардид, солҳои 80-ум ду баробар зиёд гардида, ба 12% расида бошад, ҳамзамон ин нишондиҳанда дар Иттиҳоди Шӯравӣ баръакс, нисбатан ихтисор карда шуда, камтар аз 6%-ро ташкил медод.

Дар мамолики мутараққии капиталистӣ соли 1985 хароҷот барои таҳсили як нафар хонанда дар муассисаи таҳсилоти умумӣ аз ин гуна хароҷот дар Иттиҳоди Шӯравӣ 5-8 баробар зиёд буд. Агар музди миёнаи маоши моҳонаи корманди соҳаи маорифро баррасӣ кунем, он аз нишондиҳандаи миёна дар хоҷагии халқ 21% кам буд.Низоми роҳбарии соҳаи маориф, ки дар мамлакат роиҷ буд, қарору санадҳои дар ин ҷода қабулшуда роҳбарони мактаб ва омӯзгоронро аз бюрократия ва маъмуриятчигӣ, муқаррароти сахт ва иҷрои вазоифи хосси мактаб набуда халос накарда, барои эҷодкорӣ ва озодии интихоб имкон намедоданд [9].

Солҳои 50-ум ҷиҳати ба таҳсилоти миёнаи умумӣ гузаштан вазифа гузошта шуда буд, ки аз талаботи инқилоби илмӣ-техникӣ ва зарурати объективӣ бар меомад ва ин вазифа ба кори аҳаммияти давлатидошта табдил ёфта буд.

Пешбинӣ шуда буд, ки дастрасӣ ба ин вазифа ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар такони сахт мебахшад. Ин гуна пешгӯиҳоро таҷрибаи мамолики мутараққии капиталистӣ тасдиқ мекарданд. Қарорҳои директивии солҳои 60-70-ум қабулшуда ба масъалаи гузариш ба таҳсилоти миёнаи умумӣ нигаронида шуда буданд. Дар қарорҳои анҷумани XXV ҲКИШ (с. 1976) ва баъдан дар Конститутсияи ИҶШС (с. 1977) махсус таъкид шуда буд, ки дар Иттиҳоди Шӯравӣ дар маҷмӯъ гузариш ба таҳсилоти миёнаи умумӣ анҷом пазируфтааст. Дар назар буд, ки баъди синфи 8-ум барои дарёфти таҳсилоти миёна се роҳи асосӣ: омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, муассисаҳои миёнаи махсус ва синфҳои 9-10-уми

мактабҳои маълумоти умумӣ арзи вуҷуд мекунанд. Дар натиҷа дар миёнаи солҳои 70-ум беш аз 90%-и ҷавонон ба таҳсилоти миёна фаро гирифта шуданд.

Таҳсилоти миёнаро беистисно тамоми насли ҷавон бояд соҳиб мешуд ва ин масъала дар назди соҳаи маориф зарурати ҳаллу фасли мушкилоти ҷиддиро вогузор намуд. Ду самти асосии ҳалли ин масъала ба нақша гирифта шуда буд. Самти аввал ҷиҳати ноилшавӣ ба натоиҷи хуб имконият фароҳам сохт, вале нисбатан мураккаб буд: нигоҳ доштан ва, дар баробари ин, мувофиқи имкон баланд бардоштани талабот ба сатҳи дониши хонандагон.

Зимнан, ҳалли ин масоил тағйироти назаррас дар усули таълим, бозсозии асосии тафаккур ва фароҳамсозии шароитҳои зарурии кориро барои омӯзгорон тақозо дошт. Интихоби роҳи нисбатан осон консерватсияи муносибатҳои кӯҳна ба таълим, паст кардани талабот ба сифати дониш ва маҳорату малакаи хонандагон, ноилшавӣ ба нишондиҳандаҳои олии азхудкунӣ дар рӯйи коғазро пешниҳод мекард.

Гузариш ба низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ дар солҳои 70-80-ум якбора ба ихтисори мактабҳои миёнаи нопурраву ибтидоӣ ва афзоиши миқдори мактабҳои миёна боис шуд. Нишондиҳандаҳои миқдории якбора афзоишёфта, мутаассифона, ба косташавии сифати таҳсилот оварда расониданд. Пастшавии назарраси сатҳи тайёрӣ ва раванди аз даст додани зеҳнияти хонандагони мактабҳои миёнаи маълумоти умумӣ ба вуқӯъ пайваст. Мактаб, бар хилофи умеду орзуҳо, на танҳо ба талаботу ниёзи мавриди зарурати иқтисод ва ҷомеа наздик нашуд, балки баръакс, тафовуту рахнаи байни онҳо торафт зиёд шуд [1].

Дар натиҷа обрӯ ва эътибори маориф ба якборагӣ паст шуда, ба ҷойи аввал аз ҷиҳати маъруфият касбҳое баромаданд, ки мавҷудияти дониши амиқро талаб намекарданд, ба монанди касбҳои соҳаи хизматрасонӣ ва савдо.

Тарбияи коммунистии хонандагон ва ташаккули ақидаҳои ба философияи марксистӣ-ленинӣ асосдоштаи донишҷӯён самти афзалиятнок дар кори муассисаҳои таҳсилотӣ гаштанд. Ин вазифа дар назди соҳаи маориф ҳанӯз дар солҳои аввали Ҳокимияти Шӯравӣ гузошта шуда буд. Талабот ба тадриси илмҳои ҷомеашиносӣ махсусан хеле зиёд шуда, таъсири ғоявӣ, илмӣ ва ҷаҳонбинии кафедраи илмҳои ҷамъиятӣ ба тамоми соҳаҳои дигари фаъолияти муассисаҳои таҳсилотӣ ҳарчи бештар гашт. Идеологҳо ва роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ҳангоми ташкили раванди таълим ба андешаи афзалиятнокии илмҳои ҷомеашиносӣ дар сохтори маорифи халқ такя мекарданд.

Дар Тоҷикистон он вақт дар ин соҳа таҷрибаи муайян андухташуда буд. Дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ таҳти роҳбарии ректорон шӯрои кафедраи илмҳои ҷомеашиносӣ таъсис дода шуда буд, ки дар кафедраҳо тамоми корҳои илмӣ, методӣ ва тарбиявӣ таҳти роҳбарии онҳо амалӣ мешуданд. Супориш шуда буд, ки ин кафедраҳо бо мутахассисони соҳибихтисоси варзида пайваста таъмин бошанд. Аз тарафи парткомҳо ва роҳбарият ба интихоб ва ҷобаҷогузории ҷомеашиносон таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешуд. Таъсиси гурӯҳҳои ҳизбӣ дар кафедраҳо, ки дар як ташкилоти ҳизбӣ муттаҳид карда шуда буданд, ба коммунистон имконият фароҳам сохтанд, ки назорати раванди интихоби кадрҳоро таҳким бахшанд. Ба вазифа таъйин намудани омӯзгорони кафедраҳои фанҳои ҷомеашиносӣ танҳо тавассути тасдиқи онҳо дар бюрои ҳизб ва кумитаи ҳизби муассисаҳои таҳсилоти олӣ сурат мегирифт [4].

Омӯзгорони ҷомеашинос ҳар сол аз аттестатсия мегузаштанд. Дар кафедраҳо нақшаҳои омодасозии рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ, нақшаҳои дурнамои ҳаракати кадрҳо, нақшаҳои интиқоли омӯзгорон ба вазифаи ходими пешбари илмӣ ва тавсияномаҳо оид ба фиристонидан ба аспирантура коркард мешуданд. Таҷрибаомӯзӣ ва такмили ихтисос дар шаклҳои гуногун системаи ягонаи такмили тахассуси омӯзгоронро ташкил медоданд.

Аз ҷониби ҷомеашиносон ҷиҳати баланд бардоштани нақши ҷамъиятӣ ва тарбиявии имтиҳоноти давлатии коммунизми илмӣ, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба сифати аттестатсияи хатмкунандагон баррасӣ мешуд, корҳои зиёд амалӣ карда мешуд. Кафедраҳои илмҳои ҷомеашиносӣ матни намунавии лексияҳоро таҳия карда, лексияҳои кушод ва иштирок дар машғулиятҳои якдигарро ташкил менамуданд. Тадбирҳое ба монанди ҷаласаи муштараки комиссия ва кафедраҳои фанҳои ҷомеашиносӣ ва баромаду гузориши олимони маъруф оид ба проблема ва омилҳои охирини пешрафти илмӣ-техникӣ бисёр манфиатнок буданд.

Тадбирҳои дар боло зикршуда имконият муҳайё сохтанд, ки сатҳи ғоявӣ-назариявии таълими илмҳои самти ҷомеашиносӣ баланд бардошта шавад ва алоқаи байни омӯзиш ва таҷриба, омодасозии мутахассисон таҳким ёбад. Ин давра аз ҷиҳати афзоиши махсуси талабот ба такмили нақш ва сифати тадриси фанҳои ҷомеашиносӣ дар низоми таҳсилоти олӣ махсус тавсиф карда шудааст

Ҳамин гуна вазифаро Пленуми июнии КМ ҲКИШ (с. 1983) гузошта, зарурати тақвияти аслии омодасозии мутахассисони ҷавонро дар техникум ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ барои соҳаҳои калидии иқтисодиёт ва баландбардории сатҳи ғоявӣ-сиёсии донишҷӯён таъкид карда буд. Аз ин рӯ, дар назди кафедраҳои фанҳои ҷомеашиносӣ вазоифи ҷиддӣ оид ба мунтазам баландбардории сифати таълим меистод.

Бояд қайд кард, ки тибқи нақшаи маҷмӯии Вазорати маориф кафедраи таърихи ҲКИШ-и Институти давлатии педагогии Кӯлоб вазифаи заминавиро аз рӯйи мавзӯи «Нақши ҲКИШ дар фароҳамсозии асосҳои моддӣ-техникии системаи маорифи халқ» иҷро намуда, кафедраи философия ва иқтисоди сиёсии ин муассиса ба коркарди проблемаи комплексии «Инқилоби муосири илмӣ-техникӣ ва ҷанбаҳои иҷтимоӣ-сиёсии он» машғул буд. Ба коркарди ин мавзӯъҳо ҷомеашиносони баъзе аз институтҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ машғул буданд [11].

Котибони ҳизбӣ ва кафедраҳои ҷомеашиносии муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар байни донишҷӯён пайваста корҳои тарбиявӣ гузаронида, ба раванди таълимӣ-тарбиявӣ таъсири ҷиддӣ мерасониданд. Кафедраҳо фаъолиятро оид ба расонидани ёрӣ ба котибони ҳизбӣ ҷиҳати мураттабсозии нақшаҳои ягонаи комплексии тарбияи коммунистии толибилмон тақвият бахшида, дар ташкили таҷрибаомӯзии ҷамъиятӣ-сиёсии донишҷӯён бевосита кумак мерасонданд.

Бояд махсус таъкид сохт, ки сатҳи идеологиякунонии соҳаи таълиму тарбия хеле баланд буд. Нақшаҳои ягонаи комплексии тарбияи коммунистӣ ба такмил сахт ниёз доштанд. Мутаассифона, сатҳи тарбия ва таълим дар он солҳо ба талаботи замон ҷавобгӯ набуданд. Бисёр масоили ҳалталаб, ҳам дар масоили банақшагирӣ, ҳам дар баҳодиҳии меҳнат ва баҳисобгирии омӯзгорон дар кафедраҳои фанҳои ҷомеашиносӣ, мавҷуд буданд.Сарфи назар аз ин, кормандони ин кафедраҳо барои фаъолсозии раванди тарбия ва таълим бо истифода аз тамоми имконот заҳмат мекашиданд.

Бояд нақши муҳимми кафедраҳои фанҳои ҷомеашиносиро дар кори бароҳмонии тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии насли ҷавон дар ин давра махсус қайд кард [8]. Вазифаи асосии машғулиятҳои фанҳои ҷомеашиносӣ ташаккули ҷаҳонбинии марксистӣ-ленинӣ ва тарбияи сифатҳои олии ахлоқӣ дар ҷавонон буд. Омӯзиши саҳм ва нақши қаҳрамононаи халқи шӯравӣ дар Ҷанги дуюми ҷаҳон, ки нақши ҳизби коммунистиро дар Ғалабаи бузург бар фашизм ба таври барҷаста ошкор месохт, ба насли ҷавони шӯравӣ таъсири бағоят бузурги тарбиявӣ мерасонд. Дар семинар ва лексияҳо аз қаҳрамониҳои тоҷикистониён дар ин ҷанги хонумонсӯз, таърихи қаҳрамонӣ ва корномаи ҷангии онҳо бештар мисолҳо оварда мешуд. Махсусан, машғулиятҳое, ки дар осорхонаҳои кишваршиносӣ баргузор мешуданд, мароқангез ва таъсирнок буданд.

Дар ҷараёни дарсу семинар ва лексияҳо омӯзгорони кафедраҳои ҷомеашиносӣ бештар дар бораи афзалиятҳои сотсиализм, инсодӯстии воқеӣ ва демократизми он, дар бораи бузургии армонҳои коммунизм нақл мекарданд. Дар раванди машғулиятҳои ба мавзӯи муборизаи идеологӣ дар шароити муосир бахшидашуда омӯзгорон ба донишҷӯён роҷеъ ба ҳуҷумҳои идеологии пайгиронаи империализми амрикоӣ ба идеологияи марксистӣ-ленинӣ мисолҳои сершумор меоварданд. Дар вақтҳои беруназдарсӣ низ бо ҷавонон пайваста чорабиниҳои ҳарбӣ-ватандӯстӣ, ба монанди вохӯриҳо бо иштирокчиёни ҷанг, намоиши филмҳои ҳуҷҷатӣ ва таърихӣ ва ғ. гузаронида мешуд.

Илова бар ин, дар тамоми муассисаҳои таълимӣ гӯшаҳои махсуси Шараф ва стендҳо бо акси тоҷикистониёни ҳаёташонро барои Ватан қурбонкарда ташкил ва муҷаҳҳаз шуда буданд [6]. Кумитаи комсомол дар ҳамкорӣ бо кафедраҳои ҷомеашиносӣ фаъолона кори ҳарбӣ-ватандӯстӣ мебурд. Зери сарпарастии ташкилоти комсомолӣ маҳфилҳои ҳарбӣ-ватандӯстии шарафи меҳнатӣ ва ҷангӣ, кошифону пайравони шарафи ҷангӣ ва ғ. пайгирона амалӣ мешуд.

Тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи анъанаҳои ҷангиву инқилобӣ имкон фароҳам месохт, ки робитаи қавии воқеаҳои солҳои ҷанг ва вазифаҳои айни замон дар назди халқи шӯравӣ истода барҷаста намоиш дода шавад.

Маорифи шӯравӣ давраҳои осону оромро ҳеҷ ёд надорад. Ҳар як давраи рушди он бо мушкилоти ба худ хос маълум аст. Масалан, дар солҳои 1965-1985 аксари проблемаҳо бо тағйиротҳои кадрӣ дар роҳбарияти мамлакат ва давраи карахтии бардавом, ки таваҷҷуҳро ба соҳаи иҷтимоӣ, аз он ҷумла ба мактабу маориф хеле кам карда буд, вобаста буданд.

Таъсири ҳодисаву воқеаҳои нисбатан маълуми он давра ба маорифро баррасӣ мекунем. Қабл аз ҳама, оид ба усули ба ном директивии роҳбарӣ, ки аз доираҳои олии давлатӣ ва ҳизбӣ ба «поён» дода мешуд: ҳам Вазорати маориф ва ҳам мақомоти поёнӣ амру супоришҳои «болоро» бечунучаро иҷро мекарданд, аз ҷониби дигар, ташаббусҳои

маҳаллӣ аксаран маъқул даниста намешуданд. Мутаассифона, ин гуна вазъият аксариятро «қонеъ» мекард ва нафаре тавони сар боло карда мухолифат ва изҳори назар карданро надошт.

Имрӯз роҳу усулҳои беҳдошти сифати тарбия ва таълимро дар солҳои 60-80-уми асри гузашта ба ҳар навъ тавсиф ва арзёбӣ мекунанд. Дар ин давра мазмуни таҳсилот аз вазоифе бармеомад, ки ба бунёди давлати сотсиалистӣ ва вобаста ба он, ба вижагиҳои мактаби меҳнативу политехникии ягона нигаронида шуда буд.Онро Ҳукумати Шӯравӣ ба сифати шакли нисбатан муносиби таълиму тарбияи насли наврас интихоб карда буд ва он имрӯз аз ҷониби бисёре аз рақибон мавриди танқид қарор дорад.

Сарфи назар аз ин, дар муқоиса бо аксар давлатҳо Ҳокимияти Шӯравӣ ба сифати таҳсилот таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир менамуд. Аз як тараф, Ҳизби коммунистӣ соҳаи маорифро сахт назорат мекард ва, аз тарафи дигар, маорифро ҳаматарафа дастгирӣ менамуд.

Соҳаи маорифро аз идеология ҷудо кардан ғайриимкон аст, чуноне ки дарки олам, ҷаҳонбинӣ, системаи ақидаҳо ба шахсият, ҷамъият ва табиатро бе идеология тасаввур кардан душвор аст. Идеология ҷузъи ҷудонашавандаи мазмуни тарбия ва таълим буд, ҳаст ва хоҳад монд.

Дар ин ҳолати матраҳшаванда мо догматизм дар мазмуни идеологии таҳсилот, бештар ба як масъала – ба идеологияи расмӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудани муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии шӯравӣ, манъ кардани омӯзиши ақидаву андешаҳои идеологии алтернативиро дар назар дорем[7],ки идеологикунонии таълиму тарбия ном дорад.Идеологикунонӣ раванди ба таври зӯрӣ мутеъсозии шуури ҷамъиятӣ ба консепсияҳои расмии идеологӣ ва амру фармоиши сохторҳои ҳукуматӣ мебошад.

Дар натиҷа, гуногунандешӣ ба сифати норозигӣ аз сиёсат, напазируфтани идеологияи расмӣ ва дигарандешӣ арзёбӣ шуда, бевосита ба хонандагону донишҷӯён, махсусан ба онҳое, ки дар муассисаҳои таҳсилотии аз нигоҳи идеологӣ муҳим ё дар ба ном ихтисосҳои «пӯшида» таҳсил мекарданд, таъсири манфӣ мегузошт. Саъю талошҳои ҷавонон ба ягон навъ созмону иттиҳодияҳои ғайрирасмӣ зери қанот ё сарпарастии комсомол расмӣ кунонида мешуд ё тавассути тадбирҳои маҳдудкунӣ-монеагузорӣ бартараф ё «безарар» гардонида мешуданд.

Фаъолияти ташкилоти комсомолиро дар ин давра таҳлил ва баррасӣ намуда, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки он дарвоқеъ мактаби коллективизм ва ташаббускорӣ будааст. Вале, аз ҷониби дигар, комилан мақбул набудани ҳама гуна зуҳуроти гуногунандешӣ ва мавҷуд набудани таҳаммулпазириро, ки дар ин муҳит ҳукмфармо буд, махсус бояд қайд кард. Ҳамин тариқ, омӯзиш ва таҳлили ҳаматарафаи масъала аз он шаҳодат медиҳад, ки ба ном иштироки донишҷӯён дар раванди идоракунии муассисаи таълимӣ асосан ба инобат гирифтани фикру пешниҳоди котиби ташкилоти комсомолӣ будааст [3].

Аз ҷониби дигар, донишҷӯён баъзан имконияти таъсиргузорӣ ба ҳаёти донишҷӯии худро доштанд. Мумкин аст, ба дараҷаи кофӣ нақши бузурги шӯроҳои донишҷӯёнро дар хобгоҳҳо, дар комиссияҳо оид ба таълим ва оид ба идрорпулӣ ва ғ. дар рушди заминаҳои худидоракунӣ дар дастаҳои сохтмонии донишҷӯён ва дар ҷамъиятҳои варзишӣ махсус қайд кард.Аммо, дар як вақт, донишҷӯёни шӯравӣ аз озодии академӣ маҳрум буданд, яъне наметавонистанд ба унсурҳои мазмуни таҳсилот таъсир расонанд.

Раванди таълим ба стратегияи мақомоти давлатӣ, ки роҳбарии таҳсилоти олиро амалӣ ва барномаҳои намунавию нақшаҳои таълимии муайянсозандаи мазмуни раванди омӯзишро ба таври амалӣ то дараҷаи машғулиятҳои амалӣ ва лексияҳо тасдиқ мекарданд, сахт вобастагӣ дошт. Иштирок дар лексия вазифаи донишҷӯ буд. Ҳуқуқ ба иштироки озодро танҳо гурӯҳи «интихобиён», амсоли фаъолони иттифоқи касаба ва комсомол, варзишгарони номдор ва ғ. соҳиб буданд [5].

Мақсад ва роҳу равиши идеологии таҳсилот дар ҷумҳурӣ дар тамоми санадҳои давлативу ҳизбӣ – қарорҳои КМ ҲКИШ ва анҷуманҳои ҳизб, Конститутсия, қонунгузории соҳаи маориф ва ғ. инъикос шуда буд.Тамоми санадҳои нобаршуда ва ҳуҷҷатҳои дигари ба онҳо монанд муқаррарот оид ба «омодасозии мутахассисони ихтисосманд, ки назрияи марксистӣ-ленинро аз худ кардаанд» ва «тарбияи шуурнокии коммунистӣ ва сифатҳои олии ахлоқӣ»-ро ҳамчун вазифаи асосии муассисаҳои таҳсилотӣ дар бар гирифта буданд [2].

Барои мактаби тоҷикӣ ин гуна ҳукмфармоии идеологӣ оқибатҳои бениҳоят бадро дар пай дошт. «Ба туфайли он» дар низоми таҳсилоти миёна ва олӣ ихтилофҳои ҷиддӣ гузошта шуданд, содакунӣ ва якмаромсозии раванди дидактикии бо он алоқаманд ба вуқӯъ пайвастанд.Дар натиҷа ширкати мутахассисон, омӯзгорон ва олимон дар

мураттабсозии барномаҳои таълим то ба ҳадди минимум расонида шуда буд. Дар шароити тоталитаризми шӯравӣ даст кашидан аз тағйирпазирӣ (гунанокӣ, қобилияти дар навъҳои мухталиф мавҷуд будан) ва гуногунии ҳаёти фарҳангӣ ба гумшавии шавқу завқ ба омӯзиш, ба илм ва аз байн рафтани соҳаҳои томи илм, ки бешубҳа дурнамои хуб доштанд, боис шуд [10].

**Сведения об авторе:** ***Чи Вен Юан*** **–** Таджикский национальный университет, соискатель. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17

**Information about the author:** ***Chi Wen Yuan*** - Tajik National University, applicant. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17

.

УДК:372.881.116.11 (510)

# ПРОБЛЕМА ЛИНГВИСТИЧЕСКОЙ ИНТЕРФЕРЕНЦИИ ПРИ ИЗУЧЕНИИ РУССКОГО ЯЗЫКА СТУДЕНТАМИ-КИТАЙЦАМИ

*Ма Деу*

**Таджикский национальный университет**

Слово «интерференция» - от латинского (Inter «взаимно», fero «несу»). Первоначально термин употреблялся преимущественно в физике и означал «взаимное усиление или ослабление волн (звуковых, световых, электрических) при их наложении друг на друга (интерференция света, интерференция звука)» (Словарь русского языка, 2012).

В языкознании и методике преподавания русского языка как иностранного термин стал употребляться в конце 50-х годов прошлого столетия и принадлежит ученым Пражского лингвистического кружка. Широкое признание термин интерференция получил лишь после выхода в свет монографии У. Вайнрайха (1953). Он писал: «Те случаи отклонения от норм любого из языков, которые происходят в речи двуязычных в результате того, что они знают больше языков, чем один, то есть вследствие языкового контакта, мы будем называть явлениями интерференции» (1972: 22).

Э. Хауген отмечает, что при интерференции имеются две (или более) различные языковые системы и что «наложение двух систем в процессе речи и приводит к интерференции» (1972: 62).

Понимая под интерференцией отклонения от норм контактирующих языков в речи билингвов вследствие языкового контакта, У.Вайнрайх различает интерференцию в речи и интерференцию в языке. Он пишет: «Интерференция в речи подобна песку, несомому ручьем, в языке же она напоминает осадок из песка, отложившийся на дне озера» (1979: 30).

В лингвистической литературе интерференция определяется как «явление взаимодействия структур и структурных элементов двух языков в процессе общения двуязычного населения» (Дешериев, Протченко 1972: 28) или как «изменение в структуре или элементах структуры одного языка под влиянием другого языка» (Баранникова 1972: 88). В.Ю.Розенцвейг трактует интерференцию как «нарушение билингвом правил соотнесения контактирующих языков, которое проявляется в его речи в отклонении от нормы» (Розенцвейг 1979: 4). При этом под «правилами соотнесения контактирующих языков» В.Ю. Розенцвейг понимает систему соответствий означаемых и означающих этих языков.

Так как интерференция затрагивает все уровни языка, ее определение должно охватить по возможности те изменения, которые происходят в контактирующих языках. Отсюда, под интерференцией следует понимать все изменения в структуре языка или речи, в значениях, свойствах и «поведении» языковых единиц, появляющиеся в результате взаимодействия языковых систем в соприкасающихся языках.

Применение различных критериев при определении интерференции позволяет выделить разные типы, а именно: межъязыковую и внутриязыковую, прямую и косвенную (синонимы - явная и скрытая интерференция), а также уровневую интерференцию (фонетическую, грамматическую и лексико-семантическую).

Явление межъязыковой интерференции имеет дело с переносом уже сложившихся умений и навыков родного языка на умения и навыки изучаемого языка.

Вопросы интерференции рассматривались в работах Поливанова Е.Д., Щербы Л.В., Бернштейна С.И., Булгаковой Т.В., Розенцвейга В.Ю., Исаченко А.В., Уман Л.М., Верещагина Е.М., Блягоза З.У., Буржунова Г.Г., Дешериевой Ю.Ю., Супрун А.Е., Ахунзянова Э.М., Закирьянова К.З., Баранниковой Л.И., Бондарко Л.В., Вербицкой Л.А., Быстровой Е.А., Самойловой Н.И., Агишева Х.Г., Абдуллаева А.А., Нагзибековой М.Б., Гусейновой Т.В., Негматова С.Э., Юлдашева У.Р. и других ученых-лингвистов и методистов.

Так, в трудах Поливанова Е.Д. выдвигается и обосновывается положение о том, что различия в системах русского и родного языков являются основной причиной затруднений и ошибок в изучении русского языка нерусским, что именно эти различия подлежат описанию в первую очередь при создании сопоставительных грамматик (Поливанов 1933). Эту же идею развивает и Исаченко А.В., в работах которого сделаны важные теоретические обобщения по проблемам интерференции в условиях контактирования языков (Исаченко 1960). О специфике морфологической интерференции, в отличие от фонетической, Л.В.Щерба писал: «В области морфологии двуязычность ведет к отображению во всевозможных направлениях и созданию

простой и ясной системы. Все неживые типы элиминируются, так как у носителей нет достаточного языкового опыта для запоминания уклоняющихся форм» (1958: 38).

В.Ю.Розенцвейг совершенно справедливо рассматривает интерференцию как динамический процесс: «На начальном этапе языковых контактов она проявляется в том, что в неродной язык вводятся категории (фонологические, лексические, грамматические), отсутствующие в этом языке. Это явная интерференция, и проявляется она на всех уровнях языка» (1964: 14).

От явной интерференции в речи билингвов – лиц, пользующихся двумя языками, отличается и интерференция скрытая: добиваясь понимания своей речи, говорящее лицо не употребляет единиц словаря и грамматических форм родного языка, замещая их более или менее синонимичными единицами и формами, общими по своей структуре контактирующим языкам. Скрытая интерференция выражается в упрощении языка, обеднении его выразительных возможностей, лишении идиоматичности (Розенцвейг 1964: 15).

Супрун А.Е. характеризует интерференцию с точки зрения психолингвистической. «Психолингвистическое явление интерференции отражает трудности формирования умений и навыков на неродном языке, обусловленные влиянием на них родного языка, вследствие чего происходит "неосознанное использование элементов родного языка при понимании или построении текстов на другом языке» (1977: 8).

Проблема преодоления интерференции в русской речи иностранных студентов требует постоянного внимания. В этом плане большая работа проделана учеными, которые посвятили свои докторские диссертации различным аспектам обучения русскому языку с учетом особенностей родного языка обучаемых и новых достижений в лингвистических и психологических науках.

Так, докторская диссертация З.М.Загирова посвящена научному обоснованию и практической разработке лингводидактических основ преподавания морфологического строя русского языка студентам педвуза с целью интенсивного развития их устной и письменной речи. Автор избрал предметом исследования вопросы теории и практики изучения лексико-грамматических разрядов категориальной системы и типов склонения имени существительного - вопросы, тесно связанные с коммуникативными потребностями обучения.

Ученый справедливо отмечает, что одной из составляющих лингводидактических основ комплексного подхода к обучению русскому языку иностранцев является единство языковой теории и речевой практики (1989). Касаясь вопросов интерференции, он пишет, что студент – иностранец должен знать расхождения в своем родном и русском языках, обусловливающие интерференцию в русской речи учащихся-китайцев (1988: 26).

Лингвометодическим основам обучения синтаксическим связям слов русского языка посвящена докторская диссертация Г.И. Магомедова (1994). Автор рассматривает в данной работе вопросы структурно-типологического анализа синтаксического строя русского и родного языков, обосновывает важность системно-функционального подхода к процессу изучения синтаксиса русского языка, определяет наиболее эффективные пути обучения синтаксическим связям слов на основе учета особенностей родного языка обучаемых.

Совершенно верно, что родной язык может оказать и положительное и отрицательное влияние на усвоение русского языка. Учителю при этом важно знать структурно-типологические сходства и расхождения между обоими языками, чтобы на каждом уровне учитывать влияние транспозиции и интерференции при овладении русским языком.

Неизученность проблемы интерференции в русской речи китайцев, неразработанность преподавания русского языка в китайской аудитории, необходимость создания системы работы по предупреждению и преодолению грамматической интерференции с учетом особенностей родного языка студентов в целях дальнейшего развития двуязычия с русским языком в качестве иностранного языка отличают настоящую статью от других подобных работ.

На основе сопоставительно-типологического анализа русского и китайского языков мы поставили перед собой задачу разработки лингвистических основ обучения русскому языку, выявления типичных и наиболее устойчивых интерференционных ошибок в русской речи студентов-китайцев, установления причин возникновения грамматических ошибок и определения путей предупреждения и преодоления их.

Методические приемы и рекомендации, типология упражнений, разработанные с учетом региональных особенностей родного языка студентов-китайцев будут полезны при их подготовке к межъязыковому общению.

Так, особое внимание требует к себе усвоение темы «Род имен существительных», которая остается одной из наиболее трудных для студентов-китайцев. Это обусловливается

отсутствием категории рода в китайском языке и сложностью его проявления в русском языке, что следует считать основными причинами типичности и устойчивости ошибок в согласовании слов.

В русском языке распределение по родам большинства существительных производится по их морфологическим признакам - окончаниям именительного падежа. Поскольку категория рода - это морфологическая категория, основным средством выражения родовых различий являются собственно-морфологические средства - окончания, которые с трудом воспринимаются студентами китайской аудитории.

Другой сложной темой является категория падежа. Категория падежа в русском языке выполняет синтаксическую функцию. Кроме того, она является словоизменительной категорией. По точному определению В.В.Виноградова, «падеж - это форма имени, выражающая его отношение к другим словам в речи» (1986: 143).

Если рассмотреть значения падежей русского языка, то в основном они выражают различные пространственные, временные, притяжательные, причинные и целевые отношения. Поэтому, описывая категорию падежа в монолингвальном аспекте, нужно усвоить основные, обобщающие значения русских падежей.

Следует отметить и то, что обладая сложной системой грамматических категорий времени, наклонения, числа, рода, вида в русском языке, глагол в китайском языке существенно отличается от русского глагола. Хотя в синтаксическом отношении глаголы в обоих языках большей частью выполняет одну и ту же функцию - функцию сказуемого.

Известно, что категория времени в русском языке находится в неразрывной связи с категорией вида. Видо-временные формы в русском и китайском языках почти не совпадают. Более того, в современном русском языке существуют формы трех времен, из которых глаголы несовершенного вида имеют все три времени, а глаголы совершенного - только формы прошедшего и будущего простого времен. Глагол же в китайском языке обладает сложной системой временных форм, не характерной для русского языка.

Категория вида характерна только для русского языка. Отсюда практическое усвоение и правильное употребление видов русского глагола студентами китайской аудитории связано с большими трудностями. Объясняется это, прежде всего, существенными различиями в семантике и образовании видов в русском и китайском языках.

В русском языке глаголы совершенного вида образуются при помощи приставок и суффиксов от глаголов несовершенного вида: читать - прочитать, писать – написать. Они также образуются путем чередования гласных звуков: умереть - умирать; перемещения ударения: вырезать - вырезать; путем супплетивизации: брать - взять, ловить - поймать и пр.

Таким образом, между грамматическими классами русского и китайского языков имеются существенные различия. Они и служат основной причиной возникновения грамматической интерференции в русской речи студентов – китайцев.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Вайнрайх У. Языковые контакты / У. Вайнрайх. - Киев, 1979.
2. Виноградов В.В. Русский язык (грамматическое учение о слове) / В.В. Виноградов. - М., 1972.
3. Дешериев Ю.Д. Ступени развития двуязычия / Ю.Д. Дешериев // Развитие национально-русского двуязычия. - М., 1976.
4. Загиров З.М. Некоторые вопросы сопоставительной морфологии русского и дагестанских языков / З.М. Загиров. - Махачкала, 1982.
5. Исаченко А.В. Грамматический строй русского языка в сопоставлении со словацким / А.В. Исаченко. - Братислава, 1960.
6. Магомедов Г.И. Учет особенностей родных языков в процессе обучения русскому языку / Г.И. Магомедов. - Махачкала, 1990.
7. Поливанов Е.Д. Русская грамматика в сопоставлении с узбекским языком / Е.Д. Поливанов. - Ташкент, 1933.
8. Розенцвейг В.Ю. Языковые контакты и преподавание языков / В.Ю. Розенцвейг // Рус. яз. в нац. школе. - 1964. - № 4.
9. Супрун А.Е. О психолингвистической характеристике интерференции / А.Е. Супрун // Вопросы преподавания русского языка в школе с белорусским языком обучения, - Минск, 1977.
10. Хауген Э. Языковой контакт / Э. Хауген // Новое в лингвистике. - Вып. VI, - М., 1972.
11. Щерба Л.В. Преподавание иностранных языков / Л.В. Щерба. - М., 1947.


**МАСЪАЛАИ ТАҲҚИҚИ ИНТЕРФЕРЕНСИЯИ ЛИНГВИСТӢ ДАР ҶАРАЁНИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ РУСӢ АЗ ҶОНИБИ МУҲАССИЛИНИ ЧИНИЗАБОН**


Дар мақолаи мазкур масъалаи таҳқиқи интерференсия дар ҷараёни омӯзиши забони русӣ аз ҷониби муҳассилини чинизабон ба маърази муҳокима гузошта шудааст. Зикр мегардад, ки интерференсия ҳамчун ҳодисаи таъсири манфӣ расонидани забони модарӣ ҳангоми омӯзиши забони ғайримодарӣ ба мушоҳида мерасад, ки аз ҳодисаи маъмули ташаккули дузабонӣ ва бисёрзабонӣ мебошад. Аз ин бармеояд, ки зери

ҳодисаи интерференсия ҳама гуна тағйироти дар сохтори забон ва ҷараёни гуфтор баамалмеомада дар назар аст ва он таъсири ногувори хешро дар раванди баёни фикр, ҷумласозӣ ва сухангӯйӣ мегузорад, ки аз мавҷудияти ихтилофоти лингвистии забонҳои гуногун шаҳодат медиҳад. Ба андешаи муаллифи мақола, истифодаи меъёрҳои гуногуни муайян намудани табиати интерференсия имкон медиҳад, ки намуд ва хелҳои мухталифи он муайян карда шаванд. Аз ҷумла, интерференсияи байнизабонӣ ва дохилизабонӣ, интерференсияи кушод ва ниҳон, интерференсияи дараҷавӣ (фонетикӣ, грамматикӣ, лексикӣ-семантикӣ). Дар робита бо масъалаи интерференсия муҳассилини чинизабон фарқияти байни забони модарии хеш ва забони омӯхташавандаро (забони русӣ) хуб бояд дарк кунанд, зеро ба миён омадани ҳама гуна ҳолати нодурустии мантиқи гуфтор маҳз тавассути зуҳур ёфтани интерференсияи забонӣ ба миён меояд. Дар заминаи таҳлили муқоисавӣ-типологии забонҳои русӣ ва чинӣ зарурияти коркард ва таҳияи асосҳои лингвистии таълими забони русӣ, аниқ намудани хатоҳои хоси интерференсионӣ дар нутқи русии муҳассилини чинизабон, муайян кардани сабабҳои пайдоиши хатоҳои грамматикӣ ва гирифтани пеши роҳи интерференсия зарур шуморида мешавад.

**Калидвожаҳо:** интерференсия, забони русӣ, забони хитойӣ, сарфу наҳв, таъсиррасонӣ, забони модарӣ, донишҷӯй, омӯзиш, бартарафсозӣ, пешгирӣ, хатогӣ.

## ПРОБЛЕМА ЛИНГВИСТИЧЕСКОЙ ИНТЕРФЕРЕНЦИИ ПРИ ИЗУЧЕНИИ РУССКОГО ЯЗЫКА СТУДЕНТАМИ-КИТАЙЦАМИ

В настоящей статье автор затрагивает проблему лингвистической интерференции при изучении русского языка студентами-китайцами. Отмечается, что интерференция определяется как явление взаимодействия структур и структурных элементов двух языков в процессе общения двуязычного населения или как изменение в структуре или элементах структуры одного языка под влиянием другого языка. Это говорит о том, что под интерференцией следует понимать все изменения в структуре языка или речи, в значениях, свойствах и «поведении» языковых единиц, появляющиеся в результате взаимодействия языковых систем в соприкасающихся языках. По мнению автора, применение различных критериев при определении интерференции позволяет выделить разные типы, а именно: межъязыковую и внутриязыковую, прямую и косвенную (синонимы - явная и скрытая интерференция), а также уровневую интерференцию (фонетическую, грамматическую и лексико-семантическую). Касаясь вопросов интерференции, студент–китаец должен знать расхождения в своем родном и русском языках, обусловливающие интерференцию в своей русской речи. На основе сопоставительно-типологического анализа русского и китайского языков следует решить задачу разработки лингвистических основ обучения русскому языку, выявления типичных и наиболее устойчивых интерференционных ошибок в русской речи студентов-китайцев, установления причин возникновения грамматических ошибок и определения путей предупреждения и преодоления их.

**Ключевые слова**: интерференция, русский язык, китайский язык, грамматика, влияние, родной язык, студент, изучение, преодоление, предупреждение, ошибка.

## THE PROBLEM OF LINGUISTIC INTERFERENCE IN THE STUDY OF CHINESE STUDENTS IN THE STUDY OF THE RUSSIAN LANGUAGE

In this article, the author addresses the problem of linguistic interference in the study of the Russian language by Chinese students. It is noted that interference is defined as the phenomenon of interaction of structures and structural elements of two languages in the process of communication of a bilingual population or as a change in the structure or structure elements of one language under the influence of another language. This suggests that interference should be understood as all changes in the structure of a language or speech, in the meanings, properties and "behavior" of language units that appear as a result of the interaction of language systems in adjoining languages. According to the author, the application of various criteria in determining interference allows us to distinguish different types, namely: interlanguage and intralingual, direct and indirect (synonyms - explicit and hidden interference), as well as level interference (phonetic, grammatical and lexical-semantic). Regarding the issues of interference, a Chinese student should know the discrepancies in his native and Russian languages, which determine the interference in his Russian speech. Based on a comparative typological analysis of the Russian and Chinese languages, it is necessary to solve the problem of developing the linguistic foundations of teaching the Russian language, identifying the typical and most stable interference errors in the Chinese language of Chinese students, identifying the causes of grammatical errors and identifying ways to prevent and overcome them.

**Keywords:** interference, Russian, Chinese, grammar, influence, mother tongue, student, study, overcoming, warning, error.

**Сведения об авторе:** ***Ма Деу*** **–** Таджикский национальный университет, соискатель. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17

**Information about the author:** ***Ma Deu*** - Tajik National University, applicant. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17

УДК: 372.87.0 (575.3)

# ХУСУСИЯТҲОИ ИНКИШОФУ ПАЙДОИШИ САНЪАТИ ТАСВИРӢ ВА ТАШАККУЛИ МЕТОДҲОИ ТАЪЛИМИИ ОН ДАР ДАВРАҲОИ ГУНОГУН

*Норов Ф.Ф.*

**Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Методикаи таълими санъати тасвирӣ, пеш аз ҳама, ба маълумотҳои илмии педогогика, равоншиносӣ, санъатшиносӣ, эстетика ва фалсафа асоснок кунонида шудааст. Методҳои таълим дар давоми ҳазорсолаҳо пайдо шуда, дар тӯли қарнҳо мазмуну мундариҷаи хоссаро пайдо кардааст ва ҳамчун илм таҷрибаи амалиро ба таври назариявӣ умумият медиҳад. Мақсади он дуруст ба роҳ мондани услубҳои самараноку афзалиятноки раванди таълим ва татбиқи он мебошад.

Санъати тасвирӣ ҷодаест, ки ба инкишофи рӯҳиву равонии инсон мусоидат карда, ҳамчун фаъолияти алоҳида дар мавриди дарки бадеияти олами ҳастӣ равона мегардад. Санъати тасвирӣ як намуд шуури ҷамъияти ва яке аз шаклҳои махсуси фаъолияти инсонӣ буда, таҷассумгари омилҳои бадеӣ мебошад. Дар асоси омилҳои бадеӣ рассом асар эҷод мекунад. Асари офаридаи рассом фаъолияти бадеӣ буда, ба афкору эҳсоси бинанда таъсир мерасонад ва дарку тафсири олами бадеиро инкишоф дода, ҳаёти маънавии моро бою рангин мегардонад.

Дигаргуниҳои куллӣ дар ҷамъият бе иштироки санъат ба вуҷуд омада наметавонанд, зеро санъат шуури олии эстетикӣ мебошад, ки роҳу воситаҳои ҷустуҷӯи фаҳмишҳои маънавиву ахлоқӣ ва равонии ҷомеаро таъмин менамояд. Санъати тасвирӣ воситаи муҳим дар муносибати одаму олам буда, пеш аз ҳама, маданияти ин ё он халқиятро дар давраҳои гуногун таҷассум менамояд. Бояд қайд кард, ки санъати тасвирӣ панҷ шохаи асосӣ дорад, ки ҳар яки он дар худ боз намуду равия ва жанрҳои гуногун доранд. Шохаҳои асосии санъати тасвирӣ ин мусаввирӣ, муҷассамасозӣ, меъморӣ, санъати ороиши амалӣ ва графика ба ҳисоб мереванд.

Маҳорати тасвир кардани ашёҳо барои инсон дар ҳама давру замон муҳим арзёбӣ мегардид. Умуман, ахбороти графикӣ ба яке аз воситаҳои асосии муошират дар ҷомеа мубаддал гаштааст, ки пешравии ҳама намуди фаъолияти инсонӣ бе истифодаи расму нақшаҳо ғайриимкон аст.

Илми санъати тасвирӣ ҳоло ба дараҷаи муайян инкишоф наёфтааст ва дар ин ҷода корҳои илмиву таҳқиқотӣ кам баназар мерасанд. Аз ин ҷиҳат донистани таърих ва услубҳои таълими соҳаи мазкур имконият медиҳад, ки доир ба пешравиву комёбиҳои он назари муайян дошта бошем, зеро таърихи ҳар як соҳа ганҷинаест, ки мероси илмиву мадании онро инъикос менамояд.

Аз давраи пайдоиш то ҳол, инсон ҳамеша дар кӯшишу ҷустуҷӯи муошират қарор дорад ва ин имкониятро малакаи расмкашӣ ҳамчун заминаи асосӣ ба миён овард. Тараққӣ додани маҳорату малакаи расмкаширо инсоният аз давраҳои қадим оғоз карда буд. Дар ин ҷода одамони ибтидоӣба муваффақиятҳои баланд ноил гардиданд. Санъати давраи ибтидоӣ аз пайдо шудани одами бошуур (Homosapiens) то пайдоиши синфҳоро дар ҷомеа дар бар мегирад. Санъати ибтидоӣ дар давоми ҳазорсолаҳо инкишоф ёфта, якчанд марҳилаҳои қадимии асри санг, тақрибан аз 35-то 10-ҳазор сол пеш аз милодро дар бар мегирад, ки ба давраҳои полеолит, мезолит ва неолит рост меояд.

Расмҳое, ки одамони қадим дар рӯйи тахтасангҳову деворҳои ғорҳо тасвир мекарданд, намунаи беҳамто ва мероси гаронбаҳои таърихи санъат ба шумор рафта, доир ба тасаввуроту тахайюлоти одамони ибтидоӣ нисбати олами ҳастӣ маълумот медиҳанд. Мазмуни асосии расмҳоро саҳнаи шикор, нақши ҳайвонҳои ваҳшӣва дигар ашёҳо, ки диққати онҳоро бештар ба худ ҷалб месохт, ба таври сода ва тахминӣ аз рӯи тасаввурот эҷод карда мешуд. Таҷрибаи тасвири расму нақшҳоро дар давоми ҳазорсолаҳо инсон аз худ кардааст. Расмҳои қадимаи боқимонда, ки дар девору шифти дохили ғорҳои Алтамир, Комбрел, Лес-Эйзии Испониё ва ноҳияҳои кӯҳии биёбони Саҳрои Кабир дарёфт шудаанд, аз маҳорати ғайриодии эҷодиёти инсони ибтидоӣ шаҳодат медиҳанд.

Бозёфтҳои бостоншиносие, ки соли 1879 дар ғори Алтамир-шимоли Испониё дарёфт шудаанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки баъд аз тоза кардани даромадгоҳи ғор, ки солҳои зиёд аз сабаби фаромадани санг маҳкам буд, бисёр расмҳои рангаи ҳайвонот пайдо гардидаанд. Дарозии ғор зиёда аз 280 метрро ташкил дода, дар девору шифти он расми говмешҳо, оҳу, аспу хуки ваҳшӣ ва ғайраҳо мавҷуданд, ки дарозии онҳо баъзан 2,2-метрро ташкил дода, дарҳолати хуб боқӣ мондаанд ва ба давраи полеолит тааллуқ доранд [1, 15-17].

Аз рӯйи маълумотҳои таърихӣ қайд кардан ҷоиз аст, ки аксари тасвирҳои одамони ибтидоӣ хусусияти соҳирона ва маросимӣ дошта, дар навбати худ, як воситаи расонидани фикр ба ҳисоб мерафтанд. Ва онҳо ба як воситаи муҳимми алоқа барои расонидани ахбороти гуногун мубаддал гаштанд. Аз рӯйи мушоҳидаҳо ва тақлид ба ҳақиқати муҳити атроф одами ибтидоӣ маҳорати расмкаширо пайдо кард. Яке аз расмҳое, ки дар ғори Алтамир мавҷуд аст, таърихи 20-ҳазорсола дорад, ин нақши говмеш мебошад, ки бисёр бо маҳорати баланд рангубор шудааст.

Дар ҷойҳое, ки бозёфтҳои наққошӣ мавҷуд буданд, макони парастишу ибодат ба ҳисоб рафта, асосан барои гузаронидани маросимҳои соҳирона хизмат мекарданд, ки ҳамаи он наққошиҳо бевосита бо шикор ва ҳаёти одамони ибтидоӣ алоқаманд буданд.

Санъати ибтидоӣ хусусиятҳои динӣ низ дорад, зеро ҳангоми тасвири ҳайвонот ҳамчун объекти шикор, одами давраи полеолит мехост онро ба худ тобеъ созад ва ҳамин тавр ба барор гирифтани шикор умед мебаст.

Дар давраи полеолит диққати рассоми қадимиро бештар ҳайвонҳои шикоршаванда ва саҳнаи шикор ба худ ҷалб мекард, ҷаҳонбиниву назари одамон дар давраи мезолит дигаргун мешавад. Давраи мезолит ҳазораи 12-18 уми пеш аз милодро дар бар мегирад, дар ин давра таваҷҷуҳи одамон бештар ба ҳамқабилаҳои худ равона карда мешавад. Тасвири инсон мақоми хос пайдо мекунад, сужаи наққошиҳо тасвири гурӯҳи одамон ҳангоми шикор ва саҳнаҳои муҳорибаро ташкил медод.

Малакаи рассомӣ асосан, дар давраи неолит марҳилаи охирини асри санг, ки бо хусусиятҳои гузаштани инсон аз шикор,ба кишоварзиву чорводорӣ нигаронида мешавад, аҳаммияти муҳим касб мекунад. Дар он вақт санъат хусусияти ҳунармандиву истеҳсолиро пайдо кард. Яке аз давраҳои нави асри санг ин давраи неолит ба ҳисоб меравад, ки онро давраи бедоршавии фикр меноманд, ин давра 3-5-ҳазор сол пеш аз милодро дар бар мегирад. Дар ин давра инсон сӯзонидани гилро азхуд кард, масолеҳеро офарид, ки то кунун дар табиат мавҷуд набуд. Тайёр намудани ашёҳои кулолӣ аҳаммияти муҳим дошта, васеъ паҳн гардида буд, аз ин сабаб неолитро баъзан асри сафолӣ меноманд. Ба ҳунари кулолгарӣ талабот зиёд гашта, барои ороиши зарфҳои кулолӣ зарурияти мукаммал шудани малакаи расмкашӣ пайдо шуд. Аз ин лиҳоз аввалин методҳои омӯзишии расмкашӣ ба миён омаданд [1, с. 22-25].

Ба вуҷуд омадани ақидаҳои нав дар давраи биринҷӣ аз инкишофи меъморӣ, инчунин рушди босуботи рехтагарии фулузот, оҳангарӣ ва ба роҳ мондани санъати ороишиву амалӣ сарчашма мегирад. Аввалин фулузотҳое, ки инсон истифода кард, тилло, мис ва нуқра ба ҳисоб мерафтанд. Аммо барои тайёр кардани олоти меҳнат истифодаи онҳо ғайриимкон буд, дар натиҷа истеҳсоли фулузоти биринҷӣ ба роҳ монда шуд, ки аз омехтаи мис ва қалъагӣ тайёр мешуд, ҳамин тавр давраи биринҷӣ ба миён омад. Дар муддати кӯтоҳ ҳама нозукиҳои коркарди фулузот, ба монанди сикказанӣ, ҳотамкорӣ, ҳаккокӣ ва услубҳои рехтагарии онҳо аз худ карда шуда, ба воситаи ин услубҳо ашёҳои биринҷӣ бо нақшу нигор рӯйпӯш мегардиданд.

Марҳилаи охирини давраи ибтидоӣба ҳазорсолаи якуми пеш аз милод рост меояд, ин марҳиларо давраи оҳан ном мебаранд. Дар аввали ин давра, одамон масолеҳи мустаҳкамеро истеҳсол карданд, ки он ҳам пӯлод,(оҳан) мебошад. Бо истеҳсол шудани олоти пӯлодӣ ашёҳои сангин ва қисман биринҷӣ аз байн рафтанд.

Мисри қадим чун саргаҳи тамаддуни санъати инсоният аз худ як ҷаҳон намунаи мусаввараҳову иншоотҳои меъмории гаронбаҳоро боқӣ гузоштааст ва он як мероси бузурги маданияту санъати олам ба ҳисоб меравад. Новобаста аз он, ки Мисри қадим таърихи панҷҳазорсола дорад, то давраи мо бисёр иншоотҳои диниву маъмурӣ, мусаввараҳои пурмазмун, ашёҳои санъати ороишиву амалӣ, ҳайкалҳову расмҳое, ки дар растании бардӣ (папирус) иҷро шуда буданд, дар ҳолати хуб омада расидаанд. Дар Мисри қадим ба санъати тасвирӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мекарданд ва расмкашӣ аввалин маротиба дар барномаи омӯзишии фанҳои муассисавӣ ворид карда шуд. Ҳамин тавр, дар Мисри қадим метод ва системаи ягонаи омӯзиш ба миён омад. Методикаи таълими онҳо худ ба худ ва озод набуд, балки аз воқеа ба воқеа, бо риояи қонунҳои ягонаи шадид асоснок кунонида шуда буд, ки нисбати онҳо ҳама меъёрҳоро ба ҷо овардан шарт ва зарур буд. Азхудкунии барнома бо омӯзиши маводи муайян сурат нагирифта, аз рӯйи қоидаву қонунҳои муайян гузаронида мешуд. Пеш аз ҳама, диққати рассомонро тасвири инсон ба худ ҷалб мекунад. Доир ба тасвири андоми инсон рассомони Мисри қадим ҷадвали муайяни қонуниятҳои таносуби андоми инсонро коркард карданд, ки бо дақиқии математикӣ муайян шуда буд. Бояд қайд кард, ки андоми фиръавнҳо назар ба тасвири одамони одӣ се маротиб калон тасвир мешуд. Инсонро бештар дар намуди ҳамвор, бо услуби намуд аз чап ва намуд аз пеш, тасвир мекарданд. Дар расмҳо ҳаҷм нишон дода

намешуд ва суроби тасвири мард бо ранги сиёҳ, занона бошад, бо ранги сурх рӯйпӯш мегардид.

Дар давраи ғуломдорӣ сохтмони босуръати шаҳрҳо, ибодатхонаҳо ва қасрҳо ба миён меоянд, дар натиҷа, талабот ба мутахассисони касбӣ ва рассомон зиёд мешавад. Барои тайёр кардани мусаввирон, меъморону ҳайкалтарошон зарурият ба амал меояд, ки ба таҷдиди мактабҳои касбӣ ва тайёр кардани мутахассисони соҳа, таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда мешавад. Мактаби асосии дарборӣ дар шоҳигарии қадим барои тайёр кардани меъморону ҳайкалтарошон мактаби Мемфис буд, ки он як маркази бадеии он давра ба ҳисоб мерафт. Дар Мисри қадим ҳатто донишгоҳ барои рассомон мавҷуд буд ва ҷавононе, ки ба омӯзиши соҳаи мусаввириву ҳайкалтарошӣ ва санъати сохтмон завқ доштанд, ин ҷо таҳсил карда, метавонистанд ба худ роҳбар интихоб кунанд [3, с. 15-19].

Ҳамин тавр, аввалин маротиба дар таърихи инкишофи фарҳанги инсонӣ мисриён тавонистанд, қисми назариявии санъати тасвириро бо амалии он асоснок кунонида, қоидаву усулҳои таълими расмкаширо ба роҳ монанд. Инчунин, дар Мисри қадим якумин навиштаҷоти педогогии донишмандон ба иншо расиданд.

Масъалаи таълиму тарбия дар Юнони қадим ақидаву назари нав пайдо мекунад. Баъд аз омӯхтани услубу қонуниятҳои санъати мисриён, юнониҳо ба услуби таълими санъати тасвирӣ дигаргунии куллӣ ворид карданд. Онҳо таъкид мекарданд, ки дар олам қонуниятҳои ягонае вуҷуд доранд ва ҷавҳари зебоӣ дар тартиби мутаносибӣ ва ҳамоҳангии умумӣ қарор дошта, аз муносибатҳои амиқи математикӣ таркиб ёфтааст. Барои юнониҳо ҳаёти заминӣ муқаддас ва ширин ҳисобида мешуд, чунончи дар мисри қадим, ақидаи дигар доштанд. Санъати Юнони қадим ин ҳақиқатнигорӣ буд ва юнониҳо симоеро таҷассум мекарданд, ки аз шакли табиӣ ягон тафовут надошта бошад. Рассом, педагог Поликлет роҳҳои нави мутаносибии андоми инсонро аввалин маротиба дар таърихи санъати тасвирӣ ба роҳ монда, дар ин ҷода бисёр асарҳо иншо кардааст. Педогоги юнонӣ Палигнот дар Афина маҳфили рассомиро ташкил карда, фаъолияти педогогии худро пеш мебурд. Ӯ рассоми моҳир буда, маданияти расмкашии хаттиро тараққӣ дод. Таъсири Полигнот ба рассомон бузург буда, пайравону шогирдони зиёд дошт. Яке аз чеҳраҳои маъруфи ин давра Аполлодори Афинагӣ мебошад, ки дар асри V-уми пеш аз милод умр ба сар бурдааст, ӯ аввалин маротиба дар техникаи мусаввирӣ омехтакунии рангҳоро ба роҳ монда, ҳаҷмнокии ҷисмҳоро дар расм ба воситаи ранг нишон дод.

Дар асри IV-и пеш аз милод дар Юнон муассисаҳои гуногуни рассомӣ мавҷуд буданд. Масалан, мактабҳои Эфес, Фиван, Сикион, ки бештар машҳур буданд. Ба расмкашӣ асоси илмӣ дода шуда буд ва он фанни асосӣ ба ҳисоб рафта, ҳамарӯза таълим дода мешуд. Маъруфтарин чеҳраҳои мактаби Сикионӣ Памфил мебошад, ки ба расмкашӣ диққати махсус дода, барои онро ворид кардан дар муассисаҳои таълимии Юнон саҳми босазо гузоштааст. Памфил назарияшиноси барҷастаи санъат буд, алалхусус,ба ҳар як нуқтаи санъати тасвирӣ диққати асосноки илмӣ зоҳир мекард. Ӯ дӯстдори математика буд, дар илми ҳандаса низ бисёр кор карда, чунин мешуморид, ки ҳандаса ба инкишофи тасаввуроти фазои мусоидат мекунад ва раванди сохтани расмро дар ҳамворӣ осон мегардонад. Омӯзиш дар муассисаи Памфил 12 солро ташкил дода, раванди таълим аз рӯйи асосҳои илмӣ гузаронида мешуд [1, с. 31-35].

Методикаи омӯзиши санъати тасвирӣ дар Юнони қадим дуруст ба роҳ монда шуда буд ва дар асоси мушоҳидаҳои табиат, яъне тасвир аз асл мавқеи муайян пайдо кард. Расмкашӣ, алалхусус дар рӯйи (папирус) гиёҳи бардӣ инчунин дар девору зарфҳои сафолӣ моҳирона иҷро карда мешуд. Дар муассисаҳо барои шогирдон ва корҳои омӯзишӣ тахтачаҳоеро аз дарахти бук тайёр мекарданд, ки дар рӯйи он расм иҷро мешуд. Масолеҳи барои расмкашӣ истифодашаванда асосан ангиштсанг, мӯйқалам, меҳвари расмкашӣ, рангҳои табиӣ ва ғайраҳо истифода мешуданд.

Санъати тасвирии дунёи антиқа пур аз методҳову асосҳои ба роҳ мондани тасвир ва роҳҳои нави таҷдиду такмили он мебошад. Ба шарофати Памфил расмкашӣ ҳамчун фанни аҳаммияти умумӣ дошта шинохта шуд, онро дар тамоми муассисаҳои Юнон ворид сохтанд. Аввалин маротиба дар таърихи инкишофи расмкашии омӯзишӣ сохтани (перспектива) дурнамои расм ва муайян кардани соя ва равшанӣ дар амалия истифода шуданд, ки ин ба санъати асили ҳақиқатнигорӣ замина гузошт. Дар асри IV-и пеш аз милод санъати Юнон ба авҷи камолоти худ расид.

Давраи Эҳё марҳилаи наверо дар таърихи санъати тасвирӣ ва методҳои таълими он оғоз карда, алоқаро байни илм ва санъат барқарор мекунад. Пеш аз ҳама, дар ин марҳила ҳаракатҳо барои эҳё кардани санъати ҳақиқатнигорӣ, тарзи дурусти инъикоси ҳақиқат ва бедор шудани шавқу ҳавас баҳри донишҳои илмиву кашфи қонуниятҳои табиат равона

карда мешаванд. Дар замони Эҳё нисбат ба расмкашӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир гардида, онро асоси ҳама намудҳои санъат мешумориданд.

Доир ба муаммоҳои расмкашӣ устоҳои мумтози санъати тасвирӣ кор мекунанд. Барои эҳё кардани маданияти антиқа онҳо ёдгориҳои он давраро ҷамъ карда, таҳқиқотҳо мегузаронанд. Рассомон мусаннафоти худро аз рӯйи дастовардҳои илми ташреҳ, математика ва оптика пешниҳод менамуданд. Омӯзиш оид ба мутаносибӣ, дурнамо (перспектива), илми ташреҳ (анатомияи пластикӣ) дар маркази диққати назариядонҳо ва таҷрибакорони санъат қарор мегирад. Яке аз чеҳраҳои маъруфи ин давра муаллифи «Рисолаи мусаввирӣ» Ченнино Ченнини мебошад. Ба гуфти ӯ, асоси раванди расмкашӣ бояд аз рӯйи асл гузаронида шавад. Китоби ӯ роҳнамое аст барои рассомон, ки то ҳол аз он чун ҳуҷҷати таърихии гузариш аз асрҳои миёна ба давраи Эҳё истифода мешавад. Ченнини барои роҳнамоии педогог ва заҳмати ҳамарӯзаи шогирдон диққати махсус медод. Дастурҳои методии ӯ доир ба расмкашӣ ва композитсия дар қоғазҳои ранга барои гузаштан ба марҳилаи мусаввирӣ хеле муҳим арзёбӣ мегарданд.

Мусаннафоти илмии «Се китоб оид ба мусаввирӣ» ба рассом ва меъмори флоренсиягӣ Леон Батист Албертитаалуқ дорад. Китоби ӯ яке аз беҳтарин намунаи маълумоти назариявии расмкашӣ дар давраи Эҳё ба шумор меравад, ки доир ба бандубасти расм дар ҳамворӣ пурра маълумот медиҳад. Мусаннафоти илмии Алберти арзиши зиёди педагогӣ доранд. Дар рисолаи худ ӯ як қатор дастурҳои методиро доир ба омӯзиши расмкашӣ пешниҳод мекунад. Алберти асосҳои дидактикӣ ва тартиби муайяни омӯзишро, ки аз сода ба мураккаб мегузарад, баён кардааст. Ба илми ташреҳ аҳаммияти хосса зоҳир карда, яке аз методҳои таълими расмкаширо дар услуби аёнӣ нишон додани ашёҳо вобаста мекард. Аллома ва мутафаккири барҷастаи итолиёвӣ Леонардо да Винчи рассом, ҳайкалсоз ва математики бузурги замони Эҳё, ҳамчун рамзи имкониятҳои беохири шуури инсонӣ шинохта шуда, ӯро баъзан асосгузори мусаввирӣ низ мегӯянд, ки доир ба пешравии намудҳои гуногуни илм ва санъати тасвирӣ фаъолият бурдааст. Баъзе қисматҳои расмкашии омӯзиширо нисбат ба Алберти Леонардо ба таври чуқур ва ҷиддӣ муайян месозад. Ӯ таъкид мекунад, ки тасвирро бояд аз умум оғоз кард, на аз қисмҳои ҷудогона ва асоси методикаи омӯзиши расмкашӣ бояд аз рӯйи намунаи асл фаро гирифта шавад. Леонардо бештар ба омӯзиши ҷиҳатҳои илмии санъат диққат медод, яъне аввал назарияро аз худ карда, баъд ба таҷриба гузаштан лозим аст. Доир ба тасвири ашёҳо аз асл ва хотир ба таври шавқовар ба роҳ мондани раванди таълим ӯ бисёр дастурҳои методӣ иншо кардааст. Хосатан ба тасвири андоми инсон диққати махсус зоҳир карда, оиди қонуниятҳои мутаносибии қисмҳои бадани инсон таҳқиқотҳо гузаронидааст [4, с. 41-44].

Қайд кардан ҷоиз аст, ки рассомони давраи Эҳё нисбат ба муаммоҳои дидактикии санъат камтар таваҷҷуҳ зоҳир мекарданд, ҳаллӣ ин масъалаи муҳимро баъдтар акдемияҳои рассомии як қатор давлатҳои Ғарб дар асри XVI дида баромадаанд.

Дар охири асри XVI дар Аврупои Ғарбӣ равияҳои нав дар соҳаи омӯзиши рассомӣ ва тарбияи зебопарастӣ, инчунин ба роҳ мондани шартҳои педогогӣ ба миён меоянд. Хусусиятҳои асосии ин давра, дар он зоҳир мегардид, ки ба ташаккулёбии муассисаҳои махсус, аз он ҷумла академияҳо ва мактабҳои рассомӣ мусоидат кард.

Педогоги бузурги чехӣ Ян Амос Коменский дар китоби худ «Дидактикаи бузург» фикреро доир ба манфиати расмкашӣ чун фанни аҳаммияти умумидошта иброз кардааст. Коменский қайд мекард, ки нақши роҳбарикунадаи устод дар раванди таълим муҳим буда, устод уҳдадор аст, ки аз болои шогирдон назорат бурда, хатогиҳои онҳоро ислоҳ намояд. Хатогиҳоеро, ки дар раванди расмкашӣ шогирдон содир менамоянд, бояд аз тарафи устод ба тариқи фаҳмондадиҳӣ ислоҳ ва маънидод карда шаванд. Махсусан, ақидаҳои Коменский дар зарурати омӯхтани методҳои таълим ва шартҳои дидактикии санъати тасвирӣ муҳим арзёбӣ мегарданд.

Иоганн Волфганг фон Гёте яке аз асосгузорони адабиёти немис, олими барҷаста, ки назарияи рангшиносиро коркард кардааст, бисёр ақидаҳои пурарзишро нисбати расмкашӣ ва методикаи таълими он баён кардааст.

Гёте қайд мекард, ки дар раванди азхудкунии расмкашӣ бояд ба асосҳои илмии ҳақиқати асл такя кард, зеро нусхабардорӣ аз рӯйи намунаҳо рассомро на ба шахси эҷодкор, балки ба косиби одӣ мубаддал месозад.

Дар асрҳои XVIII-XIX дар Аврупо шумораи зиёди дастурҳои методӣ ва китобҳои тахассусӣ ба чоп мерасанд, дар ин маводҳо услубҳои гуногуни санъати тасвирӣ методҳои асосии омӯзиш ва расмҳо дар намуди аёнӣ нишон дода шуда буданд.

Дар нимаи дуюми асри XIX ба методикаи таълими санъати тасвирӣ на танҳо рассомон, балки санъатшиносон, равоншиносон ва табибон таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд. Пеш аз ҳама, барои муайян кардани услубҳои самарабахши таълим, дар байни хонандагон бо

истифода аз моделҳо ва лавозимотҳои аёнӣ, мушоҳида ва таҷрибаҳо гузаронида мешаванд. Байни методистон баҳсҳои зиёд ба амал омада, дар охири асри XIX мутахассисони соҳаи расмкашӣ дар муассисаҳои умумӣ ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд, ки яке тарафдорони методи ҳандасӣ ва дигаре методи табиии омӯзиш буданд. Ба гуфти тарафдорони методи ҳандасӣ асоси ҳамаи ашёҳоро ҷисмҳои ҳандасӣ ташкил медиҳанд ва омӯзиши расмкашӣ дар ин метод ба ҳандаса такя карда, дар саҳеҳият ва дуруст тасвир шудани ашёҳо кумак мерасонад. Намояндагони методи табиӣ иброз медоштанд, ки омӯхтани методи ҳандасӣ хусусиятҳои синнусолиро ба инобат намегирад ва дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ хос набуда, он бояд дар муассисаҳои касбии рассомӣ таълим дода шавад.

Тарафдорони методи табиӣ қайд мекарданд, ки хонанда чӣ хеле ашёро мебинад, бояд аз рӯйи маҳорати худ онро тасвир кунад ва устод набояд ба ин кор дахолат кунад, хонанда оҳиста-оҳиста мустақилона дар фаҳмиши шаклу ҳаҷм тасаввурот пайдо хоҳад кард.

Дар охири асри XIX ва аввалиXX дар Аврупо фанни таълимии расмкашӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар худ 4-намуд машғулият дошт, ки онҳо расмкашӣ аз асл, расмкашӣ аз рӯйи мавзӯъ, расмкашии ороишӣ ва суҳбатҳо доир ба санъат буданд. Пеш аз ҳама, дар ин давра диққати олимонро на методҳои таълим, балки омӯзиши рӯҳиву равонӣ ва шавқу ҳаваси хонандагон ба худ ҷалб менамояд. Дар мадди аввал суолҳо доир ба эҷодиёти бадеии бачаҳо ва тарбияи зебопарастии онҳо ба пеш гузошта мешаванд. Солҳои 30-юми асри 20 назариядонҳои пешқадам доир ба суолҳои тарбияи зебопарастӣ ва бадеӣ дар Олмон Г. Кершеншейнер, Амрико Д. Дюи ва дар Русия А.В. Бакушинский. буданд. [4, с. 30-36].

Методикаи таълим ва аҳаммияти умумии фанни санъати тасвирӣ дар Руси қадим бо омӯзиши хату савод алоқаманд буд. Омӯзиши хату савод дар асри X оғоз шуда, дар асри XI графикаи дастнавис ва минётур ба зинаи баланди инкишоф расидааст. Омӯзиши расмкашӣ асосан дар хонақоҳҳои насронӣ бо услуби нусхабардорӣ аз намунаҳо гузаронида мешуд.

Дар асри XVIII қудрату иқтидори империяи Рус мустаҳкам гашта, ислоҳотҳое, ки Пётри-1 ба амал овард, муҳити мадании давлатро куллан дигаргун сохт. Талабот ба мутахассисони харитасоз, рассом, ороишгари китоб дучанд зиёд шуда, дар бисёр соҳаҳо истифодаи маҳорати расмкашӣ лозим мешавад.

Дар миёнаи асри XIXрасмкашӣ ба шумораи фанҳои ҳатмӣ дар ҳама омӯзишгоҳу муассисаҳои таълимӣ дароварда шуд. Дар шаҳри Маскав омӯзишгоҳи расмкашии техникӣ кушода мешавад, ки дар он шуъбаи махсус барои тайёр кардани омӯзгорони расмкашӣ ва нақшакашии муассисаҳои таълимӣ мавҷуд буд. Барои кумак ба омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёна, ҳар гуна маводҳои дарсию китобҳо ба нашр мерасанд. Аввалин дастури методӣ аз фанни расмкашӣ соли 1834, ки муаллифаш рассом ва педогоги рус А.П. Сапожников буд, ба нашр мерасад. Методикаи таълимие, ки Сапожников пешниҳод кард, дар раванди таълиму тарбияи расмкашӣ таҳаввулот ба вуҷуд овард. Ӯ қайд кард, ки воситаи беҳтарин барои тасвир кардани шакли ягон ашё ин методи сода кардани он дар марҳилаи аввали расмкашӣ мебошад. Дар аввал шогирд бояд асоси ҳандасии шакли ашёро муайян карда, сипас ба аниқтар кардани он пардоз кунад, ин услуб хонандаро водор месозад, ки ашёро таҳлил карда, фикру мулоҳизаи худро дар сатҳи ҳамвор инъикос намояд [2,с. 40-41].

Дар аввали асри XX ба омӯзиши санъат дар муассисаҳои таълимӣ нуқтаи назар гуногун мешавад, умуман сатҳи азхудкунии барномаи таълимии расмкашӣ ба дараҷаи паст расида буд. Суолҳову муаммоҳои методикаи таълими расмкашӣ торафт мутахассисони соҳаро камтар ба худ ҷалб менамуданд. Монанди Аврупо дар Русия низ дар ин давра, мутахассисони таълиму тарбияи муассисаҳоро бештар эҷодиёти бачагон, ҳолати рӯҳиву равонии онҳо, педогогикаи таҷрибавӣ ба худ ҷалб менамояд. Мақсад ва вазифаҳои санъати тасвириро намояндагони дигар соҳаҳо баҳо дода, дар мундариҷаву методикаи таълими он низ ихтилофҳо ба амал меоянд.

Инқилоби Октябр бо ҷустуҷӯи ақидаҳои нав дар таълиму тарбия ба инкишофи соҳаҳои мухталиф саҳифаи наверо оғоз кард, аз он ҷумла сохт ва тартиби таълими санъати тасвирӣ дигаргун шуд. Пеш аз ҳама, мақоми омӯзгор, дар ин майдон барои пешбурди ақидаҳову мафкураи зеҳнӣ баланд арзёбӣ мегардид.

Дар охири солҳои 40-уми асри XX дар таълими бадеӣ ислоҳот гузаронида мешавад. Дар ин давра расмкашӣ ба пояи асосии санъати тасвирӣ мубаддал гашта, дар омӯзиши бадеӣ мақоми хосро пайдо мекунад. Дар омӯзиши академии расмкашӣ лексияҳо ҳамроҳ карда шуда буданд, ки дар таҷрибаи тайёр кардани омӯзгорони оянда навгонӣ ба ҳисоб мерафт. Барои тайёр намудани мутахассиони санъати тасвирӣ дар назди донишгоҳҳои омӯзгорӣ факултаҳои рассомӣ-графикӣ ташкил карда шуда буданд. Дар муассисаҳои

таҳсилоти умумӣ расмкашӣ аз рӯйи асл ба роҳ монда мешавад. Бо мақсади ба тартиб даровардани корҳои методӣ, ҳама дастурҳои пешина барҳам дода шуда, ба ҷойи онҳо барномаҳои кории нав, инчунин китобҳои махсус доир ба расмкашӣ ба чоп мерасанд [2,с. 51-52].

Агар мо ба таърихи санъати тасвирии халқи тоҷик назар андозем, маълум мешавад, ки решаҳои он ба умқи даврони қадим меравад. Дар ҳудуди Тоҷикистон бисёр намунаҳои тасвирҳои осори рӯйи санг (петроглиф)-ҳо мавҷуд буда, ба давраи мезолит тааллуқ доранд. Дар дохили ғоре, ки 40-километр ба самти ҷанубу ғарб аз шаҳраки Мурғоб воқеъ аст, миқдори зиёди тасвирҳои рӯйи санг дарёфт шудаанд, ки 10-15 ҳазор сол муқаддам иҷро шудаанд. Инчунин, тасвирҳои рӯисангии Вахон хеле сершумор буда, дар масофаи 2-3 километр тӯл кашидаанд. Халқи тоҷик дорои мероси гаронбаҳо ва пурғановати фарҳанги бадеӣ мебошад, ки он дар адабиёт, мусиқӣ, меъморӣ ва ҳунарҳои мардумӣ бештар инъикос гардидааст. Дар ноҳияҳои кӯҳии Зарафшон, Дарвоз, Қаротегин ва маҳалҳои косибии шаҳрҳои қадимии тоҷикон Самарқанд, Бухоро, Хуҷанд, Истаравшан, Панҷакент, Исфара, Конибодом, Ҳисор, Кӯлоб ва ғайраҳо аз қадимулайём намудҳои гуногуни санъати ороиши амалӣ арзи вуҷуд доштанд [5,с. 50-52]. Намудҳои санъати ороишӣ дар Осиёи Марказӣ ин кандакорӣ дар чӯб ва гаҷ, наққошӣ, кошинкорӣ, кулолгарӣ, коркарди фулузот, қолинбофӣ, кашидадӯзӣ, қуроқдӯзӣ ва бисёр намудҳои дигари хунарҳои мардумиро дар бар мегирад. Устоҳо ва рассомони маҳаллӣ дар эҷодиёти худ, пеш аз ҳама, хусусиятҳои асосии ҳаёти иҷтимоӣ ва табиати дилрабои кишвари худро таҷассум мекарданд, ки ҳама паҳлуҳои фарҳанги бадеии мардуми тоҷикро инъикос менамояд.

Роҳи бузурги абрешим, ки аз Чин ба давлатҳои баҳри Миёназамин тӯл мекашид, пеш аз ҳама, аз ҳудуди Осиёи Марказӣ мегузашт. Ин шоҳроҳи бузург барои ҳамоҳангии фарҳанги бадеии давлатҳои Шарқ ва Ғарб нақши муҳимро бозид.

Кофтуковҳои бостоншиносӣ муайян карданд, ки дар ҳақиқат санъат ва анъанаҳои бадеии халқҳои Осиёи Миёна, аз он ҷумла Тоҷикистон арзиши баланди фарҳангӣ доранд.

Дар натиҷаи кофтуковҳои пайдарпайи бостоншиносие, ки бо роҳбарии А.Ю. Якубовский дар Панҷакенти қадим соли 1947 гузаронида шуда буданд, дар ибодатхонаҳо ва толорҳои намоишии ашрофзодагони Суғд шумораи зиёди нақшу нигорҳои монументалӣ дарёфт карда шуда буданд. Ин ёдгориҳои қадимии маданияти Суғд ба асри VII тааллуқ дошта, ҳама хусусиятҳои санъати асили он давраро ифода мекунанд [7,с. 31-36].

Дар асри VII халқҳои Осиёи Марказӣ бо муқовимати шадид, ҳуҷуми Хилофати арабро пешвоз гирифт. Дар асри VIII арабҳо тавонистанд, қисми зиёди давлатҳои ин минтақаро ба худ тобеъ созанд. Баъди ба даст овардани Осиёи Марказӣ ва паҳн гардидани фарҳанги исломӣ дар ин минтақа, аз тарафи Хилофати араб, дар эҷодиёти рассомону ҳунармандон композитсияи сужавӣ, яъне тасвири одам ва дигар махлуқҳои зинда ба шумораи зиёди навиштаҷотҳои арабӣ (катибаҳо) иваз мешавад. Афзалияти бештарро нақшу нигори исломиву ҳандасӣ касб мекунанд. Ҳақиқатнигорӣ дар санъати тасвирӣ тадриҷан ба наққошиву кандакории бадеӣ мубаддал гашта, он дар ороиши бадеии меъморӣ васеъ истифода бурда мешавад.

Ҳуҷуми арабҳо бисёр анъанаҳои фарҳангии халқҳои Осиёи Марказиро аз байн бурда, шумораи зиёди мусаввараҳои гаронбаҳову дастнависҳои нодири Суғди қадим ва дигар шаҳрҳои ин минтақаро дар доми оташ нобуд сохт [5,с. 50-58].

Аз нимаи дуюми асрҳои VIII сар карда муқовиматҳо бар зидди аҷнабиён бештар ба амал меояд. Дар давлатҳои Осиёи Маказӣ танҳо баъди пурра барҳам хурдани Хилофати араб эҳё ва барқароршавии санъат ва хоҷагии халқ ба вуҷуд меояд. Осиёи Марказӣ дар асри IX ба маркази давлати Сомониён мубаддал гашт, ки он аввалин давлати мустақили тоҷикон ба ҳисоб мерафт. Забони маҳаллии тоҷикӣ, дарӣ дар давраи Сомониён ба забони давлатӣ мубаддал гашт, ки бо ин забон шоирони бузурги мо Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ ва дигарон ашъори гаронбаҳои худро навиштаанд.

Дар асриXII рушди босуръати меъмориву санъатро дар Осиёи Марказӣ ҳуҷуми муғулҳо боздошт. Аз асри XIV оҳиста-оҳиста сатҳи рушди иқтисодиёт дар минтақа баланд гардида, шаҳрҳои аз доми оташ зарардида барқарор мегарданд, инкишофи ҳунармандӣ ва савдо аз нав ба роҳ монда мешавад.

Солҳои 70-уми асри XIV Осиёи Миёна ба маркази империяи бузурги Темур табдил ёфт. Дар ин давра ҳунармандон ва меъморони барҷастаи Осиёи Миёна ва ҳам Афғонистон, Эрон, Озарбойҷон ва дигар минтақаҳо, бо ҳам дар бунёди иншоотҳои бузурги Самарқанд фаъолият мекарданд. Темур мехост, ки масҷиду мадрасаҳои Самарқанд дар бузургиву ҳашамат аз ҳама иншоотҳои олам боло бошанд ва аз вилоятҳои забткардаи худ ҳунармандони беҳтаринро ба Самарқанд меовард.

Дар асри XVII ансамбли машҳури меъморӣ, бо номи Регистони Самарқанд бунёд мегардад, ки дар баландии шаҳр ҷойгир шудааст. Зебоӣ ва ҳашамати Регистонро аз масофаи дур пурра мушоҳида кардан мумкин аст. Ансамбл аз се мадраса иборат буда, намоҳои он ба майдони росткунҷа мебароянд. Аз тарафи ғарб мадрасаи Улуғбек ҷойгир буда, аз тарафи шарқ ва ҷануб мадрасаи Шердор ва Тиллокорӣ ҷойгир шудаанд.

Дар асри XV мактаби санъати мусаввирии минётур дар Ҳирот ба авҷи аъло расида, дар заминаи он эҷодиёти арбоби ҳунар, Камолиддин Беҳзод такмил ёфта, ба инкишофи мактабҳои минётурии Самарқанду Бухоро асос гузоштааст.

Минётур ин расмҳои нафису марғуби хурдҳаҷм буда, барои ороиши дастнависҳо ва китобҳои қадимӣ иҷро карда мешуд. Барои ороиши графикии китоб жанри минётур васеъ истифода шуда, ба пайдо шудани мактабҳои минётурии Осиёи Миёна, Арабистон, Эрон, Туркия ва Ҳиндустон замина гузоштааст.

Дар ороиши китоб ва дастнависҳои Осиёи Миёна, умуман Шарқи Миёна, санъати минётурнигорӣ дар давоми ҳазорсолаҳо инкишоф ёфтааст. Дар рушди ин намуди санъати тасвирӣ рассомони Осиёи Миёна, Озарбойҷон, Афғонистон ва Эрон саҳми калон гузоштаанд.

Азхудкунии касб ва методҳои таълимии он дар ин давра асосан меросӣ буда, инчунин писарбачаҳои лаёқатмандро аз синни 10-12-солагӣ ва баъзан аз он калонро ба шогирдӣ қабул мекарданд.

Яке аз рассомони машҳури мактабҳои минётурии Оссиёи Миёна Камолиддин Беҳзод мебошад, солҳои ҳаёташ (1455-1535) дар Ҳирот ба дунё омада, дар замони Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ зиндагӣ ва фаъолият кардааст. Ҳамроҳи як зумра рассомон ва хаттотони он давра, Беҳзод ба Бухоро равон мешавад ва солҳои 1507-1522 дар Бухоро зиндагӣ карда, асарҳои зиёд эҷод намудааст. Дар эҷодиёти худ Беҳзод воқеаву ҷузъҳои дар ҳаёт мушоҳидакардаи худро бо дарки баланди ҳақиқатнигорӣ ва маҳорати воло нишон додааст. Беҳзод дар асарҳои худ ҷузъиётҳои меъморӣ ва муҳити воқеиро бо як қиёфаи пурмазмун ва дилчасп таҷассум менамуд. Дар байни дигар рассомон ва минётурнигорони Шарқ, ҷозибаи ҳаёти серпаҳлу ва симои инсонро пурнафосат ва хеле нозук инъикос мекард, ки дар рушди санъати минётурнигории Шарқ ва аҳаммияти фарҳангӣ-бадеии он хеле муҳим арзёбӣ мегардад [8].

Ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна ба ҳайати Русия дар ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ, инкишофи санъату маданияти халқҳои ин минтақа саҳифаи наверо оғоз кардааст. Пеш аз ҳама, барои аз байн бурдани бесаводӣ дар байни аҳолӣ муассисаҳои кӯтоҳмуддат таъсис дода шуда, аз дигар давлатҳои Иттифоқи Шӯравӣ мутахассисони касбӣ ба Осиёи Миёна сафарбар мегардиданд.

Солҳои 20-ум санъати тасвирии Тоҷикистон, дар жанри графика бештар корҳои ташвиқотиву тарғиботиро пеш мебурд. Мазмуну мундариҷаи нигоришҳоро масъалаҳои асосии сиёсати давлат, зери танқид гирифтани душманону табақаҳои сарватманд ва зисту зиндагонии онҳо дар бар мегирифт. Аввалин расм дар маҷалла аз Осиёи Миёна бо унвони «Занҳои Шарқи озод» дар нашриёти шаҳри Маскав ба чоп расида буд [6,с. 13-17].

Соли 1929 баъд аз ташкил шудани Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон шаҳри Душанбе ба маркази фарҳангии кишвар табдил меёбад. Зарурият ба тайёр намудани мутахассисони санъат зиёд гардида, вазифаи асосӣ ташкили фарҳанги нави сотсиалистӣ ба ҳисоб мерафт.

Дар солҳои 20-уми асри XX намудҳои санъати муосири халқи тоҷик, ба монанди мусаввирӣ, графика, ҳайкалтарошӣ бо назардошти анъанаҳои миллӣ ва хусусиятҳои услубҳои санъати ҷаҳонӣ инкишоф меёбад. Ба тайёр намудани мутахассисони касбии соҳаи санъат ва фарҳанг диққати хосса зоҳир мегардид.

Соли 1932 Комитети Марказии Умумииттифоқии ҳизби Комунистии болшевикҳо оид ба азнавсозии ташкилотҳои эҷодӣ бо мақсади пешбурди санъату адабиёти тоҷик қарор қабул мекунад. Ва худи ҳамон сол бо мақсади ташвиқоти санъати тасвирӣ дар шаҳри Душанбе осорхонаи давлатии таърихӣ-кишваршиносӣ ва санъати тасвирӣ ба номи Камолиддин Беҳзод таъсис дода мешавад. Дар осорхона бозёфтҳои таърихӣ-археологӣ ба намоиш гузошта мешуданд, инчунин толор барои намоиши мусавварахои рассомон амал мекард.

Бо мақсади муттаҳид кардани рассомони эҷодкор, соли 1933 Иттифоқи рассомони тоҷик ташкил шуда, як қатор омӯзишгоҳҳову муассисаҳои рассомӣ таъсис дода мешаванд. Соли 1934 аввалин намоиши асарҳои бадеии рассомон барпо мегардад, ки дар он асарҳои рассомони тоҷик, дар жанрҳои гуногуни санъати тасвирӣ,ба монанди манзаранигорӣ, чеҳранигорӣ, натюрморт ба маърази тамошо гузошта шуда буданд. Дар соли 1935

намоиши дуюми асарҳои бадеӣ барпо гардида, дар он рассомон А.Ашӯров, П.Фалбова, М.Хошмуҳаммадов, Е.Бурсев асарҳои эҷодии худро гузошта буданд [6,с. 23-24].

Омода сохтани мутахассисон барои корҳои эҷодӣ дар муассисаҳои касбии рассомӣ оғоз гашта буд. Ҷавонони фаъол барои омӯзиш ба донишгоҳҳои бузурги маркази давлати Шӯравӣ фиристода мешуданд. Дар ин давра эҳёи санъати асили миллӣ ва барпошавии жанрҳои нави он бо хусусиятҳои ҳақиқатнигории воқеӣ ба миён меояд.

Солҳои 50-60 уми асри XX барои рассомони тоҷик басо пурбарор буданд, зеро барои намоиши даҳрӯзаи асарҳои адабиёт ва санъати тоҷик, дар шаҳри Москав рассомону нависандагон тайёрии касбӣ медиданд. Хусусан асарҳои рассом А. Хошмуҳаммадов бо номи «Тиллои сафед» ва «Сохтмони НБО-и Қайроққум» аз ҷониби Нигористони Давлатии Третяков харидорӣ шуданд. Ба монанди ин асарҳои дигар рассомони кишвар дар бисёр намоишгоҳҳои умумииттифоқӣ ва хориҷӣ ба маъраз гузошта мешуданд [6,с. 15-19].

Соли 1957 аз ҷониби санъатшинос Е.М. Долгоносова нашрияе бо номи «Санъати тасвирии Тоҷикистон» ба чоп расид. Дар ин давра инкишофи санъат ба дараҷаи баланд расида, бисёр рассомони ҷавони боистеъдод ба камол расиданд, ки бо асарҳои гаронбаҳои худ берун аз кишвар шуҳрат пайдо карданд. Рассомон А. Ашӯров, С. Шарипов, Х. Хушвақтов, Т. Умаров, З. Довудов, А. Бесперстов ва дигарон дар эҷодиёти худ ҳама паҳлуҳои ҳаёт ва табиати биҳиштосои диёри кӯҳсорро таҷассум мекарданд. Аз тарафи рассомон инчунин барномаҳои таълимӣ ва пешниҳоди методҳои самараноки таълими расмкашӣ ба роҳ монда мешуд [6,с. 7-11].

Дар солҳои 70-уми асри XX дар соҳаи маориф барномаҳои таълимӣ фанни «расмкашӣ» барои муассиаҳои таҳсилоти миёна аз нав коркард шуда, тасдиқ гардиданд. Дар барномаҳо мақсаду вазифаи фан ва мазмуну мундариҷаи он ба куллӣ тағйир ёфт. Тарбияи зебопарастӣ ба таври васеъ талқин гардида, шиносоӣ бо эҷодиёти рассомони гузашта ва Шӯравӣ ба он оварда расонид, ки ба ҷойи фанни «расмкашӣ» фанни нав бо номи «санъати тасвирӣ» ба вуҷуд омад. Дар солҳои 70-80 ум дар ҶШС Тоҷикистон ва умуман дар Иттиҳоди Шӯравӣ оид ба таълими санъати тасвирӣ шумораи зиёди китобҳо ва дастурҳои методӣ ба нашр мерасанд. Хусусан, оиди методикаи таълими санъати тасвирӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна, китобҳои рассомон-педогогони рус Ростовсев Н.Н, Кузин В.С, Глинская И.П, Виноградова Г.Г, Чернетский Я.Я, Соколникова Н.М. ва дигарон аҳаммияти калон доранд. Инчунин, китобҳои рассомон ва санъатшиносони тоҷик С. Қурбонов, Р. Муродов, Л. Айнӣ, Н. Юнусова ва М. Хошмуҳаммадов дар эҳё гардидан ва таҳким бахшидани нақши санъати тасвирӣ ва омӯзиши он дар муассисаҳои таълимӣ ниҳоят бузург аст.

Баъд аз ба даст овардани истиқлолияти миллӣ, санъати тасвирӣ дар фарҳанги ҷумҳурӣ мавқеи хоссаро ишғол кард, зеро симои ҳар як мамлакат аз фарҳангу илми он муайян карда мешавад. Муҳимтарин арзиши рӯҳии инсон ин фарҳанг буда, он сабабгори ба такмил расидани завқу салиқаи шахс ба ҳисоб меравад. Бо шарофати фарҳанг муносибатҳои инсонӣ дуруст ба роҳ монда шуда, оромиву суботи ҷомеа аз он вобаста аст. Гузашта аз ин, фарҳанг ҳама умеду ормонҳои халқ ва урфу анъанаҳои онро бо воситаи услубҳои гуногуни санъат инъикос мегардонад [9,с. 14-19].

Дар замони муосир, нақши санъати тасвирӣ дар муносибати тамаддунҳо торафт пурзӯр гардида, он ба асбоби идоракунандаи муносибатҳои инсонӣ мубаддал гашта, мақсадҳои он ба роҳ мондани инсондӯстиву созандагӣ ва дӯст доштани ҳаёт ба ҳисоб меравад. Дар давоми 25-соли охир дар ҷумҳурӣ барои рушди фарҳанг ва намудҳои гуногуни санъат, ҳама шароитҳои лозимӣ муҳайё карда шудаанд. Махсусан, бо эълон гардидани соли 2018 ҳамчун соли «Рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» аз тарафи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон инчунин бо мақсади инкишофи инфрасохтори деҳот эълон шудани соли 2019-21 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» боис гардид, ки таваҷҷуҳи мардум ба санъати асили аҷдодии ниёгон бештар гардад.

Новобаста аз намуди ҳунарҳои мардумӣ, он ба як шохаи санъати тасвирӣ дохил мешавад, ки ҳамаи он ҳунарҳо дар якҷоягӣ санъати ороишию амалиро ташкил медиҳанд. Умуман, санъат ва ҳунармандӣ як ҷузъи асосии фарҳанг ба ҳисоб рафта, барои инкишофи рӯҳиву зеҳнии ҷомеа дар ҳама марҳилаҳои таърих мусоидат мекунад. Ва барои муайян кардани саҳми арзандаи халқу миллат дар пешравии тамаддуни инсонӣ нақши муҳим мебозад.

## АДАБИЁТ

1. Ростовцев Н.Н. Методика преподавания изобразительного искусства в школе. Учебное пособие / Н.Н. Ростовцев. – М.: Изд-во «Агар». 2000. -251с.
2. Ростовцев Н.Н. История методов обучения рисованию: Русская и советская школы рисунка. Учебное пособие / Н.Н. Ростовцев. - М.: Просвещение, 1982. -227 с.
3. Жуликов А. В. Теоретические и методические основы преподавания изобразительного искусства в общеобразовательных учреждениях.Учебное пособие / А. В. Жуликов. -Ростов н/Д, 2016. -261с.
4. Гунина Е. В. Теория и методика обучения изобразительному искусству / Е. В. Гунина, В. Н. Семёнов. История и современность: Справочник-Владимир: Изд-во ВлГУ, 2012. -98 с.
5. Бойназаров Б. И. «Санъати тасвирӣ». Китоби дарсӣ / Б. И.Бойназаров. –Душанбе: ҶДММ Торус, 2013. - 110 с.
6. Ҳасанов С. Таърихи санъати умумиҷаҳонӣ / С. Ҳасанов // Роҳнамои таълим. Шӯрои табъу нашри ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров. Хуҷанд, 2003. -55с.
7. Якубовский А. Ю. «Живопись древнего Пянджикента». Сборник / А. Ю. Якубовский. –Москва, Изд-во АН СССР. -1954. -240 с.
8. Энциклопедия Литературы и искусства Таджикской ССР. 2-ой том.КомбинатПолиграфии Государственного Комитета. -Душанбе 1989.
9. Тоҷов Н. Фарҳангшиносӣ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ / Н.Тоҷов, К. Ҳусейнов, Р. Назаров, М. Тоҷев. -Душанбе, «Шуҷоиён», 2011. -232 с.


## ХУСУСИЯТҲОИ ИНКИШОФУ ПАЙДОИШИ САНЪАТИ ТАСВИРӢ ВА ТАШАККУЛИ МЕТОДҲОИ ТАЪЛИМИИ ОН ДАР ДАВРАҲОИ ГУНОГУН


Дар мақолаи мазкур сараввал доир ба пайдоиши маҳорати расмкашӣ дар марҳилаҳои гуногуни асри санг маълумот дода шудааст. Муаллиф қайд мекунад, ки аввалин маротиба дар Мисри қадим расмкашӣ ба қатори фанҳои умумиомӯзишӣ дароварда шуд. Дунёи Антиқа тавонист масъалаҳои назариявиву амалии санъати тасвириро бо ҳам алоқаманд сохта, санъати ҳақиқатнигории асилро ташаккул диҳад. Дар замони Эҳё санъат ба авҷи аълои худ расида, намунаҳои зиёди шоҳкориҳои гаронбаҳоро ба олам мерос гузошт. Доир ба хусусиятҳои ташаккули санъати тасвирӣ ва методҳои таълими он дар Руси қадим ва замони Шӯравӣ маълумот дода шудааст. Инчунин, доир ба пайдоиши санъат дар Осиёи Марказӣ ва Тоҷикистон маълумот дода шудааст. Ба андешаи муаллиф, санъати тасвирии муосири тоҷик асосан дар замони Шӯравӣ ба вуҷуд омада, дар замони истиқлолият санъати тасвирӣ дар фарҳанги ҷумҳурӣ мақоми хоссаро касб карда, ҳама намудҳои ҳунарҳои мардумӣ аз нав эҳё гардида истодаанд. Муаллиф қайд менамояд, ки дар замони муосир нақши санъати тасвирӣ ва тарбияи зебопарастӣ, барои муносибаҳои тамаддунҳо торафт пурзӯр гардида, он ба асбоби идоракунандаи муносибатҳои инсонӣ мубаддал гаштааст. Дар ҳақиқат, санъати тасвирӣ воситаи муҳим дар муносибати оламу одам ба ҳисоб рафта, ба пешравиву тараққиёти ҳама соҳаҳои хоҷагии халқ мусоидат менамояд. Новобаста аз намуди санъат, он як ҷузъи асосии фарҳанги миллӣ ба ҳисоб рафта, таҷассумгари хусусиятҳои рӯҳиву ахлоқӣ ва зеҳниву зебопарастии мамлакат ба ҳисоб меравад.



**Калидвожаҳо:** Графика, эстетика, муҷассамасозӣ, тахтасанг, рехтагарӣ, ҳақиқатнигорӣ, бардӣ, петроглиф, дурнамо, ташреҳ, мусаннафот, ҳандаса, минётур.


## ОСОБЕННОСТИ ВОЗНИКНОВЕНИЯ И РАЗВИТИЯ ИЗОБРАЗИТЕЛЬНОГО ИСКУССТВА С УЧЁТОМ ФОРМИРОВАНИЯ МЕТОДОВ ПРЕПОДАВАНИЯ В РАЗНЫЕ ПЕРИОДЫ ИСТОРИИ


В данной статье основные этапы возникновения навыков рисования в разные периоды каменного века. Автор подчёркивает, что впервые в древнем Египте изобразительное искусство вошло в круг общеобразовательных предметов. Античный мир соединил воедино практическую и теоретическую часть изобразительного искусства. Как упоминается в статье, в эпоху Возрождения искусство достигает своего совершенства, и этот период оставил большое количество бесценных шедевров мировой культуры. А также приведены сведения об особенностях формирования изобразительного искусства и развитии методов его преподавания в древней Руси, и в Советском Союзе. Известно, что современное изобразительное искусство Таджикистана возникло в Советское время, а в годы независимости оно приобретает особое место в художественной культуре Таджикистана, и в наше время возрождаются все виды национальных ремёсел. Автор отмечает, что в развитом обществе роль изобразительного искусства и эстетического воспитания становится всё сильнее, и оно превращаетсяь в инструмент управляющей человеческими отношениями в современном обществе. И действительно, изобразительное искусства является важным средством в общениии человека с миром, оно способствует развитию многих отраслей и инфраструктуры государства. Независимо от видов искусство является частью национальной культуры, воплощает собой духовно-нравственное и интеллектуально-эстетическое достоинство страны.



**Ключевые слова:** Графика, эстетика, скульптура, каменная плитка, литейный, реализм, папирус, перспектива, анатомия, сочинения, геометрия, миниатюра.


## FEATURES OF THE EMERGENCE AND DEVELOPMENT OF ART WITH THE FORMATION OF TEACHING METHODS IN DIFFERENT PERIODS OF HISTORY


This article clearly outlines the emergence of drawing skills in different periods of the Stone Age. The author emphasizes that, firstly in ancient Egypt, visual art was included in the circle of general subjects. The ancient world brought together the practical and theoretical part of the visual arts. As mentioned in the article in the Renaissance, art reaches its perfection, and this period left a great number of priceless masterpieces a legacy of world culture. At the same time provided information about the peculiarities of the formation of the visual arts and the development of methods of its teaching in ancient Russia, and in the Soviet Union. It is known that contemporary art of Tajikistan originated during the Soviet Union, and during the years of independence it acquired a special place in the artistic culture of Tajikistan and in our time all kinds of national crafts are objected. The author notes that, in relation to civilization, the role of art and aesthetic education is becoming stronger, and it has become a tool for managing human relations in modern society. Indeed, fine art is an important tool in the communication of man with the world, which contributes to the development of many industries

and the infrastructure of the state. Independent of the types of art, it is part of the national culture, which embodies the spiritual, moral and intellectual and aesthetic dignity of the country.

**Key words:**Graphics, aesthetics, sculpture, stonetile, foundry, realism, papyrus, perspective, anatomy, compositions, geometry, miniature.

**Сведения об авторе*: Норов Фирдавс Фарходович* -** Научно - исследовательский институт развития образования имени А. Джами Академии образования Таджикистана, аспирант. Телефон: **(+992)927582503** Email. **norovfirdavs@mail.ru**

**Information about the author:** ***Norov F.F.*** –Institute development of education of the Academy of Education of Tajikistan named after A. Jomi, 2-nd course scientifically research. Phone: **(+992)927582503** Email:**norovfirdavs@mail.ru**

УДК:372.8 (575.3)

# ХУДОМӮЗӢ ҲАМЧУН ШАРОИТИ ЗАРУРИИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САЛОҲИЯТНОКИИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОН

***Нозимов Б.М.***
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Дар ҷомеаи муосир талабот нисбат ба омӯзгорони эҷодкору фаъол, ки дар иҷрои вазифаҳо маҳорати баланднишон медиҳанд ва мақсадҳои навро барои дурнамо мушаххас менамоянд, меафзояд [1, с.131]. Имрӯзҳо одамони аз назари интеллектуалӣ инкишофёфта, ки дар оянда битавонанд роҳҳои инкишофи иқтисодӣ ва сиёсии кишварро муайян кунанд, лозиманд. Аз ин рӯ, ҷомеа ба мактабе, ки битавонад шахси кордон, шахсе, ки бо сатҳи баланди эҷодкорӣ ва касбиаш фарқ мекунад, дорои принсипҳои ахлоқии худ ва паҳнои салоҳиятнокӣ мебошад, ниёз дорад.Навгонӣ дар консепсия, методика, системаи талабот ба сохтор, шароитҳои амалӣ кардан ва натиҷаҳои аз худ кардани барномаҳои маърифатӣ дида мешавад. Амалӣ ва ҷорӣ кардани ин ҳуҷҷатҳо бархӯрдҳои дигарро нисбат ба раванди таълим дар назар дорад.Бархӯрдҳои ҷадид нисбат ба эҷод кардан, методикаи дигари таълимро талаб мекунанд. Аз ин рӯ бисёр муҳим аст, ки омӯзгор дар фаъолияти худ аз салоҳиятнокиҳои муосир бархӯрдор бошад.

Омӯзгоронвобастаба санадҳои қабулнамудаи соҳаи маориф: Қонун «Дар бораи маориф», «Консепсияи мактаби миллии тоҷик», «Низомномаи мактаби таҳсилоти ҳамагонӣ», «Меъёри давлатии тайёрии таълими маълумоти олии касбӣ», «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва монанди инҳо масъуланд ки:

- вазифаи худро дар сатҳи баланди педагогӣ иҷро намуда, тадриси фанҳои таълимиро мутобиқи барномаҳои тасдиқшудаи корӣ дар шакли пурра таъмин намоянд;
- дар хонандагон фаъолнокии маърифатӣ, мустақилият, ташаббус, маҳоратҳои эҷодиро инкишоф дода, мавқеи шаҳрвандӣ, қобилияти кору зиндагӣ дар шароити ҷаҳони муосир, маданияти пеш бурдани ҳаёти солим ва бехатарро ташаккул диҳанд;
- аз методҳои асоснок кардашудаи педагогӣ, ки сифати баланди донишҳо, шаклҳо, методҳои таълим ва тарбияро таъмин мекунанд, истифода намоянд;
- ба таври системавӣ сатҳи касбии худро такмил диҳанд;
- аз аттестатсия мутобиқ ба тартиби муайяншуда аз тарафи қонун гузаранд.

Дар системаи ин талаботҳо супориши принсипиалии нави ҷомеа ва давлат оид ба сатҳи омодагии психологию педагогии кадрҳои омӯзгорӣ ташаккул ёфта, талабот ба омодагии психологию педагогии омӯзгор ба расмият дароварда мешавад.

Касбияти омӯзгор ҳамчун шароити дастрасӣ ба сифати муосири таълим мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Ташаккули касбияти омӯзгор раванди мураккаби бисёрзинаи ворид шудани инсон ба касб мебошад, ки дар он саҳми худи инсон ва компонентҳои фаъолияти ӯ нақшҳои гуногун доранд [2, с.62].

Модели салоҳиятнокии касбии омӯзгор бояд дорои тамоми донишҳои раванди таълим (мақсад, мазмун, воситаҳо, объект, натиҷаҳо ва амсоли инҳо) ва инчунин дар бораи худ ҳамчунин субъекти фаъолияти касбӣ бошад. Он таҷрибаи истифодаи усулҳои фаъолияти касбӣ ва эҷодиро дар бар мегирад.

Маҳоратҳои касбии омӯзгор, ки фаъолиятҳои гуногуни омӯзгорро дар бар мегиранд, ба вазифаҳои фаъолияти педагогӣ муносибат дошта, ба таври назаррас хусусиятҳои психологии инфиродии омӯзгорро ошкор намуда, дар бораи салоҳиятнокии касбии ӯ гувоҳӣ медиҳанд.

Яке аз нишондиҳандаҳои салоҳиятнокии касбии омӯзгор қобилияти ӯ ба худомӯзӣ мебошад. Он далел бе баҳс аст, ки омӯзгорон бояд ҳамеша худомӯзӣ кунанд, чунки дар ғайри ин сурат самаранокии курсҳои гуногуни такмили ихтисос, семинарҳо ва конфронс бидуни худомӯзии омӯзгор самаранок нахоҳанд буд.

Худомӯзӣ ин талаботи инсони эҷодкор ва масъулияти соҳиби дилхоҳ касб буда, барои омӯзгорон, ки масъулияти баланди ахлоқӣ ва масъулияти иҷтимоӣ доранд, махсусан зарур мебошад [3, с.92]. Барои таҷдиди салоҳиятнокии фаъолияти касбӣ чунин салоҳиятнокиҳои касбӣ пеш меоянд:- салоҳиятнокии методӣ;- салоҳиятнокии таҳқиқотӣ;- салоҳиятнокии идоракунӣ;-салоҳиятнокии иртиботӣ;-салоҳиятнокии маърифатӣ.

Фаъолияти омӯзгорон, ки ба рушди салоҳиятнокии касбӣ равона шудааст, чӣ тавр бояд ташкил карда шавад?

1.Муайян намудани сатҳи салоҳиятнокии касбии омӯзгор:

- ташхис, тест намудан;

-муайян кардани роҳҳои такмили салоҳиятнокии касбӣ.

2. Механизмҳои инкишофи салоҳиятнокии касбии омӯзгор:

-нақшаи худомӯзӣ;

- бунёд намудани гурӯҳӣ эҷодӣ;

-такмили ихтисос;

-иштирок дар шӯрои педагогӣ, семинарҳо, конфронсҳо;

- бунёд намудани нашрияҳои худӣ;

-таҳияи системаи ҳавасмандгардонии фаъолияти омӯзгор.

3. Таҳлили фаъолияти омӯзгор:

-худтаҳлилкунии фаъолияти омӯзгорӣ;

-ҷамъбасти таҷриба;

-таҳияи тавсияҳо доир ба такмили минбаъдаи салоҳиятнокии касби омӯзгорон.

Нақши худомӯзӣ дар инкишофи салоҳиятнокии касби омӯзгорончӣ гуна аст?

Худомӯзӣ – ин фаъолияти мақсадноки маърифатии идорашаванда аз тарафи худи шахс, аз худ намудани донишҳои системавӣ дар ягон соҳаи илм, техника, фарҳанг, ҳаёти политехникӣ ва амсоли ин мебошад. С. И Ожегов худомӯзиро чунин муайян кардааст: «аз худ намудани донишҳо ба воситаи машғулиятҳои мустақилона бе кумаки омӯзгор».

Худомӯзӣ яке аз шаклҳои такмили касбияти устодии омӯзгор мебошад. Ба воситаи худомӯзӣ сифати тадриси фанҳо такмил ёфта, омодагӣ ба фаъолияти омӯзгорӣ сурат мегирад,инкишофи касбӣ ва вазифавӣ ба чашм мехӯрад, симои омӯзгори муосир – нововар, омӯзгор-устод, омӯзгор-мураббӣ шакл мегирад [4,с.19].

Моҳияти худомӯзӣ барои салоҳиятнокии касбии омӯзгор:-такмили сифати тадриси фан:-омодагӣ ба фаъолияти эҷодкории омӯзгорӣ;-инкишофи касбӣ ва вазифавӣ;-мутобиқати омӯзгор ба талаботи ҷомеа ва давлат.

Имрӯзҳо дар ҷомеа дигаргуниҳои азиме рух дода истодаанд, ки таърихи инсоният собиқаи онро надидааст ва ҳар як омӯзгор бояд ба он дигаргуниҳо омода бошад ва барои аз гирдоби ҳаводис берун намондан кӯшиш кунад.

***Худомӯзӣ:*** ихтиёрӣ анҷом дода мешавад; аз тарафи худи шахс ба нақша гирифта шуда, назорат карда мешавад;

Донишҳоро метавон бо роҳҳои мухталиф ба даст овард. Дар ҳоли ҳозир барои омӯзгорон роҳҳои гуногуни такмили ихтисос, аз қабили: рӯзона, шабона, ғоибона ва курсҳои такмили ихтисос ва семинару конфронсҳо пешниҳод мегардад. Аммо барои ҳеҷ кас пӯшида нест, ки дилхоҳ дониш ва технология ба ҳисоби миёна пас аз панҷ сол мубрамияти худро аз даст медиҳад. Дар чунин шароит роҳи аз ҳама самараноки такмили дониш ва маҳорати педагогӣ худомӯзӣ мебошад. Худомӯзии доимӣ дороии аслие мебошад, ки инсони муосирро ҳамеша ҳамқадами замона нигоҳ медорад.

Меъёрҳои асосии худомӯзии педагог инҳо самаранокии фаъолияти касбии педагог(инкишофи сифати равандҳои маърифатӣ), инкишофи эҷодкории омӯзгор, амалӣ намудани технологияҳои ҷадиди омӯзгорӣ дар раванди маърифатӣ мебошанд.

Эҷод намудани шароит барои ташаккул додани ҳавасмандгардонии худтакмилдиҳии касбӣ бисёр зарур мебошад.Муносибат ба такмили ихтисос ба мансабу касбият таъсиргузор мебошад. Дар байни далелҳо метавон чунин далелҳоро номбар кард: далелҳои муваффақият, пушти сар кардани мушкилоти касбӣ, далелҳое, ки ба беҳтар кардани вазъияти молиявӣ равона карда шудаанд, эътирофи касбӣ, далелҳои мансабӣ ва амсоли инҳо. Худомӯзӣ ба воситаи навъҳои зерини фаъолият амалӣ карда мешавад:

-шиносоӣ бо адабиёти педагогӣ ва методӣ;

- корҳои худомӯзӣ аз болои маърӯза дар ягон мавзӯъ;

-шиносоӣ бо маълумотҳо аз Интернет;

-иштирок дар семинарҳо, конфронсҳо, дарсҳои ҳамкасбон;
-мубоҳиса, машварат, табодули таҷриба бо муштариён;
-аз худ кардани технологияҳои маърифатӣ (интихоби мазмун, методҳо, шаклҳо, воситаҳои таълим);
-гузаронидани дарсҳои кушод ва таҳлили онҳо;
-иштирок дар конкурсҳои касбӣ.

Шаклҳои **худомӯзии омӯзгоронро муайян мекунем:**

- Шакли инфиродии кори мустақилона ҷиҳати такмили касбият ва сатҳи методиро дар назар дорад. Ба ин мақсад омӯзгорон нақшаи худомӯзиро тартиб медиҳанд.

-Шакли дастаҷамъона ба иштироки фаъоли омӯзгорон дар корҳои методии иттиҳодиҳои методии байнимактабӣ равона карда шудааст.

Хулосагирӣ ва пахш намудани таҷрибаи худ (мақолаҳо, маърӯзаҳо, дарсҳои намунавӣ) раванди аттестатсияро ба таври максималӣ ба кори ҳамарӯзаи фаъолияти амалӣ табдил медиҳад, яъне вақту неруро барои гузаронидани аттестатсияи оянда сарфаҷӯйӣ мекунад, имкон фароҳам меорад, ки фаъолияти касбии худро бо дарназардошти барномаи инкишофи муассисаи таълимӣ ва манфиатҳои касбии худӣ барои муддати тӯлонӣ (байниаттестатсионӣ) барномарезӣ карда, қувваи худро мусовӣ тақсим кунад, ки ба инкишофи касбӣ (худидоракунӣ) равона карда шудааст. Ин ҳама корҳо ба инкишофи маҳоратҳои касбӣ аз қабили рефлексия, худтаҳлилкунӣ, тарроҳӣ, муназзамӣ ҳидоят хоҳанд кард.

Кори мустақилона доир ба худомӯзӣ ба омӯзгор имкон медиҳад, ки сатҳи касбияти худро боло бурда, бағоҷи методии худро пур карда, раванди маърифатиро моделсозӣ ваояндибинӣ намояд. Ҳамзамон, бархӯрдҳои ғайристандартии кор бо кӯдаконро пайдо намуда, потенсиали эҷодиро ифшо намояд. Ин амалҳо дар баробари худ ба натиҷаи фаъолияти омӯзгорӣ дар маҷмӯъ таъсир мерасонанд.

**Ташкили раванди худомӯзии педагог.** Барои он ки омӯзгор ба дигарон таълим бидиҳад, ӯ, қабл аз ҳама, бояд фанни худро нағз донад, сипас дар бораи ҳаёти иҷтимоии кишвар маълумоти зиёд дошта бошад, бояд ба маънои томаш шахси маданию фарҳангӣ бошад. Омӯзгор аз рӯйи вазифааш ҳамеша бояд аз болои худ кор кунад ва дар бораи тамоми ҳодисаю воқеаҳои доғи рӯз маълумот дошта бошад[5.43]. Вақте ӯ ба дарс тайёрӣ мебинад, адабиёти даркориро меомӯзад, кӯшиш мекунад, ки дар бораи равиш ва методҳои ҷадидтарин маълумот дошта бошад. Хусусияти асосии инкишофи касбияти омӯзгор ва такмили маҳорати ӯ худомӯзӣ мебошад.В.А. Сухомлинский мегӯяд, ки мафҳуми худомӯзӣ аз такмил кардани китобхонаи шахсӣ ва меҳнати фикрии хона дар танҳоӣ иборат мебошад.

Худомӯзӣ ихтиёрӣ ва бошуурона анҷом дода мешавад. Аз тарафи худи шахс барномарезӣ ва назорат карда мешавад. Худомӯзӣ барои такмили ягон хели сифатҳо ва маҳоратҳо зарур мебошад.Принсипҳои асосии худомӯзӣ: пайдарпайӣ, мақсаднокӣ, баҳамоӣ, ягонагии умумӣ ва маданияти касбӣ, дастрасӣ, хислати пешгирикунанда, пайдарпайӣ гузариш аз зинаи поёнӣ ба олӣ, тағйирёбӣ ва амсоли инҳо мебошанд.

**Шаклҳое, ки нисбатан бештар мавриди истифода қарор мегиранд, мавриди баррасӣ карор дода, бартарӣ ва камбудии онҳоро қайд хоҳем кард:**

1.**Омодагӣ дар курсҳои институти такмили ихтисос**

Афзалияти асосии ин шакли худомӯзӣ имкони дарёфт кардани кумаки тахассусӣ аз коршинос-омӯзгор ва инчунин имкони табодули таҷриба дар байни ҳамкорон мебошад.

Норасоиҳо:-даврaӣ будани курсҳо;-вақти гузаронидан – дар давраи таҳсил, ки боиси ворид кардани тағйиротҳои зиёд дар меъёри кори ҳамаи мактаб мешавад;- сифати маводи маърӯзаҳо, ки аксаран ба талабот ҷавобгӯ намебошанд, маърӯзачиён бо таваҷҷуҳ ба потенсиали шунавандагон зарурати такмили маърӯзаҳои худро бо донишҳои ҷадид намебинанд.

2. **Гирифтани маълумоти дуюми олӣ ва ё тахассуси дуюм.**Афзалияти асосии ин шакли худомӯзӣ имкони чидани траекторияи инфиродии таълим ё ба таври дигар гӯем, сохтори аксари барномаҳо дорои хислати модулӣ мебошад; як қисм ҳатмӣ барои омӯзиш буда, дигарҳо бошанд, интихоби инфиродиро дар назар доранд.

3.**Курсҳои фосилавии такмили тахассус, конференсияҳо, семинарҳо, олимпиадаҳо ва озмунҳо.**Афзалияти асосии ин шаклҳои худомӯзӣ инҳо мебошанд:

-имкони гузаштан аз ин курсҳо дар вақтҳои барои омӯзгорон қулай;

- имкони интихоби мавзӯъҳои даркорӣ ва актуалӣ барои омӯзгорон ва мавзӯъҳои мушаххас.

Норасоиҳо:

-курсҳои фосилавӣ ба таври пулакӣ доир карда мешаванд;

- на ҳамаи омӯзгорон ИКТ-ро ба таври бояду шояд медонанд;

-хуҷҷатҳои тасдиққунандаи далели гузаштани таълими фосилавиро на ҳама вақт ҳангом и гузаронидани аттестатсия ба назар мегиранд.

4.**Корҳои инфиродӣ доир ба худомӯзӣ ибортанд аз:** - корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ оид ба муайян кардани проблема;-омӯхтани адабиёти илмӣ-методӣ ва таълимӣ;-иштирок дар шӯроҳои педагогӣ, иттиҳодияҳои методӣ;-иштирок дар дарсҳои ҳамкасбон, табодули андеша доир ба масъалаҳои ташкили машғулиятҳо, мазмуни таълим, методҳои таълим;-таҳияи назариявӣ ва амалӣ намудани шаклҳои гуногуни дарсҳо, машғулиятҳои беруназсинфӣ ва маводи таълимӣ.

Аммо сарфи назар аз зарурати худомӯз, на ҳама вақт ин раванд дар амал татбиқ карда мешавад.Далелҳои асосие, ки аксаран омӯзгорон пеш меоранд, инҳо нарасидани вақт, ҳавасмандӣ, нарасидани сарчашмаҳои иттилоот мебошанд.

**5.Шабакаҳои педагогии иҷтимоӣ** – шакли нави ташкили худомӯзии омӯзгорон.

Шабакаҳои педагогии иҷтимоӣ – интернет-ресурсҳое мебошанд, ки барои муошрати ҳамфикрон, омӯзгорони минтақаҳои гуногун сохта шудаанд.

Шабакаҳои иҷтимоӣ дар баробари омӯзгорон имкониятҳои зеринро ифтитоҳ намудаанд:

-истифодаи захираҳои озоди электронӣ;

- мустақилона сохтани шабакаҳои иҷтимоӣ;

- аз худ кардани консепсияҳои иттилоотӣ, донишҳо ва малакаҳо;

-мушоҳида аз болои фаъолияти аъзоёни шабакаи иҷтимоӣ.

Афзалиятҳои асосии ин шакли худомӯзӣ:

-мубодилаи таҷриба дар байни омӯзгорони таҷрибаомӯз;

-кумаки методӣ инфиродӣ ва мушаххас мебошад;

-дархост ва дарёфт кардани машварат дар вақти барои омӯзгор муносиб.

Ҷалби мутахассисон барои ҳамкорӣ бо омӯзгорон, роҳбарӣ, машварат додан, оқилонасозии меҳнати шахсӣ, сохтани шароит барои мубрам сохтани донишҳои бадастоварда, корҳои таҳқиқотӣ, таҷрибавӣ-озмоишӣ, ҷалб ба раванди дигаргуниҳои инноватсионӣ, рӯйхати ниҳоии тадбирҳои ташкилию педагогӣ барои омӯзгорон намебошад. Барои пайгирӣ кардани корҳои методии муаллим ҳамасола нақшаи худомӯзии омӯзгорон таҳия карда мешавад, ки метавонад дар ҷадвали зерин пешниҳод гардад:

| | Насаб, ном, номи падар | Мавзӯи таълимӣ | Шакл ва замони таҳвили ҳисобот |
|---|---|---|---|

Дар нақша дақиқан зикр хоҳад шуд, киҳо аз болои кадом мавзӯъ кор карда истодаанд. Ҳисобот доир ба худомӯзиро метавонанд дар Шӯрои педагогӣ бишнаванд, инчунин метавонад бахше аз дилхоҳ тадобири методӣбошад.

Бисёр муҳим аст, ки ташкили худомӯзӣ ба як формализми ҳисоботдиҳии хушку холӣ табдил наёбад (нақшаҳо, нусхаҳо, конспектҳо). Ҳамаи шаклҳои худомӯзиро метавон шартан ба ду гурӯҳ тақсим кард: *инфиродӣ, ки* кори мустақилонаро аз болои такмили сатҳи касбӣ ва методӣ дар назар дорад; *коллективӣ*, ки ба иштироки фаъоли омӯзгорон дар корҳои методии мактаб, иттиҳодияҳои методии фаннӣ равона карда шудааст.

Дар шаклҳои инфиродӣ ташаббускор худи омӯзгор мебошад, аммо роҳбари сохторҳои методӣ ва идорӣ метавонад ин равандро худ пешниҳод карда, ҳавасманд гардонад. Шакли гурӯҳӣ дар фаъолияти иттиҳодияи методӣ тавассути семинарҳо, практикумҳо, ҳисоботҳои эҷодӣ алоқаи баргаштро дар байни натиҷаҳои инфиродии худомӯзӣ ва худи муаллим таъмин намояд.

Нишондиҳандаҳои самараноки худомӯзии омӯзгор, қабл аз ҳама, сифати аз тарафи омӯзгор ташкил намудани раванди таълим ва тарбия ва рушди касбӣ-тахассусии омӯзгор мебошад.Нақши пешбарандаро дар ташкили раванди худомӯзӣ роҳбарияти муассисаи таълимӣ ва иттиҳодияи методии омӯзгорони фаннӣ мебозанд. Онҳо ба ташаккули талаботи устувор ба худомӯзӣ мусоидат намуда, ба омӯзиши маълумоти нав ва таҷрибаи пешқадам водор намуда, хударзёбию худтаҳлилкуниро меомӯзанд.

**Шаклҳои пешниҳод намудан ва хусусиятҳои тасвири таҷрибаи педагогӣ**

**Таҷрибаи омӯзгор** – ин эҷодкорона ва фаъолона аз худ намудан ва амалӣ карданиқонунҳо ва принсипҳои педагогика бо дарназардошти шароитҳои мушаххас, вижагиҳои кӯдакон, коллетиви кӯдакон ва вижагиҳои шахсияти омӯзгор мебошад.

Хулосаи таҷрибаи омӯзгорӣ яке аз шаклҳоихудтатбиққунӣ вахудбаёнкунии омӯзгор мебошад [6, с.142].Се сатҳи хулосаи таҷрибаи омӯзгорӣ мавҷуд мебошад: амалӣ, методӣ ва илмӣ:

- Сатҳи амалии хулосаи таҷрибаи омӯзгорӣ (ки нисбатан бештар мавриди истифода қарор мегирад) шомили нишон додани усулҳо ва методи корҳо; тасвири баъзе усулҳо ва корҳо, нишон додани боздеҳии корҳо; нишон додани системаи корҳо мебошад. Дар ин

сатҳ шаклҳои зерин, ба монанди дарси кушод, семинар-практикум, таҷрибаи эҷодӣ, ахбор мавриди истифода қарор мегиранд.

- Сатҳи методии (нисбатан маҳсулнок) хулосаи таҷрибаи омӯзгорӣ дар ҷудо кардани идеяи асосии педагогӣ; характеристикаи шароити рушди таҷриба; таҳияи коркардҳои методӣ ва тавсияҳо инъикос меёбад. Ба ин сатҳ чунин шаклҳо, аз қабили хонишҳои педагогӣ, мактаби маҳорати педагогӣ, дарсҳои намунавӣ, мактаби муаллифӣ, нақшаҳои технологӣ, видеофилмҳохос мебошад.
- Сатҳи илмии ( сатҳе, ки нисбатан ба худмубрамият ва ҳавасмандии эҷодиёти педагогӣ мусоидат мекунад) хулосаи таҷрибаи омӯзгорӣ шомили асосҳои илмӣ-назариявӣ; навгонии таҷрибаи амалӣ; таҷрибаи комплексӣ; моҳияти таҷриба барои инкишофи назария ва амалия мебошад. Он метавонад дар шакли нашри мақолот, тезисҳо, дар маҷмӯаҳои илмӣ-амалии конфронсҳо, монографияҳо пешниҳод гардад.

Шаклҳоеро, ки аз тарафи омӯзгорон зиёд мавриди истифода қарор мегиранд, аз қабили дарси кушод, ҳисоботи эҷодӣ, дарсӣ намунавӣ нисбатан муфассал дида мебароем.

**Дарси кушод-** шакли мусоидат ба такмили маҳорати касбӣ ба воситаи нишон додани усули корҳо. Мақсади дарси кушод нишон додани метод ва шаклҳо ва ҳамхонии оптималии онҳо зимни амалисозии комплексии мақсадҳои инкишофдиҳанда, таълимдиҳанда ва тарбиякунандаи дарс мебошад.

**Мастер-класс (Дарси намунавӣ)** – шакли додани донишҳо, малакаҳо, маҳоратҳо дар таълим, тарбия ва ба воситаи гузаштани дарси намунавӣ нишон додани таҷрибаи пешқадам ва усулҳои ҷадиди таълим мебошад.

Дар ҳоли ҳозир дар шакли дарси намунавӣ мунтақил кардани таҷрибаи пешқадами педагогӣ яке аз роҳҳои бисёр инкишофёфта буда, мушкил ҳам бошад, вале хеле сермаҳсул мебошад. Натиҷаи мусбати дарси намунавӣ он метавонад бошад, ки онҳое, ки дар дарси намунавӣ иштирок мекунанд, таҷрибаи ҷадидро касб карда, барои истифода намудани он дар кори худ кӯшиш ба харҷ хоҳанд дод. Методикаи гузаронидани дарси намунавӣ қолабӣ набуда, ба омӯзгор вобастагӣ дорад. Натиҷаи дарси намунавӣ ба дониш ва малакаи омӯзгор вобастагӣ дорад, появу асоси он метавонад гуфтугӯ, ё ин ки маводе бошад, ки қаблан омада карда шудааст.

**Мақсади дарси намунавӣ**–такмили сатҳи касбии иштирокчиён, ташаккули услуби инфиродӣ ва шароит барои худтакмилдиҳии омӯзгор мебошад.

**Вазифаҳои дарси намунавӣ:**

- ба омӯзгорон пешниҳод намудани таҷрибаи кори хеш, метод, усул ва шаклҳои фаъолияти педагогӣ;

- коркарди якҷояи усулҳои методии омӯзгор-устод ва қабули қарорҳои ҳалли масъала, ки дар дарси намунавӣ гузошта шудаанд;

- фароҳам овардани шароит барои инкишофи сатҳи касбияти иштирокдорони он дар асоси рефлекси маҳорати педагогии худӣ, табодули таҷриба.

Худомӯзӣ шакли дастрас, самаранок ва зарурии омӯзиши таҷрибаи дигар омӯзгорон мебошад.Таҷрибаи омӯзгории пешниҳодшуда мисли як курси хурди омӯзишӣ мебошад, ки барои рушди касбӣ бояд аз худ карда шавад.

## АДАБИЁТ


1. Блохина Е.В. Повышение квалификации работника образования на муниципальном уровне /Е.В. Блохина //Народное образование. - 2010. -№8. -С.128-134.
2. Трунцева Т.Н. О субъектной (личностной) самообразовательной деятельности учителя /Т.Н. Трунцева // Стандарты и мониторинг. -2010. -№3. -С.61-62.
3. Ценарева И. Учитель в системе повышения квалификации: поиск новых форм /И. Ценарева //Народное образование. - 2009. -№8. -С.91-94.
4. Бугрова Н. Гора из компетенций: К вопросу о выборе программ повышения квалификации педагогов /Н. Бугрова // Управление школой. Газета Изд. дома «Первое сентября». - 2008. -№3. -С.17-20.
5. Ермоленко Г. Начни с себя: Метод проектов в системе повышения квалификации /Г. Ермоленко //Спорт в школе. Газет а Изд. дома «Первое сентября».- 2010. -№7. -С.42-45
6. Блинкова Л. Как спланировать и организовать внутришкольное обучение педагогов /Л. Блинкова //Народное образование. - 2009. -№7. -С.141-144.
7. Самигуллин Г. Непрерывное педагогическое образование и инновационные процессы /Г. Самигуллин //Народное образование. - 2008. -№4.-С.234-240.


## ХУДОМӮЗӢ ҲАМЧУН ШАРОИТИ ЗАРУРИИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САЛОҲИЯТНОКИИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОН


Муаллиф бо натиҷагирӣ аз таҳқиқотҳои гузаронидааш оид ба худомӯзӣ, ки шароити зарурии баланд бардоштани салоҳиятнокии касбии омӯзгорон мебошад, таъкид намудааст, ки омӯзгор бояд дар асоси санадҳои қабулнамудаи соҳаи маориф ва талаботи давру замони муосир амал намуда, худро ҳамчун омӯзгори асил дар иҷрои вазифаҳои зерин масъул донад:- тадриси фанҳои таълимиро мутобиқи барномаҳои

тасдиқшудаи корӣ дар шакли пурра таъмин намояд;- дар хонандагон фаъолнокии маърифатӣ, мустақилият, ташаббус, маҳоратҳои эҷодиро инкишоф дода, мавқеи шаҳрвандӣ, қобилияти кору зиндагӣ дар шароити ҷаҳони муосир, маданияти пеш бурдани ҳаёти солимро ташаккул диҳад;- аз методҳои асосноккардашудаи педагогӣ, ки сифати баланди донишҳо, шаклҳо, методҳои таълим ва тарбияро таъмин мекунанд, истифода намояд; - ба таври системавӣ сатҳи касбии худро такмил диҳад;- аз аттестатсия мутобиқ ба тартиби муайяншуда гузарад. Зимни андешаҳои боло муаллиф таъкид намудааст, ки дар суратиба дигарон таълим додан, омӯзгор, қабл аз ҳама, бояд фанни худро нағз донад ва дар бораи ҳаёти иҷтимоии кишвар маълумоти зиёд дошта бошад, ба маънои томаш шахси маданию фарҳангӣ бошад. Омӯзгор аз рӯйи вазифааш ҳамеша бояд аз болои худ кор кунад ва дар бораи тамоми ҳодисаю воқеаҳои доғи рӯз маълумот дошта бошад. Вақте ки ӯ ба дарс тайёрӣ мебинад, бояд адабиёти даркориро омӯзад, кӯшиш кунад, ки дар бораи равиш ва методҳои ҷадидтарин маълумот дошта бошад.

**Калидвожаҳо**: худомӯзии омӯзгор, салоҳиятнокии касбии омӯзгор, маҳорат, санъат, метод, эҷодкорӣ, принсипҳои худомӯзӣ, навгонӣ, фаъолнокӣ.

## САМООБРАЗОВАНИЕ КАК НЕОБХОДИМОЕ УСЛОВИЕ ПОВЫШЕНИЯ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ ПЕДАГОГОВ

Обобщая свои исследования о самообразовании, как необходимом условии повышения профессиональной компетентности педагогов, автор подчеркивает, что преподаватель, опираясь на нормативно-правовые акты в сфере образования и требования современного мира, действуя как опытный преподаватель, считает себя ответственным за выполнением следующих задач:- обеспечить обучение дисциплин входящих в утвержденную рабочую программу полностью; - развивать в учащихся работоспособност, самостоятелность, инициативность, творческую способность, гражданскую позицию, способность жить и работать в современных условиях, а также развивать в них ведение здорового и безопасного образа жизни; - использовать обоснованные педагогические методы, которые обеспечивают качество повышения знаний, форм и методов обучения; - систематически усовершенствовать свой профессиональный уровень;- проходить аттестацию в соответствии с установленным порядком. Наряду с вышесказанным, автор подчеркивает, что преподаватель, прежде всего, очень хорошо должен знать свой предмет и знать много информации о социальной жизни страны, и быть в полном смысле этого слова культурным человеком. Преподаватель по долгу службы все время должен работать над собой и иметь информацию о самых горячих событиях. При подготовке к уроку он заново должен перелистать учебник и иметь информацию о новейших методах преподавания

**Ключевые слова:** самообразование преподавателя, профессиональная компетентность преподавателя, искусство, творчество, принципы самообразования, новаторство, активность.

## SELF EDUCATION AS NECESSARY CONDITION TO INCREASE THE PROFESSIONAL COMPETENCE OF THE PEDAGOGUES

In order to generalize his research on self education, as necessary condition to increase the professional competence of the pedagogues the author underlines that a teacher rests on normative and legal statements in the educational sphere and demands of the modern world, acting as a real teacher, consider himself responsible to implement following tasks:_ to provide teaching of subjects entered into approved completely curriculum;_ to develop students active education, independence, initiative, creative ability, civil position, ability to live and work in modern conditions and also develop their behaviour on conducting healthy and safe image of life;_ to use sufficient pedagogic methods, which provide the quality of knowledge, forms and methods of teaching; _ systematically improve his professional level;_ to pass attestation according to established order. Along with above mentioned, the author underlines, that a teacher first of all have to know his subject very well and know much information about social life of the country, and be civilized person. A teacher in duty bounden always has to work oneself and has information about important events, in preparing for lesson he freshly has to turn over the textbook and has information on new methods of teaching.

Key words:teacher’s self education, professional competence of the teacher, art creativity, self education principles, innovation, activity.

**Сведения об авторе:** ***Нозимов Бахтиёр Махмадрахимович*** -Бохтарский государственный университет им.Носира Хусрава, преподаватель кафедры педагогики и психологии дошкольного образования. **Адрес**: 735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар, улица Айни 67.Телефон: **915-68-63-43**

**Information about the author:** ***Nozimov Bakhtiyor Makhmadrahimovich***-Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, teacher of the Department of Pedagogy and Psychology of Preschool Education. **Address: 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini Street 67.** Phone: **915-68-63-43**

УДК:378 (575.3)

# ИСТИҚЛОЛИЯТИ ТОҶИКИСТОН ВА ПРОБЛЕМАҲОИ ТАШКИЛИ ДОНИШКАДАИ ОЛИИ САРҲАДӢ

*Сафарзода Шамсиддини Маҳмадраҷаб*
**Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ**

Донишкадаи олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми марти соли 2016, тахти №128-5 дар пояи Омӯзишгоҳи олии сарҳадии КДАМ ҶТ таъсис ёфта, то имрӯз суботкорона дар асоси дастуру супоришҳои бевоситаи Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазифаи пуршарафи омода кардани марзбонони воқеии ватанро иҷро карда истодааст.

Пас аз соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон мафҳуми марзу бум аҳаммияти бештари сиёсиву иҷтимоӣ ва байналмилалиро касб намуд. Кишвари азизамон дар ин муддат бо чандин кишварҳои ҳамсоя соҳиби марзу буми муштарак гардида, ҳимояи беғаразонаи онро вазифаи муҳимми худ медонад. Албатта, ҳар кор дар ибтидо бе нуқсу камбудӣ намешавад. Марзи бисёркилометраи Тоҷикистонро дар ибтидои истиқлолият марзбонони Русия дифоъ мекарданд. Ҳоло, хушбахтона, пас аз таъсисёбии Раёсати қӯшунҳои сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи марзҳое, ки бо кишварҳои Давлати Исломии Афғонистон, ҶХХ, ҶУ ва ҶҚ вуҷуд доранд, фарзандони худи мамлакатамон сарбаландона ҳимоя карда истодаанд. Бо дарназардошти ин Омӯзишгоҳи олии сарҳадӣ ба Донишкадаи олии сарҳадӣ табдил дода шуд.

Воқеан, Донишкада муассисаи таълимиест, ки барномаҳои таҳсилоти давлатии маълумоти олии касбӣ ва иловагии касбиро дар соҳаи ҳифзи Сарҳади давлатӣ амалӣ сохта, тайёркунию бозомӯзӣ ва такмили ихтисосро ба роҳ монда, дар соҳаи ҳифзи Сарҳади давлатӣ ва дигар намудҳои фаъолият тадқиқоти илмии бунёдӣ ва амалиро иҷро мекунад.

Аз рӯйи қонунҳои амалкунандаи кишварамон Донишкада соҳиби амволи мустақил буда, уҳдадориҳои мувофиқро дорост ва мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният», «Дар бораи Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Фармонҳои Президенти ҶумҳурииТоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати ҶумҳурииТоҷикистон, Оинномаҳои умумиҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Раиси КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми ҶумҳурииТоҷикистон ва Оинномаи мазкур фаъолияти худро ба роҳ мондааст.

Дар сарчашмаҳои хаттӣ, бахусус фарҳангномаҳо, вожаҳои сарҳад, марз, бум, меҳан, ватан, замин, ки бар такмили ҳамдигар меоянд, чун муродифи сарҳад чунин ташреҳ ёфтаанд:

Бум II بوم хок, замин(-и нокорам); сарзамин, кишвар, мамлакат: марзу бум. [ФЗТ, с. 80]

Ватан а. وطن1. ҷойи таваллуд ва нашъунамо (мас., деҳа, шаҳр, мамлакат), зодгоҳ, меҳан; ҷойи баромаду пайдоиши чизе. 2. ҷойи истиқомат, манзил, макон, маскан; ватан кардан, ҷойи истиқомат ихтиёр кардан, манзил гирифтан. 3. диёр, сарзамин, кишвар, мамлакат; дар роҳи ватан // барои ва-тан дар ҳифзи диёру кишвари худ; ҷилои ватан кардан, маҷбуран ё аз рӯйи ноилоҷӣ тарки диёр кардан.

Ватандорوطندار соҳиби ватан, соҳиби макону ҷой.

Ватандӯст وطندوست дӯстдорандаи зодгоҳи худ; содиқ ба халқу ватани худ, бахалқу ватани худ меҳру муҳаббат дошта, меҳанпараст, ватанпараст, ватанпарвар.

Марз مرز 1. замин; замини киштукори атрофаш вот бардошта. 2. ҳудуди замин; сарҳад. 3. мамлакат, кишвар; марзу бум сарзамин, кишвар [ФЗТ, с. 270].

Дар ин шарҳу эзоҳи "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ" вожаҳои марбути ватану ватандорӣ ва маъноҳои муқобили он хеле равшану барҷаста нишон дода шуда, дар таркиби луғавии забони муосир аз қабили вожаҳои маъмулу маъруф маҳсуб мeёбанд. Дар ҳақиқат, дар замони муосир корбурди вожаҳои сарҳад, ватан, ватандорӣ, ватанпарастӣ,

ватанхоҳӣ ва муқобили инҳо ватангадо, ватанфурӯш, беватанӣ ва ғайра дар қатори вижагони фаъол шомиланд. Ин далели он аст, ки дар замони истиқлолият ҷавононро ҳам дар сухан ва ҳам дар амал барои ҳимояи ватани азизамон омодаанд.

Вожаи сарҳад дар осори бадеӣ ва публитсистӣ низ барои инъикоси самту макон ба маънои маҷозӣ мавриди корбурд қарор мегирад.

Айни ҳол дар Тоҷикистони соҳибистиқлол барои марзбонӣ ниҳоди махсуси давлатӣ, таҳти унвони Раёсати Қушунҳои сарҳадӣ фаъолияти ҳамешагии худро бахри ҳифзи сарҳади давлатӣ равона сохтааст. Барои омода кардани мутахассисони ин соҳа Донишкадаи олии сарҳадӣ дар ростои гуфтаҳои боло фаъолияти таълимии худро ба танзим медарорад ва дар асоси санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дорои чунин самтҳост:

-санадҳои дохилие, ки фаъолияти донишкадаро ба танзим медароранд: фармонҳо, амрҳо, низомномаҳо, дастуруламалҳои вазифавӣ бо тартиби муқарраргардида аз ҷониби донишкада тасдиқ мегарданд.

- Донишкада барномаҳои таҳсилоти олии касбиро дар соҳаҳои зерин амалӣ месозад:

- маълумоти олии касбӣ аз рӯйи тахассуси 1-95 01 11-01 «Идоракунии ҷузъу томҳои қӯшунҳои сарҳадӣ» бо ихтисоси «Мутахассиси хизмати сарҳадӣ», дараҷа – бакалавр, аз рӯйи шакли таҳсили рӯзона (4 сол). Касб: Мутахассиси идоракунӣ- ҳуқуқшинос.

- маълумоти олии касбӣ аз рӯйи тахассуси 1-95 01 11-02 «Идоракунии ҷузъу томҳои назорати сарҳадӣ» бо ихтисоси «Мутахассиси назорати сарҳадӣ», дараҷа - бакалавр, аз рӯйи шакли таҳсили рӯзона (4 сол). Касб: Мутахассиси идоракунӣ- ҳуқуқшинос.

- маълумоти олии касбӣ аз рӯйи тахассуси 1-95 01 11-03 «Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» бо ихтисоси «Мутахассиси оперативӣ», дараҷа- бакалавр, аз рӯйи шаклҳои таҳсили рӯзона (4 сол). Касб: Мутахассиси идоракунӣ- ҳуқуқшинос;

- маълумоти олии касбӣ аз рӯйи тахассуси 1-95 01 04-02 «Таъмини ахлоқию психологии фаъолияти ҳарбӣ (қӯшунҳои сарҳадӣ) бо ихтисоси «Мутахассиси корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ», дараҷа - бакалавр, аз рӯйи шакли таҳсили рӯзона (4 сол). Касб: Равоншинос;

- тайёркунии кадрҳои роҳбарикунанда, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси мутахассисони Қӯшунҳои сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Донишкада таҳсилоти иловагии касбиро дар шакли такмили ихтисос ва бозомӯзии мутахассисон вобаста ба самтҳои фаъолияти Донишкада амалӣ мегардонад;

- Донишкада фаъолияти таълимиро дар асоси литсензия барои ҳуқуқи бурдани фаъолияти таълимӣ, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта мешавад, амалӣ менамояд [1].

Самт ва тартиби истифодабарии воситаҳои буҷавӣ аз тарафи донишкада мустақилона бо назардошти қисми хароҷотшавандаи он барои музди меҳнат муайян карда мешавад.

Ҳадафи асосии донишкада аз ташкил намудани раванди таълим, таъмини омодагии касбии курсантон ва шунавандагон, рушди илму техника ва маданияту маориф иборат мебошад.

Вазифаҳо ва самтҳои асосии фаъолияти Донишкада:

- қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти Қӯшунҳои сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мутахассисони соҳибмаълумот тавассути амалӣ гардонидани барномаҳои таълимӣ ва тарбиявӣ дар соҳаи маълумоти олии касбӣ ва дигар шаклҳои таҳсилот;

- қонеъ гардонидани талаботи курсантон ба инкишофи зеҳнӣ, фарҳангӣ ва арзишҳои маънавӣ бо роҳи дарёфти таҳсилоти олии касбӣ ва ё таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;

- рушди илму ҳунар тавассути пешбурди таҳқиқоти илмӣ ва фаъолияти эҷодии кормандони илмию омӯзгорӣ ва таҳсилкунандагон, истифодаи натиҷаҳои ҳосилшуда дар ҷараёни таълим ва истеҳсолот;

- омӯзиш, бозомӯзӣ ва такмили тахассуси кормандони дорои таҳсилоти олии касбӣ ва кормандони илмию омӯзгории баландихтисос;

- дар курсантон ва шунавандагон инкишоф додани худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ, шаъну шарафи шаҳрвандӣ ва қобилият ба меҳнат;

- ҳифз ва афзун намудани арзишҳои миллӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ, илмӣ ва анъанаҳои кишвар;

- таъмини шароити мусоид барои таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ, омӯзгорӣ ва таҳсили курсантон;

- таъсис додани системаи сифатноки тайёр намудани мутахассисони дорои маълумоти олии касбӣ;

- ташкил ва гузаронидани тадқиқоти илмию амалӣ вобаста ба самтҳои фаъолияти Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷорӣ кардани натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ дар раванди таълим ва истеҳсолот;

- таъмини ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии афсарон, курсантон ва кормандон.

-Воҳидҳои сохтории Донишкада: факултетҳо вобаста ба самтҳои тайёр кардани мутахассисон; кафедраҳо аз рӯйи соҳаҳои дониш; марказҳо; воҳидҳои омодагии хизматӣ-ҳарбӣ (бахшҳо, гурӯҳҳои таълимӣ); китобхона; шуъбаҳо; зершуъбаҳо ва дигар воҳидҳои сохторӣ.

- Воҳиди сохтории алоҳидаи Донишкада Маркази таълимии «Лоҳур» мебошад. Суроғаи ҳуқуқии он ноҳияи Рӯдакӣ мебошад.

- Донишкада дорои ду факултет мебошад: факултети «Ташкили фаъолияти сарҳадӣ» ва факултети «Тайёрии кадрҳои роҳбарикунанда ва такмили ихтисоси хизматчиёни ҳарбии Қӯшунҳои сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон».

Ба сохтори Донишкада намояндагиҳо ва дигар воҳидҳои сохторие, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудаанд, метавонанд дохил гарданд. Ҳайати шахсии Донишкада ба тағйирёбанда ва доимӣ тақсим мешавад. Ҳайати тағйирёбанда аз курсантон, шунавандагон, таҷрибаомӯзон, мутахассисон ва кормандон иборат мебошад. Ба ҳайати доимии Донишкада шахсони ҳайати олӣ, калон, миёна, хурди роҳбарикунанда, қаторӣ, инчунин коргарон дохил мешаванд. Донишкада соҳиби Байрақи ҷангӣ, Китоби фахрӣ, Лавҳаи ифтихорӣ, Лавҳаи аълочиён, рамзи шахсӣ ва нишони табъу нашр мебошад.

Оинномаи Донишкада нисбат ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилии Донишкада эътибори олии ҳуқуқӣ дорад.

Бо мақсади муқаррар намудани мувофиқати мазмун, дараҷа ва сифати тайёр кардани хатмкунандагон ба талаботи стандартҳои давлатии таълимӣ, Донишкада бо тартиби муқарраршуда аз аттестатсия мегузарад, ки ин барои аккредитатсияи давлатии он асос мешавад. Аккредитатсияи давлатӣ бо мақсади муқаррар кардани ҳуқуқи Донишкада барои ба хатмкунандагони худ додани ҳуҷҷати намунаи давлатидошта оид ба мувофиқати сатҳи маълумот гузаронида мешавад.

Гуфтан ҷоиз аст, ки Донишкадаи олии сарҳадӣ дар муддати ниҳоят кӯтоҳ худро ҳамчун муассисаи таҳсилоти олии касбии тахассусӣ шиносонида тавонист ва ҳоло ҷавонони зиёди ҷисман солиму ватандӯстро фаро гирифта, барои соҳиби маълумоти олии соҳаи сарҳад шудани онҳо шароити мусоидро фароҳам овардааст. Лекин дар баробари дастовардҳо мушкилоте низ ба назар мерасанд, ки чанде онҳоро дар поён номбар мекунем:

- нарасидани мутахассисони дараҷаи илмидоштаи соҳа. Дар ин самт метавон бештар унвонҷӯёнро, ки ба забони ҳарбӣ **адъюнкт** мегӯянд, аз ҳисоби хатмкунандагони худи Донишкада фаро гирифта шавад. Зеро **адъюнкт** шахсе ба шумор меравад, ки маълумоти олии касбӣ дошта, аз озмун гузаштааст ва дар адъюнктура ҷиҳати тайёр кардани рисолаи илмӣ (диссертатсия) барои соҳиб шудан ба дараҷаи номзади илм таҳсил менамояд.

Ҳоло дар Донишкада шахсони унвони илмии зинаи аввалдошта ангуштшуморанд, онҳоро мебояд аз пайи таҳқиқ бошанду зинаи дигари дараҷаи илмӣ, яъне доктори илмро соҳиб гарданд. Барои амалӣ гардидани ин ҷиҳати кор шуъбаи докторантура таъсис дода ва докторантҳо қабул карда шаванд. Докторант шахсе ҳисобида мешавад, ки дараҷаи илмии номзади илм дошта, аз конкурс гузаштааст ва дар докторантура ҷиҳати тайёр намудани рисолаи илмӣ (диссертатсия) барои соҳиб шудан ба дараҷаи илмии доктори илм

таҳсил менамояд. Аз рӯйи имконият барои таъмин бо кадрҳои баландихтисоси унвондор устодони ҷавонро ба сифати унвонҷӯ ба таҳқиқи кори илмӣ равона бояд сохт. Унвонҷӯ шахсе ҳисобида мешавад, ки маълумоти олии касбӣ ё дараҷаи номзади илм дошта, ба кафедраи дахлдор барои тайёр намудани рисолаи илмӣ (диссертатсия) барои соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илм, бе таҳсил кардан дар адъюнктура ва ё барои тайёр намудани рисолаи илмӣ (диссертатсия) барои соҳиб шудан ба дараҷаи илмии доктори илм бе таҳсил кардан дар докторантура вобаста карда шудааст.

Мушкилоти дигар нарасидани китоби дарсиву васоити таълимӣ барои аксари фанҳои тахассусӣ бо забони тоҷикӣ ба шумор меравад. Дар ин самт мутахассисонро зарурат пеш меояд, ки бо якҷоягии устодони забоншиносу ҳуқуқшиносони дигар донишкадаҳои олӣ адабиёти фанниро ба забони адабии тоҷикӣ омода намоянд. Донишкада имкони нашри онҳоро пурра дорад.

## АДАБИЁТ


1. Оинномаи ДОС КДАМ ҶТ - №60 бих – 2017 с.
2. Раҳмонов А. Современные проблемы безопасности в Республике Таджикистан и в Центральной Азии. Монография / А. Раҳмонов. – Душанбе, 2013.
3. Ҳақиқати илмӣ ва амнияти миллӣ. ДДХ ба номи Бобоҷон Ғафуров. – Хуҷанд, 2017. – 107 с.
4. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ.– Душанбе, 2008. -Ҷ 1. -950 с.
5. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар маросими ифтитоҳии Маркази таълимии Қӯшунҳои сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1-уми марти соли 2017. -№3.
6. Ятимов С. Таҳлили стратегӣ ва ояндабинии сиёсӣ / С. Ятимов.– Душанбе, 2015.
7. Ятимов С. Илм ва амният / С. Ятимов //Ҷумҳурият. - 30 – юми майи соли 2017.


## ИСТИҚЛОЛИЯТИ ТОҶИКИСТОН ВА ПРОБЛЕМАҲОИ ТАШКИЛИ ДОНИШКАДАИ ОЛИИ САРҲАДӢ


3. Гальскова Н.Д. Современная методика обучения иностранным языкам. Пособие для учителя / Н.Д. Гальскова. – М.: АРКТИ, 2004.
4. Грузинская И.А. Методика преподавания английского языка / И.А. Грузинская. - М.,1938.
5. Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ахбори Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Шарқи озод, 2003.
6. Настольная книга преподавателя иностранного языка: Справочное пособие / Е.А. Маслыко, П.К. Бабинская, А.Ф. Будько, С.И. Пеирова. – Минск. 1998.
7. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020». Асноди меъёрӣ ва ҳуқуқии соҳаи маориф. –Душанбе, 2015. - №3.
8. Rivers. W.M. Communicating Naturally in Second Languages / W.M. Rivers. - Cambridge University Press,1989.
9. The Confidence Book. Pilgrims. –Longman, 1990.

## АСОСҲОИ ПСИХОЛОГИИ ТАЪЛИМИ ГРАММАТИКАИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Муаллиф дар мақолаи мазкур зарурат, ҳадаф, асосҳои психологии таълими грамматикаи забони англисиро таҳлил намуда, баъзе ҷанбаҳои асосӣ ва психологии самтҳои таълимро дар заминаи проблемаҳои мавҷуда муайян намудааст. Дар баробари он, муаллиф дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ ба асосҳои психологии таълими грамматикаи забони англисӣ дар муқоиса бо таълими забони модарӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, таълими грамматикаи забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ташаккул ва рушди малакаи грамматикии хонандагонро ҳамчун як ҷузъи малака ва маҳорати суханронӣ, зарурати замон арзёбӣ намудааст. Дар мақола муаллиф барои бартараф сохтани мушкилоти омӯзгорон, пеш аз ҳама, дар муайян сохтани монандӣ ва тафовути вижагиҳои сохти грамматикии забони англисӣ ва модарӣ баҳри бартарафсозии мушкилоти ташаккули малакаҳои хонандагон дар раванди таълими грамматикаи забони модарӣ вазабони англисӣ ба хонандагон тавсияҳо пешниҳод кардааст, ки қобили қабул буда метавонанд. Муаллиф, пеш аз ҳама, ба баъзе масъалаҳои психологияи дарккунии забони англисӣ диққати омӯзгоронро равона намудааст, ки бе дониши комили нозукиҳои психологияи таълими забони англисӣ таъмини ташаккули малака ва маҳорати истифодаи фаъолонаи он аз ҷониби хонандагон ғайриимкон мегардад.

**Калидвожаҳо**: шуур, психолингвистӣ, суханронӣ, вижагӣ, психология, истилоҳ, муошират, шунавоӣ, грамматика.

## ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ОБУЧЕНИЯ ГРАММАТИКИ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА

Автор в статье анализирует психологические основы преподавания грамматики английского языка, определяя некоторые его ключевые и психологические аспекты. В то же время, в ходе изучении иностранного языка, обращая особое внимание учителей на обязательное сопоставление сходства и различия грамматики английского с родным языком, автор считает преподавание грамматики английского языка и формирование грамматических навыков учащихся, в том числе навыков чтения, освоения смысла прочитанного, навыков каллиграфически правильного письма, требованием времени и призывает всех учителей ответственно относиться к этому. В статье автором даются некоторые рекомендации по использованию грамматических особенностей английского и родного языков, способствующих более успешнему освоению английского языка и устранению имеющихся трудностей в этом направлении. Автор сосредотачивает внимание учителей на изучении психологических особенностей восприятия английского языка учащимися, так как без знания этих особенностей обучать английскому языку будет весьма трудно и отсюда в статье даны накоторые рекомендации по формированию навыков эффективного использования психологических особенностей обучения английскому языку.

**Ключевые слова:** сознание, психолог, речь, взаимодействие, психология, логизм, общение, слух, грамматика

## PSYCHOLOGICAL FOUNDATIONS OF ENGLISH GRAMMAR

The author of this article analyzes the need, purpose, and psychological foundations of teaching English grammar, identifying some key and psychological aspects of educational aspects based on existing problems. At the same time, during the study of a foreign language, paying special attention to teachers to comparing the similarities and differences between English grammar and native language, the author considers teaching English grammar in educational institutions, developing students' grammatical skills, including reading skills, learning the meaning. reading, writing is a requirement of time and calls on all teachers to be responsible for this. In the article, the author recommended measures to identify the similarities and differences in the grammatical features of English and native languages, which contribute to a more successful mastering of the English language and the elimination of existing problems. The authors of the institute do not have the opportunity to study psychology of psychology in English, but we do not know what to say in English. Here is a brief summary of the search results for the new version of “Psychological Descent in the English Language Process”.

**Key words**: consciousness, psychologist, speech, interaction, psychology, logism, communication, hearing, grammar

**Сведения об авторе:** ***Игболова Зарангез*** **-** Научно - исследовательский институт развития образования имени А. Джами Академии образования Таджикистана, соискатель. **Адрес:** 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С.Айни, 45. Телефон: **918-24-88-83**

**Information about the author*****: Ijhbolova Zarangez*** - Institute of Educational Development named after A. Djami of the Academy of Education of Tajikistan, applicant. **Address:** 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. S. Aini, 45. Phone: **918-24-88-83**

УДК:372.8 (575.3)

# ЦЕННОСТЬ И ВОЗДЕЙСТВИЕ НАРОДНЫХ ЛЕГЕНД НА ФОРМИРОВАНИЕ НРАВСТВЕННОГО СОЗНАНИЯ И ПОВЕДЕНИЯ ПОДРОСТКОВ

*Манонова Р.А., Рахимова Г., Абдурахмонова М. А.*
**Институт экономики и торговли ТГУК,**
**Худжандский государственный университет имени Б. Гафурова**

В подготовке студентов университета к использованию народных легенд в нравственном воспитании подростков мы постоянно должны иметь в виду, какими профессиональными качествами в первую очередь должен обладать наш специалист. Это, прежде всего, знание и умение определить воспитательную ценность народных легенд, классифицировать народные легенды по определённым признакам и умение прогнозировать воздействие народных легенд на формирование нравственного сознания и поведения подростков.

В педагогической науке доказано, что путём раскрытия способностей каждый человек своим систематическим трудом может приобрести систему знаний, а также выработать профессиональные навыки. Педагогам следует систематизировать народные легенды и ориентировать внимание студентов ещё в вузе на активное использование народных легенд в нравственном воспитании подростков во время педагогической практики. Одна из главных задач - разработать ориентировочную модель педагога, способного знать и использовать народные легенды в нравственном воспитании подростков. Из трудов выдающихся историков и этнографов прошлого века нам известно, что; народ, сохранивший свой древний жизненный уклад, обладает, несомненно, школой усвоения нравственно-культурных ценностей высокого уровня.Подготовка студента университета к широкому использованию народных легенд в деле нравственного воспитания - дело важное, так как здесь не существует стандартизационных форм действия. Мы предлагаем следующие формы работы:

- подключить студентов к воспитательным мероприятиям по использованию народных легенд;
- развивать студентов в плане анализа воспитательных мероприятий с применением народных легенд;
- развивать у будущего учителя-воспитателя педагогическое мышление, посредством формирования умения определить воспитательную ценность народных легенд и умения использовать их в нравственном воспитании подростков;

Всё вышеизложенное требует от специалиста глубокого знания истории культуры своего народа, особенно жанра устного народного творчества. Студент университета может быть подготовлен к использованию народных легенд в деле нравственного воспитания, если он усвоит закономерности развития, воспитания, формирования личности, а также сущность, цели и задачи, формы и методы воспитания. Каждый народ хранит лучшие традиции своих предков, свойственно это и таджикскому народу. Ещё когда отсутствовали школы, люди не умели читать и писать, семья выступала в роли главного воспитателя. Дети и подростки учились правилам жизни в семье, которые устанавливались местными старейшинами, старейшинами рода, словом, в воспитании детей подростков принимали участие все - родные, близкие и даже махалля.[*]

Педагогика народа по своей природе очень проста, но по требованиям очень строга, поэтому подростками легко усваивается и воспринимается без обиды: уважай старших; относись заботливо к слабым, больным, беспомощным, инвалидам, женщинам и др.; относись бережливо ко всему живому, к природе, к продуктам питания, к воде, земле.

Широкое использование народных легенд в нравственном воспитании необходимо для того, чтобы наши учителя хорошо знали историю и культуру быта своих предков, глубоко проникали в духовное богатство, которое копилось веками, отшлифовываясь народом в течение тысячелетия. Учёные пристально изучают силу самосознания народов, что само за себя говорит возросшим числом исследований по проблемам народной педагогики. К таким исследованиям можно отнести труды Ашхаруа Э.Р., Бартольда В.В., Блонского П.П., Брагинского И.С., Бугаенко М.Г., Войченко А.П., Волкова Г.Н., Гафурова Б.Г., Джонназарова Х.Д., Дурай-Новакова К.М., Манонова А., Обидова И.О., Сластенина В.А. и др.

Не следует считать, что мы возрождаем использование народных легенд в Таджикистане в деле нравственного воспитания. Народные легенды среди самого народа используются уже с

[*] Махалля – это образ жизни, пришедший из далёкой старины, по микрорайонам делили жилые кварталы и называли их по основным занятиям 2-3-х известных мастеров-ремесленников.

появления человечества, в том числе и таджикского народа. С народными легендами мы часто встречаемся в беседах старшего поколения, пожилых стариков - дедушек и бабушек. Они используют народные легенды в своих разговорах очень уместно, убедительно и эффективно. Их слушают стар и млад с большим удовольствием.

Знание учителей о народных легендах находится на низком уровне, если какая-то часть их и достигла успехов, то это только благодаря материалам учебников, также отсутствовали примеры из жизни народа. Учителя, использовавшие народные легенды в нравственном воспитании, также подчеркнули, что они случайно слышали рассказы о них от старших, пожилых бабушек и дедушек, перешагнувших 60-и 70-летний рубеж, иногда в различных традиционных семейных обрядах соседей и родственников. Наша условная модель подготовки специалиста реализуется на практике длительное время. Специалистов высокой квалификации надо подготовить в стенах университета своими силами, чтобы в действительности удостовериться в её целесообразности. Для этого надо проходить минимум четыре этапа:

Первый этап - основной, на котором закладывается фундамент, осуществляется сбор народных легенд и студенты изучают подростков. Педагоги на теоретических занятиях больше останавливаются на характеристике подростков, на их психологии, интересах и особенностях.

Второй этап - этап использования народных легенд в нравственном воспитании подростков. Студенты на практике под руководством опытных учителей используют народные легенды на воспитательных часах по нравственной тематике.

Третий этап - этап приобретения уверенности в себе, этап удовлетворённости в правильности выбора профессии.

Четвёртый этап - этап творческого отношения к своей профессии. Использование народных легенд как оптимизирующего средства воспитания вытекает из того факта, что они являются не только средством патриотического воспитания, но и мощным средством интернационального воспитания. В Таджикистане живут многие национальности и функционируют школы на разных языках - таджикском, русском, узбекском, киргизском, казахском. Это свидетельствует о том, что у каждого народа свои воспитательные ценности. Знание языка другого народа считается уважением к тому народу. Такие люди всегда уважаемы, любимы и почетны, потому что, зная язык другого народа, мы узнаём культуру, традиции и обряды того народа. Часто можно услышать из уст представителей других национальностей при проведении городских и областных мероприятий, что таджикский народ действительно является интернационалистом, например, если в обществе, учреждениях, собраниях, совещаниях, в кругу семьи замечают представителя другой национальности, то из чувства уважения к нему автоматически переключаются на его родной язык, хотя аудитория главным образом таджикская. Да и тот не таджик, кто не знает как минимум два-три языка. Знание языка объясняется тем, что мы населяем пограничные территории; наши соседи-узбеки, киргизы, а русский язык - наш второй родной и язык межнационального общения с послеоктябрьского периода. Школы наши тоже интернациональные - учатся в одной школе русские, таджики, узбеки, киргизы. Передовые учителя используют в нравственном воспитании подростков, на классных часах народные легенды, и это проходит в присутствии других учеников, которые несомненно положительно воздействуют на сознание и поведение школьников. Одним из главных принципов нравственного воспитания является дружба. Жизнь в дружбе, мире и согласии всем помогает достичь высоких результатов во всех сферах народного хозяйства - экономике, политике, культуре. Вполне уместно привести примеры дружбы Абдурахмона Джами с Алишером Навои, таджикского поэта Мирзо Турсунзаде и писателя Рахима Джалила с дагестанским поэтом Расулом Гамзатовым, с узбекским поэтом Гафуром Гулямом и др., эти факты наглядно иллюстрируют дружбу народов, а из них подростки черпают многое. Классики персидско-таджикской литературы Абуабдулло Рудаки, Абулкасим Фирдоуси, Авиценна, Носир Хисров, Унсурулмаоли Кайковус, Омар Хайям, Саади, Гафиз, Камол Худжанди, Абдурахман Джами, Зайниддин Восифи, Ахмал Дониш, Хусайн Кошифи и другие были любимы дагестанским поэтом Расулом Гамзатовым, все наши классики воспевали дружбу в своих произведениях как высокую общечеловеческую ценность.

Легенда - вымысел, нечто невероятное. Легенда имеет и другое толкование в Таджикской советской энциклопедии: «Легенда-рассказ, сообщение, поэма от чьего-то имени или устный народный рассказ, в основе которого лежит образ идей и представлений; только со стороны рассказывающего и слушающего она считается правдой». В народных легендах речь идёт о прошлых, нынешних и будущих событиях. Иногда в произведениях встречаются священные легенды, в Исламе они представляются как «Суннат» /Правила и предписания/. Легенда иногда встречается как **хадис** /рассказ/**,** масал/ поговорка/. Хадис /ар. легенда/- сборник легенд о жизни,

поведении и сказании пророка Мухаммада. Масал/ар - рассказ, сказание; легенда также является поучительным и жизненным рассказом, сказанием, намекающим на что-то; легенды малые могут рассматриваться, как произведения в виде поэзии или прозы. Масал /поговорка/ сама является известным мудрым словом среди народа. Она основывается на предсказании, предвидении, предчувствии. Её героями являются люди, звери, растения и вещи. В начале или в конце приводятся мудрые выводы.

В древней Греции легендописцем был Эзоп /IV-V век до нашей эры/, в Древнем Риме - Фёдор /I век/, в XVII веке, во Франции баснописец Лафонтен, в XVIII-XIX вв., в России - Сумароков и позднее дедушка Крылов, в классической персидско - таджикской литературе - Низами, Джалолиддин Руми, Абдурахман Джами, из советских поэтов легендописцами были Демьян Бедный, Сергей Михалков, Абулкасим Лахути. Лучшая особенность использования народных легенд заключается в том, что каждый подросток, внимательно слушая легенду, глубоко проникнув в суть дела, захочет помочь герою легенды, всячески анализируя ситуацию, он будет искать решения проблемы. Легенда, которая заставляет подростка думать, сигнализирует о достижении воспитателем своей цели. В настоящее время народные легенды кочуют в среде людей пожилого возраста. Они часто рассказывают народные легенды на сборах рода, когда старейшины приглашают на совет и проводят семейные обрядовые праздники; рождение детей, обрезание, сватовство, женитьба, поминки, похороны и др. Все представители таджикско-персидской литературы, опираясь на мудрую психологию народа, хотят внушить с малых лет подросткам те мысли, которые с течением времени окажутся необходимыми при воспитании. В народе говорят: «Приобретённое в младенчестве знание так прочно запечатлевается в памяти, что это подобно тому, как если бы мастер вырезал на камне».

Педагог И.В. Суханов справедливо отметил: «Роль ... легенд велика в воспитании детей и молодёжи, в них сформированы народные понятия о чести и бесчестии, о справедливости, о долге и достоинстве человека труда». С помощью общения мы воспитываем подростков, узнаём о просвещенности человека, о его культуре, бедах и радостях, приходим к другому на помощь или предлагаем свои услуги и многое другое. В нашем случае само общение выступает как главный гарант в обеспечении подготовленности студентов к использованию народных легенд в нравственном воспитании подростков. Благодаря общению мы познаём народную мудрость, даём подрастающему поколению полезные этические советы, узнаём у старшего поколения об этике поведения в общественных местах, дома и на улице. Народную легенду мы не идеализируем никогда, она просто помогает в нравственном воспитании подростков. Жить среди таджикского народа и не знать о народной педагогике невозможно, т.е. в каждого таджика уже издревле заложен дух этической атмосферы жизни народа. Другими средствами в деле нравственного воспитания подростков кроме общения выступает изучение природы и быта, культуры и искусства, музыки и архитектуры, театра, кино, цирка, одежды, головных уборов, гостеприимства. Все эти вышеназванные средства позволяют сформировать у студентов целостное представление об использовании народных легенд в нравственном воспитании подростков.

### ЛИТЕРАТУРА


1. Апакаев П.А. Фольклорные традиции народной педагогики / П.А. Апакаев. Сб. Фольклор и искусство в современной художественной культуре Марийской АССР. -Йошкар-Ола, 1991. -138-149с.
2. Арипов М. Из истории педагогической мысли таджикского народа / М.Арипов. -Душанбе: Ирфон. Часть-1. 1962.
3. Ефстифеев А.П. Старые обычаи, новые традиции. Очерки о внедрении новой обрядности / А.П.Ефстифеев. - Ташкент: Ёш гвардия, 1977. -49 с.
4. Калонтаров Я.И.Таджикские пословицы и поговорки в аналогии с русским / Я.И.Калонтаров. -Душанбе: Ирфон, 1965. -536с. Легенды, предания, бывальщины: сост. Н.А. Криничной, -М.: Современник, 1989. -286 с.
5. Манонов А. Подготовка студентов педвуза к использованию прогрессивных идей таджикской народной педагогики в нравственном воспитании детей: дисс. ... к.пед.наук / А.Манонов. -М., 1992. -162л.


## АРЗИШ ВА ТАЪСИРРАСОНИИ РИВОЯТУ ДОСТОНҲОИ ХАЛҚӢ БА ТАШАККУЛИ ШУУРИ МАЪНАВӢ ВА РАФТОРИ НАВРАСОН

Дар мақолаи мазкур муаллифон арзиш ва таъсиррасонии ривояту достонҳои халқиро бар ташаккули шуури маънавии наврасон авриди баррасӣ қарор додаанд. Дар тайёрии донишҷӯёни макотиби олӣ оиди истифодабарии ривояту достонҳои халқӣ дар рафти тарбияи наврасон мо бояд дар назар дошта бошем, ки мутхассиси ояндаи мо дар мадди аввал дорои чӣ гунна хислатҳо бошад. Ин пеш аз ҳама, дониш ва маҳоратҳои муайянсозии арзиши тарбиявии рифояту достонҳои халқӣ, гурӯҳбандии ривояту достонҳои халқи аз рӯи нишонаҳои муайян ва маҳорати пешгӯӣ намудани таъсиррасонии онҳо ба ташаккули шуури маънавӣ ва рафтори наврасон. Дар илми педагогика исбот карда шудааст, ки бо роҳи ошкорсозии қобилиятҳо ҳар як инсон бо меҳнати мунтазами худ метавонад системаи донишҳоро аз худ намуда, инчунин малакаҳои касбиро ба даст орад.

Омӯзгорон бояд ривояту достонҳои халқиро мураттаб намуда, диққати донишҷӯёнро дар пояи макотиби олӣ ба истифодабарии фаъоли ривояту достонҳои халқӣ дар тарбияи маънавии наврасон дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ равона созанд.
**Калидвожаҳо:** ташаккули шуури маънавӣ ва рафтори наврасон, истифодаи ривояту достонҳои халқӣ дар тарбияи маънавии наврасон, ошкорсозии махсусиятҳо, мураттабсозии ривояту достонҳои халқӣ.

**ЦЕННОСТЬ И ВОЗДЕЙСТВИЕ НАРОДНЫХ ЛЕГЕНД НА ФОРМИРОВАНИЕ НРАВСТВЕННОГО СОЗНАНИЯ И ПОВЕДЕНИЯ ПОДРОСТКОВ**

В данной статье авторами рассмотрены ценность и воздействие народных легенд на формирование нравственного сознания и поведения подростков. В подготовке студентов университета к использованию народных легенд в нравственном воспитании подростков мы постоянно должны иметь в виду, какими профессиональными качествами в первую очередь должен обладать наш специалист. Это, прежде всего, знание и умение определить воспитательную ценность народных легенд, классифицировать народные легенды по определённым признакам и умение прогнозировать воздействие народных легенд на формирование нравственного сознания и поведения подростков. В педагогической науке доказано, что путём раскрытия способностей каждый человек своим систематическим трудом может приобрести систему знаний, а также выработать профессиональные навыки. Педагогам следует систематизировать народные легенды и ориентировать внимание студентов ещё в вузе на активное использование народных легенд в нравственном воспитании подростков во время педагогической практики..
**Ключевые слова:** формирование нравственного сознания и поведения подростков, использование народных легенд в нравственном воспитании подростков, раскрытие способностей, систематизация народных легенд.

**VALUE AND IMPACT OF PEOPLE LEGENDS ON FORMATION OF MORAL CONSCIOUSNESS AND BEHAVIOR OF TEENAGERS**

In this article, the authors examined the value and impact of folk legends on the formation of moral consciousness and behavior of adolescents. In preparing university students for the use of folk legends in the moral education of adolescents, we must constantly keep in mind what professional qualities should first of all be our specialist. This is, first of all, knowledge and ability to determine the educational value of folk legends, to classify folk legends according to certain criteria and the ability to predict the impact of folk legends on the formation of moral consciousness and behavior of adolescents. In pedagogical science, it is proved that through the disclosure of abilities, each person with his systematic work can acquire a knowledge system, as well as develop professional skills. Teachers should systematize folk legends and focus the attention of students at the university on the active use of folk legends in the moral education of adolescents during teaching practice. One of the main tasks is to develop an indicative model of a teacher who is able to know and use folk legends in the moral education of adolescents.
**Keywords:** the formation of moral consciousness and behavior of adolescents, the use of folk legends in the moral education of adolescents, the disclosure of abilities, the systematization of folk legends.

**Сведения об авторах:** ***Манонова Р.А.*** **-** Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции, кандидат педагогических наук, доцент кафедры таджикского и русского языков. Телефон:**+992 928801899**

***Рахимова Г.*** **-** Худжандский государственный университет имени Б. Гафурова, кандидат педагогических наук, доцент кафедры общей педагогики

***Абдурахмонова М. А.*** **-** Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции, ассистент кафедры иностранных языков.

**Information about the authors:** ***Manonova R.A.*** - Institute of Economics and Trade of the Tajik State University of Commerce, Ph.D., Associate Professor of the Department of Tajik and Russian Languages. Phone: **+992 928801899**

***Rakhimova G.*** - Khujand State University named after B. Gafurov, candidate of pedagogical sciences, associate professor of the Department of General Pedagogy

***Abdurakhmonova M. A.*** - Institute of Economics and Trade of the Tajik State University of Commerce, assistant of the Department of Foreign Languages.

**УДК:372.8:378 (575.3)**

# ТАРЗИ ИСТИФОДАИ ТАХТАҲОИ ИНТЕРАКТИВӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

***Тошхоҷаева С.А., Тошхӯҷаев Ҳ.А., Усмонов А.А.***

**МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров”**

Яке аз ҳадафҳои асосии таҳсилоти олии касбӣ тайёр намудани мутахассисони касбӣ мебошад. Мавҷудияти фармоиши иҷтимоии тайёр намудани мутахассисони оянда бо сатҳи зарурии салоҳияти касбӣ дар шароити ҷомеаи муосири иттилоотӣ зарур аст, ки муҳитҳои муосири таълимиро муҷаҳҳаз гардонанд ва мутахассисони соҳибтаҷриба, эҷодкор ва навоварро омода созанд. Истифодаи дурусти компютер дар ҷараёни таълим имкон медиҳад, ки раванди омӯзиш дар шароити нав имконпазир гардад. Одатан, аксарияти омӯзгорон ва донишҷӯён, ки бо таҷҳизоти компютерӣ шиносанд, онҳо системаҳои акустикӣ (баландгӯяк),

панели садогии компютер, микрофон, камераи махсуси видеоии компютерӣ ва эҳтимолан таҷҳизоти идоракунанда (джойстик)-ро доранд. Ҳамаи ин таҷҳизотҳо, албатта, ҷузъҳои алоҳидаи таҷҳизоти мултимедиявӣ ҳастанд, барои истифодаи оддӣ мебошанд, ҳадафҳои хеле дақиқ доранд ва ягон тавсифи муфассалро талаб наменамоянд [3, с.12-17].

Диққати бештар ба таҷҳизоти махсуси мултимедиявӣ равона мегардад, ки мақсади он баланд бардоштани самаранокии омӯзиш мебошад. Дар байни онҳо таҷҳизоти муосир мавҷуданд, пеш аз ҳама, ба он тахтаи интерактивии мултимедиявӣ дохил карда мешавад, ки он бӯри тахтаро бо маркер иваз менамояд. Дар байни навовариҳои техникӣ имрӯз дар муассисаҳои таълимӣ ҷойи махсусро тахтаи интерактивӣ гирифтааст. Тахтаи интерактивӣ маҷмӯи таҷҳизотест, ки ба омӯзгор имконият медиҳад раванди таълимро босаводона, визуалӣ ва динамикӣ ба роҳ монад. Тахтаи интерактивӣ воситаи нави техникии таълим мебошад, ки он ҳамаи имкониятҳои технологияҳои замонавии компютериро ба ҳам мепайвандад. Он яке аз принсипҳои муҳимтарини таълим – воситаи аёнӣ мебошад.

Тахтаи интерактивӣ экрани сенсорӣ мебошад, ки бо компютер пайваст буда, тасвирро ба тахтаи проектор интиқол медиҳад. Танҳо бо як расиш ба сатҳи тахта ба кори компютер оғоз мебахшад. Тахтаи интерактивӣ якҷоя бо компютер ва видеопроектор маҷмӯи ягонаро ташкил мекунад. Ҳама амалро, ки дар компютери муқаррарӣ иҷро карда мешавад, дар тахтаи интерактивӣ низ иҷро намудан мумкин аст. Дар тахтаи интерактивӣ технологияи лоиҳакашӣ бо таҷҳизоти сенсорӣ якҷоя пайваст мешавад, бинобар ин тахта на танҳо тасвири дар компютери худ бударо намоиш медиҳад, балки имкон медиҳад, ки раванди презентатсияро (ҳаракати дуҷониба) идора намояд. Дар он тафсилот, ислоҳкунӣ, навиштани рангҳо, шарҳдиҳиҳо барои нигоҳ доштани маводҳо ва дар оянда таҳрир кардан мумкин аст. Ба компютер ва ба тахтаи интерактивӣ микроскоп, камераи ҳуҷҷатӣ, камераи рақамӣ ё камераи видеоиро пайваст намудан мумкин аст. Нахустин маротиба дар ҷаҳон тахтаи интерактивӣ аз ҷониби ширкати SMART Technologies Inc. дар соли 1991 пешниҳод карда шуда буд ва омӯзгорон аввалин шуда ин технологияро дар фаъолияти худ истифода бурданд.

Тахтаи интерактивӣ ба проектори махсус пайваст мебошад, ки тасвирро ба сатҳи паҳнкунандаи тахта медиҳад. Бо расиши даст кас метавонад тасвирро идора кунад. Тахтаҳои интерактивӣ проексияи рост ва баръакс шуда метавонанд. Ҳангоми проексияи рост - проектор дар пеши тахта дар шифти синфхона ё болои паҳлу ҷойгир карда мешавад. Агар проексия баръакс бошад, он гоҳ проектор аз қафои тахта ҷойгир карда мешавад.

Бо тасвири дар тахтаи электронии интерактивибуда чунин амалҳоро иҷро намудан мумкин аст: кашидани тасвир, сабт, навиштан ва ғайраҳо. Ҳамаи инҳоро дар файлҳои гуногун нигоҳ дошта, сипас корро идома додан мумкин аст. Бо роҳҳои мухталиф навиштан ва кашидани тасвирҳоро сабт кардан мумкин аст: бо хаткашаки махсус, қишрҳои электронӣ ё танҳо бо даст. Ин танҳо аз технологияе, ки дар тахтаи интерактивӣ истифода бурда мешавад, вобаста аст.

**Технологияи тахтаҳои интерактивӣ якчанд намудро ташкил медиҳанд:**

*1) Технологияи сенсории аналогӣ-резистивӣ.* Барои тахтаи сенсории аналогӣ-резистивӣ ба кор даровардан хаткашаки махсус лозим нест, гарчанде дар маҷмӯи дастрасшаванда силсилаи рангҳои гуногун ва хатотозакунак дорад, инчунин мо метавонем бо ангуштзанӣ ё нишонаеро истифода барем. Аз ин сабаб, дар соҳаи маориф аз ҳама муҳимтарин воситаи аёнӣ ин намуди тахта мебошад. Равиши дарс бо сабаби набудани хаткашак ё манбаи таъминкунанда қатъ карда намешавад. Ҳангоми истифода бурдани хаткашаки хушк дар тахтаи сенсории аналогӣ-резистивӣ имконияти ба шакли электронӣ табдил додани мавод ва дар тарзи анъанавӣ гузаронидани он шароит ба вуҷуд овардан мумкин аст.

*2) Технологияи электромагнитӣ.*Ҳангоми истифодаи технологияҳои электромагнитӣ тахтаҳои интерактивӣ дорои сатҳи сахт мебошанд. Қалами электронӣ (хаткашак) бо манбаъ ё энергия тавассути сими ноқилӣ, ки ба тахта ҳамроҳ карда шудааст, таъмин карда мешавад. Қалам дар баъзе моделҳо қобилияти фарқ кардани қувваи фишорро дорад, ки

барои истифода дар барномаҳои кашидани тасвирҳо он имконпазир аст. Нӯги қалам дар масофаи дур аз сатҳи ҷойгиршавӣ (на зиёда аз 10 мм) бояд ҷойгир карда шавад, то ин ки дар тахта плакатҳо овезон карда шаванд ва дар болои онҳо кор кунанд. Илова бар хаткашак, истеҳсолкунанда хаттозакунаки электрониро пешниҳод мекунад;

*3) Технологияи лазерӣ.* Амалиётро бо ангушт задан ё хаткашаки одӣ дар тахтаи лазерии интерактивии пластикӣ иҷро кардан мумкин нест. Барои ин хаткашаки махсус лозим аст, ки барои кам кардани хатогиҳо дар сатҳи тахта перпендикуляр нигоҳ доштан мебошад. Афзалияти асосии технология дар он аст, ки тахта аз материалҳои гуногун, ҳатто аз хӯлаи ғафси пӯлод иборат мебошад. Камбудии асосии технологияи лазерӣ дар он аст, ки агар сухангӯ ногаҳон нури лазериро руст кунад, дар натиҷа дар раванди дарс координатаи ченкунӣ вайрон мешавад. Дар тахтаи лазерӣ плакатҳоро овезон карда метавонем ва инчунин аз болои онҳо кор кардан мумкин аст.

*4) Технологияи ултрасадо/инфрасурх.* Хаткашаки электронӣ ва хаттозакунак бо манбаъ кор мекунанд. Камбудии асосии технологияи ултрасадо/инфрасурх дар он аст, ки дар технологияҳои электромагнитӣ ва лазерӣ истифода бурдани хаткашаки махсуси электронӣ зарур аст.

*5) Технологияи микронуқтагӣ.* Ин ба мо имконият медиҳад, ки тахтаро пурра бе пайваст намудани ноқил ба кор дарорем. Дар рӯйи сатҳи тахта нишонаи нокифоя нуқтаи намоён истифода бурда мешавад ва дар он хаткашаки камера ҷойгир аст, ки он координатаи нуқтаро муайян мекунад. Интерфейси Bluetooth (интиқолкунанда), инчунин ба хаткашаки электронӣ координатаи нуқтаро ба компютер интиқол медиҳад.

*6) Технологияи ғунҷоишӣ.* Он ба мо имконият медиҳад, ки бо ангушти худ амалҳоро идора кунем, ки дар айни замон сатҳи тахта мустаҳкам ва тобовар бошад. Ҷойи расиш бо тағйирёбии ғунҷоиши электрии сатҳи тахта муайян карда мешавад. Ин технология имкон медиҳад, ки бо якчанд расиши ангуштон кор кунем. Ҳатто дар як вақт то се нафар барои идора кардани объектҳо дар экран ҳарду дастро истифода бурда метавонад.

Технологияҳо мунтазам рушд ёфта истодаанд ва истеҳсолкунандагон чунин тахтаҳои интерактивиро пешниҳод карда истодаанд, ки он афзалиятҳои технологияҳои гуногунро доранд, аз қабили тахтаҳои ултрасадо.Барои истифода бурдани тахтаҳои интерактивӣ ба мо таҷҳизоти зерин лозим аст: компютер, проектор, хаткашаки махсус (маркер). Проекторҳо ба тахтаҳои интерактивӣ бояд васл карда шуда бошанд. Вазифаҳоеро, ки тахтаи интерактивӣ иҷро мекунад, дида мебароем:

1.Тахтаҳои интерактивӣ матнро аз компютери фардӣ тасвир менамояд.

2.Тахтаҳои интерактивӣ вақтро аз ҳисоби навиштани конспект сарфа мекунанд. Донишҷӯён дар охири дарс метавонанд файлро бо сабташ гиранд ва дар хона бо компютери худ қадам ба қадам дида бароянд. Дар баробари ин, на танҳо тасвирҳо ва сабтҳое, ки омӯзгор намоиш дода буд, балки пайдарпайии амалҳои ӯ дар назди тахта дида мешавад.

3.Тахтаҳои интерактивӣ самаранокии муаррифии маводро баланд мебардоранд.

4.Тахтаҳои интерактивӣ дар синфхона барои ташкили гурӯҳҳои корӣ (ё бозиҳои гурӯҳӣ), ки малакаҳои имрӯзашон барои фаъолияти муваффақона дар бисёр соҳаҳо хеле муҳим мебошанд мусоидат менамоянд [1, с. 34-37].

Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки тахтаҳои интерактивӣ бо истифода аз захираҳои гуногуни динамикӣ ва такмил додани ҳавасмандгардонӣ барои омӯзгорон ва донишҷӯён дарсҳоро шавқовар мекунанд.

Тахтаи интерактивӣ ба омӯзгорон барои санҷиши корҳои донишҷӯён кумак мерасонад.

Кор бо тахтаи интерактивӣ сода аст, лекин он истифодаи эҷодии маводҳоро таъмин мекунад. Файлҳо ва саҳифаҳо пешакӣ тайёр карда шуда, бо дигар захираҳое, ки дар синф дастрасанд, метавонанд ба роҳ монда шаванд. Омода шудан ба як дарс дар асоси як файл барои ба нақша гирифтани раванди таълим кумак мерасонад. Дар тахтаи интерактивӣ

метавонем ба осонӣ объектҳо ва лавозимотро аз як ҷой ба ҷойи дигар интиқол, шарҳҳо ба матнҳо, нақшаҳо ва диаграммаҳо, мавзӯъҳои калонро нишон диҳем ва рангҳоро илова кунем. Илова бар ин, матнҳо, ҷадвалҳо ё графикҳо метавонанд дар он пинҳон карда шаванд ва дар раванди лексия онҳо нишон дода шаванд. Омӯзгорон ва донишҷӯён ҳамаи инро дар назди тахтаи синфхона, ки бешубҳа диққати умумиро ҷалб мекунад, метавонад анҷом диҳанд.

Матнҳои пешакӣ тайёршуда, ҷадвалҳо, тасвирҳо, мусиқӣ, харитаҳо, инчунин илова кардани гиперматнҳо ба файлҳои мултимедӣ ва захираҳои интернетӣ дарсҳоро шавқовар менамоянд. Вақтро барои навишти матн, ё ин ки аз экран ба клавиатура гузаштан сарфа мекунад.

Тахтаи электронӣ барои экрани компютерро калонҳаҷм тасвир намудан хизмат мерасонад. Ин таҷҳизот дар раванди таълим аҳаммияти зиёд дорад, чунки толибилм гуфтаи омӯзгорро на танҳо мешунавад, балки мебинад ва ҳам шавқаш барои аз худ кардани техникаи муосир зиёд мегардад. Инчунин, дарс барои омӯзгор бойгонӣ мешавад, чунки дарсеро, ки мегузаронад, дар хотираи компютер онро сабт менамояд ва минбаъд вақтро барои навиштан ва сохтани мавод зиёд сарф намекунад. Ҳангоми истифода бурдани тахтаи электронӣ дар дарси технологияи иттилоотӣ, аз ҷумла ин омилҳо судманданд:

- беҳуда сарф накардани вақт (барои як амалро ба ҳар як толибилм фаҳмонидан, дар акси ҳол, ба ҳар яки онҳо якмаротибагӣ нишон додан лозим аст);
- бедор кардани шавқу завқи толибилм ба техникаи муосир;
- тарзи истифодаи техникаҳои ҳозиразамон;
- тамошои тасвирҳои илмӣ-таҳқиқотӣ.

Ҳангоми гузариши мавзӯъҳои таълимӣ аз фанҳои алгебра, физика, химия, информатика ва дигар фанҳо, агар тахтаи синф истифода бурда шавад, он вақти зиёдро барои навиштани мисолу масъалаҳо талаб мекунад. Имрӯз бошад, омӯзгор метавонад нақшаи яксоатаи дарси худро, ки мисолу масъалаҳо ва нақшаҳоро дар бар мегирад, тавассути слайд (презентатсия) сохта, ба воситаи тахтаи электронӣ намоиш диҳад. Дар ин маврид барои омӯзгор гузаштани дарс ҳам осон мегардад ва ҳам сарфакорию сифатнокӣ бештар мешавад. Гузашта аз ин, ӯ метавонад инчунин кори (презентатсия) худро дар оянда низ бо дигаргунӣ ва иловаву таҳрир истифода барад.

**RioStudio** – яке аз навъҳои таъминоти барномавӣ буда, асосан барои шавқманд гузаштани раванди таълим пешбинӣ шудааст.



1.Интерфейс **RioStudio**

Баъди насб шудани барнома нишона дар тарафи рости поёни панели асбобҳо пайдо мешавад. Дар компютери Шумо ҳангоми пахш намудани тарафи рости мушак равзанаи муошират пайдо мешавад.




**2.Сервер RioStudio**

Нишона се ҳолат бо рангҳои гуногун дошта метавонад:

а. Ранги хокистарӣ- ин маънои пайваст набудан ба компютери Шумо мебошад.

б. Ранги норинҷӣ – ин маънои онро дорад, ки компютер бо IWB пайваст ва ин расиши ягона мебошад.

в. Ранги сабз – ин маънои онро дорад, ки компютер бо IWB пайваст ва ин расиши мултӣ (мультикасание) мебошад.

**3.Машғулиятҳои амалӣ. Тарзи ба кор даровардани тахтаи электронӣ ва барномаи RioStudio**

1. Тарафи чапи мушакро ба болои нишонаи тахтаи электронӣ (расми 1), ки дар тарафи рости панели масъалаҳо ҷойгир карда шудааст, пахш мекунем.



***Расми 1. Нишонаи тахтаи электронӣ***

2. Аз зерменюи кушодашуда банди калибровкаро интихоб мекунем (расми 2.).




***Расми 2. Зерменюи тахтаи электронӣ***

3. Дар равзани калибровка нӯги қалами тахтаи электрониро ба маркер ба нишонаи мегузорем ва бо навбат аввал ба тарафи чап ва рости боло, баъд рост ва чапи поён гузошта, равзанаи барномаро ба кор омода месозем (расми 3).




*3. Равзани Калибровка*

4. Аз мизи корӣ ярлиқи барномаи RioStudio-ро интихоб карда, ду маротиба тугмаи тарафи чапи мушакро ангушт мезанем (расми 4).




*Расми 4. Нишонаи барномаи RioStudio*

5. Равзанаи барномаи RioStudio кушода мешавад (расми 5.). Равзана аз панели асбобҳои уфуқии поён ва функсияҳои амудии панели асбобҳои тарафи рост иборат аст.



*Расми 5. Равзанаи кории барномаи RioStudio*

6. Қадами аввал, агар ба болои тугмаи қутбнамо мушакро гузошта, як маротиба ангушт занед, панели асбобҳои уфуқии поён пинҳон мешавад ва дубора ангушт занед, ба ҳолати аввала бармегардад.

7. Агар ба болои тугмаи қутбнамон мушакро гузошта, як маротиба ангушт занед, панели асбобҳои амудии тарафи рости равзана пинҳон мешавад ва дубора ангушт занед, ба ҳолати аввала бармегардад.

8. Дар ҳолати зарурӣ шумо метавонед барномаро бо пахши тугмаи маҳдуд кунед. Дар ҳолати маҳдуд кардан нишонии дар тарафи рости поёнии мизи корӣ ҷой мегирад.

9. Барнома метавонад якчанд саҳифаҳои навро кушояд. Барои ин аз тугмаи истифода мебарем. Барои баргаштан ба саҳифаҳои пешина ва оянда аз тугмаҳои истифода бурда мешавад.

10. Баъди ба анҷом расидани кор аз тугмаи истифода бурда, аз барнома мебароем. Равзанаи муоширатӣ пайдо мешавад ва мо тугмаи заруриро интихоб мекунем (расми 6).



| | |
|---|---|
| **YES(ДА)** - сабт намудан; | |
| **NO(НЕТ)** - сабт накардан; | |
| **Cancel(Отмена)**-инкори равзанаи муоширатӣ | |

***Расми 6. Равзанаи муоширатии сабт***

11. Ҳангоми тугмаи **YES**-ро пахш намудан, равзанаи муоширатии «**Сохранить как»** кушода мешавад (расми 7).

12.




13. Аз равзанаи кушодашуда мо метавонем ғайр аз пасванди барнома чойи сабт намудан ва номи ҳуҷҷатро тағйир диҳем. Пасванди барномаи RioStudio бо **.rio** муайян карда мешавад.

14. Барои мустаҳкамкунӣ аз нав бандҳои 1-10-ро такрор намоед.

Хулоса, тахтаи интерактивӣ бахри баланд бардоштани сифати таълим воситаи муҳимми ёрирасон буда, барои истифода ба ҳар як омӯзгор тавсия дода мешавад. Ин ба иҷрои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳуҷҷатҳои электронӣ", "Дар бораи иттилоот", "Ҳукумати электронӣ", Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020" мусоидат менамояд. Ин иқдом ба талаботи иҷтимоию иқтисодии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, диққату таваҷҷуҳи ҳар як мутахассисро ба рушди ихтироъкорию навоварӣ дар муассисаҳои таълимии ҷумҳуриамон равона мекунад.

## АДАБИЁТ


1. Галишникова Е. М. Использование интерактивной доски в процессе обучения / Е. М. Галишникова // Учитель. -2007. -№ 4.- С. 8.
2. Захарова И. Г. Информационные технологии в образовании /Учеб. пособие для студ. высш. пед. учеб. заведений / И. Г. Захарова. -М., 2003. -С. 12.
3. Полат Е. С. Новые педагогические и информационные технологии в системе образования / Е. С. Полат, М. Ю. Бухаркина, М. В. Моисеева, А. Е. Петров. -М., 2005. - С. 20.
4. Тошхӯҷаев Ҳ.А. Технологияи навин дар раванди таълим. Барномаи RioStudio / Ҳ.А. Тошхӯҷаев, А.А. Усмонов. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2015. - 44 с.
5. Усмонов А. Армуғони омӯзгорони ҷавон / А. Усмонов // Маводи иштирокчиёни озмуни «Муаллими сол - 2017» бахшида ба Соли ҷавонон ва 85 - солагии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2018. – 184 с.
6. Особые потребности – особые возможности: Smart Board технологии для развития потенций нестандартного ребенка // Ярославцева Е.И. Сб. XVII Международной конференции-выставки «Информационные технологии в образовании» 9-11 ноября, 2007г. («ИТО – 2007г.»)
7. Шевченко-Савлакова, Н.М. Возможности программных продуктов для интерактивной доски // Мастерство online [Электронный ресурс]. – 2015. – 2(3).
8. Машбиц Е.И. Компьютеризация обучения: Проблемы и перспективы / Е.И. Машбиц. - М., 1986г.
9. Щепаткина Т.Е. Использование возможностей интерактивной доски Smart Board на уроках информатики / Т.Е. Щепаткина // Школьные технологии. – 2008. - №2. – С. 143-149.
10. Интерактивные доски и их использование в учебном процессе // Горюнова М.А., Семенова Т.В., Солоневичева М.Н. – СПб: Издательство «БВХ-Петербург», 2010г.



**ТАРЗИ ИСТИФОДАИ ТАХТАҲОИ ИНТЕРАКТИВӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ**

Дар мақолаи мазкур оиди истифодаи тахтаҳои интерактивӣ дар раванди таълими муассисаҳаи таҳсилоти олии касбӣ маълумот дода шудааст. Аз нуқтаи назари педагогика ва психология вазифаҳое, ки

тавассути истифодаи тахтаҳои интерактивӣ ҳал карда шудаанд, баррасӣ карда шудаанд. Таҳлили технологияи гуногуни тахтаҳои интерактивӣ гузаронида шудааст. Инчунин вазифаҳое, ки тахтаи интерактивӣ иҷро мекунад, дида баромада шудаанд. Афзалиятҳои истифодаи тахтаҳои интерактивӣ бо истифодаи яке аз барномаҳои сода ва фаҳмо, барномаи ***RioStudio***, арзёбӣ гардидаанд.
**Калидвожаҳо:** тахтаи интерактивӣ, салоҳияти касбӣ, сенсорӣ, визуалӣ, шавқовар, тасвир, сабт, ҳавасмандкунӣ, аёнӣ.

**МЕТОДЫ ПРИМЕНЕНИЯ ИНТЕРАКТИВНЫХ ДОСОК В ОБРАЗОВАТЕЛЬНОМ ПРОЦЕССЕ ВУЗОВ**

Статья посвящена методам применения интерактивных досок в образовательном процессе вузов. С точки зрения педагогики и психологии, рассматриваются задачи, решаемые с использованием интерактивных досок. Был проведен анализ различных технологий интерактивных досок. Также выполняются поставленные задачи, которые обсуждались на интерактивной доске. Преимущества использования интерактивных досок с использованием одной из самых простых и понятных программ, программы RioStudio, которая подробно описана в данной статье, полностью реализованы.
**Ключевые слова:** интерактивная доска**,** компетентность профессии, сенсорный, визуальный, интересный, изображение, запись, заинтересованный, наглядность.

**METHODS OF USIHG INTERACTIVE BOARDS USAGE IN EDUCATIONAL PROCESS AT UNIVERSITIES**

The article is devoted to the importance of usage of interactive whiteboards in the educational process of universities. The problems of usage interactive whiteboards are solved from the point of view of pedagogy and psychology. Various technologies of interactive whiteboard are analyzed in this article. So, the tasks that were discussed on the interactive whiteboard are performed. The advantages of using interactive whiteboards with one of the most simple and intuitive programs, the program Rio Studio, which is described in detail in this article, is fully implemented.
**Key words:** interactive whiteboard, competence of the profession, touch sensitive, visual, interesting, picture, record, interested, presentation.

**Сведения об авторах:** ***Тошходжаева Сурайё Акрамджоновна***- Государственное образовательное учреждение «Худжандский государственный университет им.Б.Гафурова» соискатель кафедры педагогики. E-mail: **tsurayo84@ mail.ru**
***Тошхуджаев Хаким Азимович*** – Государственное образовательное учреждение «Худжандский государственный университет им.Б.Гафурова», доктор физико-математических наук, профессор кафедры электроники. E-mail: **mr.toshkhodzhaev@mail.ru**
***Усмонов Акмалджон Акбарджонович*** – Государственное образовательное учреждение «Худжандский государственный университет им.Б.Гафурова», старший преподаватель кафедры электроники. E-mail: **akmali_0068@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Toshhodzhaeva Surayyo Akramdzhonovna*** - State educational institution "Khujand State University named after B.Gafurov" applicant for the department of pedagogy. E-mail: **tsurayo84 @ mail.ru**
***Toshkhudzhaev Khoshim Azimovich*** - State Educational Institution Khudzhand State University named after B.Gafurov, Doctor of Physical and Mathematical Sciences, Professor of the Electronics Department. E-mail: mr.toshkhodzhaev@mail.ru
***Usmonov Akmaldzhon Akbardzhonovich*** - State educational institution "Khujand State University named after B.Gafurov", senior teacher of the department of electronics. E-mail: **akmali_0068@mail.ru**

**УДК:372.8 (575.3)**

# АҲАММИЯТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ КОРҲОИ БЕРУНАЗСИНФӢ ВА БЕРУНАЗМАКТАБӢ БО ИСТИФОДА АЗ УСУЛҲОИ ҒАЙРИАНЪАНАВӢ

***Рамазонова Р.С.***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Дар корҳои берунazсинфӣ масъалаи ба таври ғайрианъанавӣ ба роҳ мондани корҳои эҷодӣ, ҳамчун яке аз шаклҳои самараноки таълим дар мактаби миёнаи умумӣ, имрӯзҳо ҳарчи бештар мавриди назар қарор дода мешавад. Мавзӯи ҷустуҷӯи роҳҳои тарбиявии ғайрианъанавии кор бо хонандагон хеле муҳим мебошад, зеро алҳол ҷомеа ва аз ҷумла соҳаи маориф ҳамчун ташкилкунанда ва ривоҷу равнақдиҳандаи таълиму тарбия ва маънавиёти омма баромад намуда, дар он мубориаи байни таҷрибаҳои кӯҳна ва нав бештар ба назар мерасад.

Аз ин ҷиҳат суханони зерини Луначарский бо талаботи замони муосир хеле ҳамоҳанг мебошад, чун ӯ мефармояд: "... Замони нав эҷодиётӣ навро талаб менамояд ва ғолибан бунёди навро ва ин бунёди нав аз амиқ омӯхтан ва мутобиқати он мувозинатҳои ноустуворе, ки дар назарияҳои куҳна вуҷуд доранд, ба миён меояд.

Ҳаёт ихтилол меёбад, вақте ки чизҳои устувор ва мавзӯи собиқа ноустуворӣ пайдо мекунанд, зарур меояд шаклҳои навро ҷустуҷӯ карда, хусусияти инкишофи ҳамаи қувваҳо тағйир дода шаванд".

Таълиму тарбия яке аз масъалаҳои муҳимтарини таълими камолоти ҷамъият мебошад. Дигаргуниҳои куллӣ дар ҷараёни таълиму тарбия, ки дар натиҷаи амалӣ гардонидани ислоҳоти мактаб ба амал меоянд, ба тарбияи насли наврас дар рӯҳияи дигаргуниҳои ҷамъиятӣ нигаронида шудаанд.

Дар консепсияи маълумоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки самти чорабиниҳои гуногуни ташаккули илму маърифатро баррасӣ менамояд, аз ҷумла беҳтару рангинтар чорабиниҳои дар байни хонандагони хурдсол доирашаванда таъкиду пешбинӣ шудаанд. Имрӯзҳо барои корҳои беруназсинфӣ Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасмим гирифтааст, ки ҳамаи омӯзгоронро зимни бурдани корҳои тарбиявии беруназсинфӣ бо пайравӣ аз усули салоҳиятнокӣ раҳнамоӣ созад.

Салоҳиятнокӣ дар корҳои беруназсинфӣ яке аз воситаҳои ташаккул додани шавқу рағбати хонандагон нисбат ба фанни технология, тафаккури мантиқӣ, шуурнокӣ, мусаҳкам намудани донишҳо, эҷодкорӣ ба ҳисоб меравад ва он бояд дар алоқамандии хос бо таълим ба роҳ монда шавад.

Яке аз роҳҳои дуруст ва сермаҳсул истифода намудани вақти холии хонандагон ташкили чорабиниҳои беруназсинфӣ ба шумор меравад. Ин шакли таълим имконият медиҳад, ки донишҳои дар дарс гирифтаи хонандагон амиқтар ба ҳаёт вобаста гардида, ҷаҳонбинии онҳо васеътар гардонида, ба корҳои эҷодӣ бештар машғул шаванд. Мактаббачагон ба воситаи чорабиниҳои беруназсинфӣ аз кашфиётҳои нави илмӣ хабардор мешаванд. Агар дар ҷараёни дарс ба тарбияи бача муаллим таъсир расонад, дар рафти чорабиниҳои беруназсинфӣ ҷараёни худтарбиякунии хонанда ба амал меояд, ки ин барои ояндаи кӯдак таъсири калон мерасонад. Бо машғулиятҳои судбахш пур кардани вақти холии мактаббачагон ба ташкилотчиёни кори беруназсинфӣ, муаллимон, роҳбарони синф ва падару модарон вобаста аст. Вақти сарфкардаи худро бо низом ба ҳисоб гирфтани хонандагон шаҳодат медиҳад, ки баъзеи онҳо аллакай аҳаммияти оқилона истифода бурдани вақти холиро дарк мекунанд ва кӯшиш менамоянд, ки онро беҳуда сарф нанамоянд. Ин фаъолияти бачаҳоро дар синфҳои ибтидоӣ ба корҳои беруназсинфӣ ҷалб кардан водор месозад.

Корҳои беруназсинфӣ на танҳо дар мустаҳкам намудани дониши дар дарс ҳосилнамуда, ба инкишофи шавқу ҳаваси талабагон роҳ мекушояд, балки дар ташаккули сифатҳои ахлоқии шахсият ва, дар навбати аввал, дар ташаккули муносибатҳои коллективӣ, эҷодкорӣ, мустақилият нақши муҳим мебозад. Ин намуди фаъолият фақат дар ҳамон вақт нақши тарбиявиро иҷро менамояд, ки агар мувофиқи талаботҳои муайяни педагогӣ гузаронида шавад, ки онҳо чунинанд:

1. Ба эътибор гирифтани хусусиятҳои синнусолӣ, шавқу ҳавас ва талаботи мактаббачагон.

2. Ба қадри ҳол иштирок кардани ҳар як талаба дар ташкилу гузаронидани тадбирҳои пешбинишуда.

3 Гузоштани мақсад ва вазифаҳои муайян зимни таҳия ва татбиқи супоришу чорабиниҳо.

Умуман, ташкил ва гузаронидани корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ яке аз намудҳои таълим буда, барои баланд бардоштани шавқу ҳаваси хонандагон ба фан, интихоби касб равона карда шудааст.

Гузаронидани корҳои беруназсинфӣ бо тариқи салоҳиятнокӣ аз фанни "Технология" қисми таркибии дарсҳои таълими меҳнат ва санъати тасвирӣ буда, он ба амиқ ва васеъ аз худ намудани дарсҳо аз ҷониби хонандагон нигаронида шуда, бо барномаи таълимӣ алоқаманд аст. Аммо бо як қатор хусусиятҳои худ аз дарс фарқ мекунад:

1. Аз ҷиҳати мазмуни худ он бо барномаи давлатӣ алоқаманд буда, маводҳои технологӣ, донишҳо ва малакаҳои хонандагонро ба назар гирифта, дар баъзе мавридҳо аз ҳудуди барнома баромада метавонад.

2. Корҳои беруназсинфӣ тарҳи ихтиёрӣ доранд. Ба онҳо хонандагон аз рӯйи хоҳиш ва шавқу ҳаваси худ ба таври интихобӣ иштирок мекунанд. Дар ин кор ба хонандагон

баҳо гузошта намешавад, аммо меҳнат, эҷодкорӣ, зиракӣ ҳозирҷавобии онҳоро бо роҳҳои гуногун ҳавасманд кардан тавсия карда мешавад.

3. Дарс - шакли асосии таълимӣ буда, дар давоми 40 - 45 дақиқа бо як гурӯҳи муайяни доимии хонандагон аз рӯйи ҷадвали дарс, нақшаи солона, нақшаи дарс, дар ҷойи муайян гузаронида мешавад. Дар корҳои беруназсинфӣ бошад, хонандагони синну солашон гуногуне, ки ба фан шавқу ҳавас доранд, ба як гурӯҳ ҷалб карда мешаванд. Шумораи онҳо низ тағйирёбанда буда, машғулиятҳо то 60 дақиқа давом мекунанд. Агар онро бо тариқи салоҳиятнокӣ гузаронем, хонандагон хасташавиро дарк накарда, шавқу ҳавасашон нисбат ба корҳои беруназсинфӣ зиёдтар ҳоҳад шуд.

Ташкил ва гузаронидани корҳои беруназсинфӣ аз фанни "Технология" вазифаҳои гуногунро дар бар мегирад:

-барои инкишофи фаъолияти хонандагон, ба монанди хотира, диққат, нутқ, тасаввурот, тафаккур ёрӣ мерасонад;

-хонандагонро барои бо дастаҳои гуногун, гурӯҳҳои гуногун, коллективизм (ҳангоми баровардани рӯзномаи деворӣ), яъне бо коллективҳо кор кардан омода месозад. Ба инҳо гузаронидани олимпиадаҳо, мусобиқаҳо, викторинаҳо, шабнишиҳо дохил мешаванд.

Аз рӯйи салоҳиятнокӣ шаклҳои фаъолияти беруназсинфӣ вобаста ба мақсаду мундариҷаашон гуногун мешаванд:

1) оммавӣ;
2) гурӯҳӣ;
3) инфиродӣ;

Аз ин рӯ, корҳои беруназсинфӣ ҳам бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ, ҳам бо хонандагони синфҳои болоӣ аз рӯйи намуд як хел буда, аз ҳамдигар аз рӯйи мазмун ва усулҳои гузаронидanaшон фарқ мекунанд.

Дар сарчашмаҳои таълимӣ, дастурҳои методӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо дар хусуси намудҳои зерини корҳо фикру ақидаҳо баён карда шудаанд:

1) Соат ва дақиқаҳои эҷодӣ;
2) Шабнишнии технологӣ;
3) Викторинаи технологӣ;
4) Олимпиадаи технологӣ;
5) Ҳафтаи технологӣ;
6) Рӯзномаи технологӣ;
7) Гӯшаи технологӣ;
8) Саёҳатҳои технологӣ ва ғайраҳо.

Дастури таълимии Болдирев Н.И. «Методикаи корҳои тарбиявӣ дар мактаб» барои донишҷӯёни донишкадаҳои омӯзгорӣ таълиф гардидааст. Муаллиф дар ин боб дар бораи корҳои беруназсинфӣ маълумот дода, хусусиятҳои фарққунанда ва умумии онҳоро дар машғулиятҳои таълимӣ қайд кардааст. Вай таъкид кардааст, ки ба корҳои беруназсинфӣ на фақат фаъолон, балки талабагони боқимонда низ бояд ҷалб карда шаванд. Инчунин, муаллиф тарафҳои асосии фаъолияти ташкилотчиёни корҳои тарбиявии беруназсинфӣ ва беруназмактабиро муайян намудааст.

Ҳамаи намудҳои корҳои беруназсинфӣ мақсади ягона дошта, барои инкишофи фикррони, муҳокимаронӣ ва барои шавқи хонандагонро нисбат ба эҷодкорӣ бедор кардан равона карда шудаанд. Ҳар як кори беруназсинфии гузаронидашуда бояд моҳияти корро аниқ сохта, барои инкишофи ҳамаҷонибаи хонандагон таъсир расонад. Он дар эҳсосоти бача қаноатмандиро ба вуҷуд оварад. Ин ҳолат шарти муҳимтарини самаранокии корҳои беруназсинфӣ мебошад ва истифодаи усули зикршуда ба беҳтару самараноктар ба роҳ мондани шаклҳои мухталифи дарсҳои беруназсинфӣ нигаронида шудааст.

## АДАБИЁТ


1. Болдырев Н.И. Классный руководитель / Н.И. Болдырев. - М.: Прос., 1979.
2. Лоиҳаҳои такмили ихтисоси омӯзгорони фаннӣ, сарварони мактабҳои таҳсилоти умумӣ, дар доираи иҷроиши грантҳои Фонди католитикӣ. –Душанбе, Принт- Хаус, 2017.
3. Ба ёрии ташкилотчии корҳои берун аз синф ва берун аз мактаб. Зери таҳрири Л.К. Белянской. - М.: Прос., 1972.
4. Воспитание детей в игре. – М.Л.: Просвещение,1983.
5. Сабуров Х.М. Раҳнамои таълим аз педагогика. Тартибдиҳандагон. Х.М. Сабуров, Х. Искандарова. – Хуҷанд, 2003.

6. Усова А.П. Игры в воспитании детей / А.П.Усова / Под.ред. А.В.Запорожца. -М.,1976.

## АҲАММИЯТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ КОРҲОИ БЕРУНАЗСИНФӢ ВА БЕРУНАЗМАКТАБӢ БО ИСТИФОДА АЗ УСУЛҲОИ ҒАЙРИАНЪАНАВӢ

Таълиму тарбия яке аз масъалаҳои муҳимтарини таълими камолоти ҷамъият мебошад. Дигаргуниҳои куллӣ дар ҷараёни таълиму тарбия, ки дар натиҷаи амалӣ гардонидани ислоҳоти мактаб ба амал меоянд, ба тарбияи насли наврас дар рӯҳияи дигаргуниҳои ҷамъиятӣ нигаронида шудаанд. Дар корҳои беруназсинфӣ масъалаи ба таври ғайрианъанавӣ ба роҳ мондани корҳои эҷодӣ, ҳамчун яке аз шаклҳои самараноки таълим дар мактаби миёнаи умумӣ, имрӯзҳо ҳарчи бештар мавриди назар қарор дода мешавад. Мавзӯи ҷустуҷӯи роҳҳои тарбиявии ғайрианъанавии кор бо хонандагон хеле муҳим мебошад, зеро алҳол ҷомеа ва аз ҷумла соҳаи маориф ҳамчун ташкилкунанда ва ривоҷу равнақдиҳандаи таълиму тарбия ва маънавиёти омма баромад намуда, дар он мубориза байни таҷрибаҳои куҳна ва нав бештар ба назар мерасад. Ҳамаи намудҳои корҳои беруназсинфӣ мақсади ягона дошта, барои инкишофи фикррони, муҳокимаронӣ ва барои шавқи хонандагонро нисбат ба эҷодкорӣ бедор кардан равона карда шудаанд.

**Калидвожаҳо:** наврас, консепсия, мактаббача, корҳои беруназсинфӣ, технология, хотира, муносибати инфиродӣ, маҷалла.

## ЗНАЧЕНИЕ И ОСОБЕННОСТИ ВНЕКЛАССНЫХ И ВНЕШКОЛЬНЫХ ЗАНЯТИЙ С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ НЕТРАДИЦИОННЫХ МЕТОДОВ

Внеклассная работа – это форма организации добровольной работы учащихся вне урока под руководством учителя для возникновения и проявления их познавательных интересов и творческой самодеятельности. Педагоги рассматривают данную деятельность учащихся как наиболее продуктивный способ развития учащихся средствами материалов. Данные занятия, организованные и целенаправленные занятия учащихся, проводимые школой во внеучебное время для расширения и углубления знаний, умений и навыков, для развития самостоятельности и индивидуальных способностей. Внеклассная работа является составной частью учебно - воспитательного процесса школы и одной из форм организации свободного времени учащихся. В статье дано объяснение относительно требований к проведению внекласной деятельности при проведении нетрадиционных занятий. Компетентность во внекласной и внешкольной деятельности является одним из инструментов для повышения знания учащихся. Согласно предмету технологии, где развивается логическая и творческая деятельность основное внимание должно быть направлено на конкретный характер обучения.

**Ключевые слова:** подросток, концепсия, школьник, внеклассная работа, технология, память, индивидуальный подход, журнал.

## VALUE AND FEATURES OF EXTRA CLASS AND EXTRA SCHOOL ACTIVITIES USING NON-TRADITIONAL METHODS

Extracurricular work is a form of organizing voluntary work of students outside the classroom under the guidance of a teacher for the emergence and manifestation of their cognitive interests and amateur performances. Teachers consider this activity of students as the most productive way to develop students using materials. These classes, organized and targeted classes of students conducted by the school outside of school hours to expand and deepen knowledge, skills, to develop independence and individual abilities. Extracurricular work is an integral part of the educational process of the school and one of the forms of organization of students' free time. The article provides an explanation regarding the requirements for conducting extra-curricular activities during non-traditional classes. Competence in extracurricular and extracurricular activities is one of the tools to improve students' knowledge. According to the subject of technology, where logical and creative activity develops, the main attention should be directed to the specific nature of training.

**Keywords**: flip, concession, shoolboy, classy, technology, momuments, individual, jornal.

**Сведения об авторе:** ***Рамазонова Раджабгул Сулаймоновна*** – Таджикский государственный педагогический университет имнени Садриддин Айни, кандидат педагогических наук, заведующая кафедрой специальной педагогики и всеобъемлющего обучения. **Адрес:** 733740, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 121.Телефон: **918-23-01-46**.

**Information about the author:** ***Ramazonova Rajabgul Sulaimonovna*** - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, candidate of pedagogical sciences, head of the department of special pedagogy and comprehensive training. **Address:** 733740, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 121. Phone: **918-23-01-46.**.

УДК:173:159.9 (575.3)

# ҶАНБАҲОИ ПСИХОЛОГИИ МУТОБИҚШАВИИ ОИЛАҲОИ ҶАВОН БА ҲАЁТИ ОИЛАВӢ (ДАР МИСОЛИ ОИЛАҲОИ ДЕҲОТ ВА ШАҲР)

***Ризвонова З.П., Қамчибекова Г.Э.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Мусаллам аст, ки дар олами моддӣ ҳодисаҳо зери таъсири омилҳои гуногун зуҳур мекунанд ва тағйир меёбанд. Аз ин рӯ, ҳама мавҷудоти зинда барои бақои ҳаёти худ ва наслаш ба ин дигаргуниҳои муҳит (ивази ҷойи зист, хӯрок, пӯст, ранг, шакл ва ғайра) худро мутобиқ мегардонанд.

Бо ҳамин шакл, дар оила низ муоширату муносибати байниҳамдигарии аъзоён аз рӯйи қонунияти муайян шакл мегиранд.

Оила ҳамчун рукни ибтидоии ҷомеа, ба сифати танзимгари муносибатҳои байниҳамдигарӣ баромад карда, бавуҷдоварандаи шароитҳои мусоид барои иҷтимоишавии аъзоёни худ мебошад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки «оила – дар фарҳанги куҳанбунёди тоҷик ҳамчун ниҳоди муқаддас эътироф гардидааст, зеро беҳтарин арзишҳои инсонӣ, аз қабили муҳаббату садоқат, самимияту вафодорӣ ва ҳамдигарфаҳмиву таҳаммулгароӣ маҳз дар он ташаккул меёбанд».

Барпо кардани оила ҳамчун «воҳиди иҷтимоӣ», мутобиқшавиро ба шакли нави зиндагӣ, бо одамони нав, бо уҳдадориҳо ва масъулиятҳои нав талаб мекунад. Дар сарчашмаҳои илмӣ раванди мутобиқшавиро ҳамчун зуҳуроти қонунияти табиие тавсиф медиҳанд, ки дар асоси таъсири шароитҳои нав ба ҳаёти шахс пайдо мешавад. Мафҳуми «мутобиқшавӣ» ба маънои васеаш ҳамчун мувофиқоӣ ба муҳити атроф фаҳмида мешавад [12, с.11]. Мутобиқшавӣ ба муносибатҳои никоҳӣ – оилавӣ бошад, ҳамчун раванди мураккаби гуногунҷабҳа ва томи мутобиқшавии дутарафаи ҳамсарҳо ба ҳаёти оилавӣ фаҳмида мешавад.

Доир ба ин масъала як гурӯҳ олимон, аз қабили А.Н. Волкова, Т.М. Трапезникова, Е.С. Калмикова, Н.Ф.Федотова, Г.А. Балл, Т.Б. Карсева, В.П. Левкович, О.Э. Зускова, М.Т. Алиев, Н.Қ. Амонов, М.Т. Давлатов, С.Х. Расулов, Н.М. Юнусова ва дигарон корҳои илмӣ – тадқиқотӣ анҷом додаанд. Психологҳо масъалаи мутобиқшавӣ ба муносибатҳои никоҳӣ – оилавиро бошад, аз мавқеи худ баҳодиҳӣ менамоянд.

Ба ақидаи психолог Г.А. Балл «мутобиқшавӣ ба муносибатҳои никоҳӣ – оилавӣ бояд ҳамчун раванди мунтазам мувофиқоии ҳамсарон ба якдигар ва ба ҳаёти оилавӣ дида баромада шуда, натиҷаи онро ҳамчун ташаккулёбии системаи умумии устувори арзишҳои оилавӣ, тақсимоти дурусти нақшҳои оилавӣ, коркарди услуби мақбули муошírати байниҳамдигарӣ ва роҳи пешгирию ҳалли низоъҳои байниҳамӣ тавсиф дод» [1,с.98].

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки қариб нисфи шумораи қатъи ақди никоҳ ба се соли аввали ҳаёти оиладорӣ рост меояд ва ин шумора дар соли аввали хонадорӣ хеле назаррас аст. Ин шаҳодати он аст, ки ҳалли масъалаҳои ҳаёти оилавӣ аз пасисарнамоии дурусти низоъҳо, тазодҳо ва буҳронҳои аввали оиладорӣ дар ҳаёти навхонадорон вобастагӣ дорад ва бартарафнамоии мушкилиҳо аз дараҷаи омодагии ҷавонон ба ин равандҳо вобаста аст. Гузариши ин равандҳои душвор вақт, сарбории ҷисмонию равонӣ, таҳаммулпазирӣ ва масъулият, азхудкунии нақшҳо ва уҳдадориҳои оиладориро аз ҷавонон талаб мекунанд. Баъзе оилаҳо ин равандро осон ва баъзе оилаҳои дигар бо мушкилиҳо аз сар мегузаронанд. Аз нигоҳи психологияи оилавӣ сабаби ба ҳам мувофиқ наомадани феълу атвори зану шавҳари ҷавон ба таври мувофиқ нагузаштан аз давраи мутобиқшавии оилавӣ мебошад.

Аз таҳлили адабиётҳои илмӣ бармеояд, ки ба шумораи оилаҳои нисбатан ноустувор – оилаҳои ҷавон низ дохил мешаванд.

Оилаҳои ҷавон иттифоқи на он қадар хуб устуворгашта буда, суръати гузариши ҳиссиётҳои мусбӣ бо ҳиссиётҳои манфӣ дар навхонадорон дар сатҳи баробар мушоҳида мешавад. Вобаста ба ин масъала психолог Н.И.Обозов қайд мекунад: «Дар аввали ҳаёти оиладорӣ ҳама вақт сар задани «низоъҳои қавмӣ» дида мешаванд, зеро он алоқаҳои куҳане, ки дар он гурӯҳи оилаҳо мавҷуданд ва яке аз ҳамсарон намояндаи он аст, барои ба вуҷуд овардани алоқаҳои нав дар гурӯҳи нави оилавӣ халал мерасонанд» [10, с. 65].

Аксарияти муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки баъд аз гузаштани давраи муайяни вақт, байни ҳамсарон дараҷаи қаноатмандӣ аз издивоҷ баланд шудан мегирад. Оилаи ҷавон дар баробари бо мушкилотҳо рӯ ба рӯ шуданаш, бояд ба шакли нави зиндагӣ, ба одамони нав, ба уҳдадориҳо ва масъулиятҳои нав мутобиқ шавад.

Мутобиқшавӣ ба оила ҳамчун раванди шиносшавӣ бо ҳаёти оилавӣ ва воридшавии марҳилавӣ ба он оғоз мешавад. Гузариши ин раванд хеле душвор аст, чунки дар

навхонадорон азнавсозии шахсияти ҳамсар ва худ оғоз ёфта, ташаккулёбии дараҷаи нави худшиносӣ дар онҳо мушоҳида мегардад.

Мувофиқи тадқиқотҳои мавҷуда дар раванди мутобиқшавӣ ду дараҷаро бояд фарқ кард:

1. биологӣ – яъне, мутобиқшавии организм ба шароитҳои устувор ва тағйирёбандаи муҳити беруна;
2. психологӣ – мутобиқшавии инсон ҳамчун шахс ба аъзоёни ҷомеа бо назардошти талаботҳои ҳамин ҷомеа, талабот ва шавқу ҳавасҳои шахсӣ [12, с. 11].

Тадқиқотчиён ҳангоми дида баромадани мутобиқшавии ҳамсарон ду навъи зоҳирёбии онро аз ҳамдигар ҷудо кардаанд: нақшӣ ва байнишахсӣ. Мутобиқшавии нақшӣ – ин мувофиқоӣ ва тағйирёбии ақидаҳо вобаста аз иҷрои нақшҳо ва интизориҳои байниҳамӣ буда, дар шакли ассимилятсия (ба маънои умумӣ тағйир додани муҳит барои мувофиқоии муваффақ ба он) ва аккомадатсия (тағйирдиҳии худ бо дарназардошти ҳамон мақсад) зоҳир мегардад.

Мутобиқшавии байнишахсӣ маҷмӯи мутобиқшавиҳои психологӣ, ботинӣ ва ҷинсӣ мебошад. Чунин намудҳои мутобиқшавии байнишахсиро дар оила ҷудо кардаанд: психологӣ (дарки «Ман» - и ботинии ҳамсар), ботинӣ (ҳамоҳангии арзишҳои ботинии ҳамсарон) ва ҷинсӣ (мутобиқати ҷинсии ҳамсарон).

Ба раванди мутобиқшавӣ ба муносибатҳои никоҳӣ - оилавӣ чунин омилҳо таъсир расонида метавонанд:

–маҳорати ба якдигар гузашт кардан;

–қобилияти гӯш кардан ва фаҳмида тавонистани ҳамсуҳбат;

–нармдилӣ, бомеҳрӣ ва қобилияти бахшидан.

Ба андешаи мо, сифатҳои муҳимтарини шахс барои мутобиқшавӣ ва устувор гардонидани муносибатҳои никоҳӣ – оилавӣ, ин таҳаммулпазирӣ ва қобилияти гузашт карда тавонистан ба шумор мераванд.

Воқеан, гузашт карда тавонистан барои устувор нигоҳ доштани муносибатҳои ҳамсарон низ муҳим аст, чунки байни ҳамсарон ба дараҷаи муайян носозгорӣ ё бархӯрди фикр, андеша, хоҳиш ё хислатҳои алоҳида ба амал меояд. Дар ин ҳолат, агар ҳарду тараф якравиро ихтиёр карда, дар мавқеи худ устувор истодан гиранд, он гоҳ ин амал метавонад ба сард шудани муносибатҳо ва мунокишаҳо оварда расонад.

Вобаста ба ин масъала, ақидаи психолог Л.С. Калмиковаро овардан бамаврид аст: «Маҳорати ба таври асоснок ҳал карда тавонистани низоъҳои байнишахсӣ ва минбаъд барои инкишофдиҳии муносибатҳои заношӯӣ истифода бурда тавонистани он яке аз омилҳои муҳим дар раванди мутобиқшавии навхонадорон бо ҳам маҳсуб меёбад» [5, с. 83]. Ӯ инчунин доир ба марҳилаи ду соли аввали ҳаёти оилавӣ қайд мекунад, ки «ду соли аввали ҳаёти оилавӣ - ин давраи ташаккулёбии стереотипҳои фардии муошират, мувофиққунонии системаи арзишҳо, коркарди хатти умумии рафтор аст» [5, с. 86]. Дар ин давра мутобиқшавии мутақобилаи ҳамсарҳо сурат гирифта, чунин шакли муносибате ҷустуҷӯ карда мешавад, ки ҳарду ҳамсарро қаноатманд кунонанд. Дар ин марҳилаи ҳаёт чунин вазифаҳо ҳал карда мешаванд:

–ташаккулёбии сохтори оила;

–тақсими вазифаҳо дар байни ҳамсарон;

–коркарди системаи умумии арзишҳо.

Психологҳо А.Н. Волкова ва Е.М. Тропезникова чунин мешуморанд, ки «оилаи ҷавон то тавлиди фарзанд дар коркарди системаи умумии арзишҳои оилавӣ мушкилӣ мекашанд ва ин акси худро дар муносибати сарди онҳо ҳангоми дарки наздики ҳамсар ёфта, низоъро дар иҷрои нақшҳо ва нофаҳмиҳоро дар муносибат бо хешу табори ҳамдигар ба вуҷуд меоварад» [3, с. 112].

Номувофиқоии дараҷаи интизориҳо ва уҳдадориҳои шахсии ҳамсарон омили асосӣ дар ноустувории муносибатҳои оилавӣ шуда метавонанд. Вобаста ба ин, андешаи психологҳо В.П. Левкович ва О.Э. Зускова чунин аст: «Ба навхонадорон дараҷаи баланди интизориҳо аз якдигар хос аст ва он метавонад сарчашмаи асосии бавуҷудоии низоъ гардад» [7, с.94].

Набояд фаромӯш кард, ки агар ҷавон бо дигар кардани шахсияти ҳамсараш машғул шаваду ӯро зери таъсири «сиёсат»-и худ қарор додан хоҳад ва ё бо образи бофтааш мувофиқ кунониданӣ шавад, бояд бидонад, ки ин амали бефоида аст ва аз назари психологӣ қобили қабул нест. Бояд донист, ки ҳар як шахс фардияти такрорнашаванда буда, танҳо бо дарназардошти ин ҷиҳат ва ҷиҳатҳои дигар метавон муҳити солими оилавиро таъмин кард.

Ҳар як хонавода тартибу низоми хосси оиладории худро дорад, ки наварӯс бо аксари онҳо шинос нест ва танҳо шахси аз ҳама наздик - шавҳараш бояд ба ӯ барои зудтар ва ба осонӣ мутобиқ шудан ба оилаи нав маслиҳатгару ёвар бошад.

Душвории асосӣ дар он аст, ки шавҳар ва зани ҷавон дар оилаҳои худ тарбияҳои гуногун гирифтаанд ва феълу рафторашон мухталиф мебошад. Тадриҷан бе мушкилӣ ворид шудан ба муҳити нави хонаводагӣ яке аз вазифаҳои муҳимми зану шавҳари ҷавон мебошад. Мувофиқ намудани одату рафтори худ ба шароити нави оиладорӣ, махсусан дар моҳҳои аввали оиладорӣ мушкилтар аст. Одобу эҳтиром байни зану шавҳар ва волидони ҳамдигар барои устувору мустаҳкам шудани оила воситаи муҳиму зарурӣ мебошад.

Психологҳо Бодалев А.А. ва Столин В.В. ҳангоми омӯзиши раванди мутобиқшавӣ ба муносибатҳои никоҳӣ – оилавӣ бештар ба давраи гузариши он, ки аз 1,5 то 2 сол тӯл мекашад, диққати махсус дода, онро ҳамчун далели асосӣ барои дарк кардан ва баҳои дуруст додан ба хусусиятҳои ҳамсар меҳисобанд. Онҳо мегӯянд: «Интихоби ҳамсари оянда зери таъсири як қатор омилҳо, аз қабили тасаввурот доштан оид ба ҳамсари идеалӣ, ки образи он дар мафкураи ҳар яке аз онҳо ҳар хел шакл гирифтааст, дарк гаштааст, сурат мегирад» [2, с. 67].

Образи идеалӣ танзимкунандаи муносибат байни ҷуфти ҳамсарон то 0,5 – 1,5 сол шуда метавонад. Баъд аз ин, ҳаяҷони эмотсионалӣ нисбат ба ҳамсар паст шуда, сифатҳои манфии ӯ ба маркази диққат гирифта мешаванд. Яке аз сабабҳои зиёд будани шумораи талоқ дар соли аввали хонадорӣ маҳз ҳамин аст, ки ҳиссиётҳои идеалӣ суст шуда, интизориҳои қонеънашуда баҳои субъективиро ба рафтори ҳамсар ба вуҷуд меоваранд ва ин боиси сардшавии муносибатҳо байни зану шавҳар мегардад.

Дастгирии волидайн ва дигар калонсолони дар масъалаҳои оилавӣ соҳибтаҷриба танҳо бо додани маслиҳату тавсияҳо ва кумаки моддӣ маҳдуд намешавад, балки онҳо бояд ҳолати психологии ҷавононро дарк намуда, барои ҳарчи зудтар ва бидуни оқибатҳои номатлуб сипарӣ гардидани ин раванди табиӣ (давраи мутобиқшавӣ) мусоидат намоянд. Бо назардошти урфу одат ва анъанаҳои миллии тоҷикона чунин дастгирӣ, махсусан барои наварӯсон лозим меояд, зеро дар оилаи тоҷик одатан наварӯсон бештар маврид дар оилаи волидайни ҳамсари хеш зиндагӣ мекунанд. Баъзан аъзоҳои хонаводаи волидайни домод, баръакс, гузариши ин равандро мураккабтар мегардонанд. Зеро оилаҳое ҳастанд, ки барои қабул кардани духтари бегона ҳамчун духтари худ тайёр нестанд ё баъзе духтароне дар хонаи шавҳар он гуна рафтор мекунанд, ки гӯё дар хонаи волидони хеш бошанд ва онҳо дар ин ҳолат ба мушкилиҳо рӯ ба рӯ мегарданд. Талаботҳое, ки ба таври анъанавӣ дар оилаи тоҷик нисбат ба рафтори наварӯсон гузошта мешаванд, дар баъзе ҳолатҳо баръакси он тавсияҳое мебошанд, ки дар асоси тадқиқотҳои илмӣ ба даст оварда шудаанд. Дар ҳар маврид бояд падару модари домод ё арӯс қабл аз хонадоршави чӣ тавр муносибат кардани онҳоро бо хушдоман ва аҳли оилаи «нав» хуб фаҳмонанд. Ба ибораи дигар, нозукиҳои маърифати оиладорӣ ва муқаддасоти оиларо ба онҳо омӯзонанд.

Мутобиқшавӣ ба муносибатҳои никоҳӣ - оилавӣ давраи пайдарпай буда, бояд паҳлуҳои он омӯхта шаванд. Мо барои каме равшанӣ андохтан ба ин масъала, ба тадқиқ ва омӯзиши гурӯҳи оилаҳои ҷавон, ки дар шароитҳои гуногун зиндагӣ мекарданд (деҳот ва шаҳр), рӯ овардем. Албатта, махсус шароит ва омилҳое мавҷуданд, ки барои гузариши ин раванд дар ҳаёти ҳамсарон нақши муҳим мебозанд. Таъсири муҳити атроф ва аъзоёни хонавода гузариши ин равандро осон ва мушкил карда метавонанд. Ба ақидаи мо, яке аз омилҳои мусоидаткунандае, ки гузариши ин равандро дар ҳаёти оиладории шахс имконпазир мегардонад, ин интихоби ҳамсар аз як маҳалла, як деҳа, як ноҳия мебошад. Агар зан ва мард ҳамчун ҳамсар намояндаи порафарҳанги гуногун бошанд, он гоҳ урфу одат, фарҳанг, ҷаҳонбиние, ки онҳо доранд, барои ба вуҷуд овардани низоъҳои байнишахсӣ сабаб мешаванд. Аз ин лиҳоз, ин ҷиҳатро ба эътибор гирифта, мо дар тадқиқоти худ он оилаҳои навташкилеро ҷустуҷӯ карда, ҳамчун «обеъкт» интихоб намудем, ки намояндаи як минтақа буданд. Дар тадқиқот методи «мушоҳида» ва «суҳбат» истифода бурда шуд. Дар суҳбат барои муайян намудани баъзе ҷанбаҳои ҳаёти оилавӣ аз «Пурсишномаи қаноатмандӣ аз издивоҷ» (В.В. Столин, Т.Л. Романов, Г.П. Бутенко) ва аз «Саволномаи нақшаҳои интизорӣ ва иддао дар никоҳ» (А.Н.Волкова) истифода бурда шуд. Мо дар тадқиқоти худ 20 – ҷуфти оилаҳо, яъне 10-ҷуфт оила аз деҳот ва 10-ҷуфт оила аз шаҳрро интихоб намуда, объекти омӯзиш қарор додем. Мақсади тадқиқи амалии мо омӯзиши хусусиятҳои психологии мутобиқшавии навхонадорони минтақаҳои гуногун (деҳот ва шаҳр) ба муносибатҳои никоҳӣ - оилавӣ ва таҳлили муқоисавии он буд.

Дар назди тадқиқот чунин вазифаҳо гузошта шуда буданд:

– интихоби маҷмӯи усулу воситаҳои ташхис вобаста ба масъалаи тадқиқот;

– гузаронидани таҳлилу ҷамъбасти натиҷаҳои бадастовардашудаи тадқиқот;

– коркард ва сохтани нақшаи барномавӣ оид ба омодагии психологии ҷавонон ба раванди мутобиқшавии навхонадорон ба муносибатҳои никоҳӣ - оилавӣ;

– гузаронидани тадқиқоти иловагии назоратӣ бо мақсади муайян кардани тағйирёбии нишондиҳандаҳои мутобиқшавӣ;

– гузаронидани таҳлили назариявии ду гурӯҳи репрезентативии тадқиқот.

Акнун натиҷаи маълумотҳои бадастовардашударо таҳлилу ҷамъбаст намуда, чунин қиматҳоро ба даст овардем ва онро дар ҷадвали якум бо чунин тарз ишора намудем.

**Ҷадвали 1. Натиҷаи «Пурсишномаи қаноатмандӣ аз издивоҷ» ва «Саволномаи интизорӣ ва иддао дар никоҳ» дар оилаҳои ҷавони деҳот.**

| № | Мард | Зан | Суммаи баллҳо | | Нишондиҳандаи дараҷаи қаноатмандӣ «Пурсишномаи қаноатмандӣ аз издивоҷ» | | | Нишондиҳандаҳои дараҷаҳои шкалаҳои бо ҳам мувофиқоии арзишҳои оилавии «Саволномаи нақшҳои интизорӣ ва иддао да никоҳ» | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Паст 0-26 | Миёна 27-28 | Баланд 29-48 | ШМ 1 | ХШ 2 | РМ 3 | ТВ 4 | ФЧ 5 | РЭ 6 | ДЧЗ 7 |
| 1 | Оилаи 1 | Оилаи 1 | 37 | 38 | - | - | + | + | + | - | + | - | - | - |
| 2 | Оилаи 2 | Оилаи 2 | 39 | 40 | - | - | + | + | + | - | + | + | + | - |
| 3 | Оилаи 3 | Оилаи 3 | 32 | 35 | - | - | + | + | + | - | + | - | + | + |
| 4 | Оилаи 4 | Оилаи 4 | 30 | 35 | - | - | + | + | + | - | + | + | + | - |
| 5 | Оилаи 5 | Оилаи 5 | 37 | 38 | - | - | + | + | + | + | + | + | + | + |
| 6 | Оилаи 6 | Оилаи 6 | 32 | 32 | - | - | + | + | + | + | + | + | + | + |
| 7 | Оилаи 7 | Оилаи 7 | 40 | 36 | - | - | + | + | + | + | + | + | + | + |
| 8 | Оилаи 8 | Оилаи 8 | 28 | 26 | + | + | - | + | + | + | + | - | + | - |
| 9 | Оилаи 9 | Оилаи 9 | 33 | 14 | + | - | + | + | + | + | + | + | + | - |
| 10 | Оилаи 10 | Оилаи 10 | 27 | 30 | - | + | + | + | + | + | + | - | - | - |

Нишондиҳандаҳои шкалаи арзишҳои оилавии «Саволномаи **нақшҳои интизорӣ ва иддао дар никоҳ**»: шаҳвонияти маҳрамона;ҳаммонандкунии шахсӣ бо ҳамсар;рӯзгордории маишӣ;тарбияи волидайн;фаъолияти ҷамъиятӣ; равондармонии эмотсионалӣ; дилрабоию ҷаззобии зоҳирӣ.

Аз натиҷаи ҷадвали 1 бармеояд, ки 3 – оилаи ҷавони деҳот дар асоси истифода аз 2 саволнома натиҷаҳои баландро нишон додаанд, яъне оилаи №5, №6, №7 ҳам аз «Пурсишномаи қаноатмандӣ аз издивоҷ» ва ҳам аз «Саволномаи мувофиқоии арзишҳои оилавӣ» аз муносибатҳои байниҳамӣ қаноатманд буда, оилаи хушбахтро ташкил кардаанд, аммо 7 – оилаи дигар, аз қабили оилаҳои №1, №2, №3, №4, №8, №9, №10 оилаҳои номусоид ба шумор рафта, ҳамсари худро дар муносибат дуруст дарк карда наметавонанд. Ин маълумотҳоро ба асос гирифта, арзишнокии ин қиматҳоро аз рӯйи % дар гурӯҳи оилаҳои тадқиқшаванда муқаррар карда, онро дар шакли диаграмма пешниҳод менамоем.

**Диаграммаи № 1. Нишондиҳандаҳои дараҷаҳои бо ҳам мувофиқоии «Пурсишномаи қаноатмандӣ аз издивоҷ» ва «Саволномаи нақшҳои интизорӣ ва иддао дар никоҳ» дар оилаҳои ҷавони деҳот**




Ҳамин тариқ, дараҷаи баланди қаноатмандӣ ва мувофиқоии арзишҳои оилавӣ дар оилаҳои ҷавони деҳот 30% ва дараҷаи бо ҳам мувофиқ наомадани қаноатмандӣ ва арзишҳои оилавӣ дар оилаҳои ҷавони деҳот 70% -ро ташкил медиҳад.

Мо бо мақсади гузаронидани таҳлили муқоисавӣ гурӯҳи дигари озмудашавандагон-оилаҳои ҷавон аз шаҳрро бо ҳамин тарз ва усул тадқиқ намудем. Маълумотҳои аз гурӯҳи дуюм бадастовардашударо дар ҷадвали 2 меоварем.

**Ҷадвали 2. Натиҷаҳои «Пурсишномаи қаноатмандӣ аз издивоҷ» ва «Саволномаи нақшҳои интизорӣ ва иддао дар никоҳ» дар оилаҳои ҷавони шаҳр.**

| № | Мард | Зан | Суммаи баллҳо | | Нишондиҳандаи дараҷаи қаноатмандӣ «Пурсишномаи қаноатмандӣ аз издивоҷ» | | | Нишондиҳандаҳои дараҷаҳои шкалаҳо бо ҳам мувофиқоии арзишҳои оилавии «Саволномаи нақшҳои интизорӣ ва иддао дар никоҳ» | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Паст 0-26 | Миёна 27-28 | Баланд 29-48 | ШМ 1 | ХШ 2 | РМ 3 | В | Ч | Э | ДЧЗ 7 |
| 1 | Оилаи 1 | Оилаи 1 | 36 | 26 | + | - | + | + | + | + | | | | + |
| 2 | Оилаи 2 | Оилаи 2 | 28 | 27 | - | + | - | + | + | + | | | | + |
| 3 | Оилаи 3 | Оилаи 3 | 27 | 27 | - | + | - | + | + | - | | | | - |
| 4 | Оилаи 4 | Оилаи 4 | 24 | 29 | + | - | + | + | + | - | | | | + |
| 5 | Оилаи 5 | Оилаи 5 | 22 | 23 | + | - | - | + | + | + | | | | + |
| 6 | Оилаи 6 | Оилаи 6 | 33 | 35 | - | - | + | + | + | + | | | | + |
| 7 | Оилаи 7 | Оилаи 7 | 40 | 40 | - | - | + | + | + | - | | | | + |
| 8 | Оилаи 8 | Оилаи 8 | 37 | 35 | - | - | + | + | + | + | | | | + |
| 9 | Оилаи 9 | Оилаи 9 | 37 | 29 | - | - | + | + | + | + | | | | + |
| 10 | Оилаи 10 | Оилаи 10 | 38 | 37 | - | - | + | + | + | - | | | | - |

Аз натиҷаи ҷадвали 2 бармеояд, ки 2 оилаи ҷавони шаҳр дар асоси истифода аз 2 методика натиҷаҳои баландро нишон додаанд, яъне оилаи №8, №9. Дар онҳо ҳам аз «Пурсишномаи қаноатмандӣ аз издивоҷ» ва ҳам аз «Саволномаи мувофиқоии арзишҳои оилавӣ» натиҷаҳои нишондиҳандаҳои дараҷаи баланд ба даст оварда шуд. Дар 8 оилаи дигар, нишонаҳои оилаҳои номусоид ошкор шуд. Ин маълумотҳоро ба асос гирифта, арзишнокии ин қиматҳоро аз рӯйи % дар гурӯҳи оилаҳои тадқиқшаванда муқаррар намуда, онро дар шакли диаграмма меоварем.




Тибқи диаграммаи 2 дараҷаи баланди қаноатмандӣ ва мувофиқоии арзишҳои оилавӣ дар 20%-и оилаҳои ҷавони шаҳр ва дараҷаи бо ҳам мувофиқнаоии қаноатмандӣ ва арзишҳои оилавӣ дар 80% -и оилаҳои ҷавони шаҳрӣ ошкор карда шуд.Дар натиҷаи таҳлил ва муқоисаи 2 гурӯҳи оилаҳои ҷавон аз минтақаҳои гуногун (деҳот ва шаҳр) таносуби байни оилаҳоеро, ки аз натиҷаи методикаҳо нишондоди баланд ба даст овараанд, муайян менамоем.

**Ҷадвали 3. Натиҷаи таносуби байни нишондиҳандаҳои дараҷаҳои мувофиқоии «Пурсишномаи қаноатмандӣ аз издивоҷ» ва «Саволномаи нақшаи интизорӣ ва иддао дар никоҳ» дар оилаҳои ҷавони шаҳр ва деҳот.**

| Оилаҳо | Нишондиҳандаҳои оилаҳои ҷавони шаҳр | Нишондиҳандаҳои оилаҳои ҷавони деҳот |
|---|---|---|
| Ҳамагӣ бо % | № 8, № 9. | № 5, № 6, № 7 |
| 5 оила 100% | 2 оила 40% | 3 оила 60% |

Аз таҳлили маълумотҳои ин ҷадвал бармеояд, ки аз 2 гурӯҳи оилаҳои ҷавони озмоишии минтақаҳои гуногун ҳамагӣ 5 оилаи мусоид, яъне хушбахт ошкор шуд. Ба ҳисоби миёна 40% ба гурӯҳи оилаҳои шаҳрӣ ва 60% ба гурӯҳи оилаҳои деҳот мувофиқ меояд. Маълумотҳо ба таври аёнӣ дар диаграммаи 3 нишон дода мешаванд.




Дар асоси ин маълумотҳои аз тадқиқот бадастовардашуда ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки раванди мутобиқшавӣ дар оилаҳои ҷавони деҳотӣ нисбат ба оилаҳои ҷавони шаҳрӣ хубтар сурат гирифтааст. Яъне, калонсолон ва аъзоёни оилаҳои дар деҳот сукунаткунанда нисбат ба навхонадорон, махсусан наварӯсон муносибати созгортар дошта, ба мутобиқшавии онҳо ба ҳаёти оилавӣ хубтар мусоидат намудаанд.

Ҳамин тариқ, мутобиқшавии ҳамсарон ба ҳаёти оилавӣ аз шиносоӣ бо ҳаёти оилавӣ оғоз ёфта, давра ба давра гузариш ба ҳамдигарфаҳмӣ ба амал меояд. Ин давраи ибтидоии ҳаёти оиладорӣ нисбатан мушкил буда, протсесси ҳамдигарфаҳмиро дар муошират ва фаъолият ба самти муайян нигаронида, метавонад сифатҳои шахсии навхонадоронро вобаста ба соҳаи маромнокии онҳо тағйир дода, дараҷаи муайяни худшиносиро дар муносибат бо атрофиён ташаккул диҳад. Моҳиятан гузариши ин раванд дар муносибати никоҳӣ – оилавӣ байни ҳамсарон дар он маврид муваффақ мегардад, ки агар ин қисматҳои дар поён овардашуда бо ҳам дар алоқамандии байниҳамдигарӣ иҷро гарданд:

1. Мутобиқшавӣ ба шарики оилавӣ, ки ҷанбаҳои зеринро фарогир аст:
– мутобиқшавии физиологӣ, аз ҷумла ҷинсӣ;
– мутобиқшавӣ ба мизоҷ ва характери ҳамсар;
– мутобиқшавӣ ба шавқу ҳавас, талабот, одатҳо, образ ва тарзи ҳаёти шарики оилавӣ;
– мутобиқшавӣ ба арзишҳои асосии ҳаётӣ ва фалсафаи ҳаёти ҳамсар.

2.Мутобиқшавӣ ба ҳаёти оилавӣ, ки он мутобиқшавиро ба нақшҳои маишию психологӣ, ҳуқуқӣ ва уҳдадориҳои нав, тақсими меҳнат ва ғайр фарогир аст.

Омӯзиши ин масъала имконият медиҳад, ки коркарди механизму барномаҳои мувофиқи рушди оила ва танзими муносибатҳои оилавӣ ба роҳ монда шаванд.

## АДАБИЁТ

1. Балл Г.А. Понятие адаптации и его значение для психологии личности / Г.А. Балл //Вопросы психологии. - 1989. -№1. - С. 98.
2. Бодалев А.А. О задачах в области научного психологического обеспечения службы семьи //Семья и формирование личности / А.А.Бодалев, В.В. Столин /Под ред. Бодалева.- М., 1981. - С.67.
3. Волкова А.Н. Методические приемы диагностики супружеских отношений / А.Н. Волкова, Т.М. Трапезникова // Вопросы психологии. -1985. -№5. - С. 112.
4. Давлатов М. Оила ва рушди фарзандон / М. Давлатов. – Душанбе: Ирфон, 2014.

5. Калмыкова Е.С. Психологические проблемы первых лет супружеской жизни / Е.С. Калмыкова // Вопросы психологии.- № 3. 983. - С. 86.
6. КарацеваТ.Б. Личностные изменения в ситуациях жизненных перемен/ Т.Б. Карацева // Психологический журнал.-1988.
7. Левкович В.П. Методика диагностики супружеских отношений / В.П.Левкович, О.Э. Зуськова // Вопросы психологии. -1987. -№4. - С. 94.
8. Маҷмӯи тестҳои психологӣ. Маводи таълимию методӣ. Қисми 2. Психологияи муносибатҳои оилавӣ. Мураттиб: Алиев М. – Душанбе, 2016.
9. Масоили мубрами психологӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон. Нашри 2. Психологияи муносибатҳои оилавӣ. Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ. – Душанбе, 2016.
10. Обозов Н.Н. Психология межличностных отношений / Н.Н. Обозов. - Киев, 1990. - С. 65.
11. Практикум по экспериментальной и прикладной психологии. Учеб. пособие / Под ред. А.А. Крылова. – Л.: Издательство Ленинградского университета, 1990.
12. Психологический словарь / Под. общ. ред. А.В. Петровского и А.Г. Ярошевского. - М., 1990. - С. 11.
13. Шнайдер Л.Б. Семейная психология. Учебное пособие для вузов. 2-е изд. / Л.Б. Шнайдер. - М.: Академический Проект; Екатеринбург: Деловая книга, 2006.

## ҶАНБАҲОИ ПСИХОЛОГИИ МУТОБИҚШАВИИ ОИЛАҲОИ ҶАВОН БА ҲАЁТИ ОИЛАВӢ (ДАР МИСОЛИ ОИЛАҲОИ ДЕҲОТ ВА ШАҲР)

Дар ин мақола, дар асоси таҳлили назариявии адабиётҳои ватанию хориҷӣ, масъалаи мутобиқшавии психологи оилаҳои ҷавон ба ҳаёти оилавӣ баррасӣ шудааст. Инчунин, ҷанбаҳои биологӣ ва психологии мутобиқшавии одамон ба ҳаёти оилавӣ таҳлил карда шудаанд. Мушкилоти асосии оилаҳои ҷавон дар ҷараёни мутобиқшавӣ ба ҳаёти оилавӣ оварда шудаанд. Таҳлили муқоисавии қаноатмандӣ аз издивоҷ ва нақшҳои интизорӣ байни ҷуфти ҳамсарон (дар мисоли оилаҳои ҷавони деҳот ва шаҳр) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст. Натиҷаи ҳисоботи тадқиқоти зерини гузаронидашуда нишон дод, ки оилаҳои ҷавоне, ки дар деҳот зиндагонӣ доранд, нисбати ин давраи мутобиқшавии ҳаёти оилавии худ устувортаранд. Натиҷаҳои бадастовардашудаи тадқиқот дар ҷадвалҳо ва диаграммаҳо нишон дода шудаанд. Инчунин, нақшаи мутобиқшавии муваффақгардонии иҷтимоии муносибатҳои никоҳӣ - оилавии ҳамсарон тартиб дода шудааст.

**Калидвожаҳо**: мутобиқшавӣ, муносибатҳои никоҳӣ - оилавӣ, оила, ассимилятсия, аккомудатсия, ихтилофҳои қавмӣ.

## ПСИХОЛОГИЧЕСКИЙ АСПЕКТ АДАПТАЦИИ МОЛОДОЙ СЕМЬИ К СЕМЕЙНОЙ ЖИЗНИ (НА ПРИМЕРЕ СЕЛЬСКОЙ И ГОРОДСКОЙ СЕМЬИ)

В данной статье на основе теоретического анализа отечественной и зарубежной литературы рассматривается проблема психологической адаптации молодой семьи к семейной жизни. А также проанализированы биологические и психологические аспекты адаптации молодой семьи к семейной жизни. Приведены основные трудности молодых семей в ходе адаптации к семейной жизни. Проведён сравнительный анализ удовлетворенности браком и ролевые ожидания между разными семейными парами (на примере сельской и городской семьи) Республики Таджикистан. В отчетном заключении результата опроса данного исследования выявлено, что молодые семьи, проживающие в селах, более устойчиво проживают этот период своей семейной жизни. Полученные результаты приведены наглядно в таблицах и диаграммах. А также составлен план адаптации социального благополучия брачно – семейных отношений супругов.

**Ключевые слова:** адаптация, брачно - семейные отношения, семья, ассимиляция, аккомодация, клановые конфликты.

## PSYCHOLOGICAL ASPECT ADAPTATION OF YOUNG FAMILY TO FAMILY LIFE (ON THE EXAMPLE OF RURAL AND URBAN FAMILY)

In this article, on the basis of a theoretical analysis of domestic and foreign literature, the problem of the psychological adaptation of a young family to family life is considered. And also analyzed the biological and psychological aspects of the adaptation of a young family to family life. The main difficulties of young families in adapting to family life are given. A comparative analysis of marriage satisfaction and role expectations between different married couples (using the example of a rural and urban family) of the Republic of Tajikistan has been carried out. The reporting conclusion of the survey results of this study revealed that young families living in villages live more sustainably during this period of their family life. The

results obtained are illustrated in tables and diagrams. And also a plan has been drawn up for adapting the social well-being of the marital and family relations of the spouses.

**Key words:** adaptation, marriage and family relations, family, assimilation, accommodation, clan conflicts.

**Сведения об авторах:** ***Ризвонова Зарина Пирумовна*** –Таджикский национальный университет, ассистент кафедры психологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Телефон **(+992) 919246681** E-mail: **zarina.rizvonova @bk.ru**
***Камбичекова Гулнора Эшоновна*** –Таджикский национальный университет, соискатель общеуниверситетской кафедры педагогики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Телефон **(+992) 908826400** *E-mail:* ***gulnor_8912 @mail.ru***

**Information about authors:** ***Rizvonova Zarina Pirumovna*** - Tajik National University, assistant of the Department of Psychology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone **(+992) 919246681** *E-mail:* ***zarina.rizvonova @bk.ru***
***Qamchibekova Gulnora Eshonovna*** - Tajik National University, applicant to the University Department of Pedagogy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone **(+992) 908826400** E-mail: **gulnor_8912 @mail.ru**

## МУНДАРИҶА - СОДЕРЖАНИЕ

### ТАЪРИХ ВА АРХЕОЛОГИЯ
### ИСТОРИЯ И АРХЕОЛОГИЯ


*Абдуфаттоҳ Шарифзода* Эмомали Рахмон и укрепление государственной власти....................... 5
*Салимов Ф.Н.* Нақши Роҳбари давлат дар ташаккули дипломатияи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон………………………………………………………………………………………… 12
*Джураев А. Х.* Национальная культура и суверенное государство в условиях глобализации……….. 18
*Темуров У.С.* Формирование региональной системы международных отношений в Восточной Азии 22
*Холов Х.Х.* Внешняя политика Исламской Республики Иран в период президентства Хасана Рухони по борьбе с наркоугрозой…………………………………………………………………………. 28
*Шарифзода Рамазон* Кумаки созмонҳои байналхалқӣ дар омода намудани кадрҳои баландихтисос ва чопи китобҳо барои соҳаи маориф……………………………………………….. 32
*Аҳмадов С.А.* Консепсияи «қувваи нарм» ҳамчун омили сиёсати фаромарзии муосир………… 37
*Самиев Х.Д., Абдуллоев Ҷ.* Ҷанбаҳои гуманитарии ҳамкориҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои минтақа...................................................................................................... 41
*Зокиров Иброҳим* Равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Мардумии Чин дар соҳаи фарҳанг ва ҳунар дар даврони истиқлолият................................................................................... 47
*Турсунов Т.Х.* Рушди туризм дар Ҳиндустон ………………………………………………… 51
*Каландаров Ф.Ш.* Формирование новой региональной геополитической ситуации в Центральной Азии……………………………………………………………………………………… 57
*Комилова Х.Г.* Взаимоотношения Европейского Союза и Республики Таджикистан в рамках региональных проектов в Центральной Азии………………………………………………………… 62
*Сабоҳати Рамазон* Самтҳои асосии инкишофи Созмони Ҳамкории Шанхай........................... 65
*Исматова Н. Ш.* Особенности установления литературных и научных связей Таджикистана с государствами Закавказья в 80-е - 90-е годы XX века…………………………………………………… 69
*Мухаммадиев Д.М.* Основные вехи создания и развития науки в Таджикистане……………………… 74
*Головнев И.А.* Опыты визуальной антропологии в СССР: фильм «Подножие смерти (Памир) …….. 82
*Камолова Г.Н.* Вклад ученых деятелей эпохи Сасанидов в философию и медицину в освещении периодической печати современного Таджикистана…………………………………………………….. 88
*Бобоев Х.Ю., Исоев С.К.* Вклад академика С. У. Умарова в подготовку и организацию научных кадров и новых направлений науки при АН Республики Таджикистан………………………………… 95
*Ходжаев М.П.* Академик Н.Н. Негматов - исследователь истории и культуры таджикского народа.. 99
*Саидов С.М.* Нақши Эрон дар умури сиёсӣ ва таҳкими муносибатҳои дипломатӣ бо хонигариҳои Осиёи Марказӣ дар асрҳои XVIII-XIX ва ибтидои асри XX (бар мабнои сарчашмаҳо)……………………………………………………………………………………………… 106
*Муродов Н.С.* Масоили таҳқиқи давлатдории Элом дар осори муҳаққиқони тоҷик.................. 122
*Муродов С.М.* Кашфиёти нодир.............................................................................................. 127
*Ҳомидова Қ. Ҳ., Муборак Мирзоалиева* Вазъияти сиёсии Аморати Бухоро дар охири асри XYIII ва аввали асри XIX.......................................................................................................... 131
*Фаризаи Давлатмурод, Г. Иброҳимов, М.А.Холматова* Таърихи пайдоиш ва инкишофи ҳунарҳои мардумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.......................................................................... 138
*Ҷумъазода П.И* **“Мунтахаб-ут-Таворих ”-и Муҳаммад Ҳакимхон…………………………….** 143
*Юсуфиён М. М., Алимов Д. Х.* Улучшение состояния здравоохранения переселенческих хозяйств в Вахшской долине (1930-1950 гг.)…………………………………………………………………… 148
*Маҳмадрасулов Б.С., Маҳмарасулов М.С.* Сулолаи паҳлавонии Раҳимовҳо 151
*Одиназода Нуриддин Ҳасан* Хусусиятҳои инкишофи саноатикунонӣ дар Тоҷикистон дар солҳои 1946-1960………………………………………………………………………………………… 159
*Турахонов Р.Х.* Аз таърихи пайдоиш ва ташаккулёбии хоҷагиҳои ҷангалӣ Тоҷикистон ва соҳаи пистапарварӣ (дар асоси маводҳои хоҷагиҳои ҷангали ноҳияи Данғара)....................... 162
*Шарипова Оиша* Баъзе масъалаҳои паст намудани сатҳи камбизоатӣ дар деҳоти Тоҷикистон дар давраи истиқлолият.................................................................................................................... 166
*Шарифов Ш.Ҷ.* Муассисаҳои клубӣ: мушкилӣ ва масъалаҳои ҳалталаби он…………………….. 166
*Комилов М.Ш.* Истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар китобхонаҳои Тоҷикистон........................................................................................................ 171


### ФАЛСАФА - ФИЛОСОФИЯ


*Аминов Ф.А. и Рахмонова Б.А.* Общественно-историческая сущность способностей в творчестве Г.Гегеля………………………………………………………………………………………………. 181

*Беков К.* Абулькасым Фирдоуси и шуубизм ........................................................................................ **185**
*Хайдаров Р. Дж.* Содержание и формы процесса глобализации………………………………………. **191**

## ПЕДАГОГИКА

*Петрусевич А.А.* Социокультурные изменения современной школы и их отражение в образовательной деятельности старшеклассников…………………………………………………… **197**
*Каримов Б.К., Петров Г.Н.* Специфика маркетинговых технологий на рынке культурно-досуговых услуг Чувашской Республики……………………………………………………………………….. **203**
*Юлдошев У. Р., Курбанова Г.Н., Юлдошева М.М. Должикова В.А., Лысых О.А.* Пути повышения эффективности обучения русскому языку студентов-медиков с использованием интерактивных технологий на занятиях по русскому языку………………………………………… **207**
*Каримзода Мирза Бадал* Таҳсилоти шӯравӣ: оқибатҳои идкологикунонӣ ва сабақҳо барои таҳсилоти муосири тоҷик………………………………………………………………………….. **212**
*Шарипов Ф.Ф., Курбонова У.Т.* Концептуальная модель информационно – образовательной среды вуза………………………………………………………………………………………………….. **217**
*Асомаддинов М.М., Холназаров С.* Основные концепции активизации у учащихся познавательной деятельности......................................................................................................................... **222**
*Максудов У.О.* Аудирование - один из важных элементов в процессе обучения английскому языку. **226**
*Хакимова Ш.Д.* Межкультурная характеристика языковых единиц и понятий в учебных целях…… **231**
*Хоҷаева М. Ҷ., Аюбова М.З.* Тарзу усулҳои омӯзиши ҳунарҳо дар «Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул-фунун»........................................................................................................................ **235**
*Алиев Асрор* Этапы формирования предметных компетенций на уроках музыки и пения…………... **242**
*Сангинов Б.* Домашнее задание и самостоятельная работа учащихся обеспечивает единство преподавания и самостоятельного учения школьников………………………………………………. **247**
*Сатторова Н., Авганов С.* Основные факторы формирования взаимоотношений в коллективах….. **250**
*Абдуллоҷони Ҳамрохон* Моҳият ва вазифаҳои тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар ҷамъияти муосир......................................................................................................................................... **253**
*Чи Вен Юан* О феномене речевой деятельности при обучении русскому языку в китайской аудитории………………………………………………………………………………………………… **256**
*Ма Деу* Проблема лингвистической интерференции при изучении русского языка студентами-китайцами………………………………………………………………………………………………. **260**
*Норов Ф.Ф.* Хусусиятҳои инкишофу пайдоиши санъати тасвирӣ ва ташаккули методҳои таълимии он дар даврaҳои гуногун………………………………………………………………… **264**
*Нозимов Б.М.* Худомӯзӣ ҳамчун шароити зарурии баланд бардоштани салоҳиятнокии касбии омӯзгорон……………………………………………………………………………………………….. **273**
*Сафарзода Шамсиддини Маҳмадраҷаб* Истиқлолияти Тоҷикистон ва проблемаҳои ташкили Донишкадаи олии сарҳадӣ……………………………………………………………………………… **279**
*Давлатов Д.Р.* Основные проблемные области педагогической теории и методики спорта………… **283**
*Иғболова Зарангез* Асосҳои психологии таълими грамматикаи забони англисӣ……………… **289**
*Манонова Р.А., Рахимова Г., Абдурахмонова М. А.* Ценность и воздействие народных легенд на формирование нравственного сознания и поведения подростков………………………………………. **294**
*Тошхоҷаева С.А., Тошхӯҷаев Ҳ.А., Усмонов А.А.* Тарзи истифодаи тахтаҳои интерактивӣ дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ……………………..………………… **297**
*Рамазонова Р.С.* Аҳаммият ва хусусиятҳои корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ бо истифода аз усулҳои ғайрианъанавӣ.......................................................................................... **304**
*Ризвонова З.П., Қамчибекова Г.Э.* Ҷанбаҳои психологии мутобиқшавии оилаҳои ҷавон ба ҳаёти оилавӣ (дар мисоли оилаҳои деҳот ва шаҳр)………………………………………………… **308**

**ПОРЯДОК РЕЦЕНЗИРОВАНИЯ НАУЧНЫХ СТАТЕЙ, ПРЕДСТАВЛЯЕМЫХ В ЖУРНАЛ «ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА»**

Статьи, поступающие в редакцию, проходят предварительную экспертизу (проводятся членами редколлегии – специалистами по соответствующей отрасли науки) и принимаются в установленном порядке. Требования к оформлению оригинала статей приводятся в в каждом номере журнала.

Если рукопись принята, то редакция сообщает автору замечания по содержанию и оформлению статьи, которые необходимо устранить до передачи текста на рецензирование.

Затем статьи рецензируются в обязательном порядке членами редколлегии журнала или экспертами соответствующей специальности (кандидатами и докторами наук).

Рецензия должна содержать обоснованное перечисление качеств статьи, в том числе научную новизну проблемы, её актуальность, фактологическую и историческую ценность, точность цитирования, стиль изложения, использование современных источников, а также мотивированное перечисление её недостатков. В заключении дается общая оценка статьи и рекомендации для редколлегии – опубликовать статью, опубликовать её после доработки, направить на дополнительную рецензию специалисту по определенной тематике или отклонить. Объем рецензии - не менее одной страницы текста. Статья, принятая к публикации, но нуждающаяся в доработке, направляется авторам с замечаниями рецензента и редактора. Авторы должны внести все необходимые исправления в окончательный вариант рукописи и вернуть в редакцию исправленный текст, а также его идентичный электронный вариант вместе с первоначальным вариантом рукописи. После доработки статья повторно рецензируется, и редколлегия принимает решение о ее публикации.

Статья считается принятой к публикации при наличии положительной рецензии и если её поддержали члены редколлегии. Порядок и очередность публикации статьи определяется в зависимости от даты поступления ее окончательного варианта.

Рецензирование рукописи осуществляется конфиденциально. Разглашение конфиденциальных деталей рецензирования рукописи нарушает права автора. Рецензентам не разрешается снимать копии статей для своих нужд.

Рецензенты, а также члены редколлегии не имеют права использовать в собственных интересах информацию, содержащуюся в рукописи, до её опубликования.

Рецензии хранятся в редакции журнала в течение 5 лет.

Редакция журнала направляет копии рецензий в Министерство образования и науки Российской Федерации при поступлении в редакцию издания соответствующего запроса.

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета» основан в 1990 г. Выходит 8 раз в год. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в «Перечень рецензируемых научных изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени кандидата наук, на соискание ученой степени доктора наук» ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации. Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: исторические науки и археология (07.00.00), философские науки (09.00.00) и педагогические науки (13.00.00). Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных. Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания (www.vestnik-tnu.com).

---

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**

**2019. № 5. Часть I**

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.Ибодова
Редактор таджикского языка: Ш.Абдуллоева
Редактор русского языка: О.Ашмарин
Редактор английского языка: М.Асадова

**Издательский центр**
**Таджикского национального университета**
**по изданию научного журнала**
**«Вестник Таджикского национального университета»:**
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.comj
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 200 экз. Уч. изд. л. 40,25 усл. п.л. 39,75.
Подписано в печать 30.05.2019 г. Заказ №2019/04-01
Отпечатано в типографии ТНУ
734025, г.Душанбе, ул.Айни, 32.